ISSN 2413-516X

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бахши илмҳои филологӣ

2020. №6

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Серия филологических наук

2020. №6

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

Series of philology

2020. No.6

МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА

ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карокатулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №6. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. С. Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустов Хамрохон Джумаевич — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №6. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal: TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Khorkashev Sakhidod *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Nazarzoda Saifiddin *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Ismoilov Shamsullo Ismoilovich *Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Abdusattorov Abdushukur *Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*

Saidov Khalimdzhon Azizovich *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustov Khamrokhon Dzhumaevich *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №6. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

УДК:891.550

НАЗАРЕ БА ШЕВАИ НИГОРИШИ ШЕЪРГУНАИ БАҲМАНЁР

Кабиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар насри тоҷики солҳои 80-уми асри гузашта Баҳманёр бо эҷоди ҳикояҳои воқеиву тахайюлиаш чун ахтари тобони осмони адаб чунон дурахшид, ки таваҷҷуҳи хонандагонро, ба ифодаи адиб Қодири Рустам, «то ҳадде ғайриинтизор» [4, с.130] ба худ ҷалб кард, зеро, тавре профессор А. Сатторзода менигорад: «Дар насри Баҳманёр ҳама чиз – воқеа, қаҳрамон, забон ва тарзи баён, биниш ва равиши тасвир, замону макон – нодир, ғайриоддӣ, ғайримуқаррарӣ, ғайримаъмулӣ, ғайримунтазира, фавқулода, аҷиб, ҳайратангез, нотакрор ва нав мебошанд» [6, с.7].

Воқеан, Баҳманёр, аз як тараф, бо муҳтавои пурмояву ҷолиби осори аз омезишу ҳамбастагии (синтез) воқеияту тахайюлот тавлидшудаи мондагораш вирди забонҳо гашта бошад, аз ҷониби дигар, шеваи нигориши рангину гӯшнавозаш ӯро бештар шуҳратёр гардонидааст.

Баҳманёр дар эҷоди осораш аз се шеваи нигориш хеле устодона ва ҳунармандона кор гирифта ва ба қуллаи мурод расидааст.

Аввалан, ӯ, дар пайравии адиби шаҳир Сотим Улуғзода, бо корбурди вожаҳои нобу гӯшнавози классикӣ, мисли **ламидан, сипардан, шамидан, ҳулидан** ва калимаҳои сохтаву мураккаби нодири эҷодкардааш, аз қабили **користон, ҳузнистон, темористон, сургар, сабадсуму чорӯбдум, ғариблибос, тарбузшикам** ва ғ. [7, с.197; 8, с.175] забони тоҷикиро ба асолаташ то ҷое пайванд дода бошад, аз сӯйи дигар, чун адибони баркамолу шинохта мисли А. Самадов, ки дар осораш аз гӯйиши мардуми минтақаи Кӯлоб [9, с.137-140] ва Ҷ. Акобиров, ки аз унсурҳои омиёнаи минтақаи Рашт [2, с.134-138] хеле фаровону самаранок истифода карда ва дар ин тамоюл мумтозанд, сабақ гирифта ва аз забони омиёна вожаҳои муносибу шинамро, аз ҷумла **кафпаҳлу, чукрӣ, палағда, алағда, тармарг, чиғдевор (шиғдевор - Ш. К.), ғилғилич, чорғоба, озмуд, рӯшод** ва ғ.[5, с.113] гулчин карда, хеле бамавриду нозукона истифода намуда, бад-ин васила захираи луғавии забони адабиро ғанӣ гардонидааст.

Зимнан, месазад зикр намуд, ки коргирӣ аз ин манбаъ, яъне, ба ифодаи устод Айнӣ «анбори холинашаванда», таърихи куҳан дошта, лекин дар давраи муосир бо сабабу ҳадафҳои муайян, ки таҳқиқи алоҳидаро тақозо мекунад, ин тамоюл вусъати бештар пайдо кардааст ва дар мавриди зарурати гирдоварию корбурди аносири мазкур устод Айнӣ бесабаб ҳам чунин таъкид накардааст: «Хазинаи забони халқ ҳанӯз дарбаста ва дастнорасида аст. Аввалин вазифаҳои ташкилотҳое, ки дар ин соҳа кор мекунанд, ин хазинаро кушодан ва луғатҳои зиндаро аз байни халқ ғун карда, бо як тадқиқи илмӣ онҳоро чоп намудан ва ба ин восита забонро… васеъ намудан аст» [1, с.263].

Махсусияти мумтози дигари шеваи нигориши Баҳманёр чун навгонии насри муосир ин аст, ки ӯ калимаву ибораҳои ҳамвазну ҳамоҳангро чидаву интихоб намуда, ба ҳадде мувофиқу муносиб ҳамнишин менамояд ва такрор ба такрор истифода мекунад, ки ҷумлаҳо ва ҳатто бандҳои наҳвию фикраҳо оҳангнок гардида, насри манзум, шеъргунаро мемонанд. Ҷиҳати субути нукоти фавқ ба маҷмӯаи давраи ҷавонии ӯ – «Аспи обӣ» (Душанбе, 1988) рӯ меоварем.

Шеваи нигорише, ки Баҳманёр пеша кардааст, дилчаспу хотирнишин буда, ӯ ҳар як ибораву ифодаро дар тарозуи сухансанҷӣ борҳо вазн намуда ва сониян мавриди истифода қарор медиҳад.

Баҳманёр барои равонӣ ва муассирии забони ҳикояҳояш аз имкониятҳои фаровони забон ва тарзу усулҳои тасвир хеле устокорона истифода кардааст. Ӯ воситаҳои малоҳату балоғат ва фасоҳату салосати забонамонро бо ҷузъитарин нозукиҳо дарк намуда, дар мавқеъҳои муносиб онҳоро корбурд намудааст.

Дар услуби Баҳманёр такрор мавқеи хос дорад. Ӯ ин санъати суханро ҳамчун воситаи хуби услубӣ ба чанд навъ ва хеле бамавриду эҷодкорона истифода мекунад.

Дар аксарияти ҳикояҳояш ӯ ҷумла ё банди наҳвиеро ҳамчун меҳвар ё худ рукни ҳикоя интихоб намуда, онро ба тақозои моҳияту мундариҷаи ҳикоя дар мавқеъҳои муносиб такрор ба такрор ба кор мебарад. Меҳвар ё рукни ҳикоя, ки ҷавҳари ҳикояро ташкил дода, моҳияту мундариҷаи ҳикоя ба он сахт иртибот дорад, ҳатто дар баъзе ҳикояҳо дар шаш банди наҳвӣ такрор шуда, иртиботу мусалсалии муҳтаво ва мантиқи ҳикояро ташкил дода, боиси ташаккули воҳиди калонтарини забон – матни яклухт, яъне ҳикоя гардидаанд.

Масалан, дар ҳикояи «Аспи обӣ» ҷумлаи «Мард ба аспи хушсурате савор пайраҳаи кӯҳиро боло мешуд» шаш бор, дар ҳикояи «Чашмаи ният» ҷумлаи «Рахши вақт чоргома метохт» се бор, дар ҳикояи «Нархи одам» ҷумлаи «Офтоб чун як қурси ларзону сард аз машриқ ба ҷониби мағриб меғелид. Боз як рӯзи тираву пурдард аз ин айёми номард доман мепечид» се бор такрор шудаанд. Ҳатто дар баъзе ҳикояҳо илова бар ҷумла ё банди наҳвие, ки мо онро шартан меҳвар ё худ рукни ҳикоя номидем, боз ҷумла ё бандҳои дигар низ дар лаҳзаҳои заруриву муносиб такрор шудаанд. Масалан, дар ҳикояи «Аспи обӣ» ҷумлаи «Мард рӯйи зин, зин рӯйи асп, асп рӯйи кӯҳ, кӯҳ рӯйи замин, замин дар фазо буду давр мезад», ки санъати такрор андар такрор мебошад, се бор [11, с.29, 30, 34] такрор гардидааст ва ин ҳодиса дар бисёр ҳикояҳои Баҳманёр ба назар мерасад.

Услуби дигари хосси Баҳманёр ба таври фаровон корбаст намудани санъати саҷъ аст. Ӯ барои хушоҳангу равон ва хотирнишин гардидани ҳар ҷумла ё банди наҳвӣ ба санъати саҷъ рӯ меорад.Воқеан, ин санъати волову шево, ки дар осори ниёгонамон басо мустаъмал буд, дар осори адибони муосир кам ба назар мерасад. Ҳол он ки санъати саҷъ ва корбасти он ҳунар асту лафзро ширину салис мегардонад.

Баҳманёр, ки дар эҳёи ин санъати волои сухан иқдоми хайреро пеш гирифтааст, шоистаи таҳсин мебошад. Дар омади гап, бояд гуфт, ки Баҳманёр худ мутахассиси забони арабист, аз ин рӯ, ӯ аз сермаъноӣ, ҷилои услубиву нозукиҳои маъноӣ ва мавқеи истеъмоли ҳар як калима комилан бархӯрдор аст ва дар мавриди истеъмоли калимаҳо истеъдоди фавқулода дорад ва ҳамчунонки захираи луғавиаш бой аст, дар интихобу ҳамнишин намудани калимаҳои ҳамоҳанг маҳорати хосса муяссараш шудааст. Чунончи: **«… бигзор, хотират ҷамъ бошад, дилат беғам бошад, танат бардам бошад, душманат кӯрдам бошад, хока гирӣ, зар шавад, беди хонаат соҳибсамар шавад, пастарин неъмати дарстархонат шакар шавад, ҷавонмардиат машҳури баҳру бар шавад»** [11, с.61].

Ӯ чун гавҳаршинос вожаҳоро сара карда, онҳоро паҳлуи ҳам чунон мувофиқ мечинад, ки яке бо дигаре аз ҷиҳати ҳамоҳангӣ ҳамнишин гардида, каломи мавзунро мемонанд: «**Чунон хоб дид, ки чун мурғи ҳаво дилаш пар мезад, чун санги осиё сараш давр мезад, чун марди гадо худро ба ҳар дар мезад**» [11, с.58-59].

Ҷумлаҳое, ки мавзуну ҳамоҳанг шудаанд, аз рӯйи ифодаи маъно пароканда нестанд, баръакс яке маънои дигареро тақвият медиҳаду пурра мекунад ва таносуби маъноии онҳо пойдор аст. Гоҳо дар як банди наҳвӣ силсилаи ибораву ҷумлаҳои ҳамоҳангу мавзунеро истифода кардааст, ки хонанда аз салосату ҷаззобияти чунин услуб лаззати эстетикӣ гирифта, ба истеъдоди сухансанҷиву борикбинии Баҳманёр аҳсан мегӯяд. Чунончи: «… зеро шумнафас бо досу **табар меояд**, сиррию **бехабар меояд**, аз ҷару аз камар меояд, тарсиву **бадгуҳар меояд**, зарба **дар бар меояд**, пас аз ӯ кундаи **бесамар меояд**, хазони **барҳадар меояд**. Шумнафас гоҳе бо дому бо **қафас меояд**, бо тири **нишонрас меояд**, дилсиёҳу **баднафас меояд**; паланги барфӣ, бузӣ кӯҳӣ, кабки дарӣ, харгӯши Роғӣ… фиғону **нолиш мекунанд**, дуову **ниёиш мекунанд**, шумнафасро **коҳиш мекунанд**, мири кӯҳро **хоҳиш мекунанд**» [11, с.94].

Муаллиф ҳатто дар истеъмоли номҳои кӯҳу пуштаҳо (топонимҳо) низ ба ҳамоҳангии онҳо эътибор медиҳад. Ӯ ҳар як калимаро борҳо месанҷад, ҳамрадифу ҳамоҳангашро меҷӯяд, ки ин ҳама аз бурдборӣ ва истеъдоди Баҳманёр шаҳодат медиҳад: «Гулу **сабзаҳои Гулдара**, ғӯту **пуштаҳои Чилдара**, бурсу **хомаҳои Шилшилдара мӯмиёи устухони мананд**: оби тармаҳои **Обшорон**, ҷӯйборҳои дараи **Зиндон**, сабзақолиҳои **Камари Мурғон тӯтиёи чашмони мананд**; чукриҳои регии зови **Тобасанг,** хужрокҳои кафшии рези **Якахаданг**, вағничҳои обии жарфи **Барзанг зулбиёи даҳони мананд**» [11, с.94].

Баҳманёр дар мавриди инъикоси лаҳзаҳои зидду мутақобила бар ҳар гуна калимаҳои зидмаъно муроҷиат намекунад, балки дар ин ҳолат ҳам ӯ ҷуфтҳои мутазодро ҷуста ва истифода мекунад, ки онҳо ҳамоҳанг бошанд, то санъати тазод муассиру банди наҳвӣ равону хушоҳанг барояд: «Мард аз вуҷуди ҷонваре бохабар буд, ки дар худ ҳама чизро дорад: **латофату шароҳат, заковату ҳамоқат, ҷасорату мухофат, шарофату разолат**… » [11, с.30]. Чунин тарзи истеъмоли ҷуфтҳои мутазод маҳз ба туфайли борикбинӣ, ҷустуҷӯ ва сара кардани калимаҳо муяссар мегардад, ки онҳо аз ҷиҳати сохтмон (ҳиҷоҳо) ва миқдори садонокҳои дарозу кӯтоҳ баробару ҳамвазн бошанд.

Баҳманёр баъзан барои ҳамоҳангии ибораву ҷумлаҳо ва салосати ифода ба ҳодисаи инверсия (тағйири ҷойи муқаррарии аъзоҳои ҷумла) даст мезанад, ки ин амали ӯ маҳз ба мақсади муайяни услубист: «Аммо ин қадар ба гуфтан буд осон, ба иҷро берун аз имкон» [11, с.58]. Яке аз вижагиҳои услуби дигари дилчаспи Баҳманёр ин аст, ки ӯ калима ё ибораи бароят муҳимму асосиро такрор ба такрор таъкид менамояд, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба он бештар ҷалб кунаду задаи мантиқӣ ба он калима ё ибора афтад: «**Ягона кӯле**, ки монанди баҳр мавҷ мезад. **Ягона кӯле**, ки дар он тӯфон мехест…. **Ягона кӯле**, ки …аспи обӣ дошт» [11, с.32]; «Мард пай бурд, ки пирзол ӯро фаҳмид, саропо **гӯш, гӯш, гӯш, гӯш**

шуд» [11, с.39]; «Ин манзара **он қадар** гуворо, **он қадар** дилрабо, **он қадар** рӯъёмоно буд, ки мард саропо **чашм, чашм, чашм, чашм шуд**» [11, с.39].

Услуб ё худ тарзи тасвиру баёни аз кулл ба ҷузъ ва ё аз ҷузъ ба кулл гузаштан, гарчи каме сергапиву суханбозӣ ҳам бошад, лекин зина ба зина ва диққатангез сурат мегирад: «**Мард рӯйи зин, зин рӯйи асп, асп рӯйи кӯҳ, кӯҳ рӯйи замин, замин дар фазо** буду давр мезад» [11, с.29, 30, 34]; «Интизорам **варо соат пайи соат, рӯз пайи рӯз, моҳ пайи моҳ, сол пайи сол**» [11, с.91]. Маҷоз ва маҷозонидани калимаву ибора ва ифодаҳо яке роҳҳои асосии пуробурангиву ширинии калом мебошад. Аз ин ҷост, ки дар забони ҳикояҳои Баҳманёр ифодаҳои маҷозии зиёде истеъмол шудаанд, ки онҳо яке аз омилҳои дигари гуворо ва образноку муассирии забони ҳикояҳои ӯ шудаанд. Таваҷҷуҳ фармоед: «анкабути ҳасрат рӯйи дилам тор метанад» [11, с.3]. «Султони шаб шом хӯрда, ситорагони само як-як нопадид мешуданд. Ба рухсораи тираи осмон сафеда медавид ва кӯҳистон хамёза мекашид» [11, с.39].

«Рахши вақт чоргома метохт» [11, с.43] «Моҳтобшаб буду чашми кӯл ҷило медод» [11, с.43] ва ғайра. Дар забони ҳикояҳои маҷмӯа баъзе калимаву ифодаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ ва ҳамчунон калимаи хунукном (шакли табукардаи Азроил), кати сайёр (раскладушка) ва ғайра муносиб омада, таркиби луғавии забонро бой мегардонанд.

Дар баробари муваффақиятҳои назарраси забониву услубӣ ҳамчунон бояд зикр кард, ки Баҳманёр баъзан такрорро ҳамчун воситаи услубӣ аз ҳадди эътидол мегузаронад ва ҷилави каломро ба сӯйи суханбозӣ мекашад, ки далели ин гуфта ҳикояи «Вақти гули бобуна» шуда метавонад.

Дар забон ибораи рехтаву суфтаи «дар курта нағунҷидан» маъмул буда, тағйир додани ҷузъи ибора ё илова намудани калимае одатан боиси косташавии ибораи фразеологӣ мегардад. Баҳманёр ба ибораи мазкур калимаи танро илова карда, рехтагии ибораро халалдор кардааст: «… ман аз шодӣ дар куртаи тан намеғунҷидам» [11, с.96], ё ки феъли таркибии пайдо шуданро дар шакли пайдо омадан истеъмол кардааст, ки гӯшхарошу номатлуб аст: «Обасп танҳо шаб ба пайдо меомад» [11, с.30]. Воқеан, калимаи **обасп** низ сохта буда, қобили қабул нест.

Ҳамин тариқ, забону услуби ҳикояҳои маҷмӯаи «Аспи обӣ»- ро, ба андешаи нависанда Шаҳзодаи Самарқандӣ, ки басо мувофиқ аст, метавон ҳусни мақтаъ пазируфт: «Баҳманёр бо ибораҳои қофиядораш шуҳра аст ва насри шеъргунааш ва такрорҳои лаззатбахше, ки хонандаи ҳарис ва завқзадаро ба оромиш даъват мекунад. Бо ин ки насри Баҳманёр содаву равон аст, аммо тасвирҳои зебо ва бозиҳои каломи ӯ хонандаро водор мекунад, ки ду бору се бор баргардад ва мазмаза кунад ин қанди порсиро…» [10, с.97-102].

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1976. - С.263.
2. Давлатбеки Хоҷа, Шаҳбози Кабир. Сухани тозарақам // Садои шарқ, 1990. - № 8. – С.134-139.
3. Кабиров Ш. Сухан чун радаи марҷон / Ш.Кабиров // Сухан аз арши барин омадааст. – Душанбе, 1994. – С.55-60.
4. Қодири Рустам. Худованди Сармаддеҳ // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.130-143.
5. Раҳимова Ш. Андешаҳо перомуни забони насри Баҳманёр / Ш.Раҳимова // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.111-118.
6. Сатторзода А. Чеҳраи ҳунарии Баҳманёр ва вижагиҳои он / А.Сатторзода // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.4-17.
7. Ҳасанзода А. Баҳманёр – адиби нодирагуфтор / А. Ҳасанзода // Асолати забон ва маҳорати баён. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С.196-108.
8. Ҳасанов А. Як сарчашмаи зинати сухан / А.Ҳасанов // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.174-185.
9. Шаҳбози Кабир, Давлатбеки Хоҷа. Зулфи оростаи сухан // Садои шарқ, 1992. - № 2. – С.137-140.
10. Шаҳзодаи Самарқандӣ. «Сармаддеҳ» сарзамини ҷовиди модарӣ / Самарқандӣ, Шаҳзодаи // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С.97-102.
11. Баҳманёр. Аспи обӣ. - Душанбе, 1988.

НАЗАРЕ БА ШЕВАИ НИГОРИШИ ШЕЪРГУНАИ БАҲМАНЁР

Дар ин мақола дар шакли мухтасар перомуни шеваи нигориши адиби шинохта Баҳманёр сухан меравад. Дар миёни нависадагон сабки баёни ӯ ҷолиб ва фарқкунанда мебошад ва, ба андешаи мо, ҷаззобият ва назаррас будани сабки ӯ ба ҳамгироии (синтези) се тамоюли нигоришаш иртибот дорад. Аввалан, Баҳманёр дар эҷодиёташ аз вожаҳои омиёна хеле бамавриду нозукона кор гирифта, бад-ин васила захираи луғавии забонро бой гардонидааст. Сониян, чун устоди шаҳир Сотим Улуғзода, силсилаи вожаҳои классикиро, ки вожаҳои архаистӣ қаламдод мешуданд, эҳё намудааст. Солисан, шеваи нигориши махсус ва мумтози ӯ ин аст, ки калимаву ибораҳои мавзуну ҳамоҳангро чидаву чунон моҳирона ҳамнишин менамояд ва такрор ба такрор онҳоро паҳлуи ҳам меорад, ки ҳамнишинии силсилавии онҳо каломи мавзун, шеъргунаро мемонад. Ӯ, бо дарназардошти мазмуну муҳтавои ҳикоя, ибора ва ё ҷумлаеро интихоб намуда ва онро чун рукн ё худ меҳвари ҳикоя дар ҳар банди наҳвӣ ба сурати мукаррар корбурд менамояд ва он ибора ва ё ҷумлаи меҳварӣ робитаи маъноӣ ва мантиқии бандҳои наҳвиро таъмин намуда, боиси ташаккули воҳиди калонтарини забон – матн (ҳикоя) мегардад. Масалан, дар ҳикояи “Чашмаи ният” ҷумлаи “Рахши вақт чоргома метохт” чун рукни ҳикоя чор бор такрор шуда бошад, дар ҳикояи “Аспи обӣ” бошад, ҷумлаи

меҳварии “Мард ба аспи хушсурате пайраҳаи кӯҳиро боло мешуд” шаш бор такрор шуда, бандҳои наҳвии ҳикояи мазкурро муттаҳид намудааст ва чунин равиши нигориш дар аксари ҳикояҳои ӯ ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: шеваи нигориш, ҷаззоб, муассир, вожаҳо ва ифодаҳои омиёна, вожаҳои классикӣ, архаизмҳо, ҳамоҳангу ҳамқофия, ҳамнишинӣ, шеър.

ВКРАТЦЕ О ПОЭЗИИ ПОДОБНОГО СТИЛЯ БАХМАНЁРА

В данной статье в сжатом виде рассматривается стиль изложения известного писателя Бахманёра. Среди писателей его стиль исключительно отличается и, на наш взгляд, является уникальным и выразительным. Он достигал заметных успехов путём синтеза трёх стилей изложения. Во- первых, он в своём творчестве уместно и тонко употреблял простонародные слова и выражения и этим способом обогатил словарный состав таджикского языка. Во- вторых, писатель, придерживаясь стиля известного писателя Сатима Улуг-заде, возродил многие классические слова, которые до недавнего времени считались архаизмами. В-третьих, особенно украшает его творчесто и является отличительной особенностью стиля Бахмаёра в обильном виде использованные рифмованные слова, словосочетания и предложения. При сочетаемости рифмованных указанных единиц его стиль изложения напоминает поэзию. Он, с учётом содержания и сущности рассказа, выбирает либо словосочетание, либо предложение в качестве стержня рассказа и использует его как синтаксическое целое и данный стержень обеспечивает смысловое и логическое отношения каждого синтаксичекого целого и в результате объединения образуется последняя высшая единица языка – текст. К примеру, в рассказе “Чашмаи ният” предложение “Рахши ваќт чоргома метохт” как стержень повторяется четыре раза, а в рассказе “Аспи обї” стержень “Мард бо аспи хушсурате савор пайрањаи кўњиро боло мешуд” повторялся шесть раз. Такой стиль изложения наблюдается почти во всех рассказах Бахманёра.

Ключевые слова: стиль изложения , уникальный, выразительный, простонародные слова и выражения, классические слова, архаизмы, рифмованный, сочетаемость, поэзия.

BRIEFLY ABOUT THE POETRY-LIKE STYLE OF BAHMANYOR

In the article, it is concisely considered the writing style of the famous writer Bahmanyor. His style is exceptionally different among writers. In our opinion, it is unique and expressive. He achieved notable success by synthesizing three styles of presentation. Firstly, in his work, he appropriately and subtly used demotic words and expressions and in this way enriched the vocabulary of the Tajik language. Secondly, the writer, adhering to the style of the famous writer Satim Ulugzadeh, revived many classical words, which until recently were considered as archaisms. Thirdly, especially, it adorns it creatively and is a distinctive feature of Bahmanyor's style in a common form, the use of rhymed words, phrases and sentences. With the combination of these rhymed units, his style of presentation resembles poetry. Taking into account the content and essence of the story, he chooses either a phrase or a sentence as the core of the story and uses it in each syntactic whole, and this core ensures the semantic and logical relationship of each syntactic whole, and as a result of combining, the very last highest unit of the language is formed - the text ... For example, in the story “Chashmai niyat” the sentence “Rakhshi vaht chorgoma metokht” as a core is repeated four times, and in the story “Aspi obi” the core “Mard bo aspi hushsurate savor payrakai khiro bolo meshud” was repeated six times. This style of presentation is observed in almost all of Bachmaner's stories.

Key words: style of presentation, unique, expressive, demotic words and expressions, clasical words, archaisms, rhymed, compatibility, poetry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кабиров Шаҳбоз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанб, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **shahbozikabir@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-09-38-36**

Сведение об афторе: ***Кабиров Шахбоз*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **shahbozikabir@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-09-38-36**

Information about aphtors: ***Kabirov Shahboz*** - Tajik National University, professor, the Department of Tajik Languageand Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **shahbozikabir@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-09-38-36**

УДК:491.550

МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Искандарова Ф., Давлатов А.Н.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Дар ифодаи алоқамандии фикр забони ноби тоҷикии мо имконияти фаровон дорад ва ҷумлаҳои мураккаби пайваст яке аз он воситаҳо маҳсуб мешаванд. Ин ҷумлаҳо бо ғановату рангорангии худ дар байни дигар ҷумлаҳо мақоми хосса доранд. Муҳаққиқони наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов, Д.Тоҷиев, Б. Камолиддинов, М. Қосимова, Ш.Рустамов, Ф.Зикриёев, Д. Хоҷаев, В.Абдулазизов ва даҳҳо дигарон хусусияти ҷумлаҳои мураккабро аз ҷиҳати маъною вазифа, воситаҳои алоқаи наҳвӣ, тобишҳои маъноӣ ба таври мукаммал таҳқиқ карда, ақидаҳои пуразриши худро иброз намудаанд. Дар бораи мавқеъ ва вазифаҳои махсуси ҷумлаҳои мураккаб дар грамматика чунин омадааст: “Ҷумлаи мураккаб монанди ҷумлаи сода воситаи ахбор буда, барои ифодаи фикр хизмат мекунад. Он идроки мураккабтари

ҳастӣ, тасаввуроту робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои ҳастиро ифода мекунад ва табиист, ки интишору истифодаи он ба давраҳои нисбатан инкишофёфтаи ҷамъият, забон ва тафаккури инсон вобаста аст” [1, с.3].

Бояд гуфт, ки ҷумлаҳои мураккаби пайвасти забони тоҷикиро олими маъруф, забоншиноси варзида Ф. Зикриёев хеле мӯшикофона тадқиқ кардааст. Қисмати “Ҷумлаҳои мураккаби пайваст” дар “Грамматикаи забони тоҷикӣ” маҳз ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Зимни ақоиди забоншиносон, аз ҷумла Ф. Зикриёев, “Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода бо ёрии воситаҳои грамматикии муайян дар асоси алоқаи пайваст (паратаксис) ташкил ёфта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, шумур, хилофӣ, ҷудоӣ, сабаб, натиҷа, қиёсӣ, эзоҳӣ ва монанди инро ифода мекунад” [1, с.7].

Мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур корбасти ҷумлаҳои мураккаби пайвастро дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус мавриди пажӯҳиш қарор диҳем. Қобили зикр аст, ки Унсурулмаолии Кайковус ҳанӯз дар асри XI дар «Қобуснома» - и худ аз хелҳои гуногуни ҷумлаи мураккаб фаровон истифода бурдааст, ки ин ба маҳорати нотакрори сухангустарии ӯ ва сабки махсуси нависанда ишорат мекунад. Чунончи:

Ва ҳеҷ кеҳтар бар ту эмин набошад ***ва*** *умеди хидматгорон аз ту мунқатеъ гардад* ***ва*** *халқ аз ту нуфур шаванд* ***ва*** *ба дил душмани ту бошанд* [7, с.66].

Ин ҷумлаи мураккаб аз чор ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ ташкил ёфтааст. Ҷумлаҳои содаи таркиби он ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **ва**, яъне алоқаи пайваст барқарор шуда, имконияти мустақилона баён кардани фикрро нигоҳ доштаанд. Ин гуна хусусияти ҷумлаҳои мураккаби пайвастро хусусияти **автосемантикӣ** меноманд, ки он боиси сертаркиб шудани ҷумлаҳои мураккаби пайваст мегардад.

Дар баъзе ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҳиссаҳои таркибиашон чи аз ҷиҳати маъно ва чи аз ҷиҳати сохти грамматикӣ вобаста ва алоқаманд мебошанд, ки инро муносибати **синсемантикии** ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст меноманд [1, с.7]. Чунин ҷумлаҳо низ дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус зиёд мушоҳида шуданд:

Он гоҳ дар хонаи гарм рав ва ***он ҷо*** *як замон бинишин* [7, с.59].

Дар мисоли мазкур дар қисми дуюми ҷумлаи мураккаби пайваст воҳиди ишоратии ***он ҷо*** омадааст, ки ба ҳиссаи якум вобаста будани ҳиссаи дуюмро далолат мекунад.

Дар алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст воситаҳои гуногун кор фармуда мешаванд. Ба монанди: пайвандакҳо, оҳанг (интонатсия), мутобиқати шаклҳои феълӣ, тартиби ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаб, калимаҳои ҳамнисбат ва ғайраҳо. Бояд зикр кард, ки **пайвандакҳо** воситаи асосӣ дар ташкили ҷумлаҳои мураккаби пайваст маҳсуб меёбанд. Забоншиноси варзида Б. Камолиддинов дар ин хусус чунин ибрози ақида намудааст: “Тарзи алоқаманд гардидани ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби пайваст ба муносибати маъноии ҷумлаҳои сода низ вобаста аст, зеро ҳама гуна ҷумлаҳои сода ҳамеша бо пайвандак ё бе он васл шудан намегиранд. Муносибати маънои байни ҷумлаҳои сода чӣ қадар суст ва тиратар бошад, эҳтиёҷ ба кор фармудани пайвандак бештар мегардад” [5, с.99]. Ин гуна ҷумлаҳо ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ ташкил меёбанд. Мувофиқи алоқаи грамматикии мазкур ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам; б) ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ ва в) ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ.

Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам ба воситаи пайвандакҳои пайиҳам ташаккул меёбад. Истилоҳи *пайиҳам* на маънои аз рӯйи замон паси ҳам омадани ҳодисаю воқеаҳо, балки ба тариқи чида ё қатор гузошта шудани онҳоро дар назар дорад. Фикрҳое, ки ба воситаи ҳиссаҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам ифода меёбанд, гӯё ки пайи ҳам гузошта мешаванд: дар байни онҳо нисбат ба фикри умумии яклухти ҷумлаи мураккаб муносибати якхела дида мешавад, ки он аз мақсад ва тариқи ҷараёни амалу ҳолати ҳиссаҳои таркибии он бармеояд [1, с.17]. Чунин ҷумлаҳои мураккаби пайвастро Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» и худ ба таври фаровон корбаст кардааст. Чунончи:

Ва *бисёр хуфтан одати носитуда аст, танро кохил кунад* ***ва*** *табъро шӯрида кунад* ***ва*** *сурати рӯйро аз ҳол ба беҳолӣ барад [7, с.60];*

Ва *тан макон аст****у*** *ҷон мутамаккин [7, с.61];*

Ту бар сари як майдон бипой ***ва*** *яке ба охири майдон* ***ва*** *шаш дар миёни майдон гӯй мезананд [7, с.64].*

Муносибатҳои гуногуни грамматикию маъноии пайиҳам дар байни қисмҳои ҷумлаи мураккаби пайваст асосан ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи **ва, -у (-ю, -ву), ҳам... ҳам, чи... чи, хоҳ...хоҳ** ифода мешаванд.

Дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус пайвандаки пайиҳами **ва** серистеъмолтарин ва сервазифатарин пайвандак ба шумор меравад. Пайвандаки **ва** дар

ҷумлаҳои мураккаби пайвасти **кушода,** яъне ҷумлаҳои мураккабе, ки дар таркибашон зиёда аз ду ҷумлаи сода доранд, метавонад ба тарзи такрор ояд. Ин ҳодиса аз адабиёти классикӣ сарчашма гирифта, имрӯз дар адабиёти муосир низ ба чашм мерасад, лекин нисбатан кам. Мисолҳо аз «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус:

Ва *ҳеҷ кеҳтар бар ту эмин набошад* ***ва*** *умеди хидматгорон аз ту мунқатеъ гардад* ***ва*** *халқ аз ту нуфур шаванд* ***ва*** *ба дил душмани ту бошанд [7, с.66];*

Ту бар сари як майдон бипой ***ва*** *яке ба охири майдон* ***ва*** *шаш дар миёни майдон гӯй мезананд [7, с.64].*

Бояд тазаккур дод, ки ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳаме, ки ба воситаи пайвандаки **ва** дар «Қобуснома» алоқа барқарор кардаанд, метавонанд муносибати замонӣ ҳам дошта бошанд:

Ва камтарин кас бар ту чира гардад ва ту ***он гаҳ*** *кушта гардӣ ва ба бадномӣ номат барояд [7, с.56].*

Дар ҳиссаҳои дуюми ин қабил ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам унсурҳои луғавии ***он гоҳ, пас аз он*** ва монанди инҳо омада, муносибати замониро равшантар менамоянд [9, с.12].

Дар ҷумлаҳои мураккаби «Қобуснома» пайвандаки **–у (-ю)** камтар истифода шудааст ва дар адои вазифаи грамматикӣ аксар вақт бо пайвандаки **ва** ҳамвазифа ё муродиф мебошад:

*Ҳоҷиб аспро бидид**у** писандид ва баҳо фурӯ ниҳод [7, с.41].*

*Пас суханҳо бишунав ва ёд гир**у** қабул кун [7, с.33].*

*Некбахтонро некии хеш орзу кунад**у** бадбахтонро зоду бум [7, с. 43].*

Таҳлили ҷумлаҳо собит месозанд, ки ҳангоми бо пайвандаки **–у (-ю)** алоқаманд шудани қисмҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, "... фикре, ки дар ҷумлаи содаи дуюм ифода меёбад, фавран, якбора пас аз қатъ гардидани амалу ҳодисаи ҷумлаи содаи якум қарор мегирад" [1, с.17].

Ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ ба воситаи пайвандакҳои *хилофии аммо, вале, лекин, балки, вагарна, ҳол он ки, ва ҳол он ки, бошад, набошад* ва воситаҳои ёрирасони луғавию наҳвӣ ташкил меёбанд ва муносибати қисмҳои таркибии онҳо хилофу зид, муқобилу муқоиса мебошад. Дар ин қабил ҷумлаҳо маънои аслӣ дар қисми якум ифода шуда, қисми дуюм маъноеро дар бар мегирад, ки мухолифу зидди он аст, ё ин ки ба он мутобиқ намеояд. Пайвандакҳои *аммо, вале, лекин* дар ифодаи муносибатҳои хилофӣ ва муқобилгузорӣ асосан ҳаммаъно буда, дар сурати истифодаи онҳо амалу ҳолат воқеаю ҳодисаҳо дар асоси муносибати номутобиқӣ ва акси ҳамдигар воқеъ мешаванд [1, с.37]. Ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби пайваст низ дар «Қобуснома» ба назар расиданд. Чунончи:

Молро иваз бувад, ***аммо*** *ҷонро иваз набувад [7, с.116];*

Аммо *ба хуни ноҳақ далер мабош ва хуни ҳеҷ мусулмон ҳалол мадор [7, с.66].*

Ва худованди панҷ динор бо вай мувофақат ҳамекард, ***вале*** *доим дар бим ҳамебуд [7, с.175].*

Лекин *яке хуфта бошад бо ҳаёту яке хуфта бе ҳаёт [7, с.62].*

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби "Қобуснома" нишон дод, ки пайвандаки *валекин*, ки муродифи пайвандакҳои *лекин, аммо* мебошад, дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Мисолҳо:

Тамоми рӯзбеҳиву рӯзбатарӣ пайдо шавад, ***валекин*** *ту адабу ҳунар ва фарҳангро мероси хеш гардон ва ба вай бигузор... [7, с.87];*

Ман зар надодам, ***валекин*** *ин як моҳ нони туро ройгон бихӯрдам [7, с.50];*

Ин фарзанди маро он чи омӯхтаед, неку бидонистааст, ***валекин*** *беҳтарин ҳунаре наёмӯхтааст [7, с.85];*

Ё мавлоно, маро мол ҳаст, ***валекин*** *ин ҷо ҳозир нест [7, с.49].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пайвандаки *аммо* дар ифодаи муносибатҳои хилофӣ, муқобилгузорӣ ва қиёс бо пайвандакҳои *лекин, вале* дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҳаммаъно мебошад. Як хусусияти фарқкунандаи истифодаи пайвандакҳои *аммо* ва *лекин* дар «Қобуснома» ин аст, ки ин пайвандакҳо дар аввали ҷумлаҳо корбаст шудаанд, аммо дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, бештар дар мобайни ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ кор фармуда мешаванд.

Чунончи: ***Аммо*** *набид кам хӯр ва пеш аз меҳмонон маст машав [7, с.50];*

Аммо *сухан нопурсида магӯй ва аз гуфтори хира парҳез кун ва чун бозпурсанд, ҷуз рост магӯй [7, с.17];*

Лекин *яке хуфта бошад бо ҳаёту яке хуфта бе ҳаёт [7, с.61].*

Пайвандаки *балки* дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ бо хусусияти маъноию услубиаш аз пайвандакҳои *аммо, вале, лекин* фарқ дорад [10, с.26]. Пайвандаки *балки* мундариҷаи як ҷумлаи содаро ба воқеъ шудани амалу ҳолати ҷумлаи содаи дигар муқобил мегузорад**:***Ман манфиат на аз дӯстон ёфтам,* ***балки*** *бештар аз душманон ёфтам [7, с.21];*

Ҷанг кардан на кори муҳташамон аст, ***балки*** *кори занону кӯдакон аст [7, с.54];*

Лекин бо ҳама некӣ ҳар рӯз ба гармоба рафтан суд надорад, ***балки*** *зиён дорад... [7, с.54].*

Муносибати номутобиқӣ дар байни ҳама гуна ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ мавҷуд аст ва дар «Қобуснома» низ ҷумлаҳое ҳастанд, ки маънои номутобиқии байни ҷузъҳои онҳо хеле равшан буда, бо тобишҳои дигари маъноӣ омехта нашудаанд:*Ва худованди панҷ динор бо вай мувофақат ҳамекард,* ***вале*** *доим дар бим ҳамебуд [7, с.175];*

Ва бо подшоҳи хеш ростӣ кун, ***валекин*** *ба хидмати подшоҳ ҳарис мабош [7, с.168].*

Ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ ба воситаи пайвандакҳои *ё, ё ки, ё ин ки* алоқа барқарор мекунад. Хусусияти асосии ҷумлаи мураккаби ҷудоӣ дар он аст, ки ҳиссаҳои таркибии он якдигарро истисно ё инкор мекунанд. Ба воқеияти амал ё ҳолати ҳамдигар мамоният мерасонанд. Онҳо якдигарро эзоҳ намедиҳанд, мустақилияти онҳо нисбат ба дигар хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст зиёдтар ҳис карда мешавад, аммо замони ба амал омадани яке аз воқеаю ҳодисаҳо ба вуқӯи замони рӯй додани дигаре вобаста аст. Дар «Қобуснома» бо пайвандаки *ё* ҷумлаҳои бисёри мураккаби пайвасти ҷудоиро пайдо кардем:

Ин мол бигзор, ***ё*** *ба зиндон рав [7, с.25];*

Ё *туро гувоҳ бояд,* ***ё*** *вайро савганд расад [7, с.109];*

Ва сабаб бар се қисм аст: ***ё*** *ба сабаби бемории аъзои муташобеҳ бошад,* ***ё*** *ба сабаби бемории аъзои раиса [7, с.121].*

Аммо ба сабаби бемории аъзои муташоб ***ё*** *ба сабаби бемории гарм бошад ва он панҷ қисм аст,* ***ё*** *сабаби бемории сард [7, с.121].*

Дар аксар ҷумлаҳои мураккаби «Қобуснома» пайвандаки ҷудоии *ё* баъд аз пайвандаки пайвасткунандаи *ва* омадааст, ки ин низ як хусусияти фарқкунандаи истифодаи пайвандаки *ё* дар осори ниёгон аст:

Ва касеро бияфканад ***ва ё*** *маҷрӯҳ кунад,* ***ё*** *маҷрӯҳ шавад,* ***ё*** *савореро бигирад,* ***ё*** *асберо биёрад* ***ва ё*** *саре биёрад ва хидмате писандида бикунад, ба изъофи он хидмат мукофот кун аз хилъату зиёдатии маош [7, с.184].*

Ҳамин тариқ, аз таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайвасти «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар асари нависандаи забардаст хеле фаровон истифода шудаанд, ки ин аз маҳорати баланд ва забондонии устод шаҳодат медиҳад;
2. Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус назаррас буда, пайвандаки *ва* дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти **кушода** ба тарзи такрор бисёр омадааст;
3. Пайвандаки хилофии *валекин*, назар ба пайвандакҳои *лекин, аммо* дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии «Қобуснома» бештар мавриди истифода қарор гирифтааст;
4. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии асар бо пайвандакҳои *аммо* ва *лекин* нисбатан зиёд буда, хусусияти фарқкунандаашон аз забони муосири тоҷик ин аст, ки дар «Қобуснома» пайвандакҳои мазкур дар аввали ҷумлаҳо корбаст шудаанд;
5. Дар «Қобуснома» бо пайвандаки ***ё*** ҷумлаҳои бисёри мураккаби пайвасти ҷудоиро пайдо кардем, ки хусусияти фарқкунандаи истифодааш ин аст, ки дар шакли *ва ё* бештар омадааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1989. - 224 с.
2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ.2. Синтаксис (Дар зери таҳрири Б.Н. Ниёзмҳаммадов, М. Исматуллоев). - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 184 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ.2. Синтаксис. - Душанбе: Ирфон, 1970. - 268 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ Қ.2. Синтаксис (Муҳаррир Ш. Рустамов). - Душанбе: Маориф, 1984. - 325 с.
5. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. - Душанбе: Маориф, 1992. - 127 с.
6. Тоҷиев Д.Т. Осори мунтахаб / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 2005. – 480 с.
7. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. (Таҳрири Мирзо Муллоаҳмадов). - Душанбе: Маориф, 1979. – 191 с.
8. Хоҷаев Д. Доир ба сермаъноии баъзе ҷумлаҳои пайрав / Д Хоҷаев // Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1988. – С.53- 60.
9. Хоҷаев Д. Сермаъноии ҷумлаи пайрави сабаб / Д. Хоҷаев // Мактаби советӣ. – Душанбе: 1989. - С.17-27.
10. Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х. Ҳусейнов. – Сталинобод, 1960. - 123 с.

МАВҚЕИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Дар мақолаи мазкур муаллифон доир ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ дар китоби “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус маълумоти муфассал дода, доир ба яке аз воситаҳои

алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст, яъне пайвандакҳо андешаронӣ кардаанд. Муаллифон таъкид мекунанд, ки воситаи асосии алоқаманд гардидани ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби пайваст маҳз ба воситаи пайвандакҳо сурат мегирад, чунки онҳо муносибати маънои байни ҷумлаҳои содаро равшантар мегардонанд. Дар мақола гуфта мешавад, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар асари “Қобуснома” зиёд истифода шудаанд ва ин маҳорати баланд ва забондонии Унсурулмаолии Кайковусро собит месозад. Муаллифон зикр мекунанд, ки мавқеи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам бо пайвандаки *ва* дар асар хеле назаррас мебошад. Пайвандаки мазкур дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода ба тарзи такрор бисёр омадааст, ки ин аз услуби хосси ниёгонамон, аз ҷумла Унсурулмаолии Кайковус, шаҳодат медиҳад. Пайвандаки хилофии *валекин*, назар ба пайвандакҳои *лекин, аммо* дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии «Қобуснома» бештар истифода шудаанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки хусусияти фарқкунандаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии асар бо пайвандакҳои *аммо* ва *лекин* аз забони муосири тоҷик ин аст, ки дар «Қобуснома» ин пайвандакҳо дар аввали ҷумлаҳо корбаст шудаанд. Ҳангоми таҳлилу баррасии мисолҳо аз асар муаллифон мушоҳида кардаанд, ки дар «Қобуснома» пайвандаки *ё* дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ дар шакли *ва ё* бештар омадаанд.

Калидвожаҳо: ҷумлаи мураккаб, муносибати автосемантикӣ**,** муносибати синсемантикӣ, ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам, пайвандакҳо, пайвандакҳои ҷудоӣ, пайвандакҳои хилофӣ, маънои номутобиқӣ, хусусияти маъноию услубӣ, истисно ё инкор.

МЕСТО СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ПРОИЗВЕДЕНИИ УНСУРУЛМАОЛИ КАЙКОВУСА «КАБУСНАМЕ»

Авторы статьи дают подробные сведения о сложносочинённых союзных соединительных, сопоставительных и разделительных предложениях книги Унсурулмаоли Кайковуса «Кабуснаме», также об одном из видов связи предикативных его частей - союзах. Они подчёркивают, что союзы являются основным видом связи предикативных частей сложносочинённых предложений, потому что способствуют более яркому выражению смыслового отношения его простых предложений. В статье говорится, что Унсурулмаоли Кайковус в «Кабуснаме» использовал большое количество сложносочинённых предложений, что свидетельствует о его мастерстве и знанию языка. Авторы отмечают, что место сложносочинённых союзных соединительных предложений с союзом ***ва*** в произведении является значительным. Этот союз неоднократно повторяется в составе открытых сложносочинённых предложений, что является свидетельством особого стиля наших предков, в том числе Унсурулмаоли Кайковуса. Сопоставительный союз ***валекин*** используется чаще, чем союзы *лекин, аммо* в сложносочннённых союзных сопостовительных предложениях книги Унсурулмаоли Кайковуса «Кабуснаме». Они подчеркивают, что отличительной чертой сложносочинённых сопостовительных предложений с союзами ***аммо*** и ***лекин*** от современного таджикского языка является то, что эти союзы в «Кабуснаме» используются в начале предложения. Рассматривая и анализируя примеры из книги, авторы заметили, что «Кабуснаме» союз ***ё*** в сложносочинённых союзных разделительных предложениях чаще используются в форме ***ва ё***.

Ключевые слова: сложное предложение, автосемантическое отношение**,** синсемантическое отношение, сложносочинённые предложения, сложносочинённые присоединительные предложения, союзы, разделительные союзы, противительные союзы, лексико – стилистические особенности, истисно, исключение, отрицание.

PLACE OF COMPLEX SUGGESTIONS IN THE PRODUCTION OF UNSURULMAOLI KAIKOVUS “KABUSNAME”

The authors of the article give detailed information about the complex compound conjunctive, associative and dividing sentences of Unsurulmaoli Kaikovus's book “Kabusnam”, also about one of the types of connection of its predicative parts of unions. They emphasize that unions are the main type of connection between the predicative parts of compound sentences because they contribute to a more vivid expression of the semantic relation of its simple sentences. The article says that Unsurulmaoli Kaikovus in Kabusnam used a large number of complex sentences, which testifies to his mastery and knowledge of the language. The authors note that the place of complex compound union sentences with the union va in the work is significant. This union is repeatedly repeated as part of open complex sentences, which is evidence of the special style of our ancestors, including Unsurulmaoli Kaikovus. The valekin comparative union is used more often than the lekin, ammo unions in the complex compound matching sentences of Unsurulmaoli Kaikovus's book Kabusnam. They emphasize that the distinguishing feature of the complex juxtaposed sentences of the work with ammo and lekin unions from the modern Tajik language is that these unions in Kabusnam are used at the beginning of the sentence. Considering and analyzing examples from the book, the authors noticed that the Kabusnam name ë in complex compound dividing sentences is more often used in the form of wa ë.

Key words: compound sentence, auto-semantic relation, synsemic relation, compound sentences, compound connection sentences, unions, dividing unions, opposing unions, lexico-stylistic features, issis, exclusion, negation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Искандарова Фарогат*** **-** Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30.

Давлатов Абдулмахид – Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30. Тел.: **(+992) 985-45-36-98**

Сведения об авторах: ***Искандарова Фарогат*** **-** Российско - Таджикский (Славянский) университет, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30.

Давлатов Абдулмаджид **-** Российско - Таджикский (Славянский) университет, преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. Тел.: **(+992) 985-45-36-98**

Information about the authors: ***Iskandarova Farogat*** - Russian - Tajik (Slavonic) University, associate professor of the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzade, 30.

Davlatov Abdulmadzhid - Russian - Tajik (Slavonic) University, teacher of the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursunzade, 30. Tel .: **(+992) 985-45-36-98**

УДК:44

ИФОДАИ МУНОСИБАТҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТАСВИРИ ЗАБОНШИНОСИИ ҶАҲОН

Камолова С.
Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе

Дар айни замон, истилоҳи «тасвири ҷаҳон» дар муоширати фарҳангӣ васеъ истифода мешавад. Дар марҳилаи кунунии рушди донишҳои илмӣ омӯзиши ҷаҳонбинии ҳар як фарди алоҳида хеле муҳим мебошад, зеро мавқеи иҷтимоии ҳар як тамаддун бо роҳи махсуси дарк кардани ҷаҳон тавсиф мегардад [9, с.28]. Бо пайдоиши донишҳои нави илмӣ ва истилоҳи "таҳқиқоти гендерӣ", масъалаи омӯхтани на танҳо фарҳанги миллӣ, балки тасвири гендерии ҷаҳон ба миён омад. Ба ҳар як ҷомеаи рӯйи замин, ба тамоми инсоният, табиат тақсимоти афродро аз рӯйи ҷинсият ба мардон ва занон ҷудо намудааст. Ҷинс фарқияти физиологӣ ва биологии байни одамон мебошад. Омӯзиши фарқиятҳои мавқеи иҷтимоӣ, нақшҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои мардон ва занон, этнографҳо нишон дод, ки чунин хусусиятҳои фарққунанда дар гурӯҳҳои гуногуни этникӣ дида мешаванд. Мухталиф будани муносибатҳои гендерӣ аз омехта будани омилҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва биологӣ дар кишварҳои гуногун вобастагӣ дорад. Аммо бояд қайд кард, ки фарқият ва ҷудосозии мафҳумҳои «ҷинси биологӣ» ва «ҷинси иҷтимоӣ» чанде пеш рух дода буданд. Гендер ё ин ки ҷинси иҷтимоию фарҳангии шахс, хусусиятҳои инфиродии инсонро ташкил медиҳад. Он бо хусусиятҳои биологӣ ва анатомии одамон зич омехта аст, ки ин меъёрнокиро асоснок мекунад. Албатта, шуури инсон дар нигоҳ доштан ва рушди системаи гендер нақши асосиро мебозад. Ташаккули шуури гендерии одамон (шахсони алоҳида) бо роҳи паҳн кардан, нигоҳ доштан, фаъолияти стереотипҳо, меъёрҳо, қоидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки ҷомеа онҳоро вайрон мекунад, ба вуҷуд меояд. Масалан, дар издиҳоми мардум баъзан ибораҳои дағалро мешунавед: "*марди занаксифат*", "*зани мардакмонанд*", "*мард, аммо ба монанди зан рафтор мекунад*", "*занакча*", "*зан дар шим*" ва ғайра, ки ба рӯҳияи одамон таъсири манфӣ расонида, норозигӣ, эҳсосот ва ихтилоли равониро ба вуҷуд меорад.

Муҳтавои мақолаи мазкур ба баррасии консепсияи гендер алоқамандӣ дошта, ба хусусиятҳои дониши лингвокултурологии масъалаҳои гендерӣ, ифодаи гендер дар забон ва суханронӣ бахшида шудааст. Дар мақола хусусиятҳои тавсифии рафтори суханронии мардона ва занона ба таври амиқ таҳлил мегарданд.

Соли 1958 Роберт Столлер, равоншиноси барҷаста, ки дар Донишгоҳи Калифорнияи Лос-Анҷелеси ИМА кору фаъолият кардааст, нахустин бор вожаи гендерро ҳамчун истилоҳ дар илм ворид намуд. Дар конгресси самти равоншиносӣ дар Стокҳолм, ки соли 1963 баргузор шуда буд, олим дар бораи мафҳуми ҳувияти гендерӣ (чун ҷинси иҷтимоӣ) баромад кард. Омӯзиши гендер, тибқи гуфтаи Роберт Столлер, як мавзӯи мубрами биологӣ ва физиологӣ буда, ба таҳқиқоти равоншиносҳо ва ҷомеашиносоне, ки зуҳуроти фарҳангӣ ва таърихиро меомӯзанд, дахлдор мебошад [12, с.66]. Пешниҳоди Роберт Столлер дар бораи ҷудо кардани ҷузъҳои биологӣ ва фарҳангии тарафҳо, дар омӯзиши масъалаҳои гендерӣ ба ташаккули самти махсус дар донишҳои муосири гуманитарӣ ва таҳқиқоти гендерӣ такони тоза бахшид.

Муносибатҳои гендерӣ дар забон дар шакли стереотипҳои фарҳангии муайяншуда, ки ба рафтори шахс, суханронии ӯ ва дар маҷмӯъ ба равандҳои иҷтимоии лингвистии шахс таъсир мерасонанд, қайд карда шудаанд. Истилоҳи "гендер" барои тавсифи ҷанбаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ дар муқоиса бо "мард", яъне ҳангоми инъикос кардани ҳама гуна хислатҳо, меъёрҳо, стереотипҳо, ки барои мардон ва занон хоссанд, истифода мешавад.Яке аз забоншиносоне, ки дар ин самт таҳқиқот бурда буд, Т.Е. Крючкова мебошад, ки олими номбаршуда пажӯҳиши гендерии худро бештар дар матнҳои хаттии занону мардон равона кардааст. Дар матнҳои адабии насрӣ муаллиф истифодаи қисмҳои нуткро омӯхта, аз рӯйи омилҳои гендерӣ онҳоро ба қисматҳои мухталифи оморӣ ҷудо намудааст. Т.Е. Крючкова қайд менамояд, ки матнҳое, ки занон рӯйи варақ меоранд, фонди луғавии бой дошта, вожаҳои пурмазмун ва аз ҷиҳати сохти морфологӣ дар матнҳои онҳо бештар ҷонишин ва ҳиссачаҳоро метавон пай бурд. Дар матнҳои мардон бошад исмҳо бештар ба назар мерасанд [8, с.186]. Олими дигаре, ки оид ба рафтору сохти суханронии мардону занон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, А.А. Вейлерт мебошад. Ба ақидаи ӯ, занҳо ҳангоми нутқи шифоҳии мустақим ва нотайёр бештар феълу пайвандакҳоро истифода мекунанд [1, с.138]. Инчунин мулоҳиза карда шуд, ки занон луғати бой, имлои озод ва пурмазмун доранд. Дар суханронии мардон муҳаққиқон зуд-зуд пайдоиши сифатҳо, исмҳо, исмҳои абстрактиро муайян карданд. Суханронии онҳо мухтасар ва аз лиҳози фонди луғавӣ на он қадар мисли нутқи занҳо бой буд. О.А. Рижкина ва Л.И. Реснянская муайян карданд, ки дар раванди суханронии занон ва мардон на танҳо

фарқият дар фонди луғавӣ, балки дар тарзи талаффуз, интонатсия ва сохту таркиби грамматикии забони онҳо низ мухталифият ба назар мерасад, ки дараҷаҳои гуногуни арзёбии мусбат ё манфӣ доранд [11, с.39]. Таъсири хусусиятҳои синну соли гендерии баромадкунандагон ба раванди гуфтугӯи шифоҳии онҳо, ки дар кори Л.Р. Мошинская баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст, натиҷаҳои назаррас нишон доданд, ки мардон ҳангоми муошират камтар ҳассосанд, занон назар ба онҳо стереотипҳоро бештар қадр мекунанд ва табиатан ба ҳассосият роҳ медиҳанд [10, с.76].

Ба ақидаи мо, муҳаққиқ мансубияти касбии гурӯҳҳои муошираткардаро ба назар гирифтааст. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, занон одатан ба самти филологӣ такя мекунанд ва мардон бошанд ба илмҳои дақиқ. Олимони дар боло зикршуда занонро «филолог» ва мардонро «физик» номгӯӣ карданд. Аз ин лиҳоз, сабаби мухталиф будани сохту мазмуни суханронии мардон ва занонро дар касбу кори онҳо мебинанд. Ин гуна ақида мураккабии ҷиддиро тақозо мекунад ва ниёз ба таҳқиқоти амиқ ва баррасишаванда дорад.

Аз таҳқиқоти Е.А. Земская ва дигарон маълум шуд, ки соҳаи ассотсиативии занона аз табиат, ҳайвонот, ҳаёти ҳамарӯзаи рӯзгор иборат аст ва мардон худро ба соҳаҳои варзиш, касбӣ ва ҳарбӣ, шикор ҳамроҳ мекунанд. Аз кору фаъолияти занон ва мардон як омили дигари гендерӣ ба вуҷуд омад, ки вобаста ба касбу кори ин ду ҷинс ҳатто суффиксҳои фарққунанда, ки категорияи ҷинсиятро дар забон муайян мекард ба назар мерасид. Аз таҳқиқоти назариявии забоншинос аён гашт, ки суффиксҳое, ки касбу кори одамонро бо ҷинсият ҷудо менамоянд, мавқеи занро дар ҷомеа пасттар аз мард нишон дода муқоиса мекунанд. Ба ақидаи олимон ҳатто дар исмҳои хосси занона камтар ҳурмату иззат инъикос мегардад [4, с.90]. Дар забони тоҷикӣ низ баъзе воҳидҳои луғавӣ ба монанди ***раққос*** ва ***раққоса*** мавҷуд аст, ки хусусияти хосси гендерии ин вожаро бо роҳи пайваст шудани пасвани **– *а***, яъне ***раққоса*** нишон медиҳад.

Ҳангоми интихоби маводҳои бадастоварда, Т.Г. Гоман хусусиятҳои хосси гуфтугӯии мардона ва занонаро аз рӯйи сатҳу мақом муайян кард. Таҳқиқоти Т.Г. Гоман тавсифи босалоҳияти қисмҳои воқеиятро дар бар мегирад, ки дар он одатан, занон бартарият доранд. Аз самтгирии пажӯҳиши олим, ки махсусан ба мушкилоти рӯзгордорӣ, тарбияи фарзанд, пухтупаз, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои мӯд, адабиёт, театр, санъат, корҳои дастии занон равона карда шуда буд ва дар муқоиса бар ин мардон бошанд ба таъмири таҷҳизот, корҳои хонагӣ бо истифодаи воситаҳои гуногун, бо варзиш сару кор доштанд, ки аз чунин таҳлилҳо воҳидҳои луғавии гендерӣ дар ҷомеа ба вуҷуд омаданд. Чунин аломатҳоро ба осонӣ тақаллуб кардан мумкин аст. Муҳаққиқ дар он ақида аст, ки занҳо ҳангоми навиштани матн ё гуфтугӯ кардан аз мардон бо малакаҳои равониашон фарқ мекунанд [2, с.110].

Аввалин кӯшиши омӯхтани мушкилот, ки мавриди баррасӣ қарор гирифта буд, нишон дод, ки занон сохтори семантикии матнро тезтар ҳис мекунанд ва тасвирҳои бавуҷудовардаи онҳо алоқамандии бештарро нишон медиҳад. Занон мекӯшиданд, ки матни аслиро то ҳадди имкон барқарор кунанд ва мардон бошанд, баръакс, кӯшиши аз нав сохтани мазмуни матнро мекарданд. Матнҳои мардона нисбат ба матнҳои занона аз стандарт хеле дуранд. Дар мардон, хусусиятҳои ҳукмронӣ дар арзёбӣ дида мешуд, дар занон бошад, танҳо эҳсосот. Бояд қайд кард, ки маълумотҳои таҷрибавӣ, ки дар таҳқиқоти гуногун ба даст омадаанд, ба ҳам мухолифанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки аз як тараф, оид ба такмил додани усулҳои таҳқиқот ва аз ҷониби дигар, ба гузоштани як қатор параметрҳо фирку андешаронӣ намоем. Эҳтимол, ҳамаи ин чизҳои дар боло овардашуда сабаби рафтори мухталифи гуфтугӯи мардон ва занон мебошанд. Ин параметрҳои мухталифшаванда дар синну сол, сатҳи маълумот, мақоми иҷтимоӣ ва вазъи иртиботӣ дида мешаванд.

Инчунин, таваҷҷуҳ ба он далел ҷалб карда мешавад, ки муҳаққиқоне, ки нутқи гендериро меомӯзанд, калимаҳои "мард" ва "зан"- ро истифода мебаранд, пас хусусиятҳои нутқе, ки ба ашхоси як ҷинс ё дигар гурӯҳ мансубанд, табиӣ мебошанд. Эҳтимол меравад, ки чунин гузариши мавзӯъҳо хусусияти танҳо занҳо нест ва ба ҳайси як ҷинси муайян дахлдор шуда наметавонад, балки бо робитаи иҷтимоӣ, оила ва ғайра вобастагӣ дорад.

Дар ҳар сурат, тамоми таҳқиқоте, ки ба муайян кардани хусусиятҳои хосси нутқи мардона ва занона бахшида шудаанд, маълумоти асоснокгардидаи воқеие надоранд, ки ба мо имкон диҳанд, то дар бораи хусусиятҳои хосси сухани мардона ва занона хулосаи қавӣ ва муътамад барорем. Дар ҷамъбасти баррасии умумии рафтори нутқи мардон ва занон, бояд қайд кард, ки ҳар як шахси гуфтугӯкунанда (шахсият) ба як қатор омилҳо таъсир мерасонад. Муҳимтар аз ҳама инҳоянд:

1) гендери маърӯзачиро на ҳамчун гендери биологӣ, балки ҳамчун нақши иҷтимоӣ бояд фаҳмид, яъне, мард (зан) будан ва амалҳои муайянеро вобаста ба ин иҷро кардан;

2) занон ба санадҳои воқеии суханронӣ бештар хоссанд; онҳо осонтар, тезтар нақшҳоро дар амали иртибот иваз мекунанд. Мардон бошанд, бо душвориҳои зиёд мавзӯи баррасишавандаро зери шубҳа мегузоранд ва ба мулоҳизаҳое, ки ба онҳо марбут нестанд, посух намедиҳанд;

3) ҳамчун далел, занон аксар вақт мисолҳои парвандаҳои мушаххасро аз таҷрибаи шахсӣ ё муҳити атроф меоваранд;

4) муҳаққиқон дар полифонияи суҳбат онро мушоҳида менамоянд, ки мардон одатан дар раванди суханронии занон дахолат карда, сухани онҳоро мешикананд. Ҳамзамон, дахолати мардҳо дар суҳбати мардона тавассути муошират (гуфтугӯи шифоҳӣ) боз ҳам душвортар ба назар мерасад;

5) дар суханронии мардон истилоҳот, хоҳиши дақиқ будани номинатсияҳо, таъсири қавии омили касбӣ, тамоюли истифодаи воситаҳои стилистикӣ коҳиш ёфтааст ва бештар суханҳои дағалу қабеҳ истифода мешаванд. Бале, ин амалан намоён аст: таҳқирро дар муҳити ҷинсии зану мард шунидан мумкин аст. Аммо дар гурӯҳҳои омехта истифодабарии чунин алфозҳои қабеҳ одатан камтар ба гӯш мерасад;

6) дар нутқи занҳо вожаҳои эҳсосотӣ ва нидоҳои зиёд ба монанди: ***Оҳ! Оҳ! Хуб!*** ва ғайра мушоҳида карда мешаванд;

7) майдонҳои ҷамъиятӣ дар рафтори суханронии мардон ва занон бо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт алоқаманданд: варзиш, шикор, касб, соҳаи ҳарбӣ (барои мардон) ва табиат, ҳайвонот, олами ҳамарӯзаи атроф (барои занон). Аммо, барои чунин баҳс миқдори зиёди мавод ҳанӯз кор карда нашудааст, зеро он кофӣ ва боварибахш нест. Таҷрибаи ҳаёти мо дар муошират бо ҳамкасбон нишон медиҳад, ки дар фазои ғайрирасмӣ, махсусан дар ҷинси занона суҳбат дар бораи масъалаҳои касбӣ ва ҳолату ҳодисаҳое, ки танҳо ба кору фаъолияти онҳо дахл дорад, равона карда шудааст;

8) дар нутқи занон воҳидҳои луғавии тобишҳои маъноидошта бештар дида мешаванд. Дар нутқи мардон бошад, услубан вожаҳои эҳсосотӣ камтаранд. Занон бисёртар фикру мулоҳизаҳои мусбатро дар раванди суханронӣ ба забон меоранд. Мардон одатан вожаҳои мазмуни манфидошта ва услубан тобиши маъноӣ надоштаро истифода мебаранд:

- занон аксар вақт ба исмҳои ҷудогона муроҷиат мекунанд;
- дар суханронии занон шаклҳои бештар мулоимӣ ва изҳорот дар шакли саволҳо мавҷуданд;
- занон беҳтар гӯш карда таваҷҷуҳи худро ба мушкилоти ҳамсуҳбат равона мекунанд;
- онҳо ба хислатҳои инсондӯстӣ бештар аҳаммият дода, ба нутқи ҳамсуҳбат эҳтиром зоҳир мекунанд.

Ҳангоми ҷамъбасти таҳқиқот чунин хулоса мебарорем, ки аҳаммияти хусусиятҳои забон, воситаҳои экспрессивии он барои мафҳуми гендер ва соҳаҳои семантикии ба онҳо хос муҳим аст. Таҳлили сохтории забон, ки бо омилҳои гендерӣ алоқамандии зич дорад, ба муҳаққиқон натиҷаҳоеро фароҳам овард, ки дар раванди муносибати гендерии одамон воҳидҳои луғавии махсуси гендерӣ ба вуҷуд омад, ки ҳам аз ҷиҳати услуб ва ҳам аз рӯйи сохту мазмун аз ҳамдигар фарқ дорад. Муҳаққиқон ба натиҷае омаданд, ки нутқи зан ба куллӣ аз нутқи мард бо хусусиятҳои гендерӣ тафовут дорад ва ин хусусиятҳои фарқкунанда дар натиҷаи таъсири ҷомеа ба инсон, яъне дар кадом самт кору фаъолият доштани онҳо ба назар мерасад. Инсон дар байни забон ва фарҳанг ҳамчун омили пайвандкунанда ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, дар замони муосир, дар тамоми самтҳои ҷомеа, ҳамаи лавозимоти рӯзгори одамон ба занона ва мардона ҷудо шудаанд. Аммо дар даҳсолаҳои охир, дар робита бо равандҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа рух медиҳанд, тамоюли тағйири гендерӣ дар забон ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки фаъолияти сиёсиву иҷтимоии занон ба сохтори муносибатҳои гендерии забон тадриҷан таъсир мерасонад. Бартараф кардани стратификатсияи гендерӣ аз баррасии муносибати ҷомеа ба занон ва муносибатҳои гендерӣ вобаста аст. Агар чунин кор сурат гирад, албатта, дар забон таъсираш инъикос хоҳад ёфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Вейлерт А.А. О зависимости количественных показателей языка от пола говорящего лица / А.А. Вейлерт // Вопросы языкознания. - 1976. - № 5. - С.138-143.
2. Гомон Т. Исследование документов с деформированной внутренней структурой: дис... канд... юрид.наук / Т. Гомон. - М., 1990.
3. Горошко Е. Тендерная проблематика в языкознании / Е.Горошко. - М., 2002.
4. Земская Е.А. Особенности мужской и женской речи / Е.А. Земская, М.А. Китайгородская, Н.Н. Розанова // Русский язык в его функционировании. – М.: Наука, 1993. - С.90-136.
5. Каменская О.Л. Текст и коммуникация: учеб. пособие для инст. и фак.- тов иностр. яз. / О.Л. Каменская. - М.: Высшая школа, 1990. - 152 с.
6. Карасик В.И. Язык социального статуса / В.И. Карасик. - М., 1992.

7. Карташкова Ф.И. Невербальные компоненты коммуникации, отражающие эмоции мужчин и женщин / Ф.И. Карташкова, В.В. Ганина, О.Н. Гудкова // Тендер: язык, культура, коммуникация. - М.: МГЛУ, 2002. - С.55-56.
8. Крючкова Т.Е. Некоторые экспериментальные исследования особенности использования русского языка мужчинами и женщинами. Проблемы психолингвистики / Т.Е. Крючкова; под. ред. Ю.А.Сорокина и А.М. Шахнаровича. - М., 1975. - С.186-199.
9. Ларина Т.В. Категория вежливости и стиль коммуникации: Сопоставление английских и русских лингвокультурных традиций / Т.В. Ларина. – М.: Языки славянских культур, 2009. – 512 с.
10. Мошинская Л.Р. Влияние половозрастных особенностей субъекта на процесс вербального коммуникации / Л.Р. Мошинская // Тезисы VI всесоюзного симпозиума по психолингвистике и теории коммуникации. - М., 1978.
11. Рыжкина О.А. Психо - и социолингвистический анализ языкового портрета горожанина / О.А. Рыжкина, Л.И. Реснянская // Живая речь уральского города. - Свердловск, 1988. – С.39-47.
12. Stoller, Robert. Sex and Gender: On the Development of Masculinity and Femininity. Science House / Robert Stoller. - New York City, 1968. - 383 p.

ИФОДАИ МУНОСИБАТҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТАСВИРИ ЗАБОНШИНОСИИ ҶАҲОН

Мақолаи мазкур оид ба мухталиф будани муносибатҳои гендерӣ нигошта шуда, нақши гендерро дар тасвири забоншиносии ҷаҳон таҳлилу баррасӣ менамояд. Гендер ё ин ки ҷинси иҷтимоию фарҳангии шахс, хусусиятҳои инфиродии инсонро ташкил медиҳад. Он бо хусусиятҳои биологӣ ва анатомии одамон зич омехта аст, ки ин меъёрнокиро асоснок мекунад. Албатта, шуури инсон дар нигоҳ доштан ва рушди системаи гендер нақши асосиро мебозад. Ташаккули шуури гендерии одамон (шахсони алоҳида) бо роҳи паҳн кардан, нигоҳ доштан, фаъолияти стереотипҳо, меъёрҳо, қоидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки ҷомеа онҳоро вайрон мекунад, ба вуҷуд меояд. Дар мақола инчунин як қатор таҳқиқоти олимон оварда шудаанд, ки фарқияти омилҳои гендериро дар матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ нишон медиҳанд. Инчунин мулоҳиза карда шуд, ки занон луғати бой, имлои озод ва пурмазмун доранд. Дар суханронии мардон муҳаққиқон зуд-зуд пайдоиши сифатҳо, исмҳо, исмҳои абстрактиро муайян карданд. Суханронии онҳо мухтасар ва аз лиҳози фонди луғавӣ на он қадар мисли нутқи занҳо бой буд. Дар таҳқиқот инчунин маълум гардид, ки занон одатан ба самти филологӣ такя мекунанд ва мардон бошанд ба илмҳои дақиқ. Олимони забоншинос занонро «филолог» ва мардонро «физик» номгӯӣ карданд. Аз ин лиҳоз, сабаби мухталиф будани сохту мазмуни суханронии мардон ва занонро дар касбу кори онҳо мебинанд.

Калидвожаҳо: тасвири ҷаҳон, забоншиносӣ, тасвири забоншиносии ҷаҳон, гендер, зан, мард, омилҳои гендерӣ, ҷомеа, фарҳанг, матнҳои хаттӣ, одоби суханронии занон ва мардон, муносибати гендерӣ.

ВЫРАЖЕНИЕ ГЕНДЕРНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ЯЗЫКОВОЙ КАРТИНЕ МИРА

Эта статья рассматривает разнообразие гендерных отношений и анализирует роль гендера в языковой картине мира. Гендер, или социокультурный пол человека, составляют индивидуальные человеческие свойства. Он тесно переплетен с биологическими и анатомическими особенностями человека, что оправдывает его нормативность. Конечно, человеческий разум играет основную роль в поддержании и развитии гендерной системы. Формирование гендерного сознания у людей (индивидов) происходит путем распространения и сохранения деятельности стереотипов, норм, социальных и культурных правил, которые нарушает общество. В статье также приводится ряд исследований ученых, которые раскрывают различия гендерных факторов в письменных и устных текстах. Также предположительно было высказано то, что женщины обладают богатым словарным запасом, свободной и весьма содержательной дикцией. Исследователи определили, что в речи мужчин очень часто встречаются прилагательные, существительные и абстрактные существительные. Их речь была короткой, конкретной и, с точки зрения словарного запаса, не такой богатой, как женская речь. Исследование также показало, что женщины обычно склонны к филологическим направлениям, а мужчины – к точным наукам. Лингвисты называют женщин "филологами", а мужчин - "физиками". Поэтому причину разной структуры и содержания речи мужчин и женщин видят в разотличий их профессий.

Ключевые слова: картина мира, лингвистика, языковая картина мира, гендер, женщина, мужчина, гендерные факторы, общество, культура, письменные тексты, речевой этикет женщин и мужчин, гендерные отношения.

EXPRESSION OF GENDER RELATIONS IN THE LINGUISTIC VIEW OF THE WORLD

This article examines the diversity of gender relations and analyzes the role of gender in the linguistic picture of the world. Gender, or sociocultural sex of a person, constitutes individual human properties. It is closely intertwined with the biological and anatomical characteristics of a person, which justifies normativity. Of course, the human mind plays a major role in maintaining and developing the gender system. The formation of gender consciousness in people (individuals) occurs through the dissemination and preservation of the activity of stereotypes, norms, social and cultural rules that society violates. The article also provides a number of studies by scientists that reveal differences in gender in written and oral texts. It was also supposedly expressed that women have a rich vocabulary, free and very meaningful diction. Researchers have determined that adjectives, nouns and abstract nouns are very common in men's speech. Their speech was short, specific and, in terms of vocabulary, not as rich as women's speech. The study also showed that women are generally inclined towards philology, while men tend towards the exact sciences. Linguists call women "philologists" and men "physicists." Therefore, the reason for the variety of structure and content of speech of men and women is seen in the variety of their professions.

Key words: view of the world, linguistics, linguistic view of the world, gender, woman, man, gender factors, society, culture, written texts, speech etiquette of women and men, gender relations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Камолова Сабоҳат*** – Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо ва илмҳои гуманитарӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Назаршоев, 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

Сведения об авторе: ***Камолова Сабохат*** - Филиал Национального исследовательского технологического университета «МИСиС», кандидат филологических наук, доцент кафедры языков и гуманитарных наук. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Назаршоева, 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

Information about the author: ***Kamolova Sabokhat*** – Branch of the National Research Technological University "MISiS", candidate of philological sciencies, senior lecturer of the Department of Languages and Humanitarian sciences. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nazarshoeva Str., 7. E-mail: **sabokhat1970@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-00-70-97; (+992 37) 222-20-00**

УДК: 4

ХУСУСИЯТҲОИ ИСМӢ ВА ФЕЪЛИИ ГЕРУНДИЙИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА МУОДИЛҲОИ ТОҶИКИИ ОН

Сабуров А.С.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Гафуров

Ҳамчун маълумоти умумӣ метавон гуфт, ки герундий шакли ғайритасрифии феъл буда, ба забони англисӣ хос мебошад ва дар ин бора олимон фикру ақидаҳои гуногун доранд. Аз он ки дар забони тоҷикӣ герундий вуҷуд надорад он ба забони тоҷикӣ бо роҳу воситаҳои гуногун тарҷума мешавад, яъне муодили хешро пайдо мекунад. Махсусан, бояд қайд намуд, ки герундий хусусиятҳои исмӣ ва феълӣ дошта метавонад дар ҷумла қисман вазифаҳои грамматикии онҳоро иҷро намояд.

Гуфтан ба мавриди аст, ки герундий чун исм мафҳуми предметро ифода менамояд ва дар таркиби ҷумла ба вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ чун **мубтадо**, **пуркунанда** ва **қисми номии хабар** рӯйи кор меояд. Инчунин, герундийро метавон ба вазифаҳои **муайянкунанда** ва **ҳол низ** истифода бурд, аммо дар ин ҳолат он ҳамеша хусусияти номии худро нигоҳ медорад ва пеш аз он пешояндҳои гуногун вобаста аз рӯйи маъно истифода мешаванд, ки нишонаҳои формалии он ба шумор мераванд. Ҳамаи ин гуфтаҳои болоро метавон дар мисолҳои зерин мушоҳида кард: **Conciliating** the government will do no good [4, с.92] – **Оштӣ додани** Ҳукумат ягон манфиате намеорад. I insist of Mary's **going** there [5, с.274] – Ман ба он ҷо **рафтани** Мериро талаб менамоям. Her aim is **mastering** English in the shortest time possible [5, с.271] - Ҳадафи вай дар кӯтоҳтарин муддат **омӯхтани** забони англисӣ аст. Аз мисолҳои дар боло овардашуда метавон ба хулосае омад, ки дар мисоли якум герундий "**Conciliating**" дар ҷумла ба вазифаи мубтадо рӯйи кор омадааст ва муодили тоҷикии он масдари таркибии "**Оштӣ додан**" мебошад, ки он ҳам дар ҷумла вазифаи мубтадоро иҷро кардааст. Дар мисоли дуюм мебинем, ки герундий "**going**" ба вазифаи пуркунанда рӯйи кор омадааст ва муодили тоҷикии он масдари "**рафтан**" аст, ки он шакли фоилии масдари забони тоҷикӣ буда дар таркиби ҷумла ба вазифаи пуркунанда рӯйи кор омадааст. Дар мисоли сеюмин бошад герундий "**mastering**" вазифаи хабарро иҷро карда муодили тоҷикии он масдари соддаи "**омӯхтан**" мебошад, ки он дар ҷумла ба вазифаи қисми номии хабар рӯйи кор омадааст.

Чунон ки дар боло зикр намудем, герундий дар таркиби ҷумла метавонад ба вазифаи синтаксисии **ҳол** ва **муайянкунанда** истифода шавад, ки дар ин ҳолат ҳамеша пеш аз герундий пешояндҳои гуногун истифода мешаванд: He also has a habit **of spitting** in the street [7, с.57] – Ӯ ҳамчунин одати дар кӯча **туф кардан** дорад. But **on reaching** his cousin's house he found that only Thomasin was at home [10, с.410] - Аммо **ҳангоми расидан** ба хонаи амакбачааш ӯ фаҳмид, ки он ҷо танҳо Томасин буд. Дар ин ду мисолҳои боло ҳам умумият ва ҳам фарқият ба назар мерасад. Умумият дар он аст, ки ҳардуи ин мисолҳо дар забони англисӣ пеш аз худ пешояндҳо қабул кардаанд, яъне пешояндҳои **"of "** ва **"on"** лекин фарқият ин аст, ки дар мисоли якум герундий "**spitting**" бо пешоянди **"of "** ба забони тоҷикӣ тавассути масдари таркибии **"туф кардан"** тарҷума шуда ба вазифаи муайянкунанда рӯйи кор омадааст. Дар мисоли дуюм бошад герундий "**reaching**" бо пешоянди **"on"** пайи ҳам омада дар забони тоҷикӣ чун масдари таркибӣ, яъне **"ҳангоми расидан"** тарҷума шуда вазифаи ҳоли замонро иҷро кардааст.

Бобати хусусиятҳои феълии герундий метавон ҳаминро қайд намуд, ки он дорои шаклҳои перфективу ғайриперфектӣ ва категорияи самти феълӣ буда, метавонад шаклҳои фоил ва мафъул дошта бошад. Ҳамаи ин хусусиятҳои фавқуззикр аз ҳам куллан фарқ доранд, ки онҳоро дар алоҳидагӣ шарҳ хоҳем дод: Jolyon stood a moment **without speaking** [5, с.269] - Ҷойлон лаҳзае **сухан нокарда** истод. **Moving** to a nearby chair the young girl seated herself. [8, с.35] - Ба курсии наздиктарин **рафтаистода** духтараки ҷавон худаш нишаст. Ин мисолҳои дар боло овардашударо, ки хусусиятҳои феълии герундийро инъикос менамоянд, метавон чунин таҳлил кард: дар мисоли якум герундий "**speaking**" бо пешоянди инкории **"without"** пайи ҳам омада дар ҷумла вазифаи ҳоли тарзро иҷро

кардааст. Дар забони тоҷикӣ бошад, герундий “**speaking**” бо пешоянди инкории **“without”** бо феъли ҳоли таркибӣ дар шакли инкорӣ, яъне **“сухан нокарда”** баробар гаштааст, ки он ҳам дар таркиби ҷумла ба вазифаи ҳоли тарз рӯйи кор омадааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад, герундий “**moving**” хусусияти феълии онро нишон дода ба вазифаи ҳоли тарз рӯйи кор омадааст, ки дар забони тоҷикӣ бо намуди давомноки феъли ҳоли таркибӣ, яъне **“рафтаистода ”** баробар мебошад, ки он ҳам ба вазифаи ҳоли тарз дар забони тоҷикӣ рӯйи кор омадааст. Аз ин ду мисол метавон ҳаминро хулоса кард, ки дар ҳардуи онҳо герундийи забони англисӣ ба вазифаи синтаксисии ҳоли тарз истифода гаштааст. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар мисолҳои фавқуззикр герундийи забони англисӣ дар шаклҳои **“without speaking**” ва “**moving**” дар забони тоҷикӣ бо феъли ҳоли таркибӣ дар намуди умуми **“сухан нокарда”** ва намуди давомноки **“рафтаистода”** баробар гаштааст, ки ҳардуи он ҳам дар забони тоҷикӣ ба вазифаи ҳоли тарз рӯйи кор омадаанд. Аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки чи герундийи забони англисӣ ва чи **ҳоли феъли** таркибии забони тоҷикӣ дар ҷумлаҳои фавқуззикр вазифаи синтаксисии ҳоли тарзро иҷро кардаанд, яъне аз лиҳози вазифаҳои синтаксисиашон бо ҳам мутобиқат гардидаанд.

Тавре ки дар боло зикраш рафта буд, герундийи забони англисӣ ҳамчун феъл метавонад шаклҳои перфективу ғайриперфектӣ дошта бошад. Ҳоло бошад ба таҳлили ин шаклҳо мегузарем, ки байни ҳам чӣ фарқиятҳои махсус доранд. Дар ин бобат бояд қайд намуд, ки шаклҳои перфектӣ ва ғайриперфектии герундий якчанд хусусиятҳои аз ҳам фарққунанда доранд, ки ин хусусиятҳоро мо метавонем чи дар шакл ва чи дар мазмун дида бошем. Агар шакли ғайриперфектии герундий аз асоси масдар бо ҳамроҳ кардани пасванди **"ing"** сохта шавад, пас шакли перфектии он ба воситаи ба феъли ёвари **“have”** ҳамроҳ кардани пасванди **“ing”** ва **Participle II** сохта мешавад. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло метавон ҷумлаҳои зеринро таҳлил кард, ки байни ҳам чӣ фарқиятҳову умумиятҳо доранд: He **went** out **slamming** the door [2, с.80] - Ӯ дарро **сахт зада** ба берун баромада **рафт. On reachng** the bedroom we **heard** the voice of Miss. Scatcherd [5, с.271] – **Ҳангоми** ба хонаи хоб **расидан** мо овози хонума Скатчердро **шунидем**. He **was conscious** of **having acted** very fairly [5, с.269] - Ӯ **медонист**, ки хело одилона **рафтор кардааст**. **Having accomplished** the purpose of his visit, he **arose** [8, с.57] - Ҳадафи сафари худро **иҷро карда**, **бархост**.

Мисолҳои дар боло овардашударо метавон чунин шарҳ дод: дар мисолҳои якум ва дуюм герундийи **“slamming”** ва герундийи “**reachng**”, ки бо пешоянди **“on”** омадаанд, шакли ғайриперфектии герундий буда, дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии ҳол истифода шудаанд, яъне дар мисоли аввал **“slamming”** вазифаи ҳоли тарз ва дар мисоли дуюм бошад “**reachng**” як ҷо бо пешоянди **“on”** вазифаи ҳоли замонро иҷро кардаанд. Муодилҳои тоҷикии онҳо бошад феъли ҳоли таркибии “**сахт зада**” ва масдари таркибии “**ҳангоми расидан**” мебошад, ки дар ҷумла яке ба вазифаи ҳоли тарз ва дигаре ба вазифаи ҳоли замон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки дар мисолҳои якум ва дуюм герундийи **“slamming”** ва герундийи “**reaching**” бо пешоянди **“on”** амалҳоеро ифода намудаанд, ки бо дигар амали дар ҷумла ифодагашта дар як вақт иҷро шудаанд, яъне дар мисоли якум бо баробари герундийи **“slamming”** замони гузаштаи феъли нодурусти **“to go”** дар шакли **“went”** амалеро ифода кардааст, ки бо амали бо герундийи **“slamming”** ифодаёфта дар як вақт иҷро шудааст ва байнашон қаблият дида намешавад. Дар мисоли дуюм бошад, феъли нодурусти **“to hear”** дар шакли **“heard”** амалеро иҷро кардааст, ки бо амали тавассути герундийи “**reaching**” бо пешоянди **“on”** ифодагашта ҳамзамон, яъне дар як вақт иҷро шудаанд. Бояд гуфт, ки муодилҳои тоҷикии онҳо, яъне феъли ҳоли таркибии “**сахт зада**” ва масдари таркибии “**ҳангоми расидан**” дар ҷумла амалҳоеро иҷро намудаанд, ки бо амалҳои тавассути феъли **“рафтан”** дар замони гузаштаи содда “**рафт**” ва феъли **“шунидан”** дар замони гузаштаи содда “**шунидем**” ифода гашта дар як вақт иҷро шудаанд ва байнашон қаблият дида намешавад.

Мисолҳои сеюм ва чаҳоруми дар боло овардашуда бошад аз мисолҳои якумину дуюмин куллан фарқ мекунанд, яъне дар онҳо герундий дар шакли перфектӣ рӯйи кор омадааст, ки ин мисолҳоро метавон чунин шарҳ дод: дар мисоли сеюм “**having acted**” шакли перфектии герундий буда, дар ҷумла вазифаи синтаксисии пуркунандаи бевоситаро иҷро кардааст, ҳамчунин дар ҷумла боз як амали дигаре ҳаст, ки он пас аз иҷро шудани амали “**having acted**” ба вуқӯъ омадааст ва ин ҳам бошад, ҳолати бо замони гузаштаи **“to be conscious”** дар шакли **“was conscious”** ифодагашта мебошад. Тавре мебинем, байнашон қаблият вуҷуд дорад ва аз ин худи контекст шаҳодат медиҳад. Дар мисоли чаҳорум бошад “**having accomplished**” шакли перфектии герундий буда, дар ҷумла вазифаи синтаксисии хабарро иҷро кардааст ва қабл аз амали бо феъли нодурусти **“to arise”** дар замони гузашта **“arose”** ифодагашта ба вуқӯъ омадааст, яъне байнашон қаблият дида мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад муодили “**having acted**” масдари таркибии **“рафтор кардан”** мебошад, ки он ҳам дар ҷумла ба вазифаи пуркунандаи бевосита рӯйи кор омадааст. Дар мисоли чаҳорум бошад муодили тоҷикии “**having accomplished**” сифати феълии замони гузаштаи **“иҷро**

карда” мебошад, ки он дар ҷумла вазифаи синтаксисии хабарро иҷро кардааст. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки герундийи забони англисӣ ва муодилҳои тоҷикии он дар шакли ғайриперфектӣ амалеро ифода менамоянд, ки бо амали дигари дар ҷумла ифодагашта дар як вақт иҷро шудаанд ва ё мешаванд, яъне байнашон қаблият дида намешавад. Шакли перфектии герундийи забони англисӣ ва муодилҳои тоҷикии он бошад амалеро ифода менамоянд , ки он қабл аз амали дигари дар ҷумла ифодагашта иҷро гаштааст ва аз ин рӯ байнашон қаблият дида мешавад. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи феълии герундий дар он аст, ки он дорои категорияи самти феълӣ буда, метавонад дар шакли фоиливу мафъулӣ истифода шавад. Шаклҳои мафъулии герундий аз шакли фоилиаш куллан фарқ дорад, ки инро метавон дар сохт ва маъно шоҳид гашт. Агар герундийи фоили ғайриперфектӣ аз асоси масдар бо илова кардани пасванди **“ing”** сохта шавад, пас шакли мафъулии он тавассути феъли ёвари **“to be”** дар шакли **“be”**, пасванди **“ing”** ва **Participle II** -и феъли мустақилмаъно таркиб меёбад. Герундийи перфектӣ низ дорои шаклҳои фоил ва мафъул мебошад, ки агар шакли фоилиаш тавассути ба феъли ёвари **“have”** ҳамроҳ кардани пасванди **“ing”** ва **Participle II** -и феъли мустақилмаъно сохта шавад, пас шакли мафъулиаш тавассути ба феъли ёвари **“have”** ҳамроҳ кардани пасванди **“ing”**, феъли ёвари **“to be”** дар шакли **“been”** ва **Participle II** -и феъли мустақилмаъно сохта мешавад: I hate **being bothered** with silly questions [3, с.248] - Тоқат надорам, ки маро бо саволҳои бемаънӣ **ташвиш диҳанд.** Tom keeps in his mind the possibility of their having **been tempted** into that region [3, с.249] - Том эҳтимоли ба он минтақа **мафтун шуданашонро** дар хотир дорад.

Дар мисолҳои боло герундий дар шакли мафъулӣ истифода шудааст, яъне дар мисоли якум ҷонишини шахсии **“I”** объекти амали **“being bothered”** буда, амали бо он ифодагашта ба **“I”** равона карда шудааст. Ҳамчунин муодили тоҷикии шакли мафъулии герундийи **“being bothered”,** яъне **“ташвиш диҳанд”** дар забони тоҷикӣ феъли таркибӣ дар шакли фоили буда ба вазифаи хабар рӯйи кор омадааст, вале дар забони англисӣ бошад **“being bothered”** тавре шоҳид гаштем, шакли мафъулии герундий буда ба вазифаи на хабар, балки пуркунанда омадааст. Дар мисоли дуюм бошад, **“having been tempted”** ин тарзи мафъулии герундий дар шакли перфектӣ мебошад, ки амали ифодакардаи он ба ҷонишини соҳибии **“their”** равона карда шудааст, яъне объекти он ҷонишини соҳибии **“their”** мебошад. Муодили тоҷикии **“having been tempted”** масдари таркибии номии “**мафтун шудан”** мебошад, ки он дар ҷумла вазифаи пуркунандаро иҷро кардааст. Ҳаминро низ махсусан қайд менамоем, ки муодилии англисии “**мафтун шудан”,** яъне **“having been tempted”** ҳам дар ҷумла вазифаи пуркунандаро иҷро кардааст.

Герундий ҳамчунин метавонад дар ҷумла бо ҷонишинҳои соҳибӣ дар падежи умумӣ ва ё исм дар падежи соҳибӣ як ҷо омада созмони мураккаби грамматикиро ташкил кунад ва ба вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ истифода гардад: **Jim’s coming** to that fishing village was a blessing **[5, с.275] -** Ба он деҳаи моҳипарварӣ **омадани Ҷим** кори хуб буд. He found **her watering** some plants **[8, с.335] -** Ӯ **вайро** ҳангоми ба баъзе растаниҳо **об доданаш** дарёфт. Дар мисоли якум “**Jim’s coming**” гуфтаи болоиро тасдиқ менамояд, яъне **“Jim”** исм буда он бо герундийи “**coming**” дар падежи соҳибӣ, дар шакли “**Jim’s coming**” омадааст ва ҳарду якҷо вазифаи синтаксисии мубтадои мураккабро иҷро кардаанд. Муодили тоҷикии “**Jim’s coming**” бошад **“омадани Ҷим”** мебошад ва он ҳам дар ҷумла вазифаи мубтадоро иҷро кардааст. Дар мисоли дуюм бошад “**her watering**” созмони мураккаби Герундий бо ҷонишини соҳибӣ мебошад, ки инҷо “**watering**” герундий буда, **“her”** ҷонишини соҳибӣ мебошад ва ҳарду якҷо вазифаи синтаксисии ҳоли замонро иҷро кардаанд. Муодили тоҷикии он “**об доданаш**” мебошад, ки масдари таркибӣ дар падежи соҳибӣ мебошад ва якҷо бо ҷонишини **“вай”** вазифаи синтаксисии ҳоли замонро иҷро кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С., Штелинг Д.А. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - М: Высшая школа, 1973. – 424 с.
2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1956. – 232 с.
3. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 239 с.
4. E.L. Voynich. The Cadfly, 4th edition, Foreign languages publishing House / Voynich E.L. – Moscow, 1958. – 335 с.
5. Ganshina, M.A. English Grammar / M.A.Ganshina, N.M. Vasilevskaya. – M.:
6. Higher School Publishing house, 1964. – 644 с.
7. Khaimovich, B.S. A course in English Grammar / B.S.Khaimovich, B.I.Rogovskaya.-M.:Vishaya shkola, 1967. – 298 с.
8. Liz and John Soars. New Headway Advanced Student’s book. - Oxford University Press, 2012. – 160 с.
9. Theodore Dreiser, Jennie Gerhardt. Progress Publishers. – Moscow, 1972. – 357 с.
10. Theodore Dreiser. Will you walk in to my Parlor?. – Moscow: foreign Languages publishing House, 1956. – 61 с.
11. Thomas Hardy. The return of the Native. First publication. - Published in the Penguin English library 1978.-483 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ИСМИ ВА ФЕЪЛИИ ГЕРУНДИЙИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА МУОДИЛҲОИ ТОҶИКИИ ОНҲО

Мақола ба хусусиятҳои асосии герундий, яъне хусусиятҳои исмӣ ва феълии он ва муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Герундий, ки чун исм ва феъл вазифаҳои гунонуни синтаксисиро дар ҷумла

ичро менамояд, яке аз масъалаҳои баҳсноки забоншиносии муосир маҳсуб меёбад. Дар мақола сарчашмаҳо аз адабиётҳои гуногун истифода шуда, мисолҳо бо муодилҳои тоҷикиашон якҷо таҳлил карда шудаанд. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар мақола хусусиятҳои исмӣ ва феълии герундий дар алоҳидагӣ таҳлил карда шудааст. Дар асоси таҳлили мисолҳо ва муқоисаи онҳо дар ду забон метавон ба хулосае омад, ки герундий чун исм дар ҷумла мафҳуми предметро ифода намуда ба вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ ба монанди: мубтадо, пуркунанда, қисми номии хабар, муайянкунанда ва ҳол рӯйи кор меояд, ки дар ин ҳолат байни герундий ва муодилҳои тоҷикии он ҳам умумият ва ҳам фарқият дида мешавад. Аз таҳлили мисолҳо дидан мункин аст, ки герундий чун феъл дорои шаклҳои фоилу мафъул мебошад ва метавонад дар шакли пефективу ғайриперфектӣ истифода шавад. Бояд қайд намуд, ки амали тавассути шакли перфектии герундий ифодагашта қабл аз амали дигар дар замони гузашта иҷро мешавад. Аз муодилҳои тоҷикии герундий метавон хулоса кард, ки он ба забони тоҷикӣ бештар тавассути масдари содда, масдари таркибӣ, масдари феълӣ, феъли ҳоли таркибӣ ва феъли таркибӣ тарҷума шуда вазифаҳои гуногуни ситаксисиро иҷро мекунад. Гуфтан ҷоиз аст, ки герундий ҳамчунин метавонад бо исм дар падежи соҳибӣ ва ҷонишинҳои соҳибӣ дар падежи умумӣ созмонҳои мураккаби грамматикиро ташкил намояд. Бояд гуфт, ки ҳамчун феъл герундий шаклҳои оянда ва давомдор надорад ва ба шахсу шумораҳо тасриф намешавад барои он ки шакли ғайритасрифии феъл ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: герундий, масдар, феъл, исм, шакли перфектӣ, шакли ғайриперфектӣ, шакли фоил, шакли мафъул, мубтадо, қисми номии хабар.

ГЛАГОЛЬНЫЕ И СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ ПРИЗНАКИ ГЕРУНДИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА И ИХ СООТВЕТСТВИЕ В ТАКЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена основным характеристикам герундия, особенно его существительным и глагольным признакам, а также их соответствиям в таджикском языке. Герундий, который как существительное и глагол выполняет разные синтаксические функции в предложении, считается одной из дискуссионных проблем современной лингвистики. В статье использованы различные литературные источники, и примеры рассмотрены с их таджикскими соответствиями. Следует также отметить, что в статье отдельно обсуждались существительные и глагольные признаки герундия. По обсуждению примеров и их сравнения в двух языках можно прийти к выводу, что как существительное герундия выражает понятия объекта в предложении и выполняет различные синтаксические функции, такие как: подлежащие, дополнение, именное сказуемое, определение и обстоятельство и в этой ситуации между герундием и его таджикскими соответствиями можно заметить общность и различие. Из обсуждения примеров видно, что как глагол герундия имеет активные и пассивные формы, а также может использоваться в совершенных и несовершенных формах. Следует отметить, что действие выраженное через совершенную форму герундия, происходит перед другим действием в прошлом. Из таджикских соответствий герундия можно сделать вывод, что в таджикском языке он переводится через простой инфинитив, составной инфинитив, глагольный инфинитив, составной глагольное обстоятельство, составной глагол и выполняет различные синтаксические функции. Надо сказать, что герундий также может образовывать сложную грамматическую структуру с существительным и местоимением в притяжательном падеже. Следует также отметить, что как глагол герундия не имеет будущих или непрерывных форм и не спрягается по лицам и числам, потому что он называется неопределённой формой глагола.

Ключевые слова: герундий, инфинитив, глагол, имя существительное, совершенная форма, несовершенная форма, активная форма, пассивная форма, подлежащие, именное сказуемое.

NOUN AND VERB CHARACTERISTICS OF THE ENGLISH GERUND AND THEIR TAJIK EQUATIONS

The article is devoted to the main characteristics of the gerund, especially its noun and verb characteristics and their equations in the Tajik language. Gerund that as noun and verb does different syntactical functions in the sentence is considered one of the controversial problems of the modern linguistics. In the article were used different literatures and examples were discussed together with their Tajik equations. According discussion of the examples and their comparison in two languages can come to conclusion that as noun gerund expressing the concept of the subject is used in the sentence to do different syntactical functions such as: subject, object, nominative part of the predicate, attribute and adverbial modifier and in this situation between gerund and its Tajik equations can be seen both similarity and difference. From discussion of the examples it is obvious that as verb gerund has perfect and non-perfect forms and also can be used in active and passive forms. It should be noted that action expressed by perfect form of the gerund always takes place before another action in the past. From Tajik equations can makes conclusion that gerund is translated into Tajik language through simple infinitive, compound infinitive, verbal infinitive, compound verbal adverbial modifier, compound verb and does different syntactical functions. It ought to be said that together with noun and pronoun in possessive case gerund can make compound grammatical structure. It should be also noted that as verb gerund doesn't have future or continuous forms and isn't conjugated into person and numbers because it's called the non-finite form of the verb.

Key words: gerund, infinitive, verb, noun, perfect form, non-perfect form, active form, passive form, subject, nominative part of the predicate.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сабуров Алишер Салоҳидинович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, унвонҷӯйи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: **alishkoniilm@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-98-10-42**

Сведения об авторе: ***Сабуров Алишер Салохидинович*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, соискатель кафедры перевода и грамматики английского языка факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **alishkoniilm@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-98-10-42**

Information about the author: ***Saburov Alisher Salohidinovich*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, researcher of the department of translation and English grammar attached to the faculty of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **alishkoniilm@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-98-10-42**

УДК: 811.111-4

УСЛУБИЁТИ ФОНЕТИКӢ ВА ВАСИЛАҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Орзуева П.Ҷ., Сайдалиева Г.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бояд зикр намоем, ки масъалаҳои услубии забон аз даврaҳои қадим мавриди таваҷҷуҳи ҳамагон буд. Ҳанӯз Аристотел назарияҳои услубиро оғоз намуда буд, ӯ аввалин шахсе буд, ки масъалаҳои услубиро муқоиса мекард ва андешаронӣ менамуд. *Style* аз калимаи юнонии *stilos* - "маҳорати дуруст истифода бурдани забон" маънидод шудааст.

Услубшиносӣ илмест дар бораи дуруст ва саҳеҳ истифода бурдани забон, соҳаи забоншиносӣ, принсипҳои дуруст истифода бурдани воситаҳои лексикӣ, грамматикӣ, фонетикии забон ҳангоми ифодаи андеша, эҳсосот дар ҳолатҳои гуногуни муошират.

Намудҳои гуногуни услуб мавҷуданд, аз он ҷумла, услуби забон, услуби нутқ, услуби адабӣ ва ғайраҳо.

Услуби забон услубҳои функсионалии забонро талқин менамояд, яъне хусусиятҳои ифшоӣ, эҳсосӣ, арзёбии воситаҳои гуногуни забонро нишон медиҳад. Услуби нутқ матнҳои алоҳидаро баррасӣ менамояд, ки дар он меъёрҳои грамматикӣ, услубӣ риоя карда шуда бошанд. Услубшиносӣ ҳадафҳои махсуси худро дорад [8, с.96]:

1) Таҳлили василаҳои мушаххаси забон дар мавриди мавҷуд будани гунанокии ифода, тавассути воситаҳои синонимӣ бо мақсади пуррагӣ ва саҳеҳии ифода: *we have closed a deal - finalized the transaction*.

2) Таҳлили воситаҳои ифода дар ҳама сатҳҳо (фонетикӣ, семантикӣ, синтаксисӣ).

3) Муайян намудани вазифаҳои функсионалӣ – мушаххас намудани вазифаҳои услубӣ, ҳадафҳои услубӣ, ки воситаҳои забон онро амалӣ менамоянд.

Услубшиносӣ ба гурӯҳҳои услуби забон (лингвостилистика) ва услуби адабӣ ҷудо мешавад.

Услуби забон, ки онро Ш.Балли асос гузоштааст, меъёрҳои умумимиллиро, ки хосси муоширати самтҳои гуногуни забон мебошад, аз он ҷумла лаҳҷаҳо ва мафҳумҳои гуногуни забониро аз нуқтаи назари ифода, дараҷаи ифода, эҳсосот ва ғайраҳо мушаххас менамояд [3, с.89].

Масъалае, ки дар услубшиносии муосир ба таври зарурӣ пеш рафта истодааст, услубшиносии муқоисавӣ мебошад, ки имконоти услубии ду забонро ба тари васеъ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Услуби адабӣ ифодаҳои адабиро, ки хосси асарҳои адабӣ мебошанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад [6, с.67].

Услубшиносии лексикӣ услубҳои лексикиро мавриди омӯзиш қарор дода, муносибатҳои ифодаи аслӣ ва маҷозиро нишон медиҳад. Он ҳолатҳои гуногуни ифода, имконоти хушобурангии ифода тавассути интихоби калимаҳо, ибораҳо, терминҳо ва дигар воситаҳои лексикиро баррасӣ менамояд. Дар ин маврид ҳангоми таҳлили услубӣ баррасии фразеологизмҳо, зарбулмасалҳо нақши асосӣ мебозад.

Услубшиносии грамматикӣ ба услуби морфологӣ ва синтаксисӣ тақсим мешавад. Услуби морфологӣ имконоти гуногуни категорияҳои грамматикиро дар доираи ҳиссаҳои гуногуни нутқ баррасӣ менамояд. Дар ин маврид имконоти услубии ҳиссаҳои нутқ омӯхта шуда, алоқаҳои грамматикӣ ва услубии онҳо мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Услубшиносии синтаксисӣ имконоти услубии тартиби калимаҳо, намудҳои ҷумла, намудҳои алоқаҳои синтаксисӣ ва ғайраро таҳлил менамояд. Дар ин маврид мавқеи асосиро воситаҳои синтаксисӣ, услубӣ, яъне ҷобаҷогузорӣ аз нигоҳи услуб, ки ба нутқ ва ифода маъноҳои иловагӣ ва ё рангорангиро зам менамоянд, ишғол мекунанд.

Фоностилистика, ва ё услуби фонетикӣ нозукии ифодаҳои овозӣ, овозҳои нуткро меомӯзад. Ба иборати дигар, ин шохаи услубиёт зимни таҳлили сохтори овозҳои нутқ муқаррар месозад, ки ифодаи овозии фикр чӣ тавр равон, муносиб ва таъсирбахш воқеъ мегардад. Нутқи овозӣ шакли асосии мавҷудияти забон буда, аз ҳар калима, ҳар ибора ва ҳар ҷумла савти муайяне эҳсос мегардад. Ин ҳам мусаллам аст, ки оҳанги нутқ хосса дар услуби бадеӣ хеле равшан ва ҳамаҷониба падид меояд. Ба ҳамин сабабҳост, ки шакли ифодаи овозии нутқ на фақат дар гуфтор, балки дар навиштор низ барои таъмини ҳусни калом дорои аҳаммияти азимест.

Услуби амалӣ саҳеҳ баён намуданро меомӯзонад. Дар ин ҷо дуруст интихоб ва истифода намудани калимаҳо дар доираи имкон ва дониш мавқеи муҳим дорад, яъне ҳама чиз бояд дар доираи меъёр истифода шавад. Услубшиносӣ бо як қатор фанҳо алоқаи ногусастанӣ дорад, аз он ҷумла адабиёт, семиотика (маъношиносӣ), прагматика ва социолингвистика [12, с.45].

Фоностилистика (услубиёти фонетикӣ) чӣ гуна истифода шудани воситаҳои фонетикии нутқро барои ифодаи андешаи саҳеҳ меомӯзонад ва чӣ гуна барои ба амал баровардани ҳадафи ифода тавассути воситаҳои овозӣ замина мегузорад. Интихоби калима, ки ҳамин гуна овозро соҳиб аст, ба маънои ҳамон як порчаи нутқ мувофиқат мекунад**.**

Шаклҳои интихоби калима:

1) Эвфония (euphony) **-** Пайвасти овозҳо ба дарки ҳусни онҳо, ки дорои қоидаҳои мушобеҳ дар ҳамон як матн мебошанд. Аниқтараш мувофиқати овозии ҳамсадоҳо, пайвастагиҳои овозӣ ва ғайраҳо.

Хусусияти интихоби калима аз омилҳои зерин алоқаманд аст. Хусусиятҳои фонетикии овозҳои такроршаванда, дараҷа ва монандии онҳо. Такрори овоз на танҳо наздикии овозҳо ва монандии онҳо, балки ҳолатҳое, ки дар мисраъ якчанд ҳамсадоҳои ҷарангдор мавҷуданд, шумораи овозҳои такроршаванда, такрори як гурӯҳ овозҳо, ҳамон қадаре, ки такрор бештар ба назар расад, ифода саҳеҳтар ба миён меояд. Масалан, ҳамин ҳолат дар мисоли зерин мушоҳида мешавад: *But in the morning it is quite different. Then the sun shines strong on the horizontal green cloud-puffs of the pines, the sky is clear and full of life, the water runs hastily, still browned by the last juice of crushed olives.*

2) Ономатопея (onomatopoeia – onemete'pie) (калимаҳои тақлидии овозӣ) – такрори овоз, акси садо, ки ба матн ва ифода обуранги иловагӣ зам менамоянд.

"hiss", "powwow", "murmur", "bump", "grumble", "sizzle", "ding-dong", "buzz", "bang", "cuckoo", "tintinnabulation", "mew", "ping-pong", "roar" [13, c.67].

Дар услубшиносӣ ин тарзи ифода таассуроти васеъ ва иловагиро ба нутқ ворид месозад:

Then with enormous, shattering rumble, sludge-puff, sludge-puff, the train came into the station. – Сипас бо як хашамат ва гур-гури садо катора ба истгоҳ омад [13, с.78].

Ҳамоҳангии ҳиссаҳои овозӣ низ мавқеи муҳим доранд. Тақлиди овозӣ, акси садо, ки тавассути он одамон ҳиссиёту эҳсоси худро баён мекунанд: *bubble л — ғиҷир-ғиҷир, splash n - шараққос, rustle, buzz v—, purr v, flop n, babble, giggle, whistle ва г.*

3) Аллитерация (alliteration) – такрори ҳамон як ҳамсадоҳо дар аввал ва ё дар мобайни калимаҳо, ки ба матн тааллуқ доранд. Ин амал бештар дар таркиби фразелогизмҳо, зарбулмасалҳо ва ибораҳои таркибӣ дар мустаҳкамии ифода вомехӯрад: *Tit for tat; betwixt and between; neck or nothing; blind as a bat; to rob Peter to pay Paul.* Bush: "The world will know our courage, our constancy, and our compassion".

Бояд зикр намоем, ки ин амал бештар дар ифодаи номи асарҳои адабӣ мавриди истифода қарор мегирад: *"Sense and Sensibility", "Pride and Prejudice" (Jane Austin), "The School for Scandal" (Sheridan), "A Book of Phase and Fable" (Brewer).*

Тавассути ин амал имконоти услубии ифодаҳо дар мусиқӣ, рангорангии ифода, таъсир васеъ мегардад: *"Deep into the darkness peering, long I stood there wondering, fearing [14, c.89].*

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки назарияи фоносемантикӣ - бо маъноҳои мушаххас, ки алоқаманд ба овозанд, сари кор мегирад. Масалан, дар забони русӣ плавный, нежный, мягкий, [i] – радостный, [d] – сумрачный, [m] – таъсири оромкунанда мебахшанд:

The Italian trio tut-tuted their tongues at me. (T.Capote)

Дар назми муосир аллитерация воситаи ёридиҳанда маҳсуб меёбад. Вазифаи он мушаххас гардонидани мафҳумҳои асосии нутқ мебошад. Тавассути ин амал диққати шунаванда ба нутқ равона карда мешавад. Ассонанс (assonance) – намуд ва ё такрори ҳамсадост, махсусан ҳамсадоҳо дар ҳолати заданокӣ. Дар ин ҳолат равшании нутқ, ҷарангоси садо мушоҳида мешавад.

Dreadful young creatures – squealing and squawking. (D.Carter)

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ҳамоҳангии ҳиҷоҳои охири калима, ки ба ҳамдигар наздик ҷойгир шудаанд **рифма (rhyme, rime)** номида мешавад. Ин калима дар забони англисӣ дар асри XIV ба миён омад. Дар назм рифма тобиши нутқ аст, ки ба услуби адабӣ алоқамандӣ надорад. Мавқеи рифма дар шеър ба ин ё он ҷадвал алоқаманд аст.

Ягонагии мавқеъ метавонад гуногун бошад. Аз рӯйи монандии мавқеъ дар назм рифмаҳои охир, мобайнӣ, оғоз мушоҳида мешавад. Мавқеи охири рифмаҳо асосан маъмуланд, рифмаҳои мобайнӣ бошад, бештар дар назми ҳаҷвӣ вомехӯранд:

*When you're lying **awake** with a dismal **headache,** and repose is*
tabooed by anxiety,
*I conceive you may **use** any language you **chose** to indulge in*
without impropriety [13, c.90].

Аз рӯйи мазмун асосан ин рифмаҳо дар баланд талаффуз намудани овоз мушоҳида мешавад. Рифмаҳои мобайнӣ асосан дарозии мисраъҳоро кӯтоҳ мекунанд ва бояд гуфт, ки

тавре навишта мешавад, ҳамон гуна талаффуз мешавад. Омехтагии ин василаҳо натиҷаи хушобуранг ва самимӣ баромадани нутқ мегарданд.

Аз нуқтаи назари монандии овозӣ рифмаҳо метавонанд дақиқ (heart — part) ва ё тахминӣ (advice — compromise), (devil — evil) шаванд.

Вобаста аз шумораи овозҳои монанд, рифмаҳоро мушаххас мегарданд. Масалан, (by — cry), (brevity — longevity), яъне дар ин ҳолат шумораи ҳиҷоҳои калима ба назар гирифта мешавад.

Бояд зикр намуд, ки такрори ин гуна овозҳо дар бахшҳои дигари матн ҳамин гуна монандиро низ зоҳир менамоянд, ки тобишҳои нутқро саҳеҳ баён менамоянд:

*The sunlight on the **garden***
***Hardens** and grows cold,*

Бояд зикр намуд, ки дар назм рифм алоқаи ягонагиро таъмин месозад. Масалан, *garden ва pardon garden — hardens, upon it — sonnets ва ғайраҳо.*

5) Ритм (rhythm) – Мувозинати овозӣ (оҳанг): *I have ransacked my oldest dreams for keys and clues. Landscape of lanes, immediately invades.*

Зикр намудан ба маврид аст, ки оҳанги назмро нисбатан мувофиқ кардан мушкил аст, он пеш аз ҳама, ба дарки эҳсосии хонанда алоқаманд аст, агарчанде он ноаён боқӣ мемонад.

Ҳамин андеша дар мисоли асари Р. Олдингтона «Марги қаҳрамон» мушоҳида мешавад.

There shone the soft, slim yellow trumpet of the wild daffodil; the daffodil which has a pointed ruff of white petals to display its gold head [12, c.37].

Оҳанг дар ин порча тавассути фосилаҳои баробар сурат мегирад, ки дар он қоидаҳои мушаххаси синтаксисӣ низ ба назар гирифта шудаанд, калимаҳо такрор мешаванд, овозҳои монанд садо медиҳанд ва дигар аломатҳои шабеҳ ба назар мерасанд. Дар ин порча нависанда тавассути ин гуна офаринишҳо манзараҳои гуногуни табиати Англияро тасвир менамояд, то ки ба хонанда ҷолиби диққат бошад. Тасвирҳо, ҳамчуноне ки рассом ба нақш медарорад, нозук ва саҳеҳ баён шудаанд. Ин порчаро метавон назми ба оҳанг даровардашуда номид.

Бояд зикр намоем, ки ин гуна назм дар нависандаҳои дигар низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, бисёр асарҳои Ч.Дикенс дар ҳамин раванд навишта шудаанд.

Оҳангнокии ин асарҳо бо шаклҳои гуногун сурат гирифтаанд. Оҳанг дар ин мавридҳо нишондиҳанда, возеҳкунандаи маъно мебошад. Оҳанг азбаски ба маъно алоқамандӣ дорад, услуби ифода дар ин маврид хеле муҳим аст, зеро он ҳиссиёт, эҳсосот, нозукии андешаи муаллифро пешниҳод менамояд.

Бояд зикр намоем, ки ҳар як асари адабӣ таҷрибаи зиндагӣ, андеша ва мафкураи нависандаи онро, пеш аз ҳама, таҷассум менамояд. Ин гуна ифодаҳо тавассути оҳанг пешниҳод карда мешаванд. Маълумотеро, ки оҳанг дар худ дорад, на ҳамеша метавон бо назм баён намуд. Оҳанг дар ин ҳолат обуранги заруриро пайдо мекунонад ва эҳсосоти ин ё он амал воқеӣ сурат мегирад.

Ҳамин тавр, мушоҳидаҳо ва омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки тавассути оҳанг пешниҳод шудани андешаҳо дар асар маводи зарурии онро, пеш аз ҳама, мукаммал мегардонад, ба асар обуранги иловагӣ зам менамояд, ҳиссиёт, андеша, фикрронии саҳеҳи нависандаро таъмин месозад ва монанди инҳо.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. – Л., 1979. – 260 с.
2. Аракин. В.Д. Практический курс английского языка / В.Д. Аракин. – М.: Владос, 2003. – 515 с.
3. Блох. М.Я. Теоретические грамматика английского языка / М.Я. Блох. – М.: Высшая школа, 1983. - 383 с.
4. Гордон, Е.М. Грамматика современного английского языка / Е.М. Гордон. И.П. Крылова. – М.: Высшая школа, 1980. – С.268–304.
5. Грамматикаи забони тоҷикӣ (ГЗТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ.1. – Сталинобод, 1956. – 232 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (ГЗАҲТ). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Қ.2. – Душанбе, 1985. – 420 с.
7. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер и др. – М.: Пресс, 2008. – 380 с.
8. Шахматов А.А. Синтаксис русского языка / А.А. Шахматов. – Л.: Учпедгиз, 1941. – 620 с.
9. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 236 с.
10. Смирницкий А.И. Очерки по сопоставительной грамматике русского и английского языков / А.И. Смирницкий. – М., 1975. – 289 с.
11. Туйғунов Н.Х. Грамматикаи забони англисӣ / Н.Х. Туйғунов. - Душанбе, 2013. - 184 с.
12. Blokh, M.Y. A Course in Theoretical English Grammar / M.Y. Blokh. - M.: Vischaya Schkola, 1983. – 383 pp.
13. Close, P.A. A Reference Grammar for Students of English / P.A. Close. – M., 1979. – 341 pp.
14. Gordon, E.M. A Grammar of Present-Day English (Parts of Speech) / E.M. Gordon, L.P. Krylova. – M.: Vischaya Schkola, 1974. – 336 pp.

УСЛУБИЁТИ ФОНЕТИКӢ ВА ВАСИЛАҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола андешаҳои муаллифон оид ба услубҳои фонетикии нутқ дар забони англисӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо нисбат ба забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар заминаи маводҳои ҷорӣ таҳлили муқоисавии баъзе паҳлуҳои услубҳои нутқро дар муқоиса ба забони тоҷикӣ нишон диҳанд. Услубиёти фонетикӣ дар забони англисӣ қоидаҳои хосси худро дорад. Ин таври ифода ва қонуниятҳо дар аксар забонҳои дигар аз он ҷумла дар забони тоҷикӣ нисбатан камтар ба назар мерасад. Услубиёти фонетикӣ дар забони англисӣ асосан дар заминаи тағйиротҳои сохтории ҷумлаҳо ба миён меояд. Бояд зикр намуд, ки тағйирот қариб дар тамоми намуди ҷумлаҳо бо иваз шудани оҳанги гуфтор ба миён меояд, ки ин тарзи ифода танҳои хосси забонҳои муқоисашаванда мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони тоҷикӣ тағйирот нисбатан камтар аст ва ин ҳангоми омӯзиш чандон мушкилӣ пеш намеорад. Мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид оҳанги гуфтор метавонад боиси пурра ва ё нопурра ифода гардидани маъно гардад. Бояд зикр намуд, ки огаҳ будан аз услубиёти фонетикӣ дар забони англисӣ ба гӯянда имкон медиҳад, ки аз қоидаҳои маъмули ифодаи нутқ огоҳ бошад, нозукиҳои таносуби маъно ва роҳҳои ифодаи ҷумлаҳоро ба хубӣ фаҳмад ва матлаби худро тарзе баён карда тавонанд, ки ҳам ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ бошанд ва ҳам сухан фасеҳу зебо ифода гардад.

Калидвожаҳо: фонетика, услуб, хусусият, тафовут, умумияти гуфтор, тарҷума, хусусияти хос, таҳлил.

ФОНЕТИЧЕСКИЕ СТИЛИ ВЫРАЖЕНИЯ РЕЧИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье автор рассматривает отличительные особенности фонетических изменений слов в английском языке и предлагает свою точку зрения. Автор статьи старается провести сравнительный анализ этих особенностей слов на основе существующих материалов в таджикском и английском языках. Фонетика английского языка имеет свои особые правила. Такие свойственные ей особенности встречаются реже в других языках, в том числе и в таджикском языке. В английском языке фонетические изменения слов образуются на основе значения слова. Надо отметить, что структурные изменения можно встретить во всех видах предложений, которые свойственны только английскому языку. Анализ показывает, что в таджикском языке такие изменения в предложениях встречаются намного меньше, поэтому не приводят к трудностям при изучении языка. Анализ показывает, что в большинстве случаев все слова в обозначении значений связаны, и изменение встречается лишь в фонетических выражениях слов. Надо отметить, что изучение правил фонетики дает возможность быть осведомленным в простых фонетических правилах языка и различать особенности значения, которые совпадают с требованием языка.

Ключевые слова: фонетика, стилистика, особенности, отличие, общность высказывания, перевод, отличительные особенности, анализ.

PHONETIC STYLES OF SPEECH EXPRESSION IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

In the article, the author considers the distinctive features of phonetic changes in words in the English language and offers his points of view. The author of the article tries to conduct a comparative analysis of these features of words based on existing materials in Tajik and English. Phonetics in English has its own special rules. Such intrinsic features are less common in other languages, including the Tajik language. In English, the phonetic change of words is formed based on the meaning of the word. It should be noted that structural changes can be found in all types of sentences that are peculiar only to the English language. Analysis shows that in the Tajik language such changes in sentences are much less common, which do not lead to difficulties in learning the language. Analyzes show that in most cases all words in the notation of meanings are related, and a change occurs in phonetic expressions of words. It should be noted that the study of the rules of phonetics creates the possibility of being aware of simple phonetic rules of the language and to distinguish features of the meaning that match the language requirements.

Key words: phonetics, stylistics, features, difference, generality of utterance, translation, distinctive features, analysis.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Орзуева Парвина Ҷамолидиновна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 64**/**14. E-mail: **o.parvina@bk.ru**
***Сайдалиева Гулдаста Муродовна* –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 64**/**14

Сведения об авторах: ***Орзуева Парвина Джамолидиновна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14. E-mail: **o.parvina@bk.ru**
***Сайдалиева Гулдаста Муродовна* –** Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н.Карабаева 64/14

Information about the authors: ***Orzueva Parvina Jamolidinovna*** – Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., **64/**14. E-mail: **o.parvina@bk.ru.**
***Saydalieva Guldasta Murodovna* -** Tajik State University of Finance and Economics, Senior Lecturer at the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. N.Karabaeva 64/14

УДК: 811.21/.22-3(03):82

ЛУҒОТИ МАРБУТ БА СУРУДУ МУСИҚӢ ДАР ДОСТОНИ «ХУСРАВ ВА ШИРИН»- И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Муминова К.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Созу наво ва оҳангу мусиқӣ ба инсон дар ҳама лаҳзаҳои зиндагӣ мӯнису ҳамдам буда, қуввату дармон мебахшад ва дар ҳаёти инсон нақши хеле муҳим дорад. Ҳеҷ як ҷашн ва иду маросим бе мусиқӣ баргузор намегардад. Суруди шодию нишот ба кас рӯҳи тозаву илҳоми нав мебахшад ва дар ҳолатҳои душвор созу навои форам инсонро ба зиндагӣ дилгарм месозад ва ба ӯ неру мебахшад. “Созҳои мусиқӣ яке аз дастовардҳои тамаддуни инсонӣ ба ҳисоб рафта, сатҳи рушди фарҳанги ҳар як миллатро инъикос менамоянд. Дар тӯли қарнҳо созҳои мусиқии зиёд офарида шуда, сохташон тағйир ёфтааст ва баъзеашон аз байн рафтаанд” [5, с.63]. Олами созу навоҳои тоҷикон хеле рангин буда, ҳар як сози мусиқӣ сохт, намуд, садодиҳӣ ва хусусиятҳои ба худ хосро дорост.

Аз даврaҳои қадим мусиқӣ дар ҳаёти халқамон ва ҳар як фард мақоми бағоят муҳимме дошта, дар тарбияи маънавии ҷамъият дар қатори дигар арзишҳои фарҳангӣ мусиқиро низ як рукни асосӣ медонистанд. Аз ин сабаб, аз даврaҳои қадим мактабҳои мусиқии зиёде вуҷуд доштанд. Дар асрҳои II-VI, дар аҳди Сосониён, барои инкишофи мусиқӣ шароити мусоиде фароҳам оварда шуда буд. Дар ин давра китоби назариву амалии “Таронанома” (“Траникнамак”) ҳамчун дастур дар мактабҳои мусиқӣ истифода мегардид. Дар аҳди Сосониён яке аз мактабҳои калонтарини мусиқӣ дар музофоти Тайсафун бо роҳбарии машҳуртарин навозанда, сароянда, оҳангсоз, мусиқишиноси Шарқ Борбади Марвазӣ амал мекард. Дар ин мактаб на танҳо назарияи мусиқии халқҳои Эронинажод, балки мусиқии юнониву ҳиндӣ низ омӯхта мешуд [4, с.95].

Халқи тоҷик аз қадимулайём ба мусиқӣ дилбастагии зич дошта, ба ин навъи санъат нодиракориҳои ҳунарӣ кардааст. Аз ҷумла, ихтироъкорону созандагони умдатарин созҳои мусиқиаш дар густариши санъати навозандагӣ ва ҳунари созтарошӣ ҳиссаи сазовор доранд.

Навозандагию сарояндагӣ яке аз санъатҳои касбии ҳунармандон ба шумор мерафт. Онҳо бо барномаҳои рангини худ дар кӯчаҳои шаҳр, дар маъракаҳо ва тӯйҳо ҳунарнамоӣ мекарданд [12, с.64].

“Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон шудани соли 2018, ки ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад, дар навбати аввал, ба эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди кишварамон мусоидат намуд. Ниёгони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушодаанд. Ҳунари навозандагӣ ва сарояндагӣ низ ҳамчун мероси маънавӣ як ҷузъи муҳимми фарҳанг мебошад [7].

Созу наво бо шеъру шоирӣ ва ё калому манзум ҳамбастагии қавие дорад. Ин ҳарду чун ширу шакар бо ҳам омезиш ёфта, ба инсон ғизои маънавию рӯҳӣ мебахшанд. Аз ин ҷост, ки шоирон мекӯшанд созгор ба лаҳни хушу гуворо шеър эҷод намоянд, то ки дар пардаи мусиқӣ ҷойгузин гашта, ба шунаванда ҳаловат бахшанд.

Ҳамин аст, ки қарнҳост, шеъри шоирони тоҷик чун Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ва дигарон дар пардаи созу наво танинандозанд.

Таърихи инсоният гувоҳ аст, ки мардуми эронинажод дорои фарҳанги асили ғанию воло буда, бо таълифу гирдоварии осори гаронбаҳо дар тамоми бахшҳои илму ҳунар, аз ҷумла таълифи осори рангини мусиқӣ ва ғанӣ гардонидани санъату ҳунар саҳми назаррас доранд. Бузургони мо оид ба соҳаи мусиқӣ рисолаҳои илмӣ таълиф намудаанд ва нозукиҳои ин санъатро дар он дарҷ намудаанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Рисолаи мусиқӣ”-и худ масоили назарии мусиқиро ба ваҷҳи мухтасар, вале бо сабки дилнишин баён кардааст.

“Рисолаи мусиқӣ”-и Ҷомӣ ҳамагӣ 23 фаслро дар бар гирифта, аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат аст. Дар муқаддимаи рисола муаллиф, баъд аз ҳамду сано ва сабаби таълиф, дар фаслҳои 2-3-и рисола аз таърихи пайдоиши мусиқӣ, ба вуҷуд омадани овозу қаторовозҳо, истилоҳоти мусиқӣ, муносибати инсон ба ҷамъияту табиат сухан меронад ва ба ҳамин васила аҳаммияту зарурати мусиқиро дар ҷомеаи инсонӣ таъкид менамояд [13, с.208].Вожаю истилоҳоти марбут ба санъатҳои навозандагию сарояндагӣ аз ибтидои ташаккули забони адабии тоҷик дар забони хаттӣ инъикос ёфтаанд. Ин навъи луғат дар осори илмӣ ва бадеӣ дучор мешавад. Истилоҳоти марбут ба санъатҳои навозандагию сарояндагӣ дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ фаровон ба назар мерасад. Дар таърихи назми форсу тоҷик осори Низомии Ганҷавӣ мавқеи бузурге дорад.

Ӯ чун шоири соҳибмактаб, махсусан достонсароии ахлоқӣ, романтикии ишқиро ба ҳадди аъло расондааст. Забони осори Низомии Ганҷавӣ хеле бой ва ғанӣ буда, хусусиятҳои забони адабии асрҳои IX-XII дар он таҷассум ёфтааст.“Ин шоири ишқу зебоӣ, суханвари ҷодубаён пояи каломи бадеъро ба арши аъло бардоштааст ва ба он арҷмандӣ ва мақому мартабаи хоссе бахшидааст. Аз достонҳои ӯ, хусусан аз достони “Хусрав ва Ширин” пайдост, ки вай завқи баланд, ҳиссиёти нозук, қалби пуршӯр ва табъи саршор дошт” [2, с.13].

Нағмаҳои ширин, оҳангҳои диловези ишқофарини ин достон гӯши дилҳои пурэҳсосро навозиш дода, зиндагиро дар назар зеботар, хотирангезтар месозад. Аз ин ҷост, ки достон бо қалбу рӯҳи инсон ҳамоҳангӣ, омезиш ва улфати чунон қавӣ дорад, ки бо гузашти рӯзгор чеҳраи ин пайвастагӣ тозатар гардида, ҷилои беҳтаре ҳосил мекунад.

Достони ишқи безаволи “Хусрав ва Ширин” хеле равон ва гӯшнавоз аст. Забони достон содаю равон буда, дар он қабатҳои гуногуни луғавии забони тоҷикӣ фароҳам омадааст.Дар осори Низомии Ганҷавӣ вожа ва истилоҳоти марбут ба санъатҳои навозандагию сарояндагӣ зиёд инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар достони “Хусрав ва Ширин” вобаста ба мазмун, мундариҷа ва сужаи достон ин гурӯҳи вожаҳо хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, мо ин вожаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, мавриди баррасӣ қарор додем.

1. Номи касбҳои соҳаи мусиқӣ. Аксарияти истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ дар умқи матни осори адабию таърихӣ, яъне дар рисолаҳои мусиқӣ дар забони зиндаи мардум мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ инъикос ёфтааст. Истилоҳоти “ромишгар”, “мутриб”, муғаннӣ”, муродифи хамдигаранд:

Ромишгар – вожаи тоҷикӣ буда, маъноаш хонанда ва навозанда, мутриб, сурудхон, муғаннӣ [8, с.169]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маънист:

Ҷанибат бар лаби Шаҳруд бастанд,
Ба бонги руду **ромишгар** нишастанд [15, с.225].

Чангӣ – навозандаи чанг, чангнавоз, мутриб [9, с.553].

Навое баркашид аз синаи танг,
Ба **чангӣ** дод, к-ин дарсоз дар чанг [15, с.390].

Накисо ном марде буд **чангӣ,**
Надими хос амири сахтсангӣ [15, с.378].

Мутриб – навозанда ва сароянда [10, с.776].

Ба ҷое созӣ **мутриб** баркашад соз,
Ба ҷое мӯягар бардорад овоз [15, с.248].

Зи кунҷи парда гуфт он ҳотифи ҷон,
К-«Аз ин **мутриб** якеро сӯйи ман хон [15, с.379].

Муғаннӣ – тағанникунанда, сароянда ва навозанда, мутриб, ҳофиз [10, с.791].

Муғаннӣ соз дар айвон кашида,
Хурӯши чанг дар Кайвон кашида.

Камонча оҳи мӯсивор мезад,
Муғаннӣ роҳи мусиқор мезад [15, с.205].

Дуҳулсоз – шахсест, ки ба сохтани таблак ва нақора машғул аст [10, с.408].

Даровардand мурғони **дуҳулсоз,**
Саҳаргаҳ панҷ навбатро ба овоз [15, с.142].

Дуҳулзан – таблзан, нақорачӣ [10, с.408].

Дуҳул – табл, нақора [8, с.503].

Дуҳулзанро зада бар дастҳо мор,
Кавокибро шуда дар пойҳо хор [15, с.330].

Дуҳулзан чун **дуҳулро** соз мекард,
Ҳанӯз ин лобаву он ноз мекард [15, с.396].

Ин калима камистеъмол гардида, ҷойи худро ба синоними хеш – нақора иваз намудааст. Аммо дар таркиби мақоли “Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст” истифода мегардад.

2. Номи оҳангу нағмаҳо, қисматҳо ва мавриди танини онҳо. Оҳангу нағмаҳо аз маҷмӯи зарбу нағмаҳо таркиб меёбанд ва дар натиҷаи ба ҳам пайваст шудани нағмаҳо оҳанги комил ба вуҷуд меояд.

Нағма – наво, оҳанг, лаҳн; хониш, суруд: нағмаи дутор, нағмаи мурғони чаман [9, с.926]. Садо ва оҳанги мусиқист. Олимони мусиқишиноси Шарқ нағмаро ба ду навъ ҷудо кардаанд: **қавлӣ**, ки овози инсон аст ва **феълӣ**, садои сози мусиқист [4, с.100].

Лаболаб карда соқӣ ҷоми чун нӯш,
Паёпай карда мутриб **нағма** дар гӯш [15, с.378].

Лаҳн – дар фарҳанг ба маънои яке аз лаҳнҳо ва мақомҳои сигонаи Борбад омадааст [10, с.599]. Таркиботи мусиқӣ, ки хусусияти хосси нағма, оҳанг, суруд ва ифодаи асари мусиқӣ, давраҳоро дар худ таҷассум мекунад [4, с.100]. Дар "Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ " шакли форсии миёнаи калимаи **лаҳн** ба гунаи **vāčīk** омадааст [3, с.446].

К-аз ӯ хушгӯтаре дар **лаҳни** овоз,
Надид ин чангпушти арғунунсоз [15, с.378].

Лаҳни мутриб – оҳанги гуфтор; нағма, оҳанг, наво, овози навозандагон ва сарояндагон [8, с.749].

Ба ҳар сахтӣ, ки то акнун намудам,
Чу **лаҳни мутриб**он дар парда будам [15, с.391].

Зер – садои маҳин, садои нозук; пардае аз мусиқӣ; муқобили бам [10, с.448].

Инони якрикобӣ **зер** мезад,
Дудастӣ бо фалак шамшер мезад [15, с.166].

Бонг – овоз, садои мусиқӣ [10, с.201].

Ба барбат чун сари захма даровард,
Зи рӯди хушк **бонг**и тар даровард [15, с.265].

Наво: 1. – Садо, овоз; нағма; оҳанг; нола. 2. Номи мақоми сеюми аз оҳангҳои "Шашмақом"; созу наво, нағмаву овоз, оҳанги суруд [8, с.923].

Наво: 1. – нағма, оҳанг, садо, овоз. 2. номи яке аз дувоздаҳ мақом; номи мақоми якум аз Шашмақом [10, с.820]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳост.

Навое баркашид аз синаи танг,
Ба чангӣ дод, к-ин дарсоз дар чанг [15, с.390].

Нола – оҳанги ғамгинонаи мусиқӣ ва суруд, савту оҳанг, савту оҳанги ҳазин: масалан нолаи танбӯр, нолаи чанг [8, с.975].

Ба **нола** синаро сӯрох карданд,
Ғуломонро ба шаҳ густох карданд [15, с.379].

Базм: 1. – зиёфате, ки ба муносибати ягон воқеаи хурсандибахш (тӯй, шабнишинӣ, нишастҳои идона) бо иштироки ҳофизон, раққосон ва навозандагон ороста мешавад [8, с.124]. **2.** Маҳфили суруду рақс ва хурсандӣ аст ва он гуногун мешавад: базми **хонаводагӣ** (ҳангоми хотимаи тӯй наздикони соҳиби тӯй хурсандиро давом медиҳанд), базми **хосса** (сечор нафар дӯстони наздик бо иштироки ҳофизон, мутрибон ва раққосон базм меороянд), базми доирагӣ (бо иштироки ду-се доирадаст дар он базм танҳо мерақсиданд), базми чавкӣ (базми калон, ки бегоҳиҳо дар майдонҳои васеъ ё ягон саҳни кушоди боғи калон баргузор мегардид), базми ҷамшедӣ (дар он ҳунарпешагони номӣ иштирок мекарданд ва ҷамъомад хеле пуршукӯҳу пуртантана мегузашт) [4, с.102]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маънӣ омадааст.

Чунон **базм**е, ки шоҳонро тирозанд,
Бисозидаш, к-аз он беҳтар насозанд [15, с.425].

Тараб – шодӣ, хушӣ, хушҳолӣ, ҳаракатҳои шодиёна; асбоби тараб он чи барои айш ва хушӣ лозим аст, тараб ангехтан, шод кардан, хурсанд кардан [9, с.320].

Май орему нишот андеша гирем,
Тараб созему шодӣ пеша гирем [15, с.223].

Рухи шоҳ аз **тараб** чун лола бишкуфт,
Чу наргис дар нишоти ин сухан хуфт [15, с.377].

Оҳанг: 1. Мавзунии садо; **2.** Нағма, наво; оҳанги тор, ба оҳанг андохтан ба шеъре; **3.** Тарз, равиш, тарзи гуфтор: бо оҳанги маъюсона, бо оҳанги узрхоҳона, бо оҳанги шодӣ [8, с.44]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳост:

Бад-ин даргаҳ нишонаш соз дар чанг,
Ки то бар сӯзи ман бардорад **оҳанг** [15, с.379].

Парда: 1. Зеҳ ва бандҳое аз пой, рӯда ё филиз, ки ба дастаи дутор ва дигар асбобҳои мусиқии торӣ ба фосилаи муайян мебанданд ва вақти навохтан ангуштонро ба болои он зер мекунанд; **2.** наво, оҳанг, мақом [9, с.70]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳост.

Навоҳое бад-ин сон ромишангез,
Ҳамезад Борбад дар **парда**и тез [15, с.268].

Ҳазин дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ ба маънои овози борик, маҳин омадааст [15, с.475].

Ба овози **ҳазин** чун узрхоҳон,
Равон кард ин ғазалро дар Сипоҳон [15, с.385].

Суруд: 1. Хониши одам ё парандаҳо; нағма, тарона, суруд гуфтан, тарона хондан, ҳофизӣ кардан. **2.** шеъре, ки махсус барои сароидан гуфта шудааст: суруди паҳлавӣ, суруди озодӣ, суруди ҳиндӣ [9, с.280]. Дар байти зерин низ ба маънии тарона омадааст.

Чу барзад Борбад бар хушкруде,
Бад-ин таррӣ, ки баргуфтам **суруде** [15, с.393].

Тарона: 1. суруд, нағма; **2.** суруде, ки дар охири ҳар мақоми шашмақом муносиби он навохта ва суруда мешавад, суруди рақсӣ, тарона гуфтан, суруд хондан [9, с.325].

Аз ин сӯ маҳ **тарона** баркашида
В-аз он сӯ шоҳ пероҳан дарида [15, с.393].

Ғино – сурудхонӣ, суруд, нағма, оҳанг [8, с.396].

Чаҳорум рӯз маҷлис тоза карданд,
Ғиноҳоро баландовоза карданд [15, с.265].

Тайёра – дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ ба маънои суруд, ғазал омадааст [15, с.472].

Накисо чун зад ин **тайёра** бар чанг,
Ситои Борбад бардошт оҳанг [15, с.384].

Ғазал – таронаи ошиқона; ғазал сароидан, ғазал навиштан ё ғазал хондан [8, с.378].

Шукуфта чун гули Наврӯзу навранг,
Ба Наврӯз ин **ғазал** дарсохт бо чанг [15, с.383].

Самоъ – суруд, хониш ва мусиқанавозӣ [11, с.186].

Самои арғанинӣ – дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ ба маънои оҳанги бо сози арғунун, ки асбоби мусиқист, навохташуда, оҳанги арғанун омадааст [15, с.471].

Самои арғанунӣ гӯш мекард,
Шароби арғавонӣ нӯш мекард [15, с.166].

3. Номи навъҳои созу оҳанг. Ҳар як созу оҳангҳои мусиқии тоҷик дар байни мардум хеле маъмуланд. Аз ин ҷост, ки дар осори шоирону адибон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Низомии Ганҷавӣ дар достони "Хусрав ва Ширин" созу оҳангҳоро хеле хуб истифода бурдааст.

Фалак – бахше аз мусиқии мардумӣ ва суннатии халқи тоҷик [9, с.394].

Нишаста Борбад, барбат гирифта,
Ҷаҳонро чун **фалак** дар хат гирифта [15, с.378].

Пардаи ушшоқ: 1. номи яке аз мақомҳои мусиқӣ [11, с.33].

Раҳ – мақом, нағма, оҳанг, наво [8, с.171].

Рост – яке аз мақомҳои классикӣ аст, яъне мақоми аввали "Шашмақом" аст [4, с.103].

Раҳи рост – дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ ба маънои номи яке аз оҳангҳои мусиқӣ омадааст [15, с.470].

Наворо "**пардаи ушшоқ**" орост,
Дарафканд ин ғазалро дар "**Раҳи Рост**" [15, с.389].

Ба намунаи навъҳои созу мусиқӣ метавон сӣ лаҳни Борбадро ворид сохт. Шоир Низомии Ганҷавӣ дар як порчаи достони "Хусрав ва Ширин" сӣ лаҳни Борбадро овардааст, ки бори дигар собит месозад, ки Низомӣ аз ҳунари созу сарояндагӣ ва таърихи он хеле хуб огаҳ будааст.

Сӣ лаҳни Борбад

Даромад Борбад чун булбули маст,
Гирифта барбате чун об дар даст.
Зи сад дастон, ки ӯро буд дар соз,
Гузида кард **сӣ лаҳни** хушовоз.
Зи белаҳнӣ бад-он сӣ лаҳни чун нӯш,
Гаҳе дил додию гаҳ бистадӣ ҳуш.
Ба барбат чун сари захма даровард,
Зи руди хушк бонги тар даровард [15, с.265].

Аввал – **Ганҷи бодовард**

Чу бод аз «*Ганҷи бодовард*» рондӣ,
Зи ҳар боде лабаш ганҷе фишондӣ [15, с.265]..

Ганҷи бодовард – номи оҳанге аз оҳангҳои сегонаи Борбад [10, с.251].

Дувум – **Ганҷи гов**

Чу «*Ганҷи гов*»-ро кардӣ навосанҷ,
Барафшондӣ замин ҳам гову ҳам ганҷ [15, с.265].

Савум – **Ганҷи сӯхта**

Зи «*Ганҷи сӯхта*» чун сохтӣ роҳ,
Зи гармӣ сӯхтӣ сад ганҷро оҳ [15, с.265].

Ганҷи сӯхта – номи ганҷи савум аз ҳашт ганҷи Хисрави Парвиз [10, с.252].

Чаҳорум – **Шодурвони марворид**

Чу «*Шодурвони марворид*» гуфтӣ,
Лабаш гуфтӣ, ки марворид суфтӣ [15, с.266].

Шодурвони марворид – номи лаҳни чаҳорум аз сӣ лаҳни Борбад [11, с.595].

Панҷум – **Тахти тоқдисӣ**

Чу «*Тахти тоқдисӣ*» соз кардӣ,
Биҳишт аз токҳо дар боз кардӣ [15, с.266].

Тахти тоқдисӣ – номи навое аз навоҳои қадим [11, с.343].

Шашум ва ҳафтум – **Ноқусӣ ва аврангӣ**

Чу «*Ноқусӣ*»-ю «*Аврангӣ*» задӣ соз,
Шудӣ авранг чун ноқус аз овоз [15, с.266].

Ноқусӣ»-ю «Аврангӣ – оҳанги қадимии маросимист.

Ҳаштум – **Ҳуққаи Ковус**

Чу қанд аз «*Ҳуққаи Ковус*» додӣ,
Шакар колои ӯро бӯс додӣ [15, с.266].

Нуҳум – **Моҳ бар кӯҳон**

Чу лаҳни «*Моҳ бар кӯҳон*» кушодӣ,
Забонаш моҳ бар кӯҳон ниҳодӣ [15, с.266].

Моҳ бар кӯҳон – номи оҳанги мусиқӣ [10, с.705].

Даҳум – **Мушкдона**

Чу баргуфтӣ навои «*Мушкдона*»,
Хутан гаштӣ зи бӯйи мушк хона [15, с.266].

Мушкдона – яке аз оҳангҳои сигонаи Борбад [10, с.786], номи канизи Ширин, ки дар санъати созу овоз моҳир буда, дар аҳди Сосониён зиндагӣ ва эҷод кардааст; 2) оҳанг, суруди кадимӣ, ки Мушкдона тасниф карда будааст; 3) шуъбаи овозӣ дар “Ҳаштмақом”; 4) гӯшаи сузии “Дувоздаҳмақом”, ки дар таркиби шуъбаҳои “Бастанигор” ва “Чанбар” воқеъ буда, бештар зимни қисматҳои сузии шуъбаҳои мазкур амал мекунанд [14, с.361].

Ёздаҳум – **Ороиши хуршед**

Чу зад з-«*Ороиши хуршед*» роҳе,
Дар ороиш будӣ хуршед моҳе [15, с.266].

Ороиши хуршед – номи лаҳни ёздаҳум аз навои Борбад [10, с.922].

Дувоздаҳум – **Нимрӯз**

Чу гуфтӣ «*Нимрӯз*»-и маҷлисафрӯз,
Хирад бехуд будӣ то нимаи рӯз [15, с.266].

Нимрӯз –номи яке аз оҳанги қадимӣ [10, с.855].

Сездаҳум – **Сабз дар сабз**

Чу бонги «*Сабз дар сабзаш*» шунидӣ,
Зи боғи зард сабза бардамидӣ [15, с.266].

Чаҳордаҳум – **Қуфли румӣ**

Чу «*Қуфли румӣ*» овардӣ дар оҳанг,
Кушодӣ қуфли ганҷ аз Рум то Занг [15, с.266].

Қуфли румӣ – яке аз оҳангҳои қадим; лаҳни чаҳордаҳуми Борбад [11, с.708].

Понздаҳум – **Сарвистон**

Чу бар дастони «*Сарвистон*» гузаштӣ,
Сабо соле ба сарвистон нагаштӣ [15, с.267].

Сарвистон – таронаи қадимиест, ки дар замони Сосониён Борбади Марвӣ, ки ба муносибати ҷашни Наврӯз тасниф намудааст.

Шонздаҳум – **Сарви саҳӣ**

В-агар «*Сарви саҳӣ*»-ро соз додӣ,
Саҳисарваш ба хун хат боздодӣ [15, с.267].

Сарви саҳӣ – оҳанги қадимист, ки онро дар аҳди Сосониён Борбади Марвӣ тасниф кардааст. Сарви саҳӣ ба гурӯҳи таронаҳои силсилаи “Сарв” мансуб аст.

Ҳафдаҳум – **Нӯшинбода**

Чу «*Нӯшинбода*»-ро дар парда бастӣ,
Хумори бодаи нӯшин шикастӣ [15, с.267].

Нӯшинбода – яке аз сӣ лаҳни Борбад [10, с.880].

Ҳаждаҳум – **Ромиши ҷон**

Чу кардӣ «*Ромиши ҷон*»-ро равона,
Зи ромиш ҷон фидо кардӣ замона [15, с.267].

Нуздаҳум – **Нози наврӯз**

Чу дар парда кашидӣ «*Нози наврӯз*»,
Ба наврӯзи нишастӣ давлат он рӯз [15, с.267].

Нози наврӯз – номи навое аз навоҳои қадим [10, с.864].

Бистум – **Мушкӣя**

Чу бар «*Мушкӣя*» кардӣ мушкмолӣ,
Ҳама мушку шудӣ пурмушк ҳолӣ.

Бисту якум – **Меҳргонӣ**

Чу нав кардӣ навои «*Меҳргонӣ*»,
Бибурдӣ ҳуши халқ аз меҳрубонӣ [15, с.267].

Меҳргонӣ – номи яке аз оҳангҳои мусиқӣ [10, с.685].

Бисту дувум – **Мурвои нек**

Чу бар «*Мурвои нек*» андохтӣ фол,
Ҳама нек омадӣ мурвои он сол [15, с.267].

Бисту савум – **Шабдиз**

Чу дар шаб баргирифтӣ роҳи «*Шабдиз*»,
Шудандӣ чумлаи офоқ шабхез [15, с.267].

Шабдиз – номи яке аз навоҳои сигонаи Борбад [11, с.554].

Бисту чаҳорум – **Шаби фаррух**

Чу бар дастон «*Шаби фаррух*» кашидӣ,
Аз он фархундатар шаб кас надидӣ [15, с.267].

Шаби фаррух – номи яке аз мақомҳои сигонаи Борбад ва Накисо, ки дар ҳузури Хисрави Парвиз хондаву навохта мешудааст [11, с.552].

Бисту панҷум – **Фаррухрӯз**

Чу ёраш рои «*Фаррухрӯз*» гаштӣ,
Замона фарруху фирӯз гаштӣ [15, с.268].

Фаррухрӯз – мақоми бисту панҷуми аз сӣ мақоми Борбад [11, с.419].

Бисту шашум – **Ғунчаи кабки дарӣ**

Чу кардӣ «*Ғунчаи кабки дарӣ*» тез,
Бибурдӣ ғунчаи кабки диловез [15, с.268].

Бисту ҳафтум – **Нахчиргон**

Чу бар «*Нахчиргон*» тадбир кардӣ,
Басе чун Зӯҳраро нахчир кардӣ [15, с.268].

Нахчиргон –номи яке аз сӣ лаҳни мусиқии Борбад [10, с.841].

Бисту ҳаштум – **Кини Сиёвуш**

Чу захма рондӣ аз «*Кини Сиёвуш*»,
Пур аз хуни сиёвушон шудӣ гӯш [15, с.268].

Кини Сиёвуш –номи оҳанги бисту ҳаштум аз сӣ лаҳни Борбад [10, с.552].

Бисту нуҳум – **Кини Эраҷ**

Чу кардӣ «*Кини Эраҷ*»-ро сароғоз,
Ҷаҳонро кини Эраҷ нав шудӣ боз [15, с.268].

Кини Эраҷ – номи оҳанги бисту нуҳум аз сӣ лаҳни Борбад.

Сиюм – **Боғи ширин**

Чу кардӣ «*Боғи Ширин*»-ро шакарбор,
Дарахти талхро ширин шудӣ бор [15, с.268].

Оварда шудани сӣ навъи лаҳн ва вожаю истилоҳоти он дар достон далели инкишофи санъати мусиқии мо дар он даврон аст.

4. Номи созҳои (асбобҳои) мусиқӣ ва ҷузъҳои онҳо. Мусиқии тоҷик таърихи қадима дорад, донишмандони мусиқишинос дар даврањои мухталиф осори зиёдеро навиштаанд, сарояндагону навозандагон мақому оҳангҳои эҷодшударо иҷро намуда, то замони мо оварда расонидаанд. Вожаю истилоҳоти зиёди ин соҳа дар забони тоҷикӣ ба вуҷуд омада, дар осори классикӣ сабт ёфтаанд. Аз ҷумла, номи созҳои мусиқӣ дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ корбаст шудааст:

Сито: 1. Яке аз лаҳнҳои мусиқӣ [10, с.249].

2. Номи созе ҳамчун танбӯр, сетор [8, с.257]. Дар байти зерин ба маънои соз омадааст.

Накисо чун зад ин афсона бар соз,
Ситои Борбад бардошт овоз [15, с.388].

Соз: 1. номи сози торию мусиқист, умуман асбобҳои торӣ (танбӯр, дутор ва ғ.) 2. умуман асбоби мусиқӣ, оҳанг, наво, созу овоз, созу суруд навохтан ва сурудан; ба сози касе рақсидан [8, с.262]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳост.

Зи сад дастон, ки ӯро буд дар **соз**,
Гузида кард сӣ лаҳни хушовоз [15, с.265].

Бӯқ: 1. Яке аз созҳои бодӣ, ки навъи қадимии он аз шох буда, овози шахсро баланд мекардааст. 2. шайпури шикориён [7, с.261].

3. Номи сози мусиқии нафасӣ, ки аз устухон ё филиз сохта мешуд, ҳангоми амалиёти ҳарбӣ истифода мебурданд [4, с.104]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳо омадааст.

Ту низ андар ҳазимат **бӯқ** мезан,

Зи чоҳе хайма бар Айюқ мезан [15, с.237].

Шаҳруд – як навъи соз, олати мусиқӣ [10, с.578].

Ҳаловатҳои Ширини шакарханд,
Найи **Шаҳруд**ро карда найи қанд [15, с.225].

Барбат: 1. асбоби қадимаи танбӯрмонанд, ки дорои ҳашт тор буда, имрӯз ҳам дар байни ҳиндуҳо машҳур аст, уд [7, с.139].

2. Номи сози қадимаи тории захмавии мусиқии мардуми эронинажод аст [4, с.104].

3. Сози қадимии тории захмавии мусиқист, ки аз ихтирои мардуми эронинажод мебошад. Дар осори паҳлавӣ низ ба шакли барбат омадааст, яъне аз ду калима - "бар" (ба маънии сина, паҳлу) ва "бат" (мурғобӣ) [14, с.238]. Дар достони шоир ба маънои асбоби мусиқист:

Даромад Борбад чун булбули маст,
Гирифта **барбате** чун об дар даст [15, с.265].

Дар он маҷлис, ки айш оғоз карданд
Ба як ҷо чангу **барбат** соз карданд [15, с.379].

Навои ҳар ду соз аз **барбат**у чанг
Ба ҳам дарсохта чун бӯй бо ранг [15, с.379].

Чанг: 1. номи асбоби камоншакли мусиқӣ, ки дорои тор аст, ба монанди уд, чағона ва ғ.; номи асбоби мусиқии тордор, ки бо ду чӯбча менавозанд. 2. як навъи даф, ки аз ду сафҳаи биринчӣ иборат буда, онҳоро ба ҳам мезананду оҳанг ба вуҷуд меоваранд [8, с.552]. Дар байти зерин ба ҳамин маъниҳост.

Малик сармасту соқӣ бода дар даст,
Навои **чанг** мешуд шаст бар шаст [15, с.206].

Арғанун – номи сози мусиқии қадимии юнониён аст. Сози нисбатан мураккаб буда, навъе аз созҳои забончадору бодӣ мебошад [4, с.104].

Накисо чангро хуш карда оғоз,
Фиканда **арғунун**ро захма бар соз [15, с.379].

Камонча: –номи сози тории мусиқӣ буда, 3-4 тор дорад [4, с.106].

Мусиқор – 1. номи асбоби мусиқии қадим [9, с.752]. 2. номи асбоби нафасии қадимаи мусиқист, аз 8 то 21 найчаи дарозу кӯтоҳ дошт. То асри XII-XIII дар Осиёи Миёна маъмул буд [4, с.107]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳост:

Камонча оҳи мӯсивор мезад,
Муғаннӣ роҳи **мусиқор** мезад [15, с.205].

Таблак – номи сози қадимии зарбии мусиқист [4, с.107], табли хурд, нақорача; нақорачаи сафолии думдароз, ки ба зери бағал гирифта менавозанд, думбак [8, с.294].

Чу дар нолидан омад **таблак**и боз,
Даромад мурғи сайдафкан ба парвоз [15, с.336].

Най – номи сози нафасӣ аст, ки бештар аз танаи най сохта мешавад [4, с.107].

Дигар шабҳо, ки бахташ ёр гаштӣ,
Ба бонги ною най бедор гаштӣ [15, с.424].

Руд: – 1. яке аз асбоби тордори мусиқӣ. 2. тор, тори соз, тори асбоби мусиқӣ [10, с.150]. Дар байти зерин низ ба ҳамин маъниҳо омадааст.

Чу **рӯди** Борбад ин парда пардохт,
Накисо зуд чанги хеш бинвохт [15, с.386].

Абрешим – тори соз, тори асбобҳои мусиқӣ [8, с.31].

Ба гӯши чанг дар **абрешими** соз,
Фиганда ҳалқаҳои маҳрам овоз [15, с.380].

Захма – асбоби хӯрди филизӣ ё аз устухон сохтае, ки бо он асбобҳои ториро менавозанд, мизроб, нохунак [8, с.535].

Чу бар **захма** фиган абрешими соз,
Даровард офаринишро ба овоз [15, с.378].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии вожаҳои ифодагари созу наво ё марбут ба суруду мусиқӣ дар достони "Хусрав ва Ширин" метавон чунин хулоса намуд:

- аз таҳлилу таҳқиқи байтҳо маълум гардид, ки Низомии Ганҷавӣ на танҳо шоир, балки донандаи хуби созу наво ва асбобҳои мусиқӣ будааст;
- дар давраи шоир соҳаи суруду мусиқӣ хеле инкишофу густариш ёфта будааст ва мардум ба он шавқу рағбати хосса зоҳир мекардаанд;
- вижагии мансаби сароядагӣ ва ромишгарӣ, созу наво ва навъҳои он дар достон хеле хуб нишон дода шудааст;
- дар достони шоир вожаю истилоҳоти фаровони мусиқӣ корбаст гардидааст;

- ҳангоми дар гурӯҳҳо баррасӣ намудани ин навъи вожаҳо муайян гашт, ки барои созу навои дилнишин асбобҳои мусиқии мувофиқ ва созгор вуҷуд доштаанд, ки қисме аз онҳо ҳанӯз ҳам боқӣ мондаанд (тор, таблак, чанг ва монанди инҳо);

- дар равиши баррасӣ муайян гашт, ки вожаҳои марбут ба созу наво ва навъҳои он дар достон бештар корбаст гардидаанд ва ба ин ҳамон сӣ лаҳни Борбад намуна шуда метавонад,

- номи оҳангу навоҳо ва асбобҳои мусиқӣ асосан тоҷикианд.

Вобаста ба таносуби гурӯҳҳо метавон вожаҳои марбут ба суруду мусиқиро дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомӣ дар шакли ҷадвал нишон дод:

Луғоти марбут ба суруду мусиқӣ

Навъи оҳангу лаҳнҳо	**Номи оҳангу нағмаҳо**	**Созҳои мусиқӣ**	**Касб**
фалак	бонг	арғанун	дуҳулсоз
пардаи ушшоқ	зер	барбат	дуҳулзан
раҳи рост	лаҳн	бӯқ	мутриб
сӣ лаҳни Борбад	наво	мусиқор	ромишгар
Ганҷи бодовард	нағма	рӯд	чангӣ
Ганҷи гов	нола	соз	муғаннӣ
Ганҷи сӯхта	оҳанг	тор	
Шодурвони марворид	суруд	таблак	
Тахти тоқдисӣ	тарона	уд	
Ноқусӣ ва аврангӣ	ғино	чанг	
Ҳуққаи Ковус	ғазал	шаҳрӯд	
Моҳ бар кӯҳон	самоъ	сито	
Мушкдона	тайёра	абрешим	
Ороиши хуршед	ҳазин	захма	
Нимрӯз	парда	камонча	
Сабз дар сабз	базм		
Қуфли румӣ	тараб		
Сарвистон	самои арғанинӣ		
Сарви саҳӣ			
Нӯшинбода			
Ромиши ҷон			
Нози наврӯз			
Мушкӯя			
Меҳргонӣ			
Мурвои нек			
Шабдиз			
Шаби фаррух			
Фаррухрӯз			
Ғунчаи кабки дарӣ			
Нахчиргон			
Кини сиёвуш			
Кини Эраҷ			
Боғи ширин			

А Д А Б И Ё Т

1. Асадуллоев С. Баъзе истилоҳоти мусиқӣ ва суруду навоҳо дар ашъори Ҳофиз / С. Асадуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1975. - 34 с.
2. Аҳрорӣ З. Достони ишқу зебоӣ / З. Аҳрорӣ // Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С.13.
3. Баҳром Фараҳвашӣ. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ / Фараҳвашӣ, Баҳром. – Теҳрон, 1381. - 571 с.
4. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ / М.Н.Қосимова. – Душанбе, 2007. - 171с.
5. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / Мураттиб: Д. Раҳимов. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. – 280 с.
6. Неъматзода Ф. Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии достони “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷавӣ: автореферат / Ф. Неъматзода. - Душанбе, 2001. – 20 с.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо зиёиёни мамлакат аз 19.03.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 08.01.2019).
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 1987. – 949 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ Ҷ.1. – Москва, 1969. – 951 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ Ҷ.2. – Москва, 1969. – 949 с.
12. Ҳалимова С. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ. Монография / С. Ҳалимова. – Душанбе, 2014. - 152 с.
13. Ҷомӣ. Осор. Ҷилди ҳаштум. - Душанбе: Адиб, 1990. - 495 с.
14. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди I. - Душанбе, 1988. - 544 с.
15. Низомии Ганҷавӣ. Хамса: Хусраву Ширин. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.

ЛУҒОТИ МАРБУТ БА СУРУДУ МУСИҚӢ ДАР ДОСТОНИ «ХУСРАВ ВА ШИРИН»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Дар мақолаи мазкур доир ба луғоти марбут ба суруду мусиқӣ сухан меравад. Луғоти марбут ба санъатҳои навозандагию сарояндагӣ дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ фаровон ба назар мерасад. Луғот ва истилоҳоте, ки Низомӣ дар ин достон ба кор бурдааст, нишон медиҳад, ки халқи тоҷик аз қадимулайём ба мусиқӣ дилбастагии зич дошта, ба ин навъи санъат нодиракориҳои ҳунарӣ кардааст. Аз ҷумла, ихтироъкорону созандагони умдатарин созҳои мусиқиаш дар густариши санъати навозандагӣ ва ҳунари созтарошӣ ҳиссаи сазовор доранд. Муаллиф доир ба луғоти марбут ба мусиқӣ дар достони «Хусрав ва Ширин» вожаҳои зиёдеро чун фалак, пардаи ушшоқ, раҳи рост, бонг, зер, лаҳн, наво, нағма, нола, оҳанг, суруд, тарона, ғино, ғазал, самоъ, тайёра, ҳазин, парда, базм, тараб, арғанун, барбат, бӯқ, мусиқор, рӯд, соз, тор, таблак, уд, чанг, шаҳрӯд, сито, абрешим, захма, камонча, духулсоз, духулзан, мутриб, ромишгар, чангӣ, муғаннӣ ва ғайраро фаровон истифода кардааст. Низомии Ганҷавӣ дар достони “Хусрав ва Ширин”-и “Хамса”-и худ аз сӣ лаҳни Борбади Марвазӣ ёдовар мешавад, ки ҳама номвожагони асили тоҷикӣ-форсиянд: ганҷи бодовард, ганҷи гов, ганҷи сӯхта, шодурвони марворид, тахти токдисӣ, ноқусӣ ва аврангӣ, ҳуққаи Ковус, моҳ бар кӯҳон, мушкдона, ороиши хуршед, нимрӯз, сабз дар сабз, қуфли румӣ, сарвистон, сарви сиҳӣ, нӯшинбода, ромиши ҷон, нози наврӯз, мушкӯя, меҳргонӣ, мурвои нек, шабдиз, шаби фаррух, фаррухрӯз, ғунчаи кабки дарӣ, нахчиргон, кини Сиёвуш, кини Эраҷ, боғи ширин.

Калидвожа: Низомии Ганҷавӣ, достони “Хусрав ва Ширин”, истилоҳоти мусиқӣ, номи касбҳо, оҳангҳо, созҳо.

ЛЕКСИКА, СВЯЗАННАЯ С ПЕНИЕМ И МУЗЫКОЙ, В ПОЭМЕ “ХУСРАВ И ШИРИН” НИЗАМИ ГАНДЖАВИ

В настоящей статье речь идёт о лексике, связанной с пением и музыкой. В поэме “Хусрав и Ширин” Низами Ганджави в изобилии употреблены слова, имеющие отношение к игре на музыкальных инструментах и пению. Слова и термины, использованные Низами в этой поэме, показывают, что таджикский народ с древнейших времён был привязан к музыке и создал в этом жанре искусства множество неповторимых произведений. Изобретатели и мастера по изготовлению музыкальных инструментов внесли достойную лепту в развитии музыкального искусства и мастерства изготовления инструментов. Автор в поэме широко использовал такие связанные с музыкой слова, как “фалак”, “пардаи ушшоқ”, “раҳи рост”, “бонг”, “зер”, “лаҳн”, “наво”, “нағма”, “нола”, “оҳанг”, “суруд”, “тарона”, “ғино”, “ғазал”, “самоъ”, “тайёра”, “ҳазин”, “парда”, “базм”, “тараб”, “арғанун”, “барбат”, “бӯқ”, “мусиқор”, “рӯд”, “соз”, “тор”, “таблак”, “уд”, “чанг”, “шаҳрӯд”, “сито”, “абрешим”, “захма”, “камонча”, “духулсоз”, “духулзан”, “мутриб”, “ромишгар”, “чангӣ”, “муғаннӣ”и др. Низами Ганджави в поэме “Хусрав и Ширин” своей “Хамсы” (“Пятикнижья”) упоминает 30 тонов Борбада Марвазӣ, названия которых полностью состоят из исконных таджикско-персидских слов: “Ганҷи бодовард”, “ганҷи гов”, “ганҷи сӯхта”, “шодурвони марворид”, “тахти токдисӣ”, “ноқусӣ ва аврангӣ”, “ҳуққаи Ковус”, “моҳ бар кӯҳон”, “мушкдона”, “ороиши хуршед”, “нимрӯз”, “сабз дар сабз”, “қуфли румӣ”, “сарвистон”, “сарви сиҳӣ”, “нӯшинбода”, “ромиши ҷон”, “нози наврӯз”, “мушкӯя”, “меҳргонӣ”, “мурвои нек”, “шабдиз”, “шаби фаррух”, “фаррухрӯз”, “ғунчаи кабки дарӣ”, “нахчиргон”, “кини сиёвуш”, “кини Эраҷ”, “боғи Ширин”.

Ключевые слова: Низами Ганджави, поэма “Хусрав и Ширин”, музыкальные термины, наименование профессий, мотивы, инструменты.

VOCABULARY RELATED TO MUSIC IN NIZAMI GANJAVI'S POEM "KHUSRAV AND SHIRIN”

This article is about vocabulary related to music. The poem “Khusrav and Shirin” by Nizami Ganjavi contains abundant words related to playing musical instruments and singing.Since ancient times, the Tajik people have been attached to music and created many unique works in this genre of art. Inventors and craftsmen in the manufacture of musical instruments have made a worthy contribution to the spread of music making and the art of making instruments.The author made extensive use of music-related words in the poem *“falak”, “pardai ushshak”, “rahi rost”, “bong”, “zer”,* “lahn”, “navo”, “nagma”, “nola”, “tone”, “surud”, “tarona”, “gino”, “gazelle”, “samo”, “tayuora”, “hazin”, “parda”, “bazm”, “tarab”, “arganun”, “barbat”, “buq”, “musiqor”, “rud”, “soz”, “tor”, “tablak”, “ud”, “chang”, “shahrud”, “sito”, “abreshim”, “zakhma”, “kamoncha”, “duhulsoz”, “duhulzan”, “mutrib”, “romishgar”, “changi”, “muganni”and another. The poet NizamiGanjavi in the poem “Khusrav and Shirin” of his “Hamsa” (“Pentateuch”) mentions 30 volumes of BorbadMarwaz, the names of which consist entirely of native Tajik-Persian words:“Ganjibodovard”, “ganjigov”, “ganjisukhta”, “shodurvonimarvorid”, “takhtitoqdisi”, “noqusi and avrangi”, “huqqaiKovus”, “moh bar kuhon”, “mushkdona”, “oroishikhurshed”, “nimruz”, “sabzdarsabz”, “quflirumi”, “sarviston”, “sarvisahi”, “nushinboda”, “romishijon”, “nozinavruz”, “mushkuyu”, “mehrgoni”, “murvoinek”, “shabdiz”, “shabifarrukh”, “farrukhruz”, “gunchai kaki dari”, “nakhchirgon”, “kinisiyovush”, “kiniEraj”, “garden Shirin”.

Key words: NizamiGanjavi, poem “Khusrav and Shirin”, musical terms, name of professions, motives, tools.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муминова Кимиё Маҳмадқуловна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-15-62-03**

Сведения об авторе: ***Муминова Кимиё Махмадкуловна*** **– Т**аджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-15-62-03**

Information about the author: ***Muminova Kimiyo Makhmadgulovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-15-62-03**

УДК:491.550:42

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ҶОНИШИНҲОИ НАФСӢ-ТАЪКИДӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Қурбонов К.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Яке аз омилҳое, ки ба рушди забони миллӣ оварда мерасонад, ин пойбарҷо будани истиқлолияти давлатии кишварамон мебошад. Истиқлолияти давлатӣ имконият фароҳам меоварад, ки забон ҳам рушд кунад ҳам робитаи худро бо дигар забонҳои дигар хуб бароҳ монад. Рушди забон аз омӯзиши жарфтари қисматҳои он дар қиёс бо дигар забонҳои миллии кишварҳои хориҷа вобастагӣ дорад.

Доир ба ҳамин масъала назарияи тадқиқоти олимон, ки бештар ба ҷонишинҳо дар забоншиносонӣ таҳқиқот бурдаанд ва хеле саҳмашон дар ҷода назаррас аст, аз қабили Саидризо Ализода, Б. Сиёев, Ф. Зеҳнӣ, Ҷ. Бақозода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, С.Ҷ. Арзуманов, Х. Ҳусейнов ва К. Шукурова забоншиносони рус аз қабили Расторгуева В.С., Р.Л. Неменова В.А. Ефимов, Е.Н. Шарова ва забоншиносони англис Пенинг Е., Митчел Б., Гердерен Э.В корҳои илмию таҳқиқотӣ анҷом додаанд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷонишинҳо мавқеи хосса дошта, ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ шинохта шудаанд. Одатан дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳо аз рӯйи маъно тасниф карда мешаванд [5, с.7]. Қоидаи ҷонишинро забоншиносон ҳар гуна шарҳу эзоҳ додаанд: Ҷонишин он ҳиссаи мустақили нутқ, ки ба ҷойи исм, сифат ва шумора омада муносибати гӯяндаро нисбат ба ашё, аломату миқдор мефаҳмонад ном дорад [4, Қ.1, с.165].

Дар мақолаи мазкур омӯзиши муқоисавии ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ карда мешаванд. Мушкилот, таърихи пайдоиш ва рушду инкишофи ҷонишинҳо дар тамоми забонҳои дунё мавриди таваҷҷуҳи аҳли забоншиносон гардида буд, ҳаст ва хоҳад монд. Аз ин рӯ, омӯзиши муқоисавии ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба манфиати кор хоҳад буд. Ва ин омӯзиш ва таҳлилу қиёси ҷонишинҳо паҳлуҳои норавшани ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии забонҳои қиёсшавандаро равшантар мегардонад.

Чуноне ки забоншиноси барҷастаи тоҷик Б.Сиёев қайд менамояд, таҳқиқи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забони тоҷикӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ба шумор рафта то ҳол доир ба ин масъала таҳқиқоти алоҳида вуҷуд надорад. Омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ низ яке аз масъалаҳои забоншиносии қиёсӣ ба шумор меравад.

Дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ин калимаҳои **худ**, **хеш ва хештан** мебошанд [5, с.163]. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ худ ашёро муайян намуда, маъноро таъкид менамоянд ва муносибати шахсро **ба худ** мефаҳмонанд. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ба ҳама ашёҳо мансубият доранд. Дар забони гуфтугӯӣ ҳамчун ҷонишини нафсӣ калимаи **худ** дар китобат бошад калимаи **хеш (хештан)** низ кор фармуда мешавад.

Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ба шахсе ишора мекунанд, ки дар шароити муайяни нутқ иҷрокунандаи амал мебошанд. Аз ин рӯ, ба ҷонишинҳои шахсӣ наздикӣ доранд. Дар давраи аввали забони адабии тоҷик шакли ман худ, ту худ, ӯ худ, мо худ, шумо худ, эшон худ вале дар забони адабии ҳозира асосан шакли дуюмаш ба кор бурда мешавад. Шакли аввалаш бошад дар афоризмҳо истифода мешавад.

Мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ (Айнӣ) [5, с.163].

Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ таърихи қадима дорад ва онро ба се давраи муҳим ҷудо намудаанд. Якум давраи антиқа, дуюм давраи миёна ва сеюм давраи ҳозираи забони тоҷикӣ мебошад. Дар давраи қадимаи забони тоҷикӣ-форсӣ танҳо калимаи **(h) uva** ҳамчун ҷонишини соҳибӣ-нафсӣ қайд шудааст [3, Ҷ.2, с.83].

Дар давраи миёнаи забони тоҷикӣ ва форсӣ миқдори ками ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ мушоҳида мешаванд, ки онҳо дар он давра калимаҳои **худ, хеш ва хештанро** дар бар мегирифтанд [3, Ҷ.2, с.83-84].

Дар давраи нав низ мисли давраи миёна дар забони тоҷикӣ калимаҳои худ, хеш ва хештанро ҳамчун ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ истифода мекарданд [3, Ҷ.3, с.121]. Чуноне ки забоншиноси барҷастаи тоҷик Б. Сиёев қайд намудааст, аз даврони қадим то ҳол ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ гурӯҳи муайяни калимаҳо буда, тӯли таърих дар раванди инкишофи забони тоҷикӣ таҳаввулу дигаргун шудаанд. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ танҳо шаклашонро тағйир додаанду халос [3, Ҷ.2, с.83-84].

Мавриди зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ-форсии давраи миёна шакли мураккаби ҷонишини нафсӣ-таъкидии **хештан** сохта шуд. Истифодаи ҷонишини нафсӣ-таъкидии **худ ва хеш**-ро мо дар асарҳои мутафаккирони барҷастаи тоҷик мебинем. Мисол:

Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бувад ва ту низ хирагии хеш маҷӯй ва бо падару модари **хеш** чунон бош, ки аз фарзандони **хеш** тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд… [10, с.7].

Ва андар ҳама корҳо дод аз **худ** бидеҳ, ҳар кӣ дод аз **хештан** бидиҳад аз довари мустағнӣ бошад [10, с.13].

Чунон низ шармгин мабош, ки аз шармгинӣ дар муҳиммоти **хеш** тақсир кунӣ ва халал дар кори ту роҳ ёбад… [10, с.15].

Ҷонишини нафсӣ-таъкидии **худ ва хеш** дар ғазалу шеърҳои шоирон бисёртар истифода мешавад. Истифодаи ин намуди ҷонишинҳо дар асри **X-X1X** зиёд дучор мешавад.

З-ин фитнаҷо нишонаи тири бало шудем,
Худ гӯ, куҷост балдаи доруламони мо? [11, с.22].

Ҳидояте бинамо **худ** ба ин табаҳкорон,
Асар ба гӯши касе гуфтаи китоб надорад [11, с.21].

Ҷонишини хеш ва хештан муродифи ҷонишини худ мебошад, аммо нисбатан камистеъмол буда дар назм истифода мешавад [6, Ҷ.1, с.163]. Мисол:

Гар шер шавад адӯ чи пайдо, чи нуҳуфт,
Бо шер ба шамшер сухан бояд гуфт.
Онро, ки ба гӯр хуфт бояд бечуфт,
Бо чуфт ба хони **хеш** натвонад хуфт [10, с.52].
Эй дил, нафсе аз ҳавасе **хеш** бурун о,
То монда нагардӣ, қадаме пеш бурун о [11, с.30].
Ду рухсор пурхуну дил сӯгвор,
Дижам карда бар **хештан** рӯзгор [12, с.47].
Ба ҳоли ман, эй тоҷвор, дар нигар,
Маяфзой бар **хештан** дарди сар [12, с.95].

Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ аз даврaҳои антиқа вазифаҳои мушаххас доштанд. Масалан, дар забони авастоӣ калимаҳои hva-, hava-, xᵛa соҳибиятро мефаҳмониданд ва нисбат ба шахсҳои якум, дуюм ва сеюм бетафовут истифода мешуданд [3, Ҷ.1, с.190].

Дар даврaи миёнаи забони тоҷикӣ ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ xᵛad, xveŠ, xveŠtan ду вазифа - соҳибияту таъқиниро ичро мекарданд [3, Ҷ.2, с.83-84].

Таърихи пайдоиши калимаҳои мазкур чунин мебошад: дар форсии миёна xᵛad (шакли қадимаи он xᵛat, монавии xwd) <эронии қадим *hva-, шакли адвербалии он дар авастоии позандӣ xᵛato “аз рӯйи ирода” ҳинди бостон svatas “худи худ”, ҳамчун ҷонишини сифатӣ дар авастоии готию позандӣ xᵛa-. авестоии hava-. hva-. Форсии қадим (h) uva-, ҳиндии бостон sva- “худ, хеш” [3, Ҷ.2, с.83]> тоҷикӣ-форсии дарӣ **xᵛad (**xᵛaδ**)** [3, Ҷ.3, с.121].

Агар ба таърихи пайдоиши ҷонишини нафсӣ-таъкидии **хеш** назар андозем мушоҳида менамоем, ки дар катибаҳои даврaи миёнаи забони тоҷикӣ дар шакли xveŠ (hwys монавии xwy(b)s) истифода шудаанд.

Шакли xveŠ дар эрони қадим калимаҳои *xvaipavya, (авастои позандӣ xᵘaeраiϑya аз xᵘaepati- хеш, форси қадим (h) uvaipaŠiya- “они ман”) будааст. Дар ин давра ҷонишини нафсӣ-таъкидии xveŠ субстантиватсия xᵛeŠan tohmagan шудааст [3, Ҷ.2, с.83-84].

Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ, ки аз рӯйи сохт мураккаб мебошад аз ду ҷузъ иборат аст ва дар се даврaи таърихии забони тоҷикӣ рушду такмил ёфтааст. Тахмин меравад, ки ҷонишини хештан дар забони тоҷикӣ-форсии қадим дар шакли *(h) uvaipaŠiy+tanu истифода шудааст. Дар даврaҳои зикршуда ҳамчун ҷонишини нафсӣ ва соҳибӣ истифода шудааст.

Агарчи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ шумораашон дар забони тоҷикӣ кам бошад ҳам, вале дар ҷумла мавқеи сазовор доранд. Таърихи пайдоишашон аз якдигар фарқ дошта, вобаста ба ҳар даврaи таърихӣ мавқеи истифодабариашон иваз мешуданд. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии “худ” ва “хеш” аз рӯйи сохт сода буда, ҷонишини “хештан“ бошад аз рӯйи сохт мураккаб аст. Чунки аз ду ҷузъ **хеш** ва **тан** иборат мебошад. Ҳаминро қайд бояд кард, ки ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар даврaи миёнаи ташаккули забони тоҷикӣ вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-соҳибиро низ ичро мекарданд.

Мақолаи мазкур он тағйиротҳое, ки дар роҳи ифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар даврони англисии қадима, миёна ва ҳозира низ ба амал омадаанд, таҳлил ва баррасӣ мекунад. Омӯзиши ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ду ҳолати истифодаи онро нишон медиҳад. Якум истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ ва дуюм ҳамроҳ кардани вожаи self ба ҷонишинҳои шахсӣ мебошад. Дар даврони англисии қадима ҷонишинҳои шахсӣ то ҷое вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро ифода мекарданд. Бинобар ин, барои аз байн бурдани ин вазифа, ки номутаносибии тарҷумаи ҷонишинҳои шахсиро ба миён меовард, ба худ вожаи self-ро барои ифода кардани вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар ҷумлаҳо ҳамроҳ карданд.

Истифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забони англисии муосир аз дигар забонҳои олмонӣ фарқ мекунад. Дар забони англисӣ ифодаи морфологии ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ мисли забони олмонӣ “sich” ва забони лаҳистонӣ “sie” дида намешавад. Дар навбати дигар шакли self-ро ҳамчу ҷонишинҳони нафсӣ-таъкидӣ истифода мекунанд. Нисбат ба забони англисии миёна, забони англисии қадим анафори ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии хоссе надошт, ки ин ҳолат дар оилаи забонҳои олмонӣ он қадар кам нестанд.

Барои мисол, дар забони Фризианӣ шакли махсуси ифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ барои шахси сеюми шумораи танҳо вуҷуд надорад. Ҷонишини шахсии him “him” ва har “her” метавонад вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро иҷро кунад.

Мавриди зикр аст, ки дар забони англисии қадим, низ асосан ҷонишинҳои шахсӣ, муносибат ва вазифаи нафсиятро нишон медоданд.

Чуноне ки Пенинг забоншиноси англис қайд менамояд, яке аз сабаби асосии ҳамроҳ кардани калимаи self ба ҷонишинҳои шахсӣ, ин худ набудани далели фарқият байни ҷонишинҳои шахси сеюм дар ифодаи нафсият ва муносибати он ба шахси сеюм мебошад [9, с.12].

Мувофиқи тадқиқоти олими англис Митчелл калимаи self дар мақоми истифодашавандааш нафсияти воқеъ будани шахсияти худашро ифода мекунад [7, с.116].

Пеш аз оне ки тарзи истифодаи нафсиятро дар забони англисии қадима муҳокима кунем, лозим аст, ки дар бораи феълҳое, ки маънои нафсиятро ифода мекарданд, маълумот дошта бошем. Умуман вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро ҳамон вақт метавон фаҳмид, ки муносибати объектро бо субъект муқоиса ва истифода кард. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ объекти феъл мебошанд ва бо нишондиҳандаи алоқаи субъект ё ибораҳои пешояндии by, for, with ифода меёбанд. Мисол:

The woman drew herself yet closer under the shadow.

Зан худашро ба таги соя наздиктар намуд [13, с.9].

The emperor himself, in person, did me the honour to be by at the whole ceremony.

Шахсан шоҳ худаш будани маро дар маросим ифтихор донист [14, с.47].

Пас ҳамин тавр бошад, ҳолати монандии нафсият ҳолате шуморида мешавад, ки амал ба худи иштирокчӣ равона шудааст на ба каси дигар.

Мебоист қайд намуд, ки як қатор феълҳое, ки нафсиятро ифода мекунанд дорои объект намебошанд. Ин гурӯҳи феълҳо бечунучаро феълҳои монда буда, метавонад нафсиятро ифода кунанд. Дар забони англисии муосир ҷонишинҳои шахсии нафсӣ танҳо барои возеҳу аниқ намудан истифода шуда ва ё истифодабарии онҳо ба як маънои муайян мубаддал гаштааст. Масалан: oneself

I suppose that is a form of caring for oneself!

Ман мепиндорам, ки ин як навъи ба худ ғамхорӣ кардан аст [17, с.26].

Yes, I know I did," said Ethel, faltering, "but that was for oneself

Бале, ман медонам, ман кардам гуфт Этел тааҷҷубонона, аммо он барои худам буд [17, с.137].

Дар аксари забонҳои олмонӣ ва лотинӣ вожаҳои махсус барои ифода намудани маънои ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар шахси сеюм дида мешавад. Масалан, дар забони Готӣ ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ барои шахси сеюм дар воситаҳои грамматикӣ **sik, sis** and **seina** мутаносибан истифода мешуданд**.** Аммо забони англисӣ барои ҷонишини лотинии **se** экививалент надорад.

Аз ин рӯ, дар забони англисии қадим ҷонишини шахси сеюм барои ифодаи сохтори ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ мисли ҷонишинҳои шахсии шахси якум ва дуюм бояд истифода бурда мешуд.

for ðan þe he hine ætbræd þam flæsclicum lustum.

‘because he had withdrawn himself from fleshly lusts.’

Зеро ки ӯ ҷисман шаҳвонияти худро дар канор гузошт [9, с.2].

Дар даврони антиқаи забони англисӣ ҷонишинҳои шахсии шахси сеюми танҳо him, hine/hyne, hire/hyre, hi/hy and hit доираи бузурги ифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро ташкил медоданд.

Ҷонишини him метавонад дар ҷинси мардона дар шакли ҷамъ ҳамчун ҷонишини мусбӣ истифода шавад, ки ин пайвастшавӣ дар сохтори ҷинсияти адабиёти Англо-саксонҳо васеъ истифода шудааст.

Инчунин Пенинг қайд менамояд, ки ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар бисёр ҳолатҳо шакли ивазнашавандаро гирифта, ҳамин тавр дар ҷинси мардона боқӣ мондаанд. Ҳамин тавр, ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ хусусияти фаъоли феълро нисбат ба ашё мефаҳмонад. Дастхатҳои қадимаи забони англисӣ исбот мекунанд, ки дар шахси сеюми шумораи танҳо ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ дар ҷинси занона ҳамчунин дар шакли соҳибӣ низ истифода мешавад: hire/hyre and hi/hy:

Sum heo hire on handum bær

‘Some (apples) she carried in hands.’

Якчанд себро ӯ худаш бо дастонаш оварда [9, с.9].

Þæt da aglæcean hy eft gemetton

‘that the fierce enemies met each other again.’

Чӣ мешуд ду душмани қотеъ ба ҳамдигар аз сар нав вохӯранд [15, с.62].

He himself took his stand beside the chimney and fingered a volume of the registers, making pretence to read but keeping his eye alert for any movement of Leicester.

Вай худаш паси дудбаро истоду асбоби мусиқиро мутобиқ сохта вонамуд кард, ки мехонад аммо чашмашро аз ҳаракатҳои Лейсестер намеканд [16, с.136].

I gave them provisions of bread and of dried grapes, sufficient for themselves for many days, and sufficient for all the Spaniards.

Ман онҳоро бо нон ва ангури хушк таъмин кардам ва барои худашон ва барои ҳамаи Испаниҳо он кифоягӣ мекунад [18, с.319].

Роҳҳои бештари ифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ин истифода шудани вожаи self бе ҷонишинҳои шахсӣ мебошад. Вожаи self одатан дар ҷумла танҳо омада маънои таъкидӣ доштани чизеро мефаҳмонад.

Biowulf com sylfes cræfte ….

‘Beowulf came using **his** own strength’ [15, с.57].

... ealle ofercomon, selfes mihtum.

‘all overcome by **his** own might’ [15, с.17].

Дар ҷумлаҳои дар боло зикргардида нисбат ба ҷонишини нафсӣ ифодаи ҷонишини таъкидиро дида метавонем. Масалан:

Beowulf was able to flee just owing to his own strength.

Беовулф танҳо бо туфайли қувваи худаш метавонист гурезад.

The artist himself was at that time busy upon two great designs.

Худи рассом дар он вақт бо ду лоиҳаи бузург машғул буд [14, с.228].

Tilda obeyed breathlessly, and found herself in a dark stone stairway.

Тилда дам набароварда худашро дар зинапояи сангини торик дид [13, с.27].

Чуноне ки забоншиноси англис Пенинг қайд менамояд, ин сохтор дар ҳақиқат, дар забони Англо-саксонҳо маъмул набуда ва бештари фаъолгардонии ҳамин воситаҳои грамматикӣ ба ҷонишинҳои соҳибӣ нисбат доштанд ва ҳамин тавр бо ибораҳо ба монанди **sylfes villum, sylfes mihtum, sylfes dome**” бештар истифода мешуд.

Ҷонишини self дар ҷумла ба танҳоӣ меояд ва ба ӯ зарфи қадимаи забони англисӣ willes ҳамроҳ карда мешавад, ки дар бештари мавридҳо маънои таъкидиро доро мебошад.

Dyslic bið þæt man sylfwilles to rode gealgan efste. &hine sylfne to tintregum asende.

‘It is foolish that a man should hurry wilfully to the cross, and send himself to torments.’

Беақлист, ки инсон дидаю дониста барои ибодат кардан саросема шуда, худро дар ғафлат мемонанд [9, с.16].

Бояд гуфт, ки дар даврони антиқаи забони англисӣ вожаи self ду вазифаро иҷро мекард. Якум, вазифаи иброз кардани ҷонишинҳои интенсивӣ ва дуюм, вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро иҷро мекард Дар даврони антиқаи забони англисӣ вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидиро ҷонишинҳои шахсӣ баён мекарданд, аммо дертар дигар сохтор барои иброз кардани ифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ пайдо шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов С. Ибораҳои ҷонишинӣ. Воситаи таълимӣ / С. Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 74 с.
2. Б. Ниёзмуҳаммадов- Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ. Қисми 1 / Ниёзмуҳаммадов Б. ва диг. - Душанбе: Ирфон, 1973. – 445 с.
3. Расторгуева В.С. Основы иранского языкознания. Монография / В.С. Расторгуева. - Москва: Наука, 1979. - Ҷ.1. - 337 с; - 1981. - Ҷ.2. - 543 с; - 1982. - Ҷ.3. - 570 с.
4. Саидов Р. Забони адаби тоҷик. Китоби дарсӣ. Қисми 1 / Р.Саидов, Н. Аюбӣ. – Душанбе: Ямини содиқ, 2008. – 268 с.
5. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ / Б. Сиёев. - Душанбе: Дониш, 1972. – 237 с.
6. Ш. Рустамов. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ / Ш.Рустамов, Р.Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
7. Mitchell B. - Old English syntax. Teaching book / B. Mitchell. - Oxford: Clarendon Press, 1985. - 820 c.
8. Gelderen Elly van. A history of English reflexive pronouns; person, self and interpretability. Teaching book / Elly van, Gelderen. - Amsterdam: John Benjamin’s Publishing Company, 2000. – 303 c.
9. Penning, Gerhard Eberhard. A history of the reflexive pronouns in the English language: Dissertation. - University of Leipzig, 1875. – 156 c.
10. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Насиҳатнома / Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе: Ирфон 1967.
11. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт / Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн. – Душанбе: Адиб, 2019.
12. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ.1 / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007.
13. “True Tilda” by Arthur Thomas Quiller. - Hard Press, 2015.
14. Gulliver’s Travels by Jonathan Swift. - Oxford University Press, 2005.
15. “Bilingual Beowulf” - unknown author, 2003.

16. “The adventures of Harry Revel“. - publish drive inc, 1903.
17. “Gutenberg’s The Daisy Chain“, by Charlotte Yonge - The Virago edition, 1988.
18. “Robinson Crusoe “by Daniel Defoe. - Wordsworth Editions Limited, 1995.

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ҶОНИШИНҲОИ НАФСӢ-ТАЪКИДӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф он тағйиротҳоеро, ки дар роҳи ифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар даврони қадима, миёна ва ҳозираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба амал омадааст, таҳлил ва баррасӣ намудааст. Омӯзиши ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забони англисӣ ду ҳолати истифодаи онро нишон медиҳад. Якум, истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ ва ҳамроҳ кардани вожаи self ба ҷонишинҳои шахсӣ мебошад. Аз ҳама бештар барои истифода кардани ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар даврони антиқаи забони англисӣ вожаи self-ро бе ҳамроҳ кардан ба ҷонишинҳои шахсӣ истифода мебурданд. Вожаи self одатан дар ҷумлаҳои даврои антиқаи забони англисӣ танҳо омада, маънои таъкидӣ доштани чизеро мефаҳмонад. Дар забони тоҷикӣ бошад, таърихи пайдоиши ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ аз якдигар фарқ дошта, вобаста ба ҳар даврои таърихӣ мавқеи истифодабариашон иваз мешуданд. Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии забони тоҷикӣ “худ” ва “хеш” аз рӯйи сохт сода буда, ҷонишини “хештан” бошад аз рӯйи сохт мураккаб аст, чунки аз ду ҷузъ “**хеш**” ва “**тан**” иборат мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар даврои миёнаи рушди забони тоҷикӣ вазифаи ҷонишинҳои нафсӣ-соҳибиро низ ичро мекарданд. Доираи истифодаи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хеле васеъ буда, мавқеи онҳо дар забонҳои болозикр басо бузург мебошад. Аз ин рӯ, муайян кардани хусусиятҳои ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳаммияти калон дорад.

Калидвожаҳо: ҷонишинҳо, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ, даврои антиқа, даврои миёна ва даврои ҳозира.

МНЕНИЯ ОБ ИСТОРИЧЕСКОМ ВОЗНИКНОВЕНИИ ВОЗВРАТНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье автор анализирует и оценивает те изменения, которые произошли в выражении возвратных местоимений в древнем, средневековом и современном таджикском и английском языках. Изучение возвратных местоимений в английском языке иллюстрирует два случая его использования. Первое–это использование личных местоимений и присоединение термин self к личным местоимениям. Во многом для использования возвратных местоимений в древнем периоде английского языка термин self употребляется без личного местоимения. Обычно термин self в контекстах английского языка древнего периода находится отдельно, выражает значение возвратности (предупредительности) определённых понятий. Но в таджикском языке история возникновения возвратных местоимений варьируется от одного места к другому, в зависимости от каждого исторического периода. Возвратное местоимение таджикского языка «себя» простое по своей структуре, а слова «себезнательность» сложно по своей структуре. Оно состоит из двух частей: «себя» и «тело». Следует отметить, что возвратное местоимение в средний период развития таджикского языка также выполняет задачу возвратных-притяжательных местоимений. Степень использования возвратных местоимений в таджикском и английском языках очень широка, их местонахождение в данных языках особо заметно. Поэтому определение особенности возвратных местоимений в таджикском и английском языках имеет большое значение.

Ключевые слова: местоимение, возвратное местоимение, древний период, средний период ,современное период.

OPINIONS ON THE HISTORICAL ORIGIN OF REFLEXIVE PRONOUNS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the author analyzes and evaluates the changes that have taken place in the expression of the reflexive pronouns in the ancient, medieval and modern period of Tajik and English languages. The study of the reflexive pronouns in English language illustrates two states of its usage. First personal pronouns were used as reflexive pronouns and the second by adding the word self to personal pronouns. The most important ways to use reflexive pronouns in the ancient period of the English language the term self is used without a personal pronoun. Typically the term self in the contexts of the English language in the ancient period is separately and expresses the meaning of the reflexivity (emphasis) of certain concepts. In the Tajik language, the history of the origin of the reflexive pronouns varies from each other depending on every historical period. The reflexive pronouns of the Tajik language “myself” is simple in its structures and the “oneself”(body) is complex in its structure. It consists of two parts "self" and "body(one)". It should be noted that the reflexive pronouns in the middle period of the development of the Tajik language also carried out the functions of reflexive-possessive pronouns. The degree of use of reflexive pronouns in Tajik and English languages is very wide and their location in these languages is especially noticeable. Therefore the definition of the characteristic of reflexive pronouns in Tajik and English have great importance.

Key words: pronoun, reflexive pronoun, ancient period, middle period and modern period.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Курбонов Кароматулло Абдухолиқович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он. E-mail: **kolya6293@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 987-69-00-66**

Сведение об авторе: ***Курбонов Кароматулло Абдухоликович*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры иностранных языков и методики их преподавания. E-mail: **kolya6293@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 987-69-00-66**

Information about the author: ***Qurbonov Karomatullo Abdukholiqovich*** - Kulob State University named after A.Rudaki, assistant of the department of foreign languages and its methods of teaching. E-mail: **kolya6293@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 987-69-00-66**

УДК:491.550:42

ПАЙДОИШИ ЭТИМОЛОГИИ ҚИСМАТЕ АЗ ТОПОНИМҲОИ ВОДИИ ҒУНД

Сафарқулова Ш.Ю.
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

Ҷамоати деҳоти *Wānqala* яке аз ҷамоатҳои калонтарини водии Ғунди ноҳияи Шуғнон ба ҳисоб рафта, аз 6640 аҳолӣ ва 16 деҳаҳои аҳолинишин иборат аст. Топоними *Wānqala* дар таркиби худ истилоҳоте дорад, ки ба олами наботот ва ҳайвонот сахт пайвастагӣ доранд. Олами наботот ва ҳодисаҳои ба он марбут на танҳо номи мавзеи табииро ифода мекунанд, балки дар ташаккули нуқоти маскунон ва ҳаёти маишию иҷтимоӣ низ нақши муҳим мебозанд. Мисол, худи топоними *Wānqala* маънои беди даштиро ифода карда, топонимҳои *Warẋeƶ, Morj номи намудҳои* алафро дар худ таҷассум мекунанд. Топонимы *Jelůndi бошад,* ҷараёни (протсесси) аз зери замин фаввора задани оби гармро нишон медиҳад.

И.М. Стеблин-Каменский пайдоиши топоними *Wānqalapo* ба асоси қадими эронӣ *vana*, ки дар забонҳои ҳозираи эронӣ инъикос ёфтааст, алоқаманд медонад. ав. *vana*, *banhya*, *van*, суғ. *wa* “дарахт”, ш.р. *wān*, р.б., рош. *wanoś,* сар. *wanuj*, язг. *waneg,* “бед”, афг. *wena* “дарахт”. Ҷузъи аввали топоним ш. *Wānqala* низ ба *van* алоқаманд аст [7, с.186]. Пас *Wānqala* - *Wān* - номи дарахт, *qalā* - қалъа (арабӣ). Дар ташаккули топонимия истилоҳоти ботаникӣ мавқеи муайян доранд. Зеро хусусиятҳои табиати мавзеъ, олами наботот, ки дар он ҷо мерӯянд, аз тарафи мардум ба ҳисоб гирифта шудаанд ва дар нутқи шифоӣ боқӣ мондаанд. Истилоҳоти ботаникӣ номи дарахтон, меваҳо, рустаниҳои гуногун - яке аз аломатҳои фарқкунандаи ин ё он мавзеи дигар мебошад [3, с.83]. Насридиншоев А. низ пайдоиши калимаҳои ифодакунандаи деҳаҳои марбут ба ҷамоати *Wānqala (Bačor*, *Miyůnakū, Morj*)-ро аз ҷиҳати лексикӣ, этимологӣ ва таърихӣ бо ҳамин хусусиятҳояш мавриди таҳлил қарор додааст [2, с.33-61]. Нуктаи назари этнолингвистӣ ҳам каме аз ин чиз шабоҳат медиҳад. Аз гуфтаи сокинон дар замони пеш дар ин деҳа як қалъаи калоне аз дарахти *wān* сохта шудааст ва барои ҳамин деҳа чунин ном гирифтааст. Пас маълум шуд, ки фикрҳои дар боло овардашуда ба ҳақиқат наздиканд. Чунки дар ин деҳа дарахти *wān* зиёдтар дучор мешавад. Дар вақти таҳлили сохти топоними *Wānqala* маълум мешавад, ки вай калимаи мураккаб буда, аз ду реша *wān* - номи дарахт, *qalā* - қалъа иборат аст.

Агар ба пайдоиши дигар номвожаҳо назар афканем, мебинем, ки эбештаринашон решаи қадимии умумиэрониро соҳибанд. Пайдоиши топоними *Patxůr* баҳснок аст. *Patxůr-po* - Офаридаев Н. чунин таҳлил кардааст. “Ҷузъи аввали он *pati* ба маънои “боло” “болоӣ” алоқаманд аст. Ҷузъи дуюм ба тополексемаи *ẋar* “шаҳр”, деҳа” марбут аст. Ба назарамон ҷузъи аввали калима дуруст аст, аммо ҷузъи дуюмаш бояд аз *xůr* “офтоб” бошад, на аз шаҳр, агар ин хел муболиға кунем, вай бояд *xārv* ё *śārv* бошад, на шаҳр. Дар забонҳои помирӣ дар бисёр мавридҳо калимаи “*xůr*” ба маънои хуршед истифода мешавад. Дар забони вахонӣ бошад, офтобро *yir, ir* мегӯянд. Дар “эр. қ. *hur*, аваст. *hvar*, шуғн. *xir*, руш. – хуф. xor, сар. *xer*, язг. *xewur*, эр.- форс. *xur*, *xor* , *hur, hor*” [7, с.273]. Аз гуфтаи сокинони деҳа калимаи *Patxůr* аз ду калима “*Pat*”-“иззи пой” ва *“xůr*”-хуршед иборат аст. Аз нуқтаи назари мавқеи ҷуғрофӣ нигарем, дар ҳақиқат, ин деҳа дар баландӣ ҷойгир аст.

Доир ба этимологияи топоними *Jelondeh* байни олимон ва сокинон нуқтаи назари якхела нест. Мардумони бумӣ чунин ҳисоб мекунанд, ки калимаи *Jelondeh* қирғизӣ буда, *Jelon*- мор, deh-деҳа мебошад. Вале тадқиқот нишон доданд, ки ин маълумот ба ҳақиқат рост намеоянд. Агар ба таърихи пайдоиши ин калима диққат диҳем, маълум мешавад, ки вай калимаи умумиэронӣ мебошад. Муқоиса мекунем: ҳинд. *jalan*-“гарм”, тоҷ. *jilo*, порс. *alā*, вах. *jal-jalon* – “ҷилодиҳанда, шуғн. *jelůn*- яъне чизи ҷилодиҳанда” [7, с.201]. Дар забони ҳозираи вахонӣ бошад, ин калима ба маънои аслиаш истифода мешавад, яъне “оби гарме, ки аз замин фаввора зада мебарояд”. Дар худи забони шуғнонӣ бошад, калимаи *jelůn, jawlůn маънои* ҷило, ҷилодиҳандаро дорост. Калимаи *di* - яъне маънои деҳаро медиҳад. Пас маълум мешавад, ки маънои *jelůndi “де*ҳе, ки дар он аз зери замин оби гарм фаввора зада мебарояд”, мебошад.

Топоними дигар *Miẏůnẋār* – топоними мураккаб буда, аз ду реша *Miẏůn* – “мобайн” ва “*xār”* иборат аст. Нисбати ин топоним байни олимон ақидаи якхела нест. Қисме аз онҳо пайдоиши онро аз “шаҳр” мебинанд, гӯё номи аслии ин деҳа *Miẏůnẋār* мебошад “миёнақишлоқ - миёна+қишлоқ” [3, с.128]. Аслан ин хато аст. Таърихан бояд пайдоиши ин топоним аз *xārv* ё *śārv* бошад, яъне обе, ки аз мобайни деҳа мегузарад. Дар натиҷаи

афтиши таърихии **-ᴠ** он ба *ẋārr* табдил ёфтааст. Ин ҷо овози аввал ҳам аз *х-* ба *ẋ-* мубаддал шудааст.

Этимологияи *Sardem* аз калимаи умумиэронӣ буданаш шаҳодат медиҳад. Дар *Sardem* - ҷузъи аввалаш *sard-* бо вожаи *sarad*, ки дар забону лаҳҷаҳои ҷанубу шарқи Тоҷикистон ба маънии "мавзеи сард, номусоид" дар муқобили *poyitaxt* "мавзеи гарм ва мусоид" кор фармуда мешавад, муносибат дорад. *em* - чун анҷомаи топонимсоз дар ноҳияи Шуғнон ба қайд гирифта шудааст" [3, с.112]. "Анҷомаи *-em* бо нишондиҳандаи асосҳои номӣ ба маънои "ҷамъ" "ягонагӣ", "маҷмӯъ" мутааллиқ аст. *em-hami* (ҳ. қ. *sem, sm*) "ҷамъ" "ягонагӣ", "маҷмӯъ", (ҳ.қ. *sama,* ав. *hama) um-hama"* [6, с.112]. Аз рӯйи сохти худ калимаи *Sardem* сохта буда, аз як решаи *sard* - хунук ва суффикси *-em* иборат аст.

Дар бораи пайдоиши топоними *Pīṡ* байни мардум нақлу ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Ба гуфти сокинони деҳа номи аслии ин деҳа Пеш аст. Вале бо мурури замон дар талаффузи мардуми таҳҷоӣ овози *–e-* ба овози *–ī-* табдил шудааст. Дар ин бора ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад. Чун ин деҳа пеш аз деҳаи Имом ҷойгир аст, онро *Pīṡ* аз Имом мегӯянд. Ақидаи дигаре низ оид ба номгузории ин деҳа вуҷуд дорад, ки маънои топонимикаи *Pīṡ* - яъне ба ду қисм ҷудо шудан ё кафидан аст. Ё ба таври дигар агар гӯем, маънояш ҷойи кафидагӣ мебошад. Ба фикрамон ин ақида дурусттар мебошад, чунки дар забонҳои помирӣ мутаносибан ба ин топоним калимаҳои дигаре вуҷуд доранд: шуғн., руш. *pīš, pisun,* вах. *pśin cap. pisawn, язг. pisen.* Тахминан топоними *Pīṡ*-ро ба *-baṡ*-и авастоӣ (ав. *baśnu* (жарф) нисбат додан мумкин аст. Ё ин ки "ҳ.қ. *pśin upa-svāna;* ав. *upairi-spā* - ҷобаҷогузорӣ*"* [7, с.26]. Муқоиса кунед: *Pśīxārv, Vīśxārv*" [3, с.123]. *Pīṡ* - топоними содда буда, дар баъзе ҷойҳо ҳамчун тополексема истифода мешавад.

Топоними *Imy̆mdarg*о мафҳуми мазҳабӣ ва диниро ифода мекунад. Ин гуна топонимҳо ва микротопонимҳо дар водии Ғунд зиёд ба назар мерасанд. Дар "таърихи Исмоилия" оид ба номгузории деҳаи *Imy̆m* чунин ақида оварда шудааст. "Ҳазрати Имом Муҳаммади Боқир алайҳиссалом яке аз имомони фирқаи Исмоилия мебошанд, ки соли 57 ҳичрӣ (673) милодӣ дар Мадинатуррасул таваллуд шудаанд. Фарзанди Ҳазрати Имом Зайнулобиддин алайҳиссалом мебошанд. Аз соли 94 ҳичрӣ (713 милодӣ) то соли 114 хичрӣ (733 милодӣ) вафот кардаанд" [9, с.211].

Оиди топоними *Warẋeʒ* - Н. Офаридаев ақидаронӣ чунин кардааст: *War-ẋeʒ*- ҷузъи аввали он ба маънии "теппа" "баландӣ" (ш. б. war- теппа, баландӣ). Ҷузъи дуюм – *(ẋeʒ-ẋuʒ)*- ба маънии "шамол", "бод" омадааст. "*Warẋeʒ-warẋ*-(номи алаф), еʒ-пасванди маконсоз (*warẋzor)*" [2, с.67]. Сокинони ин деҳа низ бар он ақидаанд, ки замони пеш ин ҷо пур аз алафи *warẋ* буд ва онҳо ин алафро барои чорво истифода мекарданд. Барои ҳамин соҳиби чунин ном шудааст.

Мутаносибан маънои топоними *Ẋaʒy̆d* чунин аст. "Ҷузъи якум *(Ẋaz-ẋuʒ*)" ба маънии "шамол" мебошад (ш. р. ẋuʒ-шамол). дуюм (*ud-wad*), маънии ҷой, "ҷойи зист " мебошад (суғд.wt "ҷой, макон, ҷойи зист") [3, с.125]. Ин деҳа ҳам аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ дар баландӣ ва як ҷойи хунук бо бодро дорад.

Топоними *Bačor*-ро чунин маънидод кардаанд: "Микротопонимикаи *Bačor* таърихан Бадшорв будааст. Афтиши овози охир "д" ва бадалшавии "ш" ба "ч", ки дар забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ-рӯшонӣ ба ҳукми анъана даромадааст, микротопонимияи Бадшорвро ба шакли *Bačor* дигаргун кардааст. Дар воқеъ, калимаи Badṡorv маънои оби бадро дорад. Агар хусусиятҳои чуғрофии Бачорро ба ин шакл таҳлил кунем, онҳо ба ҳам баробар меоянд. Зеро, ки оби ин мавзеъ маҷрои асосии худро надошта, ҳар сол дар ҳар фасл, хусусан дар вақти обхезӣ, аз куҷое, ки рост ояд убур карда мегузарад. Аз ин рӯ, мардум он ҷоро Бад шорв, яъне оби бад номгузорӣ кардаанд" [2, с.33]. Агар ба таърихи он назар кунем, ҷузъи аввали он *йа-pati* "ба маънии боло", "болоӣ". Ҷузъи дуюм- "*ṡorv"-"ṡarvidoj*" "рӯд", "шохоб" ба маънидод мешавад" [3, с.125].

Топоними *Dūzaxdarā* "дузахдара" калимаи тоҷикӣ ва мураккаб буда, аз ду калима *Dūzax "*дузах", *darā* "дара" иборат аст. Насридиншоев А. оиди форманти "дара" чунин навиштааст: "Ин формант барои забонҳои гурӯҳи рӯшонӣ-шуғнонӣ ва тоҷикӣ умумӣ буда, танҳо садоноки "*ā*"-и ҳиҷои дувум дар забонҳои шуғнонӣ-рӯшонӣ дарозтар талаффуз мешавад. Форманти *darā "дара"* асосан дар алоҳидагӣ ба калимаҳои дигар якҷоя омада, топонимияи мураккаб месозад. Мисол: "*Bozordarā, Čapdarā*" [2, с.61]. Дар забони тоҷикӣ бошад ин формант чунин маънидод шудааст. "Дара - роҳ ё масоҳати начандон калон байни ду домани кӯҳ" [8, с.137]. Офаридаев Н. калимаи дузахдараро аз рӯйи динӣ таҳлил кардааст, ки маъноаш "дараи дузах" мебошад [5, с.119].

Вожаи "*Morj"* "алафзор", "чаманзор" маънои алафро медиҳад [3, с.123]. "*Morj* ва *marɤ* ҳаммаъно буда, дар ҳудуди вилоят серистеъмол ҳастанд. Дар алоҳидагӣ имрӯз ин калимаҳо дар забони тоҷикӣ дар истифода набуда, дар забони шуғнонӣ калимаи *morj* "навъи алаф", ки бо марғ алоқаи маъноӣ дорад, дар истифода мондааст" [2, с.30].

Оиди ин топоним мулоҳизаи дигаре низ вуҷуд дорад. *Marg –Morj* дар забони адабии ҳозираи тоҷик маҳфузанд ва пасванди зорро қабул мекунанд: алафзор, марғзор, сабзазор [1, с.167].

Этимологияи топоними *Miўўnakū* низ умумиэронӣ буда, “аз калимаи *miyўnā a* ва *kū* гирифта шудааст. Муқоиса мекунем: тоҷ.- форс. *miyўna;* шуғн. *miyўnā* “миёна”; тоҷ.- форс. *kūh ;* шуғн. *kū* “кӯҳ”. Топонимикаи *Miўўnakū* аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду калима *Miўўna* “миёна”, ku “кӯҳ”” иборат аст [2, с.35].

Дар таркиби забони шуғнонӣ топонимҳое дучор мешаванд, ки воқеияти забони қирғизиро дар худ таҷассум мекунанд: *Oqtalyoq, Oqm ātmad,* ки *oq* маънои «сафед»-ро дошта, *talyoq* - “асп” мебошад. *mātamad номи* ҳазрати *Muhammad*-ро дорост.

Пайдоиши ин гуна топонимҳо дар ҳудуди Шуғнон, нишони он аст, ки ба ин минтақа мардуми қирғиз дар асрҳои охир омадаанд ва номҳои дигареро мондаанд. Дар натиҷа, топонимҳои худиро танг карда аз истеъмол баровардаанд.

Аз пажӯҳиш ва тадқиқи чанде аз топонимҳои ноҳияи Шуғнон ҳувайдо мешавад, ки бисёре аз онҳо таърихи ҳазорсола дошта, ба таркиби калимаҳои аслӣ дохил мешаванд. Таҳлили этимологии қисме аз онҳо пайдоиш ва сохти морфологиашонро таъйин намуд, ки аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест. Дар оянда кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки омӯзиши бештаре дар таъйин намудани этимологияи номҳои ҷуғрофӣ, баррасӣ шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Латвинский Б.А. Древние кочевники “крыши мира” / Б.А. Латвинский. – Москва: Наука, 1971. – 269 с.
2. Насридиншоев А. Микротопонимияи Помири Шарқӣ / А.Насридиншоев. – Душанбе, 2005. – 122 с.
3. Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон / Н.Офаридаев. – Душанбе, 2001. – 163 с.
4. Офаридаев Н. Микоротопонимия Ванджа и Дарваза / Н.Офаридаев. – Душанбе, 1991. – 175 с.
5. Пахалина Т.Н. Памирские языки / Т.Н. Пахалина. - М.: Наука, 1969. – 163 с.
6. Стеблин-Каменский И.М. Этимологический словарь ваханского языка / И.М. Стеблин-Каменский. - Санкт-Петербург, 1999. – 478 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 1969. – 951 с.
8. Фарҳоди Дафтарӣ. Таърихи Исмоилия / Дафтарӣ, Фарҳод. – Москва, 1997. – 816 с.
9. Шакармамадов Н. Фолклори Помир. Ҷ.2. / Н. Шакармамадов. – Душанбе, 2005. – 431 с.
10. Этимологический словаръ Ваханского языка.-Саннкт-Петербург 1999.-478с.

ОМӮЗИШ ТОПОНИМҲОИ ВОДИИ ҒУНД

Мақола ба баррасӣ ва омӯзиши топонимҳои водии Ғунд бахшида шудааст. Аксарияти топонимҳои ҷамоати деҳоти Ванкали водии Ғунди ноҳияи Шуғнон дорои решаҳои таърихӣ буда, воҳидҳои ду забон – тоҷикӣ ва шуғниро инъикос менамоянд. Маълум гардидааст, ки баъзе топонимҳо шакли худро иваз намуда, маънии аввалии худро аз даст додаанд. Ин пеш аз ҳама бо инкишофи забон ва ҷудошавии аҳолии маҳаллӣ ба ҳудуди муайян маънидод мегардад. Дигар топонимҳо шакл ва маънии аввалини худро нигоҳ дошта,танҳо аз ҷиҳати фонетикӣ тағйир ёфтаанд. Топонимҳои забони қирғизӣ низ ба назар мерасанд, ки дертар ба миён омадаанд. Пайдоиши ин гуна топонимҳо дар ҳудуди Шуғнон, нишони он аст, ки ба ин минтақа мардуми қирғиз дар асрҳои охир омадаанд ва номҳои дигареро мондаанд. Дар натиҷа, топонимҳои худиро танг карда аз истеъмол баровардаанд.Аз пажӯҳиш ва тадқиқи чанде аз топонимҳои ноҳияи Шуғнон ҳувайдо мешавад, ки бисёре аз онҳо таърихи ҳазорсола дошта, ба таркиби калимаҳои аслӣ дохил мешаванд. Таҳлили этимологии қисме аз онҳо пайдоиш ва сохти морфологиашонро таъйин намуд, ки аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест. Дар оянда кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки омӯзиши бештаре дар таъйин намудани этимологияи номҳои ҷуғрофӣ, баррасӣ шавад.

Ключевые слова: топонимы, исторические корни, местные жители, этимология, изменение формы и значения, первоначальное значение, фонетическое изменение.

ИЗУЧЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ТОПОНИМОВ ДОЛИНЫ ГУНД

Большинство топонимов сельского джамоата Ванкала долины Гунта Шугнанского района имеют исторические корни и отражают единицы двух языков - таджикского и шугнанского. Предпринимается попытка обосновать этимологию конкретных топонимических единиц. Выясняется, что некоторые топонимы, изменяя свою форму, теряли первоначальное значение. Это связано с развитием языка и отделением местных народов на определённую территорию. Другие топонимы, сохраняя первоначальную форму и обозначения, изменялись фонетически. Встречаются и топонимы кыргызского языка, имеющие позднее происхождение. Появление топонимов кыргызского языкв на территории Шугнана является знаком того, в последние в данный регион перекочевали представители кыргызского народа, которые привнесли с собой и новые именаВ результате собственные топонимы стали постепенно выходит из обихода. Из исследования некоторых топонимов Шугнанского района выявляется, что большинство из них имют тысячелетнюю историю и входят в состав коренных слов. Этимологический анализ части из них определили их появление и морфологическую структуру, который заслуживает внимания. В будущем мы постараемся провести исследование и изучение в определении этимологиии географических названий.

Ключевые слова: топонимы, исторические корни, местные жители, этимология, изменение формы и значения, первоначальное значение, фонетическое изменение.

ETYMOLOGICAL STUDY OF SOME TOPONYMS OF THE GUNT VALLEY (rural Jamaat of Vankala)

Most of the toponyms of the rural Jamaat of Vankala in the Gunt valley of the Shughnan region have historical roots and reflect units of two languages - Tajik and Shughni. The author makes an attempt to substantiate the etymology of specific toponymic units. It turns out that some toponyms, changing their form, have lost their original meaning. This is due

to the development of the language and the division of local peoples into a certain territory. Other toponyms that have retained their original form and designations have changed phonetically. There are also toponyms of the Kyrgyz language of late origin. The appearance of place names of the Kyrgyz languages on the territory of Shugnan is a sign that representatives of the Kyrgyz people migrated to this region, who brought new names with them. As a result, their own toponyms began to gradually go out of use. A study of some place names in the Shugnan region reveals that most of them have a thousand-year history and are part of the indigenous words. Etymological analysis of some of them determined their appearance and morphological structure, which deserves attention. In the future, we will try to conduct research and study in defining the etymology and geographical names.

Key words: toponyms, historical roots, local residents, etymology, change in form and meaning, original meaning, phonetic change.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарқулова Шарифамо Юсуфшоевна*** - Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, докторанти Ph.D шуъбаи забонҳои помирӣ. **Суроға:** 736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Холдорова, 1. Тел.: (**+992) 938-24-21-74**

Сведения об авторе: ***Сафаркулова Шарифамо Юсуфшоевна*** - Институт гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D отдела памирских языков. **Адрес:** 736002, Республики Таджикистан, г.Хорог, ул. Холдорова, 1. Тел.: (**+992) 938-24-21-74**

Information about the author: ***Safarqulova Sharifamo Usufshoevna*** - Institute of Humanities named after Academician B. Iskandarov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D. candidate of the Pamir languages department. **Address:** 736002, Republic of Tajikistan, Khorog, st. Kholdorova, 1. Tel.: **(+992) 938-24-21-74**

УДК: 801

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ИҚТИБОСИИ ТУРКӢ-ЎЗБЕКИИ ФАРОХИСТЕЪМОЛ ВА МАҲДУДИСТЕЪМОЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Саидова С.Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диалектизмҳои туркие, ки Б.Раҳимзода рӯйи кор овардааст, ба лаҳҷаҳои шимолӣ тааллуқ дошта, дар шакли талаффузи ӯзбекӣ ба назар мерасанд. Воқеан, В.С. Расторгуева қайд мекунад, ки «Вожаҳои иқтибосии ӯзбекӣ дар лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ ниҳоят фаровонанд» [6, с.152]. Хуб донистани хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои шимолии забонамон, дарк кардани маънӣ ва тобишҳои иловагии маънӣ дар калимаҳо, дуруст ба эътибор гирифтани мавқеи корбурди онҳо дар асарҳои бадеӣ ба устод Б. Раҳимзода имкон фароҳам овардааст, ки аз анбуҳи диалектизмҳои туркӣ онҳоеро интихоб намояд, ки дар матн нисбат ба муодилҳои адабии худ маънии дилхоҳро равшантар ифода мекунанд ва ҳам дар иртибот бо вожаҳои тоҷикӣ силсилаҳои синонимиро ташкил дода метавонанд.

Диалектизмҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар эҷодиёти Б. Раҳимзода ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: фарохистеъмол ва маҳдудистеъмол.

Диалектизмҳои фарохистеъмол дар мавридҳои муайян барои ифодаи маъниҳои гуногуни услубӣ ва таъмини рангорангии забони асарҳои адиб ба кор рафтаанд. Ба ин гурӯҳ диалектизмҳои **йигит** (ҷавони бодасту бозӯ, боқувват, тавонманд), **ота** (падар), **чатоқ** (қаллоб, фиребгар, дурӯғгӯй), **туқум** (полони хар), **она** (модар, модаркалон) ва ғайра дохил мешаванд.

Калимаи **йигит** дар шеърҳои «Ба ҳашар» ва «Обмон йигит» истифода шудааст. Дар ҳар ду шеър ҳам шоир аз калимаи мазкур мухотаб сохтааст, ки аз ниҳоди он оҳанги муроҷиату даъват ба берун меояд. Ба ин восита ӯ ҷавононро, ки неруи тоза доранд, ба ғайрату меҳнати фидокорона дар роҳи иҷрои нақшаи солонаи пахта раҳнамун месозад. Воқеан, мазмуни ҳар ду шеър ҳам аз ҳамин иборат аст.

Вожаи **йигит** дар « Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ » дар се банд ба маънии «юноша, молодой человек, парень; джигит, наездник»; бо ишораи «пер. разг.» «мужественный, благородный» оварда шудааст [13, с.260]. Аммо дар тасвироти Б. Раҳимзода вай хусусияти услубӣ касб карда, на ба маънои «ҷавон»-и муқаррарӣ, балки дар мафҳуми «ҷавонмарди тануманду ҳузарб ва чусту чолок», ки номуси ватандорӣ дар сар мепарварад, ба кор рафтааст:

Ҳой **йигити** паҳлавон,
Қиммати обрӯро дон! [8, с.221].

Дина дар маҷлис шунидам ваъдаат,
Дил бидодам бар ту ман пинҳон, **йигит**… [8, с.244].

Ин калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Луғати нимтафсилӣ.»-и С. Айнӣ ба қайд гирифта нашудааст. Аммо аз луғатҳои шевагӣ онро пайдо намудан мумкин аст. В.С. Расторгуева дар «Очерки по таджикской диалектологии» зимни ишора ба лаҳҷаҳои Исфара ва Риштон (аз гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ) вожаи мазкурро «парень, молодой

человек» тарҷума кардааст [5, с.108]. Мураттибони «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» бошанд, онро ба маънии «ҷавонмард» [3, с.295] зикр кардаанд. Аз ин бармеояд, ки воҳиди луғавии **йигит** аз унсурҳои гуфтугӯӣ буда, ба гурӯҳи калимаҳои меъёрӣ дохил намешавад. Инро аз «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» низ метавонем пай барем. Чунон ки маълум гардид, Б. Раҳимзода ҳамин хусусияти вожаи **йигит**ро ба ҳисоб гирифта, онро ба ҳамон маънии маҳаллиаш ба кор андохтааст. Азбаски дар он ду шеър мазмун бо оҳанги ҳазлу шухӣ омезиш дода шудааст, шоир онро дар сухани тасвирии худ истифода бурдааст.

Калимаи **чатоқ** бо ҳамин шакл дар шеъри «Ваъдабоз» ва ба гунаи **чатоқӣ** дар шеъри «Ба ҷавони панҷоҳсола М. Раҳимӣ» ба кор рафтааст. Воқеан, аз сифати туркии **чатоқ** тавассути пасванди тоҷикии **-ӣ** сохта шудани исми **чатоқӣ** ба маънии «фиребгарӣ, ғиромӣ, беҳунарӣ» дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маъмул аст. Ин вожа дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ » низ ба ҳамин маъниҳо қайд гардидааст [3, с.830]. Вале онро аз луғатҳое, ки ба лаҳҷаҳои шимолӣ иртибот мегиранд пайдо карда натавонистем. Ҳатто шакли **чатоқ** ҳам, ки дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ роиҷ аст, дар ин луғатҳо зикр наёфтааст. Пас, маълум мешавад, ки вожаи **чатоқӣ** дар як доираи муайяни ҷуғрофӣ – дар ҳавзаи интишори лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба кор мераваду бас. Лекин, вақте ки гап сари муодили **чатоқ** қарор мегирад, метавон гуфт, ки ин дар лаҳҷаи Бухоро низ дар гардиш аст. Зеро, агар чунин намебуд, ба асарҳои Ҷ.Икромӣ роҳ ёфтани он амале буд аз имкон берун [7, с.17].

Дар луғати ӯзбекӣ ва русӣ танҳо воҳиди луғавии **чатоқ** дучор омад, ки он «путанный, запутанный, сложный, трудный; кляузный, каверзный, крюготвор» тарҷума шудааст [12, с.516]. Аммо дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ » калимаҳои **чатоқ** ва **чатоқӣ** оварда нашудаанд, ки ин бори дигар аз меъёрӣ набудани онҳо дар забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Б. Раҳимзода диалектизми **чатоқи**ро дар шеъри «Ба ҷавони панҷоҳсола М. Раҳимӣ », ки хусусияти ҷашнӣ дорад, бо исми хосси **Боқӣ** ва исми шахсӣ **соқӣ** ба сифати қофия ба хотири болида сохтани рӯҳи аҳли нишаст кор фармуда, дар он юмори адиб барҷаста тасвир гардидааст:

Шогирди шумо ҷавони нозук **Боқӣ**
Бешубҳа ба тӯятон шавад ӯ **соқӣ**.
Даҳ панҷ қасам ба ҳурмати умри шумо,
Дар бодакашӣ намекунад **чаттоқӣ** [8, с.380].

Диалектизми **она** истилоҳи хешутаборист ва дар лаҳҷаи тоҷикони Бухоро ба маънии «модар» [4, с.175], дар лаҳҷаи Хуҷанд ба маънии «модаркалон, бибӣ» [5, с.15] роиҷ аст. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» низ вожаи мазкур бо ишораи **разг.**: «мама, мать, бабушка» тарҷума шудааст [12, с.938]. Вале дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» истилоҳи **она** қайд наёфтааст. Аз ин мебарояд, ки ин диалектизм доираи муайяни интишор дорад ва хатти густариши он аз ҳудуди лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ берун баромада наметавонад. Б. Раҳимзода онро дар шеъри «Як вохӯрӣ», ки ба тариқи шӯхӣ иншо гардидаааст, истифода намудааст:

Гулдаста чаро ба зери лаб гуфт,
Мондӣ бари **онаам** ба шаб гуфт… [10, с.195].

Диалектизми **ота** (падар) аз рӯйи мушоҳидаи мо дар лаҳҷаҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор истеъмол меёбад. Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб шакли **ата** ҳам вуҷуд дорад [3, с.70]. В.С. Расторгуева дар лаҳҷаҳои Варзоб онро ба гунаи **ота** дар мафҳуми «падар» ба қайд гирифтааст [5, с.151]. Дар лаҳҷаҳои Бухоро бошад, дар шакли **отаҷон** ва **отекам** дар ифодаи «навозиш нисбат ба писар» ба кор меравад [4, с.178]. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» **ота** зимни ишораи **разг**.: «папа, отец» тарҷума гардидааст [13, с.442]. Б. Раҳимзода онро дар шеъри «Қудрати Октябр» дар ифодаи эҳтиром нисбат ба як персонажи калонсол – Сафар, ки тамоми ҳодисаҳои рӯйдода дар шеър ба ӯ вобастаанд, чор маротиб дар сухани тасвирии худ корбаст намудааст. Воқеан, ба мафҳуми ҳурмат кор фармуда шудани истилоҳоти хешутаборӣ, аз қабили падар, модар, хола, таға, ама, амак, додар, ака, бародар ва ғайра нисбат ба ашхоси бегона дар забони халқӣ-гуфтугӯӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Б. Раҳимзода низ ба дунболи ҳамин анъанаи халқ гом бардошта, ба ин восита дар забони зиндаи халқ дорои тобишҳои махсуси услубӣ будани онро собит месозад:

Чанд сол аст, ки **Сафар-ота**
Дар ҳамин деҳа пахта мекорад… [8, с.127].

Чи тавре ки маълум мегардад, истилоҳи **ота** доманаи фарохи истеъмолӣ дорад ва бо тобишҳои гуногуни маъноиву услубӣ дар як қисм лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва баъзе лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ пайваста дар гардиш аст. Адиб шояд ҳаминро ба эътибор гирифта бошад, ки ба ҷойи муодили тоҷикӣ-адабии **бобо**, ки дар қолаби **бобо-Сафар** метавонад бар ивази **Сафар-ота** истифода шавад, аз вожаи туркии **ота** кор гирифтааст. Дар

ҳақиқат, истилоҳи **бобо** низ дар забони халқӣ-гуфтугӯӣ бо ҳамин гуна тобиши услубӣ ниҳоят маъмул аст.

Калимаи **тӯқум** дар лаҳҷаҳои Бухоро ба маънии «полони хар» ба кор меравад [4, с.218]. Дар луғати шевагии В.С. Расторгуева ва «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи мазкур ба қайд гирифта нашудааст. Вале то ҷое огоҳӣ дорем, ин вожа дар лаҳҷаҳои водии Рашт, ки як гурӯҳи алоҳидаи лаҳҷаҳои ҷанубиро ташкил медиҳанд, низ ҷо-ҷо истеъмол меёбад. Ҳарчанд ки таркиби **лоқу пар** (лоқу пари хар) дар ҳар маврид онро бадал месозад. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» бе ягон ишораи услубӣ **тӯқум** «войлочное седло для осла» тарҷума шудааст [13, с.614]. Аз ин бармеояд, ки мураттибони ин луғат онро ҳамчун вожаи меъёрӣ ба ҳисоб гирифтаанд. Лекин, чунон ки тафтиши маводи луғатҳои лаҳҷавӣ нишон медиҳад, **тӯқум** тамоми ҳавзаҳои интишори лаҳҷаҳои забони тоҷикиро фаро гирифта наметавонад, ки яке аз нишонаҳои асосии диалектизми лексикӣ дорои ҳамин изоглосс будани он аст [14, с.20]. Аз ин рӯ, месазад, ки воҳиди луғавии **тӯқум**ро ҳоло ҳамчун моли лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба тадқиқ гирем, на ба сифати унсури меъёрӣ. Б. Раҳимзода онро дар шеъри «Ганҷи беранҷ», ки ин шеър ба мазаммати як нафар аз ашхоси қаллобу фиребгар (муллои бесаводи аввомфиреб) бахшида шудааст, дар таркиби мақоли халқии «хар ҳамон хару тӯқумаш дигар» истифода намудааст:

Бингаредаш чӣ сон ба карруфар,
«Хар ҳамон, лек **тӯқумаш** дигар»… [8, с.429].

Чуноне ки дар боло оварда шуд, дар эҷодиёти Б. Раҳимзода ба ҷуз диалектизмҳое, ки ҳудуди короии онҳо фарохтар аст, боз диалектизмҳои туркиеро низ метавон пайдо намуд, ки доираи истеъмолашон нисбатан маҳдуд буда, дар нутқи соҳибони шева ё лаҳҷаҳои алоҳида ба кор мераванд. Истифодаи ин навъи воҳидҳои нутқ дар асарҳои адиб бо тақозои услуби нигориш ба амал омадааст. Ба ин гурӯҳ вожаҳои зеринро нисбат додан мумкин аст: **ука** (додари аз худ хурд), **қитиқ** (ғилғилич), **буқоқ** (ҷоғар), **чамоқ / чомоқ** (чормағз), **ямоқ** (дарбеҳ, поргӣ), **яхшӣ** (нағз, дуруст) ва ғайра. Диалектизми **ука** ба лаҳҷаҳои шимолӣ мутааллиқ аст ва дар баъзе маҳалҳои шимолии Тоҷикистон шакли **уко** ҳам дорад. Вале аз луғатҳои шевагие, ки ба лаҳҷаҳои шимолӣ мансубанд, танҳо дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» зикр ёфтаасту бас [4, с.219]. Аз луғати В.С. Расторгуева онро пайдо карда натавонистем. Мураттибони луғати лаҳҷаҳои Бухоро вожаи **ука**ро «додар ва хоҳари аз худ хурд; муроҷиат ба ҳар каси аз худ хурд» маънӣ кардаанд [4, с.219]. Боқӣ Раҳимзода ин калимаро дар шеъри «Ариза ба хорпуштак» дар нутқи персонажи манфӣ – Қодир ҳангоми муносибати ҳавобаландонаи ӯ бо як аскарбача, ки барои гирифтани справка назди ӯ омада буд, дар маънии дуюм истифода намудааст:

– «Равно дар соати нуҳ
Биё ба наздам, **ука**! [8, с.403].

Вожаи мазкур дар ин ҷо тобиши махсуси услубӣ гирифтааст. Тавассути он адиб худписандиву ҳавобаландӣ ва дигаронро аз худ пасту ҳақир донистани Қодирро, ки образи типпист, дар мавриди муносибату муошират ӯ бо раият ва мардуми корафтода ба тасвир гирифтааст. Ҳадафи шоир аз ин фардӣ кардани нутқи персонаж мебошад.

Вожаи **қитиқ** аз рӯйи зикри В.С. Расторгуева дар лаҳҷаҳои Исфара, Конибодом, Ришton дар маънии «щекотка» истеъмол меёбад [5, с.234]. М. Маҳмудов ва Б. Бердиев низ бо ҳамин маънӣ ва ҳам ба маънии «ба асаби касе расидан» роиҷ будани онро дар лаҳҷаҳои Бухоро ба қайд гирифтаанд [4, с.261]. Синоними он дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ калимаи класскии **ғилғилич** мебошад [3, с.4]. Б. Раҳимзода онро дар достони «Роҳи нури офтоб» дар сухани тасвирии худ ҳангоми ба қалам гирифтани манзараи ба чашмони як духтараки хобида халидани нурҳои офтоб аз миёни баргҳои ток бо ҳамон маънии боло якҷоя бо ёридиҳандаи феълии **кардан** ба кор бурдааст:

...**Қитиқ мекард** чашмони сиёҳаш,
Ки то бинад чи сон бошад нигоҳаш… [8, с.431].

Воҳиди луғавии **қитиқ** дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» бо ишораи услубии **разг**. «щекотание, щекотка» тарҷума шудааст [13, с.305] ва дар ҷилди дувоздаҳуми «Куллиёт»- и устод С. Айнӣ низ ин калима ба ҳамин маънӣ шарҳ ёфтааст [1, с.518]. Сабаби дар сухани тасвирии худ аз диалектизми мазкур кор гирифтани Б. Раҳимзода ба ҷойи **ғилғилч**и тоҷикӣ он аст, ки дар қиёс бо диалектизми **ғилғилач қитиқ** доираи андак васеътари интишор дорад. Аз ҷониби дигар, дар забони адабии тоҷик муодили маъмуле, ки ҳамин маъниро ифода карда тавонад, ба назар намерасад. Аз луғати В.С. Расторгуева маълум мешавад, ки диалектизми **буқоқ** дар лаҳҷаи тоҷикони Ришton ба маънии «зоб» истеъмол меёбад [5, с.60]. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» ҳам калимаи мазкур бо ишораи услубии **обл.** «зоб» тарҷума шудааст [13, с.122]. Дар дигар луғатҳои лаҳҷавӣ **буқоқ** мавриди зикр қарор наёфтааст. Муродифи он дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ диалектизми **ҷоғар** мебошад, аммо дар забони адабӣ калимае, ки онро бадал созад, вуҷуд надорад. Шоир **буқоқ**ро дар шеъри «Ваъдабоз» ки дар он ашхоси дурӯяву ваъдахилоф мавриди сарзанишу ҳаҷв қарор дода

шудаанд, бо диалектизмҳои **қоқ**, **чатоқ**, **ямоқ**, **чамоқ**, ки ин ҳама хос ба забони туркӣ-ӯзбекӣ шинохта шудаанд, чун қофия истифода намудааст. Ҷойи корбурди он нутқи қаҳрамони лирикист:

…Он чунон андар гулӯяш ваъдаҳо ҷамъ омада,
Ҷои ҳар гап ваъда резад аз **буқоқи** ваъдабоз… [9, с.206].

Диалектизми **чамоқ**, ки онро ҳам Б. Раҳимзода дар шеъри «Ваъдабоз» ба кор бурдааст, дар лаҳҷаҳои Шайдон, Исфара, Косонсой, Конибодом гунаи овозии **чумоқ / чӯмоқ**, **чимоқ**, **чулмоқ** дорад [5, с.217]. Шоир дар як байт ҳам аз калимаи умумиҳалқии **чормағз** ва ҳам аз диалектизми **чамоқ**, ки муродифи туркии он аст, кор гирифтааст:

…Ӯ бағалҳоро зи ваъда пур кунад аз **чормағз**,
Пучу холӣ лек бошад, ҳар **чамоқи** ваъдабоз [9, с.206].

Калимаи **ямоқ** низ дар шеъри «Ваъдабоз» истифода шудааст. Ин диалектизм дар лаҳҷаҳои тоҷикони Косонсой маънии «дарбеҳ»-ро ифода мекунад [5, с.107] ва дар лаҳҷаҳои Бухоро ҳам ба ҳамин маънӣ роиҷ аст [4, с.114]. Синонимӣ **ямоқ** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи **поргӣ** мебошад [3, с.553]. Калимаи мазкур дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» бе ягон ишораи услубӣ «заплата» тарҷума шудааст [13, с.770]. Ин нишон медиҳад, ки мураттибони ин луғат диалектизми **ямоқ**ро ҳамчун вожаи меъёрӣ ба қайд гирифтаанд. Ҳол он ки ин тавр нест. Зеро аз зикри мураттибони луғатҳои лаҳҷавӣ маълум мегардад, ки ин мафҳум дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо се калима ифода меёбад: **поргӣ**, **дарбеҳ**, **ямоқ**. Аз инҳо диалектизми **ямоқ** танҳо дар ҳудуди густариши баъзе аз лаҳҷаҳои шимолӣ ба кор меравад: яъне, доираи маҳдуди интишор дорад, ки худи ҳамин аз диалектизми лексикӣ будани он шаҳодат медиҳад. Бокӣ Раҳимзода диалектизми туркии **ямоқ**ро бо шумораи тоҷикии **сад** якҷоя карда, ба ин восита сифати мураккаби омехта (садямоқ) сохтааст. Сифати **садямоқ** дар шеър хусусияти эмотсионалӣ касб карда, ҳам барои бедор намудани завқи ханда дар ниҳоди хонанда, ба ваҷд овардани ӯ ва ҳам барои бо вожаҳои **тумтароқ**, **иштиёқ**, **чатоқ**, **чуфту тоқ** сохтани қофия ба кор рафтааст:

Гӯшт ваъда, мева ваъда, хона ҳам,
Пур шуда олам зи ҷоғи **садямоқи** ваъдабоз… [9, с.206].

Чунон ки мебинем, дар ин байт сифати **садямоқ** тавассути бандаки изофӣ ба исми **чоғ** тобеъ гардидааст, ки ба ин восита ибораи кӯчидамаънои **ҷоғи садямоқ** ба вуҷуд омадааст. Эмотсияи ин калима низ дар асоси ҳамин маънии кӯчидаи ибора сар задааст.

Аз тафсилоти боло бармеояд, ки баъзе диалектизмҳои туркӣ ҳамчун унсурҳои нисбатан фаъоли забон ҳам дар нутқи персонажҳо ва ҳам дар сухани тасвирии худи адиб ба қалам рафтаанд. Калимаҳои мазкур дар нутқи персонажҳо ба сифати воҳидҳои дорои хусусияти услубӣ барои фардӣ кардани нутқи онҳо рӯйи кор омадаанд. Вале дар тасвироти худи муаллиф ба кор рафтани баъзе аз ин воҳидҳои луғавӣ зимни риояи меъёрҳои таълифи асарҳои бадеӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX ба вуқуъ пайвастааст, ки аксарияти асарҳои муаллиф дар ҳамон давра иншо ёфтаанд. Зиёдтар истифода шудани баъзе диалектизмҳои туркӣ дар эҷодиёти Б. Раҳимзода, аз як тараф, ба хотири таъмини эмотсия ва муассириву гуногунрангии тасвир бошад, аз тарафи дигар, ба хотири ба забони адабӣ ворид сохтану мукаммал гардонидани ҷоҳои холии таркиби луғавии забони тоҷикист. Аммо мушкилот ин ҷост, ки маънии онҳо на ба намояндаи ҳама лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дастрас аст. Аз ҳамин ҷиҳат, мебоист муаллиф маънии онҳоро дар поварақ ва ё охири китоб ба тариқи луғат шарҳу эзоҳ медод. Мутаассифона, ин кор анҷом дода нашудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Луғати нимтафсили тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ. Куллиёт – Душанбе: Ирфон, 1976. – Ҷ.12. – 363.
2. Исмоилов Ш. Ҷустуҷӯ ва бозёфт / Ш. Исмоилов // Гулзори сухан (маҷмӯаи илмӣ). – Душанбе, 2009. – С.2-17.
3. М. Маҳмудов, Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. – Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 946 с.
4. М. Маҳмудов Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / Маҳмудов М., Бердиев Б. – Душанбе: Дониш, 1989. – 278 с.
5. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии / В.С. Расторгуева (таджикско - русский диалектный словарь, вып.5). – М.: Издательво АН СССР, 1963. – 250 с.
6. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В.С. Расторгуева. - Москва, 1964. – 187 с.
7. Раньимова Ш.С. Диалектные элементы и их стилистические функции в художественной литературе (на основе произведений Джалола Икроми): автореф. дис. канд. филол. наук / Ш. С. Раньимова. – Душанбе, 1992. – 25 с.
8. Раҳимзода Б. Роҳи тайшуда / Б. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 514 с.
9. Раҳимзода Б. Қиссаи кӯҳсор / Б. Раҳимзода – Душанбе: Ирфон, 1970. – 243 с.
10. **1**Раҳимзода Б. Асарҳои мунтахаб / Б. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 1975. - Ҷ.1. – 304 с.
11. Русско таджикский словарь; под редакцей члена-корреспондента АН СССР М.С. Осимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.

12. Узбекско-русский словарь. - М.: Государственное издательство Иностранных и национальных словарей 1959.Т.1. 2. – 987 с.
13. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. – Душанбе: Матбааи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2006 – 784 с.
14. Филин Ф.П. Проект словаря русских народных говоров / Ф.П. Филин. – М. - Л. : Издательство АН СССР, 1961. – 198 с.

ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ИҚТИБОСИИ ТУРКӢ-ӮЗБЕКИИ ФАРОҲИСТЕЪМОЛ ВА МАҲДУДИСТЕЪМОЛ ДАР АШЪОРИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Дар мақолаи мазкур сухан дар хусуси ҳиссиёти баланд ва тобишҳои маъноии ду навъи диалектизмҳои иқтибосии туркӣ-ӯзбекии фарохистеъмол ва маҳдудистеъмол дар эҷодиёти шоир Боқӣ Раҳимзода меравад. Дар эҷодиёти адиб диалектизмҳои мазкур дар нутқи персонажҳо ба сифати воҳидҳои дорои хусусияти услубӣ барои фардӣ кардани нутқи онҳо рӯйи кор омадаанд. Истифодаи ин навъи воҳидҳои нутқ дар асарҳои адиб бо тақозои услуби нигориш ба амал омадааст. Диалектизмҳои фарохистеъмол дар мавридҳои муайян барои ифодаи маъниҳои гуногуни услубӣ ва таъмини рангорангии забони асарҳои адиб ба кор рафтаанд. Диалектизмҳои иқтибосии туркии маҳдудистеъмол асосан дар нутқи соҳибони шева ё лаҳҷаҳои алоҳида ба кор мераванд. Бояд қайд кард, ки диалектизмҳо ба ҷуз он ки хусусияти услубӣ касб мекунанд, вобаста ба муҳтавои асар (назм ё наср), мазмуну мундариҷаи он, характери персонажҳо ва амалиёти онҳо дар ҷомеа ҷиҳатҳои номинативию эстетикии нутқро ҳам дар худ таҷассум менамоянд. Диалектизмҳо дар як вақт ҳам ҷанбаи захиравӣ ва ҳам ҷанбаи услубӣ пайдо мекунанд. Ҷанбаи захиравии диалектизмҳо дар он аст, ки аз ҳисоби онҳо ҷоҳои холии луғати забони адабӣ пурра мегардад, аммо ҷанбаи услубии диалектизмҳо дар иртиботи худи онҳо бо дигар унсурҳои фаъоли нутқ ба зуҳур меояд, ки бо ин роҳ лавҳаҳои зебои адабӣ бо услуби ҷаззоби бадеӣ офарида мешаванд. Зиёдтар истифода шудани баъзе диалектизмҳо дар эҷодиёти Б. Раҳимзода низ, аз як тараф, ба хотири таъмини ҳиссиёт ва муассириву гуногунрангии тасвир бошад, аз тарафи дигар, ба хотири ба забони адабӣ ворид сохтану мукаммал гардонидани ҷойҳои холии таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад

Калидвожаҳо: диалектизм, услуб, лаҳҷа, иқтибосот, истилоҳот, шеър, эмотсия, персонаж.

ЗАИМСТВОВАНЫЙ ДИАЛЕКТИЗМ ТЮРКО- УЗБЕКСКОГО ЯЗЫКА С ШИРОКИМ И ОГРАНИЧЕННЫМ ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ В СТИХАХ БАКИ РАХИМ-ЗОДЕ

Эта статья посвящена эмоциям и выразительным средствам двух видов заимствованных диалектизмов тюрко-узбекского языка и их широкому и ограниченному использованию в литературных произведениях Боки Рахимзоды. В литературных произведениях поэта упомянутые диалектизмы использовались как единицы, имеющие стилистические особенности для индивидуализации их речи. Использовались диалектизмы в некоторых случаях для того, чтобы выразить различный стиль и обеспечить красочность речи. Заимствованные диалектизмы турецко-узбекского широкого и ограниченного использования в основном употребляются в сленге или отдельных диалектах. Следует отметить, что диалектизм, помимо обретения стилистических особенностей, в соответствии с контекстом литературного произведения (прозы и стихи), также отражает его тему, характер персонажа и его действия в обществе в аспекте номинальности и этики речи. Диалектизмы одновременно обогащают словарный запас и стилистический аспект. Основным аспектом диалектизма является восполнение нехватки языкового материала, но стилистический аспект диалектизма проявился в их связи с другими активными элементами речи, и таким образом создаются прекрасные литературные жанры с красочным стилем. С одной стороны, более широкое использование некоторых диалектизмов в литературных произведениях Боки Рахимзоды направлено на эмоции изображения, с другой стороны, оно призвано восполнить лексический недостаток таджикского литературного языка.

Ключевые слова: диалектизм, стилистика, диалект, термины, заимствованния, поэзия, эмоция, персонаж.

BORRWED DIALECTISMS OF TURKISH- USBEK WITH WIDE AND LIMITED USAGE IN

This article is devoted to the emotion and expressive means of two kinds of borrowed Dialectisms Turkish-Uzbek and their wide and limited usage in Boqy Rahimzoda's literary works. In poet's literary works the mentioned dialectisms were used as units having stylistic features for individualizing their speech. The using of such kind of units of speech, in poet's work is the demand of stylistic device. The wide usage dialectisms were used in some cases for expressing different style and providing the colorful for speech. Borrowed Dialectisms Turkish-Uzbek of wide and limited usage mainly are used in slangs or separate dialects. Have to mention that the dialectisms beside gaining stylistic features in according to the context of literary work, (Prose and Verse) it also embodies , its theme , the character of personage and their actions in society in the aspect of nominal and ethic of speech, but the stylistic aspect of dialectisms appeared in their relation with other active elements of speech, that in this way the beautiful literary genres with colorful style are created. in one hand the more using of some dialectisms in Boqi Rahimzoda's literary works is in order to emotion of picture, in other hand it is to fill the lexical lack of Tajik literary language. So the author tried to study the expressive means and the stylistic features of Turkish-Uzbek borrowed dialectisms in Boqi Rahimzoda's works. So the author tried to study the expressive means and the stylistic features of Turkish-Uzbek borrowed dialectisms in Boqi Rahimzoda's works.

Key words: dialectisms, stylistic, dialect, terminology, borrowed, poetry, emotion, personage.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидова Сайёра Гадоҳмадовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-56-79-50**

Сведения об авторе: ***Саидова Сайёра Гадохмадовна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры современного таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-56-79-50**

Information about the author: ***Saidova Saiyora Gadohmadovna*** - Tajik Natsional University, the aspirant of modern Tajik language department. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Tel.: **(+992) 988-56-79-50**

УДК:42:491

МАВҚЕИ ОМӮЗИШИ СЕРМАЪНОИИ ПАЙВАНДАКҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Фарогати Мирзошариф
Институти технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Яке аз масъалаи мубрами забоншиносии тоҷику англис таҳқиқи пайвандакҳо ба ҳисоб рафта, омӯзиши онҳо дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Омӯзиши пайвандакҳо мавзӯи актуалӣ буда, забоншиносони зиёди олам оиди онҳо дар таҳқиқотҳои хеш маълумоти муфассал додаанд.

Доир ба мавқеи омӯзиши пайвандакҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ олимони соҳаи забоншиносӣ аз қабили, М. Ахмедова, М.Е. Бархударова, Анаева О.А., Панкратова Т.В., З. Бобоева, М. Ҷуза, В.С. Расторгуева, К. Усманов, С. Арзуманов, А.З. Розенфелд, М.Н. Қосимова, Д. Филлот, В.В. Виноградов, С.И. Баевский, В.Ю. Гусев, Г.Н. Лиш, Ш. Рустамов, Ҳ.Маҷидов, Б.Маҳмудов, Б.Раҳимов, С.М.Сабзаев, С.Халилов, М.Норматов, Т. Гивон, Б.А. Илиш, Б. Ниёзмуҳаммадов, М.Ф. Исматулоев, Ю. Халилов, И. Смирницкий, А.В. Бондарко, А. Ландер, В.Г. Гак, Ш. Балли, В.Д. Аракин ва дигарон дар асару мақолаҳояшон мавқеи омӯзиши сермаъноии пайвандакҳоро муайян намудаанд. Ҳамчунин якчанд рисолаи номзадӣ оид ба пайвандакҳо навишта, ҳимоя шудаанд.

Олимони тоҷик дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (1985), пайвандакҳои забони тоҷикӣ ва хелҳои онҳоро таҳқиқ намуда, ба таври кофӣ дар бораи онҳо маълумот додаанд, вале дар ин китоб мавқеи сермаъногии пайвандакҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муқоисавӣ таҳқиқ нагардидааст.

Асари дигаре, ки моро ба мавзӯи пайвандакҳои забони тоҷикӣ шинос менамояд, ин асари забоншиноси тоҷик Норматов М. «Муқаддимаи забоншиносӣ» (2007) мебошад. Муаллиф дар ин асар каму беш дар бораи пайвандакҳои забони тоҷикӣ маълумот дода, дар баъзе мавридҳо аз чаҳор-панҷ забон иқтибос оварда онҳоро муқоиса намудааст, аммо дар ин асар сермаъноии пайвандак ва хелҳои онҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ба таври муқоисавӣ омӯхта нашудааст.

Ба инкишофи таърихи омӯзиши пайвандакҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ чандин мақолаҳои З. Бобоева, Анаева О.А., Панкратов Т.В., М. Ахмедова аҳаммияти назарас доранд. Муҳаққиқони мазкур рисолаҳои илмии хешро дар ин ҷода иншо намуда, ҳимоя кардаанд.

Пайвандакҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ нақши муҳим доранд ва аз ҷониби бисёре аз олимони тоҷику англис дар як самт таҳқиқ нагардида, балки ҳар як асар ё ин ки мақолаи эҷодшуда дар хусуси пайвандакҳо хусусияти ба худ хосро доро мебошанд. То имрӯз мавқеи омӯзиши сермаъноии пайвандакҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври бояду шояд омӯхта шудаанд.

«Пайвандак ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро ба ҳам алоқаманд менамоянд» [4, с.313]. Дар хусуси омӯзиши пайвандакҳо ақидаҳои олимон гуногунанд. Баъзе забоншиносон ақида доранд, ки пайвандакҳо ба гурӯҳи махсуси калимаҳо дохил мешаванд ва ҳиссаҳои ёридиҳандаро ташкил медиҳанд. Олимони дигар бошанд бар он ақидаанд, ки пайвандакҳо дар байни калимаҳои мустақил мавқеи намоён ва вазифаи ёридиҳандагиро иҷро мекунанд. Бархе аз олимони дигар бошанд, пайвандакҳоро аз ҷиҳати мавқеи грамматикӣ-лексикӣ ва хусусиятҳои синтаксисӣ муайян менамоянд.

Пайвандакҳои забони англисӣ низ ба монанди пайвандакҳои забони тоҷикӣ ифодакунандаи як ё якчанд маънои грамматикӣ мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пайвандакҳо дар забонҳои мазкур аз маъноҳои лексикӣ тамоман маҳрум нестанд. Аммо маънои луғавӣ дар ҳамаи онҳо як хел зоҳир намешаванд: баъзе пайвандакҳо аз мафҳуми мустақили луғавӣ тамоман маҳрум буда, танҳо вазифаҳои ёридиҳандагиро адо менамоянд, баъзе аз онҳо чун форманти грамматикӣ ба назар мерасанд. Қисми дигари пайвандакҳо баробари вазифаи ёридиҳандагӣ моҳияти луғавии худро то андозае нигоҳ медоранд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳар як пайвандак чандин маънои грамматикиро ифода намуда, бо дигар воситаҳои грамматикӣ муносибати ҳамвазифагӣ зоҳир мекунад ва бо онҳо ба тарзи мувозӣ кор фармуда мешавад.

Пайвандакҷонишинҳои забони англисӣ ва пайвандаки **«ки»**-и забони тоҷикӣ на аз ҳама ҷиҳат эквивалент ҳастанд ва сабаби ин дар он аст, ки пайвандаки тобеъкунандаи **«ки»** маъно надорад ва дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, танҳо вазифаи пайвандкуниро адо мекунад. Мисоли зеринро дида мебароем:

Имсол ман туро барои таҷриба ба Бухоро фиристода будам, **ки** донам, чӣ қадар харҷи барзиёд лозим аст [2, с.15]. This year I sent you to Bokhara so **that** I would learn by

experience how much additional expense there would learn by experience how much additional expense there would be [7, с.12].

Пайвандакҷонишинҳои забони англисӣ бошанд, хусусиятҳои ба худ хос доранд:

- онҳо маъно доранду яке аз ҳиссаҳои сериствеъмоли ёридиҳанда ба ҳисоб мераванд ва бинобар ин, аъзои ҷумлаи пайрав шуда метавонанд;

- доираи вазифаи грамматикиашон васеъ мебошанд;

- онҳо ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла мепайванданд ва дар ҳамин вазифа ба пайвандаки «ки»- забони тоҷикӣ мувофиқ мешаванд.

Дар забони англисӣ хусусияти хосси пайвандак-калимаи **that** дар он мебошад, ки ӯ барои муайян намудани ҷисмҳои ҷондор ва бечон хизмат мекунад ва дар ҷумла пайвандакҳои **who (whom)** ва **which** метавонанд ба ҷойи ӯ истифода шаванд. Дар забони тоҷикӣ бошад пайвандаки **«ки»** ба худ синоним надорад ва ягона пайвандак ба ҳисоб меравад, ки ҷумлаи мураккаби пайвастро муайян менамояд.

Ман намехостам, **ки** ин хел шавад [5, с.181]. I did not intend **that** it should happen [8, с.195].

Пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи миқдор ва шакл мухталиф мебошанд. Инчунин, сохти ҷойгиршавиашон низ дар ҷумла гуногун мебошад. Яке аз вазифаи муҳимми пайвандакҳо ин пайваст намудани як калима ба калимаи дигар мебошад. Сохтори пайвандакҳо содда, мураккаб ва таркибӣ мешаванд ва ҳар яке аз онҳо хусусияти ба худ хосро доро мебошанд. Баъзе пайвандакҳои забони тоҷикӣ дар забони англисӣ якчанд маъноро медиҳанд ва ё баръакс. Масалан, пайвандаки **but**-и забони англисӣ дар забони тоҷикӣ тарҷумаи пайвандакҳои хилофии **аммо, вале, лекин, балки**- ро медиҳад.

Дар забони тоҷикӣ бошад, дар муқоиса ба забони англисӣ пайвандаки **«ки»** тарҷумаи пайвандакҳои забони англисӣ, ба монанди **that, who, whose, which** ва ғайраро медиҳад.

She spoke patiently like one **who** had accepted the inevitability of death [6, с.311]. Сари оромона ва пурсаброна гап мезад, **ки** ба марги ногузир тан дода бошад [1, с.403].

She had never looked in eyes **that** expressed greater power [6, с.76]. Ӯ ҳаргиз чашмонеро надида буд, **ки** дар онҳо чунин қувваи мағлубнопазир акс ёфта бошад [1, с.62].

Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар пайдо шудаанд. Миқдори пайвандакҳо мувофиқи талаботи забон аз ҳисоби калимаҳои мустақил рӯз то рӯз зиёд мешавад. Бисёре аз калимаҳои мустақил дар ҷараёни дурударози таърихӣ мувофиқи қонунҳои дохилии инкишофи таърихии забони тоҷикӣ ва англисӣ маънои худро суст карда, ба гурӯҳи пайвандак дохил шудаанд ва вазифаи ёридиҳандагиро иҷро мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ба кадом маъно истифода гардидани пайвандакҳо дар ҷумла барои муайян кардани мутобиқати онҳо бо калимаҳои дигар кумак мекунад. Тадбиқи ин ё он маънои пайвандак тавассути доираи васеи матн ё вазъият, дар раванди суҳбат муайян мегардад. Баъзе аз мафҳумҳои пайвандакҳо пайдоишашон ҳамчун як воҳиди ягона ҳисобида мешавад. На танҳо мутобиқати лексикӣ ва вожаҳои ташаккули калимаҳои маъноҳои гуногуни пайвандакро тавсиф мекунанд, балки дар баъзе ҳолатҳо низ хусусиятҳои мутобиқати грамматикиро пайвандакҳо вобаста ба маъноашон нишон медиҳанд.

Хусусияти бисёрмаъноии пайвандакҳо асосан дар худвижагии лексикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин ба номувофиқатии он бо таркиби семантикии онҳо оварда мерасонад. Масалан, якчанд пайвандакҳои забони тоҷикиро бо эквивалентҳои англисиашон дида мебароем: *на на -neither nor; бо вуҷуди ин (он), ба ҳар ҳол- nevertheless; аммо, вале, лекин-**but**; **ҳол** он ки, ва ҳол он ки– whereas; бо вуҷуди ин - yet s; дар ҳоле ки -while; вагарна -or; ба ҳар ҳол, ба ин нигоҳ накарда - still; вагарна- or; на танҳо балки- not only but ва ё баръакс **«so** -* бинобар он, аз ин рӯ, therefore - бинобар ин (он), accordingly -мутаносибан, then - пас, дар чунин ҳолат» *ва гайра* [3, с.13].

Ҳангоми ҳолатҳои дубора истифодабарии пайвандакҳо баъзеҳояшон метавонанд маънои аввалро диҳанд, вале ҳаст ҳолатҳое, ки ҳангоми дубора такрори пайвандакҳо пайвандаки дуюм вобаста ба маъно метавонад дигар мафҳумро диҳад. Дигаргуниҳои ҷамъиятӣ, лингвистикӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва дигар намудҳои ҳаёти одамон ба пайвандакҳо маънои нав медиҳанд.

Дар тағйиротҳои маъноии пайвандакҳо нақши муҳимро омилҳои иҷтимоӣ мебозанд. Омилҳои иҷтимоӣ бо хусусиятҳои хосси хеш дар натиҷаи тағйири нутқи табақаҳои мухталифи ҷамъиятӣ, аз қабили фарҳангӣ, иҷтимоӣ, касбӣ мазмуни мухталиф пайдо мекунанд ва мутаносибан пайвандакҳоро бисёрмафҳум мегардонанд.

Дар баробари омилҳои забоншиносӣ пайдоиши маъноҳои нав ва ба ин васила инкишофи полисемияи пайвандакҳо ба нутқ низ таъсири хешро мерасонанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири омилҳои забоншиносӣ он қадар назаррас нестанд, зеро омилҳои забоншиносӣ боиси пайдоиши сермаъноии пайвандакҳо мешаванд ва ин масъала дар забони мо ба таври бояду шояд таҳқиқ гардидааст.

Дар забони англисӣ баъзе пайвандакҳо дар шакл ба пешоянд ва зарфҳо мувофиқат мекунанд. Фарқияти чунин пайвандакҳоро аз пешояндҳо ва зарфҳо аз ҷиҳати маъно ва вазифаашон дар ҷумла ҷудо кардан мумкин аст. Масалан, тарҷумаи пайвандакҳои дугонаи **the** ... **the**... метавонад душвор бошад, зеро дар намуди зоҳирӣ онҳо ба артикли муайянии **the** мувофиқат мекунанд ва метавонанд аз ҳамдигар дур бошанд. Хусусияти фарққунандаи таркибашон дар он аст, ки пайвандакҳо пас аз сифат ё калимаҳои сифатӣ ё ки зарф дар дараҷаи муқоисавӣ меоянд ва ҳарду ҷумларо бо вергул ҷудо мекунанд.

Ҳангоми тарҷумаи пайвандакҳои забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, мушкилот ва падидаҳои лексикӣ, синтаксисӣ, грамматикӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Пайвандакҳо метавонанд маънои гуногунро диҳанд. Барои дуруст муайян кардани маънои пайвандакҳо ба матни контексти он назар кардан лозим аст. Зеро баъзан ҳангоми тарҷумаи пайвандакҳои таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст мушкилот ба миён омаданаш мумкин мебошад.

Мушкилоти синтаксисии тартиби калимаҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавҷудияти ҳукмҳои бидуни пайвандакҳо дар бар мегиранд. Дар забони муосири англисӣ аксар вақт таркибҳои тобеи бе пайвандакро вохӯрдан мумкин аст. Одатан, тарҷумаи чунин калимаҳо барои тарҷумони навқалам душвориро ба вуҷуд меорад, зеро бо ибораҳои пароканда сару кор доранд ва дар асл дар ҷумла муносибатҳои ҳолат, сабаб, натиҷа ва монанди инҳоро барқарор мекунанд.

Тафовутҳои тартиби пайвандакҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аксар вақт таҷдиди бозсозиро дар тарҷума талаб мекунанд. Дар аксарияти ҳолатҳо, номутобиқатии сохтори грамматикии забони англисӣ ва тоҷикӣ дар сохтори пайвандакҳо амиқ зоҳир мешавад. Дар ин ҳолат, усули табдилёбии синтаксисӣ - шакливазкунӣ истифода мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абрахамс П. Аз таърихи раҳи ғуррон / П. Абрахамс. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 410 с.
2. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. - Сталинобод: Нашрдавлтоҷик, 1958. - С.7-96.
3. Бобоева З.Х. Сопоставительный сложносочиненных предложений в таджикском и английском языках: авт… дисс. канд. фил... наук: 10.02.20 / З.Х. Бобоева. - Душанбе, 2014. - 24 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.І. Фонетика ва морфология. -Душанбе: Дониш, 1985.-355 с.
5. Ҷ. Лондон. Мартин Иден / Лондон Ҷ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 408 с.
6. Abrahams P. The Path of Thunder / P. Abrahams. - M.: Higher School Publishing House, 1971. - 336 p.
7. Aini, S. Page frome my own story / S. Aini. - M.: Foreign languages Publishing House, 1958. - 126 p.
8. London J. Martin Eden / J. London. – M.: Foreign Languages Publishing House, 1960. – 441 p.

МАВҚЕИ ОМӮЗИШИ СЕРМАЪНОИИ ПАЙВАНДАКҲОИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур мо дар хусуси мавқеи омӯзиши сермаъноии пайвандакҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумот додем. Мавқеи омӯзиши сермаъноии пайвандакҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз мавзӯъҳои доманадор ва васеъ мебошад, ки дер боз инҷониб таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Ҳангоми тарҷумаи пайвандакҳои забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс дар бисёр мавридҳо пайвандакҳои забонҳои таҳқиқшаванда бо ҳамдигар тафовут доранд ва ҳолатҳои дигареро низ вохӯрдан мумкин аст, ки ба ҳамдигар монандӣ доранд. Дар забони тоҷикӣ баъзе пайвандаҳое мавҷуд мебошанд, ки ҳангоми таҳлили муқоисавӣ ва ё тарҷума дар забони англисӣ якчанд пайвандакҳоро медиҳанд. Масалан, пайвандакҳои ҷудоии забони тоҷикӣ аз қабили**: ё, ё ё ки, ё ин ки, ва ё ин ки** ҳангоми тарҷума дар забони англисӣ бо чунин пайвандакҳо мувофиқат мекунанд: **or**; **either... or**. Аз ин лиҳоз, мавқеи омӯзиши сермаъноии пайвандакҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Пайвандакҳо нақши муҳимро дар забон иҷро мекунанд. Онҳоро забоншиносон ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекунанд. Ҳангоми истифодаи онҳо дар нутқи гуфтугӯӣ, калимаро ба калимаи дигар пайваст намуда, ҷумлаи ҳосилшударо фаҳмо ва равшан месозанд. Сермаъноии пайвандакҳои забонҳои таҳқиқшаванда масъалаи актуалӣ буда, мо дар таҳқиқотҳои оянда мекӯшем дар ин хусус боз ҳам таҳқиқотҳои хешро анҷом диҳем.

Калидвожаҳо: мавқеъ, омӯзиш, сермаъноӣ, хусусият, фарқият, монандӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ.

ИЗУЧЕНИЕ МЕСТА И МНОГОЗНАЧНОСТИ СОЮЗОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье мы рассмотрели изучение места и многозначности союзов в таджикском и английском языках. Изучение места и многозначности союзов в таджикском и английском языках является одной из самых распространенных и широко обсуждаемых тем, которая долгое время привлекала внимание учёных. В большинстве случаев при переводе таджикских союзов на английский язык, или наоборот, во многих случаях союзы исследуемых языков отличаются друг от друга, и есть другие случаи, в которых они сходны. В таджикском языке есть некоторые союзы, которые дают несколько союзов на английском языке при проведении сравнительного анализа или перевода. Например, разделительные союзы таджикского языка, как: **ё, ё ёки, ё ин ки, ва ё ин ки** при переводе на английский язык имеют следующие соответствия **or**; **either... or**. В связи с этим важно изучение места и многозначности союзов в таджикском и английском языках. Союзы играют важную роль в языке. Лингвисты разделяют их на несколько групп. Во время используемые союзы в разговорной речи соединяют между собой слова, чтобы уточнить полученное слово. Многозначность союзов изучаемых языков является насущной проблемой, и мы попытаемся провести дальнейшие исследование в этой области.

Ключевые слова: место, изучение, многозначность, особенность, различие, английский язык, таджикский язык.

STUDYING THE PLACE AND POLYSEMY OF CONJUNCTIONS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, we examined the Studying the place and polysemy of conjunctions in tajik and english languages. Studying the place and polysemy of unions in tajik and english languages is one of the most widespread and widely discussed thems, which has long attracted the attention of scientists. In most cases, when translating tajik conjunctions into english or vice versa, in many cases the conjunctions of the languages studied are different from each other, and there may be other cases that they are similar. There are some conjunctions in the tajik language that give several conjunctions in english language when conducting a comparative analysis or translation. For example, the dividing conjunctions of the tajik language, such as: **ё, ё ёки, ё ин ки, ва ё ин ки** when translated into english language have the following correspondences: **or; either ... or**. In this regard, it is important to study the place and polysemy of conjunctions in tajik and english languages. Conjunctions play an important role in language. Linguists divide them into several groups. During used conjunctions in colloquial speech, they connect words between another word to clarify the received clear word. The ambiguity of theconjunctions of the studied languages is an urgent problem, and we will try to conduct further research in this area.

Key words: place, study, polysemy, peculiarity, difference, english language, tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фарогати Мирзошариф*** – Институти технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ассистенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч.Борбад 8. E-mail: **fmirzosharifzoda@bk.ru.** Тел.: **(+992) 918-44-19-20**

Сведения об авторе: ***Фарогати Мирзошариф*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Кулябе, ассистент кафедры языков. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. Борбад 8. E-mail: **fmirzosharifzoda@bk.ru.** Тел.: **(+992) 918-44-19-20**

Information about the author: ***Farogati Mirzosharif*** - Institute of technology and innovation management in the city of Kulyab, Assistant of the department of languages. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str. Borbad, 8. E-mail: **fmirzosharifzoda@bk.ru.** Tel.: **(+992) 918-44-19-20**

УДК:42:491.550

РОҶЕЪ БА ВИЖАГИҲОИ ШАКЛҲОИ АНАЛИТИКИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Усмонова Р.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Бо вуҷуди он ки забони муосири тоҷик чун забони англисӣ ба қатори забонҳои навъи аналитикӣ дохил мешавад, мутаассифона, дар сарчашмаҳои дахлдори забоншиносии тоҷик дар хусуси мафҳуми «аналитизм», «шакли аналитикӣ» ва амсоли онҳо маълумоте дода намешавад, ҳоло он ки ҳанӯз соли 1956 профессори Донишгоҳи давлатии Маскав А.И. Смирнитский, ки англисшиноси маъруфи шӯравӣ буд, дар мақалаи «Вопросы языкознания» таҳти унвони «Аналитические формы» мақолае ба табъ расонида, дар хусуси чанд хосиятҳои шакли аналитикии феъл дар забони англисӣ маълумот дода буд. Ӯ сонитар дар китоби дигари худ [4] дар хусуси шаклҳои аналитикии феъли забони англисӣ маълумоти батафсиле дода буд.

Дар як сарчашмаи дигар, ки ба қалами англисшиносон И.Иванова, Л.Чахоян ва Т.Беляева [1] дахл дорад, доир ба чанд хосияти шаклҳои аналитикии феъл маълумот дода мешавад.

Ин вазъиятро ба инобат гирифта, мо сарчашмаҳои дахлдорро омӯхта, қарор додем, ки баъзе андешаҳои худро дар хусуси умуман шаклҳои аналитикӣ ва хосиятҳои шаклсозии аналитикӣ дар забоншиносии тоҷику англис иброз намоем. Худи мафҳуми «аналитизм» аз вожаи лотинии «analysis» гирифта шудааст, ки маънои ҷудокунӣ, ҷузъ-ҷузъкуниро ифода менамояд. Мафҳуми аналитизм ба мафҳуми синтетизм муқобил гузошта мешавад. Ин ду мафҳум хосияти типологии забонҳоро дар назар дорад. Мафҳуми аналитизм ба таври алоҳида ифода шудани маъноҳои луғавии калима ва маънои иловагии грамматикии онро дар назар дорад. Мафҳуми синтетизм бошад, бар хилофи мафҳуми аналитизм дар ҳудуди як калима маттаҳидшавии морфемаҳои луғавӣ, калимасозӣ ва шаклсозиро дар назар дорад. Алалхусус, дар сохтори «навишта шуд – was written» аналитизм ба назар мерасад, зеро дар ин сохтор маънои грамматикии мафъул дар алоҳидагӣ тавассути калима-морфемаҳои «шуд» ва «was» ифода шудааст. Маънои луғавии калима бошад, тавассути шаклҳои синтетикии «навишта» ва «written» ифода гардидааст. Баръакс, дар сохторҳои «навиштам - wrote» синтетизм мушоҳида мешавад, ки дар онҳо маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ дар пайвастагӣ ифодаи худро ёфтаанд. Алалхусус, мансубияти амал ба шахси якум тавассути морфемаи синтетикии «-ам» дар забони тоҷикӣ ва бадалшавии овози [ai] ба [ou] ифодаи худро ёфтааст.

Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки барҷастарин хосиятҳои шаклҳои аналитикии феъл дар забонҳои муосири тоҷик ва англис инҳоянд:

1) Ҷузъҳои таркибии шаклҳои аналитикӣ камаш аз ду ё зиёда воҳидҳои алоҳида иборатанд: хонда истодааст – is reading. Дар ин мисолҳо «хонда» ва «истода» инчунин «is» ва «reading» вожаҳоянд, ки ҷудо-ҷудо навишта мешаванд.

2) Дар системаи шаклҳои аналитикии феъли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ яке аз ҷузъҳо масдар ё сифати феълӣ буда, маънои луғавии онро ифода мекунад. Он инчунин дорои маънои грамматикӣ ҳам мебошад, зеро дар забон воситаҳои пуч нестанд ва аз ин рӯ, ягон калима наметавонад танҳо маънои луғавӣ дошта бошаду халос. Ҳар як вожа ғайр аз маънои луғавӣ, инчунин маънои грамматикӣ низ дорад: навишта шуд – was written. Дар ин мисол «written» ва «навишта» маънои луғавии худро нигоҳ медоранд, онҳо инчунин ба амал далолат мекунанд, ки ин маънои грамматикии онҳост.

3) Ҳар ду қисми шакли аналитикӣ дар якҷоягӣ барои ифодаи маънои грамматикии ҷузъи асосӣ хизмат мекунад: навишта буд – had written. Дар ин мисол «written» - «навишта» ва «had» - «буд» барои ифодаи маънои грамматикии қаблияти амали «навиштан - write» нигаронида шудааст.

4) Яке аз аз ҷузъҳои шакли анлитикӣ бо мурури замон маънои луғавии худро гум мекунад ва аз ин рӯ, онро калимаи ёвар ё худ калима-морфема меноманд. Алалхусус, дар таркибҳои «is sent», «фиристода мешавад», «is» ва «мешавад» маънои луғавии худро аз даст додаанд ва аз ин рӯ, онҳоро феъли ёвар меноманд.

5) Феъли ёвари сохтори аналитикӣ метавонад бо миқдори зиёди феълҳои маънодор истифода шавад. Алалхусус, феъли ёвари «бошад» дар забони тоҷикӣ барои сохтани шакли аналитикии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ қодир аст, ки қариб бо ҳамаи феълҳои комилмаъно истифода шавад: рафта бошад, гуфта бошад, дида бошад, бемор шуда бошад, афтида бошад, хандида бошад, омада бошад. Феъли ёвари «had» барои сохтани шакли перфекти гузашта бо феълҳои зиёде истифода мешавад: had come, had done, had put, had written ва ғайра.

6) Дар байни ҷузъҳои шакли аналитикӣ муносибати синтаксисие ба назар намерасад [1, с.162]. Алалхусус, дар таркиби шакли аналитикии «shall be sent» ягон алоқаи синтаксисие дида намешавад. Дар мисоли тоҷикии «навишта шуда буд» дар байни «навишта», «шуда» ва «буд» алоқаи синтаксисие дида намешавад.

7) Яке аз ҷузъҳои шакли аналитикӣ (феъли ёвар) тасрифшаванда мебошад: была написана-was written-навишта шудааст. Бояд зикр кард, ки феъли ёвар метавонад бо мубтадои ҷумла дар робитаи синтаксисӣ қарор дошта бошад. Мисол: Ба мо шарҳ доданд, ки сари қофиларо сарбозон нигоҳ дошта истодаанд [8, с.112]. I have extracted a few disjointed fragments of her history [10, с.87].

Дар мисоли тоҷикӣ феъли ёвари «истодан» барои сохтани шакли замони ҳозираи давомдор истифода шуда, бо мубтадои «сарбозон» аз рӯйи шакли шумора мувофиқат карда, ба алоқаи синтаксисӣ даромадааст.

Дар мисоли англисӣ феъли ёвари «to have», ки барои сохтани шакли перфекти ҳозира хизмат мекунад, бо мубтадои «I» мувофиқат карда, бо он дар робитаи синтаксисӣ қарор гирифтааст. Бояд зикр кард, ки чунин алоқаи синтаксисӣ хилофи хосияти шашуми шаклҳои аналитикӣ маҳсуб намешавад. Дар мисолҳои болоӣ дар байни як ҷузъи сохтори аналитикӣ (феъли ёвар) ва мубтадоҳои ҷумла «сарбозон» ва «I» робитаи синтасисӣ ба назар мерасад.

8) Бояд махсус таъкид кард, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҷузъи ёвари шаклҳои аналитикӣ духӯра аст. Он дар як муҳити синтаксисӣ чун воҳиди маънодор, вале дар таркиби сохтори аналитикӣ он маънои луғавии худро аз даст медиҳад. Мисол, феъли ёвари «быть»-и забони русӣ дар як ҳолат чун феъли ёвар, вале дар ҳолати дигар чун феъл-бандак адои хизмат менамояд: Обязательно возьмите с собой газету, несколько экземпляров, она будет вам признательна [9, с.10]. Только они и будут связывать меня с надеждой вновь увидеть землю [10, с.9].

Дар мисоли якум «будет» ба вазифаи феъл-бандак омадааст, вале дар мисоли дуюм он чун феъли ёвар барои сохтани шакли замони ояндаи ҳудуди ғайримутлақ (несовершённый вид) хизмат мекунад.

Мисли ҳамин дар ду мисоли зерин феъли «будан»-и забони тоҷикӣ чун феъли ёвар ва чун феъл-бандак адои хизмат мекунад: Зайнабро дар ҳаштсолагӣ ба шавҳар дода буданд [8, с.78] (феъли ёвар). Ин зан Зайнаб буд [8, с.79] (феъл-бандак).

Дар ду мисоли зерин аз забони англисӣ феъли «to be» чун феъли ёвар ва чун феъл бандак истифода шудааст: He suddenly discovered that he was being addressed [13, с.239] (феъли ёвар). She was a very pretty girl, quit young [13, с.116] (феъл бандак).

Дар забони олмонӣ феъли «haben» (доштан) пеш аз исм истода, чун феъли маънодор, вале пеш аз Partizip II (сифати феълии замони гузашта)-и феълҳои гузаранда омада, чун

феъли ёридиҳанда хизмат мекунад: Er hat drei Sönne – Ӯ се писар дошт. Er hat den Wagengefaren [12, с.217]. Ӯ автомашинаро ронд.

9) Дар системаи шаклҳои аналитикии феъл воситаҳои синтетикӣ низ истифода мешаванд, ки таносуби онҳо дар забонҳои аналитикӣ як хел нест. Алалхусус, дар забони тоҷикӣ чунин воситаҳо нисбат ба забони англисӣ васеътар истифода мешаванд: 1) Боз ба мобайни мардум хоҳам рафт [7, с.137]. 2) Аммо дар ояти савуми ин сура гуфта мешавад [7, с.191]. 3) Аз бағали ҷомааш дастаи сиёҳ ва тирдони паҳни маузер намоён шуда меистод [7, с.97]. 4) Ин гӯсфандон… дар баҳорон дар мавсими тул ба ободонӣ наздик оварда шуда буданд [7, с.126]. 1) The door had not been properly fastened [13, с.110]. 2) It was the funniest song that had ever been written [14, с.87]. 3) A surprise for the coming session is being confectioned at the Wednesday gathering [11, с.37]. 4) He was waiting her up [13, с.200].

Дар боло аз ҳар як забонҳои муқоисашаванда чортогӣ мисол оварда шудааст, ки дар онҳо чортогӣ шакли аналитикӣ мавҷуданд. Дар чор мисоли тоҷикӣ 16 шаклсозии синтетикӣ истифода шудааст. Дар чор мисоли англисӣ бошад, ҳамагӣ 9 воситаи синтетикии шаклсозӣ ба назар мерасад. Ин номутаносибият дар байни забонҳои муқоисашаванда аз он шаҳодат медиҳад, ки забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ синтетикитар мебошад. Баръакс, забони англисӣ аз забони тоҷикӣ аналитикитар маҳсуб меёбад.

10) Дар таркиби шаклҳои аналитикии феъл дар қатори воситаҳои синтетикӣ метавонад инчунин воситаҳои супплетивии шаклсозӣ истифода шаванд, ки онҳо нисбатан камшуморанд. Ба мисолҳои зерин аз забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва олмонӣ таваҷҷӯҳ кунед: А) By December this poor relation of Sir Lowrence Mont's estate was being actively exploited [11, с.125]. Б) Curfew is doing great work [Ibit, с.141]. В) Бале, сураи дувоздаҳуми қуръон аз достони «Юсуф ва Зулайхо» иборат аст, ки аз Таврот айнан бардошта шудааст. Г) Ich bin dort gegangen [12, с.189].

Дар мисоли якуми англисӣ феъли ёвари «was» бо тариқи супплетивӣ тасриф шудааст. Шакли масдари он «be» мебошад, ки аз он ҳангоми сохтани шакли давомдори феъли замони гузашта осоре намондааст. Дар мисоли дигари англисӣ ҳамон як феъли ёвар барои сохтани замони ҳозираи давомдор (шахси сеюми танҳо) боз шакли худро куллан тағйир додааст. Дар мисоли тоҷикӣ феъли ёвари «будан» вазифаи грамматикӣ касб карда, шакли худро пурра дигар кардааст. Дар мисоли олмонӣ бошад, феъли ёвари «sein» барои ифодаи маънои перфект шакли худро комилан тағйир дода ба «bin» мубаддал гардидааст. Ҳамин аст моҳияти шаклсозии супплетивӣ дар забон. Р.Л. Траск дар луғати худ ба ин тариқати сохтани шакли грамматикӣ чунин таъриф додааст: «Супплетиватсия - ин истифодаи ду ё зиёда воҳидҳои алоҳидаест, ки барои сохтани шакли грамматикии ягон воҳиди алоҳидаи луғавӣ хизмат мекунад» [6, с.250].

11) Ҳангоми хосияти шашуми шаклҳои аналитикиро шарҳ додан зикр карда будем, ки дар байни ҷузъҳои сохтори аналитикӣ муносибати синтаксисӣ ба назар намерасад. Вале ин чунини маъно надорад, ки гӯянда аз рӯйи диди худ ҷойи рукнҳои чунин сохторҳоро метавонад иваз кунад. Дар ҳар як забон дар таърихи инкишофи шаклҳои аналитикӣ ҳар як воҳиди таркиби он ҷойи худро интихоб кардааст ва вайрон кардани чунин тартиби ҷойгиршавӣ хилофи меъёрҳои забон аст. Алалхусус, дар забони тоҷикӣ гоҳо аввал шакли ғайритасрифии феъл ва гоҳо пас аз он феъли ёвар ҷойгир мешавад: Дар ин ҷо аз барф гӯё асаре намонда буд [7, с.244]. Исроил муддате ҷараёни дарёро тамошо карда истод [8, с.146]. Модоме ки кор чунин аст, каме дам гирифта боз ба мобайни мардум хоҳам рафт [8, с.137].

Дар мисолҳои якум ва дуюм аввал феъли асосӣ «тамошо кардан» дар шакли сифати феълии қаблият ҷойгир шудааст ва баъди он феъли ёвари «истодан» ва «будан» мавқеъ гирифтаанд. Дар мисоли сеюм аввал феъли ёвари «хостан» ва баъди он масдари ноқиси феъли «рафтан» омадааст. Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки ин тартиби ҷойгиршавии аъзоҳои сохтори аналитикӣ барои забони тоҷикӣ меъёр аст. Бояд зикр кард, ки бар хилофи забони англисӣ, дар забони тоҷикӣ ба таркиби шаклҳои аналитикӣ дигар вожаҳо наметавонанд ворид шаванд.

Дар забони англисӣ қоидаи дигари ҷойгиршавии ҷузъҳои шакли аналитикӣ мушоҳида мешавад. Алалхусус, феъли ёвар пеш аз феъли асосӣ ҷойгир мешавад: I shall put it straight to him [13, с.58]. And he had been brought up on its crackle [11, с.63]. Advanced literature is written for ladies nowadays [Ibit, с.116]. Дар ҳамаи ин мисолҳо аввал феъли ёвар ва баъд феъли асосӣ омадааст.

Бар хилофи забони тоҷикӣ феъли ёвар метавонад ба пеши мубтадо кӯчад ё дар байни ону феъли асосӣ ягон вожаи дигар ҷойгир шавад: How long have you been engaged to him [11, с.203]. She was rather given the task about her relations [13, с.210]. Дар ин мисол зарфи «rather» дар байни ҷузъҳои шакли аналитикӣ ҷойгир шудааст, ки ин хосият барои шаклҳои аналитикии забони тоҷикӣ бегона аст.

Why- I'll just be honored to let him bite me again [11, с.52]. Дар ин ҷумла баъди феъли ёвари «shall», ки барои сохтани шакли замони оянда хизмат мекунад, зарфи «just» мавқеъ гирифта, шакли аналитики «shall be honored»-ро шикастааст, халалдор намудааст.

Дар забони олмонӣ вазъият боз мураккабтар аст. На танҳо ҳол, балки пуркунанда ба қабати сохтори аналитикии феъл ворид шуда, онро ба ду ҷудо мекунад. Мисол: Ich habe nich seit Monalen auf dieses Wierdersehen gefrent [12, с.66]. Ich habe im die Hand gedruckt [Ibit, с.53]. Дар мисоли якум пуркунанда (mich) ва ду ҳол «sein Monaten» ва «auf dieses Widersehen» ба қабати шакли аналитикӣ «habe gefrent» ворид гаштааст. Дар мисоли дуюм бошад, ду пуркунанда (im ва die hand) ба мобайни шакли аналитикӣ даромада, онро шикастааст.

Саволе бармеояд, ки дар забонҳои германӣ бо кадом мақсад ҳол ё пуркунанда шакли аналитикиро ба ду ҷудо мекунад. Мо дар сарчашмаҳои дахлдор ба ин савол ҷавоб ёфта натавонистем. Аз ин рӯ, мекӯшем, ки доир ба ин муаммо ақидаи худро иброз намоем. Ба назари мо феъли ёваре, ки пеш аз ҳол ё пуркунанда мавқеъ мегирад, барои ба феъли асосӣ пайвастани ин аъзоёни ҷумла хизмат мекунад. Аз ин рӯ, чунин алоқаро васлкунӣ меномем.

Ин ақидаи мо хилофи хосияти шашуми шакли аналитикӣ, ки дар боло шарҳи худро ёфта буд, маҳсуб намешавад, зеро дар ин ҷо сухан дар бораи на муносибати синтаксисии байни рукнҳои сохтори аналитикӣ балки дар хусуси алоқаи байни онҳо меравад. Муносибатҳои синтаксисӣ дар сатҳи алоқаи тобеъ ба назар мерасад. Ин ҷо сухан дар бораи алоқаи пайваст меравад.

12) Назариёти шаклҳои аналитикии феъл дар забоншиносии советӣ коркард шудааст. Дар забоншиносии ғарбу Амрико дар хусуси шаклҳои аналитикии феъл маълумоти амиқу равшане дода намешавад. Дар бораи вазифаҳои ин шаклҳо ва вижагиҳои сохториву семантикии онҳо тасаввуроти возеҳе ба назар намерасад. Дар сарчашмаҳои амаливу назарии илми забоншиносӣ чунин шаклҳо ва ҳамоиши феълҳои модалию асоси масдар як чиз шуморида мешаванд. Ҳоло он ки чунин шаклҳоро наметавон дар як қатор гузошт, зеро бо вуҷуди он ки аз рӯйи сохтор онҳо монанданд, аз рӯйи маъно ва вазифа онҳо чизҳои гуногунанд. Шаклҳои аналитикӣ мисли шаклҳои синтетикӣ як мафҳумро ифода мекунанд, ҳарчанд ки аз ду ё зиёда вожаҳо таркиб меёбанд. Онҳо раванди грамматикӣ дошта, аксаран ба шаклҳои синтетикӣ муқобил гузошта мешаванд. Муқоиса кунед: I write – I am writing. Ман менависам – ман навишта истодаам. Дар тазоди «write – am writing» –и забони англисӣ шакли якум (write) аз як калима таркиб ёфтааст ва мафҳуми замони ҳозираи ҳудуди ғайридавомдорро ифода мекунад. Дар шакли дуюм (am writing) ду вожа истифода шудааст «am» ва «writing», ки аз ду воҳиди маънодор иборат аст «write»-»навиштан» ва « –ing», ки ба сифати феълии I далолат мекунад. Феъли «am» дар ин таркиб маънои луғавии худро комилан аз даст додааст ва вазифаи грамматикӣ касб кардааст. Он ҳамроҳи морфемаи «-ing» давомнокии амалро ифода мекунад. Худи «am» нишондиҳандаи замони ҳозира, шахси сеюми танҳо мебошад. Дар тазоди забони тоҷикӣ «навишта-навишта истодаам» низ дар ҳолати якум як вожа (менависам) ва дар ҳолати дуюм ду калима (навишта истодаам) истифода шудааст. Гузашта аз ин, шакли «навишта» аз се воҳиди маънодор иборат аст: «навис», «-т», «-а». Вожаи дуюм «истодаам» аз чор воҳиди маънодор таркиб ёфтааст: «ист»-асоси замони ҳозира, «-од» морфемаест, ки асоси замони гузашта сохтааст, «-а» морфемаест, ки сифати феълии қаблият месозад, морфемаи «-ам», ки ба мансубияти амал ба шахси якуми шумораи танҳо далолат мекунад. Дар якҷоягӣ ҳамин воҳидҳои маънодор як мафҳуми соддаро номбар мекунанд, вале барои ифодаи якчанд маъноҳои грамматикӣ хизмат мекунанд, бо вуҷуди он ки ҷузъҳои шакли аналитикӣ дар ҷудоӣ амал мекунанд. Сабаб дар он аст, ки аз рӯйи маъно чунин шакл яклухт зоҳир мешавад.

Вақте ки феъли модалӣ ҳамроҳи асоси масдар (дар забони англисӣ) ва шакли сифати феълии қаблият (дар забони тоҷикӣ) меояд, вазъият тамоман дигар аст: can write – навишта тавонистан. Дар ин ҷо низ ду калима омадааст, вале бар хилофи шаклҳои аналитикӣ дар ин ҷо на як, балки ду мафҳум ифода шудааст: 1) мафҳуми «тавонистан»; 2) мафҳуми «навиштан». Гузашта аз ин, чунини сохтор барои ифодаи маънои грамматикӣ хизмат намекунад.

13) Шаклҳои аналитикӣ дар қатори ифода кардани ягон маънои грамматикӣ вазифаҳои иловагӣ доранд, ки онҳо чунинанд: а) ҳар як шакли аналитикӣ дар қатори шакли синтетикӣ ба вазифаи синтаксисии ягон аъзои ҷумла меояд, билхосса шаклҳои аналитикии феъл аз ҳама бештар вазифаи хабари ҷумларо ба уҳда мегиранд, б) бо мурури замон ҳар як шакли аналитикӣ бо меъёрҳои забони дахлдор мутобиқат намуда, дар контекстҳои гуногун истифода шуда метавонад, в) кулли шаклҳои аналитикӣ барои ифодаи маънои категориалии худ талаб мекунанд, ки онҳо дар ин ё он муҳити синтаксисӣ истифода шаванд. Алалхусус, шакли перфектии феъли забони англисӣ тақозо менамояд, ки он бо зарфҳо ё таркибҳои пешояндии навъи «already», «by the end of the weak», «by that

time» истифода бурда шавад, вале бо зарфҳои навъи «yesterday», «today»; таркибҳои пешояндии амсоли «at that time», «on Sunday» ва ғайраҳо кор фармудани онҳо хилофи меъёрҳо забони англисист. Дар забони тоҷикӣ зарфҳои навъи «ҳоло», «акнун» ё таркибҳои пешояндии навъи «дар он вақт», «он дам» талаб мекунанд, ки бо шаклҳои давомдор истифода бурда шаванд, вале истифода бурдани чунин шаклҳои феълӣ бо зарфҳои навъи «ҳамеша», «доимо» ва амсоли инҳо мумкин нест.

14) Мушоҳидаҳои мо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ шаклҳои аналитикии феъл майл ба тахфифшавӣ доранд, яъне баъзе аз онҳо дар ҷараёни гузариш аз шакли аналитикӣ ба шакли синтетикӣ қарор доранд, ки ин аз нутқи гуфтугӯӣ сарчашма мегирад. Алалхусус, профессор В.С. Расторгуева дар асари «Система таджикского глагола», ки дар ҳаммуаллифӣ бо А.А. Каримова навишта шудааст, қайд кардааст, ки шакли асосии перфекти забони тоҷикӣ барои ифодаи амали ғайришуҳудӣ, ки аз сарчашмаҳои иловагӣ нақш мегиранд хизмат мекунад [3, с.78]. Ин сиға, ба қавли ӯ, аз ҳамоиши сифати феълӣ – феъли ҳоли феъли асосӣ ва шакли ихтисоршудаи феъл-бандак сохта мешавад: дидаам – дидаем, дидаӣ – дидаед (дидаетон), дидааст – дидаанд [3, с.75]. Ба назари мо, «аст» ва шаклҳои ихтисоршудаи он (-ам, -ӣ, -ем, -ед, -анд) вазифаи феъл-бандакро иҷро намекунад, зеро чунин феъл барои алоқаманд кардани қисми номии хабар бо мубтадо хизмат намекунад, ҳол он ки «дидааст» шакли грамматикист, ки вазифаи хабари феълиро ба дӯш дорад. Аз ин рӯ, «аст» ва ихтисораҳои онро бояд чун феъли ёвар қаламдод кард. Он феъл шакли аналитикӣ месозад, ки он тахфиф шудааст. Дар ин хусус иқтибоси зерин хуб шаҳодат медиҳад. Чунон ки маълум аст, забони тоҷикӣ аз шаклҳои аналитикии феъл бой аст, ки онҳо тавассути феълҳои ёридиҳанда сохта мешаванд. Дар забони адабӣ шакли фоилии феъл 13 адад шаклҳои аналитикӣ дорад: хонда будам, хонда истодаам, хонда истода будам, хондаам, мехондам, хонда будаам, хонда истода будааст, хонда бошам, мехонда бошам, хонда истода бошам, хонда истодагист, хонда истода, хонда истодагӣ [2, с.217-218].

Аз мисолҳои овардаи профессор В.С. Расторгуева маълум мешавад, ки дар шахсҳои якуму дуюми танҳову ҷамъ ва шахси сеюми ҷамъ феъли ёвари «аст» комилан тахфиф шудааст. Дар натиҷа, сифати феълии қаблият бо морфемаи «-а» ва пасвандҳои шахсу шумораи феъл боқӣ мондаанду халос. Феъли «аст» танҳо дар шахси сеюми шумораи танҳо нигоҳ дошта шудааст.

Ҳамин ҳодиса дар шаклҳои давомдори сиғаи аудитивӣ низ мушоҳида мешавад: медидаам – медидаем, медидаӣ – медидаед, медидааст – медидаанд. Дар ин мисолҳо низ феъли ёвари «аст» фақат дар шахси сеюми шумораи танҳо маҳфуз мондааст.

Дар забони адабии тоҷикӣ боз як шакли аналитикии феъл комилан ба шакли синтетикӣ табдил ёфтааст, ки аз ин мисолҳои зерини профессор В.С. Расторгуева шаҳодат медиҳанд: дидигистам – дидагистем, дидагистӣ – дидагистанд. Муаллиф «-ист»-ро шакли пурраи «аст» номидааст, ки ба ин ақида наметавон пурра розӣ шуд, зеро «аст» ва «ист» ба назари мо як чиз нестанд, онҳо зоҳиран аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ин шакли ихтисоршудаи зерин низ шаҳодат медиҳад: дидагиям – дидагием, дидагии – дидагиед, дидагист – дидагиянд (дидагианд). Ин шаклҳо ба замони гузаштаи сиғаи эҳтимолӣ далолат мекунанд.

Шояд чунин хосиятҳои забонҳои эрониро ба инобат гирифта, дар як сарчашма ба чунин хулосае омадаанд: «Аналитизм дар таърихи тараққиёти забонҳои эронӣ майлони асосӣ ва пешбаранда буд, вале он ҳаргиз раванди ягона маҳсуб намешуд. Дар марҳилаҳои хеле пешини ин забонҳо як ҳодисаи табиатан баръакс низ мушоҳида мешуд, ки ин ҳам бошад, синтези дубора аст. Моҳияти ин ҳодиса ҳамин аст, ки таҳти таъсири омилҳои фонетикӣ ва мундариҷавӣ дар марҳилаҳои алоҳида якшавии ҳиссаҳои номустақили нутқ ва ҳиссачаҳо бо вожаҳое, ки ба он қаробат доранд, ба вуқӯъ меояд ва дар натиҷа ба ҷойи сохторҳои аналитикӣ шаклҳои нави грамматикӣ - сохторҳои синтетикӣ ба миён меоянд» [2, с.187].

Маҳз мисолҳои дар боло овардашуда ба чунин шаклҳо замина мегузоранд. Бинобар он, дар ҳамин китоб навишта шудааст: «Дар ҷараёни синтези бандакҳои предикативӣ онҳо ба пасвандҳои шахсу шумораи феъл табдил ёфтаанд: ман рафтам, ту рафтӣ ва ғайра» [2, с.206].

Дар забони муосири англисӣ низ ҷараёни тахфифшавии феълҳои ёвари таркиби шаклҳои аналитикӣ ба назар мерасад, ки ин инчунин дар нутқи гуфтугӯӣ васеъ мушоҳида мешавад. Мисол: 1) I'll know who's master and who's slave! [10, с.45]. 2) «We're paying our way», he said fiercely [14, 147]. 3) «And we've shot an officer on duty,» says my Lord [15, 95]. Дар мисоли якум феъли ёвари «shall» тахфиф шудааст. Ин феъл ва муодили он «will» ду вазифа доранд. Онҳо чун феъли ёвар ва чун феъли модалӣ ба кор мераванд. Ҳангоми вазифаи феъли ёварро адо карданашон ин феълҳо тахфиф мешаванд, вале вақте ки чун феъли модалӣ истифода мешаванд, онҳо ҳаргиз тахфиф намегарданд. Аз ин рӯ, К.Г. Султонов дар рисолаи номзадии худ менависад, ки шакли тахфифшуда дар забон чун

ҷузъи шакли аналитикии «соф» замони оянда адои хизмат мекунад, ки он нисбат ба шакли комили он васеътар истифода мешавад [5, с.97]. Бинобар он, ин муаллиф ду феъл омонимро ҷудо мекунад: феълҳои ёвари «shall» ва «will» ва феълҳои модалии «shall» ва «will» [5, с.97].

Дар мисоли дуюм феъли ёвари «to be», ки шакли супплетивӣ дорад, тахфиф шудааст. Он барои шумораи ҷамъи замони ҳозира шакли «are» дорад, ки дар мисоли мо дар шакли «-‘re» омадааст. Дар мисоли сеюм бошад, феъли ёвари «to have» тахфиф шуда, дар шакли «-‘ve» омадааст. Он барои сохтани замони ҳозираи перфект хизмат мекунад.

Бояд махсус таъкид кард, ки дар забони англисӣ бар хилофи забони тоҷикӣ ҷараёни гузариши шаклҳои аналитикии феъл ба шакли синтетикии он ҳоло ба охир нарасидааст, зеро чунон ки мушоҳида кардем дар се-чор ҳолат шаклҳои аналитикӣ пурра ба шаклҳои синтетикӣ гузаштаанд, ҳоло он ки дар забони муосири англисӣ чунин шаклҳо ба назар намерасанд. Шояд бо мурури замон шаклҳои навъи мубтадо+ll комилан ба шакли синтетикӣ гузарад ва дар байни ҳамоиши феълҳои модалии «shall» ва «will» + масдар ва шакли синтетикии «’ll» ва масдар тафриқагузорӣ ба миён ояд.

Ҳамин тавр, таҳти истилоҳи «шакли аналитикии феъл» мо ҳамоиши вожаи ифодакунандаи ҳаракату ҳолат бо калима-морфема ва дигар воситаҳои шаклсозро меномем, ки вазифаи грамматикиро ичро мекунад. Чунин сохтор вазифаҳои морфологӣ, морфонологӣ ва синтаксисӣ дорад. Чун ҳодисаи морфологӣ он барои шаклсозӣ хизмат мекунад. Чун ҳодисаи морфонологӣ он ба омӯзиши сохтори фонологии морфемаҳои навъи гуногун сарукор дорад. Раванди синтаксисии чунин сохтор дар он зоҳир мешавад, ки он вазифаи синтаксисии ягон аъзои ҷумла (бештар хабар) – ро ба уҳда мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Иванова, И. История английского языка / И. Иванова, Л. Чахоян, Т. Беляева. - Санкт-Петербург: Лань, 2001. – 510 с.
2. Опыт историко-типологического исследования иранских языков. Т.I. - М.: Наука, 1975. – 240 с.
3. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. - М.: Наука, 1964. – 291 с.
4. Смирницкий, А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Литературы на иностранных языках, 1959. – 440 с.
5. Султанов, К.Г. Аналитические видовременные формы глагола в кумыском и английском языках. Докт дисс.: 10.02.20 / К. Г. Султанов. - Махачкала, 2004. – 148 с.
6. Trask, R.L. A Dictionary of Grammatical Terms in Linguistics / R.L. Trask. Lnd. - New York, 1996. – 336 p.
7. Айнӣ, С. Куллиёт / С.Айнӣ. Ҷ.3. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 622 с.
8. Муҳаммадиев, Ф. Куллиёт / Ф.Муҳаммадиев. Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.2. – 446 с.
9. Семенов, Ю. Позиция Кн.III. / Ю. Семенов. - Душанбе: Ирфон, 1989. – 542 с.
10. Dickens, Ch. Martin Chuzzlewit / Ch. Dickens. - M.: Foreign Languages Publishing House, 1950. – 256 p.
11. Galsworthy, J.A. Modern Comedy. Book 3 / J.A. Galsworthy. - M.: Progress Publishers, 1979. – 280 p.
12. Jung, W. Grammatik der deutschen sprache / W. Jung. - Leipzig: Veb bibliographsches institut, 1968. – 518 p.
13. Priestlly, J. Angel Pavement / J. Priestlly. - M: Progress Publishers, 1974. – 504 p.
14. Steinbeck, J. The Grapes of Wrath / J. Steinbeck. - M.: Progress Publishers, 1978. – 530 p.
15. Thackeray, W. The History of Henry Esmond / W. Thackeray. Esg. - M.: Foreign Languages Publishing House, 1954. – 596 p.

РОҶЕЪ БА ВИЖАГИҲОИ ШАКЛҲОИ АНАЛИТИКИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақола вижагиҳои шаклҳои аналитикии феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳлил карда мешаванд. Онҳо 14 ададанд. Шакли аналитикии феъл ҳамоиши вожаи ифодакунандаи амал ё ҳолат бо калима-морфема ва дигар воситаҳои шаклсоз маҳсуб мешавад. Ин ҳамоиш дорои равандҳои морфологӣ, морфонологӣ ва синтаксисӣ мебошад. Ҷанбаи морфологии он бо роҳу воситаҳои сохтани шаклҳои грамматикии феъл сарукор дорад. Равияи морфонологии он ба таҳлили сохтори фонологии морфемаҳои шаклсоз алоқаманд аст. Хусусияти синтаксисии ин ҳодиса вазифаи синтаксисии чунин сохторҳоро меомӯзад. Таҳлили муқоисавии шаклҳои аналитикии феълҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад, ки забони англисӣ нибат ба забони тоҷикӣ аналитикитар аст. Забони тоҷикӣ бошад, нисбат ба забони англисӣ бештар шаклҳои синтетикиро истифода мебарад.

Калидвожаҳо: вижагиҳо, шакли аналитикии феъл, раванди морфологӣ, раванди морфонологӣ, раванди синтаксисӣ, аналитизм, синтетизм.

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ АНАЛИТИЧЕСКИХ ФОРМ ГЛАГОЛА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье проанализированы особенности аналитических форм глагола в английском и таджикском языках. Их оказалось 14 единиц. В аналитическую форму глагола входит сочетаемость слов, обозначающих действие или состояние со словом-морфемой и другими средствами формообразования. Такая сочетаемость обладает морфологическим, морфонологическим и синтаксическим направленностями. Его морфологическая направленность связана со способами и средствами образования грамматических форм глагола. Его морфонологическая направленность имеет дело с анализом фонологического строя формообразовательных морфем. Синтаксическая особенность такого процесса связана с анализом синтаксической функции таких образований. Сравнительный анализ аналитических форм глаголов таджикского и английского языков свидетельствует о том, что в этой сфере английский язык является более аналитическим, чем таджикский. Что

касается таджикского языка, то он больше использует синтетические средства формообразования, чем английский язык.

Ключевые слова: особенности, аналитические формы глагола, морфологическая направленность, морфонологическая направленность, синтаксическая направленность, аналитизм, синтетизм.

ON THE PECULIARITIES OF THE ANALYTICAL FORMS OF THE VERB IN THE ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article deals with the analysis of the peculiarities of the analytical forms of the verb in the English and Tajik languages. They seem to be 14 units. The analytical form of the verb is a combination of words expressing an action or a state with a word-morpheme and other grammatical units. Such a combination has got morphological, morphonological and syntactical functions. Its morphological function is closely connected with ways and means of building grammatical forms of the verb. Its morfonological function is aimed at analyzing morphological structure of grammatical morphemes. The syntactical function of this phenomena deals the study of syntactical functions of such structures. Comparative analysis of the analytical forms of the English and Tajik verbs shows that modern English seems to be more analytical than modern Tajik. As for modern Tajik it makes use of more synthetic forms than modern English.

Key words: peculiarities, analytical form of the verb, morphological trend, morphonological trend, syntactical trend, analytism, synthesism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Усмонова Рухшона Раҳматовна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, аспиранти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ. **Сурога:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1.
E-mail: **www.anis.ru@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-973-32-37**

Сведения об авторе: ***Усмонова Рухшона Рахматовна*** - Худжанский государственный университет им. академика Б.Гафурова, аспирант кафедры перевода и грамматики английского языка факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **www.anis.ru@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-973-32-37**

Information about the author: ***Usmonova Rukhshona Rahmatovna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, post-graduate of the department of English Grammar and Translation of the Faculty of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **www.anis.ru@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 92-973-32-37**

УДК: 811.21/.22-54

МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ҶУМЛАҲОИ ТАСДИҚӢ ВА ИНКОРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар мисоли насри муосири бадеӣ)

Кенҷазода Манучеҳра
Донишгоҳи миллииТоҷикистон

Ба тасдиқӣ ва инкорӣ ҷудо кардани ҷумлаҳо бо мазмуни муносибатҳои воқеии дар онҳо ифодашуда вобаста аст. Хусусияти тасдиқӣ ё инкории ҷумла инъикоси муносибатҳои байни ҳодисаҳои воқеият аст. Чунончи дар ҷумлаи: Темурмалик баъд аз тамом намудани сохтмони қалъа он ҷойро бо озуқа ва аслиҳа пур кард. –вобастагии байни тасаввурот оид ба амал чун предмет ва дар бораи он (сохтмон) мавҷуд аст: яъне – амал – пур кард.

Забоншинос Б. Ниёзмуҳаммадов ҷумлаҳои содаи инкорӣ ва тасдиқиро ҷумлаҳои содаи яккалимагӣ номидааст [9, с. 98].

Ҳамин тариқ, ҳамон ҷумлаҳое тасдиқӣ ба ҳисоб мераванд, ки агар дар онҳо алоқа байни предметҳо ва аломати онҳо дар воқеият мавҷуд бошад ва ҳамон ҷумлаҳое инкорӣ маҳсуб меёбанд, агар дар онҳо ин робита вуҷуд надошта бошад.

Муқобилгузорӣ аз рӯйи принсипи тасдиқӣ – инкорӣ хоси маъност. Он инъикоси мутақобилаи принсипи модалияти реалӣ ва ирреалӣ набуда, балки мафҳуми модалияти объективии дар ҷумла ифодаёфта мебошад. Масалан, дар ҷумлаҳои: *Деворзанӣ камобеш ду ҳафта тӯл кашид (СУ.В. С.153); Муллобача чой мекашид. Ниёз дастархонро мегундошт (СУ. В. С. 134)* факти реалӣ тасдиқ карда мешавад, яъне ҳам ҷумлаи тасдиқӣ ва ҳам инкорӣ маънои модалияти воқеӣ дорад.

Дар ҷумлаҳои: *Аз масҷидҳо овози муаззинҳо баланд гардид// Аз масҷидҳо овози муаззинҳо баланд нашуд.* – воқеияти факти амал тасдиқ карда мешавад, яъне ҳам ҷумлаи тасдиқӣ ва ҳам инкорӣ модалияти воқеӣ дорад.

Ҷумлаҳои: *Ӯ ҷавоб дод// Ӯ ҷавоб надод* низ модалияти якхела доранд, вале модалияти ирреалӣ, зеро далелҳое, ки дар бораи онҳо сухан меравад, воқеӣ (иҷрошаванда) нестанд.

Дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” қайд карда мешавад, ки хусусиятҳои инкорӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно, мақсаду муносибат ва интонатсия аз ҷумлаҳои тасдиқӣ тафовут надоранд ва мисли онҳо ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ мешаванд. Албатта, дар ин ҷо ҳам доираи истифодаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ васеъ аст, чунки

инкор ба маънои аслиаш асосан хоси ҳамин гурӯҳи ҷумлаҳои сода мебошад. Дар ҷумлаҳои саволӣ, амрӣ ва хитобӣ тарзҳои махсуси инкор низ ба назар мерасанд. Шаклҳои инкор дар ҷумлаҳои амрӣ ва хитобӣ барои ифодаи бездоштани амали субъект, илтимосу хоҳиш, нияту орзу ва ҳиссу ҳаяҷон истифода мешаванд:

Ваъда дода наметавонам (Толис). Вай ба ин аҳамият надод (Толис). Асло рӯзи нек набинӣ! (Улуғзода). Ба хонааш надаро (Раҳим Ҷалил). Гапа дароз накун, бефаҳм (Улуғзода). [1986, с.219]"

Категорияи инкор ба мазмуни ҷумла алоқаманд буда, он аз ҷиҳати сохтор муҳим аст. Оид ба роли муҳими сохтории инкор муқобилгузории баъзе навъҳои ҷумла шаҳодат медиҳанд: Бедонабоз ҳайрон шуд // Бедонабоз ҳайрон нашуд. Вазифаҳо супорида шудаанд (дар ҳолати дуюмду варианти ҷумлаҳо дида мешаванд: ҷумлаҳо бо тағйири сохтор ва бетағйири сохтор): Шаб. Соати се. Шаб нест. Соат се нашудааст.

Дар дигар ҳолатҳо категорияи инкор ба сохтори ҷумла таъсир намерасонад: Меҳмон рост омада ба ҷувозхона даромад; Барф дар хандақ ҳар сол анбор карда мешуд (СУ. В. С.42)// Барф дар хандақ ҳар сол анбор карда намешуд; Ошӯби деҳқонон пахш карда шуд(СУ. В. С.43)//. Ошӯби деҳқонон пахш карда нашуд. Инкори грамматикӣ, одатан, бо ҳиссачаи на- (не-) сурат мегирад ва мавҷуд набудани он маънои тасдиқро дорад.

Муаллифони "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (1986) инкорро дар ҷумлаҳои сода ба умумӣ ва ҷузъӣ ҷудо намудаанд. Инкори умумӣ ба тамоми ҷумла мансуб буда, хабари ин гуна ҷумлаҳо бештар дар шакли инкор воқеъ мегардад: *Аммо писараш ноқобил ва сарсаригард шуда, на дар замин ва на дар дуредгарӣ* ***кор накардааст*** *(СА.Ё. с. 51); – Чаро ту ӯро* ***нигоҳ надоштӣ****, мардаки дилозор (СУ.В. с. 53); Хайр, ту* ***хафа нашав****, ака (СУ.В. с. 53); Духтарак ҳам ба ин ҷавони хушзабони меҳрубони хушмуомила муҳаббати покдилона монда, аз вай ҷудо шудан ва як нафас бе ӯ мондан ро* ***намехостааст*** *(СА.Ё. с. 53); Ятим ин таклифи духтарро* ***қабул накардааст****(СА.Ё. с. 53); Вале андозчини қаротегинӣ доди онҳоро* ***намешунид****. Аммо маро назад ва ҷанг ҳам накард(СА.Ё.с. 180).*

Инкори ҷузъӣ ба яке аз аъзоҳо ва ё ба яке аз аъзоҳои чидаи ҷумла тааллуқ дорад: *Инҳо* ***на*** *парвои зану фарзанд доранд,* ***на*** *гами хӯроку пӯшок. (СА.Ё. с. 149); Хайрият, ки* ***на*** *ба ман ва* ***на*** *ба ӯ зарар нарасид(СА.Ё. с. 149); На дарпарда дошт ва на тагораи обрезӣ ; Ман на галтидам ва на аз ақл бегона шудам...(СА.Ё.с.287); Аммо на дасташ ва на пояш ба ягон ҷойи Махдум намерасид...(СА.Ё.с.295); Албатта, ман дар он вақт на харитаро медонистам, на кураро ва на ба чӣ чиз хизмат кардани ин асбобҳоро(СА.Ё.с.331);*

Инкор пурра ва нопурра мешавад. Инкори пурра бо роҳи гузоштани ҳиссачаи инкории на – пеш аз хабар сурат мегирад, чунин ҷумла умумиинкорӣ ном доранд. Ҳиссачаи инкории на – пеш аз дигар аъзоҳои ҷумла ояд, инкори нопурраро ифода мекунад. Чунин ҷумлаҳоро инкории нопурра меноманд, зеро умуман онҳо тасдиқро ифода мекунанд. Масалан, дар ҷумлаҳои: На бо зӯрӣ, на бо зорӣ, на бо зар, Нагаштӣ ошно бегонаи ман (Гулрухсор) ;– Падарам то тамом кардани ин кор на нон хӯрд ва на чой нӯшид (СА. Ё. С.47) соҳиб будани шахси муайян ҳолату вазъият инкор карда мешавад.

Дар ҷумлаи: *Саидалӣ, ҳамин чорбоғатро ба ман намефурӯшӣ* (СУ.В. 44);– инкор ба ҳолат тааллуқ дорад, инчунин дар муносибати муайян маҳдуд карда шуда, дар ҷумла яклухт ифода ёфтааст.

Маънои тасдиқро ҳиссачаи инкории пеш аз мубтадоистода ҳам дигар карда наметавонад. Масалан: *Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман (Саъдӣ)*

Ҳамин тариқ, категория инкор бевосита бо категорияи предикативият алоқаманд аст. Маҳз танҳо ҳиссачаи инкорие, ки пеш аз хабар меояд, маънои тамоми ҷумларо инкорӣ карда метавонад. Ҳиссачаи инкорие, ки пеш аз дигар аъзоҳои ҷумла меояд, ба маънои умумии тасдиқии ҷумла таъсир расонида наметавонад. Аммо ҳиссачаи инкории пеш аз хабар ҷойгирифта ҳам на ҳамеша аломати ҷумлаи инкорӣ шуда метавонад. Гоҳо дар чунин мавридҳо ҷумла маънои инкориашро гум мекунад:

якум, ҳангоми такрори ҳиссачаи на-: Ман нахандида наметавонистам – яъне инкор ҳангоми дар ҷумла такрор шуда омадан тасдиқи қатъиро мефаҳмонад.

дуюм, ҳангоми тобиши дигари маъноӣ гирифтани ҳиссачаи на – (не)-:

--тахмин: *Мабодо ӯ занбӯругҳои заҳрдорро чида наомада бошад*? (С.А. Ё. с. 42)

-умумикунонӣ: *Кӣ амирро лаънат нахондааст? (СА. F. с. 307)*

-хавотирӣ: *Мабодо сирри мо ба воситаи ин духтарак фош гардад (С.А. Ё. С. 455).*

- -зарурат: *Чӣ хел ман гиря накунам?! // Ман бояд гиря кунам.*

Ба вазифаи воҳиди инкорӣ ҳиссачаи на- (не -), мафҳуми инкорро қувват медиҳад, омада метавонад: *Ариза бепул нест, мақбул (СУ.В. С.153).*

Ҳиссачаи на- (не -) ҳангоми такрор шудан вазифаи пайвандакро иҷро мекунад: *Лутфия на тасдиқ кард ва на инкор. (СУ.В. С.153); Ин мард бошад, на тубра дораду на асо(СУ.В. С.195) ;*

Вожаи на – дар ин ҷумла вазифаи пайвандаки пайвасткунандаро иҷро карда истодааст.

Тақвияти инкор бо ёрии ҷонишинҳои инкорӣ ва зарф сурат мегирад: *Ҳеҷ чиз аз бад шудани вазъи обу ҳаво дарак намедод. Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе* ***нашуд****, Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе* ***нашуд*** *(Румӣ); – Ҳеҷ вақт ёфт намешаванд (СА.МС. с. 42);*

Ҳиссачаи на- на ҳамеша инкорро ифода мекунад; он метавонад барои қувват додани маънои тасдиқ хизмат кунад: *Онҳо то ба шаҳр даромадани душман нагурехта ҳам наметавонистанд (СА. Т.с. 77)*

Аломати грамматикии ҷумлаи инкорӣ вожаи инкории “нест” мебошад, ки дар ҷумлаи сода вазифаи хабарро иҷро мекунад: *Не, бе асп мондан хуб нест. (СУ.В.С.35); Ман ин хел одами ноинсоф ва кӯтоҳандеш нестам (СУ.В.С.15);.*

Ниҳоят, инкор метавонад бо ёрии оҳанг (интонатсия), тартиби калима, баъзе ҳиссачаҳои ҳиссӣ (эмотсионалӣ) низ ифода ёбад, ки ин бештар хоси забони зинда аст: *Дар он ҷо на бору бунаҳ мондааст ва на аспу одам (СА.Т.с. 65). Ҳамин хел ман шуморо интизор шуда мешинам?*

Ҷумлаҳои инкорӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад: 1) ҷумлаҳои инкории хоса ва 2) ҷумлаҳои инкории ғайрихоса. Ба гурӯҳи якум ҷумлаҳое дохил мешаванд, ки табиатан маънои инкор доранд, онҳо аз шаклҳои ғайриинкор сохта нашудаанд. Ба вазифаи хабари ин гуна ҷумлаҳо асосан калимаҳои **нест, не, на** меоянд: Болохонаро шабона бекас мондан дуруст нест (СА.Ё. 195); Ин хатро хондан мумкин нест(СА.Ё. с. 197).

Дар забони тоҷикӣ дар баробари калимаҳои нест, не, на чанд калимаи дигар низ ҳаст, ки дорои маънои инкор буда, ҳамчун ҷумлаҳои нопурраи инкорӣ истифода мешаванд: ҳаргиз, асло, ҳеҷ:

Ӯ дар хона нест (Раҳим Ҷалил).

— Ин аспатон магар хоназод аст?

— Не (Айнӣ).

- Ин некии маро аз ёд намебаровардагистӣ?

-Асло (СУ.В. с.147);

—Магар колхоз ба ин розӣ шуда метавонад?

Ҳаргиз! (Улуғзода).

— Ҳа, чӣ воқеа? — пурсид Исрофил, ки маро дар он тарафи кӯча мунтазир буд.

— Ҳеҷ (Ф. Муҳаммадиев).

Дар таркиби чумлаҳои сода мисли **ҳеҷ, ҳаргиз, асло, ба ҷуз, бе** калимаҳои инкорӣ низ меоянд. Азбаски хабари ин гуна ҷумлаҳо ба воситаи морфемаҳо аз шакли тасдиқии он сохта шудааст, онҳо ба гурӯҳи ҷумлаҳои инкории ғайрихоса дохил мешаванд. Калимаҳои инкории зикршуда тобишҳои модалии ҷумларо қувват медиҳанд, инкорро таъкид менамоянд, маъноҳои иловагӣ мебахшанд, матлабро конкреттар менамоянд:

...ба гапҳои вай ***ҳеҷ*** *бовар намекунам (Ҳаким Карим). Дар кӯча ба ҷуз ҳар дуй инҳо дигар* ***ҳеҷ кас*** *набуд (Ҳаким Карим). Васияти вайро мо* ***асло*** *фаромӯш намекунем (Раҳим Ҷалил). Ман инро* ***ҳаргиз*** *фаромӯш намекунам (Акобиров).* ***Бе*** *Шумо ин кор буд намешавад (Раҳим Ҷалил).*

Аз ҷиҳати хусусияти семантикӣ ҳамаи ҷумлаҳои инкории хоса ба гурӯҳи ҷумлаҳои инкории умумӣ дохил мешаванд. Як қисм ҷумлаҳои инкории ғайрихоса ҳам, ки дар онҳо инкор тамоми ҷумларо фаро мегирад, ба ҷумлаҳои умумии инкорӣ мансуб мебошанд.

Ба гурӯҳи ҷумлаҳои инкории ғайрихоса ҷумлаҳое дохил мешаванд, ки бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ аз ҷумлаҳои тасдиқӣ сохта шудаанд.

Азбаски ки хабар воҳиди предикативии ҷумла, яъне воситаи асосии ахбор ба шумор меравад. Тасдиқу инкорро ифода намудани ҷумла асосан ба он вобаста мебошад. Хабарҳои ҷумлаҳое, ки дар бораи набудани чизҳо, ҳодисаву воқеаҳо ва инкорӣ фикр маълумот медиҳанд, дар шакли инкор меоянд, ки аз шакли ғайриинкори он сохта шудаанд. Чунончи: *Ӯ аз фикри ҷоҳу мансаб* ***намегузашт*** *(СУ. В. С. 8); Қоришкамба* ***на*** *ба чинифурӯш нигоҳ мекард ва* ***на*** *ба нонфурӯш (СА. МС. С. 18); Дирӯза ошро аз ёдат* ***набарор****! (СА. МС. С. 35); Аммо даҳякион ош ҳам* ***насиби*** *ман* ***нашуд*** *(СА. МС. С. 35);*

Дар хабарҳое, ки бо феълҳои таркибии номӣ ифода шудаанд, префикси инкории на- бо феъли ёвар меояд. Чунончи *: –Оварда додани табакро аз хотир фаромӯш накунед! (СА. МС. С. 38); –Ҳуҷра ёфтед ё ин ки ҳоло ҳам* ***бошишгоҳ надоред****? (СА. МС. С. 35); Бо хӯшачинии мо барин одамони бебизоат аз хирмани шумо барин одамони доро чизе* ***кам намешавад****. (СА. МС. С. 52);*

Дар мисоли зерин нависанда барои таъкиди маънои инкор ҳам аз пайвандаки пайвасткунандаи **на** ва ҳам префикси инкории **на-** истифода бурдааст: *Ман ба ин сухани ӯ* ***на*** *бо тасдиқ ва* ***на*** *бо инкор ҷавобе* ***нададам****. (СА. МС. С. 46);*

Калимаи **не** дар муколима ҳамчун ҷумлаи мустақили инкорӣ истифода мешавад. Дар ин гуна мавқеи наҳвӣ алоқаи шакливу маъноии ҷумлаҳои диалогӣ, ки дар шакли саволу ҷавоб воқеъ мегарданд, барҷастатар зоҳир мешавад:

Ӯ он хатро бароварда ба дастам медод.Ман хатро аз назарам гузаронида:
–Хонда диҳам? – гуфта пурсидам.
*–**Не** (СА. МС. С. 71); .*
– Худатон хат навишта метавонед? – гуфта арбоб аз ман пурсид.
– Кам-кам.
– Бисёр хуб, ин тавр бошад, аз номи ман ба бой як хат нависед-чӣ?
– Мешавад.
– Қалам доред?
*– **Не**. (СА. МС. С. 93);*

Дар ҷумлаҳои чидааъзо бо ҳиссачаи на қолабе ҳаст, ки дар он аъзои чидаи якум бо ҳиссачаи инкорӣ омада, ногузирни пайвандаи балки ва дар шакли тасдиқ воқеъ шудани хабари ҷумларо тақозо мекунад. Дар ин қолӣб ва ба ин маънӣ ҳиссачаи на бо ҳамаи аъзоҳои ҷумла меояд: *Алҳол ӯ **на** танҳо табассум мекард, балки дар зери лаб механдид(СА. МС. С. 43); Соҳиби хона ба вай **на** фақат паноҳ, балки нону ош ҳам дод (СУ. В. С. 71); – Ин гаронӣ дар ман аз мизоҷам **не**, балки аз аҳволи тумани Шофирком омад (СА.Ё. С. 95); Албатта, **на** танҳо ба он кӯдаки 4-сола, балки дигарон ҳам маънии сухани маро нафаҳмида буданд (СА.Ё. с. 225); Дар ин мунозираҳо **на** танҳо ҳамон 5 протсент хушзеҳнон, балки ҳамаи шогирдон иштирок мекарданд (СА.Ё.с. 226) ;*

Агар хабари ҷумла чида шавад, ҳиссачаи инкорӣ пеш аз хабарҳо омада, инкори умумиро ифода мекунад ва хабарҳо морфемаҳои инкорӣ қабул намекунанд: – Вай то ин вақт на маро дастгир карда тавонист, на ту ва на Назирро (СУ. В. С. 360);

Ин на достон аст, на очерк аст, на муболиға (Айнӣ).

Дар як ҷумлаи сода ду ва ё зиёда инкори умумӣ дар вақте имконпазир мегардад, ки хабарҳои инкории он ба тарзи чида омада бошанд. Ин гуна инкорҳо хусусияти шумур ва ё муносибати замонӣ дошта, миқдори онҳоро бо ягон адади муайян маҳдуд кардан мумкин нест, чунки ин қолаб кушода аст: Он гуна одамҳо на ба воситаи аз худ кардани программаи мадраса ва на ба воситаҳои мунозираҳои схоластикии дарсхонаҳо расидаанд (СА. Ё. С. 258); Ҳоло вай на хона дорад, на мол дорад, на ҳомӣ ва на муттако (Ҷ.Икромӣ).

Аз таснифоти маводи гирдоварда маълум гардид, ки дар ифодаи маънои инкор дар ҷумлаҳои содаи инкорӣ ҳиссачаи на, не, ҷонишини манфии ҳеҷ, вожаҳои асло, ҳаргиз, ба ҷуз истифода гардидаанд.

Вожаи не дар забони зинда ва вожаи на дар нутқи китобӣ истифода мешавад. Вожаи **асло** дар забони зинда ва **ҳаргиз** дар нутқи меъёрӣ серитеъмоланд.

АДАБИЁТ

1. Грамматика русского языка.- М., Изд-во АН СССР, 1954, т. II, ч. 1.
2. Виноградов В.В. Русский язык // В.В. Виноградов.-М., 1947.
3. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя.- М., 1955.
4. Золотова, Г.А. Очерк функционального синтаксиса русского языка // Г.А. Золотова.-М.: Наука, 1973.-352с.
5. Камолиддинов, Б. Нањви забони тољикї // Б. Камолиддинов.-Душанбе: Собириён, 2010.-280с.
6. Қосимова, М.Н. Структура ва семантикаи ҷумлаҳои соддаи насри асри XI // М.Н. Қосимова. – Душанбе, 1986. – 87с.
7. Лекант, П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке // П.А. Лекант.-М.: Высщая школа, 1986.175с.
8. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони тоҷикӣ // Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. 294 с.
9. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забоншиносии тоҷик. Асарҳои мунтахаб // Б. Ниёзмуҳаммадов. -Душанбе: Дониш 1970. -384 с.
10. Норматов, М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии ҳозираи тоҷик // М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2001.-184с.
11. Основы построения описательной грамматики современного русского литературного языка.- М., 1966.
12. Руднев, А.Г. Синтаксис простого предложения // А.Г. Руднев.-М., 1960.-160с.-с.12. 904418480

ИХТИСОРАҲО

СА. Ё. – С. Айнӣ. Ёддоштҳо.- Душанбе,
СА. Т. – С. Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. – Душанбе,
СА. МС – С. Айнӣ. Марги судхӯр. – Душанбе, 2012.-123 с.
СУ. В. - С. Улуғзода. – Восеъ. – Душанбе,

МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ҶУМЛАҲОИ ТАСДИҚӢ ВА ИНКОРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар мисоли насри муосири бадеӣ)

Мақола ба ба яке аз масъалаҳои мубрами наҳви забони тоҷикӣ – ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар такя ба таҳқиқоти олимони тоҷик ва рус ба масъалаҳои таснифот ва хусусиятҳои грамматикии ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ андеша меронад. Барои тақвияти андешаҳо мисолҳои фаровонеро аз адбиёти бадеии мусоир далел меорад ва шарҳ медиҳад.Ба андешаи муаллиф, хусусияти

тасдиқӣ ва ё инкорӣ доштани ҷумла аслан ба мундариҷаи онҳо вобастагӣ дошта, аз нигоҳи оҳанг онҳо аз ҳам фарқ надоранд. Ҷумлаҳои инкорӣ метавонанд мисли ҷумлаҳои тасдиқӣ саволӣ, хитобӣ, амрӣ ва ҳикоягӣ бошанд.Ҷумлаҳои инкорӣ бо оҳанги савол, амр ва хитоб тобишҳои маъноии гуногун гирифта, ҳисси ҳаяҷону изтироб, шубҳа ва монанди инро касб карда метавонанд. Ҳамчунин, муаллиф таъкид мекунад, ки категория инкор бевосита бо категорияи предикативият алоқаманд буда, маънои инкор бо ҳиссачаи инкорӣ ин маъниро соҳиб мегардад ва он нишонаи грамматикии категорияи инкор ба шумор меравад. Дар баробари ин, таъкид мегардад, қолаб инкории ҷумла дар вридҳои гуногун метавонад маънои инкорро надошта бошад. Барои тақвияти фикр муаллиф мисолҳои фаровонеро аз насри бадеии муосир меорад. Дар мақола аз методҳои таҳқиқи назариявӣ, таҳлили контентӣ, аналогия, муқоиса истифода гардида, аз сарчашмаҳои гуногун иқтибосҳо оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: ҷумла, ҷумлаҳои тасдиқӣ, ҷумлаҳои инкорӣ, ҷумлаҳои реалӣ, ҷумлаҳои ирреалӣ.

РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ УТВЕРДИТЕЛЬНЫХ И ОТРИЦАТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

(на примерах современной художестввенной прозы)

Статья посвящена одному из важнейших вопросов грамматики таджикского языка - утвердительным и отрицательным предложениям. На основе исследований таджикских и российских ученых автор рассматривает вопросы классификации и грамматических особенностей утвердительных и отрицательных предложений. Чтобы подтвердить свою точку зрения, он цитирует и объясняет множество примеров из современной художественной литературы.По мнению автора, характер утверждения или опровержения в предложении зависит от их содержания, и по тональности они не отличаются друг от друга. Отрицательные предложения могут быть утвердительными, вопросительными и повествовательными.Отрицательные предложения могут принимать разные оттенки значения, например удивление, повеление и т.п. и могут вызывать чувство беспокойства, сомнения и тому подобное.Автор также подчеркивает, что категория отрицания напрямую связана с категорией сказуемого, значение отрицания с частицей отрицания приобретает это значение и является грамматическим знаком категории отрицания. В то же время подчеркивается, что отриқателӣнаф форма предложенӣ не всегда означает отрицание. Для подтверждении своих идей, автор приводит множество примеров из современной художественной таджикской прозы. В статье используются методы теоретического исследования, контент-анализа, аналогий, сравнения.

Ключевые слова: предложение, утвердительные предложения, отрицательные предложения, реальные предложения, нереальные предложения.

REFLECTIONS ABOUT APPROVAL AND NEGATIVE PROPOSALS IN THE TAJIK LANGUAGE (on examples of modern prose)

The article is devoted to one of the most important issues of the grammar of the Tajik language - affirmative and negative sentences. On the basis of research by Tajik and Russian scientists, the author examines the classification and grammatical features of affirmative and negative sentences. To support his point, he quotes and explains many examples from contemporary fiction. According to the author, the nature of the statement or refutation in the sentence depends on their content, and they do not differ from each other in tonality. Negative sentences can be affirmative, interrogative, and declarative. Negative sentences can take on different shades of meaning, for example, surprise, command, etc. and can cause feelings of anxiety, doubt, and the like. The author also emphasizes that the category of negation is directly related to the category of the predicate, the meaning of negation with a particle of negation acquires this meaning and is a grammatical sign of the category of negation. At the same time, it is emphasized that the negative form of the proposal does not always mean negation. To confirm his ideas, the author gives many examples from contemporary Tajik fiction prose. The article uses methods of theoretical research, content analysis, analogies, comparisons.

Key words: sentences, affirmative sentences, negative sentences, real sentences, unrealistic sentences.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи методология ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры методологии и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, doctoral student of the department of methodology and literary editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17**.** E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК:42:491.550

ИСТИЛОҲ ЯКЕ АЗ ПАДИДАҲОИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Кесамирова С.Р.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муқоисаи байнизабонии воҳидҳои луғавӣ аз аввали асри XIX дар забоншиносӣ машҳур гардид, зеро дар он вақт забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ ба вуҷуд омада буд. Дар вақти омӯзиши муқоисавӣ дараҷаи хешигарии забонҳо ба ҳисоб гирифта шуда, умумият ва хусусияти фарқкунандаи онҳо таҳлил карда мешаванд. Забонҳоро аз ҷиҳатҳои гуногун муқоиса кардан мумкин аст, вале забоншиносон онҳоро бештар аз рӯйи сохт ва маъно қиёс менамоянд. Воҳидҳои ҷудогонаи забон овозҳо, морфемаҳо, калимаҳо, ибораву ҷумлаҳо ва лексика асоси муқоисаи ду ва зиёда забонҳо шуда метавонанд. Ҳангоми ба таври муқоиса омӯхтани забонҳо хусусиятҳои хосси забони модарӣ ва забони хориҷӣ мукаммалтар ва равшантар таҳлил мешаванд.

Дар самти забоншиносӣ ва тарҷумашиносии муосир моҳияти муодилнокӣ, муодилнокии нопурра ва бемуодилии воҳидҳои луғавии байнизабонӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Худи мафҳуми муодилнокӣ бо роҳҳои гуногун ифода мегардад. Дар илми забоншиносӣ мафҳуми муодилнокиро чун мутобиқати байнизабонӣ ном бурда, дар назария ва амалияи тарҷума онро ҳамчун муодилнокии тарҷумавӣ номидаанд. Бояд қайд намуд, ки мутобиқати байнизабоние, ки дар забоншиносӣ баррасӣ мешавад аз муодилнокии тарҷумавӣ каме фарқ дорад, зеро дар мутобиқати байнизабонӣ воҳидҳои луғавӣ новобаста аз матн дар ду забон аз ҷиҳати сохтори фонетикӣ, грамматикӣ, луғавӣ ва маъноиашон омӯхта мешаванд. Муодилнокии тарҷумавӣ бошад вобаста ба мазмуни матн бо кадом роҳҳу усулҳо дар раванди тарҷума, ҳангоми интиқоли ахборот аз забони А ба забони Б мазмунан муодили худро ёфтан ё наёфтанаш таҳқиқот бурда мешавад. Муодилнокии тарҷумавӣ бештар ба мазмуни матн такя мекунад.

Мафҳумҳои муодилнокӣ, муодилнокии нопурра ва бемуодилии воҳидҳои луғавӣ сабабҳои гуногуни пайдошавӣ доранд. Муодилнокӣ ё худ мутобиқати байнизабонӣ аз хешӣ ва монанд будани сохтори грамматикӣ ва меъёрҳои забонӣ дарак медиҳад. Ҳангоми услубан ва мазмунан фарқ кардани воҳидҳои луғавии байнизабонӣ муодили нопурра ё қисманро ба вуҷуд меорад. Сабаби пайдоиши воҳидҳои луғавии бемуодил дар рушди гуногуни илму техника ва гуногунии расму русум ва фарҳангу маданияти миллии халқиятҳо таҷассум мегардад. Новобаста аз он ки забонҳои дунё сохторан, мазмунан ё услубан аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд ҳам, дар раванди муқоисаи забонҳо ё худ тарҷумаи ахбори як забон ба забони дигар чорабиниҳои назаррасе таҳқиқ шудаанд, ки мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавиро ҳаллу фасл менамоянд. Чи хеле ки забоншиносони машҳур ба монанди В. Ҳумболдт ва Л. Вайсгербер қайд мекунанд, ҳар як забон дорои тасвири ҷаҳони беназири худ мебошад [12]. Забону тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳар як миллат аз ҳамдигар фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, дар раванди тарҷума ба қуллаи муодилнокии комил расидан кори тарҷумонро хеле мушкил мегардонад. Тавре И.С. Алексеева қайд менамояд, «истилоҳи муодилнокӣ таърихи худро дорад. Дар гузашта мафҳуми ин истилоҳ мутобиқати шумораи калимаҳои забони матни асл бо шумораи калимаҳои матни тарҷума баробар будан ба ҳисоб мерафт» [1, с.139].

Муодилнокӣ дар тарҷума бо роҳи риоя намудани меъёрҳои забони тарҷумашаванда сурат гирифта, мазмуну мундариҷаи он бетағйир аз забони мабдаъ ба забони тарҷума интиқол меёбад. Дар заминаи гуфтаҳои В.С. Виноградов «Муодилнокии тарҷумавӣ – ин ҳифзи нисбатан баробарии мазмуну мундариҷа, семантика, услуб, ахбороти функсионалӣ-коммуникативӣ ҳам дар матни асл ва ҳам дар матни тарҷума мебошад» [3, с.81]. Баъзеи олимон мисли А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов ва В.Н. Комиссаров таъкид менамоянд, ки баробарии муодилнокӣ ва монандӣ бояд ба таври комил мундариҷаи матни аслро ҳифз намоянд. Нуқтаи назари равшансозии муодилнокии тарҷумавӣ на дар муайян намудани умумияти матни асл ва матни тарҷума, балки дар муқоисаи шумораи калима ва ибораҳои тарҷумашаванда бо мазмуни аслиашон инъикос ёфта, муодилнокии онҳо асоснок карда мешавад.

Л.С. Бархударов қайд мекунад, ки «раванди тарҷума ё интиқоли воҳидҳои луғавии байнизабонӣ на бо майли худ, балки бо қоидаҳои махсус ва қатъиян дар чорчӯбаи муайян иҷро мешавад, ки берун аз он шудан моро аз ҳақи тарҷумонӣ маҳрум месозад. Барои ҳақи тарҷума ё тарҷумониро ба худ гирифтан, мебояд он чизе ки дар матни тарҷума аз тарафи мутарҷим маънидод шудааст дар матни асл низ вуҷуд дошта бошад» [2, с.9].

Муодилнокии тарҷумавӣ элементҳои гуногуни маъноиро дар бар мегирад. Вобаста аз он ки кадом қисмати мазмуни матни асл ба мутарҷим равшантар бошад, аз он дида

дараҷаҳои муодилнокӣ тақсим карда мешаванд. Аз рӯйи ақидаи забоншинос В.Н. Комиссаров «дар тамоми дараҷаи муодилнокӣ тарҷума муошрати байнизабониро таъмин менамояд. Ҳар як матн вазифаи муошратии хосси худро дорад: ифодакунандаи ягон ҳақиқати ҳаёт ё ҳолат, алоқаи зичро байни муошраткунандагон барқарор месозад, аз қабулкунанда ягон аксуламал ё ҳаракатро талаб менамояд» [5, с.51].

Дар забоншиносӣ ва назарияи тарҷумаи замони муосир мафҳумҳо ва роҳу усулҳои гуногуне мавҷуданд, ки тарҷумон барои ба сатҳи муодилнокии комил расонидани матни тарҷумашаванда онҳоро истифода мебарад, вале ягон омили аниқу дақиқе дида намешавад, ки ба таври универсалӣ он омил истифода шаваду муодили мутобиқи воҳиди луғавиро пайдо созад. Чи хеле ки дар боло зикр гардид, сабаби бемуодилии воҳидҳои луғавӣ ин мухталиф будани фарҳангу маданият ва гуногунии сохтори грамматикии забон мебошад. То ҳол тамоми омилҳо ва дараҷаҳои муодилнокии тарҷумавӣ омӯхта шуданд, вале бемуодилии воҳидҳои луғавӣ яке аз мушкилоти баҳсталаби назарияи тарҷума ба шумор мераванд. Бемуодилии воҳидҳои луғавӣ ин як комплекси масъалаҳои ҳалли худро наёта дар тарҷумашиносӣ ба назар мерасад. Тарҷумаи чунин воҳидҳои луғавии бемуодил донишу заковат, саъю кӯшиши эҷодӣ ва маҳорати истифодабарии роҳу усули интиқоли чунин калимаҳоро аз тарҷумон талаб менамояд. Воҳидҳои луғавии бемуодил дар назарияи тарҷума бо номи дигар чун тарҷуманашавандаҳо ном бурда мешаванд.

Олимони тарҷумашинос воҳидҳои луғавии бемуодилро бо мафҳумҳои гуногун ном гирифтаанд. Як гурӯҳ олимон ба лексикаи бемуодил реалияҳо ва дигар гурӯҳ бошад лакунаҳоро дохил кардаанд, вале агар дар умум гирем ба лексикаи бемуодил калимаҳое дохил мешаванд, ки хосси як миллат маҳсуб ёфта, дар фарҳангу тамаддуни дигар миллат онҳо бегона ва ғайри истифодаанд. Аз рӯйи ақидаҳои С. Влахов ва С. Флорин бармеояд, ки ба воҳидҳои луғавии бемуодил на танҳо реалияҳо, балки баъзе истилоҳот, лакунаҳо, баъзе нидоҳо, экзотизмҳо, аббревиатураҳо, исмҳои хос ва ибораҳои рехта ё ин, ки фразеологизмҳо дохил мешаванд [4].

Тавре ки равшан гардид, истилоҳ низ яке аз падидаҳои воҳидҳои луғавии бемуодил ба шумор меравад. Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур муайян намудани дараҷаи муодилнокӣ ва бемуодилии истилоҳ дар раванди тарҷума буда, роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо ба таври назарӣ ва амалӣ асоснок мегарданд.

Забоншиноси барҷаста А.А. Реформатский истилоҳотро ба гурӯҳи калимаҳои якмаъно дохил намудааст, ки аз тобиши экспрессивӣ маҳруманд [6]. Бештари ҳолатҳо истилоҳот дар раванди тарҷума муодили пурраи худро пайдо месозанд, зеро яке аз хусусиятҳои фарқкунандаашон якмаъноиро ифода кардан мебошад. Дар умум истилоҳотро ба ду гурӯҳ тақсим менамоянд: истилоҳоти умумӣ ва истилоҳоти махсус. Ба истилоҳоти махсус мафҳумҳои илмию техникӣ дохил мешаванд. Истилоҳро бештар чун калима эътироф мекунанд, вале мазмунан ва аз рӯйи шакли истифодабарӣ истилоҳ аз калимаи умумиистифодашуда фарқ дорад. Истилоҳ худ ҳамон калима мебошад, вале дар чорчӯбаи махсус дар ягон самти муайян махсусан дар самти илму техника васеъ истифода мешавад. Дар раванди тарҷума истилоҳ бештар бо муодили пурра аз як забон ба забони дигар интиқол меёбад:

….. that my grandfather Reed was so irritated at her disobedience, he cut her of without shilling; that after my mother and father had been married a year, the latter cought the ***typhus*** *fever while visiting among the poor of a large manufactory town where his curacy was situated…* [10, с.20].

.... ва бобоям Рид ба андозае хашмгин шудааст, ки барои модарам ақаллан як пули пучак васият накарда; бидонистам, баъди як соли сури хонадоршавӣ падарам мубталои бемории ***домана*** *гашта, ки он ба ӯ ҳангоми аёдати маризони камбағали қавми калисояш дар шаҳри калони саноатӣ сироят намуда*;...[9, с.24].

Истилоҳи тиббии забони англисии ***typhus*** ҳангоми тарҷума аз забони А ба забони Б муодили пурраи худро чун ***домана*** дар матн доро мебошад. Сабаби асосии бемуодил шудани истилоҳ дар ҷараёни тарҷума ин реалия мебошад. Агар реалия дар матни илмӣ ба мо вохӯрад, мо онро ҳамчун истилоҳ номбар мекунем. Албатта, реалия аз истилоҳ фарқ дорад, зеро реалия хусусиятҳои миллӣ дошта дар матнҳои бадеӣ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ истифода мешавад, вале истилоҳ бошад дар як қолаби муайян дар матнҳои илмӣ зери истифода буда, хусусияти миллӣ надорад ва ҳангоми тарҷума танҳо бо як калима муодил меёбад, яъне муродиф надорад.

Термин (истилоҳ) – ин элементи зеризабонии илм буда, тобишҳои миллӣ ё таърихии худро гум карда, мутлақо дар бештари ҳолатҳо вазифаи унвониро иҷро мекунад. Вақте ки он дар матн бо жанри дигар меояд, нақши бавуҷудоварии ин ё он вазифаи услубиро ба пеш мегирад. Реалия махсусан бо адабиёти бадеие, ки ба худ яке аз воситаҳои баёнкунии обуранги маҳаллӣ ё муваққатиро ба зимма гирифтааст, вобастагӣ дорад. Дар матнҳои илмӣ реалияҳо бештар нақши истилоҳоти муқаррариро мебозанд.

Аз истилоҳ нишонаҳои миллӣ талаб кардан мумкин нест. Новобаста аз пайдоишаш вай моликияти тамоми одамият буда, онро ҳамчун моликияти қонунии худ истифода мебаранд. Реалия ба як халқият дахлдор аст. Нисбат ба терминҳо реалияҳо новобаста аз шиносоии халқи мувофиқ, ҳамчун ифодакунандаи объекти худ, бештар аз адабиёт ё ин ки аз ахбори омма ба дигар забонҳо ворид мешаванд. Реалия дар дигар забонҳо муваққатан қабул шуда, як рӯз ё ин ки як сол, ҳатто баъзеи ҳолатҳо солҳои зиёд истифода мешавад, ки дар охир ба калимаҳои иқтибосӣ мубаддал гашта, он забонро ғанӣ ё ин ки хароб месозад. Ғайр аз ин, реалияҳое ҳастанд, ки термин набуда, паҳншавии байналхалқӣ доранд ва дар амалия ҳамчун терминҳо васеъ истифода мешаванд. Вале, ниҳоят дар ин ҷо ҳам онҳоро аз рӯйи доираи истифодабарӣ фарқ кардан мумкин аст. Чи хеле ки дар боло қайд карда шуд, мо дар реалияҳо тобиши миллӣ ё таърихиро мебинем.

Реалияҳо аз терминҳо бо сарчашмаи пайдоишашон ҳам фарқ мекунанд. Бисёри терминҳо сунъӣ сохта шуда, барои номгузории калимаҳо (дар сифати масолеҳи бинокорӣ воситаҳои забони лотинӣ ё юнонӣ) истифода мешаванд, ё ин ки бошуурона ба тарзи нав бо калимаҳои мувофиқ ба дигар забон тарҷума мешаванд. Дар вақти тарҷума онҳо эквивалент ё ягон калимаи мувофиқ надоранд. Онҳо танҳо хосси як забонанд – забоне, ки дар он ҷо тавлид ёфтаанд. Комилан маълум аст, ки реалияҳо калимаҳои халқӣ буда, ба ҳастӣ ва ҷаҳонбинии он халқе вобастагӣ доранд, ки дар он ҷо офарида шудаанд.

Мо метавонем «ананас» - ро реалия гӯем? Ин ҳама номгузориҳо аз як гурӯҳанд ба монанди «себ» ва «нок». Онҳо бо он фарқ мекунанд, ки яке дар кишварамон мерӯяд, дигаре не. *Банан ва ананас* дар кишвари мо намерӯянд, вале мо онҳоро аз қадим бо номи аслиашон медонем. Номи калима бо предметаш ба ҳаёт ва забони мо ворид мешавад ва мо онро ҳамчун калимаи иқтибосӣ дар забони худ истифода мекунем.

Мансубияти ин нишонаҳо ба терминҳо ба мо чӣ медиҳад? Қобили қайд аст, ки истилоҳоти махсус – ин доираи илмҳои хусусӣ ва фаъолияти мутахассисонро дар бар мегирад. Агар мо гузариши реалияҳоро ба терминҳо ва баръакс терминҳоро ба реалияҳо ба назар гирем, бо эътимод метавон гуфт, ки фарқияти реалияҳо аз терминҳо ин обуранги миллӣ ва ба ҳаёти иҷтимоӣ, таърих ва адабиёт иртибот доштани онҳо мебошад. Аз мисолҳои дар боло зикргардида маълум гардид, ки реалияҳо агар дар матни илмӣ истифода шаванд, ҳамчун истилоҳ шинохта шуда, воҳиди луғавии бемуодил мешаванд, зеро реалия худ дар раванди тарҷума бемуодил аст.

Дар тарҷумашиносӣ на танҳо реалияҳоро истилоҳ мегӯянд, балки бемуодилҳои муваққатиро низ ҳамчун истилоҳ дар матнҳои илмию техникӣ васеъ истифода мебаранд. Бемуодилҳои муваққатӣ аз рӯйи сохту мазмунашон ба реалия-калимаҳо монанд мебошанд ва ба худ он воҳидҳои луғавиеро дар бар мегиранд, ки бо сабабҳои рушди илму техника ин гуна калимаҳо дар як забон шиносанд ва дар дигар забон нав мавриди истифода қарор гирифтаанд, яъне онҳоро мардум нав қабул карда истифода мебаранд, вале мафҳуми онро сарфаҳм намераванд. Сабаби пайдоиши чунин бемуодилҳои муваққатӣ дар нобаробарии рушду тараққиёти техника дар мамлакатҳои дунё мебошад. Мисол, калимаҳои *computer-компютер, mobilephone-мобайлфон, printer-принтер, catridge-катриҷ* то имрӯз ҳамчун бемуодилҳои муваққатӣ ба шумор мерафтанд, вале ҳозир онҳо ҳамчун истилоҳи техникӣ ба ҳама мардуми тоҷик шинос мебошанд.

Калимаи ***marketing*** аслан як истилоҳи иқтисодии забони англисӣ ба шумор меравад. Сабаби ба гурӯҳи бемуодилҳои муваққатӣ ҷудо шудани ин калима дар он аст, ки дар фазои фарҳангии тоҷикзабонон хеле бисёр истифода мешавад. Дар фарҳанги забони англисӣ ва тоҷикӣ маънои ***хариду фурӯш, доду ситад, тиҷорат, бозорёбӣ, маркетинг*** шарҳ дода шудааст [7]. Дар фарҳанги этимологии забони англисӣ ин калимаро ҳамчун як раванди тиҷорат, хариду фурӯш, савдои мол дар бозор маънидод менамоянд. Аз рӯйи сохт ин калима феъли исмшуда ба шумор рафта, ***market*** ҳамчун феъл *бозорӣ кардан аст* ва пасванди ***–ing***, ки пасванди герундии забони англисӣ мебошад, яъне пасванди исмсоз аст. Дар солҳои 1897 ин калима ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ, як раванди бурду оварди молҳои истеҳсолшударо дар бар мегирифт, ки ба истеъмолкунандагон ба таври реклама пешниҳод мешуд [11]. Дар замони муосир бошад, ин калимаро бештар дар рекламаҳои телевизионӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо вохӯрдан мумкин аст, ки бештар барои эълон намудани тахфифҳои бозорӣ истифода мешавад. Вақте ки мо калимаи ***marketing-*** ро истифода барем, мардуми тоҷик пай мебарад, ки сухан дар бораи иқтисодиёт рафта истодааст, вале худи ин калимаро қисман маънидод карда наметавонанд ва онро дар шакли забони англисӣ ҳамчун ***маркетинг*** истифода мебаранд, ки дар замони мо ин ҳамчун калимаи бемуодили муваққатӣ ҳисоб меёбад.

Бемуодили муваққатии дигар ин ***crossword*** мебошад. Ин калима низ чун калимаи мураккаб ба шумор меравад. Чунки аз ду реша *cross (adj.)* + *word (noun)* иборат аст. Калимаи ***cross*** ҳамчун сифат маънои ***миёнабур, бадқаҳр, малул***ро дошта, ***word*** ҳамчун исм ***калима*** тарҷума мешавад. Калимаи мураккаби ***crossword*** дар фарҳанги забони англисӣ ва

тоҷикӣ бо мазмуни ***кроссворд, чистони вожаҳо*** шакл гирифтааст. Ин калима як номи бозиеро ифода менамояд, ки дар он саволҳо ба таври мантиқӣ дода шуда, ҷавобҳояш дар як ҷадвали махсус, калимаҳо ба таври уфуқӣ ва амудӣ хат зада ёфта мешаванд. Аввалин бор ин бозӣ дар рӯзномаи "New York World" 21- уми декабри соли 1913 бо номи ***word-cross*** истифода шуда буд, ки соли 1925 ҳамчун исм номи кӯтоҳи ***crossword***-ро гирифт [11], ки имрӯз халқи тоҷик низ онро ҳамчун ***кроссворд*** дар тамоми рӯзномаву маҷаллаҳо истифода бурда, маънои ин калимаро, бо мафҳуми "*хатзании калима*" сарфаҳм намераванд. Гарчанде дар луғат ҳамчун эзоҳ ин калимаро ***чистони вожачӯ*** маънидод карда бошанд ҳам, дар тамоми ҷо онро чун ***кроссворд*** ҳам менависанд ва ҳам дар забони гуфтугӯии тоҷикӣ талаффуз менамоянд.

Аз ин мисолҳои таҳлилгардида маълум шуд, ки бемуодилҳои муваққатӣ ҳамчун истилоҳ бо роҳи транскрипсия ва транслитератсия тарҷума гардидаанд, яъне истилоҳи иқтисодии ***marketing*** чун ***маркетинг*** ва ***crossword*** ба мисли ***кроссворд***.

Ҳамин тавр, аз маълумотҳои назариявӣ ва мисолҳои овардашуда аён гардид, ки дар раванди тарҷума истилоҳ агар бо як калима муодили худро наёбад, ё ин ки бисёрмаъноиро ифода созад, метавонад ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил ворид шавад. Чи хеле ки дар боло зикр гардид, сабаби асосии бемуодил шудани истилоҳ ин реалияҳо ва бемуодилҳои муваққатӣ мебошанд, ки ҳамчун истилоҳ вазифаи унвониро ифода намуда, дар матнҳои илмӣ васеъ истифода мешаванд. Гарчанде истилоҳот дар раванди тарҷума муодили пурраи худро доро мебошанд, вале бо сабабҳои зикршуда воҳиди луғавии бемуодил мегарданд. Роҳу воситаҳои махсус мисли транслитератсия, калка ва шарҳи маънӣ вуҷуд доранд, ки мушкилоти тарҷумонро осон гардонида онҳоро аз як забон ба забони дигар тарҷума менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексеева, И.С. Введение в переводоведение: учеб. пособие для студ. учреждений высш. проф. Образования. - 6-е изд., стер. / И.С. Алексеева. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ. - М.: Академия, 2012. - 368 с. - (Высш. проф. образования).
2. Бархударов, Л.. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода. - 3-е изд./ Л.С. Бархударов. - М.: ЛКИ, 2010. - 240 с.
3. Виноградов, В.С. Введение в переводоведение (общие и лексические вопросы) / В.С. Виноградов. - М.: Издательство института общего среднего образования РАО, 2001. - 224 с.
4. Влахов, С.И. Непереводимое в переводе. - 4-е изд. / С.И. Влахов, С.П. Флорин. - М.: Р. Валент, 2009. - 360 с.
5. Комиссаров, В.Н. Общая теория перевода / В.Н. Комиссаров. - М.: ЧеРо, 2000. - 136 с.
6. Реформатский, А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский; под ред. В.А. Виноградова. – М.: Аспект Пресс, 1996. - 536 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. - Ҷ.1. – 950 с.
8. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ / С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. - Ҷ.2. – 945 с.
9. Шарлотта, Бронте. Ҷейн Эйр. Роман; тарҷ. аз русӣ Салими Зарафшонфар / Бронте, Шарлотта. – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол», 2010. - 412 с.
10. Charlotte, Bronte. Jane Eyre / Bronte Charlotte; edited with an introduction by M. Smith. - Oxford University Press, 1975. - 496 p.
11. Online Etymology Dictionary / Origin, history and meaning of English words [манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: www.etymonline.com
12. Stolze, Radegundis. The hermeneutic approach in translation. Creating "presence" translation / Radegundis Stolze // Claims, Changes and Challenges in Translation Studies. – Amsterdam, 2004. – P.39-50.

ИСТИЛОҲ ЯКЕ АЗ ПАДИДАҲОИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ БЕМУОДИЛ
(дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Мақолаи мазкур ба ҷиҳати назариявӣ оиди дараҷаи муодилнокӣ ва бемуодилии истилоҳ бахшида шуда, дар он маълумоти махсус доир ба намудҳои истилоҳ ва роҳу воситаҳои тарҷумаи он аз як забон ба забони дигар оварда мешавад. Инчунин, дар раванди таҳқиқ сабаби асосии бемуодил шудани истилоҳ муайян гардидааст. Гарчанде истилоҳот дар раванди тарҷума муодили пурраи худро доро мебошанд, вале бо сабабҳои гуногун ба гурӯҳи воҳиди луғавии бемуодил дохил мешаванд. Дар мақола фарқияти истилоҳ аз реалия ба таври саҳеҳ фаҳмонида шудааст. Аз таҳлилҳо равшан гардид, ки истилоҳ ин элементи зеризабонии илм буда, тобишҳои миллӣ ё таърихии худро гум карда, мутлақо дар бештари ҳолатҳо вазифаи унвониро иҷро мекунад. Вақте ки он дар матн бо жанри дигар меояд, нақши бавуҷудоварии ин ё он вазифаи услубиро ба пеш мегирад. Реалия махсусан бо адабиёти бадеие, ки ба худ яке аз воситаҳои баёнкунии обуранги маҳаллӣ ё муваққатиро ба зимма гирифтааст, вобастагӣ дорад. Дар матнҳои илмӣ реалияҳо бештар нақши истилоҳоти муқаррариро мебозанд. Инчунин маълум гардид, ки бемуодилҳои муваққатӣ низ ҳамчун истилоҳ дар матнҳои илмӣ васеъ истифода шуда, воҳидҳои луғавии бемуодил мегарданд. Бемуодилҳои муваққатӣ аз рӯйи сохту мазмунашон ба реалияҳо монанд мебошанд ва ба худ он воҳидҳои луғавиеро фаро мегиранд, ки бо сабабҳои рушди илму техника дар як забон шиносанд ва дар дигар забон нав мавриди истифода қарор гирифтаанд, яъне онҳоро мардум нав қабул карда истифода мебаранд, вале мафҳуми онро сарфаҳм намераванд. Якчанд роҳу воситаҳои тарҷумаи истилоҳро бо мисолҳо метавон дар ин мақола вохӯрд, ки яке аз онҳо усули транслитератсия, калка ва шарҳи маънӣ мебошад.

Калидвожаҳо: тарҷума, муодил, муодилнокии тарҷумавӣ, бемуодил, истилоҳ, истилоҳи умумӣ, истилоҳи махсус, реалия, бемуодилҳои муваққатӣ, транслитератсия, калка, шарҳи маънӣ.

ТЕРМИНОЛОГИЯ КАК ОДНО ИЗ ЯВЛЕНИЙ БЕЗЭКВИВАЛЕНТНЫХ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ
(на примере английского и таджикского языков)

Данная статья посвящена теоретической стороне степени эквивалентности и безэквивалентности термина, в ней приводятся сведения о видах терминов, путях и способах их перевода с одного языка на другой. Также были в процессе исследования выявлены основные причины того, как термин становится безэквивалентным. Несмотря на то, что в процессе перевода они имеют свои полные эквиваленты, они по разным причинам входят в группу безэквивалентных лексических единиц. В статье подробно поясняется отличие термина от реалии. Анализ показывает, что термин – это подъязыковой научный элемент, потерявший национальные или исторические оттенки своего значения и выполняющий в большинстве случаев адресные задачи. Когда его употребляют в тексте другого жанра, он выполняет стилистическую роль. Реалия же связана с художественной литературой, являясь средством выражения местного колорита, либо колорита эпохи. В научном тексте реалии выполняют роль определённого термина. Выяснилось также, что временные безэквивалентные лексические единицы широко используются в научных текстах. Временные БЭЛ по структуре и содержанию похожи на реалии, включая в себя те лексические единицы, которые в связи с развитием науки и техники известны в одном языке и используются в другом как неологизмы, т.е. люди их используют, однако не понимают значения. В статье приводится несколько примеров путей и способов перевода терминов, одними из которых являются транслитерация, калька и смысловое толкование.

Ключевые слова: перевод, эквивалент, переводная эквивалентность, безэквивалентность, термин, общий термин, специальный термин, реалия, временная безэквивалентность, транслитерация, калька, смысловое толкование.

TERMINOLOGY AS ONE OF THE PHENOMENONS OF NON-EQUIVALENT LEXICAL UNITS
(by the example of english and tajik languages)

This article is devoted to the theoretical side of the degree of equivalence and equivalence of the term, it provides information on the types of terms, ways and means of translating them from one language to another. The study also identified the main causes of how the term becomes equivalent. Despite the fact that in the process of translation they have their full equivalents, they for various reasons are included in the group of equivalent lexical units. The article explains in detail the difference between the term and reality. The analysis shows that the term is a sublanguage scientific element that has lost its national or historical connotations, and in most cases performs targeted tasks. When it is used in the text of another genre, it plays a stylistic role. Real life is connected with fiction, being a means of expressing local flavor, or the flavor of the era. In a scientific text, realities play the role of a certain term. It also turned out that temporary, nonequivalent lexical units are widely used in scientific texts. Temporary BELs are similar in structure and content to realities, including those lexical units that, in connection with the development of science and technology, are known in one language and used in another as neologisms, i.e. people use them, but do not understand the meaning. The article provides several examples of ways and means of translating terms, one of which is transliteration, tracing paper and semantic interpretation.

Key words: translation, equivalent, translational equivalence, nonequivalence, term, general term, special term, reality, temporary nonequivalence, transliteration, tracing paper, semantic interpretation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кесамирова Саодат*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Сведение об авторе: ***Кесамирова Саодат*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, соискатель кафедры сопоставительной типологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 900-00-70-97**

Information about the author: ***Kesamirova Saodat*** – Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, aspirant, the Department of comparative-typology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str. 17/6. E-mail: **nigina90_90@inbox.ru**. Tel.: **(+992) 900-00-70-97**

УДК: 4И (Англ)

ХУСУСИЯТҲОИ НАҲВИИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Қаҳҳоров Ш.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сохтори наҳвии зарбулмасал ва мақолҳои забони англисӣ то ҳол пурра аз тарафи олимон ва забоншиносон тадқиқ карда нашудааст. Дар ин соҳа корҳои алоҳида иҷро шудаанд, лекин то охир ин масъала ҳалли худро наёфтааст.

Мутобиқан, сохтори грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҷумлаҳои мураккаб бошанд, дар навбати худ ба ҷумлаи мураккаби пайваст ва ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷудо шуда метавонанд. Ҷумлаҳои сода қариб дар ҳар забон умумӣ ва маҳдуд мебошанд. Зарбулмасал ва мақолҳои бо сохтори ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ду ва зиёда ҷумлаҳои аз рӯйи маъно баробар ташаккул ёфтаанд ва алоқаи пайваст маънои томро ифода мекунад [4, с.16].

Аз ҷиҳати сохт зарбулмасалҳо ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб тақсим мешаванд. Зарбулмасалҳо ҷумлаҳои ҳикоягӣ, амрӣ ва саволӣ мешаванд. Байни зарбулмасалҳо ҷумлаҳои хитобӣ нестанд. Дар забони англисӣ оид ба ин масоил корҳои тадқиқотӣ камтар ба назар мерасанд.

Зарбулмасалҳо аз нуқтаи назари наҳвӣ аз як ҷумла - ё сода ё мураккаб иборатанд. Аксарияти онҳо ҷумлаҳои сода мебошанд. Ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ дар зарбулмасалҳои англисӣ хеле аҳаммияти калон доранд. Дар онҳо ҷонишин ба вазифаи исм меояд. Аммо дар ҷумлаҳои мураккаб чун мубтадо ҷонишини шахсии “he” омада метавонад. Мубтадои зарбулмасалҳои ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ бе муайянкунанда меояд:

A cat may look at a king - “Нигоҳ кардан ба ҳеҷ кас манъ нест *(яъне нигоҳ холис аст ва онро манъ кардан имконнопазир аст)*”.

Дар бисёр мавридҳо мубтадои зарбулмасалҳо бо муайянкунандаҳо вомехӯранд.

Дар вазифаи муайянкунанда бошад, сифат истифода бурда мешавад. ***A bad workman quarrels with his tools*** – Дили нохоҳам узри бисёр; Ба косиби ноқобил сад баҳона; ***All cats are grey in the dark*** – «Шаб гурба самур метобад».

- **Ҷумлаҳои содаи инкорӣ:**

Ин лаҳза мо доир ба намудҳои наҳвии ҷумлаҳои содаи инкорӣ истода мегузарем:

You cannot judge a tree by its bark – «Ҳусн, ҳусн нест, одоб ҳусн аст; ҳусн дар сират аст, на ба сурат».

Исмҳое, ки ба вазифаи мубтадо меоянд:

Бе калимаи муайяншаванда: ***Crows do not pick crow’s eyes out*** – «Забони зоғро зоғ медонад; Забони мурғро мурғ медонад».

Бо калимаи муайяншаванда: ***Great barkers are no bitters*** – «Аз абри сияҳу одами лаққӣ натарс, аз абри сафеду одами хаппакӣ битарс». ***No man can serve two masters*** – «Аз ин монда аз вай ронда».

Аз рӯйи мақсади гуфтор ҷумлаҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: ҳикоягӣ, амрӣ ва саволӣ. Ҷумлаҳои ҳикоягӣ навъи хеле серистеъмоли воҳиди муоширатии чи забони англисӣ ва чи забони тоҷикӣ маҳсуб мешаванд. Вазифаи муоширатии ин воҳиди наҳвӣ ба муҳосиб расонидани ягон хабар аст, ки он метавонад дар шакли инкор ё тасдиқ баррасӣ карда шавад.

Зарбулмасалҳои дар шакли ***ҷумлаҳои ҳикоягӣ*** буда: ***A clean hand wants no washing. It is never too late to learn.*** Зарбулмасалҳои дар шакли **ҷумлаҳои амрӣ** буда:

1) Бе инкор:

Cut your coat according to your cloth – «Ба кӯрпаат нигоҳ карда пой дароз кун».

2) Инкорӣ:

Don’t teach your grandmother to suck eggs – «Дина аз тухм баромадӣ, имрӯз ба ман ёд медиҳӣ».

Бисёрии зарбулмасалҳо амрианд, он бесабаб нест, зеро зарбулмасалҳо характери дидактикӣ (насиҳатомезӣ, пандомезӣ) доранд.

Ҷумлаҳои саволӣ чунин ҷумлаҳоянд, ки бо се мақсад истифода мешаванд: талаб кардан, тасдиқ ё инкор кардани фикре, равшанӣ андохтан ба ягон рукни гуфтор, аз ду мафҳум интихоб кардани яке.

Намуди зарбулмасалҳои ҷумлаҳои саволидошта хеле каманд:

Can’t the leopard change his spots? What can you expect from a hog, but a grunt? «Аз хирс ғайр аз хуррок боз чӣ интизор шудан мумкин?»

Ин ҷумлаҳо аз рӯйи сохт саволӣ буда, аз рӯйи мазмун хабарианд. Қисман ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ба зарбулмасалҳои саволӣ нусхаҳои ҷумлаҳои хабарӣ низ шомиланд: ***«The moon does not heed the barking of dogs»*** - «Аз одами лаққию абри сияҳ натарс, аз абри сафеду одами хаппакӣ тарс».

Барои зарбулмасал устувории калимаҳо ва тағйирнопазирии тартиботи лексемаҳои вобаста шарт аст.

Аз рӯйи меъёри мавҷуд будан ё набудани сараъзоҳояш ҷумлаҳоро дар забони англисӣ ва ҳам тоҷикӣ ба ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба ҷудо мекунанд, ки зарбулмасал низ ба намуди чунин ҷумлаҳо дохил мешавад.

A wolf in sheep’s clothing.

Ин ҷумлаи яктаркиба буда, сараъзояш ***“A wolf”*** ба вазифаи мубтадо омада хабар надорад.

Дар ҷумлаи содаи дутаркиба ҳарду сараъзоҳои ҷумла, ҳам мубтадо ва ҳам хабар дида мешавад. Истифодаи онро дар мисолҳои зерин дида мебароем: ***Hunger is the best sauce. Necessity knows no law.***

Дар зарбулмасалҳои мазкур ҳарду сараъзоҳои ҷумла истифода шудааст ва аз ин ҷиҳат онро ҷумлаҳои дутаркиба меноманд.

Инчунин, зарбулмасал ва мақолҳо, ки сохтори наҳвиашон дар шакли ҷумла меояд ва истифодаи онҳоро дар асарҳои нависандагони англис дида метавонем: ***Beauty speaks for itself*** [9, с.87]. ***Heart and body were having their say*** [9, с.590]. ***You’re two of the same thing*** [8, с.259].

Дар забони англисӣ ҷумлаҳои мураккаб чунин воҳидҳои наҳвианд, ки камаш аз ду ҷумлаи сода таркиб меёбанд. Сохтор ва маънои томи ҷумлаи мураккаб бо ҳисоби бисёрҷузъии таркиби он танзими муайянро пешниҳод мекунад ва усулҳои ба ҷумлаи мураккаб пешниҳодкардаро мушаххас ва дар бар мегирад [6, с.335].

Ҷумлаи мураккаби пайваст бошад, чунин намуди ҷумлае мебошад, ки аз ду ва ё зиёда таркибҳои хабарӣ дар алоқаи пайваст ва баробарҳуқуқ ташкил ёфтааст [1, с.9].

Ҷумлаи мураккабе, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфта, бо воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда, муқоисавӣ ё ҷудоӣ ва боз муносибатҳои пайванд ва дар таркиби худ сохтори маъноӣ маънои ягонагиро дар бар мегирад, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ном дорад.

Дар забони англисии муосир чунин намуди гурӯҳҳои пайвандакҳои пайвасткунандаро ҷудо намудан мумкин аст: ***1. Паиҳам. 2. Ҷудоӣ. 3. Хилофӣ. 4. Сабаб.***

Гурӯҳи якум пайвандакҳои пайиҳам барои ифодаи мувофиқати маъногии ду ҷумлаи пайиҳам омада хизмат мекунанд ва дар забони англисӣ ба қатори чунин пайвандакҳо инҳо дохил мешаванд: ***and, not, only, but, not only, but also, as well…as, neither… nor, both…and, nor*** [6, с.338]. Онҳоро дар зарбулмасалу мақолҳо дида баромада қайд менамоем, ки онҳо пурра истифода бурда мешаванд. Мисолҳои зеринро дида мебароем: ***Hope is a good breakfast, but a bad supper. Neither rhyme nor reason. Set a beggar on horseback and he'll ride to the devil.***

Гурӯҳи дуюми пайвандакҳо ***or, otherwise, or else, either…or*** буда, онҳоро **пайвандакҳои ҷудоӣ** меноманд. Дар ҷумлаҳои мураккабе, ки яке аз ин пайвандакҳо чун воситаи алоқа истифода мешавад, ҷудо ё интихоб кардани яке аз ду фикри зикршаванда талаб карда мешавад [6, с.338]. Инак, зарбулмасалҳои дорои чунин намуди пайвандакҳоро дар мисолҳои зерин мебинем: ***Mend or end. Sink or swim!***

Гурӯҳи сеюм пайвандакҳои пайвасткунандаи ***but, yet, still, nevertheless, however*** мебошанд. Азбаски ду ҷумлаи содае, ки тавассути яке аз ин пайвандакҳо алоқаманд мешаванд, муносибати хилофиро ифода мекунанд [6, с.339]. Пайвандакҳои зикршударо пайвандакҳои хилофӣ меноманд ва ин гурӯҳи пайвандакҳо дар зарбулмасалу мақолҳо фаровон истифода бурда мешаванд: ***Speech is silver, but silence is gold.***

Гурӯҳи чоруми пайвандакҳои пайвасткунанда **пайвандакҳои сабаб** ном доранд, ки онҳо инҳоянд: ***for, so thus, therefore*** ва инҳоро мо низ дар зарбулмасалу мақолҳо дида метавонем [6, с.339]: So many men, so many minds.

Алоқаи баръакси хилоф бо пайвандаки ***«but»*** - тариқи пасванди ***«-у». Mischiefs come by the pound and go away by the ounce*** – «Дард кӯҳ барин меояду мӯ барин меравад; дард хирвор-хирвор меояду мисқол-мисқол меравад»;

1) **Алоқаи хилофӣ - маҳдудӣ:** ***The pitcher goes often to the well, but is broken at last*** – «Кӯза то кай ба лаби об сиҳат рафта меояд»;

3) Алоқаи пайвасту тафтишӣ (натиҷа): ***God sends meat and then evil sends cooks*** – «Худо ба инсон неъмат ато кард, аммо шайтон – пазандаро".

4) Алоқаи пайвасту нисбӣ: ***There is one good wife in the country and every man think he has here*** – «Ба ҳар кас бачаи худ азиз; Анори худ дар назари худ ширин аст»;

1) **Бе инкор:** ***Take care of the pence and the pounds will take care of themselves*** – «Эҳтиёт ними ҳаёт»;

2) **Инкорӣ:** ***Grasp the nettle and it won't sting you*** - «Далер дар ҳама ҷо ғолиб».

Хулоса, таҳлили зарбулмасал ва мақолҳои забони англисӣ дар намуди ҷумлаҳои мураккаби пайваст собит менамояд, ки дар онҳо пайвандакҳои пайиҳами ***"and"*** ва ***"but"*** бисёр истифода бурда мешаванд.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ чунин сохтори наҳвиест, ки он аз ду ва ё зиёда гурӯҳҳои хабарӣ таркиб меёбад, ки онҳо муносибати тарафайни наҳвӣ надоранд, балки яке тобеи дигар аст. Чунин пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаби тобеъ истифода бурда мешаванд: ***since, when, after, before, till, until, as, as soon as, while*** [6, с.342]. Акнун мо зарбулмасалу мақолҳоеро, ки дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ меоянд, дида мебароем.

Таҳлили маводҳои фактологӣ нишон медиҳад, ки намудҳои зерини ҷумлаҳои пайрав дар зарбулмасалҳо дида мешаванд:

Ҷумлаи пайрави мубтадо чунин сохтори хабариест, ки онро хабари сарҷумла тавсиф менамояд, яъне ба сифати мубтадои ҷумлаи дигаре хизмат мекунад.

What is bred in the bone will come out in the flash.

Дар мисоли мазкур ***"What is bred in the bone"*** вазифаи наҳвии мубтадоро иҷро мекунад ва ҷумлаи пайрави мубтадо мебошад, ки хабараш ***"will come out"*** аст. Яъне, ҷумлаи аввал мубтадоест, ки хабари худро дораду мубтадо надорад, мубтадои он ҷумлаи содаи аввал маҳсуб мешавад [6, с.346]. Ҷумлаи пайрави мубтадо дар забони англисӣ дорои ҳам мубтадо ва ҳам хабари худ мебошад. Мубтадои он тавассути пайвандакҷонишинҳои навъи ***"who, what, which"*** ва ғайраҳо ифода мешавад ва онҳоро дар мисоли зарбулмасалҳо

метавонем дарёфт кунем: ***Who has a fair wife, needs more than two eyes. What is done by night appears by day.***

Ҷумлаи пайрави пуркунанда одатан пас аз сарҷумла ҷойгир шуда, бо сарҷумла тавассути пайвандакҳои ***"that, who, what, if, whether"*** ва ғайра алоқаманд мешавад.

It is an ill bird that fouls its own nest.

It is easy to swim if another holds up your chin.

He gives twice who gives in a trice.

Ҷумлаи пайрави ҳол дар забони англисӣ ягон аъзои сарҷумларо, ки бо феъл, сифат ё зарф ифода мешавад, муайян месозад ва ба замон, макон, шарт, натиҷа ё дигар хосиятҳои амалу аломат далолат менамояд. Аз рӯйи маънои грамматикиашон ҷумлаҳои пайрави ҳолро ба навъҳои зерин ҷудо мекунанд:

Ҷумлаи пайрави ҳоли замон. Ин намуди ҷумлаи пайрав ба хабари сарҷумла тобеъ буда, вақти баргузории амал ё ҳолати субъекти сарҷумларо ифода менамояд. Он бо сарҷумла тавассути пайвандакҳои зерин алоқаманд мегардад: ***when, after, since, before, till, as soon as, directly***. Истифодаи онҳоро дар зарбулмасалҳо таҳлил мекунем:

When the fox preaches, take care of your geese.

We never know the value of water till the well is dry.

Oak may fall when reeds stand the storm.

Байни ҷумлаҳои мураккаби тобеъ гурӯҳи ҷумлаҳои маҳдуди муайяни пайрав ҳастанд, ки ба вазифаи мубтадо ҷумлаи асосӣ ҷонишини нисбии ***«that»*** бо ҷонишини шахсӣ меояд.

Ду намуди чунин сохти ҷумлаҳо ҳастанд:

• Ҷумлаи пайрав пас аз сараъзо меояд:

He is lifeless, that is faultless – «Одамизод шири хом хӯрдааст";

Ҷумлаҳои пайраве, ки ҷонишини ***«that»*** дохил кардаанд, байни мубтадои ***«he»*** ва дигар сараъзоҳои ҷумла меистад.

He that lies down (ё sleeps) with dogs must rise up with fleas – «Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ, бо дег шинӣ сияҳ шавӣ».

Зарбулмасалҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҷумлаҳои пайрав сабаби фаъолияти шартии сараъзоро шарҳ медиҳанд:

Аъзои пайрав пеш аз сараъзо бо пайвандаки ***«as»*** меояд:

As you sow, you shall mow - «Ҷав кори ҷав, гандум кори гандум мерӯёнӣ».

- Ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак.

Nothing venture, nothing gain – «Ҳар чӣ бодо бод; Таваккал нару андеша мода»; ***As the tree, so shall it like*** – «Хишти аввал чун ниҳад меъмор кач, то ба охир меравад девор кач.

Аз мушоҳидаҳо ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки дар зарбулмасалҳои забони англисӣ ҷумлаи пайрави ҳоли замон бо пайвандаки ***"when"*** назар ба дигар пайвандакҳо зиёдтар дучор мешавад.

Ҷумлаи пайрави ҳоли макон ба хабари сарҷумла тобеъ буда, вақти иҷрои амал ё ҳолатеро ифода мекунад, ки дар сарҷумла зикр шудааст. Он бо сарҷумла тавассути пайвандакҳои ***"wherever, whither, where"*** алоқаманд мегардад ва он низ дар зарбулмасалу мақолҳо фаровон истифода шудааст:

Where there's a will, there's away.

Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳои пайрави ҳолро дар зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ дучор шудан ғайриимкон мебошад. Дар зарбулмасалҳои англисӣ танҳо ҷумлаҳои пайрави ҳоли замон хеле зиёд мебошанд ва ҷумлаҳои пайрави ҳоли макону ҳоли қиёсиро дучор шудан мумкин аст.

Blood is thicker then water – «Аввал хеш баъд дарвеш»; ***Enough is good as feast*** – «Кам бошаду беғам бошад»; ***A miss is as good as a mile*** – «Пеш аз тӯй нағора назан»; ***Nothing succeeds like success*** – «Тӯй болои тӯй; шодӣ ба шодӣ ҷур шуд».

Зарбулмасали ***«blood is thicker than water»***- ро ҳамчун ҷумлаи мураккаби тобеъ шуморидан ғалат аст, зеро дар қисми дуюми ҷумлаи пайрав хабар ***«is»*** нест. Дар ҷараёни сухан ин намуди зарбулмасалҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки қисми дуюми он боз хабар бошад, во намехӯрад. Яъне, ин зарбулмасал ***«blood is thicker than water»*** (аввал хеш баъд дарвеш) – ҷумлаи сода мебошад.

Сараъзо қабл аз ҷумлаи пайрави пайвандаки ***«as»***-дошта меояд.

Choose an author as you choose a friend – Аввал ҳамсоя хару баъд ҳавлӣ; Аввал андеша баъд гуфтор.

Ба зарбулмасалҳои қиёсӣ (компаративӣ) ҳамчунин зарбулмасалҳои намуди ***as the tree, so the fruit*** - Модар чӣ гуна духтар намуна; Харбуза аз палакаш дур намеравад - хос ҳастанд.

1) Бе инкор: Do in Rome as the Romans do - «Ба шаҳри якчашма равӣ якчашма шав». ***Look before you leap*** - «Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ»; ***Make hay while the sun shines*** - «Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд».

2) Инкорӣ: Don't count your chickens before they are hatched – «Чӯҷаҳоро дар тирамоҳ шумор»; «Пеш аз тӯй нағора назан»; ***Don't halloo till are out of the wood*** – «Пеш аз муҳлат шодӣ накун».

Хусусияти зарбулмасалу мақолҳои англисӣ дар он аст, ки онҳо дар инъикоси ҳаёт ва муҳити воқеӣ нақши калон мебозанд. Онҳо ба тафаккури халқ, маданият вобастагии зич доранд. Зарбулмасалу мақолҳои англисӣ дар асоси хислат ва табиати забони англисӣ сохта шуда, хусусияти онро дар бар гирифтаанд ва то имрӯз мавқеи худро гум накарда, вирди забон шуда омадаанд.

Сарчашмаи асосии пайдоиши зарбулмасалу мақолҳои ин забон, забони аҷдодии онҳо мебошад. Қисми асосии захираи зарбулмасалу мақолҳои забони англисиро ибораҳои мураккаб ташкил медиҳанд. Сабаби миқдоран зиёд будани онҳо ба табиати ин забон вобаста мебошад. Гуногунуслубии ин зарбулмасалу мақолҳо, пеш аз ҳама, дар натиҷаи ҷойивазкунӣ ва ё ҳамроҳ омадани онҳо бо калимаҳои аз ҷиҳати маъно тамоман дигар пайдо гаштаанд.

Хулоса, зарбулмасалҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд:

- зарбулмасалҳои устувори вобаста ба компонент;
- зарбулмасалҳои устувори вариантдор вобаста ба компонент.

Мазмуну мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳо серпаҳлу буда, ба ҷиҳатҳои ҳаётии халқ вобастагӣ дорад.

Маводҳои ҷамъоварда собит намуданд, ки зарбулмасалҳо аз лиҳози сохтори наҳвиашон ба ҷумлаҳои сода ва мураккаб тақсим мешаванд. Зарбулмасалҳо ҷумлаҳои ҳикоягӣ, амрӣ ва саволӣ мешаванд. Байни зарбулмасалҳо ҷумлаҳои хитобӣ нестанд. Ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб дар зарбулмасалҳо бо якдигар ба воситаи пайвандакҳо пайваст ва ё тобеъ карда мешаванд. Аз ин рӯ, пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда дар зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ зиёд буда, бисёртар пайвандакҳои пайвасти ***"but, and"*** ва тобеъкунандаи ***"when, if"*** истифода бурда мешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (Синтаксис). – Душанбе: Дониш, 1984. – С.19-20.
2. Калонтаров Я.И. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва муқоисаи ӯзбекии онҳо / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Дониш, 1969. – 435 с.
3. Мирзоев А. Зарбулмасалҳои тоҷикӣ / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Шӯъбаи адабиёти бадеӣ, 1940. – 376 с.
4. Раджабова М.М. Структурно – семантические особенности коммуникативных фразеологических единиц в таджикском и английском языках: автореф. дис… канд… фил… наук / М.М. Раджабова. - Худжанд, 2010. - 27с.
5. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок / Б.Тилавов. - Душанбе: Дониш, 1967. – 121 с.
6. Усмонов К.У. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К.У. Усмонов. - Хуҷанд, 2017. – 379 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷилди 2. / М. Фозилов. - Душанбе: Ирфон, 1977. – 584 с.
8. Ernest Hemingway. A farewell to arms. - Leningrad, 1971. – 263 p.
9. Theodore Dreiser. Sister Carrie. - Moscow, 1968. – 593 p.

ХУСУСИЯТҲОИ НАҲВИИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола дар бораи хусусиятҳои наҳвии зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ сухан меравад. Азбаски то ҳол сохтори наҳвии зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ пурра аз тарафи олимон ва забоншиносон тадқиқ карда нашудааст, мо хостем то андозае ба ин масъала каме бошад ҳам равшанӣ ворид намоем. Албатта, дар ин соҳа корҳои алоҳида иҷро шудаанд, вале то ҳол ин масъала ба пурраги ҳалли худро наёфтааст. Зарбулмасал аз ҷиҳати сохт ҷумлаи сода ва мураккаб; аз ҷиҳати мақсади баёни фикр ҳикоягӣ, амрӣ ва саволӣ шуда метавонад, аммо дар байни зарбулмасалҳо ҷумлаҳои хитобӣ вуҷуд надоранд. Дар мақол бошад, тамоми чор намуди ҷумлаҳо аз ҷиҳати баёни фикр: ҳикоягӣ, амрӣ, хитобӣ ва саволӣ дида мешаванд, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандагии мақолро аз зарбулмасал нишон медиҳад. Бисёре аз зарбулмасалҳо дар шакли амрӣ во мехӯранд, он бесабаб нест, зеро зарбулмасалҳо характери дидактикӣ (насиҳатомезӣ, пандомезӣ) доранд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки зарбулмасал дорои қариб тамоми намуди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мебошад. Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳои пайрави ҳолро дар зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ дучор шудан ғайриимкон мебошад. Дар зарбулмасалҳои англисӣ танҳо ҷумлаҳои пайрави ҳоли замон хеле зиёд мебошанд ва ҷумлаҳои пайрави ҳоли макону ҳоли қиёсиро дучор шудан мумкин аст. Метавон қайд намуд, ки ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб дар зарбулмасалҳо бо якдигар ба воситаи пайвандакҳо пайваст ва ё тобеъ карда мешаванд ва ё метавонанд бе пайвандак оянд. Бояд зикр намуд, ки зарбулмасалро ҳамчун воҳиди забонӣ шинохта, он қоидаву қонунҳои забониро дар зарбулмасал метавон мушоҳида намуд.

Калидвожаҳо: наҳвӣ, хелҳои ҷумла, инкорӣ, ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, сода ва мураккаб, сараъзо ва аъзои пайрав.

СИНТАКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена анализу синтаксической особенности пословиц и поговорок в английском языке. Вследствие того, что синтаксическая структура пословиц и поговорок английского языка является малоизученной учеными и лингвистами, мы хотели в некоторой степени пролить свет на эту проблему. Безусловно, что

исследовательские работы выполнены в этой сфере в монографическом плане, но эта проблема не изучена до совершенства. По структуре пословица, всегда являясь предложением, бывает простой и часто сложной; по манере изложения пословицы бывают повествовательными, побудительными и вопросительными предложениями, но не встречаются восклицательные предложения среди пословиц. Причём в современном английском языке различаются четыре структурно - семантических типа поговорок: повествовательные, побудительные, восклицательные и вопросительные, что является одной из отличительной черты поговорок от пословиц. Подавляющее множество пословиц встречаются в побудительном виде, и потому они имеют дидактический, назидательный характер. Исследумые нами работы показывают, что пословица представляет почти все виды сложноподчиненных предложений. Среди пословиц английского языка значительное место занимают сложноподчиненные предложения с придаточными предложениями времени, а также можно встретить придаточные предложения места и сравнения. Следует отметить, что простые предложения в составе сложного связываются и с помощью и без соединительных союзов. Следует упомянуть, что пословица, являясь языковым явлением, обозначает все виды языковых явлений.

Ключевые слова: синтаксический, виды предложения, отрицательный, повествовательный, вопросительный, побудительный, простые и сложные, главные и второстепенные члены.

SYNTACTIC FEATURES OF ENGLISH PROVERBS AND SAYINGS

The paper has been basically concerned with the syntactic aspects of the English proverbs and sayings. The main objective of this article is to analyze the syntactic features of proverbs and sayings in the English language. Due to the fact that the syntactic structure of proverbs and sayings of the English language is not studied enough and we decided to pay special attention to this problem. It is certain that the research work over this topic has been carried out separately in this area, but not up to the end. According to the structure the proverbs, always being a sentence can be simple and complex; they also can be narrative, interrogative, imperative sentences, but exclamatory sentences are not found among the proverbs. There are four structural-semantic types of sayings in modern English: narrative, exclamatory, imperative and interrogative that is one of the features that distinguishes sayings from proverbs. The majority of proverbs are found in the imperative form because they have didactic and edifying character. Our research work shows that the proverb has almost all kinds of complex sentences. However, it is impossible to meet all kinds of subordinate clause of adverbial modifiers in English proverbs. Among the proverbs of the English language a significant place is occupied by complex sentences with subordinate clause of time as well as subordinate clause of place and comparison. It should be noted that simple sentences within a complex are connected with and without connective conjunctions. It should be mentioned that the proverb, being linguistic phenomena, denotes all kinds of linguistic features.

Key words: syntactic, types of sentences, negative, narrative, interrogative, imperative, simple and complex, principal and subordinate parts.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каҳҳоров Шодимурод Рустамович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров, аспиранти факултаи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбекова, 1. E-mail: **ssodimurodova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 929-09-44-00**

Сведения об авторах: ***Каххоров Шодимурод Рустамович*** – Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, аспирант факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **ssodimurodova@gmail.com.** Тел.: **(+992) 929-09-44-00**

Information about the author: ***Qahhorov Shodimurod Rustamovich*** – Khujand State University named after B. Gafurov, a post-graduate student of the faculty of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Str., 1. E-mail: **ssodimurodova@gmail.com.** Tel.: **(+992) 929-09-44-00**

УДК:491.550

НАҚШИ ВОЖАҲОИ МАНСУБ БА СИФАТУ ЗАРФ ДАР ПАЙДОИШИ МУВОЗИҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ ТОҶИКИИ САДАҲОИ X-XIII

Ҷӯраева С.Б.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар таърихи забони адабии тоҷикӣ нақши таърихномаҳо дар ривоҷу равнақи таркиби луғавии забон басо калон аст. Чунин осор низ дар қатори таълифоти дигари илмиву адабии асримиёнагӣ дар инъикос намудани сарватҳои луғавӣ ва дороиҳои сарфию наҳвии забони ниёгон беҳамтост. Дар робита ба ин масъала бояд гуфт, ки муаллифони осори таърихӣ вазифаи таърихномаҳоро танҳо дар зикри хушку холии ҳодисаву воқеа надида, балки кӯшиш ба он низ доштаанд, ки дар ҷараёни баёни матлаб баробари ба ақли хонанда таъсир расонидан боз эҳсоси онҳоро низ ба ҷунбиш оранд. Барои расидан ба чунин ҳадаф соҳибони чунин осор кӯшиш ба харҷ додаанд, ки аз воситаҳои эмотсионалӣ-экспрессивӣ фаровон истифода намоянд. Маҳз ҳамин хусусияти чунин осорро дар назар дошта, академик Н. Салимов (Салимӣ) дар вақташ навишта буд, ки “фаровон ба кор гирифтани унсурҳои маърифати ҳиссӣ аз ҷониби муаррихон ва нуфузи ҷанбаи зеҳнӣ дар нигориши воқеаҳо ва ашхоси таърихӣ дар бархе маворид таърихномаҳоро дар радифи осори бадеӣ қарор додааст” [10, с.365]. Дигар муҳаққиқон низ ба забони таърихномаҳои гузашта, ба хусус осори таърихии қарнҳои X-XIII баҳои сазовор дода, оиди дар ғояти фасоҳату содагӣ қарор доштанашон, аз лиҳози пешрафти насри форсӣ муҳимтарин кори

дар замони давлатдории Сомониён анҷомёфта ба шумор рафтанашон [4, с.93, 129-130, 269], намунаи барҷастаи насри таърихӣ маҳсубгардии онҳо [15, с.28], бо забони бисёр пухтаву равон ба сабки қадим таҳрир шуданашон, ба ғояти содагию равонӣ нигошта шудани онҳо [4, с.277; 18, с.333] мулоҳизаронӣ кардаанд.

Агарчи дар садаҳои X-XIII иддае аз таърихномаҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума карда шуданд, вале баробари он форсиписандӣ низ дар ҷараёни ривоҷёбӣ қарор дошта, аз ҷониби аҳли илму адаби он даврон бо забони ноби тоҷикӣ осоре, монанди "Таърихи Байҳақӣ", "Зайн-ул-ахбор" ва ғайраҳо таълиф гардиданд. Ҳатто дар сурати тарҷума будани иддае аз чунин осор мутарҷимон ба намунаҳои забони бегона, бахусус арабӣ мустақилона муносибат карда, баёни хешро мутобиқ ба табиати забони модарияшон изҳор кардаанд. Маълум мешавад, ки онҳо нозукиҳои забони модарии хеш-порсии дариро дақиқ медонистаанд. Исботи ба ин дараҷа забондонии бархе аз онҳо, мисли Абӯалии Балъамӣ ҳамин аст, ки тарҷума будани осори аз ҷониби эшон баргардоншударо ба осонӣ пай бурдан басо мушкил аст [15, с.28].

Ҳангоми таълиф ё тарҷумаи ин гуна осор муаллифон ё мутарҷимон дороиҳои забони модарии худро тавре истифода намудаанд, ки аз мутолиа кардани онҳо дили хонанда ба хурӯш меояд, рӯҳаш болида мегардад, завқи забондонияш боло меравад. Маҳз ба чунин вижагӣ доро будани таърихномаҳои даврони мазкурро дар назар дошта, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби дуюми "Забони миллат-ҳастии миллат" дар онҳо дучоргардии бархе ибораву ифодаҳои нодирро таъкид намудааст [18, с.338].

Воқеан, ҳангоми аз назари таҳлил гузаронидани забони таърихномаҳое, чун "Тарҷумаи "Таърихи Табарӣ"-и Абӯалии Балъамӣ, "Таърихи Бухоро"-и Абӯбакри Наршахӣ, "Таърихи Байҳақӣ"-и Абулфазли Байҳақӣ, "Зайн-ул-ахбор"-и Абӯсаиди Гардезӣ, "Таърихи Систон"-и маҷҳулмуаллиф, "Тарҷумаи "Таърихи Яминӣ"-и Ҷурфодиқонӣ ва монанди инҳо хонанда на танҳо бо калимаҳои зебои тоҷикӣ рӯбарӯ мешавад, балки бо силсилаи калони ибораву ифодаҳои рехтае низ вомехӯрад, ки бархе аз онҳо дар таърихи забонамон камназиранд. Аксари чунин ифодаҳо дар як шакли мушаххас мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале шумори ибораҳое низ кам нестанд, ки дар ду мувозӣ ё зиёда аз он ба кор рафтаанд. Дар ташаккули ин гуна воҳидҳои фразеологии сермувозӣ дар қатори дигар унсурҳои луғавӣ нақши вожаҳои мансуб ба сифату зарф калон аст. Чунин мувозиҳо дар натиҷаи ивази ду вожаи мансуб ба сифати тоҷикии таркиби ибораҳо, калимаҳои тоҷикиву иқтибосии арабияшон ба вуҷуд омадаанд. Чунончи, барои ифодаи маънои "парешон будан, зиқ будан" муаллифони бархе таърихномаҳо ибораҳои рехтаи *дилтанг будан* ва *машғулдил будан*ро истифода кардаанд: Он шаб чун *дилтанг буд*, хоссагон *ҳама машғулдил буданд*, фаромӯш карданд овардани шерро [9, с.167].

Калимаи *машғулдил*ро соҳибони фарҳангномаҳо "гирифтадил, нигарон" шарҳ додаанд [6, Ҷ.12, с.18508] ва, аз ин рӯ, он бо чунин маънояш бо вожаи *тангдил* метавонад муродиф гардад. Аз қайду ишораҳои соҳибони фарҳангномаҳо маълум мешавад, ки иддае аз ин гуна ибораҳо фақат хосси таърихномаҳои садаҳои X-XIII аст. Чунончи, А. Деҳхудо ҳангоми эзоҳи ибораи *дилмашғул будан* як шоҳидро аз "Таърихи Бухоро", як шоҳидро аз "Таърихи Табаристон" ва чаҳор шоҳидро аз "Таърихи Байҳақӣ" зикр намудааст [6, Ҷ.7, с.97222]. Ё ки мувозии *машғулдил буданро* эзоҳ дода, фақат се шоҳидро аз таърихномаи Байҳақӣ овардааст [6, Ҷ.12, с.18508].

Дар баъзеи ин гуна ибораҳо ивазгардии ҳар ду ҷузъ: сифат ва феъли таркиби онҳо ба мушоҳида мерасад. Чунин ҳолатро метавон дар мисоли мувозиҳои *дилтанг гаштан - тангдил шудан* нишон дод: Абдулмалик чун ин ҷавоби Абдуллоҳ бишунуд, *дилтанг гашт* [2, Ҷ.2, с.1225]. Ва ҳарчанд амир аз ин ҳадис беш мегуфт, сухани эшон ҳамин буд, то амир *тангдил шуд*у гуфт: «Тадбири ин чист?» [1, с.652]. Ҳорун *тангдил шуд* ва сабраш бирасид ва бадомӯзону музаррибон вайро дар миён гирифтанду бар кор шуданд [1, с.716]. З-он *тангдил шуд* ва бирафт, то ба Балх расид [11, с.197]. Пас *дили* Абӯалӣ *танг шуд* ва мутанаккирҳол ба Нишобур омад аз баҳри занеро [5, с.203]. Ва чун амир Маҳмуд ин номаро бихонд, *тангдил шуд* ва низ қарор накард ва лашкар бикашид…[5, с.226].

Аз ҷумлаҳои фавқ аён аст, ки муаллифони осор бештар гунаи *тангдил шудан*ро мавриди истифода қарор додаанд, *дилтанг гаштан* танҳо дар "Тарҷумаи "Таърихи Табарӣ" дучор меояд.

Аз муқоисаи забони таърихномаҳои даврони мазкур бо осори баъдинаҳо мусаллам мегардад, ки корбурди ҳар ду шакл то дер гоҳ идома ёфта, онҳоро аҳли адабе, чун Фахриддини Гургонӣ, Хоҷа Ҳофиз, Ҳилолӣ ва дигарон истифода намудаанд [12, Ҷ.1, с.377-378; Ҷ.2, с.321], вале имрӯз танҳо шакли *тангдил шудан* маъмул аст [14, Ҷ.1, с.408].

Чунин тарзи истифодаи ибораҳои фразеологиро дар байни онҳое низ метавон мушоҳида кард, ки яке аз ҷузъҳояшон зарфанд, яъне дар ин гуна мавридҳо низ ҳам зарфи таркиби ибораҳои фразеологӣ, ҳам феъли он дар ду шакл мавриди истифода қарор гирифта, боиси пайдогардии мувозии фразеологии феълӣ шудаанд. Чун намуна метавон

ин ҷо гунаҳои айни як ибора: *ба поён расидан, ба поён омадан*, *ба охир омадан* ва *ба охир расидан*ро зикр намуд, ки ҳар чаҳор дар ифодаи маънои “хотима ёфтан, тамом шудан” ба кор рафтаанд: Маҳдӣ гуфт: «Маро огоҳ ҳамекунанд, ки корат *ба поён расид*у *ба охир*» [2, Ҷ.2, с.1514]. Ё Фазл, кори ман *ба поён омад* ва марг наздик аст…[1, с.75]. Ва пас аз он ки ӯро ба Ҳирот фурӯ гирифтанд ва кори вай *ба поён омад*, ба муддате дароз пас аз он шунудам, ки вай…аз Тагинобод пеши амир Масъуд ба сӯйи Ҳирот рафт… [1, с.99]. …Амир аз заъфи пирӣ сахт менолид ва кораш *ба охир омада буд*…[1, с.297].

Аз чанд ҷумлаи боло аён аст, ки дар таърихномаҳои ин давра мувозиҳои *ба поён расидан* ва *ба поён омадан* дар қиёс ба шаклҳои *ба охир омадан, ба охир расидан* бартарӣ дорад. Аз байни кулли чунин гунаҳо ҳоло дар забони тоҷикӣ мувозии *ба поён расидан, ба охир расидан* мавриди истифода қарор дошта, илова бар он гунаи нав: *поён ёфтан* низ пайдо шудааст [13, Ҷ.2, с.45; 14, Ҷ.1, с.857, 858].

Бархе аз мувозиҳои дар таърихномаҳо истифодагардидаро мо аз ҳеҷ кадом луғатномаҳои асримиёнагӣ ва имрӯзаи бароямон дастрас пайдо накардем. Чунончи, маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ барои ифодаи маънои “аз сар гузаронидани некиву бадӣ” аз дер инҷониб ибораи рехтаи *гарму сарди рӯзгор чашидан* ба кор меравад. Гузаштаи тӯлонӣ доштани ибораи фавқро далелҳои аз таърихномаҳои садаҳои X-XIII гирдомада низ собит мекунанд: Ва Хоҷа Исмоил ранҷҳои бисёр кашиду фаровон *гарму сард кашид* ва ҳаққи ин хонадон нигоҳ дошт…[1, с.307]. Айёз бас ба ноз омадааст, …ҳарчанд атсаи падари мост, аз сарой дур набудааст ва *гарму сард начашидааст* [1, с.318]. Ва дигар рӯз Хоҷа Масъудро бо хештан оварда, барное меҳтарзодаву бахираду некурӯй ва зебо, аммо рӯзгорнодида ва *гарму сард ночашида* [1, с.691]. Ва инкор кунад, ки номумкин бошад, ки ин мусовиву муқобеҳ ва разоилу фазоеҳ ва маоибу масолиб дар шахсе муҷтамаъ тавонад бувад, ки шӯри навоиб ва *гарму сарди рӯзгор чашида бошад*...[16, с.309].

Аммо дар баъзе осори таърихии ин даврон дар радифи шакли ёдшуда инчунин мувозии *сарду гарми рӯзгор чашидан* низ дучор меояд. Масалан, дар ин ҷумлаи “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” метавон бо истифодаи чунин шакли ибораи фавқ дучор омад: Амир Абулҳорис аз сари сакрати ҷавонӣ ва ғафлати кӯдакӣ ва он, ки таҷрибати рӯзгор наёфта буд ва *сарду гарми айём начашида*, ҳашаве чанд фароҳам кард... [16, с.130].

Лозим ба зикр аст, ки ин шакли ибораи мавриди таҳлил дар фарҳангномаҳои дастраси мо ба мушоҳида нарасид. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” мувозии *гарму сард озмудан* дучор меояд [12, Ҷ.1, с.258], вале гунаи ғайримаъмули он дучор нагардид. Аз ҷониби муаллифи “Баҳори Аҷам” киноя аз ҳаводиси замона будани таркиби *сарду гарм* ишора шудааст, вале ибораи фавқ зикр нагардидааст [3, Ҷ.3, с.1781]. А.Деҳхудо ҳарчанд шакли *сарду гарм озмудан/чашидан*ро ишора менамояд, вале дар мисолҳои аз Фирдавсӣ, Байҳақӣ ва Саъдӣ овардааш танҳо шакли *гарму сард озмудан|чашидан* зикр шудаанд [6, Ҷ.8, с.11976].

Аз таҳлилу қиёси ҳар ду шакли ибораи номбурда маълум мегардад, ки гунаи *сарду гарм чашидан*ро аҳли адаби гузашта басо кам ба кор бурдаанд.

Дар иддае аз чунин воҳидҳои фразеологӣ ду ё зиёда вожаи мансуб ба сифат, ки бо ҳамдигар робитаи муродифӣ доранд, ҳамчун ҷузъи номии феълҳои таркибии номии дохили ибораҳои фразеологӣ ширкат намуда, маҳз онҳо боиси зуҳур кардани мувозиҳои чунин таъбирот гардидаанд. Чун намуна ин ҷо аз мувозиҳои фразеологии феълии *дил ба касе гарон кардан* ва *дил ба касе табоҳ кардан* метавон ёдовар шуд, ки хусусияти вариантнокӣ пайдо кардани ҳар ду ибора маҳз ба туфайли ивази як сифати аслии тоҷикӣ ба дигар: *гарон* ба *табоҳ* сурат гирифтааст. Ҳар ду мувозӣ дар ифодаи маънои “касеро хашмгин кардан, мутанаффир намудан” истифода шудаанд: Маро аз ту суханони бад гуфтанд ва *дили маро бар ту гарон карданд* ва ман кунун донистам, ки он ҳама дурӯғ буд ва гуфтори душманон буд [2, Ҷ.2, с.1428]. Ва дигар Софиро гуфт: «Духтарони Муктафиро бар мо ҳақ аст, ки фарзандони худовандони моанд ва шак накунам, ки ҷудудоя *дили эшон бар ману шумо табоҳ кардаст*» [2, Ҷ.2, с.1618]. Ва *дили амир бо вай гарон карда буданд*, ки Хоҷаи бузург бо вай бад буд аз ҷиҳати Бӯабдуллоҳи Порсии чокараш… [1, с.397]. Ин ишорат Рашидро сахт хуш омад, ки *дил гарон карда буд* бар Оли Бармак ва давлати эшон ба поён омад [1, с.456]. Эшон ҳаргиз ба ҳарби шумо бознаёянд ва *дигаронро дил табоҳ кунанд* [9, с.160]. Ва Хусрави Парвиз ба ҷойи падар ва ҷадди хеш биншаст ва чун мулкат бар ӯ рост шуд, ба ҳилат кардан истод, то *дили хоқон бар Баҳром табоҳ кунад*, аз паси он ки Баҳром дар Туркистон корҳои неку карда буд [5, с.82-83]. Ва чун хоқони дигар биншаст, *дил бар вай гарон кард*, чора набуд, ки аз он ҷо бибояст рафт [5, с.291].

Аз мисолҳои фавқ аён аст, ки дар баъзе таърихномаҳо, монанди “Тарҷумаи “Таърихи Табарӣ” ва “Зайн-ул-ахбор” ҳар ду мувозӣ, дар ҳиссаи дигар, чун “Таърихи Байҳақӣ” танҳо як шакли ибораи мавриди таҳлил истифода гардидаанд. Сабаби чунин ҳолат агар, аз як тараф, ба услуби муаллифони чунин осор рабт дошта бошад, аз ҷониби дигар, ба маъмулии онҳо дар забони минтақаи аҳли илму адаби алоҳида алоқаманд аст. Чунин

ҳукмро метавон бо чунин далел собит сохт, ки соҳибони баъзе фарҳангномаҳо пас аз эзоҳи ибораҳои фавқ шоҳидро танҳо аз бархе таърихномаҳо зикр кардаанд. Чунончи, А. Деҳхудо барои мувозии *дил ба касе гарон кардан* танҳо аз “Таърихи Байҳақӣ” се шоҳид [6, Ҷ.11, с.16766] ва барои гунаи *дил бар касе табоҳ кардан* аз таърихномаи тазаккурёфта ва “Таърихи Бухоро” якададӣ ҷумла овардааст [6, Ҷ.4, с.5557].

Дар “Таърихи Байҳақӣ” ва “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” дар ифодаи маънои “хашмгин гардидан, ошуфта шудан” мувозиҳои *дил бар касе гарон шудан* ва *дил бар касе табоҳ шудан* низ омадаанд: Чунин ҳолҳо мебуду фатарот меуфтод ва *дили амир бар аъён табоҳ мешуд* ва эшон низ ноумеду шикастадил меомаданд…[1, с.649]. Ва *дилҳои халқ бар эшон гарон шавад* ва ҳиммат дар заволи мулк ва ҳукми эшон банданд...[16, с.286].

Барои чунин мувозиҳо низ А. Деҳхудо мисолҳои шоҳидро фақат аз таърихномаҳои мавриди таҳлили мо, мисли “Таърихи Байҳақӣ” (ду шоҳид) ва “Тарҷумаи “Таърихи Табарӣ” (як шоҳид) овардааст [6, Ҷ.4, с.5554].

Таҳлили чанд ибораи рехтаи таърихномаҳои садаҳои X-XIII нишон медиҳад, ки чунин осор яке аз манбаъҳои асосии воҳидҳои фразеологии забон ба шумор омада, мавриди таҳлил қарор додани онҳо барои равшан шудани роҳи пурпечутоби такомули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

Маълум мешавад, ки воҳидҳои фразеологии дар осори таърихии даврони мавриди таҳлил мавҷуда на танҳо аз лиҳози хусусиятҳои маъноӣ, балки аз ҷиҳати сохтор низ дорои хусусиятҳое мебошанд, ки назири онҳо дар адабиёти гузаштаамон кам ба мушоҳида мерасад. Дар мувозиҳои мухталиф мавриди истифода қарор гирифтани ибораҳои феълӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна вижагиҳост, ки дар пайдо шудани онҳо нақши калимаҳои мансуб ба сифат (бештар) ва зарф (камтар) нишонрас аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 с.
2. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ. Ҷ.1 / Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. - Теҳрон, 1380/2001. – 817 с.
3. Баҳор, Л.Т. Баҳори Ачам. Фарҳанги луғот, таркибот, киноёт ва амсоли форсӣ. Ҷ.3 / Л.Т. Баҳор. – Теҳрон: Тилоя, 1380. – 2180 с.
4. Баҳор, М. Сабкшиносӣ / М. Баҳор. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 569 с.
5. Гардезӣ, Абӯсаид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор / Абӯсаид Абдулҳайи Гардезӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 415 с.
6. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Ҷилдҳои 4, 7, 8, 11, 12. / Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. – 18586 с.
7. Жуков В.П. Семантика фразеологических единиц / В.П. Жуков. - М.: ЛЕНАНД, 2019. - Издание второе, дополненное. – 158 с.
8. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: УдТ, 1982. – 103 с.
9. Наршахӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро / Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. - Душанбе: Пайванд, 2012. – 546 с.
10. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. - 396 с.
11. Таърихи Систон / Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз М.Имомов ва А. Абдусаттор. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 352 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энсиклопедия, 1969. – Ҷ.1. - 951 с.; - Ҷ.2. - 949 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. - 944 с.
14. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М. Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - Ҷ.1. - 952 с.; - 1964. - Ҷ.2. – 802 с.
15. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X). - Душанбе: УдТ, 1979. – 94 с.
16. Ҷурфодиқонӣ, Абушшараф Носеҳ ибни Зафар. “Тарҷумаи “Таърихи Яминӣ” / Абушшараф Носеҳ ибни Зафар Ҷурфодиқонӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 416 с.
17. Н.М. Шанский. Фразеология современного русского языка / Шанский Н.М. - М.: ЛЕНАНД, 2014. - Издание седьмое. – 265 с.
18. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1. Ба сӯйи пояндагӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 491 с.

НАҚШИ ВОЖАҲОИ МАНСУБ БА СИФАТУ ЗАРФ ДАР ПАЙДОИШИ МУВОЗИҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ ДАР ТАЪРИХНОМАҲОИ ТОҶИКИИ САДАҲОИ X-XIII

Мақола ба роҳҳои пайдогардии мувозиҳои фразеологии феълӣ дар натиҷаи ивази вожаҳои мансуб ба сифат ва зарфи таркиби ибораҳои рехтаву устувори дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII дарҷёфта бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси маводи забонии аз шаш таърихномаи қарнҳои X-XIII гирдовардааш нишон додааст, ки мувозиҳои фразеологии феълии дар чунин осор мавҷуда дар натиҷаи ивази вожаҳои мансуб ба сифату зарфҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ пайдо гардида, барои гуногунрангии баён ба муаллифони осори қарнҳои номбурда мадад кардаанд. Аз таҳлили ин гуна ибораҳо муаллиф ба хулосае омадааст, ки иддае аз чунин воҳидҳои рехтаи таърихномаҳо камназир буда, дар даврони баъдии инкишофи забони адабии тоҷикӣ аз доираи таркиби луғавии забон хориҷ шудаанд, ё худ воҳидҳои фразеологии дар осори таърихии даврони мавриди таҳлил мавҷуда на танҳо аз лиҳози хусусиятҳои маъноӣ, балки аз ҷиҳати сохтор низ дорои хусусиятҳое мебошанд, ки назири онҳо дар адабиёти гузаштаамон кам ба мушоҳида мерасад. Дар мувозиҳои мухталиф мавриди истифода қарор гирифтани ибораҳои феълӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна

вижагиҳост, ки дар пайдо шудани онҳо нақши калимаҳои мансуб ба сифат (бештар) ва зарф (камтар) нишонрас аст.

Калидвожаҳо: таркиби луғавии забон, таърихномаҳои садаҳои X-XIII, луғатномаҳо, воҳидҳои фразеологӣ, мувозӣ, сифат, зарф, ибораҳои нодир, вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабӣ.

РОЛЬ СЛОВ ПРИНАДЛЕЖАЩИХ ПРИЛАГАТЕЛЬНОМУ И НАРЕЧИЮ В ПОЯВЛЕНИИ ПАРАЛЛЛЕЛЬНЫХ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ТАДЖИКСКИХ ИСТОРИЧЕСКИХ ТРАКТАТАХ X-XIII ВЕКОВ

Статья посвящена рассмотрению появлению параллельных способов образования фразеологических единиц в результате замены слов принадлежащих прилагательному и наречию состава фразеологизмов в таджикских исторических трактатах X-XIII веках. Автор на основе языкового материала собранного из шести исторических трактатов X-XIII веков показал, что параллельные глагольные фразеологические единицы существующие в таких произведениях, являются результатом замены исконно таджикских слов и арабских заимствований принадлежащих прилагательному и наречию, которые помогали авторам произведений данного периода в придании многокрасочности их сочинениям. Из анализа данных словосочетаний автор приходит к выводу о том, что некоторые фразеологизмы, использованные в данных трактатах являются беспримерными и в последующий период развития литератрного таджикского языка вышли из рамок словарного состава языка, или сами фразеологические единицы использованные в исторических трактатах периода нашего исследования не только с точки зрения смысловых значений, но и из-за их структуры имеют такие свойства, которые очень редко наблюдаются в литературе прошлого. Использование глагольных словосочетаний в различных параллельных фразеологических единицах является той характерной особенностью, в появлении которых роль слов принадлежащих к прилагательному (больше) и наречию (меньше) играет значительную роль.

Ключевые слова: словарный состав языка, исторические трактаты X-XIII веков, словари, фразеологические единицы, параллельный, прилагательное, наречие, редкие словосочетания, исконно таджикские и арабские слова.

THE ROLE OF WORDS BELONGING TO THE ADJECTIVE AND ADVERSE IN THE APPEARANCE OF PARALLEL VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE TAJIK HISTORICAL TRACTS OF THE X-XIII CENTURIES

The article is devoted to the consideration of the emergence of parallel ways of forming phraseological units as a result of replacing words belonging to the adjective and adverb of the composition of phraseological units in Tajik historical treatises of the X-XIII centuries. The author, based on the linguistic material collected from six historical treatises of the X-XIII centuries, showed that the parallel verbal phraseological units existing in such works are the result of replacing the original Tajik words and Arabic borrowings belonging to the adjective and adverb, which helped the authors of the works of this period in making them multicolored. essays. From the analysis of these phrases, the author comes to the conclusion that some phraseological units used in these treatises are unparalleled and in the subsequent period of development of the literary Tajik language left the framework of the vocabulary of the language, or the phraseological units themselves used in historical treatises of the period of our research not only from from the point of view of semantic meanings, but also because of their structure, they have properties that are very rarely observed in the literature of the past. The use of verbal phrases in various parallel phraseological units is a characteristic feature in the appearance of which the role of words belonging to the adjective (more) and adverb (less) plays a significant role.

Key words: vocabulary of the language, historical treatises of the X-XIII centuries, dictionaries, phraseological units, parallel, adjective, adverb, rare word combinations, native Tajik and Arabic words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч. Мавлонбеков, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Сведения об авторе: ***Джураева Сарвиноз Бобокуловна*** – Худжандский государственный университет им. академик Б.Гафуров, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедры культурологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-774-05-01**

Information about the author: ***Dzhuraeva Sarvinoz Bobokulovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Associate Professor, Head of the University Department of Culturology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **sarvinoz.79@mail.ru**. Tel **.: (+992) 92-774-05-01**

УДК: 801.316.3

ОИДИ ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ ОҲАН ВА ВОЖАҲОИ БА ОН ИРТИБОТДОШТАИ БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Оҳан яке аз металлҳои паҳншудаи қишри замин буда, асосан дар намуди пайваст ба дигар унсурҳо дучор мегардад. Дар намуди озод сафеди нуқратоб аст, вале хусусияти дар ҳаво оксид шудан, боиси ранги сиёҳ ва дар намӣ аввал зард ва баъд ҷигарранг гаштани сатҳи боло ва бо мурури вақт хӯрдагардии он мегардад, хусусан дар хоки нам тез нобуд мешавад. Аз ин сабаб, дар тӯли таърих асбобу ҷиҳозҳои қадимаи оҳанӣ кам ҳифз мондаанд. Ин металл 6-7 %- и қишр ва массаи асосии ядрои заминро ташкил медиҳад. Оҳани холис дар замин аҳён-аҳён вомехӯрад, аз миқдори муайяни металли никели таркиби он, пайдоиши кайҳонӣ-метеоритӣ доштани онро тахмин мекунанд. Арз доранд, ки инсон

ба оҳан нисбат ба тилло, нуқра ва мис дертар шинос шудааст ва дар аввал аз оҳани метеоритӣ истифода менамуд. Қадимтарин маснуотҳо, бозёфтҳои аз оҳани метеориотӣ сохташударо дар Эрон (ҳазораи 6-5 пеш аз милод), Ироқ (ҳазораи 5 пеш аз милод) ва Мисри қадим (ҳазораи 4 пеш аз милод) қайд кардаанд. Нисбати ҳиндуҳои Амрикоӣ ва эскимосҳои Амрикои Шимолӣ овардаанд, ки онҳо то кашфи ин қитъа гарчанд ба оҳани заминӣ шинос набуданд, вале усули коркарди оҳани метиоритиро медонистанд.

Истеҳсоли оҳан аз маъданҳоро нахуст ба аҳли Мисри Қадим ва Байнаннаҳрайн, дар аввали ҳазораи 2 то милод нисбат медиҳанд. Дар Ҳиндустон истеҳсолро миёнаи ҳазораи 2, дар Қафқоз, Осиёи Хурд ва Юнони қадим охирҳои ҳазораи 2 ва дар Хитой нимаи миёнаи ҳазораи як медонанд. Паҳншавии маснуотҳои оҳанӣ дар Юнонро давраи ҳамосаҳои Гомер (асрҳои IX-VI то милод) овардаанд ва зикр кардаанд, ки номи оҳан дар “Илиада” ду маротиба ёд гашта, вале дар “Одиссея” хеле зиёд дучор мегардад. Китобҳои муқаддаси будоиён аз ҷумла Ригведа, ки ба асрҳои XIII-XII то милод рост меояд, оиди оҳангудозӣ дар Ҳиндустони қадим маълумотҳо дорад. Даврае Ҳиндустон бо истеҳсоли оҳан ва ашёҳои филизии нақшу нигордоштаи худ овоза доштааст. Дар таърих хусусан аз корду шамшерҳои босифати ҳиндуён ёд мекунанд. Дар Деҳлии Ҳиндустон манораи оҳании массааш 6.5 т бо баландии 7.5м ва бо қутри 42см мавҷуд аст, ки соли 415 милодӣ ба шарафи шоҳ Чандра Гупта, аз оҳани тозаи 99,72 % бунёд ёфтааст ва он то ин муддат, заррае ҳам занг назада беосеб пой бар ҷост. Ин муҷассама аз санъати баланди коркард ва истеҳсоли оҳан дар аввали асрҳои миёнаи Ҳиндустон гувоҳӣ медиҳад, ки то ҳол сеҳри он пеши муҳаққиқин нокушуда аст.

Дар замони қадим яке аз марказҳои истеҳсоли оҳан будани давлати Урартуи Қавқозро низ қайд намудаанд. Нишон медиҳанд, ки пешрафти давлати Урарту хусусан, дар давраи шоҳигарии Сардури II (асри VIII то милод) ва Русса II (асри VII то милод) ба ҳадди баланд мерасад. Ривоҷ ёфтани металлгудозӣ, истеҳсоли асбобҳои филизии гуногун, аз ҷумла асбобҳои коркарди замин боиси заминкушоӣ ва боз ҳам равнақ ёфтани минтақа гаштааст. Дар он даврон Урарту ба давлатҳои ҳамсоя, ҳатто ба Суриёю Юнон металл интиқол медодааст [4, с.516, 524]. Ованд, ки филизгарони урартуӣ усули истеҳсолии Эрониёнро омӯхта яроқу ҷиҳозҳои ҷангӣ, ба монанди шамшер, найзаву ҷавшанҳо истеҳсол менамудаанд, ки бо сифати баланди худ фарқ мекарданд ва ба ин мавҷудияти конҳои зиёди филизот, аз ҷумла оҳан, ки кӯҳҳои атрофи Арманистон аз он бой будаанд, имкон медодааст. Вале дар истеҳсоли филизҳо Ассуриҳо беҳамто будаанд [11, с.99]. Дар асрҳои IX-VIII то милод аз истеҳсоли зиёди оҳан ассуриҳо пӯлодро дар сохтани чархи аробаҳо низ истифода менамудаанд.

Аҳли иронзамин - форсҳо низ барвақт ба оҳан ва пӯлод шинос буданд. Оиди филизот ва оҳан ривоятҳои Готии дар китобҳои оини зардуштӣ Авасто ва Бундаҳишн дарҷ ёфта, ки пайдоиши ниҳоят қадима доранд, баёнгари ҳол мебошанд. Тибқи яке аз ривоят, гӯё филизҳо аз тани нахустинсон Говмард (Каюмарс) пайдо шуда, аввалин ҷуфти ба металл шиносшуда Мешӣ ва Мешона будаанд, онҳо дар санг оҳанро ошкор намуда, бо тасфи оташ ҷудо ва аз он табар сохта бошанд. Ҷое низ овардаанд, ки дар лаҳзаи растохез, фариштаи Арияман бо оташ кулли металлҳоро мегудозад, тамоми таллу теппаҳо, рӯйи замин пур аз металли гудохта шуда чун дарё ҷорӣ мегардад, одамонро ба мавҷи худ мегирад, онҳое, ки бегуноҳанд гудохтаи металл чун гармии шири навдӯшида ва ба гунаҳкорон чун оташи сӯзон таъсир мекунад ва ба тамом одамони бадхислат, зулму найранг ва ҳатто Аҳриман низ сӯхта нобуд мегардад [14, с.149].

Дар байни ҳафт металлҳои дунёи қадим, оҳан сахтарин ба шумор меравад. Инсон, албатта, баъд аз шиносоӣ ба хосияти сахтӣ, гудохташавӣ ва аз кӯфтан пазируфтани дигар шакл, онро барои сохтани асбобу анҷоми рӯзгор, олоти коркарди замин ва яроқ истифода бурдааст. Маълум аст, ки қадимтарин яроқҳои филизӣ корд, шамшер ва табарҳои ҷангӣ буданд. Дар ҷанг, албатта, аз қадимулайём он халқияте пирӯз мегашт, ки ҷуз миқдори сипоҳ, дорои силоҳи аз металли сахт истеҳсолшуда ва ҷиҳози ҷангии мукаммал бошад. Шояд соҳиб будан ба оҳан, пӯлод ва ба роҳ мондани истеҳсоли зиёди онҳо, ба халқи форс имкон додааст, ки дар нимаи ҳазораи якуми пеш аз милод қариб тамоми Осиё, қисми шимолии қитъаи Африқо ва ҳатто давлати мутараққии Юнони қадимро зери тасарруфи худ дарорад. Ва шояд нахуст истеҳсоли оҳан дар Байнаннаҳрайн ва Иронзамин сурат гирифтааст ва аз он ҷо асбобу анҷомҳои оҳанӣ баъд ба Мисри Қадим оварда шуда бошанд, зеро давраи оҳанро дар Миср, асри XII-и то милод медонанд. Дар байни тамоми филизот, нақши оҳан дар пешрафти тамаддун, тараққиёти ҷамоаи инсонӣ калон аст. Истеҳсоли асбобу анҷомҳои рӯзгор, воситаҳои коркарди замин, истеҳсолот, нақлиёт ва ғ. то ҳол маҳз аз ин металл вобаста аст. Яъне, оҳан ва хӯлаҳои он дар тамоми соҳаҳои ҳаёт истифода мегардад ва он металли ҷангу муҳориба, косибию кишоварзӣ, меҳнат ва рӯзгор мебошад. Оиди нақши оҳан дар ҳаёти инсон ва рушди истеҳсолот муаррихи англис Энгелс менависад: “Оҳан аз байни тамоми ашёҳо, ки инсон истифода намудааст, муҳимтарин дар

таърихи ҳаёти он мебошад. Оҳан имкон додаст, ки коркарди васеи замин таъмин гардад, заминҳои сахт ва ҷангалзор ба замини корам табдил ёбад. Вай ба ҳунарманд чунин асбобҳои тез ва сахтро дод, ки на ягон санг ва дигар металли маълуми он замон надодааст" [6, с.138]. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон, таърихнигорон даврaҳои рушди ҷамоаи инсониро дар асоси истифодаи олоти меҳнат ва маводи бунёдии онҳо гурӯҳбандӣ намуда, давраи васеи истеҳсол ва паҳншавии асбобҳои оҳанисохт, ки такондиҳандаи рушди ҳаёт буд, "давраи оҳан" номидаанд.

Этимологияи номи оҳан дар забонҳои гуногуни қадим, таърихи шиносоии онҳоро ба ин навъи филиз нишон медиҳад. Аз таҳлили номи оҳан дар забонҳои мухталиф, муҳаққиқон муайян намудаанд, ки баъзе халқиятҳо ба он чун металли аз кайҳон афтида шинос гаштаанд. Дар Мисри қадим оҳанро "би-ни-пет" мегуфтаанд, ки маънои онро *маъдани кайҳонӣ* тавзеҳ додаанд. Оҳанро дар забони армании қадим ва муосир "еркат" оварда онро аз *кайҳон афтида* маънибардорӣ намудаанд. Байни баъзе халқҳо, аз ҷумла арманиҳо афсонаву ривоятҳое мавҷуданд, ки гӯё худову фариштаҳо баҳри кумак ба инсон, гунаҳои асбобҳои металлӣ: корд, плуг, табар ва ғ.-ро партофта бошад. Пайдоиши ин ривоятҳоро аз он медонанд, ки инсони қадим дар аввал аз оҳани кайҳонӣ истифода кардааст. Дар давраи шоҳигарии якуми давлати Ур дар Байнаннаҳрайн номи оҳанро "анбар" оварда, онро низ бо маънои *оҳани кайҳонӣ* зикр кардаанд. Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҳиндуаврупоиҳо дар арафаи паҳнгардӣ, ҳиҷрат ба сарзаминҳои дигар дар остонаи асри металл қарор доштанд ва шуғли асосии онҳо чорводорию кишоварзӣ буд, баҳри далел номи ҳиндуаврупоии металл "aios", лотинии "aes" - *бринҷӣ* ва ҳиндуи қадимаи "ayas"- *оҳан* ва решаи ҳиндуаврупоии "ar" бо маънии "*шудгор кардан"*-ро гувоҳ меоранд [11, с.39]. Номи юнони қадимии оҳан, "σίδηρος"-ро бо калимаи лотинии - "сидерус (Sidereus)" бо маънои *ситорагӣ* ҳамрадиф медонанд. Забоншиноси машҳури франсавӣ А.Майе номи оҳанро дар забонҳои мухталиф: дар ҳиндуи қадим "ayah", авастоӣ "ауō", юнонӣ "σίδηροϛ», лотинӣ "ferrum", германию готӣ "eisarn", исландии қадим "isarn", немисии қадим "Isarn" ва дар келтию ирландии қадим "iarn" нишон дода, қайд кардааст, ки муҳаққиқони забонҳои ҳиндуаврупоӣ аз гуногун будани номи оҳан дар забонҳо, ба он номи умумии ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуиронӣ интихоб накардаанд [7, с.404].

Дар Авасто номи оҳан ва калимаҳои иртибот ба он дошта, зиёд дучор мегарданд. Дар "Фарҳанги вожаҳои авастоӣ" калимаҳои "ауаńh" - *оҳан*, "ауаńha"- *оҳанин, занҷир* ва ибораи "ауаńhu zasta" бо ду маънӣ, *оҳаниндаст* ва *афзори оҳанӣ* тавзеҳ ёфтаанд [15]. Оҳани обу тоб додашудаистодаро дар авастоӣ "хᵛаēna ayah" ва дар паҳлавӣ "xwen-āhan" мегуфтаанд, ки маънои *"металли аз тасф сурхшуда"*-ро доштааст [14]. Оҳанро дар забонҳои муосири англисӣ "Iron", франсузӣ "Fer" ва дар немисӣ "Eisen" мегӯянд, ки онҳо низ шабеҳияти сохторӣ надоранд. Мутахассисон пайдоиши калимаи немисии "Eisen" ва англисии "Iron"- ро аз забони келтӣ медонанд. Баъзе таҳлилгарон калимаи немисии Eisen"-ро аз келтии "isara", бо маънои *сахт, устувор* тавзеҳ додаанд. Ҳоло номи байналхалқии оҳан, гунаи лотинии Ferrum қабул шуда, ки аз забони халқиятҳои романӣ мебошад. Бархе эҳтимол доранд, ки он ба калимаи юнонӣ-лотинии "fars" бо маънои *сахт будан* ва санскритии "bhars" *сахтшаванда* дар иртибот аст [10]. Дар забони лотинӣ дар радифи номи умумии оҳан "ferrum" номи пӯлод, ки он ҳосилаи оҳан аст, вожаи "chalybs"-ро истифода мебаранд ва онро аз номи халқияти халибҳо, ки дар назди соҳилҳои Баҳри сиёҳ зист доштаанд, баргирифта медонанд. Инчунин, дар ин забон барои ифодаи пӯлод, калимаи "acies" низ истифода меёфтааст, ки бо маънои луғавии *тез, буранда* маънидод кардаанд ва он бо чунин шаклу маъно дар забони юнонии қадим низ дучор мегаштааст.

Таҳлили сохтори вожаҳои ифодагари оҳан ва филизот дар забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ, дар равобит ба маънои онҳо нишон медиҳанд, ки дар аксар реша ҷузъи "ar" ва гунаҳои дигари он "er, ur, ir, ау" маҳсуб меёбанд ва ин гуногуншаклӣ натиҷаи қонуни фонетикии шаклбадалкунӣ мебошад. Маълум аст, ки фонемаҳои сонории вожаҳо ҳангоми иқтибос вобаста ба фонетикаи забони интиқолдиҳанда ва қабулкунанда қобили табдил ҳам ҳастанд. Хусусан, фонемаи "r" хеле осон ба "l", "у" ва ҳатто ба "n" табдил меёбад. Бояд қайд кард, ки фонетикаи забонҳо бо тадриҷ рушд ёфтаанд ва на ҳама фонемаҳо дар як вақт вориди забон шудаанд. Масалан, дар забони чиноӣ фонемаи "r" мавҷуд нест, дар калимаҳои иқтибосӣ онро "l" ово мекунанд, япониҳо бошанд, баръакс. Дар "Бурҳони қотеъ" нисбати вожаи "ар" овардаанд: **ар** арраи дуредгарӣ бошад; ва мухаффафи агар ҳам ҳаст; ва ба туркӣ мардро гӯянд, ки муқобили зан аст [3, с.75]. Решаи мавриди таҳқиқ "ar" ва гунаҳои дигари он бисёрмаъно буда, дар вожаҳои аз қадим ҳифз мондаи забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ, асосан маъниҳои зеринро ифода доранд: 1. *сахт, қавӣ, устувор;* 2. *металл, оҳан;* 3. *маҳкам, баста;* 4. *замин, майдон, хок, хока* ва ғ. (Вожаи "ар" шояд, аввал бо маънии сахт, мустаҳкам пайдо шуда, баъд барои металл ва оҳан, ки маводи сахт маҳсуб меёбанд, вожаи хос гаштааст). Илова бар ин, бояд қайд кард, ки дар калимаҳое, ки ҷузъи "ra"-и таркиби онҳо ба "ar" бадал гаштаанд, чунин шакли тағйир низ

дар таърих дучор мегардад, маъноҳои “*роҳ, ҳаракат, кардан, ба самте рафтан”* ва инчунин “*ранг, ҷило, равшанӣ”*-ро низ ифода кардааст.

Дар алоқа ба овардаҳои боло як қатор калимаҳои забонҳои қадим, ҳиндуи қадим, авастоӣ ва лотинӣ, ки иртибот ба металл доранд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Масалан, металли нуқра дар форсии қадим “ardata”, дар авастоии “ərəzata”, дар ҳиндуи қадим “rajata”, дар лотинӣ “argentum” мебошад. Аз сохтори ин калимаҳо маълум аст, ки онҳо аз ду реша бунёд ёфтаанд. Решаи дуюмро дар ин калимаҳо ҷузъҳои “data, zata, jata, gen” ташкил медиҳанд, ки ҳамагон маънои *тавлидкунанда, зоянда*ро доранд. Ҷузъи якум “ar”, бо маънои *металл* буда, ҷузъи “ra”-и гунаи ҳиндуи қадим *маънои нур, ҷилло*ро дорад. Яъне, номи нуқра дар ҳиндуи қадим маънои *нурдиҳанда, ҷилодиҳанда* аст, дар алоқа ба ин маъно бояд қайд кард, ки нуқра аз ҷиҳати дурахш байни металлҳо ҷойи аввалро ишғол мекунад. Гунаҳои дигари овардашуда бошанд, маънои “*тавлидкунандаи металлҳо”*-ро доранд. Аз таърихи алхимияи қадим маълум аст, ки замоне дар илм назарияи ба ҳам табдилёбии металлҳоро талқин менамуданд. Модари тамоми металлҳоро симоб медонистанд ва онро шакли моеъгаштаи нуқра мепиндоштанд ва аз ин рӯ, номи симоб дар баъзе забонҳо аз ҷумла дар тоҷикӣ-форсӣ маънои нуқраи моеъро дорад. Дар адабиёт пешниҳодкунандаи ин назария Арасту дониста мешавад, шояд ба юнониён ин ақида аз форси қадим интиқол ёфта бошад, ки номи нуқра дар ин забон низ маънои зояндаи металлро дорад. Ин ақида то дер дар алхимияи Шарқ тарафдорони худро дошт. Дар китоби «Аҷоибнома» (Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот)-и Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ, ки яке аз асарҳои энсиклопедии асри XII маҳсуб меёбад, чунин оварда шудааст: “Ва гӯянд ҳазор сол ба зиъбақ (симоб) бигзарад, расос (сурб) гардад ва ҳазор сол ба расос бигзарад, сим гардад ва ҳазор сол ба сим бигзарад, зар гардад” [8, с.145].

Муҳаққиқ, шарқшиноси шинохта В.И. Абаев вожаи осетинии “ærzæt”, ки дар ин забон маънои *маъдан*ро дорад, бо калимаҳои иронии “arzata”, авастоии “ərəzata”, форсии қадими “ardata” ва инчунин бо армании “arc’at”, лотинии “argentum”, ирландии “argat” ва юнонии “ἀργυρος (аргурос)”, ки нуқраро мегӯянд, ҳамзот медонад ва эҳтимол дорад ин калима аввал дар осетинӣ ба маънои маъданҳои нуқрадошта корбаст ёфта, баъдтар барои ифодаи ҳама гуна маъданҳо истифода шуда бошад. Боз қайд мекунад, ки бархе онро бо вожаи форсии “arziz”, ки сурбро мегӯянд, дар иртибот донистаанд [1, с.187]. Дар осетинӣ маънои “*маъдан”*-ро касб кардани вожаи “ærzæt”, ки он дар таърих аз гунаи “ærzæta” шакл гирифта метавонад, бесабаб нест, зеро кулли металлҳо зодаи маъданҳо мебошанд, яъне аз таркиби маъданҳо ҷудо карда мешаванд. Дар забони арабӣ бошад бо калимаи “маъдан”, ки луғоти хосси он забон аст, ба ҷуз маъдан, металлро низ ифода доранд ва шояд калимаи арабии “маъдан” бо маънии дуюм, русии “металл”, ки зодаи “metallum”-и лотинӣ мебошад ва тоҷикии “метин” низ пайванди ҳам бошанд. Оиди вожаи “метин” забоншиноси тоҷик Ҳасанзода А. зикр мекунад, ки ин вожа аз ҷумлаи қадимтарин унсури луғавии эронасл буда, онро фарҳангнигорон асосан бо маънои олоти сангтарошӣ ё кӯҳканӣ тавзеҳ додаанд. Дар ин асос аз овардаҳои (Фарҳанги Рашидӣ) “каланди чоҳков, олоти оҳанин, ки сангтарошон бад-он санг тарошанд ва онро «каланд» низ гӯянд; каланд бошад, ки ба он кӯҳ кананд (Туҳфатул аҳбоб); мехест оҳанӣ, ки бад он дар санг шикоф андозанд (Ғиёс-ул-луғот), ёдрас мешавад [13]. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи метинро бо маънои “кӯбаи оҳании нӯлғафс, ки бо он санг мешикананд ё аз кӯҳ маъдан мекананд; зоғнӯл” овардаанд [9, с.791].

Вожаи дигаре бо ҷузъи “ар”, лотинии “arma” бо маънои яроқ (ҳамагуна яроқ, корд, шамшер ва ғ.) мебошад. Ин вожа аз рӯйи қавоиди калимасозии забонҳои қадим, аз ҷузъҳои “ар” ва “ма” сохтор гирифта, ҷузъи “ма” ва гунаи дигари он “на” дар вожаҳои забонҳои қадими Шарқ, чун аффикси сифатсоз хизмат мекунад ва инчунин ишора ба мавод дорад. (Нигаред ба ин чанд вожаҳои тоҷикӣ-форсии пашм, чарм, гарм, тухм, ки аз гунаҳои пашма, чарма, гарма, таухма шакл гирифтаанд). Ҷузъи “ар” бошад, ифодагари металл, оҳан ва сифати сахт мебошад, яъне “arma” маънои *филизӣ* ва ё аз *оҳан сохташударо* дорад. Ин вожа барои ифодаи ҳамагуна олоти филизӣ ва маводу ашёҳои сахту устувор корбаст меёфт. Вожаи лотинии “арма” бо маънои яроқ, дар забони англисӣ шакли “arm”- ро гирифтааст, ки дар ин забон ба ҷуз маънои яроқ ва калимаҳои ба он иртиботдошта, инчунин барои ифодаи даст (узви пурқувват ва устувор) низ корбаст ёфтааст. Ё ки калимаҳои дигари ин забон “ars, artis” дар аввал ба маънои ҳунармандӣ дониста мешудааст, шояд ҳунари оҳангарӣ буда ва баъд маънои санъатро низ ба худ касб карда бошад. Вожаҳои дигар: арматур, ки ифодагари маводи филизии сохтмонӣ аст ва армадил, ки ҳайвони зиреҳпӯш (броненосец)-ро мегӯянд ва дар радифи онҳо, тоҷикии “арра”, “ароба” низ шояд алоқа ба филиз дошта бошанд.

Нисбати номи немисии оҳан - “Eisen”, ки онро аз келтии “isara”, бо маънои *сахт, устувор* ва гунаи лотинии “Ferrum”- ро, ки бо калимаи юнонӣ-лотинии “fars” бо маънои

сахт будан дар иртибот донистаанд, ҳаминро мебояд гуфт, ки муҳаққиқон дуруст муайян кардаанд, зеро оҳан дар байни металлҳои дунёи қадим сахтарин маҳсуб меёфт. Дар ин вожаҳо низ ҷузъи умумӣ, ишора ба маънои сахтӣ дошта, ҷузъи “ар” мебошад. Вожаи “анбар” -и забони аҳли давлати Ур (Байнаннаҳрайн), бо маънои металли кайҳонӣ фаҳмидан, шояд аз он сар зада бошад, ки бехабар аз қавоиди шаклбадалкунӣ, онро аз ҷузъҳои “анб, анеба (кайҳон)” ва “ар - (металл)” ташкилёфта дониста бошанд, вале бо эътимод мебояд гуфт, ки он этимологияи дигар дорад, натиҷаи бадалгардии маъмули таърихии овои “р” ба “н” буда, аз вожаи “арбара” бо маънои “чизи сахт, тани сахт” шакл гирифта мебошад. Чунин шаклбадалкунии калимаҳоро дар забони қадимаи арабӣ (давраи то исломӣ) низ дучор омадан мумкин аст ва ин ҳодиса дар забонҳои гурӯҳи сомӣ аз тарафи Майзел мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст [2, с.263]. Барои тасдиқ аз забонҳои қадим метавон мисолҳои бисёре овард ва ин ҷо танҳо як шоҳид, шаклгири вожаи русии “день (den)” ва англисии “day” - рӯзро, аз гунаи дар забонҳо ҳифз намондаи “дара” бо маънои *тавлиди равшанӣ*, ки он дар забони ҳиндуи қадим “dina” бо маънии *рӯз* аст, пеш меорем. Ин калимаҳо низ натиҷаи бадалшавии овои “р” ба “н” ва “й” мебошанд. (Ҷузъи “ra” гунаҳои дигари он “rao, ro, ru” бо маъниҳои *равшанӣ, ҷило* ва ҷузъҳои “da, do, za, zo ja” бо маъноҳои *тавлид, офаридан, додан* мероси забонҳои қадиманд).

Даврaҳои аввал аз тиллову нуқра пуразриш будани оҳан ва баъдтар истеҳсоли зиёди он, паҳн гаштани ҷиҳозҳои филизӣ, афзалияти сахтиву устувории онҳо, албатта, боис гаштааст, ки номи оҳан ба таркиби ному топонимҳо ва этнонимҳо ворид гардад. Дар аксар топонимҳои аз қадим ҳифзшуда номи макон ба маводе, ки аз он сарзамин дастрас мегардад, тавъам аст ва шояд номи Арран низ аз он қабил бошад. Дар луғот нисбати топоними “Аррон” овардаанд: “номи вилоятест дар Озорбойҷон, ки он ҷо зару нуқра аст” [3, с.76]. Топонимҳои Иран, шакли куҳани он Аран, Арон ва Ироқ (Арак, Урак) низ равобит ба оҳан доранд, бояд хотиррасон намуд, ки дар сохтори топонимҳои аз қадим ҳифз монда, ҷузъи “ак” ишора ба макон дорад. Аз маънои ин топонимҳо метавон ҳадс зад, ки нахуст истеҳсоли оҳан дар давлатҳои ҳавзаи Байнаннаҳрайн аз ҷумла дар давлати Ур ва сарзаминҳои форснишин шурӯъ гаштааст. Дар даврaҳои баъдина истеҳсоли оҳан ва пӯлоди хушсифат дар Димишқ ба роҳ монда шуда буд (номи Димишқ дар китоби муқаддаси насрониён Библия борҳо ёдовар шудааст) ва ин металл аз ин ҷо ба дигар манотиқҳо интиқол карда мешуданд ва замоне Димишқ, ки дар забонҳои Ғарб номи яке аз гунаи хушсифаттарини пӯлодро “дамаск” мегӯянд ва худи номи Димишқро низ чунин ном мебаранд (Ҳоло навъи пӯлоди дамаск дар истеҳсоли яроқҳо истифода мегардад). Димишқро маркази ҳунари оҳангарӣ медонистанд. Мувофиқи баъзе осорҳои хаттӣ дар наздикии Димишқ кӯҳе мавҷуд будааст, ки дорои оҳани худрӯй бо омехтагии 1 % карбон ва 8-9 % волфрам будааст ва ин барои рушди металлкоркунӣ имкон додааст. Дар Димишқ император Диоклетан дар охири асри III милодӣ фармон додааст, ки устохонаи истеҳсоли яроқ-силоҳ созанд. Баъд аз ин қариб 1000 сол Димишқ маркази истеҳсол ва савдои асбобҳои хушсифати филизии Дунёи қадим будааст. Аз рӯйи гуфти баъзе муҳаққиқон Димишқ то асри XIV яроқҳои хубтарини дунё истеҳсол мегаштааст [13].

Ин ҷо метавон вожаи англисии “iron (aiən)”-ро, ки оҳан, пӯлод ва аксар асбобҳои аз оҳансохташударо ифода мекунад, дар талаффуз шабеҳи гунаи форсии қадими ауаńh мебошад, овард. Дар вожаҳои авастоии “xᵛaēna ayah” ва паҳлавӣ “xwen-āhan”, ки бо маънои “металли аз тасф сурхшуда” тавзеҳ ёфтаанд, калимаи “xᵛaēna” дар авастоӣ ва “xwen” дар паҳлавӣ маънои *ранги хунӣ*, яъне сурхро доранд. Аз шабеҳияти сохти авастоии вожаи ифодагари оҳан ба гунаи ҳиндуи қадим маълум мегардад, ки онҳо як решаи муштарак доранд ва гунаи авастоии “ayah” дар давраи пойдории забони паҳлавӣ баъд шакли “āhan (оҳан)”- ро гирифтааст. Гунаи паҳлавӣ зодаи гунаи авастоӣ мебошад. Нахустшакли вожаи оҳанро “ара, арон” метавон эҳтимол кард, он бо чунин равиш: ara, aran > ayah, ауаńh > āhan, ohan (оҳан) дар таърих тағйири сохт кардааст ва ба сохтори вожаҳои овардашуда овои “ҳ” чун маҳинкунандаи талаффуз (ин ҳодиса дар калимаҳои забони ҳиндуи қадим ва форсии паҳлавӣ маъмул аст) ва “н” аз шикасти “на” ба сифати аффикси сифатсоз ворид шудааст.

Вожаи забони тоҷикӣ-форсии “пӯлод (pūlād)” низ паҳншуда ва бо гунаҳои дар забонҳои дигар буда: паҳлавии “pūlāvat”, арабии “fūlād”, сурёии “pld”, туркии “bulat”, муғулии “bolot, bold”, гурҷии “poladi”, чечении “bolat” ҳамзот аст. Дар забони осетинӣ низ гунаи “bolat”-ро дорад ва овардаанд, ки аз bolat барои аспон наъл омода месозанд. Ин вожа дар шакли “булат” ба забони русию украинӣ низ иқтибос гаштааст. Муҳаққиқи варзида Абаев В.И. қайд мекунад, ки гунаи осетинӣ ва русӣ, тавассути забони туркӣ иқтибос шудааст. Муқоисаи сохтори ин вожаҳо ба андешае меоварад, ки гунаи нахустро “пӯлата” донем, ки дар он реша ҷузъи “пӯл, пӯла” буда, бо пайваст шудан бо суффикси феълсози -ат, -ата маънои *кӯфташуда, обу тобдодашуда, кӯфташавандаро* мегирад. Дар фарҳанг вожаи пӯла бо маъниҳои зерин оварда шудааст. 1. кӯфташуда, шикаста, аз зарб

мулоимшуда; пӯла кардан - зада маҷақ кардан. 2. пухта мулоим шудани чизе [9, Ҷ.2. с.133]. Аз ин рӯ, метавонад маънои луғавии вожаи пӯлод кӯфташуда, пухташуда бошад.

Аз рӯйи сохтори номи қадимаи оҳан - aran, ayaṅh метавон эҳтимол кард, ки номи тамаддуни ориё низ пайваст ба номи металл ва оҳан аст, зеро маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ, бо гузариш аз давраи санг ба давраи металл ин тамаддун оғоз меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1. / В. И. Абаев -М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. – 655 с.
2. Белова А.Г. Этимологический словарь древнеарабской лексики (на материале избранных текстов доисламской поэзии) / А.Г. Белова. - М.: Институт востоковедения РАН, 2012. - 284 с.
3. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. - Душанбе, 1993. - 416 с.
4. Всемирная история. Т.1. - М.: Полит. литература, 1956. - 747 с.
5. Гамкрелидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы / Т.В. Гамкрелидзе, Вяч.Вс. Иванов; с предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2. - Тбилиси, изд. Тбилисского Университета, 1984. – 1328 с.
6. Маркс К. Сочинения. Т. XVII. Ч.1. - К.Маркс, Ф. Энгельс. - С.138.
7. Мейне А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков / А.Мейне; пер. Д.Кудрявского; под ред. Р.Шор. - М.-Л., 1938. – 510 с.
8. Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тӯсӣ. Аҷоибнома (Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот) / Зери назари С.Назарзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 604 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷ.1. - 950 с., - Ҷ.2. - 945 с.
10. Фигуровский Н.А. Открытие элементов и происхождение их названий / Н.А. Фигуровский. - М.: Наука, 1970. – 207 с.
11. Фрай Р. Наследие Ирана / Р.Фрай: под ред. М.А. Дандамаева; пер. с анг. В.А. Ливщица и Е.В. Зеймаля. - М.: Вост. лит., 2002. – 463 с.
12. Ҳасанов А. Лаҳҷашиносии таърихӣ / А.Ҳасанов. – Хуҷанд, 2014. – 175 с.
13. Черноусов П.И. Металлургия железа в истории цивилизации / П.И.Черноусов, В.М.Мапельман, О.В. Голубев. - М.: МИСиС, 2005.
14. Чунакова О.М. Пехлевийский словарь, зороастрийских терминов, мифических персонажей и мифологических символов / О.М. Чунакова: отв. ред. М.Н. Боголюбов. – М.: Восточная литература РАН, 2004. - 286 с.
15. Bahrami E. Dictionary of the Avesta / E.Bahrami, F.Joneydi. – Iran: Balkh, 2000.

ОИДИ ЭТИМОЛОГИЯИ НОМИ ОҲАН ВА ВОЖАҲОИ БА ОН ИРТИБОТДОШТАИ БАЪЗЕ ЗАБОНҲО

Дар мақола аз таърихи истеҳсол ва истифодаи оҳан дар мамолики гуногун, номи он дар забонҳои қадим ва нуқтаи назари муаллиф оид ба этимологияи вожаҳои тоҷикӣ - форсии “оҳан”, “пӯлод”, арабии “маъдан”, русии “металл” ва баъзе калимаҳои ифодагари маводу предметҳои фулузӣ дар забонҳои мухталифи хонаводаи ҳиндуаврупоӣ оварда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили номи металлҳо, аз ҷумла оҳан дар забонҳои қадим, нишон медиҳад, ки решаи умумӣ барои ифодаи металлҳо ва оҳан ҷузъи “ар” ва гунаҳои дигаре, ки он дар таърих пазируфтааст, чун ҷузъҳои “ир, ер” мебошанд. Қайд мекунад, ки ин ҷузъҳо дар калимаҳои аз қадим меросмонда гуногунмаъно буда, маъноҳои 1. сахт, мустаҳкам, 2. металл, оҳан; 3. маҳкам, баста; 4. замин, майдон, хок, хока ва ғ. доранд. Аз рӯйи муқоисаву муқобала сохти вожаи авастоии ифодагари оҳанро ба гунаи ҳиндуи қадим таҳлил намуда, решаи муштарак доштани онҳоро зикр кардааст ва гунаи паҳлавии “āhan (оҳан)”- ро зодаи гунаи авастоии “ayah, ayaṅh” овардааст. Нахустшакли вожаи “оҳан”- ро “ара, арон”-и забони модҳо эҳтимол карда, асос ба қонунияти фонетикии бадалгардии овозҳо (“г (р)” ба “у (й)”), бо чунин равиш: ara, aran > ayah, ayaṅh > āhan, ohan дар таърих шаклгирии вожаи “оҳан”- ро нишон додааст. Калимаи “пӯлод”- ро бошад, аз гунаи “пӯлата”, реша ҷузъи “пӯл, пӯла”, бо пайваст бо суффикси сифати феълии “-ат, -ата” бунёд ёфта, бо маънои луғавии “кӯфташуда, обу тобдодашуда, кӯфташаванда” тавзеҳ додааст. Инчунин, муаллиф эҳтимол дорад, ки топонимҳои зиёде чун Аррон, Эрон (Иран), Ироқ ва ғ. низ ба номи металл ва оҳан дар иртиботанд ва ин мавзеъҳо дар гузашта маркази коркарди оҳан ва дигар филизҳо маҳсуб меёфтанд.

Калидвожаҳо: этимология, семасиология, топонимика, забонҳои қадим, металл, оҳан, пӯлод, маъдан, шаклбадалкунии вожаҳо.

ОБ ЭТИМОЛОГИИ НАЗВАНИЯ “ЖЕЛЕЗО” И СЛОВ, СВЯЗАННЫХ С НИМ, В РАЗНЫХ ЯЗЫКАХ

В статье, опираясь на историю металлургии и названия металлов, в частности, название железа, рассматривается этимология слов, выражающих железо и ряд железных предметов в некоторых языках индоевропейской семьи. Автор на основе результатов анализа названий “металл”, “железо” и “сталь” в некоторых древних языках, таких как древнеперсидский, авестийский, латинский и др., показывает, что в них корнем является часть “ар” и другие его формы “ир, ер”. Отмечается, что указанные морфемы многозначны, слова, унаследованные с древности, имеют значения: 1.твёрдость, крепкость; 2. металл, железо; 3. закрытый, связанный; 4. земля, площадь, песок, порошок и т.д. Сравнивая морфологию слов, выражающих железо в древнеиндийском и авестийском языках, указано, что они имеют единый корень и отмечается, что пехлавийская форма “āhan (оҳан)” была формирована из авестийского слова “ayah, ayaṅh”. На основе фонетических законов формоизменения, возможности перехода фонемы “ŕ” на “у”, самой археичной формой признается “ара, арон” и показывается схема исторического формирования таджикиского слова “оҳан”: ara, aran> ayah, ayaṅh >āhan, ohan. Автор также показывает, что архаичной формой таджикского слова “пӯлод (pūlād)”- “сталь” должно быть слово “pōlata (пӯлата)”, состоящее из корня “pōl, pōla” и суффикса причастия “-at, -ata” с буквальным значением “кованый, закалённый”. Также автор связывает названия некоторых древних топонимов, в том числе Аррон, (Иран), Ирак и др., с названием металла и железа, так как эти местности были центром выработки и производства металлов и металлических изделий, в том числе железных.

Ключевые слова: этимология, семасиология, топонимика, древние языки, металл, железо, булат (сталь), формоизменения слов.

ON THE ETYMOLOGY OF THE NAME “IRON” AND THE WORDS RELATED WITH IT IN DIFFERENT LANGUAGES

Based on the history of metallurgy and the names of metals, in particular, the name of iron, the article discusses the etymology of words expressing iron and a number of iron objects in some languages of the Indo-European family. Based on the results of the analysis of the names “metal”, “iron” and “steel” in some ancient languages, such as Old Persian, Avestan, Latin, etc., the author shows that the root of these words is part of “ar” and its other forms “ir”, “ep”. It is noted that these morphemes are polysemic in the words inherited from antiquity, and have the following meanings: 1. hardness, strength; 2. metal, iron; 3. closed, connected; 4. land, area, sand, powder, etc. Comparing the morphology of words expressing iron in the ancient Indian and Avestan languages, it is indicated that they have a single root. And it is noted that the Pahlavian form “āhan (ohan)” was formed from the Avestan word “ayah, ayaṅh”. Based on the phonetic laws of form-change, the possibility of transition of the phoneme “r” to “y”, the most archaeological form is recognized as “ara, aron” and the scheme of historical formation of the Tajik word “ohan” is shown: ara, aran > ayah, ayaṅh >āhan, ohan. The author also shows that the archaic form of the Tajik word “pulod (pūlād)” – “steel” should be the word “pōlata (pulata)” consisting of the root “pōl, pōla” and the suffix of participle ““-at, -ata” with the literal meaning “forged, hardened”. The author also connects the names of some ancient toponyms, including Arron, (Iran), Iraq and others, with the name of metal and iron, since these areas were centers of production and processing of metals and metal products, including iron.

Key words: etymology, semasiology, toponymy, ancient languages, metal, iron, damask steel (steel), word-formations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тухтасунов Обиддин*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дотсенти кафедраи химияи органикии амалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Сведения об авторе: ***Тухтасунов Обиддин*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент кафедры органической и прикладной химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-764-33-32**

Information about the author: ***Tukhtasunov Obiddin*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, associate Professor of organic and applied chemistry. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, pr. Mavlonbekova 1. E-mail: **Obiddin 59@mail.ru.** Tel.: **(+992) 92-764-33-32**

УДК:44

ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИИ ЗАБОН ДАР ЛАҲҶАҲО

Қурбонов С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони халқ вобаста ба урфу одат, мавқеи ҷуғрофии маҳал ва дигар омилҳои муҳимми фарҳангӣ ташаккул ёфта, дар ин асос дар низоми он тағйирот ва дигаргуниҳо амалӣ мегарданд. Дар лаҳҷаҳо шаклгириҳои таърихии сарфиву наҳвии забон ҳазорсолаҳо боқӣ монда, омӯзиши ин раванд барои илми забоншиносӣ муҳим мебошад. Дар забони зиндаи халқ бо вуҷуди навгониҳо нигаҳдошти хусусиятҳои таърихӣ ҳодисаи маъмулӣ буда, дар забоншиносии тоҷик ин масъала ҳамоно ниёз ба тадқиқ дорад [4, с.87].

Ба ин қатор калимаҳои таърихиро, ки бо гузашти вақт бештар дар шеваҳои тоҷикӣ мустаъмал мебошанд, метавон дохил намуд. Ин нуктаи муҳим дар гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо акс ёфта, аз ҳисоби лаҳҷаҳои тоҷикӣ бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикиро борҳо таъкид намудаанд: «Шевашиносону хатшиносон чорабиниҳои намоянд, то ки дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостониамон нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғанӣ гардонем. Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд»[*].

Барои рӯшанӣ андохтан ба ин масъалаи муҳимми забонӣ шаклгириҳои сарфиву наҳвии таърихии забонро дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мухтасаран мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Дар лексикаи феълии лаҳҷаҳо калимаҳои архаистӣ фаровон корбаст мешаванд. Феъли **<u>тосидан</u>** дар лаҳҷаҳои бойсунӣ ба маънои гандидан, вайрон шудани хӯрок меояд: *Вай-а нахӯр, ки <u>тосид</u>-ай, касал мешави* (Қӯрғонча).

[*] Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 04.10.2019

Дар “Маснавии маънавӣ” он дар шакли тосонидан ба маънои фишурдани гулӯ меояд:

Ки битосонид ӯро золиме,
Бар баҳона(й) масҷид, ӯ буд солиме [8, с 319].

Феъли содаи **гуволидан** дар лаҳҷаҳо маънои ***сабзидан, нашъунамо ёфтан***ро дорад: *Сараки гандум-а дидед амак, а* ***гуволидан-аш*** *зӯр-еш малум буд* (лаҳҷаи Қӯрғонча). Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима истифода намешавад. Онро дар осори классикон ба маънои андӯхтан дучор омадем:

Бузургон ганҷи симу зар гуволанд,
Ту аз озодагӣ мардум гуволӣ [13, с.276].

Калимаи ***кавдан*** дар гузашта ба маъноҳои аспи боркаш, аспи пир ва одами кундфаҳм истифода гардидааст. Дар мисраъҳои зерин ин калимаи таърихӣ ба маънои кундфаҳм омадааст:

Дарнагирад суҳбати Урфӣ ба шайхи савмаа,
К-ӯ ба зирак душману Урфӣ ба **кавдан** душман [13, с.524].

Ин калима дар лаҳҷаи Даштиҷум ҳоло дар ифодаи одами кундфаҳм дар шакли ихтисорёфтаи кавда(н) истифода мегардад: *И одам бисйор одами* ***кавда*** *бъдаст.*

Феъли **кебидан** дар лаҳҷаҳои Бойсун (ба маънои озурдаву монда шудан) ва баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ (ба маънои тарсидан, рамидан) ба кор бурда мешавад: *Ниго кун, баччеш* ***кебид****-ай ад дасти ин кампири зол-а* (Қӯрғонча). Феъли **кебидан** дар фарҳанг ба ин маъноҳои аз роҳи рост баромадан омадааст:

Макебед в-аз ростӣ магзаред,
Чу додандатон панди хуш, бишнавед! [13, с.549].

Феъли **пакидан** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бештар истифода гардида, ба маънои ҳарзагӯӣ, лаққидан меояд: *иҷа пеши мън-да напак* (Тӯда); *съгерай ақлақ, иҷа бъсйори бад напаки* (Ховалинг). Ин калима дар шакли **пак** дар фарҳанг ба ин маъно шарҳ ёфтааст: қурбоққа, ғук. Мисоли назмӣ:

То кай ҳамедароиву гирдам ҳамедавӣ?
Ҳаққо, ки камтариву фажогантарӣ зи **пак** [13, с.20].

Феъли **човидан** дар адабиёти тоҷик ба назар расида, дар забони адабии ҳозираи тоҷик камистеъмол мебошад. Ин калима дар фарҳанг ба маънои тавалло ва зорӣ кардан меояд:

Эй ошиқи дилсӯз в-аз коми дили худ дур,
Менолу **ҳамечов**, ки маъзурӣ маъзур [13, с.546].

Аз таҳқиқи лаҳҷаҳои ҷанубӣ бармеояд, ки феъли содаи човидан ҳоло дар гуфтгугӯй ба маъноҳои **шино кардан** (Ёзғанд): *Ҳини съгераги-да Хингов-ънда мечовидем, ай у ру-и ру мезгаштем* (Ёзғанд); **пош хӯрдан** (Лахш) *ов занад-ам ҳар тараф-да човидан мегира* фаъол мебошад.

Калимаи таърихии полуд дар забони адабии ҳозира истифода намегардад. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба ин маънӣ омадааст: *Шир-а полону* (аз симэлак гузаронидани шири барои тоза гаштан аз хас ва мӯйи ҳайвон) *туршӣ зан, ки хоб намерава.* Ё ҳангоми биринҷро софӣ кардан гӯянд: *Биринҷ-а полон* (обашро ҷудо кун). Дар баъзе аз лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ ин калима ба ҳамин маънӣ корбаст мегардад: *полонем, руган-ъш ҷидо мешид-ъ дуг-ъш ҷидо; шир-а бъполон, ма мийом* (Ховалинг).

Корбасти калимаҳои зиёде ба монанди **хелида (**дӯст, ҳамроз); **чамидан** (лангидан); **вел** (ба маънии андармон, банд); **чавел** (Ёз.) каҷпо, ки мурғобивор роҳ гардад; феълҳои таркибии **лош** (ғорат) *кардан;* **реж** (нақша, тартиб) *кашидан* ва ғ. дар лаҳҷаҳои тадқиқшаванда аз маҳфуз мондани асолати забони тоҷикӣ дар лаҳҷаҳо далолат медиҳад.

Дар лаҳҷаҳо ифодаи номи ашё бо калимаҳои таърихӣ зиёд ба назар мерасад. Ба таври мисол, дар забони меъёрӣ корбасти калимаи **метин** мушоҳида намегардад. Дар «Фарҳанги Қаввос» ҳамчун олоти сангтарошӣ корбасти он ишора шуда [14, с.184], ба андешаи забоншинос Ҳасанов Абдуҷамол: «Вожаи метин аз ҷумлаи қадимтарин унсури луғавии эрониасл буда, дар осори манзуму мансури гузашта, бахусус давраи Оли Сомон басо фаровон ба кор рафтааст» [16, с.13]. Ин калима аз лексикаҳои фаъоли адабиёти классик ба ҳисоб мерафт:

Гирифта паи кори девору дар,
Ба ин даст метин, ба он даст табар [13, с.682].

Дар «Девони Кабир»- Румӣ маънои он боз мушаххастар аён мегардад:

Мо низ мардумонем, не кам зи сангу конем,
Бе захмҳои метин пайдо накарда зарро [7, с.13].

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои гуногун ба шаклҳои зиёд корбаст мешавад. Шаклҳои **метин** (Нӯшоҷ, Ҳичборак) **// метинг** (Порвоғ), **метӣ** (Самсолиқ), **майтин // майти // майтън** (Лахш)**, мъти** (Ховалинг) ба маънои олоти нӯгтез барои санги осиёро чидан меояд.

Калимаи мазкур дар баъзе лаҳҷаҳои деҳнавӣ ва бойсунӣ танҳо ба маънои асбоби заминковӣ корбаст мешавад. Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои тадқиқшаванда калимаҳои хосси шеваи ифодагари ин маъно зиёданд: **каноч//къноч** (Қаротегин) зоғнӯли дунӯла; **чънг** (Ғарбии Кӯлоб) зоғнӯли яксара ё дунӯлае, ки бо он санги осиёро мечинанд ва ғ.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ калимаи **буна** ба маънои хонавода меояд. Саъдӣ низ калимаи мазкурро ба ҳамин маъно ба кор бурда шудааст:

Ба ороми дил хуфта андар буна,
Чӣ донанд ҳоли шикамгурсина?! [10, с.250].

Профессор Ҷӯраев Ғ. ҳангоми таҳқиқи гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ оид ба калимаи ***буна*** саҳеҳ андешаронӣ намудааст: «Воҳиди луғавии бъна/буна/дар Ёвон бана/ ҳамчун унсури таърихӣ дар лексикаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ истеъмоли васеъ дорад. Аз тадқиқотҳо пайдост, ки калимаи мазкур дар забони форсии миёна ба намуди ***бнак*** истифода мешудааст» [17, с.77].

Калимаи **кола** дар «Ғиёс-ул-луғот» чунин шарҳ ёфтааст: «матоъ, ки онро коло низ гӯянд; ва кадуи шароб; ва ба маънии харбузаи хом ва замине, ки барои зироат тайёр сохта бошанд (аз «Латоиф» ва «Мусталаҳот») [5, с.159]. Дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ба маънии сару либоси ба арӯс додашаванда ба назар мерасад. Дар лаҳҷаҳои шимол ба маънои матоъ меояд: *Колаҳойи тоза овард- ай* (Қӯрғонча). Камоли Хуҷандӣ онро бо ҳамин маънӣ ба кор мебарад:

Дар дарун омад, хаёли рӯи ӯ шуд ақлу ҳуш,
Буд дузде бо чароғ, анвои коло бурду рафт [13, с.558].

Калимаи мураккаби ***колавара*** дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ба маънои ***одами бадавлат*** истифода мешавад, ки дар он маънои калимаи асили тоҷикии **кола** ҳоло ҳам нигоҳ дошта шудааст.

Калимаи суғдии **палағда** дар лаҳҷаҳои шимол ба маъноҳои тухми вайроншуда ва нони дар об таршуда истифода мегардад. *Чошгайӣ мурғо-да палағда те* (Қӯрғонча).

Дар шеваи ҷануб ва ҷанубӣ-шарқӣ калимаи **метин** дар шакли зоғнӯл истифода мегардад. Дар осори классикон онро дучор омадем:

Гирифта паи кори девору дар,
Ба ин даст метин, ба он даст табар [13, с.682].

Ин калима дар шеваи шимол серистеъмол аст.

Дар ифодаи аломат низ калимаҳои хосси шеваи таърихӣ серистеъмол мебошанд: Истифодаи калимаҳои асили тоҷикии ифодагари аломат дар лаҳҷаҳои мавриди назар фаровон ба чашм мехӯранд. Калимаи ***яла*** ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор надорад. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” он чунин шарҳ ёфтааст: **ЯЛА** 1. кушода, сар додашуда озод, раҳо... [13, с.633]. Ин калима дар лаҳҷаҳои мавриди тадқиқ ба ин маъно мушоҳида мешавад: *Рав дара **йала** кард-ай, пӯш* (Қӯрғонча); *Райи ма-ра **ела** карда рафт-ай* (Лағмон). Ин калима ба ҳамин маъно дар осори Фирдавсӣ омадааст:

Биёвард чӯпон ба майдон гала,
Намонд эч бар дашт аспи **яла** [13, с.633].

Калимаи тоҷикии ***чалпас*** – ноуҳдабаро, ноқобил дар лаҳҷаи Даштиҷум дар шакли чалфас фаровон корбаст мешавад: *Бра, чалфъс, кор-та кадӣ.*

Калимаи таърихии ***хинг*** дар адабиёти классикӣ ба маънои аспи сафед ва ё хокистарранг истифода шудааст. Лаҳҷашинос Эшниёзов М. дар лаҳҷаҳо бо се маъно омадани ин калимаро шарҳ додаст: 1. Замини аз кормонда ё хоки кабуд. 2. Пӯст ва ё машки равғани зағир ва ё шиннӣ нигоҳ медоштагӣ. 3. Дар шакли таркибии хару хингила ба маъноҳои хару хутук, хару асп [18, с.97]. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи хинг дар таркиби хару хингил ба маънои таъкиди бисёрии хар истифода мегардад: ***Хару хингил**-а гирифта буромадан.* Ин калима дар лаҳҷаи Даштиҷум маънои «беранг», «рангпарида»- ро касб кардааст*: Къртаи **хинг-** и безеб, дига напушъш***.** Бояд қайд намоем, ки калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои тоҷик дар шаклу маъниҳои гуногун ба назар мерасад.

Калимаи суғдии «чағбут» дар назар ба маълумоти профессор Ш. Исмоилов ба маънои «парешон - мӯйи шонанашуда» дар лаҳҷаи Қаротегин мустаъмал мебошад [2, с.19-20]. Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънои «парешон - мӯйи шонанашуда» истифода мегардад: *Раву мӯйи **ҷағбут**-ат-а шона кун.* Ва ин маъно дар осори Рӯдакӣ омадааст:

Мӯи сар - **чағбуту** ҷома римнок,
Аз бурун - сӯ боди сарду бимнок [13, с.362].

Калимаҳои зиёде амсоли **барзанги** азимҷусса, бузургҷусса, калон; **барзангил** духтари хоҳарарӯс; **ғайбар** бузург; **качал** каҷпой, ланг; **коҷ** ба маънои чашмкаҷ ва ғ. бо шаклу мазмуни худ аз шаклгириҳои таърихӣ гувоҳӣ дода, ин қабил калимаҳо дар таркиби луғати лаҳҷаҳо дар доираи васеи лингвистӣ ниёз ба омӯзиш доранд.

Дар қолабҳои наҳвӣ низ асолати забон маҳфуз мемонад, ки хусусиятҳои асосии онро дар асоси лаҳҷаҳои Бойсун (Бойсун, Дарбанд ва Қўрғонча) ба таври мухтасар баррасӣ менамоем:

1. Дар ибораҳои исмии изофӣ ҷузъи асосӣ маъмулан дар аввал меояд. Бо ифодаи маънои грамматикӣ ибораҳои исмии навъи «Ҷўрабойи усто» аз қолаби маъмулии изофии адабӣ фарқ мекунанд. Дар ин навъи ибораҳои исмӣ гўянда барои таъкиди маъно, диққати шунавандаро ҷалб намудан, ҷузъи тобеъро дар аввал меорад. Ин навъи иборасозӣ таърихан қадимӣ буда, ҳоло асосан дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бештар мустаъмал мебошад: ***Устойи Ҷўрабой*** *чаққада шуд, ки Қўрғонча номад-ай;* ***Ма□лими Қобил*** *дарс-а нагз мет"йа (Қўрғонча).* Ин қолиби ибора дар дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ ба назар мерасад.

2. Бо гузашти айём бисёре аз ибораҳои ифодагари муносибати замонӣ, ки таърихи пайдоишашон ба ҳазорсолаҳо рафта мерасад, ҳоло дар забони адабии тоҷик истифода намегарданд. Шеваҳо чун бахши посдорандаи ҷиҳатҳои архаистии забон ин навъи ибораҳои исмиро нигоҳ доштаанд. Аз ҷумла, дар лаҳҷаи Қўрғонча ин навъи ибораҳо серистеъмоланд ва бо исмҳои маънои замонидошта ифода меёбанд: ***Майи рамазон*** *рўзо китоб хонетон; Оч(а)и Робийа* ***майи саратон****-а нагз медид;* ***Вахти аср****, ки шуд м"йамонӣ чи-бак меравӣ?;* ***Қарибиҳойи чошга*** *йак хабар гир, данбўха маҳкам нашава боз;* ***Вахти мулло□азон*** *ах хоб хестем;* ***Маҳойи тирама*** *хоболут мешам (Қ).*

3. Аз омўзиши асару мақолаҳои оид ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ бармеояд, ки ҳоло дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ибораҳои исмии навъи «духтара дил», «духтара дилаш», «духтар дилаш» дар истеъмоланд Дар оғози давраи навини забони тоҷикӣ, ки роиҷ гардидани қолабҳои «дилаш духтара», «духтара дилаш» ба назар мерасад, шаклҳои гуногуни синтаксисии бо пасоянди- ро ташкилёфтаро мушоҳида намудем: *…аз ӯ бипурсиданд, ки Лутро хона (хонаи Лут) кадом аст; Ва дигар ҷодувон ба хона овардӣ, то мардумонро чашм (чашми мардумон), кўр кунад; кисроро дил (дили кисро) ба духтари Нўъмон майл кард* [1, с.136, 137, 621];

Набинӣ, ки чун корд бар сар бувад,
Қаламро забонаш равонтар бувад [8, с.190].

Бандакҷонишини шахсӣ-соҳибии- аш воситаи зарурии алоқаи грамматикии ин навъи ибораҳо буда, ба шахсу шумораи предмети муайяншаванда низ далолат мекунад.

Аз ин ҳама мисолҳо бармеояд, ки заминаи ибораҳои исмии «Аҳмада китобаш» дар асоси худи забони тоҷикӣ пайдо гашта, сипас ин воситаҳои грамматикӣ дар шаклҳои гуногун вазифаи ягонаашонро ифода месозанд. Профессор Тоҷиев Д.Т. саҳеҳ гуфтааст: «Таърихи забони тоҷикӣ, мисли забонҳои дигари эронӣ, нишон медиҳад, ки барои пайдоиши чунин ибораҳо (ибораҳои навъи «Аҳмада китобаш» – С.Қ.) дар вақти эволютсияи сохти грамматикии забони тоҷикӣ, аз ҷумла дар вақти эволютсияи ибораҳои муайянкунандагӣ замина гузошта шудааст» [12, с.198].

Дар ибораҳои навъи «Аҳмада китобаш» аз тарафи гўянда таъкиди махсуси ҷузъи эзоҳдиҳандаро эҳсос мекунем, ки ин аз як ҷиҳат, ба мавқеи ҷузъҳои ибора дахл дошта бошад, сабаби дигараш ба маъноҳои грамматикии воситаҳои грамматикии ибораро суратдиҳанда: -а; - йа //-аш алоқаманд аст, зеро дар қолаби «китобаш Аҳмада» низ ин хусусиятро мебинем.

Пасоянди **-ро** дар забони адабии ҳозираи тоҷик чун воситаи иборасоз серистеъмол нест. Дар ин навъҳои ибораҳои исмӣ чун суратдиҳандаи ибора соҳибвазифа гаштанаш ба табиати грамматикии он ҳамбастагӣ дошта, баъди барҳам хўрдани системаи синтетикӣ сервазифа гаштани пасоянди **–ро** имкони воситаи иборасоз шуданро муҳайё сохт.

Бандакҷонишини шахсӣ-соҳибии **–аш** чун воситаи зарурии алоқаи грамматикии ин навъи ибораҳои исмӣ ба шахсу шумораи предмети муайяншаванда ҳам далолат мекунад: одамойа хонешон … ва бо ин воситаи суратдиҳанда маъноҳои грамматикии ибораҳо барҷастатар ифода меёбад: *Маҳмадийа башкош (занаш) сумалаки нагз мекуна гуфтан* (Қ)*; Мулойа очеш кўча баромада гашт-ай (*Д).

4. Дар ибораҳои исмии изофии бо исм баъзан мувофиқати ҷузъҳоро мебинем: *Кўпрукойи дайроҳо-йа дайро бурд.* Ин ҳодиса таърихан барои забони тоҷикӣ хос буда, аз лаҳҷаҳои Бойсун танҳо дар лаҳҷаи Қўрғонча мушоҳида мешавад.

Дар лаҳҷаи Бойсун ва Дарбанд исмҳо бо шумораҳо дар шакли танҳо меоянд. «Дар ҷумла онҳо (шумораҳо - С.Қ) одатан ҳамчун муайянкунандаи миқдори предмет пеш аз исм омада, ба вай вобаста мешаванд. Дар ин ҳолат суффикси ҷамъбандиро қабул намекунанд» [15, с.63]. Баръакси ин лаҳҷаҳо дар лаҳҷаи Қўрғонча бо шумораҳои миқдорӣ дар шакли ҷамъ омадани исмҳо аён аст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин шакл маъмул нест.

Муҳити ҷуғрофии лаҳҷаи Қўрғонча боиси маҳфуз мондани ин ҳодисаи таърихӣ гаштааст, ки «дар қадим мувофиқат байни муайянкунандаву муайяншавандаҳо, хусусан муайяншавандаҳои шумораги низ вуҷуд доштааст» [3, с.16].

Шаклҳои ҷамъбандии ду гўшҳо, ду дастон яке аз роҳҳои ифодашавии шумораи дугона мебошад, ки таърихан мавҷуд аст. Дар давраи қадими забони порсӣ ин тарз

ифодаи маъмулии худро дошт. Баъд аз барҳам хӯрдани сохти синтетикӣ дар даврaҳои миёна ва навин роҳҳои гуногуни ифодашавиро пайдо намуд. Ба қавли Сиёев Б. «Дар инкишофи минбаъдаи забони тоҷик, яъне дар марҳилаи гузаштан аз давраи миёна ба давраи нав, ки ин протсесс, асосан, асрҳои IX-X анҷом ёфтааст, дар тарзи морфологии ҷамъсозии исмҳо боз ҳам тағйироти муайяне ба амал омадааст: шумораи дугона, ки вай ҳанӯз дар забони миёна «ваҷҳи хоссе надошт», дар ибтидои давраи нави такомули забонҳои форсу тоҷик низ мисли забони миёна ягон аломати грамматикии махсусе барои ифодаи вай мавҷуд набуд. Танҳо ба воситаи баъзе воҳидҳо ин маънии грамматикӣ дар забони нав ифода мешуду халос» [11, с.36].

5. Ибораҳои исмӣ бо ду воситаи алоқа: изофа ва пешоянд сурат ёфта муносибати муайянкунандагиро бо тобиши муқоисавӣ ифода мекунанд: *Ҳайвони аъ асп хуро чис, гӯйед?* (Қ); *Норматуф пахти а барф тоза-йа оварда суфорид* (Д). Таърихи забон гувоҳӣ медиҳад, ки ин тарз ибораозӣ дар гузашта низ истифода мегардид: «Дар се ҷойи матн истифодаи яке аз усулҳои ҷолиб (дар «Ёдгори Бузургмеҳр»– С.Қ) дар ташкили ибораҳо тавассути ду воситаи алоқа – изофа ва пешвандҳо ба мушоҳида мерасад: «будани бо некон», «пазириши аз подшоҳон», «бахшиши ба носипосон» [9, с.139].

6. Қолаби пешояндӣ - пасояндӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ фаровон истифода мегарданд, ки таърихи забонамон аз мавҷудияти он далолат медиҳад. Ибораҳои бо пешоянди аслии **дар** дар лаҳҷаҳои Бойсун суратгирифта дар ифодаи муносибатҳои маконӣ ва объектӣ бо баъзе ҷиҳатҳо аз забони адабӣ дар сохтори ибораҳои исмӣ фарқ мекунанд. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча чун пешоянд ва пасоянд омада ибора сохтани ин пешоянд ба назар мерасад. *Мачит-да кор* (кор дар масҷид // кори дар масҷид) *се маҳо-да-йам тамом намеша*. Ин ҳодисаи таърихист, ки дар ин лаҳҷа маҳфуз мондааст: «Дар забони форсии қадим ин пешоянд чун пешоянд ва пасоянд меомад, дар забони адабии форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ танҳо чун пешоянд меояд» [6, с.196].

Лаҳҷаҳо посдорандаи унсурҳои архаистӣ мебошанд. Албатта, дар доираи як мақолаи илмӣ наметавон ин хусусиятҳои таърихиро ба таври пурра баррасӣ намуд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи қисматҳои забонӣ дар асоси маводи шеваҳо барои мукаммал гаштани бахши назариявии ин соҳа замина фароҳам меорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Балъамӣ, Абӯалӣ Муҳаммад. Таърихи Табарӣ / Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 656 с.; Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ / Р.Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1979. – 267 с.
2. Исмоилов Ш. Муносибати таърихии лексикаи шеваҳои Қаротегин. Тезисы докладов мол. уч. и спец. Тадж. ССР / Ш.Исмоилов. – Душанбе, 1972. – С.19-20.
3. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои соддаи насри асри X1 (Дар асоси материали «Сиёсатнома», «Қобуснома» ва «Сафарнома») / М.Н. Қосимова. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 216 с.
4. Қурбонов С. Асолат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ / С.Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2008. - №1(43). - С.86-93.
5. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот (Ҷилди яку ду) / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.; 1988. - 416 с.
6. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. – М.: Наука, 1982. – 571 с.
7. Румӣ, Ҷалолуддин. Девони Кабир (Ҷилди 2) / Ҷалолуддини Румӣ. - Душанбе, 1993. - 461 с.
8. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ / Ҷалолуддини Румӣ. – Теҳрон, 2001. – 728 с.
9. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ (пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ) / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2003. – 232 с.
10. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 292 с.
11. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ / Б.Сиёев // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1967. – С.32-62.
12. Таджиев Д.Т. Об определительных словосочетаниях типа «Аҳмада китобаш», «гапа камаш» / Д.Т. Таджиев. – Уч. Зап.ТГУ. – Т.2. Серия гуманитарных наук. – Сталинобод, 1954. – С.195-199.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Том 1-2). – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 951; - 952 с.
14. Фахри Қаввос. Фарҳанги Қаввос. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С.290.
15. Ҳамроқулов Х. Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун / Х.Ҳамроқулов. – Душанбе, 1961. – 274 с.
16. Ҳасанов А.А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфиву наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйиши шимолӣ / А.А. Ҳасанов. – Хӯҷанд, 2003. - 256 с.
17. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ.Ҷӯраев. - Душанбе, 2017. - 320 с.
18. Эшниёзов М. Шеваи ҳардурӣ / М.Эшниёзов. – Душанбе: Ирфон, 967. – 230 с.

ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИИ ЗАБОН ДАР ЛАҲҶАҲО

Забони халқ вобаста ба урфу одат, мавқеи ҷуғрофии маҳал ва дигар омилҳои муҳимми фарҳангӣ ташаккул ёфта, дар ин асос дар низоми он тағйирот ва дигаргуниҳо амалӣ мегарданд. Дар лаҳҷаҳо шаклгириҳои таърихии сарфиву наҳвии забон ҳазорсолаҳо боқӣ монда, омӯзиши ин раванд барои илми забоншиносӣ муҳим мебошад. Дар забони зиндаи халқ бо вуҷуди навгониҳо нигаҳдошти хусусиятҳои таърихӣ ҳодисаи маъмулӣ буда, дар забоншиносии тоҷик ин масъала ҳамоно ниёз ба тадқиқ дорад. Аз таҳқиқи маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки дар бахши лексикология маҳфуз мондани асолати забон назаррас буда, дар ин қисмат ифодаи ашё, аломат ва феъл бо калимаҳои хоссаи шевагӣ маъмул мебошад. Як хусусияти калимаҳои таърихӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷойи бисёре аз онҳоро дар забони адабӣ калимаҳои иқтибосӣ гирифтаанд. Вобаста ба ҳудуди интишори худ ин навъи калимаҳои таърихӣ ба тағйироти шаклӣ ва маъноӣ дучор мегарданд, ки дар заминаи

таҳқиқи қисмати лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бахусус таҳияи луғатномаҳои шеваҳои тоҷикӣ хусусиятҳои забонии онҳоро метавон ба таври васеъ ва ҳамаҷониба таҳқиқ кард. Бисёре аз калимаҳои мавриди назар дар забони адабии ҳозираи тоҷик корбаст нашуда, ин гурӯҳи калимаҳо дар гузашта фаровон истифода мешуданд, ки осори шоирони классик гуфтаи моро собит месозад. Дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикӣ баррасӣ намудани хусусиятҳои таърихии забон, маҳфуз мондани қолабҳои таърихӣ ба тадқиқоти мукаммал ниёз дошта, маводи лаҳҷаҳо аз асолати забони куҳан далолат медиҳанд. Дарачаи корбаст ва ифодаи маъноии калимаҳои асили тоҷикӣ дар лаҳҷаҳо якранг набуда, тадвини луғатҳои фарогири маводи мукаммали лаҳҷаҳои тоҷикӣ барои баррасии ин масъала замина фароҳам меорад. Дар мақола барои рӯшанӣ андохтан ба ин масъалаи муҳимми забонӣ шаклгириҳои сарфиву наҳвии таърихии забон дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ мухтасаран мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: калима, лаҳҷа, мураккаб, сермаъно, серистеъмол, лексика, архаизм, раванд, иқтибос, асолат, калимаҳои хосси шева.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИСТОРИЧЕСКИХ КОНСТРУКЦИЙ В НЕКОТОРЫХ ТАДЖИКСКИХ ГОВОРАХ

В данной статье речь идёт о существовании исторических элементов в диалектах таджикского языка. По словам автора статьи, сопостовительное исследование таджикских диалектов с литературным языком, во-первых, служит для определения истории, культуры и самосознании таджиков, а во-вторых, - для определения чистоты устного народного языка. Во всех современных таджикских диалектах, присутствует история древности, таджикский народ, переводя эту историю из поколения в поколение, сберегал ее как зеницу ока. Изучение формирования диалектной лексики имеет первостепенное значение, и в этом контексте определяется исторический процесс языка и его новизна. Одним из таких исторических памятников, сохранившихся у таджикского народа, как отметил автор, являются исторические слова в разных слоях лексических диалектизмов, которые больше всего встречаются среди имён существительных. В таджикских диалектах употребляется множество слов, которые по происхождению являются очень древними и большинство из них, хотя не используются в современном таджикском языке, но они широко употребительны в классических произведениях. Свое исследование автор вел на основе южных диалектов Таджикистана и северных диалектов таджиков Узбекистана, в том числе Байсун, Кургонча и Дербенд. В статье, кроме исследования слов, свое внимание автор концентрировал на способах употребления предлогов и послелогов, системе образования народных языковых оборотов на примере вышеупомянутых диалектов, а также на их стиль и историю развития. Сушествование исторических конструкций в этих диалектах показывает процесс истории и языковой новизны, их сравнение с литературными видами и выражением в других диалектах имеют актуальное значение. Для определения раскрытия и интерпретации диалектов этот лексический слой является особенно важным.

Ключевые слова: слово, говор, сложный, многозначный, употребительные слова, лексика, архаизм, процесс, заимствование, диалектизм, подлинность.

COMPARATIVE ANALYSIS OF HISTORICAL CONSTRUCTIONS IN SOME TAJIK DIALECTS

This article deals with the existence of historical elements in the dialects of the Tajik language. According to the author of the article, a comparative study of Tajik dialects with the literary language, firstly, serves to determine the history, culture and self-awareness of Tajiks, and secondly, to determine the purity of the oral folk language. In all modern Tajik dialects, the history of antiquity sparkles, the Tajik people translating this history from generation to generation, preserved it like the apple of their eye. The study of the formation of dialectal vocabulary is of paramount importance, and in this context the historical process of the language and its novelty is determined. One of such historical monuments preserved in the mouths of the Tajik people, as the author noted, is the preservation of historical words in different layers of lexical dialectisms, which are most often found on the example of nouns. In Tajik dialects, many words are used that are very ancient in origin and most of them, although not used in the modern Tajik language, are widely used in classical works. The author conducted his research on the basis of the southern dialects of Tajikistan and the northern dialects of the Tajiks of Uzbekistan, including Baysun, Kurgoncha and Derbend. In the article, in addition to the study of words, the author concentrated his attention on the ways of using prepositions and postpositions, the system of education of folk language expressions using the example of the above dialects, as well as their style and historical past. The presence of historical constructions in these dialects shows the process of history and linguistic novelty, their comparison with literary types and expression in other dialects are relevant. This lexical layer is the basis for determining the disclosure and interpretation of dialects.

Key words: word, dialect, complex, common words, vocabulary, archaism, poro process, borrowing, dialecticism, original background.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанба, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-73-96-02**

Сведения об авторе: ***Курбонов Содик Хамрокулович*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры историии языка и типологии филологического факультета.
E-mail: **kurbonzoda 64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-73-96-02**

Information about the author: ***Kurbonov Sodiq Hamroqulovich*** - Tajik National University, Associate professor, Departmen of language history and typology, Faculty of philological sciences. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru.**
Tel.: **(+992) 907-73-96-02**

УДК: 81 (22) : 338 (82)

МЕЪЁРИ ИСТИФОДАИ ҶАМЪБАНДИИ ИСМҲОИ АРАБӢ ДАР МУҚОИСА БО ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИКӢ

Гурезов Ҷ.Н., Акрамов Ф.М., Насриддиниён Б.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Забони мардумӣ забоне мебошад, ки дар зиндагии рӯзмарраи мардум кор фармуда мешавад. Забони расмӣ ва давлатии имрӯзии мардуми тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони тоҷикӣ шохаест аз он дарахти тановар, ки забонҳои форсию дарӣ низ бо он ҳамреша буда, аз як сарчашма маншаъ гирифтаанд. Бо вуҷуди чанд аср ҳукумати мустақил ва ғайримустақил доштани арабҳо дар Осиёи Миёна ҷомеаи тоҷик забони худро зинда нигоҳ дошт ва оҳиста-оҳиста рушду такомул дод. Агарчи аксари вожа ва калимаҳои соҳавии арабиро ҳамчун истилоҳ пазируфт, комилан зери нуфузи ин забони бегона намонд. Он чӣ аз забони арабӣ гирифт калима буд, на забон ва на грамматика. Калимагирӣ ба истилоҳ вомвожаҳо табиист, ки яке аз хусусиятҳои ғановатафзоии таркиби луғавии ҳамаи забонҳои ҷаҳон мебошад. Вуҷуди калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ моро арабзабон накардааст. Мушобеҳан, чуноне ки мавҷуд будани калимаҳои лотинӣ дар таркиби луғавии забони англисӣ англисҳоро лотинизабон накарда буд. Имрӯз ҳамон тавре, ки барои як англис лозим аст, ки то андозае бо решаи калимаҳои лотинӣ шинос шавад, то забони худро бештар бишиносад, мардуми тоҷикро низ зарур аст, ки бо тарзи сохтмони калимаҳои забони арабӣ ошноӣ пайдо кунад, то маънои калимаҳои иқтибосии ин забонро, ки тақрибан 40% таркиби луғавии забони моро ташкил медиҳанд, сарфаҳм равад. Бояд донем, ки чӣ омилҳое боиси қабули калимаҳои арабӣ гаштаанд, ба онҳо чӣ тағйироте ворид намудаем ва онҳоро чӣ гуна истифода мебарем. Ошноӣ бо забони арабӣ набояд бо далели хатти муштарак надоштанамон бо арабҳо монеи омӯзиши вожаҳои иқтибосӣ (вомвожаҳо)-ии арабӣ шавад. Ҷойи таъкид аст, ки дар мавриди корбурди вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ бояд мизон ва меъёре муайяне дошта бошем. Ин мизонро дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи услуби гуфтугӯӣ ва адабии забон метавон дарёфт.

Вақте ки бо забони гуфтугӯӣ суҳбат мекунем, манзурамон он забонест, ки бо таври табиӣ дар иртиботи рӯзмарра ва суҳбат бо ҳамдигар (муошират) кор мефармоем. Дар ин раванд калимаҳои арабие вомехӯранд, ки то ҳол тоҷикӣ нашудаанд, яъне дар забони адабии гуфтугӯӣ ривоҷ наёфтаю суфта нашудаанд. Пас бояд ҳангоми истифодаи калимаҳои арабӣ ҳудуде муайян дошта бошем, ки дар ин мақола онро ҳадафи хеш қарор додаем, то аз ин хусус ба андозаи фаҳмиш ва дониши хеш такя бар мадракоти илмию амалӣ изҳори назар намоем. Яке аз роҳҳои ба даст овардани меъёри истифодабарии вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ ин аст, ки суҳбати чанд тан аз донишмандони ин ва ё он соҳаи илмро сабт кунем ва ё бинависем, тамоми калимаҳои истифодабурдаи онҳоро бишмурда, аз он вомвожаҳои арабиро ҷудо намоем. Дар сурати истифодаи бисёри калимаҳои арабӣ ба донишмандони мазкур тавсия медиҳем, ки ба ҷойи вомвожаҳо калимаҳои асили тоҷикиро ба андозаи тавон истифода баранд, дар сурати наёфтани ягон вожаи мувофиқ ва ё носозгор омадани маъно метавонанд пасон аз калимаҳои иқтисобии арабӣ истифода намоянд. Масалан, мо ҳамеша дар гуфтугузори худ калимаи **“бомдод”**- ро, ки тоҷикии асил аст, ба кор намебарем ва ба ҷойи он вожаи **“субҳ”**- ро ба забон меоварем.

Дар мавриди истифодаи калимаҳои **“маъхаз”** ё **“манбаъ”** мо метавонем ба ҷойи онҳо калимаи “**сарчашма”**-ро кор фармоем. Дар адабиёти классикии тоҷикӣ калимаҳое истифода шудаанд, ки имрӯз мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон несту танҳо бинобар тақозои сангу тарозуи шеър ё суфтагию замонталаб буданашон корбурд шудаанд, ҳол он ки калимаҳои шевои худро бар ивази онҳо дорем ва ниёз ба истифодаи онҳо нест. масалан, Саъдии Шерозӣ чунин мегӯяд:

Умри гаронмоя дар ин сарф шуд,
То чӣ хӯрем **сайфу** чӣ пӯшем **шитоъ** [8, с.84].

“Сайф” (ба ҳарфи сод) калимаи арабӣ буда, маънояш тобистон ва **“шитоъ”** зимистон мебошад. Имрӯз ҳеҷ тоҷике ҳангоми суханронӣ оиди фаслҳои сол сайфу шитоъ намегӯяд ва дар адабиёти муосир низ намунаи ашъоре бо ин калимаҳо пайдо наомад.

Гузашта аз ин, масдари феълҳои арабӣ дар забони муосири тоҷикӣ хеле фаровон истифода мешавад, ки решаҳои онҳоро донистан, хусусан барои мутахассисони соҳа ва умуман аҳли зиё аҳаммияти хосса дорад. Масалан, калимаҳои навъи **ибтидо, интиҳо, интизор, иҷборӣ, интихоб, ихтироъ, тақсим, тармим, тафриқа**, **таълим, таъсир** ва амсоли инҳо масдари арабӣ буда, мо бо каме тағйироти овозӣ дар нутқамон мавриди истфода қарор медиҳем. Шаклҳои феъли тоҷикии ин гуна калимаҳо бо роҳи сохтани феълҳои таркибии **ихтироъ кардан, илтимос намудан, интизорӣ кашидан, мачбур кардан, таъсир**

гузоштан, тақсим кардан, таълим додан, таълим гирифтан... зиёд корбурд мешаванд. Ин гуна феълҳо дар сиғаи маҷҳулӣ низ бисёр меоянд, ба монанди **маҷбур шудан, маҳкум шудан, муҳтоҷ шудан, маъюс шудан** ва ғ.

Ҳагоми сохтани сифатҳои таркибии мусбат ва манфӣ низ ба калимаҳои иқтибосии арабӣ бештар ниёз пайдо мекунем. Масалан: **матлуб-номутлаб, оқилона-беақлона, иштиҳодор-беиштиҳо, босалиқа-бесалиқа, муносиб-номуносиб, бешуур-бошуур** ва ғ.

Дар гузашта тамоми адибони форсу тоҷик (манзур классиконамон аст) чун забони арабиро бо меъёраш хуб медонистанд, онро дар ашъори худ бамавқеъ истифода мебурданд. Калимаҳои арабӣ дар шакли ҷамъбандии худ низ мавриди истифода қарор мегирифт. Имрӯз мо бештар ба пасвандҳои ҷамъсози тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Мисол калимаи “котиб” (нависанда), (нигоранда)- ро дар қолаби котиб**он** ҷамъбандӣ мекунем, ҳол он ки ҷамъи арабии он “**куттоб**” аст. Шакли занонаи исми мазкур **“котиба”** шакли ҷамъбандии **“котибот”-** ро дорад, аммо мардуми мо “котибаҳо” мегӯянд, яъне тариқи ҷамъбандии тоҷикӣ бо васли пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикиасл, ки қобили қабул нест, ё ин навъи ҷамъбандиро меъёр донем. Зимнан дар бисёре аз мавридҳо барои ҷамъи шикаста сифат ба сурати шумораи танҳои занона меояд. Масалан: **Кутубун қадима-китобҳои куҳна, туруқун баъийда-роҳҳои дур, маворийду ъадӣда-мавридҳои бешумор, аҳҷорун карӣма-сангҳои қиматбаҳо, ашёъун нафӣса-чизҳои нарм (мулоим), ғаноиму ҳарбия-даромадҳои ҷангӣ** ва ғ.

Бархе аз адибони классикӣ ин қоидаи мутобиқати сифат ба мавсуф дар исмҳои ифодакунандаи номҳои ғайриинсониро, ки як қоидаи дастурии забони арабӣ аст, дар забони тоҷикӣ низ риоя мекарданд. Мо дар забони тоҷикӣ дар муқобили ҷамъи дугона, ҷамъи солими мардона, ҷамъи солими занона ва ҷамъи шикаста танҳо ду қолаби ҷамъбандӣ дорем. Аввалан, ҷамъбандӣ ба воситаи павсвандҳои –ҳо, -гон, -ён, -вон ва дувум калимаҳои иқтибосии арабие, ки бо шаклҳои ҷамъи шикаста ва пасванди **–от**и арабӣ омадааст. Масалан: **Булдонун кабӣра-кишварҳои калон, муъҷизотун ъазӣма - муъҷизаҳои бузург, дували фақӣра -кишварҳои камбағал, матодибун ворида - матлабҳои дохилшуда, ахлоқун мазмума - хулқи нописанд** ва ғ.

Гоҳо вомехӯрем, ки дар исмҳои аслан тоҷикӣ сифатро дар шакли занонаи арабӣ меоваранд, ки ин ба ақидаи мо тоҷикона ва ҷавобгӯи меъёр ҳам нест. Мисол: **дӯшизаи ҷамила, ҳамшираи муҳтарама, парвандаи марбута, гӯсфанди маҳруҳа** ва ғ. Дар мавридҳои дигар, агар мо калимаҳои ба ҷинси зан далолаткунандаи асили тоҷикиро бе истифодаи пасванди –а орем, шинаму хушоҳанг ҳохад буд, монанди: **духтари азиз, зани мақбул, хоҳари маҳзун, модари сабур, арӯси ҳасудро - духтари азиза, зани мақбула, хоҳари маҳзуна, модари сабура, зани мақбула ва хоҳари маҳзуна** гуфтан мумкин нест.

Ҳамчунин зарурат нест, ки ба ҷойи ҷамъбандии сирф тоҷикӣ ҷамъи солими мардонаи арабиро истифода барем. Ба монанди: **ҳозирон-ҳозирин, муҳандисон-муҳандисин, муъминон-муъминин, муфассирон-муфассирин, муҳосибон-муҳосибин** ва ғ.

“Дар забони арабӣ ду навъ ҷамъбандӣ аст. Яке солим ва дигаре шикаста. Ҷамъи солим дар навбати худ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: Солими мардона ва солими занона. Ҷамъи солими мардона бо роҳи илова кардани пасвандҳои **–увна** ва **–ийна** баъди исмҳои танҳои мардона сохта мешаванд. Ҷамъи солими занона ба воситаи илова кардани пасванди **–отун** баъди исмҳои занона сохта мешаванд. М.: مخاطبون - мухотабон, معلمين-муаллимон, مؤمنات- – мусулмонзанҳо” [5, с.161-162].

Дигаре ҷамъи шикаста аст, ки қоидаи муайяне надорад. Дар мавриди ҳар исми танҳое бояд шакли ҷамъи онҳоро ҳифз намуд. Ҷамъи шикаста дар қолабҳои махсус сохта мешавад. Масалан: дар ҷамъи шикастаи «اشجار» - дарахтон, қолаби “афъол” кор фармуда шудааст. Донишмандони араб ба таври возеҳ намедонанд, ки чанд қолаби ҷамъи шикаста мавҷуд аст, аммо тахминан аз 50 то 70 навъи қолабҳо ба мушоҳида мерасанд.

1.) افكار(фикрҳо) اعمال، (амалҳо) اسرار، (сирҳо) اشرار، (бадиҳо(اصناف)، синфҳо ارقام، ( )рақамҳо اغلاط ( )، ғалатҳо) اطوار، (хешон(ارباب، (хуҷаинҳо) اوراق، (варақҳо)
2.) علوم، (فصل) فصول илмҳо) عقود، (шартномаҳо) ذكور، (наринаҳо) قبور، (қабрҳо امور، ( )корҳо) عقول، (ақлҳо) نفوس، (ҷонҳо) قبوض، (қабзаҳо) فنون، (фанҳо(.
3.) جبال кӯҳҳо) جمال، (шутурҳо) كبار، (калонҳо) قصار، (кӯтоҳҳо
4.) عمله коргарон) مَرَده، (шогирдон) كسبه، (косибон(.
5.) ابنيه биноҳо) اشربه، (нӯшокиҳо) اغذيه، (ғизоҳо) ادويه، (доруҳо) اطعمه، (таомҳо ادعيه، ( )дуоҳо) امتعه، (матоъҳо) اجنّه : ، (ҷинҳо) اجوبه (ҷавобҳо امثله، ((мисолҳо) .
6.) اباطيل ботилшудаҳо) اساطير، (афсонаҳо) اساليب، (услубҳо) احاديث، (ҳадисҳо اكاذيب، ( )дурӯғҳо) عقايد ақидаҳо) اوايل، (аввалҳо) اواخر، (охирҳо(اواسط (миёнаҳо) اماكن، (маконҳо اقارب،)(наздикон).
7.) مساجد масҷидҳо) مطالب، (дархостҳо) مقابر، (мақбараҳо) مراحل، (марҳилаҳо مصائب، ( )мусибатҳо) مراجع، (сарчашмаҳо) مناصب، (вазифаҳо) مبادى، (сарчашмаҳо) مسائل، (масъалаҳо.(
8.) اقربا хешовандон) اشقياء، (бадбахтон) اتقياء، (парҳезгорон) اصفياء، (.(тозакорон

9.) آثارасарҳо) آمال (орзуҳо) آداب (адабҳо) آحاد (яқҳо) آباء (падарон) آفاق (фалакҳо ،( ) آجالасбобҳо) آرا (фикрҳо) آفات (офатҳоآلام ،(.(дардҳо).

10.) اساتذهустодон) قياصره (сардорон) جبابره (золимон) فراعنه (фиръавнҳо.(

11.) كتّابнависандагон) عمّال (коргарон) وعّاظ (воизон) قضات (қозиҳо.(

12.) مفاتيحкалидҳо) مقادير (миқдорҳо) معائير (меъёрҳо) مبانى (биноҳо) مصاديق (дӯстон ،( ) مكاتيبкитобхонаҳо.(

13. اجانب)хориҷиён) اسامى (номҳо) اراضى (заминҳоكواكب ،((ситораҳо).

Дар ин ҷо ба нуктаи муҳимме таваҷҷуҳ кардан лозим аст, ки ҷамъи солими мардонаю занона ва ҷамъи шикстаи исмҳо аз хусусиятҳои хосси забони арабӣ аст, мо дар забони тоҷикӣ аз пасвандҳои –ҳо, -гон, -он, -вон ва -ён истифода мебарем. Аммо аз ҷамъи солими занонаи арабӣ ногузир ҳатто дар калимаҳои аслан тоҷикӣ истифода мебарем. Масалан: **иттилоот, истеҳсолот, имконот, истеъмолот, имтиҳонот, таҳқиқот, табрикот, таъйинот, муомиолот, футӯҳот, иншоот, иртиботот, нозирот** ва ғ. Аммо ба ҷойи **ҷаласот-**и арабӣ **ҷаласаҳо** ба ҷойи **иттилоот-иттилоъҳо,** ба ҷойи **имконот –имкониятҳо** гуфта метавонем. Ҳамон тавре ки гуфтем, баъзан дар калимаҳои аслан тоҷикӣ аз пасванди арабии –от истифода мекунем. Масалан: **навиштаҷот, меваҷот, сабзавот, боғот** ва ғ.

Ҷамъи шикастаи арабӣ барои мардуми авом он қадар фаҳмо нест, яъне дар забони гуфтугӯӣ (манзур забони шеваю лаҳҷа аст) он қадар роиҷ нест. Маслан, калимаи **лавозим** шакли ҷамъи калимаи **лозим** аст, ки мо онро дар шакли ҷамъулҷамъ **лавозимот** мефаҳмем. Дар зеҳни мардуми тоҷик шакли ҷамъулҷамъи ҳамин исм суфта гардидааст. Исмҳои ҷамъулҷамъи арабӣ, ҳатто дар осори ниёгони мо дида мешавад ва дарк кардани он дар шакли комил танҳо баъди огоҳӣ пайдо намудан аз сарфу наҳви забони арабӣ барои як мутахассис даст медиҳад.

Исмҳои ҷамъулҷамъи арабӣ дар ашъори намояндагони адабиёти форсу тоҷик:

Занони душманонат пеши теғат биёмӯзанд илҳонҳо,
Биёбон дар наварди кӯҳ бигзорад **манозилҳо** [4, с.98].

Аз Дақиқии Балхӣ:

Ба бӯстони **мулукон** ҳазор гаштам беш,
Гули шукуфта ба рухсори ту мемонад [4, с.99].

Бояд тазаккур дод, ки ҳар як калима ё вожае, ки аз як забон ба забони дигар иқтибос мегардад, хусусиятҳои овозии забони аслиро аз даст дода, хусусиятҳои овозии забони воридшавандаро мегирад. Ба ин тартиб ба ҷойи шакли ҷамъбандии арабии **мушоҳадот-мушоҳидаҳо, муоламот-муколамаҳо, мусоъадот- мусоидатҳо, мубоҳасот-мубоҳисаҳо, мувофиқот-мувофиқаҳо** истифода мегарданд.

Калимаҳои арабие, ки ба тоҷикӣ иқтибос шудаанд, бештар дар шакли ҷамъбандии тоҷикӣ кор фармуда шуда, пасвандҳои ҷамъсози тоҷикӣ қабул мекунанд. Масалан: **китоб-кутуб-китобҳо, насха-нусах-нусхаҳо, қолаб-қаволиб-қолабҳо, муъуллим-муъаллимин-муаллимон, мерос-маворис-меросҳо, исм-асмоъ-исмҳо, суннат-сунан-суннатҳо, муҳандис-муҳандисун-муҳандисон, далел-далоил-далелҳо, минбар-манобир-минбарҳо, раис-руъасо-раисон, бино-абния-биноҳо, меъёр-маъойир-меъёрҳо, унсур-аносир, унсурҳо, тарҷума-тароҷим-тарҷумаҳо** ва ғ. Баъзан калимаҳое дар фарҳанги забони тоҷикӣ вомехӯранд, ки бо шакли ҷамъи шикастаи арабиашон шинохта шудаанд ва шакли ҷамъи арабии онҳо аз тарзи ҷамъбандии тоҷикӣ дида фаррохтар ва доманадор аст. Масалан, дар калимаҳои намуди **хабар-ахбор, фикр-афкор, ақида-ақоид, навъ-анвоъ, қавм-ақвом, омӣ-авом** ва ғ. Аз ин намунаҳо ҳам метавонем ба ҷойи исми ҷамъи шикастаи арабӣ аз пасванди тоҷикии **“-ҳо”** истифода бурд, дар ин ҳолат ҳам маънои аслии калима халалдор нахоҳад шуд: **Фикр-афкор ё фикрҳо, ақида-ақоид ё ақидаҳо, қавм- ақвом ё қавмҳо** ва ғ. Дар мавридҳои дигар калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шакли танҳояшон омада, шакли ҷамъи арабиашон дар забони гуфтӯйи мо ҳазм нагардидааст. Масалан: **таълим-таъолим-таълимот-таълимҳо**. Дар мисоли мазкур шакли ҷамъи шикастааш **таъолим** дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, аммо шакли ҷамъи солими занонааш **таълимот** ба забони модарии мо чунон гӯшнавоз шудааст, ки ҳатто **таълимҳо** гуфтан ҳангоми шунидан нисбат ба **таълимот** нохушово менамояд.

Агар мо калимаи ҷамъи **шариф-ашроф, ҳасан-ҳасанот, сабаб-асбоб, амр-умур-** ро таҳлил намоем, ба хулосае мерасем, ки шакли ҷамъи онҳо тобишҳои маъноии худро дар забони тоҷикӣ гум карда, каме ба маънои дигартар истифода мегарданд. **“Шариф”** шахсеро гӯянд, ки дар ҷомеа обрӯи хосса дошта, дар ҳама ҳолат ба атрофиён фоидааш мерасад. Аммо шакли ҷамъи ин калима **“Ашроф”** намояндагони ҳокимияти сиёсӣ ва нафаре, ки аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ бонуфуз ва таъсиргузор аст, фаҳмида мешавад. **“Ҳасан”** дар забони тоҷикӣ ҳамчун исми хос маъмул аст, вале шакли ҷамъи он калимаи **“ҳасанот”** ба маънои аслии худ “некиҳо” омадааст. Ҳамчунин калимаи **“сабаб”** низ арабӣ буда, ба маънои аслиаш омадааст, лекин шакли ҷамъи он калимаи **“асбоб”** дар забони тоҷикӣ на ба маънои **“сабабҳо”,** балки ба маънои **олот ва таҳҷизоти рӯзгор** истеъмол мешавад. Баъзе калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шакли ҷамъашон ба фарҳанги мо

гузаштаанд, дар сурати пасвандҳои ҷамъбандии хосси тоҷикии **–ҳо** ва ё –**гон, -он** илова кардан маънои лозимиро ифода карда наметавонанд. Ба ин гуна ҳолатҳо калимаҳои **иттилоот, ислоҳот, коинот, мавҷудот, иртибот, муомилот, ихтиёрот, молиёт, ташкилот, маҳсулот, хадамот, хотирот** ва ғ. мисол шуда метавонанд. Ҳарчанд ки " Ал-муъҷам"-и Шамс Қайси Розӣ дар илмҳои сегонаи адабӣ: арӯз, қофия ва нақди шеър иншо шуда бошад ҳам, аз нигоҳи илми забоншиносӣ низ сарчашмаи муътамад буда, дорои бисёр қайду ишора ва тавзеҳоти пуразриш мебошад,- менависад Д. Хоҷаев ва ин нигоштаи ӯро далел меорад, ки қотеъона талаб кардааст: "...аз калимаю таркиб ва ибораҳои бегонаву дури ғайри луғати тоҷикӣ истифода набояд бурд" [9, с.59]. Дар забони имрӯзии тоҷикӣ калимаҳои арабие ба кор мераванд, ки муодили тоҷикии онҳоро низ дорем. Ба ин маънӣ, ки метавонем ҳар яке аз онро ба ҷойи дигаре ба кор барем. Масалан: *садоқат - ростӣ, илм - дониш, муҳаббат - меҳр, раҳм - дилсӯзӣ, зулм - ситам, ҷадид - нав, саъй - кӯшиш, гам - андуҳ, фикр - андеша, аҷр - мукофот, подош, иқбол - саодат, бахт, қадим - куҳан, қудрат - тавон, тавсеа - густариш, мусовӣ - баробар, ҳоким - фармонраво, имом - пешво, маъруф – машҳур, саршинос, ҷоҳил - нодон, олим - донишманд, лоиқ - шоиста, сазовор* ва ғ.

Бо вуҷуди он ки барои ифодаи баъзе мафҳумҳо калимаҳои таърихан тоҷикӣ маъмул аст, олимону нависандагони мо боз ҳам калимаҳои арабиасосро бештар истифода мебаранд. Бояд ки барои корбурди калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ як меъёри муайяне вуҷуд дошта бошад, чунки забонро набояд аз ҳад зиёд ба забонҳои ғайр омехта кард. "Акнун замоне фаро расидааст,- иброз дошт дар суханрониаш бахшида ба Рӯзи забон Президенти ҶТ,- ки мо низ бояд мисли дигар кишварҳои пешрафтаву мутамаддин пайваста дар андешаи пок ва солим нигоҳ доштани забони давлатии худ бошем, вуруди ҳар як унсури навро ба забон дар асоси меъёрҳои адабӣ танзим намоем ва дар навбати аввал ба ҳама гуна ғалатгӯиву ғалатнависӣ хотима бахшем. Интихоб, танзим ва истифодаи истилоҳу мафҳумҳои нави ҷаҳонӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа яке аз муҳимтарин вазифаҳоест, ки онро бояд мутахассисони варзида бо масъулияти тамом ба дӯш дошта бошанд" [7, с.142].

Ба гуфта ояд, ки таҳлилу баррасиҳои дар боло овардашуда шаҳодати онанд, ки донистани бархе аз қоидаҳои забони арабӣ барои забоншиносони тоҷик хеле муҳим буда, барои нигоҳ доштани асолати забони давлатӣ - забони миллӣ мусоидат карда метавонад. Тақрибан бист дар сади таркиби луғавии забони моро иқтибосоти арабӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, мо ногузир медонем, ки барои расидан бар аҳдофи хеш ва дар баробари ҳарчи бештар ривоҷ додани забони модарӣ ҳамчун забони илму маориф ва байналмилалӣ эътироф гардидани он, то андозае аз муҳимтарин қоидаҳои забонҳое, ки иқтибосоти онҳо дар таркиби луғавиамон зиёд аст, омӯзем ва барои дарки тобишҳои маъноии вомвожаҳо сайъ намоем, то ин ки ба корбурди дурусти онҳо даст ёбем.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуҷамол Ҳасанов. Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ / Ҳасанов Абдуҷамол. – Хуҷанд: Ношир, 2017.
2. Амид Ҳасани Исфаҳонӣ. Фарҳанги забон ва адаби форсӣ.- (муҷаллади аввал ва дувум) / Исфаҳонӣ, Амид Ҳасан. - Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1378 ҳ. - 408 с.
3. Белова А.Г. Очерки по истории арабского языка / А.Г. Белова. - Москва, 1999. - 224 с.
4. Габучан Г.И. Теория артикля и проблемы арабского синтаксиса / Г.И. Габучан. - Москва, 1972.
5. Зайфи Шавқӣ. Таърихи адабиёти араб. (асри Исломӣ) / Шавқӣ, Зайф. - Миср: Интишороти Доират-ул-маориф, 1412 ҳ. - 336 с.
6. Мишкуров Э.Н. Основы теоретической грамматики современного арабского языка. Ч.1–2. / Э.Н. Мишкуров. - Москва, 1978. - 326 с.
7. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон (зери таҳрири доктори илми филология, профессор Додихудо Саймиддинов). - Душанбе: Шарқи озод, 2011.
8. С. Сулаймонӣ. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / Сулаймонӣ С. - Душанбе, 2008. - 1200 с.
9. Хоҷаев Д.. Гуфтори наку куҳан нагардад / Хоҷаев Д. - Душанбе: Шуҷоиён, 2011.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат / Эмомалӣ Раҳмон - Душанбе: Эр-граф, 2016.

МЕЪЁРИ ИСТИФОДАИ ҶАМЪБАНДИИ ИСМҲОИ АРАБӢ ДАР МУҚОИСА БО ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИКӢ

Забони мардумӣ забоне мебошад, ки дар зиндагии рӯзмарраи мардум кор фармуда мешавад. Забони расмӣ ва давлатии имрӯзии мардуми тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони тоҷикӣ шохаест аз он дарахти тануманд, ки забонҳои форсию дарӣ низ бо он пеш аз истилои арабҳо ҳамреша буда, аз як сарчашма маншаъ мегирифтанд. Бо вуҷуди чанд аср ҳукумати мустақил ва ғайримустақил доштани арабҳо дар Осиёи Миёна ҷомеаи тоҷик забони худро зинда нигоҳ дошт ва оҳиста-оҳиста рушду такомул дод. Агарчи аксари вожа ва калимаҳои соҳавии арабро ҳамчун истилоҳ пазируфт, комилан зери нуфузи ин забони бегона намонд. Он чӣ аз забони арабӣ гирифт калима буд, на забон ва на грамматика. Калимагирӣ пӯшида нест, ки яке аз хусусиятҳои ҳамаи забонҳои ҷаҳон мебошад. Вуҷуди калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ моро арабзабон накардааст. Мушобеҳан, чуноне ки мавҷуд будани калимаҳои лотинӣ дар таркиби луғавии забони англисӣ англисҳоро лотинизабон накарда буд. Вақте ки бо забони гуфтугӯӣ суҳбат мекунем, манзурамон он забонест, ки ба таври табиӣ дар иртиботи рӯзмарра ва суҳбат бо ҳамдигар кор мефармоем. Дар ин раванд калимаҳои арабие вомехӯранд, ки то ҳол тоҷикӣ нашудаанд, яъне дар забони гуфтугӯӣ ривоҷ наёфтаю суфта нашудаанд. Пас, бояд ҳангоми истифодаи калимаҳои арабӣ ҳудуде муайян дошта бошем, ки дар ин мақола онро ҳадафи хеш қарор додаем, то аз ин хусус ба андозаи фаҳмиш ва дониши хеш такя бар

мадракоти илмию амалӣ изҳори назар намоем. Яке аз роҳҳои ба даст овардани меъёри истифодабарии вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ ин аст, ки суҳбати чанд тан аз донишмандони ин ва ё он соҳаи илмро сабт кунем ва ё бинависем, тамоми калимаҳои истифодабурдаи онҳоро бишмурда, аз он вомвожаҳои арабиро ҷудо намоем. Дар сурати бисёр шудани калимаҳои арабӣ ба донишмандони мазкур тавсия медиҳем, ки ба ҷойи вомвожаҳо калимаҳои асили тоҷикиро ба андозаи тавон истифода баранд, дар сурати наёфтани ягон вожаи мувофиқ ва ё носозгор омадани маъно метавонанд аз калимаҳои иқтисобии арабӣ истифода намоянд. Аз ин рӯ, мо ногузир медонем, ки барои расидан ба ҳадафи хеш ва ҳарчи бештар ривоҷ додани забони модарӣ, ҳамчун забони илму маориф ва байналмилалӣ эътироф гардидани он, то андозае аз муҳимтарин қоидаҳои забонҳое, ки иқтибосоти онҳо дар таркиби луғавиамон зиёд аст, омӯзем ва барои дарки тобишҳои маъноии вомвожаҳо сайъ намоем, то ин ки ба корбурди дурусти онҳо даст ёбем.

Калидвожаҳо: муъмин, ислом, забон, усул, таъсирот, баён, истилоҳ, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, тарҷумонӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБСКИХ ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ, В СРАВНЕНИИ С СОВРЕМЕННЫМ ТАДЖИКСКИМ ЛИТЕРАТУРНЫМ ЯЗЫКОМ

Народный язык - это язык, используемый в повседневной жизни определенного периода времени. Сегодня официальным и государственным языком таджикского народа и Республики Таджикистан является таджикский. Таджикский язык - это ветвь персидского, дари и таджикского языков, которая имела свои корни в арабском языке до оккупации арабов. Несмотря на столетия прямого и косвенного арабского правления в Центральной Азии, таджикская община сохранила свой язык и постепенно развивалась. Хотя арабские слова были заимствованы и часто употребляемы в таджикском языке, этот язык никогда не оказывал на него полного влияния. То, что было взято из арабского языка, не было ни словом, ни грамматикой. Слово являются одной из особенностей всех языков мира. Наличие арабских слов в таджикском языке не делает его зависимым от арабского языка. Так же, как наличие латинских слов в английском языке не сделало его латинским. Когда используем разговорный язык, мы подразумеваем язык, который естественным образом работает с повседневным общением и диалогом. На этом этапе таджикские слова происходят из арабского языка, хотя в таджикском языке они еще не произносились. Поэтому при использовании арабских слов у нас должна быть граница. Одним из способов добиться правильного использования арабских слов в таджикском языке является запись осмысленного дискурса в определенной области науки, не считая всех используемых слов, исключая из них арабские слова. В случае большого количества арабских слов ученому рекомендуется использовать чисто таджикские слова, а в случае отсутствия надлежащего или непоследовательного значения он может использовать арабскую цитату. Поэтому мы обязательно должны продвигать язык на международную арену, чтобы признали его языком науки, образования и интернационализации, изучив как можно больше языков, только тогда мы сможем лучше понимать наш язык.

Ключевые слова: верующий, ислам, язык, метод, влияние, выражение, термин, буквальное значение, метафорическое, перевод.

TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE RATE OF CUMULATIVE USAGE OF NOUNS ARABIC COMPARED TO THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

The authors in the given article are describing the people's language as a language that used in everyday life of a certain period of time. Today, the official and state language of the Tajik people and Republic of Tajikistan is considered Tajik. The Tajik language is a branch of the Persian, Dari, and Tajik languages, which had its roots in the arabic language before the occupation of the Arabs. In spite of centuries the direct and indirect Arab government in Central Asia, the Tajik community preserved its language and gradually developed. Although the Arabic word for most of the words and field words has never been taken away, it has never been completely influenced by this foreign language. What was taken from Arabic was not a word nor a grammar. Words are as well considered as the one of the one of the peculiarities of all the languages of the world. The presence of arabic words in Tajik does not make us arabic. Just as the presence of Latin words in English did not make the English Latin. When we talk in a spoken language, we mean the language that works naturally with everyday communication and dialogue. On this route, the words in the Tajik language come from arabic, though they have not been spoken in Tajik yet. So when using arabic words we should have a limits, which we will discuss in more details below. One of the ways to achieve the use of arabic words in the Tajik language is to record or write down a knowledgeable discourse of a particular area of science, not counting all the words that are used and excluding arabic words from it. In the case of a large number of Arabic words, the scholar is advised to use pure Tajik words, and in the case of a lack of proper or inconsistent meaning, he may use the arabic quote. Therefore, we are inevitably required to study the language in the international level standards in order to promote its native language and to recognize it as a language of science, education and internationalization, to learn more languages and to understand the meaning of words. We are comprehended our language better.

Key words: believer, Islam, language, method, influence, expression, term, literal meaning, metaphorical, translation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гурезов Ҷамшед Нурмаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**

Акрамов Файз Маҳрамович – Донишгоҳи давлатии тиҷоратиТоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба тарбия ва корҳои ташкилӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **fayz_akramov @mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-44-41-10**

Насриддиниён Бобишоҳи Ҳасанпур - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **Bobishoh.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-68-89-26**

Сведения об авторах: ***Гурезов Джамшед Нурмахмадович*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**

Акрамов Файз Махрамович **–** Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, проректор по воспитательно - организационной работе. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2. E-mail: **fayz_akramov @mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-44-41-10**

Насриддиниён Бобишохи Хасанпур - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, и.о. доцента кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2. E-mail: **Bobishoh.tj@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-68-89-26**

Information about the authors: ***Gurezov Jamshed Nurmahmadovich*** - Tajik State University of commerce, Candidate of philological sciences, senior teacher of Languages department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: gurezi@mail.ru**.** Tel.: **(+992) 938-93-93-53**
Akramov Fayz Mahramovich - Tajik state university of commerce, candidate of philological sciences, vice rector for educational work. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: **fayz_akramov @mail.ru.** Tel.: **(+992) 934-44-41-10**
Nasriddiniyon Bobishohi Hasanpur - Tajik State Commerce University; candidate of philological sciences, ex. pos. dotcent chair of languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2.

УДК: 811.21/.22-54

МУБТАДО ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ
(дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир)

Кенҷазода М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мубтадо сараъзои ҷумлаест, ки предмети фикрро далолат мекунад ва бо калиаҳои гуногунмаъное ифода меёбад, ки мафҳуми предмети грамматикӣ доранд. Мубтадо аъзои мустақили ҷумла буда, ба саволҳои кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо ҷавоб мешавад [2019, 330].

Мубтадо чунин сараъзост, ки сараъзои дигар – хабарро ва аъзоҳои пайравро ба худ тобеъ намуда, худ ба ягон аъзои дигар тобеъ намешавад. Мубтадо қариб ҳамеша дар аввали ҷумла меояд. Чунончи: Санҷар ба воситаи он расмҳо он ду фидоиро аз хароботе ёфта ҷазо дод. Отсиз дар аввалҳои ҳукумати худ монанди падараш ба Султон Санҷари Салҷуқӣ итоат кард (СА. Т. С. 13).

Забоншинос М. Норматов махсусиятҳои мубтадоро таъкид намуда, чунин меафзояд: «Мубтадо дар забони тоҷикӣ баъзе хусусиятҳо ва аломатҳои грамматикӣ дорад, ки онҳо барои фарқ кардани он аз аъзоҳои дигари бо предмет ифодашудаи ҷумла ёрӣ мерасонад:

1. Мубтадо баъди бандаки изофӣ намеояд:
2. Пешояду пасоянд намегирад:
3. Ба ягон аъзо тобеъ нест, яъне вай шоҳи ҷумла аст” [2015, 38]

Забоншинос Б. Камолиддинов чунин аломатҳои мубтадоро ишора кардаанд: “Мубтадо аломатҳои грамматикӣ дорад:

а) Аз рӯйи шахсу шумора хабар ба он мувофиқат мекунад.

б) Бо пешоянду пасояндҳо таркиб намеёбад». [2010, 35]

Ифодаи мубтадо бо ҳиссаҳои нутқ. Мубтадо предметро ифода мекунад, аз ин рӯ ҳама гуна калимаҳое, ки хусусияти предметӣ доранд, дар ҷумла мубтадо шуда метавонанд. Ифодаи мубтадоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Ба гурӯҳи аввал он ҳиссаҳои нутқ дохил мешаванд, ки бевосита ба ашё далолат мекунанд ва вазифаи асосии наҳвиашон дар ҷумла мубтадо шудан аст. Тамоми навъхои исм, ҷонишинҳои предметӣ ва масдар чунин хусусиятро дороанд.

Ифодаи мубтадо бо исм. Мубтадо –иҷрокунандаи амалу ҳолат аст. Ин гуна хусусият ба тамоми навъҳои исм як хел хос нест, аз ин рӯ дараҷаи ба вазифаи мубтадо омадани исмҳо якранг нест:

А) Исми хос. Исмҳои хоси ифодакунандаи шахс дар ин вазифа серистеъмоланд. Дар насри бадеӣ чунин навъи мубтадоҳо зиёд мушоҳида мегарданд. Дар маводи мо исмҳои хоси шахс серистеъмоланд: Абдулаҳадхон-тӯра аз шароби ноб сархуш дар базмҳои ӯрда бо ҳамроҳии дастаи созандаву сарояндагон танбӯр навохта, дилхушӣ карда нишаста буд (СУ.В. С. 12); Мирзоакрами шӯрбахт хоҳу нохоҳ хам шуда ҳамчунин ҳолати чорпо ба худ гирифту ба ҷойи бедонаи хоини худ ба ҷанг даромад. Ҳоҷиқул мисли бедона бол меафшонд, питпилиқ мекард ва гоҳе бедона буданашро фаромӯш карда монанди хар ҷуфтак мезад(СУ.В. С. 12); Абӯмуслим дар вақти хуруҷ ва иқтидори худ аз арабҳои истилогар ва тарафдорони онҳо шашсад ҳазор касро кушта буд (СА. Т. С.121). Синдбод бо ин қувваи мусаллаҳ арабҳои Нишопурро тамоман кушта нест кард (СА. Т. С.122). Темурмалик охир ғайр аз ба хоинон лаънат ва нафрат фиристодан ва рафиқони худро барои интиқомкашӣ аз душманони ғаддори хунхор ташвиқ карда, ба онҳо ҷасорат ва ғайрати тоза додан, барои худ воситаи тасаллии дигаре наёфт. (СА. Т. С.54).

Исмҳои хоси ғайришахс низ ба вазифаи мубтадо истифода мегарданд, аммо нисбатан каманд: Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм дар он замонҳо ободтарини мамлакатҳои Шарқи ислом буданд(СА. Т. С.3).Банокат, Хатлон, Вахш, Чағониён,

Тирмиз, Балх, Марв, Шодбох, Нишопур, Нисо, Шаҳристон, Деҳистон, Абевард ва Тӯс барин чандин вилоятҳо ва шаҳрҳои ободи серодам буданд(СА. Т. С. 4); Хуҷанд монанди чандин шаҳрҳо ва навоҳии дигари Мовароуннаҳр ва Хуросон дар ҳуҷуми Чингиз ба ҳоли худ гузошта шуда буд. (СА. Т. С. 4); (СА. Т. С. 34);

Б) Исми ҷинс. Мубтадо бо исми ҷинси ифодакунандаи шахс зиёд ифода мегардад: Хоҷагон, хусусан хоҷагони мираконӣ ва Ғиждувонӣ ба дуохонӣ ҳам машғулӣ мекарданд: Мардум беморон ва девонагонро аз атроф ба хонаҳои онҳо меоварданд(СА. Ё.. С. 10); Падару бобоҳои ман аз ҷумлаи хоҷагони соктарегии ин деҳа буданд(СА. Ё.. С. 10); Пахтакашон аз пахтаҷаллобон ғӯзаи ҷойдориро гирифта бо даст кашида, аз ҳаллоҷӣ гузаронида пахтаи тозакардаро бо пунбадонааш ба хӯҷаин месупурданд ва дар ин кор ҳаққи ночизе мегирифтанд(СА. Ё.. С. 12); Падарам ба онҳо баъд аз он, ки як назари нимғазаболуд ва нимистеҳзокорона андохт(СА. Ё.. С. 12); Сартароши солхӯрда деҳқони ҷавонеро рӯйи санг шинонда мӯйи сарашро метарошад(СА. Ё.. С. 12);

Исмҳои ҷинси ғайришахси ифодакунадаи мафҳумҳои гуногун низ мушоҳида гардиданд: Ҳуҷуми ногаҳонии шабона–шабохун муваффақиятнок баромад. (СА. Т.. С. 44); Манҷаниқҳо ба кор даромаданд. (СА. Т.. С. 44); Нафти оташгирифта ба рӯйи об қадре сӯхта хомӯш мегардид (СА. Т.. С. 47); Ҷангҳои манҷаниқӣ ва чархӣ чандин рӯзҳо бар зарари чингизиён давом карданд. (СА. Т.. С. 47); Аммо боғу бӯстонҳо бо токҳои ангур ва дарахтони мевадор ва киштзорҳо бо ҳосилоти бисёрашон барқарор монда буданд. (СА. Т.. С. 49); Шаҳр дар муҳосира монд, (СА. Т.. С. 50); Фоҷиаи таслими шаҳри Хуҷанд ва қатли ом карда шудани аҳолии он барои Темурмалик як мусибати пурзӯри ногаҳонӣ шуд. (СА. Т.. С. 54); Баҳор, баҳори хурраму хандон, сабзпӯш ва гулбасар дар айни ҷавлону худнамоӣ. (СА. Т. С. 19); Гунҷишкҳо, фароштурукҳо чаҳ-чаҳкунон дар осмони софи лоҷвардӣ парафшон ва дар ташвишу тараддуди ошёнсозӣ... (СА. Т. С. 1();

Ифодаи мубтадо бо сифат. Сифат низ ба вазифаи мубтадо меояд. Дар ин ҳолат сифат ҳам худи предмет ва ҳам аломати ҳамон предметро инъикос мекунад. Ба ин вазифа он сифатҳое истифода мешаванд, ки бо роҳи субстантиватсия аз сифат ба вазифаи исм гузашта категорияи исмро қабул намудаанд: Ҷавонон дар ин хусус бисёртар тааҷҷуб мекарданд (СА.Т. 17)

3. Ифодаи мубтадо бо ҷонишин. Чи тавре ки дар сарчашмаҳо қайд шудааст, ҷонишинҳои предметӣ дар ҷумла бевосита ба вазифаи мубтадо меоянд. Ҳамаи хелҳои ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ, саволӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ ва муштарак мубтадои ҷумла шуда метавонанд. Ҷонишинҳои шахсӣ ва таъиниву нафсӣ нисбатан бештар ин вазифаро адо мекунанд:

а). Ҷонишинҳои шахсӣ. Ҷонишинҳои шахсӣ дар ҳар се шахс ҳам дар шакли ҷамъ ва ҳам танҳо ба вазифаи мубтадои ҷумла меояд. Азбаски дар асари бадеӣ нависанда нақлкунанда аст ва сухании тасвирии он аз нутқи ӯ бармеояд, ҷонишинҳои шахсии шахси якуми танҳо ва ҷамъ , инчунин ҷонишини шахси сеюми танҳо бештар истифода мегардад: Ман дар он вақт аз ҳад зиёд пурмуболиға будани ин нақли падарро ҳаргиз ҳис накарда будам(СА. Ё. С. 200); Ӯ дар бехи ҳар поя танҳо чор дона бехҷастро монда бачкиҳои дигарро канда партофт. (СА. Ё. С. 203); Ту корвонро наҷот додӣ, моро аз аҷали муаллақ раҳондӣ! (СУ. РС. С. 15); Вай аз падари суғдӣ ва модари турк таваллуд ёфта буд(СУ. РС. С. 19); ВАй бемаҷолу бесадо ба ҷавон таслим шуд(СУ. РС. С. 40); Шумо ба ҳар гуна лофу газоф гӯш наандозед, худатонро ба хатар наандозед (СУ. РС. С. 145);

Дар ифодаи абстрактии ҷонишинҳо ҳар як предмет, ки ба вай ишорат карда мешавад, на фақат бо сохти зоҳирӣ, инчунин бо тамоми хусусиятҳояш ба назар меояд. Масалан, дар ифодаи ҷонишинҳо аз як ҷиҳат ба предметҳо ишора карда шавад, баробари ҳамин, аз онҳо таъкид ва соҳибият низ тасаввур карда мешавад. Ин хусусиятро ҷонишини ман шахси якуми танҳо дорост: Ман рафта бобоятонро оғӯш кардам ва худамро дошта натавониста гиря кардам (СУ.СҶ. С.15); Ман аз он ғазали латиф ва савти зариф об шуда, сарамро ба китфи модарам такя дода нишаста будам(СУ.СҶ. С.17); Ман тарсида ба модарам маҳкам часпида гирифтам (СУ.СҶ. С.18);

Б).Ҷонишини нафсӣ: Ҷонишини нафсии худ ҳам алоҳида ва ҳам бо бандакҷонишинҳои шахсӣ –соҳибии –ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон ба вазифаи мубтадо меоянд: Худи ҳамин барои ман як фоида аст (СА. МС, С, 10); Худаш ҳам дар як кодок нишаст (СА. МС, С, 75); Худам сари синаамро бар рӯ ба рӯи шӯълаи оташ рост нигоҳ дошта ба лаби гулхан нишастам…(СА. МС, С, 75); Худам ҳам дар ин фикр будам(СУ. РС. С. 67); Онҳо рафиқони Виркан буданд(СУ. РС. С. 106); Худат чаро намебарой? (СУ. РС. С. 176)

Таъсирнокии ҷонишинҳо аз категорияи грамматикӣ ва қонунияти истеъмол гардидан ва аз хусусияти услубии онҳо муайян мегардад, чунки онҳо одатан ба предметҳои муайян ва муқаррар ишора мекунанд: Ман поҳоямро ба сандалӣ дароз карда якрӯя ёзидам(СА.

МС. С. 76); Онҳо ба ҳар кадом одами кирошуда ғайр аз тӯшаи сафар боз панҷсӯмӣ пули русӣ ҳам доданӣ шуданд. (СУ. В. С. 200);

Калимаҳои камина ва банда дар мавридҳои алоҳида ҳамчун ҷонишини шахсӣ, яъне шахси якуми танҳо ба вазифаи мубтадо истифода мешаванд: Банда бегуноҳ нестам(СУ. В. С. 215); Банда ба имом гуфтам(СУ. Ф. С. 17); Камина, дарвоқеъ, аз ҷониби шумо ҳеҷ як гапи ҷогаҳӣ надорам... (СУ. Ф. С. 285); Аз барои ҳамин камина боз ба ҳузури шумо омадам(СУ. Ф. С. 285);

В)Ҷонишинҳои саволӣ: Кӣ ба набарди ин чокари суғдӣ мебарояд(СУ. РС. С. 176); Кӣ гирифта бошад? (СУ. Ф. С. 36);

Г) . Ҷонишинҳои таъинӣ. Ҷонишинҳои таъинӣ ду вазифаи услубиро адо мекунад; якум таъинот: Ҳама хешони дуру наздики хонадони бухорхудотҳо огоҳ буданд (СУ. РС. С. 122); Ҳамаашон солхӯрда буданд (СУ. Ф. С. 23); Ҳама хандиданд (СУ. СҶ. С. 42);

Дуюм таъкид: Ҳар кӣ аз болои бурҷу бораҳо ба шаҳр нигоҳ мекард, шаҳрро ғарқи баҳри кабудӣ медид (СУ. РС. С. 171);Ҳар ду то миён бараҳна, мӯи сари ҳарду то буни гардан фуромада ва бо чанбарки нафиси баста(СУ. РС. С. 58);Ҳар кадомат аз ҷонат сер шуда бошӣ, наздик биё! (СУ. РС. С. 107); Ҳар кас ба ҳар шева мусибати худ, дарду алами худро гуфта мегирист, нола макард(СУ. РС. С. 193); Ҳар ду бари кӯча аз тамошобинон пур буд(СУ. Ф. С. 41);Ҳар кӣ дар “Шоҳнома” ин достонро хонда бошад, медонад(СУ. Ф. С. 46); Ҳар кадоми онҳоро баду муллобача ба ҳамин шарт додам(СУ. МС. С. 48.)

Ғ) Ҷонишинҳои номуайянӣ. Ҷонишинҳои номуайянӣ нисбат ба ҷонишинҳои шахсӣ камистеъмоланд. Аслан, ҷонишинҳои номуайянии кадом, чанд, баъзе, дигар бештар истифода гардидаанд: Дигарон мекалавиданд (СУ. РС. С. 208); Кадоме аз аҳли ҳадис ё аз уламои кубор ба ин нукта ишорат кардааст(СУ. Ф. С. 39); Чанд нафар талабагони авбош рафта ба Амини Муш ёрӣ дода, ба ӯ ҳамроҳӣ карданд (СА. МС, с. 30); Аз онҳо болотар дар ҳаво як чанд мурғони лошахӯр ҳам менамуданд(СА. МС, с. 80); Чанд нафари он силоҳдорони ношинос таппончаҳошонро муҳайёи парронданд карда истода ходимони бонкро ба садо набаровардан амр фармуданд(СА. МС, с. 115); Кадом шоир бой шудааст? (СА. МС, с. 80); Кадом одам ҳамин хед корди калонро ба роҳ афтонда гум мекунад?

Ҷонишинҳои номуайянӣ монанди ҷонишинҳои шахсӣ ба вазифаи мубтадо серистеъмоланд. Ҷонишинҳои баъзе ва кадом (кадоме) шахсро ифода намуда, нисбат ба дигар ҷонишинҳои номуайянӣ бештар ба вазифаи мубтадо меоянд. Ҷонишинҳои мазкур дар ин вазифаи наҳвӣ бо муайянкунанда меоянд: Баъзе талабаҳо ба сабаби дар зери ҳимояти ягон одами калон ё шогирди ягон муллои бонуфуз будан, ба воситаи онҳо ҳучраеро ба даст дароварда чанд гоҳе аз дарбадарӣ халос мешуданд (СА. Ё. С. 247); Баъзе мунозирачиён ба домулло хитоб карда шубҳаҳо баён мекарданд, баъзеҳо дар миёнаи худ мунозира сар мекарданд. (СА. Ё. С. 256); Чанде аз хидматгорон ба гӯрковӣ ва дафни мурда машғул буданд (СУ. РС.С.17); Дар замони пеш баъзе мадрасаҳо кутубхонаи махсус ҳам доштааст (СА. Ё. С. 244);

Д).Ҷонишинҳои манфӣ. Ҷонишини манфии ҳеҷ ба вазифаи мубтадо дар шакли таркибии ҳеҷ кадом, ҳеҷ кӣ, хеҷ чӣ, хеҷ як меояд: Ҳеҷ кас намеояд, хавотир накаш(СУ. РС. С. 40); Ҳеҷ кадоми онҳо дар контураи шаҳриашон баъд аз соати кор пул намонданд (СА, МС. С. 17). Ҳеҷ кадоми онҳо пули нақд дода натавонистанд(СА, МС. С. 74).

Е) Ҷонишинҳои ишоратӣ: Инҳо бузургзодагон, авлоди шоҳон ва мрликони деҳаҳо буданд (СУ. РС. С. 119); Ин ба ман бисёр алам кард (СУ. Ф. С. 21); Он оташ чандон гармӣ дошт (СА. МС, 56)

11.Ифодаи мубтадо бо шумора. Шумора ҳо сутантиватсия шуда, дар ҷумла ба вазифаи мубтадо меоянд. Шумораҳои миқдорӣ ҳамчун номи адад дар вазифа зиёда истифода мешаванд. Дуяшон бо ниҳояти шиддат ва тундӣ шамшерзанӣ мекарданд (СУ. РС. С. 15); Садҳо ҳазор мардум аз насл ба насл дар кашидани деворҳо ва таъмини анҳо меҳнат мекарданд(СУ. РС. С. 118)

Шумораҳои аслӣ ва тахминӣ дар ин вазифаи наҳвӣ бештар нумератив мегиранд ва ё бо ҷонишини таъинии ҳар таркиби устувори номиро ташкил медиҳанд. Шумораи тартибӣ хусусияти исмӣ пайдо карда, дар мавриди ба вазифаи мубтадо омадан бештар тафсил меёбад. Азбаски шумораҳои тартибӣ шахси танҳоро мефаҳмонанд, ҳангоми мубтадоро ифода кардани онҳо хабар дар шакли танҳо меояд: Ҳар се нафар роҳи шаҳри Бухороро пеш гирифтем. Дуяшон ба якдигар нигоҳ накарда, дилсардона дастфишорӣ намуданд(СУ. В. С. 356); Дуяшон ҳамроҳ ба деҳа даромаданд; (СУ. В. С. 51); Дуяшон аввал чапотӣ ва баъд дунбулбирёнро тановул карданд; (СУ. В. С. 56);

Ба вазифаи мубтадо шумораҳои тахминӣ серистеъмоланд: Баъд ду-се нафар балҷувониҳои ношинос ҳам: «лозим нест, додарон, пули нону чойро худамон додем» гуфта пули Назирро гардонданд (СУ. В. С. 377); Ду-се нафар зани ҷавон сар ба зер афканда ё рӯйҳошонро бо нӯги рӯмолҳои худ нима пӯшонидаанд ва овози баланд

намебаровардand(СУ. В. С. 341); Ду-се нафарашон дар кунҷи дарахтзор заминро кофта оташдон месохтанд (СУ. В. С. 255); Як сӣ нафар деҳқону чӯпон дар ҳавлии беруни арбоб ҳозир гардиданд. (СУ. В. С. 67);

Шумораҳои таркибӣ кам мушоҳида гардиданд: Чилу се нафар савор бо сардории ӯ ба тарафи Сурхоб – ба назди Саидалӣ равона шуданд. (СУ. В. С. 356);

1.2.Ифодаи мубтадо бо сифати феълӣ. Сифати феълӣ ба вазифаи исм гузашта, дар ҷумла ба вазифаи мубтадо меоянд. Чунин сифатҳои феълӣ, асосан, шахсро ифода мекунанд. Аммо вазифаи грамматикии сифати феълӣ дар ҷумла муайянкунанда шудан аст: Кушташудагон ва маҷрӯҳони дастаи Молик дар регзор монданд (СУ. РС. С. 17); Кӯбанда рухсати ворид шудан гирифта дарро яла карду тез-теш қадам партофта пеши суфа омад(СУ. РС. С. 159); Бошандагони Шодоб аз шарри имони худ ба дод омадану додрас наёфтанд (СУ. Ф. С. 16); Шунавандагон ҳар дам баҳ! Баҳ! Гӯён сар меҷунбонданд, аз шеъри рангину сухани намакини шоир ҳаловат мебурданд(СУ. Ф. С. 24); Гӯянда аз ханда бозистода буд(СУ. Ф. С. 61

13. Масдар. Масдар ба вазифаи мубтадо кам меояд ва дар маводи мо чунин аст: Омадани ровии ҷавон айни муддаост(СУ. Ф. С. 20); “Зикри мубтадо ба талаботи фикр, созмони ҷумла ва шакли грамматикии хабар вобаста аст: хабарҳои феълӣ ба шахси якум ва дуюм далолат кунад, бо ҷонишин ном бурдани соҳиби амалу ҳолат (ман, мо, моён, ту, шумо) шарт нест, зеро мусоҳибон ҳангоми муколама ҳозиранд ва шакли хабар ба субъекти а амалу ҳолат ишора мекунад. Аз ин ҷост, ки ҳамеш матлабро бе мубтадо оғоз намуда, матлабро дар қолаби ҷумлаи дутаркиба баён кардан ҳоҷат нест. Агар мақоми соҳиби амалу ҳолат таъкид ёфта бошад ва ё амалу ҳолати субъектҳои гуногун ба тариқи қиёс баён шуда бошад, дар мақоми мубтадо зикр кардани ҷонишин ҳатмист[1992, 68] .

Бояд зикр намуд, ки дар асарҳои бадеӣ, дар нутқи муколимавӣ, нутқи тасвирӣ ин ҳодиса мушоҳида мегардад, яъне мубтадои ҷумла зикр намегардад: — Ҳа, дар телевизор дида будем (БФ. Дм. С. 35); Ҳусни хати зебо доштед (БФ. Дм. С. 65); — Ҳеҷ чизро намефаҳмидаед. (БФ. Дм. С. 109); Барои ҳамин ин қадар сурх шудӣ? (БФ. П.аз. ш.ар. С. 9); Моту мабҳут аз ду дасти ман бо ду даст гирифтеду рост ба чашмонам чашм дӯхтед ва мунтазири ҷавоб тағйири авзои маро менигаристед? (БФ. П.аз. ш.ар. С.14); Баъди хатми мактаби миёна ба нияти таҳсили илм ба шаҳр рафтам (БФ. П.аз. ш.ар. С15); Дар донишгоҳ ҳуҷҷатҳоямро супоридаму дар хобгоҳ иқоматгоҳ гирифтам ва сипас аз пайи Шумо рафтам (БФ. П.аз. ш.ар. С15); – Дигар нависандаро шинохтан намехоҳам (БФ. П.аз. ш.ар. С15); Боз куҷои шаҳрамонро ба шумо нишон диҳам?.. Хайр, аввал ба ягон ресторани хуб рафта, хӯрок хӯрем чӣ? (БФ. П.аз. ш.ар.С.15);

Мубтадо аз ҷиҳати шакли грамматикиаш: сода, таркибӣ ва тафсилӣ мешавад. Мубтадоҳои содаю таркибӣ бештар муайянкунандаҳоро ба худ тобеъ намуда тафсил меёбанд. Аз ин ҷиҳат имконият ва тарзи тафсилёбии мубтадоҳои номӣ ва масдарӣ як хел нест:

Саркардагони Султон Муҳаммад ҳам ба итоати ӯ якдилу якзабон набуданд(СА. Т. С. 17); Ин ғалабаҳои тасодуфии осон дар ӯ як ақида пайдо кунонид (СА. Т. С. 20); Фиристодагон фаҳмиданӣ буданд (СУ. РС. С. 136);

Мубтадои сода. Мубтадои содда, одатан, бо як калимаи мустақилмаъно ифода меёбад. Он калима ҳиссаҳои гуногуни нутқ шуданш мумкин аст. Чунончи:

Исм: Қарахитоиён ба самарқандиён кинаи сахт доштанд (СА. Т. С. 30); Темурмалик ҳам бо киштиҳои худ аз сафи ҷанг ба пеши қалъаи обии худ баргашт. (СА. Т. С. 43); Шӯрапушт аввал он зарбаҳоро писанд накард(СУ, СҶ. С. 49);

Ҷонишин: Ӯ афкори оммаро ба назар намегирифт, ба муҳаббат ва нафрати оммаи мардум эътибор намедод (СА. Т. С.30); Вай Кали Ашӯр ном қиморбозу бедонабози ғиждувониро мешинохт (СУ.В. С.10); Шумо асил дӯсти ман, ғамхори ман ҳастед(СУ.В. С.15); Вай шона, ресмон, сӯзан, сурма, даҳани фаранг, тишкол, сақич ва монанди ҳамин чизҳоро мефурӯхт (СУ, СҶ. С. 41) ;

Мубтадои таркибӣ. Мубтадои таркибӣ ду калимаи ҷудогона як мафҳумро ифода намуда, ба вазифаи мубтадо ояд, мубтадои таркибӣ номида мешавад [Норматов, 2015, 44]. Мубтадоҳои таркибӣ аз ҷиҳати сохт хеле гуногунанд:Чунончи: Ду нафари онҳо пешопеши саворони дигар асп ронда суханҳои ба мусофири мо нофаҳмо: «Ҳазрати амирнинг эсанликларига Худо тавфиқу адолат берсун!»-ро мад кашида бо овози баланд ҷор меандохтанд. (СУ.В. С.151); Ду нафари онон аз тарафе гӯсфандеро кашола карда меоварданд;(СУ.В. С.255); Ду-се нафарашон дар кунҷи дарахтзор заминро кофта оташдон месохтанд (СУ.В. С.255); Ҳеҷ кас охири умри худро ба тарзи қатъӣ намедонад(СА. Ё. С.7); Аҳли қишлоқи мо ҳамагӣ аъзои колхозанд(СА.Д. С.406); Ду каси дигар бо ду бели чӯбин он қиёмро лат медоданд(СА. Ё. С.34); Арбоб Ҳотам манам (СА. МС. С. 91); Раҳими Қанд аз ин инъоми талабагон, ки ҳеҷ ба он нигарон набуд, бисёр хурсанд шуда: (СА. МС. С. 31);

“Бизумрад ногаҳон аз ин хушҳолии яклаҳзагӣ якбора ба ҳолати дигар гузашт, ким-чӣ ба ёдаш омаду рӯяш турш, абрувонаш чин шуданд” – Бизумрад неожиданно изменилась, исчезла с ее лица мгновенная радость, что-то вспомнила, надулась и загрустила.

“Димоғи касе чоқ будан” – иметь приподнятое настроение – ***“димоғи касе сухтан”*** (надуться).

Например: ***“Аз либоси он духтар бӯи хуши атри аъло вазида димоғи маро чоқ ва диламро бетоқат мекард”*** – Приятный запах отличных духов девушки услаждал меня, меня охватило волнение.

“Димоғи ҳамаи рафиқон аз ин меҳмони нохондаи дилбеҷокунанда сӯхта буд”- От этого незваного отвратительного гостя у всех товарищей было испорчено настроение, больше всех оно было испорчено у меня.

“Дили касе қушода шудан” (радоваться) – ***табиаташ вайрон будан*** (надуться).

Например: “Шокир, ки табиаташ андак гирифта буд...” – Шакир, у которого не было настроение... “***кайфи касе паридан”*** (испортить настроение).

Например: ***“Боз чӣ бало зад, кайфат паридааст”.*** – Что случилось, что ты так расстроен.

“Сари касе баланд шудан” (возвышаться) – ***“сархам шудан”*** (стыдиться).

Например: ***“Дар байни чор кас сараш баланд шавад гуфтам”***- Хотел возвыситься среди людей.

По этой проблеме изучение природы фразеологизмов, характер и особенность фразеологии является в последние годы одним из важнейших вопросов исследования языковедов. Фразеологические единицы (ФЕ) образуют значительную часть лексического состава любого языка. Складываясь на протяжении веков как один из важных элементов языка, они развивались в соответствии с его законами и правилами. Несмотря на то, что в принципе основные проблемы фразеологии одинаковы для всех языков, в каждом из них имеются свои специфические особенности, отражающие различные формы бытования (литературная, разговорная, прозы или поэзии), национальные черты и формы исторического развития.

Фразеологизмы исключительно глубоко проникли в строй языка и настолько тесно соприкасаются с элементами разных уровней, что отсутствие исследований по различным проблемам фразеологической системы языка отрицательно сказывается на изучении других областей, в частности, лексики, морфологического и синтаксического строя.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе, 1973.
2. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 1982.
3. Маджидов Х. К вопросу о классификации фразеологических единиц современного таджикского языка / Х.Маджидов. - Т., 1964.
4. Хушенова С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка / С.В. Хушенова. - Душанбе, 1971.
5. Виноградов В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины / В.В. Виноградов. - Л.: ЛГУ, 1946.
6. Иброгимов И.И. Сравнительно-сопоставительное исследование семантических фразеологизмов: автореферат... канд... дисс... / И.И. Иброгимов. – Баку, 1964. - С.24.
7. Кунин А.В. Фразеология современного английского языка / А.В. Кунин. - М.: Просвещение, 1972.
8. Маджидов Х. К вопросу о классификации фразеологических единиц современного таджикского языка / Х. Маджидов. - Т., 1964.
9. Шанский Н.М., О фразеологизме как языковой единице и предмете фразеологии / Н.М. Шанский // Проблемы устойчивости и вариативности фразеологических единиц. - Тула: ТГУ, 1986.
10. Ожегов С.И. О структуре фразеологии. Лексикографический сборник. Выпуск 2 / С.И. Ожегов. - М.: Наука, 1967.

АНТОНИМҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИФОДАГАРИ ЭҲСОСОТ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ибораҳои устуворе, ки моҳияти зидмаъноӣ доранд, вожаҳои зидмаънои фразеологӣ номида мешаванд. Антонимҳои фразеологӣ ҳамчун воҳиди лексикӣ дар услуби баёни забони тоҷикӣ нақши муҳим доранд. Дар ибораҳои феълии фразеологӣ ҳиссиёти нутқи гӯяндаро ба шунаванда мерасонад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ибораҳои фразеологии зидмаъноӣ дар он аст, ки онҳо ҳамчун антонимҳо дигар наметавонанд, ифода ёбанд. Ин аз он вобастагӣ дорад, ки воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун воситаи баёни эҳсосот дар ҳар як забон баъзан ҳамчун ифодаи манфӣ ва баъзан мусбат хизмат мерасонад. Воҳидҳои фразеологӣ ҳиссаҳои маънодори калимаро ифода карда, аз хусусияти дохилии ҳар як забон вобаста аст. Вобаста ба рушду нумуи ҳар як забон дар тӯли асрҳо дар доираи қонуну қоидаҳои худ инкишоф меёбад. Новобаста аз он ки масъалаҳои асосии ибораҳои фразеологӣ барои ҳамаи забонҳо якхела аст, ҳар яки он хусусият, моҳият, сохтор, ифодаи шева ва забони адабии худро доранд, ки дар давраи таърихан муҳимми ҳаёти ҷомеа рушд менамоянд. Фразеологизмҳо ба сохтори забон хеле амиқ ворид шуда, бо унсурҳои соҳаҳои мухталифи забон робитаи ногусастанӣ доранд, ки набудани таҳқиқот оид ба мушкилоти гуногуни системаи фразеологии забон ба омӯзиши дигар соҳаҳо, аз ҷумла сохтори лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ таъсири манфӣ расонида метавонад.

Калидвожаҳо: ибораҳои устувор, зидмаъно, нутқи гӯянда, эҳсосот, ифодаи манфӣ, хусусият, моҳият, сохтор, ифодаи шева, робитаи ногусастанӣ, системаи фразеологӣ.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ АНТОНИМЫ, ВЫРАЖАЮЩИЕ ЭМОЦИИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Устойчивые словосочетания, обладающие противоположным содержанием, называются фразеологическими антонимами. Фразеологические антонимы, как и лексические, в таджикском языке выполняют огромную семантико-стилистическую функцию. В глагольных фразеологических антонимах выражается, помимо содержания, эмоция говорящего к объекту речи. Одна из отличительных особенностей фразеологических антонимов - то, что они как словесные антонимы не могут употребляться, а располагаются инстанционно. Это связано с тем, что фразеологизмы как выразительное средство в каждой языковой ситуации служат для создания определенного, либо положительного, либо отрицательного эффекта. Фразеологические единицы (ФЕ) образуют значительную часть лексического состава любого языка. Складываясь на протяжении веков как один из важных элементов языка, они развивались в соответствии с его законами и правилами. Несмотря на то, что в принципе основные проблемы фразеологии одинаковы для всех языков, в каждом из них имеются свои специфические особенности, отражающие различные формы бытования (литературная, разговорная, прозы или поэзии), национальные черты и формы исторического развития. Фразеологизмы исключительно глубоко проникли в строй языка и настолько тесно соприкасаются с элементами разных уровней, что отсутствие исследований по различным проблемам фразеологической системы языка отрицательно сказывается на изучении других областей, в частности, лексики, морфологического и синтаксического строя.

Ключевые слова: устойчивые словосочетания, антонимы, стилистическая функция, объект, отрицательный эффект, эмоция, национальная черта, специфика, особенность, элемент, лексический строй.

PHRASEOLOGICAL ANTONYMS EXPRESSING EMOTIONS IN TAJIK LANGUAGES

Stable phrases with the opposite meaning are called phraseological antonyms. Phraseological antonyms, as well as lexical ones in the Tajik language, fulfill a huge semantic-stylistic function. In verbal phraseological antonyms, the expression of the speaker expresses to the object. One of the distinguishing features of phraseological antonyms is that they, like verbal antonyms, cannot be used, but are located instantaneously. This is due to the fact that phraseological units as an expressive means in each language situation serve to create a definite, either positive or negative effect. Phraseological units (phraseological units) form a significant part of the lexical composition of any language. Developing over the centuries as one of the important elements of the language, they developed in accordance with its laws and rules. Despite the fact that, in principle, the main problems of phraseology are the same for all languages, each of them has its own specific features, reflecting various forms of being (literary, colloquial, prose or poetry), national features and forms of historical development. Phraseologisms penetrated extremely deeply into the structure of the language and are so closely related to elements of different levels that the lack of research on various problems of the phraseological system of the language negatively affects the study of other areas, in particular vocabulary, morphological and syntactic structure.

Key words: stable phrases, opposite, stylistic function, express, object, feature, verbal antonym, situation, create, significant, important element, various forms, structure, system, particular.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна*** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2. E-mail: **irodaturdiakhanova@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-44-45-79**

Сведения об авторе: ***Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти, 1/2. E-mail: **irodaturdiakhanova@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-44-45-79**

Information about the author: ***Turdi-Akhanova Iroda Abdumalikovna*** - Tajik State University of commerce, candidate of philological sciences, the Head of Languages department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: **irodaturdiakhanova@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-44-45-79**

УДК:891.1

СООТНОШЕНИЕ ПОНЯТИЙ ТЕКСТ, ГИПЕРТЕКСТ И ИНТЕРТЕКСТ

Алламуродова С.Дж.
Таджикский национальный университет

В лингвистике термин "текст" употребляется в широком смысле, включая образцы устной речи. Восприятие текста изучается в рамках лингвистики текста и психолингвистики. Например, И. Р. Гальперин определяет текст следующим образом: "это письменное сообщение, объективированное в виде письменного документа, состоящего из ряда высказываний, Объединенных различными типами лексических, грамматических и логических связей, имеющих определенный нравственный характер, прагматическую установку и, соответственно, литературную обработку"» [2, с.67].

В теории литературы текст - это любой объект, который можно "прочитать", будь то литературное произведение, уличный знак, расположение зданий в городском квартале или стили одежды. Это связный набор знаков, который передает некое информативное сообщение [8]. Этот набор знаков рассматривается с точки зрения содержания информативного сообщения, а не с точки зрения его физической формы или среды, в которой оно представлено.

В области литературной критики " текст "также относится к первоначальному информационному содержанию конкретного произведения; то есть" текст " произведения - это то изначальное символическое расположение букв, которое первоначально составлялось, за исключением более поздних изменений, ухудшений, комментариев, переводов, паратекста и т. д. Поэтому, когда литературная критика занимается определением "текста", она занимается различением исходного информационного содержания от того, что было добавлено к этому содержанию или вычтено из него, как оно появляется в данном текстовом документе (то есть физическом представлении текста).

Поскольку история письменности предшествует понятию "текст", большинство текстов не были написаны с учетом этого понятия. Большинство письменных работ относится к узкому кругу типов, описываемых теорией текста. Понятие " текст "становится актуальным, если и когда" связное письменное сообщение завершено и на него необходимо ссылаться независимо от обстоятельств, в которых оно было создано.

Слово текст берет свое начало в книге Квинтилиана о речах, с утверждением, что "после того, как вы выбрали свои слова, они должны быть сплетены вместе в тонкую и тонкую ткань", с латинским названием ткани textum. Рассмотрим понятие гипертекст. Т.Нельсон, создавший систему «Ксанаду» в 1960-х, назвал гипертекстом множество текстов со связывающими их отношениями (системой переходов). Его система «Ксанаду» позволяла пользователю прочитывать совокупность текстов, введенных в систему, различными способами, в разной последовательности, «программное обеспечение давало возможность как запоминать последовательность просмотренных текстов, так и выбирать из них практически любой в произвольный момент времени. Многие исследователи рассматривают создание гипертекста как начало новой информационной эпохи, противопоставленной эре книгопечатания. Линейность письма, внешне отражающая линейность речи, оказывается фундаментальной категорией, ограничивающей мышление человека и понимание текста. Мир смысла не линеен. Отказ от линейности текста и в процессе его представления читателю (т.е. при чтении и понимании) и в процессе синтеза, по мнению теоретиков, способствовал бы «освобождению» мышления и даже возникновению его новых форм» [6]. Когда графики, совместные вхождения и изображения, созданные программным обеспечением - *Tropes* - переплетаются на экране, они образуют расширенную и разнообразную шнуровку, динамический текст текстов, текст вне текстов, гипертекст (*гипер*-, смысл *над, вне*). Кроме того, когда изображения фрактализуются для получения специальных масштабированных слоев разнообразных изображений, они естественным образом покрывают не только образные изображения, которые мы привыкли наблюдать в повседневной жизни (плакат, камень, кто-то, картинка, фильм, призрак, Интернет-страница, здание), но будет включать изображения буквенно-цифровой, фонетической, иероглифической природы, наскальные рисунки, скульптуры, любой символический код из любой культуры и любой эпохи. Следовательно, во всех культурах всех времен буквы, значки, изображения, идеограммы, *a, 5, w* или π являются изображениями (Van Leeuwen, 2005). Следовательно, мы смотрим на процесс гипертекстуализации в его самом широком и постмодернистском смысле, который сначала включает *интертекстуальность*, то есть отношения между письменными текстами, такими как текст, вложенный в текст, или текст, связанный с другим текстом, виртуальным или цифровым. Но гипертекстуализация также включает в себя *гипертекстуальность*, термин, фактически используемый только для

отношений между электронными текстами и изображениями . Тем не менее, мы рассматриваем гипертекст как *переплетение* (или переплетение переплетений) символов и / или изображений, гипертекстов и / или гиперизображений, и оно предлагает сложную комбинацию, которая расширяет и обогащает поле текстуальности, дискурса и языка. Кроме того, если буквы представлены изображениями, и, конечно, изображения изображениями, *гипертекст* включает прошлые, настоящие и предполагаемые комбинации образов в культуре (включая, очевидно, технокультуру) и в природе. Обе области (культура и природа) находятся в одной плоскости, гипертекстовые ссылки и объединяют их в обширную и не фрагментированную теорию, которая включает в себя сложность. Тем не менее, необходимо еще раз указать, что термин «гипертекст» фактически используется главным образом в вычислениях и «в некотором отдаленном или недалеком будущем все отдельные тексты будут связываться друг с другом в электронном виде, создавая таким образом метатексты и метаметатексты только вида отчасти мыслимое в настоящее время» (Landlow, 2006, p.69). Поэтому, в дополнение к заявлению Лэндлоу, мы будем использовать понятие гипертекста не только для цифровых гиперссылок, но и для физических - напечатанных, вырезанных, нарисованных, жестом или иным образом - и для умственных. Поэтому гипертекстуализация открывает постоянное движение от *in silico* - на бумагу, от руки, до ума и другие потенциально предполагаемые ресурсы - будь то нематериальные, материальные и / или технологические. Соответственно, термин и процесс «текст» расширяются до объема, выходящего далеко за рамки традиционного определения. Фактически он расширен до *гипертекста*, то есть значительно расширен до максимума.

Примечательно, что понятие «экспансия», содержащееся в *гиперфосфере* морфемы, может также отражать появляющееся в постмодерне поле феномена качественного анализа, которое представляет собой значительное расширение исследований, по крайней мере, в социальной и гуманитарной областях, то есть интеграцию как качественного, так и количественного анализа, который рассматривался как два различных метода исследования. Возьмите термин «самоподобие» в качестве примера. Сочетая качественные и количественные методы, как полагают Fielding и Cisneros-Puebla (2009), *тексты, лексика, слова, гипертексты и гиперимбы* оказываются самоподобными *фракталам* Mandelbrot. В то же время самоподобие устанавливается внутри каждого и между ними. Аналогичным образом, качественный анализ представляет собой инновационный фрактал в обширной области исследований. Таким образом, лингвистика и качественный анализ объединяют термодинамические фракталы при поиске гипертекстов [13].

Интертекстуальность - это формирование смысла текста другим текстом. Это взаимосвязь между похожими или родственными произведениями литературы, которые отражают и влияют на интерпретацию текста аудиторией. Интертекстуальность - это отношение между текстами, которое создается посредством цитат и аллюзий. Интертекстуальные фигуры включают в себя: аллюзию, цитату, кальку, плагиат, перевод, пастиш и пародию. Интертекстуальность - это литературный прием, который создает "взаимосвязь между текстами" и порождает соответствующее понимание в отдельных произведениях. Эти ссылки сделаны, чтобы повлиять на читателя и добавить слои глубины к тексту, основанному на предварительных знаниях и понимании читателей. Структура интертекстуальности, в свою очередь, зависит от структуры влияния. Интертекстуальность-это стратегия литературного дискурса, используемая писателями в романах, поэзии, театре и даже в неписаных текстах (таких как спектакли и цифровые медиа). Примерами интертекстуальности являются заимствование и трансформация автором предшествующего текста, а также обращение читателя к одному тексту при чтении другого. Интертекстуальность не требует цитирования или ссылки на пунктуацию (например, кавычки) и часто ошибочно принимается за плагиат. Интертекстуальность может быть произведена в текстах с использованием различных функций, включая аллюзию, цитату и ссылку. Она имеет два типа: референциальную и типологическую интертекстуальность. Референциальная интертекстуальность относится к использованию фрагментов в текстах, а типологическая интертекстуальность - к использованию паттерна и структуры в типичных текстах. Однако интертекстуальность не всегда преднамерена и может быть использована непреднамерено. Существует два типа интертекстуальности: итеративность и пресуппозиция. Под повторяемостью понимается" повторяемость "определенного текста, состоящего из" следов", фрагментов других текстов, которые помогают составить его смысл. Пресуппозиция отсылает к предположениям, которые текст делает о своих читателях и своем контексте [15]. Как писал философ Уильям Ирвин, термин "стал иметь почти столько же значений, сколько и пользователи, от тех, кто верен оригинальному видению Юлии Кристевой, до тех, кто просто использует его как стильный способ говорить об аллюзии и влиянии" [15]. О интертексте говорят как о знаковом дискурсивном продукте с многообразной сложной референцией к фрагментам текстов и к миру человека [11; 12]. Обращение к проблемам интертекста позволило

заполнить ряд лакун современной лингвистики и теории текста, чему способствовало установление четких критериев определения вербального текста, обеспечивающего целостность и внутрисистемное единство осуществляемых интертекстуальных исследований; а также выработка системного подхода к определению интертекста как члена группы специальных понятий и терминов, являющихся частными объектами названных научных дисциплин.

Термин «интертекст» используется для обозначения постоянно развивающегося набора текстов, существующего на идеальном, виртуальном или библиоуровнях. Межтекстовые связи устанавливаются между произведениями изобразительного искусства, архитектуры, музыки, театра и кино. Интертекст реализует несколько функций, рассмотрим их:

1. Апеллятивная функция интертекста проявляется в том, что ссылки на определенные тексты в тексте могут быть направлены на вполне конкретного адресата - человека, который способен идентифицировать интертекстовую ссылку и в идеале оценить выбор конкретной ссылки и адекватно понять намерение, стоящее за этим. В некоторых случаях межтекстовые ссылки фактически действуют как призывы, призванные привлечь внимание определенной части читателей.

2. Поэтическая, во многих случаях воспринимается как развлекательная: идентификация межтекстовых ссылок выглядит как увлекательная игра, своего рода кроссворд, сложность которого может варьироваться очень широко - от безошибочного узнавания цитаты из культового фильма до профессионального поиска, направленного на выявление таких интертекстуальных отношений, о которых автор текста даже не задумывался (в таких случаях можно говорить о «неконтролируемом подтексте», «интертекстуальности на уровне бессознательного» и т. д.).

3. Ссылочная функция передачи информации о внешнем мире: это происходит, поскольку ссылка на текст, отличный от этого, потенциально приводит к активации информации, содержащейся в этом «внешнем» тексте (претексте). В этом отношении когнитивный механизм межтекстовых связей обнаруживает определенное сходство с механизмом воздействия операций, связывающих различные концептуальные сферы, такие как метафора и аналогия. Степень активации снова широко варьируется: от простого напоминания о том, что конкретный автор говорил на эту тему, до введения всего, что хранится в памяти, в понятие предыдущего текста, форму его выражения, стиль, аргумент, эмоции, когда они воспринимаются и т. д. Благодаря этому, межтекстовые ссылки могут, среди прочего, стилистически «возвысить» или, наоборот, снизить текст, содержащий их.

4. Метатекстовая функция передачи предоставляет альтернативу для читателя, который идентифицировал определенный фрагмент текста как ссылку на другой текст (возможно подобная идентификация может не происходить): либо продолжать чтение, учитывая, что этот фрагмент не отличается от других фрагментов этого текста и является органической частью его структуры, или - для более глубокого понимания этого текста - обратиться (напрягая память или, говоря образно, потянувшись за книжкой к книжной полке) к какому-то тексту-источнику, благодаря которому фрагмент в системе читаемого текста предстает как смещение. Чтобы понять этот фрагмент, необходимо установить фактическую связь с исходным текстом, то есть определить интерпретацию идентифицированного фрагмента, используя исходный текст, который, таким образом, действует в отношении этого фрагмента в функции метатекста (зачастую необходимо при этом знание мифов народов мира или религиозных текстов и прочее).

Таким образом, интертекстовые отношения - это как конструкция «текст в тексте», так и конструкция «текст о тексте». Текст является исходным понятием для всех остальных терминов. Между всеми приведенными терминами имеется связь и определенные отношения, суть которых мы и попытались раскрыть.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Барт, Р. Избранные работы. Семиотика. Поэтика / Р. Барт. - М.: Прогресс, 1989.
2. Гальперин И.Р. О понятии «текст» / И.Р. Гальперин // Материалы научной конференции «Лингвистика текста». - Т. 1. - М., 1974. - С.67.
3. Гальперин И.Р. Текст как объект лингвистического исследования И.Р. Гальперин. - М.: Наука, 1981.
4. Гаспаров, М.Л. Литературный интертекст и языковой интертекст М.Л. Гаспаров // Известия АН. Сер. лит. и яз. - 2002. - Т. 61. - № 4. - С.9.
5. Каменская О.Л. Текст и коммуникация / О.Л. Каменская. - М.: Высшая школа, 1990.
6. Компьютерная лингвистика// https://www.krugosvet.ru/enc/gumanitarnye_nauki/lingvistika/KOMPYUTERNAYA_LINGVISTIKA.html
7. Кристева Ю. Избранные труды: Разрушение поэтики / Ю.Кристева // Французская семиотика: от структурализма к постструктурализму. - М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), 2004.
8. Лотман Ю.М. Внутри мыслящих миров. Человек – Текст – Семиосфера – История / Ю.М. Лотман. - М., 1996.

9. Риффатер, М. Критерии стилистического анализа / М. Риффатер // Новое в зарубежной лингвистике: Лингвостилистика. - М., 1988. - Вып. 9. - С.126-141.
10. Руднев В.П. Словарь культуры XX века. Ключевые понятия и тексты / В.П. Руднев. - М., 1997 (2-е изд. – 1999).
11. Смирнов И.П. Порождение интертекста. Элементы интертекстуального анализа с примерами из творчества Б.Л.Пастернака / И.П. Смирнов. - С.-Петербург, 1995.
12. Степанов, Ю.С. Интертекст. Интернет. Интертсубъект: к основаниям сравнительной концептологии / Ю.С. Степанов // Известия АН. Серия лит. и яз. - 2001. - Т. 60. - № 1. - С.3.
13. Субботин М.М. Гипертекст. Новая форма письменной коммуникации / М.М. Субботин. - М., 1994.
14. Топоров В.Н. Пространство и текст // Текст: семантика и структура / В.Н. Топоров. - М., 1983. - С.227-284.
15. Фатеева Н., Паршин П. Интертекстуальность / Н.Фатеева, П.Паршин / https://www.krugosvet.ru/enc/gumanitarnye_nauki/lingvistika/INTERTEKSTUALNOST.html
16. Crystal, D. Language and the Internet. (2nd ed.) / D. Crystal. - Cambridge: Cambridge UP, 2006.

ТАНОСУБИ МАФҲУМИ МАТН, ГИПЕРМАТН ВА ИНТЕРМАТН

Матн - объекти фаъолияти мо ҳамчун хонандагон ва мунаққидон - дар тӯли панҷоҳ соли охир на ҳамчун анбори як мафҳуме, ки дар он муаллиф гузошта шудааст ва аз ҷониби хонандае, ки дар ин маҷмӯи рамзҳо кодир аст, фаҳмида мешавад, балки ҳамчун объекти шабакавӣ, ки ҳамчун "сатҳи" беҳтарин тавсиф карда шудааст. ё "интерфейс". Контекст низ метавонад ҳамчун шабакаи байнишабакавӣ дубора шарҳ дода шавад. Дар мақола гуфта мешавад, ки матнро ҳамчун шабака метавон ҳамчун як конститутсияи динамикии матн, контекст ва хонанда фаҳмид. Мафҳумҳои гипермат ва интерматн низ вобаста ба робитаи онҳо кушода мешаванд. Раванди гипертекстуализатсия ба маънои васеъаш аввал интертекстуализмро дар бар мегирад, яъне муносибати байни матнҳои навишташуда, ба монанди матн дар матн ё матне, ки бо матнҳои дигар, виртуалӣ ё рақамӣ алоқаманд аст. Гипертекст ҳамчун ҷараёни байниҳамдигарии (ё ба ҳам пайвастани) матнҳо, аломатҳо ва тасвирҳо баррасӣ мешавад.

Калидвожаҳо: матн, интерматн, гипермат, метаматн.

СООТНОШЕНИЕ ПОНЯТИЙ ТЕКСТ, ГИПЕРТЕКСТ И ИНТЕРТЕКСТ

Текст - объект нашей деятельности как читателей и критиков-в последние пятьдесят лет все чаще понимается не как хранилище единичного смысла, помещенного туда автором и расшифрованного читателем, компетентным в данном наборе кодов, а как сетевой объект, лучше всего описываемый как "поверхность" или "интерфейс". Контекст также может быть полезно переосмыслен как межвременная сеть. В статье утверждается, что текст как сеть можно понимать как взаимную динамическую конституцию текста, контекста и читателя. Понятия гипертекста и интертекста также раскрываются с точки зрения их взаимосвязи и отношений. Процесс гипертекстуализации в его самом широком смысле сначала включает *интертекстуальность*, то есть отношения между письменными текстами, такими как текст, вложенный в текст, или текст, связанный с другим текстом, виртуальны м или цифровым.Гипертекст рассматривается как *переплетение* (или переплетение переплетений) текстов, символов и изображений.

Ключевые слова: текст, интертекст, гипертекст, метатекст.

CORRELATION OF CONCEPTS TEXT, HYPERTEXT AND INTERTEXT

The text - the object of our activity as readers and critics — has been increasingly understood in the past fifty years not as archive of a single meaning, prepared by an author and decoded by a reader who is competent in this set of codes but it was understood as a network object best described as a “surface” or “ interface". Context can also be reconsidered as an intertemporal network. The article claims that the text as a network can be understood as a mutual dynamic constitution of the text, context and reader. The concepts of hypertext and intertext are also disclosed in terms of their co-relation and interconnection. The process of hypertextualization in its broadest sense first involves intertextuality, that is, the relationship between written texts, such as text embedded, or text associated with other text, virtual or digital. Hypertext is seen as the interlacing (or interlacing of bindery) of texts, characters and images

Key words: text, intertext, hypertext, metatext.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алламуродова Сабоҳат Ҷураевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанб, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sabo_70@list.ru.** Тел.: **(+992) 908-55-25-25**

Сведения об авторе: ***Алламуродова Сабохат Джураевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры истории языка и типологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **sabo_70@list.ru.** Тел.: **(+992) 908-55-25-25**

Information about the author: ***Allamurodova Sabohat Dzhuraevna*** - Tajik National University, candidate of philological sciences, doctoral student of the department of history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sabo_70@list.ru.** Tel .: **(+992) 908-55-25-25**

УДК: 14+82(575.2)

САЙРИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Қодиров К.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Сайри ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ латифа ва завқе аст, ки хоссу шукуфтаангез ва баҳси ҷолибу дилнишин дорад. Ишқ вуҷуди Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро чунон фаро гирифтааст, ки монанди шахсе пеши рӯйи ӯ ҳозир аст. Ҳар гоҳ ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ҷамоли азалиро тараннум менамояд ва дар ҳаққи таҷаллӣ меафтад, танҳо ва танҳо ӯро мепарастад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ раҳрави ишқ аст ва дар ин партав суроғу асари ӯро меҷӯяд:

Мо роҳрави ишқему бигӯ ҷо-т куҷо?
Фармо, ки суроғе бикунем мо-т куҷо?
Худ фидя диҳӣ дияти мо в-арна ба маҳшар,
Мақтули туро даъвиву исбот куҷо [7, с.259].

Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мақоми илоҳӣ дорад, яъне фирдавси висол, дӯстдор аст ва ҳангоме ӯ ишқро чун фирдавси ҷамол ёд мекунад, ҳақиқати ҷамолашро месарояд. Ишқ ба таъбири Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ фархундафол аст, бинобар ин, асли ҳилолаш ҳастии олам ва сабаби зуҳуру падид омадани инсон аст. Ишқ ойинаи ҷамол аст. Ишқ инсонро дар ҷамолу камоли худ эҷод кардааст, зеро ӯ ҷамолро дӯст медорад, зеро худи ӯ соҳибҷамол аст:

Навид, эй дил, ки фирдавси висолаш,
Паёми васл меорад шамолаш.
Шавад гул об, чун шабнам барояд,
Бирезад то ба гулзори ҷамолаш.
Саҳар хуршед аз он дар тоб ояд,
Зи доғи кавкаби фархундафолаш [7, с.257].

Ишқ соҳибҷамол аст, ҳамон сифати зебоиест, ки зотан бозкунандаи олам аст. Баёнгари қудрату ҷамолу азамати инсон аст. Пас, вуҷуди инсон ҳамагӣ ба вуҷуди ӯ вобаста аст. Ҳақиқати ӯ сабаби ишқи инсон ба ӯст. Айни ишқ, айни ӯ аст, ки инсон падид омадааст ва айни ҳақиқатро ошкор менамояд. Ишқ ҳар рӯз ва ҳар замон чеҳраи хуррамисол дар ёди Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аст:

На ман бо хӯи худ ҳастам гирифтор,
Ишора мекунад бар ман ҳилолаш.
Зи ғайрат дидани он ҳам надорам,
Ки дар ойина бинмояд мисолаш.
Хасу хошок зарринтоб гарданд,
Зи нури ҷавҳараш хуримтисолаш [7, с.304].

Ишқ болотарин навъи сифот аст, соҳиби арзи маҷид аст, ки ба василаи номи «раҳмон» арҷ дорад. Ишқ муҳиб аст ва руқати шавқ дорад. Ишқ дӯстдори ҳар дӯстдор аст, зеро ишқаш дар вуҷуди инсон маҳбуб аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ фармудааст:

Зад оташи ишқат ба дилу кард нишон доғ,
Барқ аз дили ман ҷаст, ки шуд лолаистон доғ.
Дил қобили пӯшидани асрор нагардид,
Натвон, ки шавад дар варақи лола ниҳон доғ [7, с.343].

Пас, тамоми бадани инсон ба гуфтани ташбеҳи ишқ машғул аст ва ин амр аз паймону ҳукме аст, ки дар асоси аҳадият, ин зот ба инсон посухи ишқ мегӯяд. Олам ҳам дар варақи лола дар мақоми шуҳуду ибодат аст, зеро ҳар офаридае дорои неруи андешаи махсус ба худ мебошад. Дар ин вазъ инсон эҳсос мекунад, ки ҷуз ишқ ҳеҷ накукории дигар дар олам вуҷуд надорад:

Аз гармии рухсори ту ҳарфе натавонам,
Чун шуълаи оташ қунад ӯ кому забон доғ.
Бар меҳри инсон, Ҳоҷӣ, макаш ранҷ, ки хуршед,
З-ин пеша шуда бар сари ин куҳна ҷаҳон доғ [7, с.311].

Ишқ барои инсон равшаниро маълум намудааст ва низ раҳнамоиҳоро дар сидқи ӯ посух додааст. Тури имонро дар қолаби инсон партавафган намудааст ва имонро дар назари инсон маҳбубу ороста гардонидааст. Ишқ куфру исёнро дар назди инсон зишту нописанд кардааст ва Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро дар корҳои мавриди муҳаббат ҳидоят намудааст:

Инкори муҳаббат натавон кард, ки бошад,

Нақши сияҳи обила бар сӯхтагон доғ.
Танҳо на ҳамин кулфати худ дод гудозам,
Чун шамъи мазорам ба азои дигарон доғ [7, с.301].

Аз ин лиҳоз, ки ишқ аз азал аст ва раҳматаш ҳамаи инсонҳоро фаро гирифта аст, иддаои дурӯғро намепазирад. Он ҷо, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бо ҳақиқату сидқи андеша ба рубубияти ӯ қарор дорад:

Ин зеру бам, ки ба раги қонун навиштанаш,
Як шуъбаест, аз дили маҳзун навиштанаш.
Аз ҳарфи ишқ сафҳаи хотир ба танг шуд,
Бо оби дида як қадам берун навиштанаш [7, с.384].

Ишқ вобастагӣ ва алоқаи хосси таълимоти алоқамандиҳои марбут ба майлу гароиши инсон аст. Ишқ ҳангоми вобастагӣ айну мавҷуд аст. «Ишқ ба вуҷуди инсон майлу гароиш пайдо мекунад. Инсоне, ки ишқро шинохтааст, ғайри ишқ ба ӯ ҳеҷ чиз арзиш надорад. Ишқ ҳамеша ғайб аст, зеро мавҷуди ҳол аст, аммо амри адо аст» [3, с.74]. Ишқ, бо ҳамин ҷиҳат барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ азиз аст, ки тавозеҳи хоссеро аз ҷониби ӯ ба маъшуқ падид овардааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бандаи ошиқ аст ва бо ин васф ишқ ба ӯ дар завқ аст, зеро ишқ навъи таҷаллӣ аст, ки ин таҷаллӣ завқ аст, ки агар ҳар инсоне, ки онро начашида бошад, Ҳақро нашинохтааст:

Ишқбозон аз сари кӯят чӣ сон гарданд манъ?
Нораво бошад, ки қолабҳо зи ҷон гарданд манъ [7, с.374].

Аммо, ин навъи таҷаллӣ, ки ба василаи он инсон аз серобии ишқ саршор мегардад, серобӣ надорад, зеро ишқ шаробе аст, ки ҳеҷ гуна серобӣ надорад. Шароби ишқ қолаби ошиқ аст ва ба қавли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ҳасратхонаи имкон шароби зинда гардидан аст:

Мабодо баҳри дунё хотире афсурдааҳволаш,
Ки рӯзе беш набвад умри Нӯҳу Рустами золаш.
Нахустин хуни дил бошад шароби зинда гардидан,
Тавон фаҳмид аз ин ҷо асвати идбори афтолаш.
Нагардад нокас аз асбоби мурдан қобили коре,
Чӣ ҳосил мӯр агар ёбад зи шоҳин болу чанголаш [7, с.306].

Ошиқ дар партави ишқаш ранг ба ранг ва сафеду соф аст. Ранги ошиқ ранги маъшуқи маҳбуб аст. Шароби он – айни он ҳосил дар ҷом аст. Ҷом айнан ҳамон мазҳур аст ва шароб ҳамон аст, ки дар он зоҳир мебошад. Шароб он аст, ки таҷалликунандаи ошиқ аст ва тамомии он аз таҷаллии Худо ва аз номи ҷамили ӯст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ гуфтааст:

Парирӯе, ки дил бастам ба гесӯи гираҳгираш,
Гудозад ҷавҳари ойина аз тимсоли тасвираш.
Тавон ҷон бурдан аз он шаҳкамони шӯхи шангуле,
Ки баста риштаи рагҳои ҷон андар пари тираш.
Санавбар ҳамчу бед аз қоматаш таслим месозад,
Ба гардан обро бошад зи акси зулфи занҷираш [7, с.258].

Ишқ калимаи «ҷамил»- ро огоҳ сохтааст, ки ӯро дӯст бидоранд. Ошиқ танҳо маъшукро ба чашми худ зеботари олам медонад ва ҳақиқатан чизе аст, ки ба он ишқ варзида аст, ҳамон ҷамоли маҳбубест, ки дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ тасвир дорад:

Агар сурма дар вазъи сиёҳӣ шуҳрате дорад,
Ба мижгони қатори ӯ тавон фармуд таҳқираш [7, с.316].

Асрори ҷамолу зебоии ишқ аст, ки дилбохтагии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро падид меорад. Бо ҳамин сабаб аст, ки ӯ дар роҳи ишқ волаю ҳайрон мегардад, зеро ӯ ҷуз сурати ишқ чизи дигареро намебинад ва дар камоли ӯ, дар шукӯҳи ғайбияташ мегӯяд:

Шаҳиди бегуноҳам кард, нозам бар сари теғаш,
Зи ҳичронам халосӣ дод, раҳмат ба сари теғаш.
Бувад ҷон бурданаш оби ҳаёти Хизр бахшидан,
Зи килки сунъ мазмуне ба нақши мистари теғаш.
Барои риштаи тӯмори умри мо, вафодорон,
Аҷалро нест миқрозе ба ғайр аз ханҷари тезаш [7, с.309].

Инсон ойинаи ишқ аст. Ишқ дар ҳар ойина, бо нишони матлуб ва бо ҳар чашми қобил дида мешавад. Ошиқ, на ба тариқи ошкор роҳро ба сӯйи ишқ равшан месозад, балки ӯ айнро бо чашм мебинад:

Умрест, ки аз доғи ту ҳастам ба таби тез,
К-оташ шавад аз шуълаи оҳам арақомез.
Маҳтоби рухат шаб ба фалак дод мисоле,
Ҳар шаб кунад ойина зи анвори ту лабрез [7, с.314].

Ишқ зоти муқаддаси илоҳӣ нисбат ба инсон аст. Ишқ василаи кӯшиши инсон баҳри ризомандии маҳбуб ва ишқварзӣ ба суратҳою зебоиҳои олам аст. Ишқ шавқи нисбат ба инсон ва васфи суратҳо ва олами тамсил аст. Ишқ мансубу марбут ба олами шаҳодат аст. Ишқ айни олам аст ва инсон ин айнро бо чашми қобил мебинад, ки роҳи таҳаввул эҷод намояд. Олам ишорае аз ҷониби ишқ аст. Ҳар ошиқ мисли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ қобилу дилбастагӣ ба зебоиҳои олам дорад:

Агар хоҳӣ фароғат аз ҷаҳон, қатъи тамошо кун,
Ба як сози тағофул дарди сар аз хештан во кун.
Чи суратҳо, ки дорад дар назар ваҳму хаёли ту,
Тилисми ҳайрат аст ин ҷо, дигар ойина иншо кун.
Дили ҳар қатра з-асрори таҷаллӣ оламе дорад,
Кам аз чашми ҳубобе нестӣ, рав сайри дарё кун [7, с.374].

Ибтидои ишқ ба олам аз лиҳози инъому эҳсон дар табъи инсон якҷо ва ба сурати кулл аст. Ошиқ ин куллро бо таври хос дӯст медорад ва мехоҳад худро ба он пайванд диҳад. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ олам ойинаест, ки чеҳраи инсонро мекушояд, зеро рамзи равшани ишқ аст:

Ғунча лаб дарҳам газиду гул зи ҳайрат ханда кард,
К-аз чи савдо ин қадарҳо зебу фар дорад баҳор.
Имтиёзи халқ андар чеҳраи бикшода аст,
В-арна ҳамчу дай ҳамон шому саҳар дорад баҳор …
Равшан аст ин рамз, доғе бар ҷигар дорад баҳор,
Рухсати назора доғи ишқбозон тоза кард [7, с.363].

Натиҷаи ҳадафи ниҳоии инсон дар роҳи ишқ расидан ба маҳбуб аст. Ин вуҷуд дар талабу иштиёқи маконе падид меояд, ки он ҷо айни маҳбубу ошиқ зоҳир аст. «Олам дар суратҳо зоҳир меёбад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба суратҳои табиӣ хос нест. Ин суратҳо мисли шунидани садое аз ошиқ ба маъшуқ аст, ки дар хаёли инсон он чи ки ба василаи чашму гӯш дида мешавад, фақат ишқварзӣ аст. Амалу асари ишқ суратҳоро таъзиму такрор менамояд ва ин шукӯҳу азамат, ки дар он суратҳо аст, маъмулан заъфу лоғарро дар бадани инсон падид меоварад» [6, с.48]. Ба ҳамин ҷиҳат, гӯё ғизое ба ҷониби он шукӯҳу азамат рӯй меоварад, зеро шуълаи шавқ ӯро месӯзонад ва дар ин сӯхтан суратҳои маҳбубу маъшуқ дар хаёлу рӯҳи инсон рушду афзоиш меёбад. Илова ба ин, неруи тасвири ишқ дар олами хаёли Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар либоси зебою васфи нопазиру ҷамоли дилнишин ҷилва мекунад:

Навид, эй дил, ки баҳри пурсишат он шоҳсавор омад,
Ба пояш ҷонфишонӣ кун, ки ҳангоми нисор омад.
Аз он рухсори оташнок мебояд ҳазар кардан,
Барои бастани дилҳо камандаш тобдор омад.
Рухаш гул, зулф сунбул, ғунча лаб, наргис ду бодомаш,
Аз он рӯ оташи ҳасрат ба ҷони сад баҳор омад [7, с.351].

Ишқ ошиқро дар пешгоҳи Худои маҳбубаш ташвиқу ташбеҳ менамояд. Бо ин баён ошиқ – шуҷою фаъол аст ва ин ҳол доим ва то замоне ки он сурат мавҷуд аст, дар хаёлаш вуҷуд дорад:

Чи мумкин бо умеди зиндагӣ дар пеши ӯ будан,
Ки туркони сияҳмасташ ба қатлам найзадор омад [7, с.344].

Инсон ҳеҷ гоҳ барои феъли маҳбуб далели иллат намеоварад ва матлабе ҳам надорад, зеро феъли маҳбуб аз сифоти ақл аст. Ишқ бо ақл тадбир мешавад ва сурат дар зеҳну хаёли ошиқ аз маъшуқ ҳосил мегардад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мегӯяд:

Эй ақлҳо зи ҳайрати дарки камоли ту,
Бишкаста бол дар раҳи фикру хаёли ту.
Бас танг ҷост вусъати майдони коинот,
Дар пешгоҳи соҳати қудси ҷамоли ту [7, с.302].

Ҳадафи ниҳоии ишқ ташбеҳи маҳбуб аст. Ишқ ҳамон ишқи ҷомеъу комил дар ошиқ аст, ки ошиқ маъшуқашро барои худи маъшуқ дӯст медорад. Ишқ агар бо ақл гардад ва ба василаи ақл маҳбуб маҳбубтар ишқ меварзад. Матлаби ошиқ ҳамон ишқ аст, он чиро, ки маҳбуб дӯст медорад. Дар матлаби ошиқ ишқ ҳосил мегардад ва нафаси ошиқ аз сурати маъшуқ тасвир мешавад. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ фармудааст:

Эй номи ту ҳаловати ҷону забони мо,
Ширин бувад зи лаззати шаккар даҳони мо.
Аз обёри файзи худ сероб гар қунӣ,
Пажмурдагӣ самар диҳад дар бӯстони мо
Аз навбаҳори марҳамат абри наволро,
Фармо, ки хазон барад аз гулистони мо [7, с.312].

Мақсаду нуқтаҳои ниҳоии ишқ дар суратҳои олам дар иттиҳод аст, яъне зоти маъшуқ айни зоти ошиқ ва зоти ошиқ айни зоти маъшуқ аст. Ин ҳамон аст, ки сурати табиӣ дар ҳар ҳол, ҷисман ё ҷудо зуҳур меёбад, зеро маҳбубу маъшуқ дар хаёли инсон аст. Бинобар ин, айёме, ки ошиқу маъшуқ даст ба гардани якдигар мекунанд, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ чунин таманно дорад:

Агар бар гарданат дастам расо мешуд, чиҳо мешуд?
Гиребонат бари оғӯш во мешуд, чиҳо мешуд?
Ҳама шаб суҳбати ағёр дидӣ, як даме бо мо,
Агар будӣ, дили мо ҳам ризо мешуд, чиҳо мешуд?
Ба як дидан матои сабр кардӣ ҷумла тороҷам,
Ниқобат гар зи рух якбора во мешуд, чиҳо мешуд? [7, с.311].

Инсони ошиқ вуҷуди худро дар мазҳари ишқ мебинад. Бо ин баён, ишқ шавқи инсонӣ аст ва дар суратҳову рангҳои олами тамсил аст. Ишқ барои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз он ҷиҳат арҷ дорад, ки ӯ ба ин васила вазифаю амалеро мешиносад ва ба саодату наҷот мерасад:

Вомондагони ҷодаи дашти зулолатем,
Эй раҳнамо, ҳидояте ба корвони мо.
Ҳоҷӣ, шикастамаҳмили шайдои кӯйи туст,
Шояд бигӯйӣ бандаи мо, нотавони мо [7, с.332].

Байни ошиқу маъшуқ ногузир риштаву робитае аст, ки ошиқ ба ин робита танҳо ба маъшуқ худро меомӯзад. Бо ҳамин сабаб, ошиқ таҳти маъшуқ аст ва дар ҳақиқат, бандаи ӯ аст. Ошиқ маъшуқро дар назари зеҳни худ бузургтар аз худ мебинад ва хушбахтию саодати худро дар бандагии маъшуқ ва таслим дар баробари ӯ медонад:

Ба ранги по дар роҳгузараш он қадар хуфтам,
Ки шуд аз интизориҳо сафедӣ устухонамро.
Зи юмни саҷдааст гулчиние дорад ҷабини ман,
Ки бинад сад баҳорон хиҷлати реги хазонамро [7, с.314].

Ишқ ҷалоли шукӯҳофарин аст ва лутфу меҳрубонӣ одати он бо ҳамин сабаб аст, ки инсони ошиқ ӯро дар сарсабзию таровату атрафшонӣ мебинад. Қалби ҷамолро инсони ошиқ мушоҳида мекунад ва бо ӯ ҷамоли қудрат меёбад. Чашми инсон бо завқи тамом аз рӯйи эҳсону карам ӯро мушоҳида мекунад. Ҳайбият дар ҳар ҳол аз асари ҷамол аст. Ҷамол маҳбуб аст ва азизтарин ҳамнишини маҳбуб аст. Ҷалолу ҷамол дар сифат аз сифоти Худои таъоло аст ва ҳайбият ду васф аз вассофи инсон аст:

Эй баҳорон, аз сари нав тоза кун унвони гул,
То ниҳам як дам сар андар бистари алвони гул.
Гар нагаштӣ лола хун дар домани саҳрои боғ,
Андалебонро куҷо будӣ хабар аз шони гул.
Худ мурувват посдори ҷавҳари некон бувад,
В-арна кас асло нахоҳад дар талаф товони гул.
Ҳоҷӣ, сози навбаҳорон сар ба сар ибратнавост,
Нолаи булбул бувад аз ранги бесомони гул [7, с.317].

Инсон бо чашмҳо ва гӯшҳои худ ҷамолу ҷалоли ишқро бозгӯӣ мекунад ва хуб мефаҳмад. Инсон дар ин ҳол гӯшаи чашмашро бармегардонад ва аз ин матлаби комил огоҳӣ меёбад. Мақоми ошиқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ безабониву гунгӣ аст, зеро забон тарҷумони ишқ аст:

Рӯзи забон гирифтани ҳайрат намоиям,
Бикшо забон зи раҳмату кун тарҷумони мо [7, с.364].

Биму ҳароси ишқ дар қалби инсон дар баробари маҳбуб хаёлангез ва қобили тасаввур аст, зеро маҳбуб пайваста меандешад. Оташи шавқҳо бо фарози ӯст ва дар хаёлу андешае, ки дар қалбаш падид аст, асар мегузорад. Бо ин сабаб, гӯё узвҳои бадани инсон аз оташи шавқи маҳбуб меҳаросанд, вале шафақ аз ҷониби маҳбуб аст, ки намехоҳад инсон чун муҳиб мадоро бошад. Он гоҳ ишқомезӣ аз ҷониби маҳбуб чун шавқ ба шавқи муҳиб меафзояд ва Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мефармояд:

Оташи шавқ, ки дар синаи ман пинҳон аст,
Чун самандар нафас андар лаби ман сӯзон аст.
Гӯшаи танги ватан ҳисни ҳасини хатар аст,
Шарар аз санг ҷаҳад, мурдани ӯ осон аст [7, с.354].

Шавқ ба лиҳози ишқ сифати лозиму тобеъ аст, зеро ишқ шуълаест, ки шавқ меофарад. Бо ин баён, шавқи ошиқ бо дидору васли маъшуқ оромишу сукун меёбад ва иштиёқи рӯ ба рӯ шудани ошиқу маъшуқро нишот мебахшад:

Агар оташи шавқат ҷигари хаста кабоб кард,
Кошонаи чашмам чу қадаҳ дар таҳи об кард.
Аз муждаи дидори ту мижгони сафедам,

Равшантар аз ойинаи ҳур зери саҳоб аст.
То моҳи ту карда ба замин нурфишонӣ,
Дар пардаи гардун рухи ҳур баста ниқоб аст.
Арзи дили худ, Ҳофиз, чи тақдир тавонам,
К-ин масъала баҳсест, ки холӣ зи ҷавоб аст [7, с.344].

Шавқ ҷунбишу ҳаракати маъшуқ аст. Маҳбуб, ки аз асмову шакли маъшуқ аст, бо дидори маҳбуб сукуну оромиш меёбад, мутаҳаййир мегардад. Шавқи ошиқ бо маъшуқ оромишу сукун мегузорад, зеро ошиқ бо маҳбубаш шодиву фараҳро дарёфт мекунад. Ишқ дар мактаби ҳастӣ, дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ дар ихтисоси рамз аст:

Кавкабро бувад то дида равшан, даври роҳат нест,
Зи захми чашми афъӣ заҳри меҳнат ногузир афтад.
Нахонда тифли мо пасту баланди мактаби ҳастӣ,
Агар ин рамз бишкофам, Фалотунам ҳақир афтад.
Фиреби дида шуд, Ҳофиз, ҷамолаш дар баҳори хат,
Чу ояд дар саводи шаб маҳи тобон, мунир афтад [7, с.341].

Ишқ завқи маънавие аст, ки ба василаи завқи қобил идрок мешавад ва ҳақиқати маҷҳулӣ нест, маҳз дар ғазал тасвироти дилнишину арзишманд аст. Ишқ дар ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ мантиқӣ аст ва бо ҳувият суруда мешавад. Ишқ дар вуҷуди маҳбуб гароиш пайдо мекунад. Ишқ ба мафҳуми амиқи худ ҳама чизро дар роҳи матлубу маъшуқ ва мақсади асл фидо кардан ва аз барои ӯ аз ҳеҷ нисору исор, ҳатто аз ҷон парво накардан аст:

Ба роҳи ҷилвааш хобидаӣ, ҳушёр шав, эй дил,
Машав ғофил, ки ногаҳ мерасад фармонбари теғаш.
Сияҳрӯзе, ки дорад дар назар чашми сияҳашро,
Чу мардум сар ниҳад бояд ба зери пайкари теғаш.
Шаҳиди мубталое ишқи ӯро чун намебошад,
Ки бо ранге наёмезад сафои ҷавҳари теғаш.
Ба сулҳу оштӣ, Ҳофиз, зи бими ӯ халосӣ нест,
Ки хунрезӣ ҳалол омад ба ҳукми маҳзари теғаш [7, с.349].

Ишқ зебоӣ ва муқаддас, каломест рӯҳбахш ва дилпазир, лафзест, ки ҳамаи арзишҳои инсон дар паҳнои самимӣ ва пурмеҳри ӯ нуҳуфтааст. Ишқ равиш ва камоли нексиришт аст, ки метавонад тамоми рисолатҳо ва масъулиятҳои воқеии инсонро дар домони бебастагии худ таҳмил намояд. Ғазали Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ҷавҳари аслии ишқ аст. Лафзҳои фидоогоҳ ва зебоии ғазали ӯ роҳест ба вафодорӣ дар роҳи ишқ, ки ҳаргиз пушаймонию афсурдагӣ надорад, балки хотири он дар сина пинҳонгоҳ аст:

Зи гармиҳои ҳусни беҳиҷоби моҳтоби ман,
Дар оғуши Масеҳо офтоб аз тоб дорад таб.
Кӣ дорад майли ин кошона, гар завқи тамошояш,
Мунаввар чун гули шамъ аст зулмат з-устухони шаб.
Ба савдое бурун аз олами суду зиён рафтам,
Ки сад Маҷнун набошад ҳамчу ман девонаи машраб [7, с.314].

Аз ин ҷо сиришти ишқ саршор аз муҳаббату эҳсоси латифи инсон аст. Ҷое барои кинаву адоват вуҷуд надорад, зеро ҳама ӯро дӯст медорад. Барои Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ савдои ишқ ганҷинаест, ки инсонро аз айбҷӯию ақибмондагӣ ва хислатҳои ғайриинсонӣ дур мекунад. Ишқ шоистагист, ки ҷабру ҷафо ва хориву зорӣ надорад:

Намегӯям туро, бар ман нигаҳ бисёр шойистӣ,
Вале ҷабру ҷафои ту на ин миқдор шойистӣ.
Набошад гарчи ошиқро халос аз хориву зорӣ,
Чу дорад нисбати ишқат, на хору зор шойистӣ [7, с.303].

Водии ишқ иқлимест, ки ҳар инсон дар он раҳсипор мешавад, аз костагиҳою бехудагиҳо раҳоӣ ёфта бо болҳо ба сӯйи малакути Худованд парвоз менамояд ва хештанро дар ӯ меёбад. Ишқ бо шарофати шӯри инсонӣ ба аҳаммияту эҳтиром сазовор аст. Ҳузури ишқ барои Ҳофиз Ҳусайни Кангуртӣ ягона оинаест, ки сурату замири инсон дар он партавфишонӣ мекунад:

Маҳо, ба хирмани ҳусни ту хушачин маҳтоб,
Ки нур медамад аз чарх то замин маҳтоб.
Ба даври ҳусни ту товон, ки лоф зананд,
Чу шуд зи софии рӯйи ту шармгин маҳтоб.
Агар ба шаб бадар оӣ, зи тоби меҳри рухат,
Чу офтоб шавад қурси оташин маҳтоб.
Гумон мабар, ки абас, Ҳофиз, чун асар шудаӣ,
Ба пеш ойина гиру дар ӯ бубин моҳтоб [7, с.312].

Вуҷуди ҷавҳари тобандаю арзандаи ишқ дили инсонро молики эҳсосу мақом ва манзалат месозад. Ишқ дарёест, ки ҳамаи бехудиҳою беҳудагиҳоро поён мебахшад. Оғӯши ишқ мактабест, ки озодагию ростӣ ва инсондӯстиро шиор медиҳад. Ишқ мавҷест, ки шӯри ботини инсонро ҳар лаҳза ба орзуи ҷон супурдану ғарқ шудан дар уқёнуси пурталотуму мағрури чашмони маъшуқ ҳидоят мекунад:

Он маҳ, ки ҷафо кард, куҷо кард? Ба мо кард,
Мақтули вафо кард киро кард? Маро кард.
Як бӯса, к-аз он гавҳари лаб мултамасам буд,
Ин қазя қазо кард, адо кард баҷо кард.
Аз дуди дилам хома ба ҳангоми таҳрир,
Авроқ сиёҳ кард, садо кард, наво кард.
Ҳоҷӣ ба дили хаста шабон то ба дами субҳ,
Сад гуна дуо кард, киро кард? Туро кард [7, с.314].

А Д А Б И Ё Т

1. Қодиров К. Ирфон ва шеър / К.Қодиров. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 33 с.
2. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1996. – 79 с.
3. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Куллиёти улуми исломӣ. Калом-ирфон-ҳақиқати амалӣ / Мутаҳҳарӣ, Муртазо. – Теҳрон, 1381 ҳ.ш. – 146 с.
4. Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ / Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. – Теҳрон, 1370 ҳ.ш. – 1001 с.
5. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт (Виростор ва созмондиҳандаи матн Чиллазодаи Теҳрайӣ ва Амирхӯҷаи Абдураҳим) / Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.
6. Ибни Арабӣ. Ишқ ва ирфон (тарҷумаи Муҳаммад Родманиш). – Теҳрон, 1385 ҳ.ш. – 209 с.
7. Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ. Ғазалистон. – Душанбе: Адиб, 2018. – 480 с.

САЙРИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Сайри ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ қиссаи ирфонӣ дорад ва робита ва вазифаи инсонро бо худаш ва бо ҷаҳон ва бо Худо баён мекунад. Дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ мафҳуми «ишқ» – рамзи хосси ирфонӣ дорад ва сурати ботин тадбир мешавад. Ишқ дар ғазали шоир унвони хос дорад, гавҳари шаънӣ мебошад ва бо сайр лутфу камол меёбад. Дар баёни ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ишқ бо ақл рӯ ба рӯ аст, бо ӯ гуфтугӯ ва мунозира мекунад. Дар ин мунозира ҳамеша ишқ пирӯз аст ва ҳатто ақлро шикаст медиҳад. Дар ғазали шоир ишқ бо рамзҳо таҷриба карда мешавад ва вазифапазирии ишқ ин бо ҷамоли Худованд ишқ варзидан аст. Ишқ дар ғазали Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ба номи «ҳусн» аст, ки тавассути он «сирр» ошкор карда мешавад. Бинобар ин, ҳар касе чизи зебо меёбад, маъшуқ аст. Дар ғазали шоир ишқ ба сифати ишқи Худованд аст, ки ба мартабаи ақл ва рӯҳ васф карда мешавад.

Калидвожаҳо: Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ғазал, ишқ, ақл, маърифат, инсон, ҷамол, ҷаҳон.

ОБОЗРЕНИЕ ЛЮБВИ В ГАЗЕЛИ ХОДЖИ ХУСЕЙНА КАНГУРТИ

Любовь в газели Ходжи Хусейна Кангурти имеет ирфаническое значение и выражает связи и обязанности человека по отношению к себе, к Богу. В газели Ходжи Хусейна Кангурти понятие «любовь» предстаёт одним из свойственных ирфану символов и интерпретируется как духовность. Любовь в газели поэта имеет своё обозначение – она является духовной сутью и совершенствуется. В газели Ходжи Хусейна Кангурти любовь к Богу противостоит разуму и спорит с ним. В этом споре постоянно верх берет любовь. Споры разума и любви являются главной тематикой газели поэта. Любовь в газели Ходжи Хусейна Кангурти выступает выразительницей внутренней, духовной красоты - духовным отражением красоты, символическими признаками возлюбленной, запечатлённых в субстанции любви. В газели поэта любовь Бог как образ («суть») носит эпитет красота, посредством которого раскрывается эта тайна.

Ключевые слова: Ходжа Хусейн Кангурти, газель, любовь, разум, просветление, человек, красота, мир.

REVIEW OF LOVE IN THE GAZELLE OF KHOJA HUSSEIN KANGURTI

Love in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti has an irfanical meaning and expresses the connection and duties of man in relation to himself, to God. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti, the concept of "love" appears as one of the symbols characteristic of the Irfan and is interpreted as spirituality. Love in the poet's gazelle has its own designation - it is a spiritual essence and is being perfected. In the gazelle of Khoja Hussein Kangurti, love of God confronts reason and argues with it. In this debate, love always prevails. The debate of reason and love is the main theme of the poet's gazelle. Love in the gazelle of Khoja Hussein Kangurti is an expression of inner, spiritual beauty - a spiritual reflection of beauty, symbolic signs of a beloved, imprinted in the substance of love. In the poet’s gazelle, love God as an image (“essence”) bears the epithet of beauty, through which this mystery is revealed.

Key words: Khoja Hussein Kangurti, gazelle, love, reason, enlightenment, man, beauty, world.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735041, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Сведения об авторе: ***Кодиров Каримжон*** – Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, доктор филологических наук, и.о. профессора кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул.Айни, 67. Тел.: **(+992) 985-47-66-69**

Information about the author: ***Kodirov Karimjon*** – Bokhtar State University named after N. Khusrav, Doctor of Philology, acting Professor of Tajik Literature. **Address:** 735041, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Ayni Str., 67. Tel.: **(+992) 985-47-66-69**

УДК:891.55

ҲИКОЁТИ АРАБИИ РИСОЛАИ “ДИЛКУШО”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рисолаи “Дилкушо” аз ду қисмат – ҳикоёти арабӣ ва ҳикоёти форсӣ иборат буда, ҳикоёти форсӣ қисмати асосӣ ва фарогири онро ташкил дода, аз чаҳор се ҳиссаи онро фаро мегиранд, аммо ҳикоёти арабӣ мақоми дувумро ишғол менамоянд. Дар ҳамаи нусхаҳои рисола, ки дар онҳо ҳикоёти арабӣ мавҷуд ҳастанд, ҳикоёти форсӣ дар қисмати аввали рисола ҷойгузин шудаанд. Вале, бояд қайд намуд, ки ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо”, бо ин ки аксаран мароқовару дилпазиранд, дар нусхаҳои маҳфуз дар Ганҷинаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла нусхаи таҳти рақами шартии №555/13 [1], ки наздиктарин нусха ба замони зиндагонии Убайд маҳсуб мешавад, нусхаи фотокопии аккосишуда аз нусхаи қадими британиёии таҳти шумораи №420 [2], ки ин нусха ҳам ба замони адиб нисбат ба дигар нусхаҳо хеле наздик аст, нусхаи девони дастхатти Убайд зери рақами №1063 [3] ва нусхаҳои омоданамудаи муҳаққиқони тоҷик Ҷ. Додалишоев ва М. Холов [4; 5] дида намешаванд.

Аввалин бор ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо”- ро муҳаққиқи эронӣ Алиасғари Ҳалабӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума намудааст. Тарҷумаи мазкур зери унвони “Рисолаи “Дилкушо” (бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол”)” соли 1383 дар нашриёти “Асотир”- и Теҳрон ба чоп расидааст [10]. Ин тарҷума аз ҳайси баёну услуб ва истифодаи луғоти ноби форсӣ-тоҷикӣ қобили таваҷҷуҳ буда, барои ҳар хонанда фаҳмову дастрас ва марғуб мебошад. Як хусусияти қобили ситоиши тарҷумаи донишманди эронӣ иборат аз он аст, ки вай дар тарҷумаи ҳикоёти Убайд аз сарчашмаҳову манобеи маъруфи мутақаддимин истифода карда, амсила ва ривоёту ҳикоёти мушобеҳи онҳоро, ки метавон сарчашмаҳо ва ё қаринаҳои ҳикоёти арабии Убайд эътирофашон кард, дарёфта, ҳар яки ин манобеъро дар ҳавошии тарҷумаҳояш қайд намудааст. Бад-ин минвол, қаринаҳои дарёфтаи мутарҷим – инҳо ояҳои Каломуллоҳ, “Муҳозирот-ул-удабо”- и Роғиби Исфаҳонӣ, “Ал-иқд-ул-фарид”- и Ибни Абдурраба, “Ал-баён ва-т-табйин”- и Ҷоҳиз, “Таҳзиб-ут-таҳзиб”- и Ибни Ҳаҷар, “Ниҳоят-ул-араб”- и Навирӣ, “Сиёсатнома”- и Низомулмулки Тӯсӣ, “Чаҳор мақола”- и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, “Вазорат-ул-иршод”- и Алқавмӣ, “Ал-азкия”- и Ибни Ҷавзӣ, “Уюн-ул-ахбор”- и Ибни Қутайба, “Ал-маҳосин ва-л-мусовӣ”- и Байҳақӣ, осори Саноии Ғазнавӣ, “Маснавии маънавӣ”- и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, “Маориф”- и Султон Баҳоуддин Валад, “Табақот-уш-шуаро”- и Ибни Муътаз, ҳамчунин, кутуби фарҳангу луғат аз қабили “Фарҳанги Онандроҷ”, “Шарҳи қомус”, “Ғиёс-ул-луғот” ва дигар сарчашмаҳо ба ҳисоб мераванд. Вижагии таҳқиқоти Ҳалабӣ на танҳо дар тарҷума ва дарёфти қаринаҳои ҳикоёти Убайд инъикос мегардад, ҳамчунин, иборат аз он аст, ки мутарҷим то чӣ дараҷа дақиқият, дурустӣ ва афзалияти ҳикоёти Убайд ва қаринаҳои онро қиёсан меоварад, ки ин ҷиҳат баҳри таъйини дақиқӣ, дурустии ҳикоёту амсила ва бартарии онҳо (ҷуз аз Каломуллоҳ) нисбат ба якдигар хидмат менамояд.

Як хусусияти дигари назарраси ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” боз дар он ҷилвагар мегардад, ки Убайд бар саргузашту достонҳое, ки асли арабӣ доранд ва ба шахсиятҳои тозӣ бахшида шудаанд, тасарруф намуда, онҳоро ба навъе дигаргун сохтааст. Алиасғари Ҳалабӣ дар ҳамин маврид қайд намудааст: “Бештари достонҳои тозиро, ки дар онҳо шахсиятҳои тозӣ зоҳир мешаванд ва, ғолибан, барои форсизабонон ношинохтаанд, ин эронии бозавқ дар шахсият ва номи онҳо дахл ва тасарруф карда. Яъне, риҷоли маъруфи эрониро ба ҷойи риҷоли тозӣ ниҳода ва аз ин роҳ дар гиро сохтани достонҳо ва нуктаҳои мавриди назари худ ҳунари ҷадиде буруз дода ва хидмати ҷовидонае кардааст” [10, с.9].

Хусусияти дигари ҳикоёти арабии асари мазкури Убайд дар он инъикос мегардад, ки агар қисмате аз ҳикоёти арабии Убайд бардоште ё нусхае аз амсолу ҳикоёти суханварони пешини форсу араб бошанд, қисмате аз онҳо маҳсули ибтикороти худи адиб ба ҳисоб хоҳанд рафт, чунончи ин нуктаро Забеҳулло Сафо низ зикр намудааст [8, с.169].

Ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” дар баробари форсии он бо доштани хусусиёти зиёди забонӣ, услубӣ ва сабкии худ аз ҷониби муҳаққиқон мавриди эътироф қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, Парвиз Нотили Хонларӣ ҳикоёти арабии Убайдро басо дилкашу

зебо қаламдод кардааст [9, с.128]. Ҳикоёти арабии асари мазкур ҷамъан иборат аз 93 ҳикоят буда, аксари онҳо ҳаҷман хурд мебошанд ва, ҳатто, қисмате аз онҳо як ё ду ҷумларо дар бар мегиранд. Дар ҳикоёти арабии асар ҳикояти дароз вуҷуд надорад, агар чанде аз онҳоро ҳаҷман бузург гуфта тавонем, ин танҳо дар қиёс бо ҳикоёти хурди асар мебошанд, ки басо кӯчаканд. Бад-ин тариқ, ҳикоёти бузурги рисола 11-12 ҷумлаи содаву мураккабро убур намекунанд.

Ҳикоёти арабии “Рисолаи дилкушо” дебочаи алоҳида надорад ва якбора аз баёни ҳикояти Анӯшервон оғоз мегардад. Вале, муқаддимаи мавҷуд дар нусхаҳои №№555 / 13 ва №420, ки ба ҳайси муқаддимаи ҳикоёти форсии он мустафод шуда, дар нусхаи тарҷуманамудаи Алиасғари Ҳалабӣ ба ҳайси муқаддимаи умумӣ оварда шудааст. Ҳикояти нахустини арабии рисола ҳаҷман хурд буда, панҷ ҷумлаи содаву мураккабро дар бар мегирад: “Анӯшервон рӯзе ба мазолим нишаст. Марде кӯтоҳболо ба пешгоҳи ӯ даромад, дар ҳоле ки фарёд мекашид, ки ман ситамдидаам. Хусрав гуфт: “Марди кӯтоҳболоро касе ситам натавонад кард”. Мард дар посух гуфт: “Эй подшоҳ, он ки бар ман ситам кард, аз ман ҳам кӯтоҳтар аст”. Хусрав бихандид ва доди ӯ бидод” [6, с.8].

Ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” дорои мавзӯъ ва мундариҷаи гуногун буда, дар сархати онҳо мавзӯъҳои пандуахлоқӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ қарор доранд. Аммо вобаста ба малоки ахлоқӣ ҳикоёти арабии асарро, умуман, ба ду қисми алоҳида метавон ҷудо намуд: ҳикоёти дорои арзиши ахлоқӣ ва ҳикоёти фоқиди бори ахлоқӣ. Дар ҳикоёти ахлоқӣ, агарчи онҳо дар асар басо кам ба назар мерасанд, ҷанбаи ахлоқӣ эҳсос мешавад ва хонандагон тавассути онҳо метавонанд таассуроти маънавиву ахлоқӣ бигиранд. Аммо, дар ҳикоёти навъи дувум бо сабаби истифода аз вожаҳову ибораҳо ва ҷумлаҳои ахлоқан манфӣ ё аз ҳайси арзишгузошти ахлоқӣ дар сатҳи басо паст қароргирифта ҷанбаи ахлоқиву маънавӣ тамоман ба назар намерасад. Агар ҳикоёти навъи якумро битавон қисман дар тарбияи ахлоқиву маънавӣ истифода кард, ҳикоёти фоқиди бори ахлоқӣ ба иллати мазомини фаҳшо ва ибороту ифодаҳои берун аз доираи ахлоқ ба хонандагони ҳуд ҷуз аз таассуроти манфӣ дигареро барҷой нахоҳанд гузошт. Бояд зикр намуд, ки ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” намунаи гуфтание аз вожаҳову ибораҳо ва ифодаҳои ғайрипорсоёнаву фаҳш, дур аз ахлоқ ва, ба истилоҳ, вулгаризмҳо дар насри форсиву арабӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо, инро ҳам бояд зикр намуд, ки овардани ҳикоёти фаҳшо ё матнҳои иборат аз мазомини ғайриахлоқӣ бе ҷиҳате нест ва муаллиф онҳоро ҳамин хел танҳо барои масхараи ашхоси мутааллиқ ба қишрҳои гуногуни ҷомеаи хеш наовардааст. Дар таҳтулмақосиди Убайд, бешубҳа, мақсади хоссае нуҳуфтааст, вагарна, дар ҳолати акс, Убайдро бо он ҳама мақоми волои илмие, ки дар ҷомеааш дошт, ҷуз аз як шахси масхарагар ва ҳаззоли бозорӣ наметавон ном ниҳод. Бад-ин тариқ, мақсуд аз овардани фаҳшо ва мазомини дур аз доираи таҳаммул барои Убайд, пеш аз ҳама, нишон додани ахлоқи қишрҳои ҷомеаи ҳуд, бахусус, намояндагони воломақоми он мебошад. Фаҳшгӯйии Убайд бо тундгароии вай имтизоҷи сахт дорад ва, аслан, бо ҳиддати табъи ӯ яксон аст. Ӯ каломи фаҳшро аз сари ҳазлу шӯхӣ дар лафз дарнамеорад, балки аз сари қаҳру хашм дар нигоҳ бар тарзи ҳаёти давронаш ба кор мегирад. Баъзе аз муҳаққиқон, ки дар мавриди ҳиддати табъ, тундгароӣ ва истифодаи алфози тезу тунди Убайд изҳори ақида намудаанд, онро бо тарзи зиндагонии шарқиёна рабт додаанд, ки қобили мулоҳиза аст, “чи дар ин ақтор ҳама чиз тунд ва ҳод аст, рангҳо, атрҳо, рақсҳо, ишқҳо, эҳсосҳо ва, ҳатто, чашмҳо ва суратҳо ҳама гиро ва бонуфузанд” [7, с.183].

Бинобар ҳиддати табъи Убайд аст, ки дар ҳикоёти вай бештар риҷоли мутанаффизи ҷомеа монанди шайху сӯфӣ, қозӣ ва монанди инҳо мавриди суханони тунди вай қарор мегиранд. Ҳарчанд ки худи Убайд аз шумори ашхоси мутадаййини даврони хеш ба ҳисоб рафта ва, ҳатто, дар сархати пешоҳангони ахлоқи динии он маҳсуб мешуд, аммо ӯ нисбат ба риҷоли бонуфузи рӯҳонии давронаш нуқтаи назари мунтақидона дошт ва дар қалби хеш нисбат ба кору кирдори дурӯғин ва зоҳирпардозонаи онон нафрату кин мепарварид ва сахттарину тундтарин суханонро бар онҳо раво медид. Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар ин маврид дуруст қайд намудааст, ки “ин тундӣ ва пуррангии ҳазлиёти ӯ (Убайд – Ғ.Ш.), то ҳадде, аксуламали шиддати фасод ва табоҳиҳо дар он рӯзгор аст” [11, с.266]. Агар дар ҳикоёти арабии Убайд шахсиятҳои мушаххас, ки асомии онҳо дар поён ишорат хоҳанд шуд, тааллуқ бар давраҳои гуногуни қабл аз вай дошта бошанд, онҳо ҳамагӣ ба тарзи муканно оварда шудаанд ва, дар ҳақиқат, киноят аз ашхоси даврони худи муаллифанд. Образҳо ва симоҳои иштироккунанда дар ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” гуногун буда, чунонки зикр гардид, ба қишрҳои мухталиф тааллуқ доранд. Аммо, вобаста ба ҳайсият ва тааллуқияти шахсии иҷтимоӣ, онҳоро метавон ба ду қисм: мушаххас ва ғайримушаххас ё умумӣ тақсим намуд. Образҳои мушаххаси ҳикоёт иборат аз шахсиятҳои маъруфи таърихӣ, динӣ, адабӣ ва намояндагони дигар қишрҳои иҷтимоӣ мебошанд. Абулҳорис, Абулъайно, Абӯдулаф, Абӯнувос, Абӯязид, Анӯшервон, Исҳоқи Мусилӣ, Маъмун, Музаббид, Муовия, Муътасим, Убода, Ҳаҷӣ, Абӯдулаф, Абӯнувос, Ҳаҷҷоҷ,

Ҳорунаррашид, Ҳушом ибни Абдулмалик, Ҷаммоз, Шайх Бадриддин аз зумраи симоҳои мушаххаси ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” мебошанд. Ба симоҳои ғайримушаххас шахсоне дохил мешаванд, ки ба адён ва мазҳабҳои гуногун, касбу пешаҳо, миллиятҳо, ҷинсиятҳо ва синну солҳои мутафовит тааллуқ доранд, монанди: зардуштӣ, тарсо(-ӣ), ҳанбалӣ; амир, баққол, достонсаро, ғулом, каниз(-ак), қаввод, қозӣ, пизишк, сипоҳӣ, сӯфӣ, шайх; араб, аъробӣ, турк, ҷуҳуд; зан (занак), мард, шавҳар, писар; модар, кӯдак(-он), пир, пирзан аз зумраи онҳо ба ҳисоб мераванд.

Ҳикоёти арабии “Рисолаи дилкушо” монанди форсии он аз ҷанбаи бузурги интиқодӣ бархӯрдоранд. Аммо, дар қиёс бо ҳикоёти форсии он ва ҳикоёту латоифи “Ахлоқ-ул-ашроф”, ин интиқодот дар ҳикоёти арабӣ ҷуз аз ҳазлу шӯхӣ дар пардаи суханони тунду фаҳш пардохта шудаанд, ҳатто, метавон гуфт, қисмати аъзами ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо”, ки шояд ба 90-95% бирасанд, иборат аз алфози фаҳшу ғайрипорсоёна мебошанд. Зимнан, ҷойи қайд кардан аст, ки ҳадаф ва мақсуди аслии муаллиф аз овардани ҳикоёти мазкур чун аксари ҳикоёту латоифи вай, пеш аз ҳама, вокуниш дар баробари ахлоқи роиҷи даврони худ ва, бад-ин роҳ, тохтан бар риҷоле мебошад, ки дорандаи ахлоқи ғайримустаҳсан ва баду манфур ҳастанд. Василаи ин вокуниш ва тохтан барои шахси Убайд чун дар ҳикоёти форсӣ ва чун дар дигар осори ҳаҷвияш – ин ҳазлу мутоиба ва тундгӯйиву фаҳшгӯйӣ аст. Дар қиёс бо ҳама осори насрии Убайд дар ин маврид ҳикоёти арабии “Дилкушо” аз нигоҳи корбурди суханони қабеҳу ғайриахлоқӣ ва фоқиди ахлоқ дар дараҷаи аввал қарор дорад. Шояд яке аз сабабҳои дар нусхаҳои қадими рисолаи мазкур ҷой надодани ҳикоёти арабӣ ҳамин ҷанбаи манфиву қабеҳи онҳо бошад, чун нусхабардорон дар бархӯрд бо анбуҳи вожаҳои қабеҳу дур аз ахлоқ онҳоро аз назар дур андохтанд ва бар истинсохашон дареғ доштаанд.

Аммо ҳадди эътидоли дуруштгӯйиҳову тундгароиҳои Убайд дар қисмате аз ҳикоёти арабии “Дилкушо” низ то дараҷаи муайяне риоя гардидаанд, чун дар қисмате аз ин ҳикоёт, бо ин ки мазмун баёнгари фаҳшу маноҳӣ аст, вожаҳо ифодакунандаи ҳамчунин маънӣ нестанд. Чунончи, дар ҳикояи зерин ин гуфтаҳо собит мешаванд, зеро дар он, бо ин ки маънӣ ахлоқӣ нест, ягон вожаи манфӣ ва дорои маънои ғайрипорсоёна ба чашм намерасад: “Мардеро гуфтанд: “Писарат шабеҳи ту нест”. Гуфт: “Магар ҳамсоягони мо мегузоранд, ки писарони мо шабеҳи мо бошанд?” [6, с.9]. Мақсуди Убайд аз марди маҷҳул ва беном, дар умум, абнои рӯзгори вай ва, бахусус, табақаи ашроф аст, ки ба ҷиҳати ғайбат ва машғулияти зиёди худ аз аҳволи хонаводаи хеш бехабар буданд ва, ҳатто, дар бештари маворид аз он ҳам ноогаҳ буданд, ки фарзандони онон аз худи онон ҳаст ё на. Ҳадафи муаллиф дар ҳикояи мазбур ифшои шуюи даёсат ва фаҳшо дар муҳити рӯзгори худ аст. Чунонки дида мешавад, агарчи дар ҳикояи мазкур вожагони фаҳшу дур аз ахлоқ истифода нагардидаанд, аммо худи мазмуни ҳикоят баёнкунандаи фаҳш дар муҳити муаллифи он аст. Дар ҳикояти дигар, ки Убайд дар хусуси марди маҷҳул, кӯдак ва модари ӯ сухан мегӯяд, ҳарчанд вожагони қабеҳу фаҳшо корбурд нашудаанд, вале мазмуни он ифодакунандаи фаҳшу бадахлоқӣ дар замони муаллифи он аст: “Марде кӯдакеро дид, ки мегирист ва модараш бо ӯ мулотифат мекард, вале ором намеёфт. Мард кӯдакро гуфт: “Ором гир, вагарна бо модарат он кори хайр мекунам!” Гуфт: “Ӯ он чиро, ки ту мегӯйӣ, то набинад, бовар намекунад” [6, с.19-20].

Бояд қайд намуд, ки ҳикоёти навъи фавқуззикр намунаҳои бас мулоим аз ҳикоёти ғайрипорсоёна ё фоқиди ахлоқи “Дилкушо” ба ҳисоб мераванд, яъне ҳикоёте мебошанд, ки корбурди онҳо дар матн ба ҳайси намуна ва ё амсилаи шоҳид то ҷое мумкин ва таҳаммулпазир аст, вагарна аксари ҳикоёти ғайриахлоқии арабии рисолаи мазкурро ба ҷиҳати ниҳоят қабеҳу дурушт буданашон наметавон дар матнҳо ба ҳайси мисол истифода кард. Аммо, ҳикоёти қисмати аввал, яъне ҳикоётеро, ки дар онҳо вожагон ва ибораҳои ғайрипорсоёна истифода нагардидаанд, метавон ҳамчун амсилаи шоҳиди муаллиф дар иртибот бар ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи биниши вай ба кор бурд. Дар ҳамчунин ҳикоёт, ки дар онҳо нишоне аз фаҳшо ва суханони палиду манфӣ дида намешаванд, фазои нигариш ва ҳитаи андешаронии Убайд бо ҷанбаи суханпардозиву бадеият ва маҷозсипарии вай омезиш ёфта, аз ҳунару малакаи вижаи ӯ дарак медиҳанд. Масалан, дар ҳикояти сипоҳӣ ва ғазо Убайд меорад: “Сипоҳиеро гуфтанд: “Чаро ба ғазо берун намеравӣ?” Гуфт: “Ба Худо қасам, ки на ман онҳоро мешиносам ва на онҳо маро. Пас, душманӣ миёни ману онҳо чӣ гуна воқеъ шавад?” [6, с.20]. Ҳикмати Убайд аз овардани ин ҳикоят таблиғи дӯстӣ, радди душмании сохта ва, дар баробари ин, ташвиқи таҳаммулгароӣ ва аз сари эҳсосот ба душмании инсонҳо иқдом накардан аст. Чаро ки Убайд дарёфта, ки ин навъи ситезу душманӣ ба василаи дастгоҳҳои сиёсӣ миёни афроди ҷомеа ба таври сунъӣ эҷод мегардад ва сабабгори бурузи таассуботи манфии диниву мазҳабӣ, ки саъбтарин навъи таассуб аст, мегардад. Хонанда аз ҳикоёти навъи мазкур панд мегирад ва тафаккури вай дар марзи дӯстиву рафоқат, ҳилму меҳрубонӣ ва раҳму шафқат духул мекунад. Ин қабил ҳикоёти

Убайд дар тарбияи ҷаҳонбинӣ ва мафкуравии хонандагон саҳми қобили таваҷҷуҳ мегузоранд.

Ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” мавзӯъҳои гуногунро фаро гирифта, аз ҳайси муҳтаво ва мундариҷа басо рангин мебошанд. Дар онҳо Убайд бар мавзӯъҳои мухталифе амсоли додгустарӣ, таассуб дар адои маросими динӣ, диёсат, таассуб дар иқдоми бартар доштани муқаддасоти диниву мазҳабии худ ва паст ниҳодани муқаддасоти адёни дигар, ҳирси шаҳват, зино, нақди лавотаву ҳамҷинсбозӣ, ғазавот, имсоку бухл, вайроншавии оила, танзҳо бар таассуботи динӣ, фисқи риҷоли воломақоми рӯҳонӣ монанди қозӣ, шайх, фақеҳ, сӯфӣ, танзи содагии инсонҳо, танқиди зулму тааддии мардони сиёсат, нақди дуздӣ ва монанди инҳо ручӯъ карда, дар киноят аз ашхоси таърихӣ абнои рӯзгори хешро мавриди интиқод ва ҳазлу масхара қарор додааст. Зимнан, қайд кардан бамаврид аст, ки миёни ҷамеи мавзӯъҳои дар ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” истифодашуда мавзӯи фаҳшу зино мақоми марказиро ишғол менамояд. Убайд агарчи ин мавзӯъро дар мисоли ашхоси гузаштаи таърихӣ ва, ҳамчунин, ашхоси маҷҳулу беном дар ҳикоёти хеш матраҳ намудааст, аммо нуқтаи нигариш ва ҳадафи асосии вай афроди даврони худи вай ва абнои рӯзгораш мебошанд. Мақсуди муаллиф аз таълифи ин асараш низ танҳо дар интиқод аз фаҳшову бадахлоқии рӯзгораш нуҳуфтааст, вагарна, дар сурати акс, ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” ҷуз аз такрори ривоёт ва саргузаштҳои қудамо чизи дигаре нахоҳад буд.

Миёни ҷамеи образҳои мавриди танзҳои фаҳшомези Убайд қароргирифта, чунонки дар фавқ зикр гардид, риҷоли баландмартабаи рӯҳоният аз қабили қозӣ, сӯфӣ, фақеҳ, шайх ва монанди инҳо мебошанд. Убайд дар симои ин пешоҳангони маънавиву ахлоқии ҷомеааш, ки мебояст иқдомкунанда дар тарзи солими ҳаёти абнои рӯзгори вай бошанд, баръакс, тамомии афъол ва сифатҳои баду манфурро кашф карда, парда аз рӯйи маноҳиву бадкориҳои онҳо бардоштааст. Ҳамин аст, ки дар ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” шайх ҳамчун зинокор, сӯфиёну хирқапӯшон ҳамчун аҳли найрангу фиреб, ҳатто, Ҳорунаррашид, ки халифаи ислом буд, ҳамчун тимсоли фаҳшу бадкорӣ таҷассум ёфтааст.

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки ҳикоёти арабии “Дилкушо”, бо ин ки дар аксари нусхаҳои қадими осори Убайди Зоконӣ мавҷуд нестанд, дар марғубияту дилпазирӣ аз ҳикоёти форсии асари мазкур ва дигар осори муаллиф камӣ надоранд. Ба андешаи мо, сабаби аслии дар аксари нусхаҳои осори адиб вуҷуд надоштани ҳикоёти арабӣ фаҳшои мавзӯи он аст, чун дар нигоҳ бар муҳтавои ҳикоёти мазкур метавон муайян намуд, ки қисмати аъзами онҳо иборат аз баёни фаҳшу бадкорӣ ва кирдори ношоистаи инсонҳо мебошанд. Сабаби дигарро низ дар ин маврид набояд нодида гирифт, ки он надонистан ё бебаҳра будани нусхабардорон аз забони арабӣ мебошад. Аммо, сабаби нахустин ба мантиқ бештар наздикӣ дорад.

Симоҳои дар ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” тасвиршуда, агарчи тааллуқ бар афроди таърихӣ доранд ва агарчи аксари онҳо номҳои маҷҳул доранд, ҳамагӣ киноя аз абнои рӯзгори худи муаллифанд. Манзури ҳазлу масхараи ашхоси таърихӣ ва номаълум аз ҷониби Убайди Зоконӣ ин, пеш ҳама, интиқодоти вай аз ашхоси давронаш мебошад. Интиқодоти Убайд дар ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” дар пардаи танзу киноя ва бо баёни ғайритаҳаммулу оганда аз каломи фаҳшомез сурат пазируфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Мутааллиқ ба асри XIV. - №555 / 13. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 707 ҳ. / 1308 м. - 310 с.
2. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Нусхаи аксӣ (фотокопия) аз рӯйи нусхаи маҳфуз дар осорхонаи Британиёи Кабир. - №420. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 817 ҳ. / м. - 112 б.
3. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Мутааллиқ ба асри XX. - №1063. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон. - 270 с.
4. Зоконӣ, Убайд. Мунтахаби осор / Убайди Зоконӣ; мураттиб: Музаффар Холов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. - 271 с.
5. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев. Академияи улуми Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон. Институти шарқшиносӣ. - Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с.
6. Зоконӣ, Убайд. Рисолаи дилкушо. Бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол” / Убайди Зоконӣ; тасҳеҳ ва тарҷума ва тавзеҳи Алиасғари Ҳалабӣ. - Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.ш. - 370 с.
7. Санеъ, Меҳин. Убайд – шоири ношинохта / Меҳини Санеъ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.175-190.
8. Сафо, Забеҳулло. Баррасии осори манзум ва мансури Убайди Зоконӣ / Забеҳулло Сафо // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.157-170.
9. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Як мунтақиди иҷтимоии забардаст / Парвиз Нотили Хонларӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.121-132.
10. Ҳалабӣ, Алиасғар. Муқаддима / Алиасғари Ҳалабӣ // Зоконӣ, Убайд. Рисолаи дилкушо; бо инзимоми рисолаҳои “Таърифот”, “Садпанд” ва “Наводир-ул-амсол”. - Теҳрон: Асотир, 1383 ҳ.ш. - С.7-12.
11. Юсуфӣ, Ғуломҳусайн. Шӯхтабъе огоҳ / Ғуломҳусайни Юсуфӣ // Убайди Зоконӣ латифапардоз ва танзовари бузурги Эрон. - Теҳрон: Интишороти “Ашкон”, 1375. - С.264-282.

ҲИКОЁТИ АРАБИИ РИСОЛАИ “ДИЛКУШО”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Тибқи қайди муаллифи мақола, миёни ҷамеи осори насрии Низомиддин Убайди Зоконӣ қисмати арабии ҳикоёти рисолаи “Дилкушо” аз чанд ҷиҳат фарқияти назаррас дорад. Хусусияти якуми фарққунандаи ҳикоёти мазкур дар ниҳоят муъҷазу мухтасар будани онҳо инъикос мегардад. Матни аксари ҳикоёти арабии рисолаи мазкур,- зикр менамояд муаллиф,- ҷумлаҳои ниҳоят каму кӯтоҳро дар бар гирифта, баъзан иборат аз як ё ду ҷумла мебошанд. Дар шиносоии ҷиддӣ бо муҳтавои ҳикоёти арабии рисолаи “Дилкушо” метавон муайян намуд, ки қисмати бештари онҳо дарбаргирандаи як ҷумла буда, муаллиф дар эҷоди онҳо ниҳояти иҷозу мухтасаргӯйиро ба кор бурдааст. Ин агар, аз як тараф, аз ҳунари баланди нависандагии Убайди Зоконӣ дарак диҳад, аз ҷониби дигар, ҷанбаи шавқовариву таъсирбахшоии асарро таъмин менамояд. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки хусусияти дигари назарраси ҳикоёти арабии рисолаи мазкур дар истифодаи суханони фаҳшу дур аз доираи ахлоқ мебошанд. Дар қиёс бо ҳикоёти форсии рисолаи “Дилкушо” ва, умуман, дар қиёс бо тамомии осори насрии адиб, ҳикоёти арабии мазкур дар истифодаи алфози кӯчаву бозор ва каломи номуътадили ахлоқӣ ва ғайрипорсоёна мақоми аввалро ишғол менамояд. Дар ҳикоёти арабии “Дилкушо” вожаҳову ибораҳо ва ифодаҳои зиёди ғайриахлоқӣ, ки таҳаммули аксари онҳо барои як инсони мутамаддин басо мушкил аст, мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки онҳоро ба ҳайси намуна дар ягон матн наметавон ба кор бурд.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, ҳикоёти арабӣ, рисолаи “Дилкушо”, наср, вожаҳову ибораҳои ғайриахлоқӣ ва нопорсоёна, фаҳшу бадахлоқӣ, шайх, сӯфӣ, фақеҳ.

АРАБСКИЕ РАССКАЗЫ ТРАКТАТ “ДИЛКУШО” (/“УВЕСЕЛИТЕЛЬНЫЙ ТРАКТАТ”) УБАЙДА ЗОКОНИ И НЕКОТОРЫЕ ИХ ОСОБЕННОСТИ

По словам автора статьи, среди всех прозаических произведений Низамеддина Убайда Зокони арабские рассказы трактата “Дилкушо” ярко отличаются некоторыми своими чертами. Первая отличительная особенность вышеприведенных рассказов заключается в их лаконичности и сокращенности. Текст большинства арабских рассказов упомянутого трактата,- отмечает автор,- содержит много малообъемных и коротких предложений, а иногда даже состоит из одного или двух предложений. В результате ознакомления с содержанием арабских рассказов трактата “Дилкушо” можно подтвердить, что большинство из них состоят из одного предложения и в их изложении автор показал особое мастерство относительно лаконичной речи. Это особенность, с одной стороны, говорит об уникальном мастерстве Убайда, с другой стороны, обеспечивает эффектность и увлекательность его произведения. При обращении к такого рода рассказам, читатель с большим интересом, прочитав их, без затруднений осваивает их содержание. Автор статьи отмечает, что другая отличительная особенность арабских рассказов трактата “Дилкушо” состоит в использовании аморальных слов или сквернословий со сторони его автора. По сравнению с персидскими рассказами трактата и, в общем, со всеми прозаическими произведениями писателя, арабские рассказы “Дилкушо” занимают первое место в применении нестандартных и аморальных слов и словосочетаний. Так как в арабских рассказах трактата “Дилкушо” автором использованы множество слов и языковых единиц, которые, с точки зрения нравственности, являются весьма нетерпимыми для каждого цивилизованного человека и которых никак нельзя применить ни в одном тексте в качестве литературного примера.

Ключевые слова: Убайд Зокони, арабские рассказы, трактат «Дилкушо», проза, сквернословие и аморальные слова и словосочетания, безнравственность и беспутство, шейх, суфий, факих.

ARABIC STORIES "DILKUSHO" TRACT (/ "FUN TRACT") UBAYDA ZONI AND SOME OF THEIR FEATURES

According to the author of the article, among all the prose works of Nizameddin Ubayd Zokoni, the Arabic stories of the Dilkusho treatise are clearly distinguished by some of their features. The first distinguishing feature of the above stories is their brevity and abbreviation. The text of most of the Arabic stories of the mentioned treatise, the author notes, contains many small and short sentences, and sometimes even consists of one or two sentences. As a result of acquaintance with the content of the Arab stories of the treatise "Dilkusho", it can be confirmed that most of them consist of one sentence and in their presentation the author has shown special skill in relation to laconic speech. This feature, on the one hand, speaks of the unique skill of Ubaid, on the other hand, ensures the showiness and fascination of his work. When referring to such stories, the reader with great interest, having read them, easily masters their content. The author of the article notes that another distinctive feature of the Arab stories of the Dilkusho treatise is the use of immoral words or foul language on the part of its author. Compared with the Persian stories of the treatise and, in general, with all the prose works of the writer, the Arab stories of "Dilkusho" rank first in the use of non-standard and immoral words and phrases. Since in the Arabic stories of the treatise "Dilkusho" the author used a lot of words and linguistic units, which, from the point of view of morality, are very intolerant for every civilized person and which cannot be applied in any text as a literary example.

Key words: Ubayd Zokoni, Arab stories, treatise "Dilkusho", prose, foul language and immoral words and phrases, immorality and dissipation, sheikh, Sufi, fuqih.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффоров Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литература. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК:891.1

ЗИНДАГИНОМАИ ХОВАРШИНОСИ МУМТОЗ

Алиев С.М.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар бораи рӯзгор ва осори шарқшиноси маъруфи рус В.А. Жуковский ҳарчанд мақолаҳои зиёд чоп шудаанд, вале дар ин бора ҳанӯз таҳқиқоти густурдаву комил сурат нагирифтааст ва лаҳзаҳои зиёди ҳаёти ӯ равшан карда нашудааст. Дар мақолаҳои шарқшиносони маъруф В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, В.Истрин, Н.И. Умняков, М.Н. Боголюбов, П.П. Бушев, Ю.Е. Борщевский, О.Н. Смирнова, А.М. Мугинов ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни рӯзгор ва осори В.А. Жуковский мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Махсусан, П.П. Бушев дар асоси маводи бойгонӣ ва номаҳои В.А. Жуковский шарҳи ҳоли муфассали ӯро ба қалам додааст, ки мо бештар ба он такя менамоем.

В.А. Жуковский 24 апрели (5 майи) соли 1858 дар шаҳри Воронежи Россия ба дунё омадааст. Падараш Алексей Иванович ва модараш Наталя Ивановна шахсони миёнаҳол буда, ба писарони худ Валентин ва Иван маълумоти олӣ ва ба фарзандони дигарашон Василий, Мария ва Александра маълумоти миёна додаанд.

Таҳсили ибтидоиро В.А. Жуковский дар шаҳри Маскав дар гимназияи хусусии Ф. Крейман шурӯъ намуда, сипас дар гимназияи Воронеж идома додааст. Соли 1876 гимназияро бомуваффақият хатм намуда, ба шуъбаи арабӣ, форсӣ ва туркиву тотории факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи Петербург дохил шуд. Интихоби ӯ тасодуфӣ набуд. В.А. Жуковский ба Шарқ дилбастагии зиёд дошт ва чи тавре ки академик С.Ф. Олденбург таъкид кардааст, онро сарчашмаи пешрафтҳои Ғарб медонист. Дар ин бора П.П. Бушев низ таваққуф намуда, менависад: «Жуковский, дарвоқеъ, аз бисёр шарқшиносон, бахусус ховаршиносони Аврупои Ғарбӣ фарқ мекард. Комёбиҳои барҷастаи фарҳангии халқҳои Шарқро дар он даврони дерин, ки кишварҳои имрӯзаи Аврупои Ғарбӣ дар даврааи барбарият ё дар зинаҳои аввали тамаддун қарор доштанд, эътироф менамуд. Ин эҳтиром ба халқҳои Шарқ ва дарки арзишҳои мероси фарҳангии онҳо ҳамеша хосси Жуковский буд ва ӯро аз шарқшиносони зиёди буржуазӣ боло мегузошт» [9, с.118].

Дар донишгоҳ ба В.А. Жуковский донишмандони маъруф В.В. Розен, К.Г. Залеман, И.Н. Березин ва дигарон дарс мегуфтанд. Ӯ аввал ба забонҳои туркӣ майл дошт. Аввалин кори мустақилонаи илмии даврааи донишҷӯии ӯ дар мавзӯи «Дар бораи таърихномаи нависандаи турки усмонӣ Алӣ-афандӣ «Куюнглу –л- ахбор» буд, ки бо муқаддимаи муфассал шурӯъ шуда, сипас, тарҷумаи асарро дар асоси нусхаҳои дар Лейден, Вена ва Константинопол маҳфузбуда дар муқоиса бо сарчашмаҳои дигар дар бар мегирифт. Ин кори ӯ бо медали тиллои донишгоҳ тақдир карда шуд.

Пас аз хатми донишгоҳ В.А. Жуковский дар соли 1880 бо қарори Шӯрои факултаи забонҳои Шарқ дар кафедраи забони форсӣ ба кор қабул гардид. Ӯ акнун забон ва адабиёти форсиро ба таври қатъӣ ихтисоси асосии худ қарор дод.

Соли 1881 В.А. Жуковский бо Варвара Ивановна Карлошева, ки аз хонаводаи камбизоат буд, хонадор мешавад. Ӯ барои В.А. Жуковский на танҳо ҳамсари хуб, балки ёвари корҳои таҳқиқотӣ низ ба шумор мерафт. Тавре ки баъдтар хоҳем дид, ҳамсари В.А. Жуковский, махсусан ҳангоми зиндагиву кор дар Эрон, дар ҷамъоварии маводи таҳқиқотӣ ба ӯ мадади зиёд расондааст. Таҳсилро дар магистратура низ бомуваффақият анҷом дода В.А. Жуковский соли 1883 барои дарёфти дараҷаи магистрӣ рисоларо дар мавзӯи «Алӣ Авҳадиддин Энверӣ. Мавод барои шарҳи ҳол ва тавсифи ӯ» пешниҳод намуд. Ба рисола муқарризони расмӣ ва аъзои Шӯрои илмии факулта баҳои баланд дода, муаллифи онро якдилона ба дараҷаи номзади илм сазовор донистанд. Худи ҳамон сол рисола дар шакли китоби ҷудогона ба табъ расид. Аввалин асари чопии ӯ таваҷҷуҳи шарқшиносони маъруфи русу хориҷиро ҷалб намуд. Ба рисола аз ҷумла К. Залеман, С.Ф. Олденбург, В. В. Бартолд ва ховаршиносони Ғарб Перч ва Э. Браун баҳои хеле баланд доданд.

Дар бораи пешрафтҳои илмии В.А. Жуковский декани факулта В. Василев ва устодон В.В. Розен, И.Н. Березин, В.Ф. Гиргас ба ректори донишгоҳ маълумот дода, хоҳиш намуданд, ки барои такмили забондонӣ ӯ ба сафари илмӣ ба Эрон фиристода шавад. Дар номаи худ онҳо ба натиҷаи хуби сафар умедворӣ изҳор намуда, дар оянда ӯро пас аз сафар ба мудирии кафедраи забон ва адабиёти форсӣ тавсия кардаанд.

4 майи соли 1883 В.А. Жуковский ҳамроҳи ҳамсараш аз Воронеж ба Боку ва аз он ҷо ба Эрон сафар намуд. 19 июни ҳамон сол дар моҳи рамазон ӯ ба шаҳри Теҳрон ворид шуд. Ҳадафи асосии сафари ӯ такмил додани дониши забон ва адабиёти форсӣ, ҷамъоварии мавод дар бораи гӯйишҳои забони форсӣ ва харидории китобу дастнависҳо аз мардум барои донишгоҳ иборат буд. Забони форсӣ, бахусус забони гуфтугӯиро хуб донистани В.А. Жуковский таваҷҷуҳи кормандони сафорати Россия дар Эрон ва мансабдорони

эрониро ҷалб намуд. Аз ҷумла, корманди консулгарии Россия дар Астаробод И.С. Игнатев ба факултаи забонҳои Шарқи донишгоҳ хабар додааст, ки «В.А. Жуковский забони гуфтугӯйии форсиро ба дараҷаи хуб медонад».

Аз забондонии ӯ он ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки бо Носириддиншоҳ озодона ба забони гуфтугӯии форсӣ суҳбат намудааст. Шоҳ ҳатто ният доштааст, ки ӯро сарвари Дорулфунун таъйин намояд. Губернатори Исфаҳон ва Шероз шоҳзода Зиллисултон низ ӯро ба хидмат даъват карданӣ будааст. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ин ниятҳо амалӣ нашудаанд. Дар ин бора В.А. Жуковский дар номаҳои худ ба устодаш В.Р. Розен хабар додааст. В.А. Жуковский аз рӯзҳои аввали ба Эрон омадан ба омӯзиши забон пайваста машғул мешуд. Тавре ки ӯ дар номааш навиштааст, яке аз олимони маҳаллиро муаллим интихоб намуда, ҳар рӯз аз се то панҷ соат ба забономӯзӣ машғул мешудааст. Сипас, ӯ ба омӯзиши мантиқ ва сарфу наҳв пардохтааст. Пас аз он ба адабиёт рӯй оварда, мутолиаи девони Носири Хусравро пеш гирифтааст [11, с.121].

Дар муддати 15 моҳе, ки ӯ дар Теҳрон зиндагӣ кардааст, ӯ вазифаҳои худро софдилона иҷро намуда, дастнависҳову китобҳои зиёди чопи сангиро барои дошнишгоҳ харидорӣ кардааст. Азбаски барои харидани баъзе дастнависҳо имкон надоштааст, онҳоро ба орият гирифта нусхабардорӣ намудааст. Аз ҷумла, дар бойгонии Бахши ленинградии Институти шарқшиносии АИ ИҶШС нусхаи рӯйнавискардаи ашъори Муҳаммади Парешон ба забони курдӣ ва рубоиёти Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ ба лаҳҷаи лурӣ маҳфузанд, ки В.А. Жуковский анҷом додааст. Дар яке аз номаҳояш ӯ ба Розен хабар медиҳад, ки барои аз нобудшавӣ раҳо кардани дастнависи «Ёддоштҳои Бартелеми Семино», муҳандиси фаронсавӣ дар бораи ҷанги охирин бо Россия (1826-1828) ба забони фаронсавӣ, онро аз хонаи Аббос Мирзо бидуни иҷозат гирифтааст.

Сентябри соли 1884 В.А. Жуковский бо ҳамсараш ба шаҳраки Ҷулфа, ки дар наздикии Исфаҳон воқеъ буда, дар он аксаран арманиҳои муҳоҷир зиндагӣ мекарданд, меравад. Ӯ дар ин ҷо ба омӯзиши фолклор машғул мешавад. Дар ин кор ба ӯ ҳамсараш, ки забони форсиро омӯхта буд, мадади зиёд мерасонад. Азбаски ба корҳои оилавӣ ворид шудани мардони бегона ғайриимкон буд, дар ин маврид ҳамсари олим тавонист ба оилаи эронӣ ворид шуда, бо муносибатҳои оилавӣ ва тарзи маишату рӯзгори он ошно шавад. Ӯ ҳатто ба маҳрамгоҳи оилаи эронӣ андарун роҳ ёфта маводи зиёдеро пайдо кард. Дар асоси маводи ҷамъовардааш ҳамсари В.А. Жуковский мақолае таҳти унвони «Андаруни форсӣ» навишт, ки дар маҷаллаи «Вестник Европы» ба табъ расидааст.

В.А. Жуковский дар номааш ба Розен дар бораи мададу ҳамкории ҳамсараш дар омӯхтану ҷамъоварии маводи фолклорӣ ва лаҳҷаҳо сухан ронда, ҷаҳду кӯшиши ӯро дар ин росто тавсиф менамояд. Маводи оид ба гӯйишҳо ҷамъовардаи ӯро В.А. Жуковский дар асари худ «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ» истифода кардааст, ки ба ин С.Ф. Олденбург низ ишора намудааст.

Дар муддати якуним соли зиндагӣ дар Исфаҳон В.А. Жуковский маводи фаровоне дар бораи эҷодиёти шифоҳии мардум ва лаҳҷаҳои гуногуни форсӣ амсоли кеша, коҳрӯдӣ, рӯдаштӣ, зефра ва ғайра ҷамъ меоварад ва мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ равиши тозаеро дар таҳқиқи маводи лаҳҷаҳо пеш гирифта, дар таснифи лаҳҷаҳо низ тағйироти ҷиддӣ ворид менамояд ва беасос будани таснифоти шарқшиносони Ғарбро ба субут мерасонад. Дар ҷамъоварии мавод низ ӯ равиши тозаро пеш гирифта, бештар бо намояндагони босаводу боэътимоди ҳар маҳал робита пайдо мекард ва бо пурсишу суолҳои худ масъаларо ҳал менамуд [12, № 2].

Аз номаҳои В.А. Жуковский бармеояд, ки ӯ, дарвоқеъ, дар ин давра хеле пурсамар кор кардааст. Ӯ дар номааш навиштааст, ки танҳо аз лаҳҷаи бахтиёрӣ беш аз ҳазор ва аз рӯдаштӣ тақрибан 900 шеърро ҷамъоварӣ ва тарҷума кардааст. Вале нақшаҳои илмии В.А. Жуковский доманадор буданд, аз ин рӯ, ӯ хоҳиш намуд, ки муддати сафари илмиашро тамдид намоянд. Вазорати маорифи Россия муддати сафари илмии ӯро дар Эрон боз як солу се моҳ дароз намуд.

Марти соли 1886 В.А. Жуковский бо ҳамсараш ба Шероз рафт. Ҳарчанд вазъи зиндагии онҳо дар он ҷо хуб набуд ва душвориҳои зиёд пеш меомаданд, В.А. Жуковский ба омӯзиши лаҳҷаҳои бахтиёрӣ, чаҳорлангу ҳафтланг машғул гардид ва ба натиҷаҳои назаррас ноил шуд. Ёди ватан ӯро мутаассир мекунад ва ӯ майли баргаштан ба Россия менамояд. Дар муддати зиндагӣ дар Эрон В.А. Жуковский, воқеан, корҳои зиёди илмиро анҷом дода, дар бораи эҷодиёти даҳонии мардум ва лаҳҷаҳои он ҷо маводи фаровон ҷамъ оварда. Ӯ аз корҳои анҷомдодааш ба ваҷд омада, дар номаҳояш ба арзиши баланди осори ҷамъовардааш ишора намудааст. Ӯ дар натиҷаи омӯзиши осори халқӣ ба хулосае меояд, ки маҳз дар фолклор андешаҳои баланди иҷтимоиву сиёсии мардум хеле равшану воқеӣ ифода шудаанд. Ӯ омӯзиши эҷодиёти даҳонии халқро дар илми шарқшиносӣ ба дараҷаи баланд бардошт.

Дар зимни ин сафари худ В.А. Жуковский бо тарзи зисту зиндагии мардуми Эрон, расму оин, ҷашну идҳо, одату одоб ва дигар ҷанбаҳои рӯзгору маишати онҳо тавоҷуҳ зоҳир мекард ва дар ин мавзӯъҳо як зумра асарҳои мардумшиносӣ эҷод намудааст. Аз ҷумла, дар бораи ҷашнҳои арӯсӣ, сурудҳои аллаи мардуми Эрон суханронӣ карда, мақолаҳои муфассали илмӣ навиштааст. Маводи фаровон оид ба маросимҳои гуногуни мардуми Эрон, сурудҳои маросимии онон дар китоби «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ» ҷамъоварӣ ва нашр шудаанд.

Ин китоб бо арзиши баланди илмиаш мавриди писанди муҳаққиқон қарор гирифт ва ба дарёфти ҷоизаи нишони тиллоии Ҷамъияти ҷуғрофии Рус сазовор гардид.

Тавре ки баъдтар хоҳем дид, В.А. Жуковский ба адабиёти омиёнаи мардуми Эрон тавоҷуҳи хеле зиёд дошт. Ӯ роҷеъ ба вазъи ин адабиёт ва робитаи он бо ҳаёти иҷтимоиву сиёсии давр чандин маротиба суханронӣ карда, мақолаҳо чоп намудааст. Аз ҷумла, «Ашъори бозории форсӣ дар мавзӯъҳои муосир», «Рӯзҳои вопасини шоҳ Носириддиншоҳ», «Хусусиятҳои вазъи ҳозираи Форс дар осори адабии он» ба масъалаҳои доғи рӯз бахшида шудаанд [6, (1902). с.197]. В.А. Жуковский дар бораи шаҳрҳои Машҳаду Тӯс ва мақбараи Фирдавсӣ мақолаҳо навиштааст. Ӯ аз вазъи ногувори мақбара хеле мутаассир шуда, дар мақола ба беэътибории эрониён ба мақбараи шоири бузурги изҳори таассуф кардааст.

Дар зимни сафари худ дар Эрон В.А. Жуковский на танҳо забондониашро такмил дод, балки бо тарзи зисту зиндагии мардум, фолклори бойи кишвар ва ҷабҳаҳои дигари ҳаёти мардуми Эрон хеле хуб шинос шуд. Ҳамчунин, ӯ бо маслиҳати устоду ҳамкораш В. Розен ба масоили дину мазҳаби мардум низ тавоҷуҳ зоҳир намуда, дар бораи ҷараёну фирқаҳои динӣ, дарвешигарӣ ва амсоли инҳо маводи зиёде ҷамъ овард.

Ҳангоми зиндагӣ дар Эрон В.А. Жуковский бо намояндагони табақаҳои гуногун ошноӣ пайдо кард. Ӯ хоҳиши зиёд доштааст, ки бо шоирону нависандагони муосири Эрон шинос шавад, вале ин муяссар нагаштааст.

Сафари илмии беш аз сесолаи В.А. Жуковский дар Эрон 3 майи соли 1886 ба анҷом расид ва ӯ бо ҳамсараш ба Петербург баргашт. Аз 11 июни 1886 ӯро ба вазифаи дотсент ва иҷрокунандаи мудири кафедраи забону адабиёти форсии факултаи шарқшиносии донишгоҳ таъйин намуданд. Аз моҳи октябри ҳамон сол ӯ ба хондани лексия шурӯъ намуд ва то охири умр ба тадриси донишҷӯён машғул шуд. В.А. Жуковский бо шавқу дилбастагии зиёд ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғул мешуд. Ӯ ба донишҷӯён муносибати хуб доштааст, ки дар ин бора шогирдонаш самимона сухан рондаанд. Шогирдони ӯ пас аз хатми донишгоҳ низ бо устоди худ робитаи қавӣ дошта, пайваста мукотиба мекардаанд ва онҳое, ки дар Эрон кор мекарданд, ба устоди худ маводу китобҳои зарурiро мефиристоданд. Дар баробари тадрис В.А. Жуковский пажӯҳиши илмиро давом медиҳад. Азбаски дастуру китобҳои дарсиву таълимӣ дар он солҳо хеле кам буданд, ӯ, пеш аз ҳама, матни «Афсонаи тӯтӣ»-ро бо луғату тавзеҳот чоп намуд, ки аз рӯйи он донишҷӯён забон меомӯхтанд [1, с.308-314].

Соли 1889 ҳамроҳи К.Г. Залеман В.А. Жуковский китоби сарфу наҳви забони форсиро бо тавзеҳоту иловаҳо ба забони олмонӣ лар Берлин ба нашр мерасонад. Пас аз як сол китоби мазкур ба забони русӣ ба табъ мерасад.

Ин китоб яке аз аввалин дастурҳои илмиву таълимӣ роҷеъ ба сарфу наҳви забони форсӣ буда, арзиши баланди илмӣ дошт. Аз ин ҷост, ки солҳои баъдина китоби мазкур чандин бор интишор ёфт. В.А. Жуковский маводи дар Эрон роҷеъ ба гӯйишҳои форсӣ ҷамъовардаашро соли 1888 ба табъ расонда, дар асоси он рисолаи докториро дифоъ намуд. Пас аз ин, ӯ соҳиби унвони профессорӣ гардид.

Чунонки В.В. Бартолд навиштааст, В.А. Жуковский ният доштааст, ки маводи ҷамъовардаашро дар 5 ҷилд нашр намояд. Ҷилди аввали «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ» соли 1888 ба табъ мерасад. Ҷилдҳои 2 ва 3 он пас аз вафоти ӯ чоп мешаванд. Вале ҷилдҳои дигар то ҳол нашр нашудаанд [7, с.132].

Дар ин солҳо ӯ хеле пурсамар кор карда, дар солҳои 1889-1891 беш аз 20 асар ба табъ расондааст ва ҳамчун эроншиноси барҷаста шуҳрат ёфтааст.

Соли 1890 Комиссияи археологии Анҷумани археологии Россия В.А. Жуковскийро ҳамчун эроншиноси варзида барои омӯзиши осори фарҳанги форсӣ дар вилояти Соҳили Каспий ба сафари илмӣ мефиристад. Ҷустуҷӯйҳои илмии худро дар ин вилоят ӯ дар асари бунёдиаш «Осори бостон дар кишвари Соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» ҷамъбаст намудааст. Ӯ бо ин асари худ на танҳо адабиётшиносу забоншиноси барҷаста, балки бостоншиносу таърихшиноси варзида буданашро нишон додааст. Ба ин асар донишмандон, аз ҷумла таърихшиноси маъруф В.В. Бартолд баҳои хеле баланд дода, онро беҳтарин асари илмӣ дар бораи шаҳрҳои Эрон донистааст [2, с.280].

В.А. Жуковский барои таълифи асари мазкур ба ҷоизаи нишони тиллоии Анҷумани археологии Россия сазовор мегардад ва узви вобастаи Комиссияи археологӣ интихоб

мешавад. Акнун дар фаъолияти илмии худ ӯ бештар ба масъалаҳои таърих, ҷараёнҳои иҷтимоиву мазҳабӣ таваҷҷуҳ менамояд. Таваҷҷуҳи ӯро масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, вазъи бобҳо, габрҳо ва аҳли дигар мазҳабҳо ҷалб менамоянд. Аз ҷумла, дар мақолаи «Дар бораи вазъи габрҳо дар Форс» В.А. Жуковский вазъи ногувори ин тоифаро ба қалам дода, ба ҷабру зулм ва беадолатиҳое, ки нисбат ба онҳо карда мешаванд, ишора намудааст [3, с.29]. Дар ин солҳо В.А. Жуковский бештар ба корҳои ташкиливу маъмурӣ ҷалб мегардад. Аз соли 1892 то 1902 дар вазифаи котиби илмии факулта кор мекунад. Сипас, ӯ ба ҷойи устодаш Розен, ки ба нафақа рафта буд, декани факулта интихоб мешавад. Ӯ соҳиби унвони профессорӣ мегардад ва бо ҷоизаву нишонҳои гуногуни Россия, Эрон ва Бухоро мушарраф мешавад.

Соли 1896 Комиссияи археологӣ бори дувум В.А. Жуковскийро ба кишвари Соҳили Каспий ба сафари илмӣ мефиристад. Ҳадафи асосии ин сафар ҷустуҷӯйҳои таърихиву филологӣ барои нашри сарчашмаҳои форсӣ дар бораи таърихи ин кишвар буд. Дар ин сафари худ В.А. Жуковский бо харобаҳои Ниссо, Абевард ва Майхона шинос шуда, нияти навиштани асарро дар ин бобат ба устодаш Розен изҳор менамояд [4. Ч.237. с.1895].

В.А. Жуковский дар соли 1899 матни ду асарро ба забони форсӣ, ки ба тасаввуф марбут буданд, ба нашр мерасонад. Ин осор аз суханони Абӯсайиди Майхонӣ ва шарҳи рубоиёти Абӯсайид иборат буданд.

Худи ҳамон сол В.А. Жуковский ҳамроҳи ҳамсараш ба муддати се моҳ ба сафари илмӣ ба Теҳрон меравад. Ҳадафи ин сафар пурра намудани маводи дар сафари аввал дар бораи осори шифоҳии мардуми Эрон ҷамъоварда ва шиносоӣ бо адабиёти навини форсӣ, бо вазъи маориф дар мамлакат ва китобхонаҳои Теҳрон, ҳамчунин таҳкими робитаҳо бо аҳли илми кишвар буд. Дар ҷамъоварии мавод ба В.А. Жуковский мисли сафари аввал ҳамсараш мадади зиёд мерасонад. Дар натиҷаи ин сафар В.А. Жуковский асари маъруфи худ «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ»-ро ба нашр мерасонад. Асари мазкур зуд шуҳрат пайд карда, дар шарқшиносии рус ва Ғарб баҳои баланд мегирад. Аз ҷумла С.Ф. Олденбург, В. Минорский, А. Кримский ва дигарон ба он баҳои баланд медиҳанд. Анҷумани ҷуғрофии Россия барои таълифи ин асар ба В.А. Жуковский медали тиллоӣ туҳфа менамояд.Дар зимни ин сафар шоҳи Эрон В.А. Жуковскийро бо нишони Шеру Хуршед қадрдонӣ мекунад. Ҳангоми сафар В.А. Жуковский бо китобхонаҳои зиёди давлативу шахсӣ ошно шуда, бо шахсони маъруфу мансабдор ва ноширону фарҳангиён ва садри аъзам шиносоӣ пайдо мекунад. Ҳамчунин, зимни ин сафар ӯ бо намояндагони фирқаи Неъматуллоҳӣ шинос шуда, аз моҳияту ҳадафҳои он огоҳ мегардад. Ӯ пас аз суҳбатҳои зиёд бо дарвешон ба натиҷае мерасад, ки ин фирқа арзиши пешинаи худро аз даст додааст ва дар бисёр мавридҳо ҷанбаи иртиҷоӣ гирифтааст. Бинобар ин, ӯ таваҷҷуҳашро бештар ба таърихи тасаввуф дар Эрон равона месозад.

В.А. Жуковский маводи дар зимни ин сафар ҷамъовардаашро илова бар «Намунаҳо…» дар чанд мақолаи дигар истифода менамояд. Аз ҷумла, дар мақолаи «Намуначае аз ҳаҷви форсӣ» ҳаҷвияеро, ки ба Аббос Мирзо нисбат дода мешавад, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, мақолаи муфассале дар бораи сурудҳои лолоии форсӣ ва марсияхонӣ ба табъ мерасонад. Фаъолияти минбаъдаи В.А. Жуковский лар донишгоҳ дар вазифаҳои гуногуни идорӣ ба кори илмии ӯ асар мегузорад. Бештари вақти ӯ ба корҳои ташкиливу созмондиҳӣ, ҷаласаву семинарҳо мегузашт ва барои пажӯҳиш имконият камтар буд. Аз ин ҷост, ки дар корҳои илмии ӯ ва нашри осори илмӣ коҳиш ба назар мерасад. В.В. Бартолд ба ин масъала ишора намуда, таъйид кардааст, ки аз соли 1902 то соли 1916 дар фаъолияти илмии В.А. Жуковский танаффуси тӯлонӣ ба вуҷуд омад. «Дар таърихи шарқшиносии рус ин сукути дуру дарози беҳтарин донандаи яке аз кишварҳои олами мусулмонӣ, шояд яке аз далелҳои хеле ҳузнангез дониста шавад».

Дар бораи сабабҳои рух додани вақфа дар фаъолияти илмиву эҷодии В.А. Жуковский донишмандони маъруфу ҳамкоронаш В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург писари ӯ Сергей Валентинович ва П.П. Бушев изҳори назар намудаанд. Аксари онҳо ба хулоса омадаанд, ки сабаби асосии ин вазъ ба иҷрои корҳои идорӣ сарф шудани вақту неруи ӯ будааст. В.А. Жуковский мехост, ки ба нафақа баромада ба корҳои пажӯҳишӣ машғул шавад. Соли 1906 барои истеъфо додан аз вазифаҳои декани факулта ва сардори Шуъбаи таълими Вазорати корҳои хориҷӣ мурочиат менамояд. Вале ин дархости ӯ пазируфта намешавад. Соли 1911 ба ӯ унвони профессори шоиста дода мешавад. Ӯ бори дувум барои баромадан ба нафақа дархост пешниҳод менамояд. Ниҳоят 30 сентябри соли 1911 вазифаҳои масъулро месупорад ва ба нафақа баромада, танҳо ба хондани лексия дар бораи забони форсӣ машғул мешавад [5, с.411].

Солҳои охири умр В.А. Жуковский ба баррасии тасаввуф машғул будааст. Дар лаҳзаҳои вопасини умр ӯ ашъорро аз девони Бобо Кӯҳии Шерозӣ тарҷума мекардааст. Дар бораи ҷаҳонбинӣ ва мавқеу андешаҳои иҷтимоиву сиёсии В.А. Жуковский муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф баён кардаанд. Аз шарҳи ҳолаш бармеояд, ки ӯ тамоми

неруи худро ба илму таълим бахшида, ба маъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҷунбишҳои инқилобӣ, ки дар он солҳо мамлакатро фаро гирифта буд, сарукор надоштааст. Вале муаллифони китоби дастаҷамъии «Таърихшиносии таърихи ИҶШС аз замонҳои қадимтарин то Инқилоби Кабири сотсиалистии Октябр» навиштаанд, ки ӯ асарҳои худро «аз мавқеи буржуазияи истеъморгар» таълиф кардааст. Ҳамчунин, онҳо бидуни зикри далеле таъкид кардаанд, ки ӯ сиёсати русикунонии кишварҳои дигарро пеш бурдааст. Тавре ки баъдтар хоҳем дид, В.А. Жуковский аз аввалин шарқшиносонест, ки ба таъриху тамаддуни Шарқ холисона ва бо садоқату самимият ва эҳтиром муносибат кардааст. Дар аввалин асарҳои худ, тавре С.Ф. Олденбург навиштааст, В.А. Жуковский Шарқро ҳамчун сарчашмаи тамаддуни Ғарб арзёбӣ кардааст [6, (1961) с.16-172].

Чунин муносибати В.А. Жуковскийро П.П. Бушев низ сифати мумтози осори илмии ӯ медонад: «Жуковский, дарвоқеъ, аз шарқшиносони зиёд, бахусус ховаршиносони Ғарб бо эътирофи дастовардҳои фарҳангии мардуми Шарқ дар замонҳои дур, ки кишварҳои кунунии Аврупои Ғарбӣ дар марҳалаи барбарӣ ё дар зинаҳои аввали тамаддун қарор доштанд, фарқ мекард» [12, с.2041].Чоруми январи соли 1918 В.А. Жуковский дар шаҳри Петербург чашм аз ҷаҳон мепӯшад ва дар қабристони Ново-Девичеи он ҷо ба хок супорида мешавад. Даргузашти ӯ талафоти бузурге дар шарқшиносии рус буд. Зеро В.А. Жуковский аз бузургтарин шарқшиносони рус ва ҷаҳон буд, ки дар таҳқиқи забон, адабиёт, таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Эрон хидмати беназир анҷом додааст [10, с.118].

А Д А Б И Ё Т

1. В.А. Жуковский. Могила Фирдоуси / Жуковский В.А. – ЗВОРАО. - Т. У1. – 1891. - С.308-314.
2. В.А. Жуковский. Древности Закаспийского края. Развалины старого Мерва / Жуковский В.А. - СПб., 1894.
3. В.В. Бартолд. Историко-географический обзор Ирана / В.В. Бартолд. - СПб., 1903. - С.29.
4. В.А. Жуковский. О положении гебров в Персии / Жуковский В.А. - ЖМНП, 1895. - Ч.237.
5. В.В. Бартолд. Памяти В.А. Жуковского / В.В. Бартолд // Записки Восточного Отделения. - Т. ХХУ. – 1921. - С.411.
6. Историяграфия истории СССР с древнейших времен до Великой Октябрской революции. – М., 1961. (разного содержания. Собрал и перевел В.А. Жуковский. СПб., 1902).
7. Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метрики и библиографии / Составили К.Г. Залеман и В.А. Жуковский. - СПб., 1890.
8. Образцы персидского народного творчества. Песни певцов-музыкантов, песни свадебные, песни колыбельные, загадки, образцы.
9. П.П. Бушев. Жизнь и деятельность В.А. Жуковского. Очерки по тисории русского востоковедения / Бушев П.П. - С.118.
10. П.П. Бушев. Жизнь и деятельность В.А. Жуковского. Очерки по истории русского востоковедения / Бушев П.П. - Сб. 1У. – М.: ИВЛ, 1969. - С.118.
11. П.П. Бушев. Жизнь и деятельность В.А. Жуковского. Очерки по истории русского востоковедения/ Бушев П.П. - Сб. 1У. – М.: ИВЛ, Сб. 1У. - С.121.
12. С.Ф. Олденбург. Валентин Алексеевич Жуковский. 1858-1918. / Олденбург С.Ф. // Известия Российской Академии наук. – 1919. - № 2. - С.2041.

ЗИНДАГИНОМАИ ХОВАРШИНОСИ МУМТОЗ

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи ховаршиноси барҷаста, шарқшиноси маъруфи рус В.А. Жуковский маълумоти пурмазмун пешниҳод намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки В.А. Жуковский яке аз олимони барҷастаест, ки эҳтиром ба халқҳои Шарқ, дарки арзишҳои мероси фарҳанги онҳоро ҳамеша сармашқи кори худ намуда буд. В.А. Жуковский забони форсӣ, бахусус забони гуфтугӯиро хуб медонист, ки барои чуқур омӯхтани забон, мантиқ ва сарфу наҳв акс мешуд. Ӯ фолклори забони форсиро меомӯхт, маводҳои фолклориро ҷамъоварӣ менамуд ва таҳлил мекард. Ӯ маводи фаровоне дар бораи эҷодиёти шифоҳии мардум ва лаҳҷаҳои гуногуни форсӣ: амсоли кеша, коҳрӯди, рудаштӣ, зефра ва ғайра ҷамъоварӣ менамуд. Ӯ равиши тозаеро дар таҳқиқи маводи лаҳҷаҳо пеш гирифта, дар таснифи лаҳҷаҳо низ тағйироти ҷиддӣ ворид менамуд. Ӯ дар натиҷаи омӯзиши осори луғат ба хулосае меояд, ки маҳз дар фолклори мардум андешаҳои баланди иҷтимоиву сиёсӣ хеле равшану воқеӣ ифода шудаанд. Ӯ омӯзиши эҷодиёти даҳонии халқро дар илми шарқшиносӣ ба дараҷаи баланд бардошт. Натиҷаҳои ин омӯзишҳо буданд, ки В.А. Жуковский якчанд китоб ва мақолаҳои илмиро дар ин соҳа таълиф намуд. Муаллиф қайд менамояд, ки саҳми В.А. Жуковский дар эътирофи дастовардҳои фарҳанги мардуми шарқ дар замонҳои дур хелло калон мебошад. В.А. Жуковский ба таъриху тамаддуни Шарқ холисона ва бо садоқату самимият ва эҳтиром муносибат кардааст. Мақола барои шарқшиносон манбаи муҳимми омӯзишӣ шуда метавонад.

Калидвожаҳо: рисола, шарқ, шоир, арӯз, баҳс, шеър, илм, адаб.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕ ВЫДАЮЩЕГОСЯ ВОСТОКОВЕДА

В данной статье представлена информация о выдающемся русском востоковеде В.А. Жуковском. Автор статьи отмечает, что В.А. Жуковский является выдающимся русским ученым-востоковедом, который с особым уважением относился к народам Востока, к познанию ценностей его культурного наследия. В.А. Жуковский хорошо освоил персидский язык, особенно его разговорный стиль. Он изучал фольклор персидского языка, собирал фольклорные материалы и анализировал их. Он собирал богатый материал об устном народном творчестве и различных персидских говорах. Он усвоил новую методику в исследовании диалектического материала и внес серьёзные изменения в классификацию говоров. В.А. Жуковский в результате изучения словарного наследия пришел к выводу о том, что именно в народном фольклоре очень ясно и реалистично на самом высоком уровне выражены высокие социально-политические идеи. Он поднял на высокую ступень изучение

устного народного творчества. Результатом данного изучения стало то, что В.А. Жуковским было написано несколько книг и научных статей. Автор также отмечает, что очен велик вклад В.А. Жуковского в признании древних культурных достояний народов Востока. В.А. Жуковский с большим уважением и любовью относился к истории и цивилизации Востока. Статья является важным научным источником изучения для востоковедов.
Ключевые слова: трактат, восток, поэт, аруз, спор, поэзия, наука, литература.

LIFE STORY OF AN OUTSTANDING ORIENTALIST

This article provides information about the outstanding Russian orientalist V.A. Zhukovsky. The author of the article notes that V.A. Zhukovsky is an outstanding Russian orientalist who had a special respect for the peoples of the East, for the knowledge of the values of its cultural heritage. V.A. Zhukovsky mastered the Persian language well, especially his conversational style. He studied the folklore of the Persian language, collected folklore materials and analyzed them. He collected rich material on oral folk art and various Persian dialects. He assimilated a new technique in the study of dialectical material and made serious changes to the classification of dialects. V.A. Zhukovsky, as a result of studying the vocabulary heritage, came to the conclusion that it is in the folklore that high socio-political ideas are very clearly and realistically expressed at the highest level. He raised the study of oral folk art to a high level. The result of this study was that V.A. Zhukovsky has written several books and scientific articles. The author also notes that the contribution of V.A. Zhukovsky in the recognition of the ancient cultural heritage of the peoples of the East. V.A. Zhukovsky had great respect and love for the history and civilization of the East. The article is an important scientific source of study for orientalists.
Key words: treatise, east, poet, aruz, dispute, poetry, science, literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алиев Султон Маҳмадшарифович*** - Донишгоҳи давлати тиҷоратии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забонҳо. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Деҳотӣ ½. E-mail: **Aliev_sulton@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-23-32-54**

Сведения об авторе: ***Алиев Султон Маҳмадшарифович*** - Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти ½. E-mail: **Aliev_sulton@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-23-32-54**

Information about the author: ***Aliev Sulton Mahmadsharifovich*** - Таджикский государственный университет коммерции, Chief Executive Officer of the Department. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти ½. E-mail: **Aliev_sulton@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-23-32-54**

УДК:891.550

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АДАБИИ МУНҶИКИ ТИРМИЗӢ

Айнитдинов И.Ш., Муслимзода Ҳ. А.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Номи Мунҷик Алӣ буда, номи падараш Муҳаммад аст, куняи шоир Абулҳасан буда, Мунҷик тахаллуси адабии ӯст. Мунҷик номи зодгоҳи шоир аст. Бинобар асари «Таърих эҳё ул-мулук» ин гуна деҳа дар атрофи Тирмиз мавҷуд будааст [2]. Дар намунаҳои шеърие, ки то давраи мо омада расидааст, тахаллуси адабии шоир, яъне Мунҷик гоҳо ба чашм мерасад:

То кай бувад ин мискини Мунҷик ба ҳуҷра?
К-ӯро ҳиҷо накардааст Мунҷик ном-ном.

Доир ба эҷодиёти Мунҷик манбаъҳои қадимӣ ва тадқиқотҳои замонавиро мушоҳида намуда, ба маълумотҳои дақиқи вобаста ба ҳаёти шоир дучор наомадем. Барои муайян кардани санаҳои таваллуд ва вафоти шоир кӯшиш карда мешавад. Чунончи, профессор А.Абдуллоев санаи таваллуди шоирро тахминан соли 940 ва вафоташро соли 1001 медонад. Олими афғон Муҳаммад Муҳсин бошад, ба сифати санаи вафоти шоир Мунҷик ду сана, яъне, солҳои 377 ва 380- ро нишон медиҳад. Ин санаҳо бо солшумории мелодӣ ба солҳои 988 ва 991 рост меояд, лекин М.Муҳсин аз кадом манбаъ гирифтани ин санаҳоро зикр намекунад, ҳатто, М.Муҳсин дар муайян кардани вафоти амири Чағониён Тоҳир ҳамин гуна роҳ пеш мегирад, вафоти ӯро соли 381 (992) гуфта ишора менамояд, аммо боз манбаъро зикр намекунад. Мушоҳидаҳоямон ҳаминро нишон медиҳанд, ки фикрҳои М.Муҳсин дар бобати вафоти Мунҷик тахминҳои худи ӯ буда, санаи вафоти Тоҳири Чағониро аз китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и З.Сафо гирифтааст.

Санаи таваллуд ва вафоти Мунҷик муайян карда шавад, алалхусус, санаи вафоти муайяншудаи Тоҳири Чағонӣ ҷавобгӯи баъзе саволҳо хоҳад шуд, росташ, барои муайян крадани баъзе маҳрумиятҳо имконият пайдо мешавад. Сабаб он аст, ки Мунҷик асосан, намояндаи муҳити адабии Тоҳири Чағонӣ мебошад, пас маълум мешавад, ки санаи таваллуд ё вафоти Тоҳири Чағонӣ барои муайян намудани воқеаҳои вобаста ба Мунҷик мусоидат хоҳад кард. Бинобар таъкиди таърихшинос Утбӣ (961-1036) дар асл Тоҳири Чағонӣ соли 992 бар муқобили амири Чузгон (Ҷузҷон) Фоиқ саҳарӣ, яъни ҳангоми муҳосираи Балх ҳалок мешавад. Ин маълумотҳо дар «Зайн-ул-ахбор» (солҳои 1048-1050

навишта шудааст)-и Гардезӣ ва «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазл Муҳаммади Байҳақӣ (996-1077) низ мавҷуд аст. Ба кадом манбаъ таъкид кардани Муҳаммад Авфиро надонистем, аммо аз чӣ бошад, ки санаи вафоти Тоҳири Чағониро соли 988 (377) гуфта таъкид мекунад. Ҳамин тавр, фарзияҳои аз ҷониби писарамаки худ Абулмузаффар нобуд карда шудани Тоҳири Чағонӣ иқрори худро меёбад. Ҳатто дар қасидаи ба Абулмузаффар бахшидаи Мунҷик Тоҳири Чағонӣ ба сифати марҳум ба забон гирифта мешавад:

Ба ёди Тоҳири парвезтахти хусравбахт,
Дарахти давлат сар барзада ба чархи баланд.

Ин бошад, далели маҳкаме барои исботи дар байни ду амир мавҷуд набудани моҷаро ё мухолифати сиёсӣ мебошад. Аз қасидаҳои ба Абулмузаффар навиштаи Мунҷик аён мегардад, ки Мунҷик пас аз вафоти амир Тоҳир ҳам дар Чағониён зиндагӣ кардааст. Медонем, ки Абулмузаффар байни солҳои 992 ва 1010 дар Чағониён амир буд, пас маълум мешавад, ки пас аз вафоти амир Тоҳир (соли 992) ҳам Мунҷик зинда будааст. Аён мегардад, ки санаҳои қайдкардаи М. Муҳсин, яъне, солҳои 988 ва 991 исботи худро намеёбанд.

Чунонки санаи аслии таваллуд ва вафоти Мунҷик таъйин нест, дар ин бобат дар ягон манбаи таърихӣ ишора ҳам нест. Академик А.Мирзоев дар монографияи худ таҳти унвони «Рӯдакӣ» менависад: «Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ шоири миёнаҳои асри X мебошад. Соли таваллуд ва вафоти ӯ номаълум аст. Бинобар гувоҳи манбаъҳо ӯ ба муддати маълум дар доираи муҳити адабие, ки дар саройи ҳукмрони Чағониён Тоҳир ибни Фазл ташкил шуда буд, фаъолият намуд. Бинобар маълумоти асари "Таърих эҳё-ал-мулук» тахаллуси шоир чунин аст: «Мунҷики Тирмизӣ» – «Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад (соли таваллуд ва вафоташ номаълум), шоири асри X форс-тоҷик. Мувофиқи тасдиқи соҳиби "Таърихи эҳё-ул-мулук», дар қарияи Мунҷики Тирмиз таваллуд ёфтааст ва тахаллуси адабиаш ҳам ба зодгоҳаш нисбат дорад. Фикрҳои ба ҳамин монанд дар тадқиқотҳои профессор А. Абдуллоев ҳам дучор мешаванд: «Соли 940 дар Мунҷик ном деҳаи шаҳри Тирмиз ба дунъё омадааст. Номаш Алӣ, лақабаш Абулҳасан ва номи падараш Муҳаммад аст. Тахаллусаш аз нисбати зодгоҳаш мебошад» [1, с.79].

Роҳи эҷодии Мунҷик бо мулозимӣ дар саройи Тоҳири Чағонӣ тахминан аз соли 988 шурӯъ мешавад, дар ин ҳангом ӯ шоири намоён буд. Табиист, ки Мунҷик таҳсили ибтидоиро дар шаҳри Тирмиз фаро мегирад ва баъди дар шеър ном баровардан ба Чағониён даъват карда мешавад. Мунҷик то ба сарзамини Чағониён омадан дар шаҳри Тирмиз зистааст. Ба Балх рафта зиста, ба оҳистагӣ дар эҷоди шеър таҷриба пайдо мекунад, таълим гирифта, ба камол мерасад.

Дар Тирмиз барои муҳити адабӣ каму беш шароит мавҷуд буд, дар асл шаҳри Тирмиз мисли шаҳри Балх дар тасарруфи Чағониён бошад ҳам, шаҳри Тирмиз яке аз шаҳрҳое буд, ки дар кишвари Чағониён нуфузи худро дошт. Қисми асосии роҳи зиндагии Мунҷик бо хонадони амирони Чағониён узван вобаста мешавад. Нахустин манбае, ки дар бораи фаъолияти эҷодии шоир маълумот медиҳад – "Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ инро ба пуррагӣ тасдиқ мекунад: «Аз мулозимони ҷаноби эҳсони умарои Чағониён буд ва дар қасида мадеҳи амири фазли муфаззал Абулмузаффар Тоҳир бинни ал-Фазл бинни Муҳаммад...» [6, с.500].

Бинобар гувоҳии манбаъҳо Мунҷик ҳангоми ташриф ба Чағониён дар синни балоғат буд ва дар шеър ба камол расида буд. Дар ин бобат мехонем: «Мунҷики Тирмизӣ пас аз фаро гирифтани илму дониш ва ҳамчун шоир шуҳрат ёфтан, муддате дар дарбори Чағониён, алалхусус, дар маҳфили адабии дарбори Фазли Чағонӣ ширкат доштааст».

Агар шоир дар Чағониён вақтҳои ҳукмронии Тоҳир ибни Фазл иқомат карда бошад, он солҳои 988-992-ро фаро мегирад. Мунҷик дар ин вақт ҳадди ақалл дар синни 30-35 будааст, хулоса ин ки шоир тахминан солҳои 953 958 ба дунё омадааст. Ӯ баъд аз вафоти Тоҳири Чағонӣ, яъне пас аз соли 992 ҳам дар саройи амирони Чағониён мулозимиро идома медиҳад. Солҳои 992-1010 ҳам, ки Абулмузаффар амирӣ карда буд, Мунҷик дар Чағониён будааст, инро қасидаҳои дар васфи ҳамин амир навиштаи шоир ҳам тасдиқ мекунанд.

Агар мо ба санаҳои таваллуди Мунҷик, умуман, дар нимаи дувуми асри X, ки шоир зиндагӣ ва эҷод кардааст, ба таърихи шаҳри Тирмиз назар андозем, инҳо аён мешаванд: «Дар нимаи дувуми асри X Тирмиз аз тасарруфи муҳтоҷиҳо бароварда шудааст ва мустақим ба сомониён итоат мекардааст», – қайд мекунад таърихшинос Ҷалол Мирзо. Инро олим дар мисоли тангаҳое, ки аз номи хусури Нуҳ ибни Наср (943-954) Амир Қуттегин дар Тирмиз зарб зада шудааст, таъкид мекунад. Аслан зарб задани танга ва дар шаҳри Тирмиз амир таъйин шудани Қуттегин, ҳатто зиддиятҳои дохилии давлати Сомониён ба ин диёр расида, хеле амиқ гардида буд. Аммо дар Чағониён мақоми устувори хонадони муҳтоҷиён хеле назаррас шуда, хонадони мазкур акнун ба яке аз вассалҳои мустаҳками Сомониён табдил ёфта буд. Дар натиҷа шаҳри марказии Чағониён шаҳри

рушди маданият, санъат ва адабиёти Чағониён гардид. Бояд гуфт, ки барои таъйин кардани роҳи ҳаёти Мунҷик ин маълумотҳо хеле камӣ мекунанд ва бисёр воқеаҳо барои мо мавҳум мемонанд.

Ба фикри мо барои як андоза барқарор кардани тарҷимаи ҳоли Мунҷик бо шеърҳои то замони мо расидаи ӯ бештар сарукор кардан ба маврид аст. Чунки барои муайян кардани доираи дониш ва савияи Мунҷик шеърҳои худи ӯ ба мо кумак мекунанд. Мунҷик донишманди илмҳои замони худ буд, инро ашъори ӯ тасдиқ мекунанд. Қаҳрамонҳои халқӣ Рустами Зол, Фаридун дар ашъори ӯ дучор меоянд:

1) Ба вақти шайб бидаррад каманди Рустами Зол [10, с.28].
2) Гӯӣ каманди Рустам гашт он каманди зулф [10, с.49].
3) Ба ёди ҷоми Фаридун гирифта ратл ба даст [10, с.60].
4) Нагзошт чу ту ҳеч разм Рустам [10, с.67].
5) Фарру фармони Фаридун варз ба фарҳангу ҳанг [10, с.71].

Шахсони таърихӣ Доро ва Борбад:

Н-орост чу ту ҳеч базм Доро.
Ба зери Борбад монад ба достон.

Симоҳои динӣ мисли Хизр, Бароҳим (Иброҳим), Яъқуб, Юсуф, Исо низ вомехӯранд.

Афсӯс, ки Ҷ. Мирзо дар бораи ҳукмронҳои баъдинаи Сомониён Абдумалик (954–961), Мансур ибн Нӯҳ I (961–976), Нӯҳ ибни Мансур (976–997), Мансур ибни Нӯҳ II (997–999) ва дигарон ва робитаи онҳо бо шаҳри Тирмиз чизе намегӯяд.

Гӯӣ, ки Озар аз пайи Зуҳро нигор кард.
Эй чангии колум шуда бар дасти Бароҳим.
Арчи ба масал мунозеат Хизр аст.
Тимсоли рӯй Юсуфи Яъқуб бар ҳарир.

Овардани чунин симоҳо ба амиқии дониши шоир далолат мекунад. Дар ашъори Мунҷик ба номи асари «Шоҳнома» зуд-зуд дучор меоем, ин бошад, ба ривоятҳои таърихӣ рағбати баланд доштани ӯро нишон медиҳад:

Зи ҳайбати ту адӯ нақши «Шоҳнома» шавад.

Ҳолатҳои болоӣ дар баробари намоён кардани ҷиҳатҳои муҳим барои муайян кардани ҷаҳонбинии Мунҷик васеъ будани доираи дониши ӯро ҳам собит мекунад.

Дар ашъори Мунҷик номи ҷойҳо низ дучор меоянд, эҳтимол меравад, ки инҳо ишора ба ҷойҳои сафаркардаи шоир мебошанд. Дар ашъори ӯ номҳои Шуғнон, Хатлон вомехӯранд:

Рӯят ба роҳи Шуғнон монад ҳаме дуруст [10, с.93].
Ба мадҳи хоҷаи Хатлон ба ҷашнҳои хома [10, с. 64].

Медонем, ки шаҳри Рай дар наздикии шаҳри Теҳрон ҷойгир шуда, ба Маккаи мукаррама ба ҳамин роҳ рафтаанд, бо ин роҳ аз саросари шаҳрҳои Балх-Марв-Машҳад-Нишопур-Рай-Ҳамадон-Бағдод-Макка корвон гузаштааст. Аҷаб нест, ки Мунҷик ҳам ба сифати як мусулмони комил зиёрати ҳаҷро ба ҷо оварда бошад. Ба андешаи мо дар яке аз шеърҳои ӯ зикр гардидани номи Бӯқубайс, ки аз кӯҳҳои назди Макка мебошад, беҳуда нест:

Ки Бӯқубайс ба шоҳини ҳилми ӯ мисқол.

Бо шаҳрҳои дар боло зикршуда мардуми Тирмиз, Балх ва Чағониён дар робита будаанд ва ин шаҳрҳо дар минтақаи ба ҳам дастрас ҷойгир шудаанд. Бинобар гузориши муаллифи «Ҳудуд-ул-олам»: «Термиз яке аз шаҳрҳои ободи назди соҳили Ҷайҳун мебошад. Шаҳри мазкур маркази харидуфурӯши Хатлон ва Чағониён аст». Агар дар соли 983 таълиф шудани «Ҳудуд-ул-олам»-ро ба инобат гирем, дарк намудан душвор нест, ки сухан дар бораи ҳолат ва шуҳрати давраи дуюми асри Х шаҳри Тирмиз меравад. Дар ҷойи дигар аз ҳамин китоб чунин сатрҳоро мехонем: «Дарёи Ҷайҳун дарё аз ҳудуди Ваҳон (Вахш) ҷорӣ мешавад ва вилояти Бомир (Помир) ва Шуғнон аз ҳудуди Ваҳон гузашта, то Хатлон ва Тахористон ва Балх ва Чағониён… ҷорӣ мегардад…». Маълум мешавад, ки номи ҷойҳои зикршуда масканҳои як ҳудуд буда, ва аҳолии ин шаҳр ба анъанаи ҳамсоягӣ ҳамеша содиқ будаанд.

Бисёр самтҳои зисти Мунҷик мисли Термиз – зодгоҳ, Чағониён – маскани эҷод ва самтҳои дигар айни замон фақат аз фарзия иборат мебошанд. Дар Самарқанд, Балх, Бухоро, Нишопур ва шаҳрҳои дигар сафар кардани Мунҷикро тахмин кардан мумкин. Сабаб дар он аст, ки дар давраи зисти шоир ҷавонон дар ҷустуҷӯи илму дониш ба шаҳрҳои гуногун сафар мекарданд.

Мунҷик донишманди замони худ буд, дар яке аз шеърҳои ӯ ба таҳсили мадраса гирифтанаш ишора ҳаст. Дар шеър ҳуҷраи мадраса ба хотир оварда мешавад:

Эй он ки зи тоҷи ту битобад Маҳу Зуҳра,
То кай бувад ин мискини Мунҷик ба ҳуҷра?

Ба байти болоӣ Х. Мирзозода низ эътибор дода, айнан фикрҳои гуфташударо баён карда буд. Бинобар андешаи олими Эрон З.Сафо Ризоқулихони Ҳидоят шоир Мунҷикро якбора ба сифати мулозими хонадони Саффориён (солҳои 873-903) ва Ғазнавиён (солҳои 962-1187) эътироф кардааст. Дар ин бобат З.Сафо менависад: «Ҳидоят ӯро маддоҳи мулуки Саффория ва Ғазнавия донистааст, вале далеле бар ин сухан дар даст надорем» [3, с.424]. Олими Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ (1857-1914) мулозими хонадони Ғазнавиён будани шоирро таъкид мекунад. Лекин фарзияҳои Ҳидоят ва Ш.Нуъмонӣ то имрӯз тасдиқи худро наёфтаанд. Сабаб дар он аст, ки даврони ҳукмронии Саффориён ба солҳои 873-903 рост меояд, дар ин санаҳо Мунҷик ҳанӯз ба дунё наомада буд. Ба масъалаи Ғазнавиён меомада бошем, ин сулола солҳои 962-1187 ҳукмронӣ кардаанд ва ба нимаи дуюми асри Х (солҳои 956-1000), ки дар ин замон Мунҷик зиндагӣ ва эҷод кардааст, хеле мувофиқ меояд. Аммо дар аксари манбаъҳо Мунҷик асосан, ба сифати шоири замони Сомониён (солҳои 875-1005) эътироф карда шудааст. Ҳамин тавр, ҳодисаи дар саройи Саффориён будани Мунҷик мантиқан ғалат бошад, дар сафи шоирони хонадони Ғазнавиён будани ӯро аксари манбаъҳо инкор мекунанд. Масъалаи дар пойтахти сулолаи Сомониён шаҳри Бухоро мулозим будан ё набудани Мунҷик ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Чунонки дар ягон манбаъ дар саройи Сомониён мулозим будани ӯ қайд нагардидааст, айни замон ба манбае, ки онро рад намояд ҳам, дучор наомадем...

Хулоса, Дар бораи зиндагиномаи Мунҷики Тирмизӣ дар ягон тазкираву баёз маълумоти пурра оварда нашудааст. Ба ин хотир, барои барқарор кардани ҳаёти ӯ ба ашъораш такя шудааст, ки ин ниҳоят, кам аст ва барои муайян кардани роҳи ҳаёти Мунҷик кифоят намекунад. Ашъори шоир низ ба таври хеле пароканда аст, ки дар сурати мукаммал будани онҳо шояд дар ин бобат бештар маълумот ба даст овардан мумкин буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А. Адабиёти тоҷик. Барои синфи 9 / А.Абдуллоев. – Душанбе: Маориф, 1990. – С.79.
2. Артур Арберри. Адабиёти классики форсӣ / Арберри Артур; тарҷумаи Асадуллоҳи Озар. – Теҳрон, 1371. – 536 с.
3. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 408 с.
4. Имомназаров М. Мумтоз форс шеърияти бадиият шунослиги ва жанрлар типологияси / М.Имомназаров. – Т.: ТДШИ, 2015. – 319 б.
5. Қуронов Д. Адабиётшунослик луғати / Д.Қуронов, З.Мамажонов, М.Шералиева. – Т.: Академнашр, 2013. – 408 б.
6. Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб / Авфӣ, Муҳаммад. – Теҳрон: Мумтоз, 1361. – 1036 с.
7. Мирзо Кенжабек. Буюк термизийлар / Кенжабек Мирзо. – Т.: “Ӯзбекистон миллий энциклопедияси” Давлат илмий нашриёти, 2017. – 528 бет.
8. Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика X-XV вв / Р.Мусульманкулов. - М.: Наука, 1989.
9. Муҳаммад Азимов. Сурхондарё ижодкорлари / Азимов Муҳаммад. - Қарши: Насаф, 2006. – 310 бет.
10. Тирмизӣ, Мунҷик. Девон. Ашъори пароканда / Мунҷики Тирмизӣ; омодакунандаи нашр, муаллифи пешгуфтор ва тавзеҳот Рамазон Абдуллоев. – Тошканд: Янги нашр, 2016. – 120 с.
11. Шокириён М. Забон ва услуби шеъри асри Х / М.Шокириён // Ахбори Академияи илмҳои Ҷусмҳурии Тоҷикистон. - Д.: Дониш, 2007. - №1. – С.98–104.
12. Эҳсон Шаворибии Муқаддам. Ашъоре навёфта аз Мунҷики Тирмизӣ. Гузориши мерос. Давраи дувум / Муқаддам, Эҳсон Шаворибӣ. – 1390. - №46. – С.10-12.

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АДАБИИ МУНҶИКИ ТИРМИЗӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зиндагиномаи шоири номдори қарни IX-X Мунҷики Тирмизӣ меравад, ки он то кунун пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар ҳар матбале, ки то имрӯз роҷеъ ба мавсуф ба нашр расидааст, бо такя ба осори адабии ӯ изҳори назар гардида. Ашъори шоир низ то кунун ба пуррагӣ фароҳам оварда нашудааст. Муаллифи мақола саъй намудааст, ки бо овардани назари адабиётшиносону пажӯҳишгарон ва ба якдигар қиёс намудани онҳову натиҷагирӣ симои шоирро барои ҳаводорони адабиёти тоҷик баръалотар ошно созад. Аҳаммияти илмии мақола ҳам дар ҳамин таҷассум меёбад. Дар бораи зиндагиномаи Мунҷики Тирмизӣ дар ягон тазкираву баёз маълумоти пурра оварда нашудааст. Ба ин хотир, барои барқарор кардани ҳаёти ӯ ба ашъораш такя шудааст, ки ин ниҳоят, кам аст ва барои муайян кардани роҳи ҳаёти Мунҷик кифоят намекунад. Ашъори шоир низ ба таври хеле пароканда аст, ки дар сурати мукаммал будани онҳо шояд дар ин бобат бештар маълумот ба даст овардан мумкин буд.

Калидвожаҳо: Мунҷики Тирмизӣ, зиндагиномаи шоири номдори қарни IX-X, осори адабии шоир, назари адабиётшиносону пажӯҳишгарон.

ЖИЗНЬ И ЛИТЕРАТУРНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ МУНДЖИКА ТИРМИЗИ

В этой статье говорится о биографии известного поэта IX-X веков Мунджика Тирмизи, которая еще до конца не изучена. В каждой из опубликующихся до настоящего времени статей, ссылаются на его литературные произведения. Автор статьи постарался сделать образ поэта более привычным для поклонников таджикской литературы, сделав выводы, приведя мнения литературоведов и исследователей, сравнив их друг с другом. В этом и отражается научная значимость статьи. Не приведена подробная информация о жизни и литературной деятельности Мунджика Тирмизи ни в одной летописи или исторической летописи. Поэтому, для восстановления его жизнеописани сделана опора на его наследие, но этого очень мало для определения жизненного пути Мунджика Тирмизи. Наследие поэта также находится в разбросанном состоянии, если бы нам был доступен достаточный исторический и литературный материал, мы бы могли дать более подробную информацию о жизни и творчестве поэта.

Ключевые слова: МунджикТирмизи, жизнеописание великого поэта IX-X веков, литературное наследие поэта, мнения литературоведов и исследователей.

LIFE AND LITERARY ACTIVITIES OF MUNJIK TIRMIZI

This article talks about the biography of the famous poet of the 9th-10th centuries Mundzhik Tirmizi, which has not yet been fully studied. In each of the published articles to date, reference is made to his literary works. The author of the article tried to make the image of the poet more familiar to fans of Tajik literature, drawing conclusions, citing the opinions of literary critics and researchers, comparing them with each other. This reflects the scientific significance of the article. There is no detailed information about the life and literary activity of Munjik Tirmizi in any chronicle or historical chronicle. Therefore, to restore his biography, reliance was made on his legacy, but this is very little to determine the life path of Mundzhik Tirmizi. The poet's legacy is also scattered, if sufficient historical and literary material was available to us, we could provide more detailed information about the life and work of the poet.

Key words: Mundzhik Tirmizi, biography of the great poet of the 9th-10th centuries, the literary heritage of the poet, opinions of literary scholars and researchers.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Айнитдинов Икроиддин*** – Донишгоҳи давлатии Самарқанд, магистр. **Суроға:** 140104, Республикаи Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд, кӯчабоғи Университетский, 15Телефон: E-mail: **boxtar2019@bk.ru. (+998) 93-636-11-26**
Муслимзода Ҳайдар Абубакр – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаДушанбе, хиёбони Рудаки, 17.

Сведения об авторах: ***Айнитдинов Икроиддин*** – Самаркандский государственный университет, магистр. **Адрес:** 140104, Республика Узбекистан, Самаркандская область, бульвар Университетский, 15. E-mail: **boxtar2019@bk.ru.** Телефон: **(+998) 93-636-11-26**
Муслимзода Хайдар Абубакр – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authors: ***Aynitdinov Iqroriddin*** – Samarkand State University, Magistr. **Address:** 140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand region, University Boulevard, 15.E-mail: **boxtar2019@bk.ru.**
Tel.: **(+998) 93-636-11-26**
Muslimzoda Haydar Abubakr - Tajik National University, candidate of philological sciences, senior lecturer. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.

УДК: 891.550+491.550+491.55.

МАВЗӮОТИ ПАНДУ АНДАРЗӢ ДАР «ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ» - И МУҲАММАД АВФӢ

Сангова Ҳ.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ ур-ривоёт» - и Муҳаммад Авфии Бухороӣ хеле пурмуҳтаво буда, аз сад боб ва чаҳор қисмат иборат аст.

Мавзӯи панду ахлоқ дар маркази диққати нависандаи «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» қарор гирифта ва мақоми бузургеро дар асар ишғол кардааст. Беҳуда нест, ки ду қисмати асар батамом шомили панду андарз аст, ҳарчанд дигар ақсоми он низ аз ин мавзӯъ холӣ нест. Қисми дуюм бо унвони «Дар баёни ахлоқи ҳамида ва сияри марзия» ва савум «Дар баёни ахлоқи мазмум» иборат аз панҷоҳ боб бо замимаи муқаддимоти муаллиф ва ҳикоёт, ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Овардани номгӯи бобҳои мазкур кифоя хоҳад буд то аён гардад, ки то кадом дараҷа мусаннифи китоб чун рӯҳшиноси ҳамадон дар боби тарбияи инсони комил зарурати кадом хислату характер ва мазаммати кадом рафтору кирдорро талқин менамояд.

Қиёси мавзӯъҳои ин ду қисм равшангари ҳадафи нависанда хоҳад буд, то бидонем, ки ӯ бештар ба кадом масъалаҳои ахлоқӣ ва панду насиҳат таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Он ниятеро, ки Авфӣ хостааст ба хонанда талқин намояд, дар сарсухани ҳар боб баён мегардад. Аз ҷумла, боби «Дар баёни фазилати раҳмат ва шафқат» чунин оғоз ёфтааст: «Раҳмату шафқат аз хисолаи ҳамидаи муъминон аст ва саодати охирату саломатии дунявӣ дар он боз баста…» [1, с.632]. Ё дар бораи шуҷоату мардонагӣ: «Шуҷоат фазилатест дар нафс ва қувватест дар ботин, ки дар дафъи хасмон ба кор ояд ва он хислате маҳмуд ва сирате писандида аст…» [2, с.326].

Албатта, чунин намунаҳоро аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» хеле зиёд овардан мумкин аст, ки аз онҳо мақсаду мароми нависанда нисбати баёни ин ё он мавзӯи ахлоқӣ, панду насиҳатӣ ё мазаммати хисоли бади инсонӣ аён мегардад. Мавриди қайд аст, ки ҳикоёт дар ҳар як боб зимни баёни мавзӯе оварда шудаанд ва маҳз барои исботи ақоиди муаллиф хизмат мекунанд. Мавзӯи онҳо низ метавонад аз ин доира берун бошад, чунки ҳадафи нависанда он аст, ки ба василаи овардани ҳикояте фикру андешаҳои худро қувват диҳад, ба хонанда талқин намояд, ки маҳз ин ё он рафтори қаҳрамон боиси мазаммат ё худ намунаи ибрат аст.

Зикри бобҳои қисми дуюм ва сеюм низ шоҳиди он аст, ки мавзӯи панду ҳикмат дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» хеле доманадор аст, аммо ин чунин маъно надорад, ки дар дигар қисму бобҳои асар доир ба ин мавзӯъ ҳикоёте вуҷуд надошта бошанд. Дар боби чаҳоруми қисми якум «Дар мавъизоти уламо ва зуҳҳод» ном ҳикоятеро мехонем, ки ҷанбаи тарбиявию ахлоқӣ дорад. Чунончи: Подшоҳе ба тахти подшоҳӣ нишаст ва ҳар кас аз донишмандону уламо ба назди ӯ меомаданд ва ӯро вазъу насиҳате мекарданд.

Ҳакиме омад, шоҳ ӯро гуфт: - Маро насиҳате бикун! Ҳаким гуфт: - Ҳар пиреро, ки ӯро хирад нест, чун чашмаест, ки дар вай об нест. Ҳар занеро, ки шарм нест, чун таомест, ки ӯро намак нест ва ҳар олимеро, ки ӯро парҳез набошад, чун бӯстоне, ки дар вай гули хушбӯй нест. Ҳар султоне, ки ӯро адолат нест, чун абрест, ки ӯро борон нест. Ҳар подшоҳе, ки парҳезгор буда, ҳакиме надими худ карда, наздикони хешро ба ростӣ насиҳат намояд, растагор бувад. Подшоҳ фармон дод, ки калимаҳоро бо зар нависанд, пеши худ гузошта аз рӯйи он амал мекард [2, с.454].

Дар ин ҳикоят, ки саропо панду насиҳат аст, ҳама рафтору хисоли беҳтарину шоистаи як инсони комил аз тарафи донишманде номбар шуда, ки аҳаммияти тарбиявии худро аз даст намедиҳад ва қобили таваҷҷӯҳу ибратомӯзӣ мебошад.

Шиблии Нуъмонӣ дар мавзӯи ахлоқ, ки шуарои аҷам сурудаанд чунин қайд кардааст: «Умуман, бар фалсафаи ахлоқӣ шуарои Эрон эътирозе, ки намекунанд, ин аст, ки он ба ҷойи ин ки дараҷаи ахлоқро боло бибарад, ба инҳитот ва пастӣ медиҳад. Мулоҳиза кунед, таолиме, ки аз ахлоқ муқаррар ва бор-бор аз табъи шуаро таровиш шуда иборат аст, аз тарки дунё, қаноат, таваккул, тавозӯъ ва фурӯтанӣ, хоксорӣ, авф ва ҳилм ё ризо ва таслим, ҷуду сахо ва монанди он ва ин бар аҳаде пӯшида нест, ки қисмате аз ин таъолим дар одамӣ сафолату диёнат ва пастҳиммативӣ меоварад ва қисмати дигар аз ҳадди эътидол хориҷ ва як қисмати он ҳам бар хилофи усули тамаддун аст ва аз асари ҳамин таъолим бошад, ки дар пайравони он ҳеҷ вақт хаёли озодӣ пайдо нашудааст» [3, с.164].

Авфӣ, ки дар дарбори зимомдори вақт хизмат мекард, ин асари пурмуҳтавои худро низ ба вазири Элтутмиш – Низомулмулки Ҷунайдӣ бахшидааст. Аз мундариҷаи аксари ҳикоёт, ки қаҳрамони асосии онҳо шоҳону амалдоронанд. маълум мегардад, ки нависанда бо ҳикоёту ривоёти ҷозибу дилнишини худ ба ҳамин гуна умарои саркашу худписанд, ки ба мардум ҷавр мекарданд, ахлоқу одоби писандида ва хисоли ҳамидаро талқин менамояд. Нависанда, ки дар муҳити табақаи болоии ҷамъият қарор дошт, тираш зудтар ба ҳадаф мерасид. Аз ин ҷиҳат, мо наметавонем Авфиро ба қатори адибоне, ки мардуми бе ин ҳам ҷафокашидаю сархамро, ки ёрои ба ҳокимон сар боло карданро надоштанд. ба ҳилм, хоксорӣ, тавозӯъ, қаноат ва дигар хисоли ба ин монанд, ки ба ақидаи Шиблии Нуъмонӣ онҳоро аз андешаи озодӣ ва мубориз будан дур месозад, дохил намоем. Аз номгӯи бобҳои қисми дувум, ки дар фазилати ахлоқи ҳамида аст, низ аён мегардад, ки Муҳаммад Авфӣ дар баробари фазилати ҳилм, авф, таваккулу таслим ва лутфу карам бобҳои алоҳидаро ба фазилати шуҷоату мардонагӣ, ҷидду ҷаҳд, азамат ва суббот бахшидааст, ки дар инсон ҳисси мубориз буданро тарбия менамоянд.

Нависанда дорои чӣ гуна хислату характер будани фарзандро аз волидайн медонад. Ё ба ибораи дигар, табиати падару модар ба кӯдак ба тариқи ирсият ба мерос мегузарад. Дар ин гуна баҳсу андешаҳо Муҳаммад Авфӣ чи дар сухан ва чи дар ҳикоёте, ки дар ин боб ҷой додаст, ҳамчун як рӯҳшиноси дақиқназар ва нозукбаён намоён мегардад, ки хостааст ба хонанда дар кушодани табиати хеле муҳталифу мураккаби инсонӣ кумак карда бошад. Чунончи, дар ҳикояти минбаъда аз ҳамин боб оиди Ҳотами Той – қаҳрамони дӯстдоштаи мардумӣ, ки бо саховатмандию дасткушодӣ шуҳрат дошт ва бародари ӯ ривояте мехонем, ки гуфтаҳои нависандаро пурра менамояд. Мазмуни ин ҳикоят он аст, ки баъди вафоти Ҳотами Той бародараш хост, ки ба ҷойи ӯ бошад ва «дари хона бигушод ва хоне бикашид, бетакаллуф коре мекард, аммо равнақе намедошт». Модар таъкидаш кард, ки ин кор аз дасти ту намеояд ва рӯзе барои озмоиши писараш либос иваз карда ба хиргоҳи Ҳотам бирафт. Он ҷо аз чиҳил шабака иборат буд. Ҳотам менишаст ва ба бечорагону дармондагон чизе медод, ҳеҷ гоҳ касеро бенасиб намонда буд. Бародари ба ҷойи Ҳотам нишаста модарро нашинохт ва ҳангоме ки бори дувум ба дарича даст дароз кард, дағалӣ намуда чизе надоду ронд. Модар писарро сарзаниш карда мегӯяд, ки худпарастию чашмгуруснагиат аз ширхорагӣ маълум буд. Вақти шир хӯрдан як пистон дар даҳон ниҳода, пистони дигар дар даст маҳкам нигоҳ медоштӣ, бародари ту чун шир мехӯрд, як пистон худ мегирифт ва пистони дигар ба дигаре медод» [2, с.462]. Пас, маълум мегардад, ки аз як падару модар ҳар гуна фарзанде ба дунё меомадааст: яке хасис, дигаре саховатманд, яке бахил, дигаре раҳмдил ва монанди инҳо. Дар ҳақиқат, мушоҳида исбот намудааст, ки фарзандони як падару модар аксар дорои хислату характери ягона нестанд.

Нависанда дар боби «Зикри ҷамоати беэътиқоду беасл» тарбияи нокас ва сифларо кори беҳуда меҳисобад. Дар хотимаи ҳикояте дар ин мавзӯъ фикри худро бори дигар

тақвият дода мегӯяд: «Ҳар кас бадаслу лаиму нокас парварад, оқибат пушаймон шавад ва надомат суд надорад» [1, с.454].

Тавре ки дида мешавад., нависанда муқобили он аст, ки шахси пасттинат парвариш карда шавад ва хонандаро аз беоқибатии ин кирдор, ки пушаймонӣ меоварад, огоҳ намуда, эмин доштанӣ мешавад. Ин мавзӯъ дар адабиёти классикии форсу тоҷик анъанавӣ буда, ҳамеша идома доштааст. Чунончи, Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» зимни ин мавзӯъ овардааст:

Шамшери нек аз оҳани бад чун кунад касе,
Нокас ба тарбият нашавад, эй ҳаким, кас.
Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Аз боғ лола рӯяду аз шӯрабум хас [4, с.76].

Ё худ:

Замини шӯра сунбул барнаёрад,
Дар ӯ тухми амал зоеъ магардон.
Накуи бо бадон кардан чунон аст,
Ки бад кардан ба ҷои некмардон [4, с.35].

Муҳаммад Авфӣ боби 18- умро аз қисмати дувум «Дар фазилати сукут ва нутқ» номидааст. Дар он аз хубию бадии сукут ва нутқ ҳарф зада, аз ҷумла мавзӯъро чунин ҷамъбаст намудааст: «Мардумро он чи дар дил бошад, ба забон набояд овард, ки бисёр бошад, ки забони сурх сари сабзро ба дасти кабуди теғ диҳад ва рӯйи сафеди гӯяндаро аз дуди мазаллат сиёҳ гардонад». Ин гуфтаи нависанда мақоли «Забони сурх сари сабзро ба бод диҳад» - ро ба ёд меорад. «Дар фавоиди хомӯшӣ ва дониста сухан рондан» низ гуфтаҳои зиёде аз осори адибони гузашта мехонем. Аз ҷумла, Саъдӣ боби чаҳоруми «Гулистон» - ро «Дар фавоиди хомӯшӣ» номида, бобати он панду ҳикояти ибратбахше баён намудааст:

Забон дар даҳон, эй хирадманд чист?
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.
Чу дар баста бошад, чи донад касе,
Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар [4, с.44].

Эҳтироми устоду уламо аз тарафи амирону амирзодагон аз ҳикояти «Арзиши илм» намоён ва талқин мегардад. Рӯзе Амиралмуъминин Ҳорунаррашид ба мактаби писаронаш – Муҳаммад ва Маъмун наззора дошт, ки чӣ тавр онҳо кафши устодашон Кисоиро назди пояш гузоштанд. Амиралмуъминин то ҳол гумон дошт, ки писарони ӯ пеши пойи касе ҳеҷ гоҳ наълайн наниҳанд. «Пас замоне буд ходимеро пурсид, ки: - Кист дар ҷаҳон он ки хидматгорони ӯ аз ҳама бузургтар бошанд? «Ходим гуфт: «Амиралмуъминин аст, ки хидматгорони ӯ аз ҳама бузургтаранд».

Гуфт: «Не, ғалат кардаӣ, Кисоӣ аст, ки Маъмун ва Муҳаммад ба ҷиҳати фазлу илм вайро хидмат кардаанд».

Чун ин сухан Кисоӣ бишнид, гуфт: «Ё Амиралмуъминин, агар ту бо ҳарду писар маро хидмат кардӣ, ҳанӯз андак будӣ. Аз баҳри он ки ҳаёти илму фазл ҷовидонӣ аст ва иқболу давлати дунёӣ гузаранда аст. Эътибор фазлу донишрост на парваришро.

Ҳорун инсоф дод ва биписандид ва Кисоиро ташрифи фохир фармуд» [5, с.198].

Нависанда чор бобро ба ахлоқи занон бахшидааст. Дар ин абвоб ҳикоёти зиёде оварда шудаанд, ки дар онҳо маҳз покахлоқӣ, боиффатӣ занонро аз ҳар гуна балоҳо эмин медорад. Ба ин маънӣ ҳикояти марди порсо, ки зане дошт мастура ва афифа бо номи Марҳума хеле ҷолиб аст. Мард чандин маротиба ба ӯ хиёнат мекунад, аммо покию боиффатӣ ин занро аз ҳама мушкилиҳо мераҳонад. Зан барои назарфиребӣ либоси мардона ба бар менамояд, то дигар касе ӯро наранҷонад. Ба ивази киштии пурбор аз шоҳ иҷозати дар назди дарё савмаа кушоданро хоҳиш менамояд ва ба ибодат машғул мегардад. Оқибат шавҳараш пушаймон шуда, бармегардад ва дар пеши ӯ сари таъзим фуруд меорад.

Дар боби ахлоқи занон ҳикоётеро мехонем, ки дилҳоро тасхир менамояд. Атаба ибн ул-Ало аз ҷумлаи бузургони дин ва зуҳҳоди айём буда, аз ӯ сабаби тавбаашро мепурсанд. Вай сабабгори инро зани соҳибҷамоле медонад, ки рӯзе бо ӯ вохӯрда изҳори муҳаббат менамояд ва чунин тавзеҳ медиҳад:

«Маро гуфт, ки ту маро куҷо дидӣ ва бар куҷои ман ошиқ шудӣ?

Ман гуфтам: Ду чашми наргиси ту, ки аз зери чодар метобад, дили маро чун лола пурхун гардонид.

Зан гуфт: Замоне бар дари сарое мақом кун, то кас, ки туро фитнаю шефта гардонид, ба наздики ту фиристам. Пас он зан дар хона рафт ва корд берун кард ва ҳарду чашми худро аз ҳадақа берун овард ва дар коғаз печид ва ба наздики ман фиристоду гуфт: Агар бар ин чашмҳо шефта шудӣ, инҳоро ба наздики ту фиристодам, ки чашме ки ба назари шаҳвати номаҳрамон олуда бувад, дар ҳадақи ман раво набувад.

Ва рӯзи дигар бар дари он афифа рафтам ва ӯ ба раҳмати ҳаққ таъоло пайваста буд ва олами дунёро видоъ карда ва он аз камоли иффати ӯ буд» [5, с.682].

Дар ин ҳикоят боиффатии зан мардро маҷбур сохт, ки тавба намуда, зуҳду тақворо пеша намояд. Ин зани поктинат баҳри ҳифзи нангу номус аз баҳри чашмонаш, ки ба «назари шаҳвати номаҳрамон олуда гардидааст», мебарояд ва маргро аз зиндагӣ ва бадномӣ авлотар меҳисобад.

Авфӣ дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» ба мавзӯи панду андарз ва ахлоқ диққати ҷиддӣ дода ба масъалаҳои: шуҷоату далерӣ, баландҳиммативӣ, саховатмандӣ, нигоҳ доштани сир, фазилати сукут ва нутқ, аҳаммияти донишомӯзӣ ва ҳурмати устод, ахлоқу одоби занон ва монанди инҳо эътибори зиёде дода, зимни баёни фикру андешаҳои худ ва ҳамчунин бо овардани ҳикоёту ривоёти ҷолиб чун воиз, ҳаким ва носеҳи донишманд пеши назари хонанда ҷилвагар мешавад.

Дар баробари ин, хисоли бади инсонӣ аз қабили бахилӣ, хасисӣ, пастҳиммативӣ, бадгӯӣ, хабаркашӣ, дуздӣ, ҷоҳилию нодонӣ, бадахлоқӣ ва амсоли инҳоро зери танқиду мазаммат гирифта, аз онҳо барҳазар буданро таъкид намудааст.

Дар ҳолати ба табъ расонидан ва дастраси оммаи васеи хонандагон гардонидан, ин гуна ҳикоёту ривоёти «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» дар тарғибу ташвиқи рӯҳияи поксириштию некрафторию покахлоқӣ дастури муҳимми ахлоқӣ ва маслиҳатгари беминнате хоҳанд буд. Аз тарафи мо аз рӯйи чопи Теҳрон, ки бо кӯшиши Ҷаъфар Шиор ба табъ расидааст, ҳикоёту ривоёт интихобан аз чаҳор қисмати «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» ба хатти кириллӣ (тоҷикӣ) баргардонда, пешкаши хонандагони гиромӣ гардонида шуд [6].

Дар ҳикоёти тарбиявӣ ва ахлоқӣ Муҳаммад Авфӣ ба мақоми эҳтирому иззат, дороию саодат ва камолот расидани инсон муроҷиат кардааст. Ба ин восита ӯ як инсони ормониеро пеши назари мо ҷилвагар менамояд, ки мувофиқи таълимоти мусулмонӣ, фалсафаи ахлоқ, таҷрибаи зиндагӣ ва хоҳишҳои иҷтимоию маънавии нависанда ба вуҷуд омадааст. Ҳадафҳои чунин инсон барои намояндагони табақоти гуногун, занону мардон як хел аст, вале ҳадафи кули онҳо покии инсон ва камолоти маънавии ӯст. Нависанда диққати назари хешро бештар ба мавзӯъҳои шуҷоат, бурдборӣ, суббот, авф, покахлоқӣ, парҳезгорӣ, шафқату меҳрубонӣ, саховат, бузургдошти илму устод ва амсоли инҳо равона сохтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт / Муҳаммад Авфии Бухороӣ. (Матни интиқодӣ. Ҷузви дуввум аз қисмати саввум. Бо муқобала, тасҳеҳ ва таълиқоти Бону Мусаффо ва Мазоҳир Мусаффо). – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1353. – 910 с.
2. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт ривоёт / Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Дастнависи таҳти рақами 317 Ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон. - 1227 с.
3. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи адабиёти Эрон. Ҷилдҳои 1-2 / Шиблии Нуъмонӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1368. – 364 с.
4. Шерозӣ, Саъдӣ. Гулистон. Куллиёт. Ҷ.3 / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 365 с.
5. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Гузидаи Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт / Муҳаммад Авфии Бухороӣ; бо кӯшиши Ҷаъфар Шиор. - Теҳрон, 1370. – 483 с.
6. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт / Муҳаммад Авфии Бухороӣ; бо кӯшиши н.и.ф., дотсент СанговаҲ.Р. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 283 с.

МАВЗӮОТИ ПАНДУ АНДАРЗӢ ДАР «ҶАВОМЕЪ-УЛ- ҲИКОЁТ» - И МУҲАММАД АВФӢ

Мавзӯи панду ахлоқ дар маркази диққати нависандаи «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» қарор гирифта ва мақоми бузургеро дар асар ишғол кардааст. Беҳуда нест, ки ду қисмати асар батамом шомили панду андарз аст, ҳарчанд дигар ақсоми он низ аз ин мавзӯъ холӣ нест. Қисми дуюм ва савум иборат аз панҷоҳ боб бо замимаи муқаддимоти муаллиф ва ҳикоёт, ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Дар дигар қисму бобҳои асар доир ба ин мавзӯъ низ ҳикоёте вуҷуд доранд. Дар як ҳикояте мехонем, ки ҷанбаи тарбиявию ахлоқӣ дорад. Чунончи: Подшоҳе ба тахти подшоҳӣ нишаст ва ҳар кас аз донишмандону уламо ба назди ӯ меомаданд ва ӯро вазъу насиҳате мекарданд. Ҳакиме омад, шоҳ ӯро гуфт: - Маро насиҳате бикун! Ҳаким гуфт: - Ҳар пиреро, ки ӯро хирад нест, чун чашмаест, ки дар вай об нест. Ҳар занеро, ки шарм нест, чун таомест, ки ӯро намак нест ва ҳар олимеро, ки ӯро парҳез набошад, чун бӯстоне, ки дар вай гули хушбӯй нест. Ҳар султоне, ки ӯро адолат нест, чун абрест, ки ӯро борон нест. Ҳар подшоҳе, ки парҳезгор буда, ҳакиме надими худ карда, наздикони хешро ба ростӣ насиҳат намояд, растагор бувад. Подшоҳ фармон дод, ки калимаҳоро бо зар нависанд, пеши худ гузошта аз рӯйи он амал мекард. Ба ақидаи муаллиф як гурӯҳи шахсони бад ва пастинате мавҷуданд, ки тарбияи онҳо кори бефоида аст. Дар баробари ин, ба ақидаи ӯ танҳо бо роҳи тарбия шахсияти инсон тағйир меёбад. Авфӣ дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» ба мавзӯи панду андарз ва ахлоқ диққати ҷиддӣ дода ба масъалаҳои: шуҷоату далерӣ, баландҳиммативӣ, саховатмандӣ, нигоҳ доштани сир, фазилати сукут ва нутқ, аҳаммияти донишомӯзӣ ва ҳурмати устод, ахлоқу одоби занон ва монанди инҳо эътибори зиёде додааст. Нависанда диққати назари хешро бештар ба мавзӯъҳои шуҷоат, бурдборӣ, суббот, авф, покахлоқӣ, парҳезгорӣ, шафқату меҳрубонӣ, саховат, бузургдошти илму устод ва амсоли инҳо равона сохтааст.

Калидвожаҳо: наср, адабиёт, классикӣ, форсу тоҷик, ҳикоят, ривоят, ахлоқ, тарбия, нависанда.

ВОПРОСЫ ЭТИКИ В «ДЖАВОМЕ'- УЛ-ХИКОЁТ»

Практически 2 части книги «Джавоме'- ул-хикоёт» во главу ставят именно вопросы дидактики и нравоучения, т.е. 2-ая и 3-ая части, состоящие из 50 глав, включающих вводные разделы и рассказы. Кроме того, в остальных частях и главах «Джавоме'- ул-хикоёт» так или иначе затрагиваются вопросы морали и нравственности.

Например, в одном из своих рассказов Ауфи описывает следующую ситуацию, в которой содержится прямой этический урок: «На троне восседал падишах, который выслушивал советы и наставления мудрецов и ученых. Как-то пришел мудрец, к которому обратился с просьбой шах и попросил: «Дай мне наставление». Мудрец сказал: «Старец, не каждый ученый, владеющий мудростью, подобен высохшему источнику, женщина не имеющая стыда подобна пище без соли, каждый ученый человек, не придерживающийся воздержания, подобен цветнику, в котором нет ароматных цветов. Султан, не творящий справедливость, похож на тучу, не приносящую дождя. каждый благочестивый падишах, имеющий мудрого советника и наставляющий своих приближенных на путь истинный, будет спасен». Падишах приказал записать слова мудреца золотыми буквами, и всегда руководствовался этими правилами». По мнению писателя, есть категория низких и недостойных людей, которых бесполезно воспитывать. Тем не менее, он считает воспитание – основным путем исправления личности. Наиболее важные идейно-этические позиции Ауфи нашли подробное рассмотрение на примере отдельных рассказов сборника, автор относит к ним темы благородства, доброты, умения к месту выразить свою мысль, уважения к наставникам и ученым. этики женского поведения, зависти, злословия, воровства, невежества и др. Особое внимание Ауфи уделяет темам доблести, смирения, стойкости, учтивости, воздержания, добросердечия, великодушия, уважения и т.д

Ключевые слова: проза, литература, классический, персидско-таджикский, рассказы, ривает, этика, воспитание, писатель.

ETHICAL ISSUES IN JAVOMEL'-UL-HIKOYOT

Basic ally two parts of the book are headed specifically be the problems of didactics nd moralizaing, i.e. 2nd and 3rd parts consisting of 50 chapters, including introductory sections abd stories. In addition, in the remaining parts and chapters of Javomel'-ul-Hikoyot one way or another touch on issues of morality and ethics. For example, in one of his stories, Aufi describes the following situation, which contains a direct ethical lesson: "Once the wise man came, whom the Shah asked: "Give me instruction". Wise man said: "an elder who has not wisdom is like a dried-up spring, a woman without shame, like food without salt, each scientist person who does not abstain is like a flower garden in which there are no fragrant flowers. The sultan who does not justifull is like a cloud that does not bring rain, every pious padishah having a wise counselor and leading his associates on the true path will be saved." Padishakh ordered to write up these words in gold and always was guided by them. According to the writer, there is a category of low and unworthy people who are useless to educate. Nevertheless, he considers that upbringing - the main way of shaping personality. The most important ideological and ethical positions of Aufi were found by a detailed analysis on the example of separate stories of the collection, the author relates to them the themes of nobility, kindness, ability to express their thoughts, respect for mentors and scientists, ethics of female behavior, envy, cursing, stealing, ignorance and other. Aufi pays special attention to the themes of valor, humility, perseverance, courtesy, temperance, kindness, generosity, respect, etc.

Key words: prose, literature, classical, Persian-Tajik, stories, rivayat, ethics, education, writer.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сангова Ҳадиса Раҳмоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Hsangova@ mail.** ru. Тел.: **(+992) 919-22-24-30**

Сведения об авторе: ***Сангова Хадиса Рахмоновна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, преподаватель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Hsangova@ mail. ru.** Тел.: **(+992) 919-22-24-30**

Information about the author: ***Sangova Hadisa Rahmonovna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, candidate of philological sciences, teacher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Hsangova@ mail. ru.** Tel.: **(+992) 919-22-24-30**

УДК:891.550

КОРБУРДИ САҶЪ ДАР "АХЛОҚИ НОСИРӢ"-И ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Холматова М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ яке аз донишмандони маъруфи адабиёт ва фарҳанги форсӣ маҳсуб гардида, бо анҷом додани ибтикороти беназир дар густариши илму маориф, фалсафаву ҳикмат ва таълифи осори гаронмоя мақоми волоро соҳиб гаштааст. Дар рушди улуми дақиқ, такомули оини кишвардорӣ ва бунёди расадхонаи Мароға хидматҳои шоистаи ӯ назаррас мебошад. Ба қалами Хоҷа Насируддини Тӯсӣ асарҳои бисёре аз тарҷума ва таълиф мансубанд, ки ҳар яки онҳо дар мақоми худ ба унвони китобҳо ва рисолаҳои арзишманд дар соҳоти мухталиф маъруф гаштаанд. Аксар эҷодиёти Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба забони арабӣ навишта шудаанд, зеро дар он давра забони арабӣ барои мусалмонони Ховарзамин забони илм ба шумор мерафт. Аммо Хоҷа ба забони форсӣ низ якчанд кутуби бонуфуз таълиф намудааст.

"Ахлоқи Носирӣ"-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз муҳимтарин осори мансури ахлоқӣ маҳсуб мешавад, ки анъанаҳои беҳтарини сабки таълифи насри қудамо, аз ҷумла "Калила ва Димна"- ро идома бахшидааст. Ба андешаи мусаҳҳеҳи нашри эронии китоб Муҷтабо Минӯӣ, ин асар ягона китобе аст, ки аз ҳайси сабки таҳрир ба Калила ва Димна" наздик буда, дар сабки он осори тасаннӯъ ва тақлид чандон намоён нест. Ин китобро Хоҷа дар соли 633/1236, дар замони иқоматаш дар Қаҳистон ба номи Носируддин Абдураҳим ибни

Абӯмансури Муҳташами Қаҳистон дар синни 36-солагӣ таълиф кард. Муҷтабо Минӯӣ дар пешгуфтори нусхаи таҳиянамудаи худ менависад, ки нахуст ҳадафи Тӯсӣ тарҷумаи китоби “ат-Таҳора”-и Мискавайҳ буд. Вале баъдан муқаррар шуд, ки бояд китобе мустақиман иншо намояд дар ҳикмати амалӣ, ки иборат бошад аз ислоҳи ахлоқ ва тадбири манзилу мамлакат [4, с.17].

Таваҷҷуҳ ба сабки таълифи асар бозгӯи он аст, ки матолиби ахлоқӣ, ки дар “Ахлоқи Носирӣ” ғолибан аз ҷанбаи назарӣ ташреҳу тавзеҳ ёфтаанд, сабки нигориши муаллифро то андозае ба душворию печидагӣ ва мураккабӣ дучор кардааст. Яке аз вижагиҳои услуби нигориши осори ахлоқӣ бошад, ба кор гирифтани намунаҳои ашъор дар тақвияти афкор аст. Дар “Ахлоқи Носирӣ” ашъоре, ки истифода шудааст, куллан арабӣ буда, дар маърифати матолиби китоб мушкилот ба вуҷуд овардааст.

Бо вуҷуди ин, шеваи нигориши Хоҷа Насируддини Тӯсӣ нисбат ба сабки нависандагони мутакаллифи асри XIII содда ва равон аст. Корбурди шеваи насри мусаҷҷаъ низ дар саросари ин асар ба чашм мерасад, ки, албатта, баҳри такмили вежагиҳои сабкии он таъсиргузор омадааст. Дар аксари порчаҳои овардашуда, ки бевосита тарҷумаҳои худи муаллифи асар маҳсуб мешаванд, аз аносири саҷъ ба хотири мавзун гардидани каломи худ Хоҷа Насируддини Тӯсӣ моҳирона истифода намудааст.

... ҷиҳати истихлоси нафс ва ирз аз вазъи дебоча бар сиғате мувофиқи одати он ҷамоат дар сано ва итрои содот ва куброи эшон ва агарчи он сиёқат мухолифи ақидат ва мубойини тариқати аҳли шариату суннат аст [4, с.23].

Дар порчаи қаблӣ вожагони «мухолифи ақидат» ва «мубойини тариқат» ба ҳамдигар саҷъ шудаанд, ки воқеан яке аз намунаҳои нодири насри мусаҷҷаъ ба шумор меравад.

Зимни мутолиаи порчаи зерин низ мо ба ин вежагии хосси сабки таълифи асари ӯ мувоҷеҳ мегардем:

Ҳамди беҳад ва мадҳи беад(д), лоиқи ҳазрати иззат молику-л-малаке бошад, ки ҳамчунон ки дар бадви фитрати аввалӣ ҳува-л-лазӣ йабдау-л-халқа, ки ҳақоиқи анвоъро аз матолеи ибдоъ бармеоварад [4, с.22].

Дар порчаи болоӣ вожаҳои “ҳамд” ва “мадҳ”, “беҳад” ва “беад (д)”, “ҳақоиқи анвоъ” ва “матолеи ибдоъ” ба ҳамдигар саҷъ шудаанд, ки воқеан, яке аз намунаҳои нодири насри мусаҷҷаъ ба шумор меравад. Инчунин, ҳангоми мутолеаи порчаи зерин низ метавон ба ин вежагии хосси сабки муаллиф рӯ ба рӯ гардид:

“... дар шарҳи тамомии ақсоми ҳикмати амалӣ бар сабили ибтидо, на шеваи мулозамати иқтидо, чунонки мазмуни қисме, ки бар ҳикмати хулқӣ муштамил хоҳад буд, хулосаи маонии китоби устод Абӯалии Мискавайҳро шомил бувад, мураттаб ояд” [4, с.24].

Бо таваҷҷуҳ ба ин порча равшан мегардад, ки саросари он бо насри мусаҷҷаъ ороста шудааст, он чунонки вожагони “ибтидо” ва “иқтидо”, “буд” ва “бувад” ба ҳам қофия шуда, таркиби матнро бо корбурди моҳиронаи насри мусаҷҷаъ ороста гардонидаанд.

“... муовадати фикр сурате бикр бар хаёл арза кард, гуфт: “Маонӣ бад-он шарифӣ аз алфозе бад-он латифӣ, ки гӯӣ қабое аст бар болои он дӯхта, салх кардан ва дар либоси иборате воҳӣ насх кардан айни масх кардан бошад. Ва ҳар соҳибтабъ, ки бар он вуқуф ёбад, аз айбҷӯӣ ва ғайбатгӯӣ масун намонад” [4, с.25].

Дар ин гуна порча низ ҳамоно шеваи истифодаи санъати саҷъ ба сурати такрор ба чашм мерасад, ки аз ҷамлуи онҳо “муовадати фикр” ва “сурате бикр”, “шарифӣ” ва “латифӣ”, “айбҷӯӣ” ва “ғайбатгӯӣ” бад-ин сурат дар таркиби ҷумлаҳо истифода шудаанд.

Дар баробари ин, таъкиди нуктаи дигари ҷолиб, ки ба сабки нигориши Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бетаъсир намонад, амри муҳим ба шумор меравад, зеро такрори вожагоне, ки ба ҳарфи ягона шурӯъ мешавад ва канори ҳам омадани онҳо дар баён навъе шеваи навиштории нависандаи асарро оҳангнокӣ бахшидаанд. Аз ҷумла, дар матни зерин калимаҳои “ибтидо” ва “иқтидо” ҳамин вежагиии муҳимми сабкиро дар худ таҷассум намудаанд.

“Сумма нуъидуҳу” маънавияти инсонро, ки мабдаи вуҷуди сурати навъияти ӯст ва он ҷо, яъне дар бадви вуҷуд, ба як ламҳа эҷод ёфта буд, дар таълимгоҳи “аллама-л-инсона мо лам йаълам” ва корхонаи “иъмалу солиҳан”, ба таҷриди зот ва таҳзиби сифот ва тараққӣ дар мадоричи камол ва таҳаллӣ ба саволеҳи аъмол сол ба сол, бал ҳолан фа-ҳол аз мартаба ба мартаба ва манзил ба манзил мегузаронад то он гоҳ, ки бо маоди “ирҷиъӣ ило раббика” расонад...” [4, с.25].

Бо таваҷҷуҳ ба ин порча равшан мегардад, ки саросари он бо насри мусаҷҷаъ ороста шудааст, он чунонки вожагони “маънавият” ва “навъият”, “вуҷуд” ва “буд”, “таҷриди зот” ва “таҳзиби сифот”, “тараққӣ дар мадоричи камол” ва “таҳаллӣ ба саволеҳи аъмол” ба ҳам қофия шуда, таркиби матнро бо корбурди моҳиронаи насри мусаҷҷаъ ороста гардонидаанд.

Дар маҷмӯъ, аз ин баррасиҳо равшан мегардад, ки “Ахлоқи Носирӣ”-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бо сабки соддаву равон ба қалам омада, нақли ҳикоёту амсол ва ашъор

кам ба назар мерасанд. Ҳамзамон, дар ҷараёни таълиф Хоҷа Насируддини Тӯсӣ кӯшидааст, ки ба хотири таъмини ҷаззобият ва балоғати усули баёни хеш саноеи зиёди бадеиро мавриди истифода қарор додааст, ки муҳимтарини онҳо ташбеҳ, истиора, маҷоз, талмеҳ, тавсиф ва сифатчинӣ, киноя, такрор, суолу ҷавоб, нидо ва монанди ин мебошанд. Нуфузи саноеи бадеӣ дар сабки баёни асар дар баробари таъмини назокати сухани адиб Тӯсиро ба унвони нависандаи сохибҳунар ва дорои шеваи хосси нигориш дар таълифоти мансур муаррифӣ намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 302 с.
2. Муҳаммади Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ Разавӣ, Муҳаммад. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1354/1935.
3. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён, Р.Ҳодизода, М.Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1990. - 336 с.
4. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ / Тӯсӣ, Насируддин; бо кӯшиши Ғаффорова У., Салимов Н. – Душанбе: Шуҷоиён 2009. – 388 с.
5. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ / Тӯсӣ, Насируддин; ба танқеҳ ва тасҳеҳи Муҷтабои Минӯӣ, Алиризо Ҳайдарӣ. - Теҳрон, 1373.
6. Ҳодизода. Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода, М.Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.

КОРБУРДИ САҶЪ ДАР “АХЛОҚИ НОСИРӢ”-И ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Дар ин мақола, доир ба зикри яке аз санъатҳои адабии саҷъ, ки ағлаби осори арабизабони адабиёти форсу тоҷик бо он таълиф шудаанд, маълумот дода шудааст. Аслан, дар мақолаи мазкур пажӯҳиш атрофи дар осори намояндагони адабиёти арабизабони форсу тоҷик ва фарҳехтагони адаби форсӣ-тоҷикӣ ҷой доштани ин санъати мазкур ва хоссатан “Ахлоқи Носирӣ”-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ сухан меравад. Муаллифи мақола аснои таълифи он, нахуст дар бораи санъати адабии саҷъ бо такя аз китобҳои дастаи аввали илми адабиётшиносӣ маълумоти илмиеро матраҳ намуда, сипас, онро ба умқи осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ кашидааст. Мавриди зикр аст, ки муаллиф баъди муаррифии санъати саҷъ кӯшиш ба харҷ дода, аз умқи асари машҳури Хоҷа Насируддини Тӯсӣ “Ахлоқи Носирӣ” мисолҳои зиёдеро дар истифодаи санъати саҷъ ба риштаи таҳқиқ кашида, тавонистааст, ки ҳар яки онро тавсиру тавзеҳ намояд. Ҳамчунин, муаллиф доир ба осори мансури Хоҷа Насируддини Тӯсӣ маълумот дода, тавонистааст, ки бо овардани порчаҳое аз ҷумал ва калимот, ки ҳар яки онро ба тариқи амиқ шарҳ додааст, ба умқи забони таълифи адиб ворид гардад ва онро ба маърази таҳлилии хонанда пешниҳод намояд. Ҳамчунин, дар мақола доир ба саҳми Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ҳамчун нависандаи баркамоли адабиёти тоҷик ва саҳми он дар ташаккул ва пешравии улуми адабӣ ва хоссатан шинохти назму наср аз ҷониби муҳаққиқ маълумоти муфиде гирдоварӣ карда шуда, таҳлили амиқи худро пайдо намудааст.

Калидвожаҳо: санъатҳои бадеъ, саҷъ, адабиёти форсизабон, ашъор, адибони тоҷик.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РИФМОВАННОЙ ПРОЗЫ В “НАСИРОВОЙ ЭТИКЕ” НАСИРИДИНА ТУСИ

В этой статье представлена информация об одном из литературных искусств рифмованной прозы, с помощью которого было написано большинство арабских произведений персидской и таджикской литературы. Фактически, в данной статье обсуждается исследование присутствия этого искусства в произведениях представителей персидско-таджикской арабской литературы и исследователей персидско-таджикской литературы, и в частности «Насировая Этика» Ходжа Насириддина Туси. Автор статьи, прежде всего, опираясь на книги литературных критиков, сначала затронул литературное искусство саджа, а затем углубился в творчество Хаджа Насириддина Туси. Следует отметить, что после презентации искусства простирания автор постарался изучить и объяснить каждый из многочисленных примеров использования искусства земного покрова в глубинах известного произведения Хаджа Насириддина Туси «Насирова Этика». Кроме того, автор предоставил информацию о произведениях Хаджа Насириддина Туси и смог вникнуть в язык автора и представить его читателю, цитируя фрагменты предложений и слов, каждое из которых он подробно объяснил. Также в статье содержится полезная информация о вкладе Хаджа Насириддина Туси как зрелого писателя таджикской литературы и его вкладе в становление и развитие литературной науки, особенно признания поэзии и прозы, и проведен их глубокий анализ.

Ключевые слова: художественная проза, садж, персоязычная литература, стихи, таджикская литература.

THE USE OF RHYMED PROSE IN THE “NASIRED ETHICS” NASIRIDIN TUSI

This article provides information about one of the literary arts in rhymed prose, with the help of which most of the Arabic works of Persian and Tajik literature were written. In fact, this article discusses the study of the presence of this art in the works of representatives of Persian-Tajik Arabic literature and researchers of Persian-Tajik literature, and in particular “Nasir Ethics” by Khoja Nasiriddin Tusi. The author of the article, first of all, relying on the books of literary critics, first touched upon the literary art of sajah, and then delved into the work of Hajj Nasiriddin Tusi. It should be noted that after the presentation of the art of prostration, the author tried to study and explain each of the numerous examples of the use of the art of the earth cover in the depths of the famous work of Haj Nasiriddin Tusi "Nasirova Ethics". In addition, the author provided information about the works of Haj Nasiriddin Tusi and was able to delve into the author's language and present it to the reader, quoting fragments of sentences and words, each of which he explained in detail. The article also contains useful information on the contribution of Haj Nasiriddin Tusi as a mature writer of Tajik literature and his contribution to the formation and development of literary science, especially the recognition of poetry and prose, and provides a deep analysis.

Key words: fictional prose,, saj’, Persian literature, poetry, Tajik literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холматова Мусабеҳон Муродҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, Ph.D, докторанти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. Мавлянбекова 1. E-mail: **Kholmatova.musabekhon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-52-90-60**

Сведения об авторе: ***Холматова Мусабехон Муроджоновна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, Ph.D докторант кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **Kholmatova.musabekhon@mail.ru.** Тел: **(+992) 927-52-90-60**

Information about the author: ***Kholmatova Musabekhon Murodjonovna*** – Khujand State University named after B.Gafurov, doctoral Ph.D at Arabic philology Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova, Ave., 1. E-mail: **Kholmatova.musabekhon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-52-90-60**

УДК:891.550

“ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ - КОХИ МУҲТАШАМИ ҲУСН ВА НАҚШИ ФАРРУ ЗЕБ ДАР ОН

Исматов С.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Шоҳнома” васфи зебоист, ҳар вожааш зебост аз ин рӯ худ зебост! Васфи зебоӣ дар шоҳасар бо усулҳои гуногун таҷассум гаштааст. Вожаву истилоҳоте аз қабили зеб, фар, зинат ороиш дар ин саҳна нақши муассири тасвирӣ доранд. Чун ба ҳар ҳодисаеву тасвире менигаред, дармеёбед, ки дар “Шоҳнома” дар ҳама ҷо тарҳи зебое густурда шудааст ва дар ҳама маврид муҳандиси чирадасте даст ба кор аст. Ва ин ҳама халлоқият аз килки гуҳарбори шоир таровидааст!

Муҳаммадамини Риёҳӣ дар китоби худ “Фирдавсӣ” менигорад, ки “Ормони Фирдавсӣ ормону авотифи ҳақири як шахс ё ормони як қавму қабила нест. Ормони ӯ ормони як миллати бузург ва ормони инсоният аст” [7, с.26].

Пайвасти зебу фар ё фарру зеб дар “Шоҳнома” хеле зиёд истифода шудааст. Зеб вожаи аслии тоҷикист, ки дар калимасозӣ сермаҳсул аст. Мисли: зебанда, зебо, базеб, Зебунисо, Зебигул, Зебӣ, зебида. Фар низ вожаи аслии тоҷикист ва маънои нурро дорад. Дар калимасозии тоҷикӣ ин вожа таърихан дар топониму антропонимҳо сермаҳсул аст. Мисли Фархор, Фонфар, Фаробод, Фарибурз, Фаридун, Эзадфар, Фаррух, Фаромурз, Фариштa, Фарангез, Фарҳод.

Дар шоҳасаре, ки ибтидо аз офариниши одаму олам сухан меравад, вожаи фар фавқуттабиа ба назар мерасад. Чун саросари шоҳасар муборизаи ду қувва: некӣ ва Аҳура Маздо аз як тараф, ва бадӣ – Аҳриман аз тарфи дигар аст, ҳама вожаҳо дар ҳамин ду гурӯҳ барчида шудаанд. Яъне, интихоби вожа маҳз ба хотири ҳамин ду мабдаъ аст. Вожаҳои некӣ аз Суруш сар карда, то эзаду яздону фарри эзадӣ бо имтиёзи ғолибият дар муборизаҳо дар мавқеи асосӣ қарор доранд. Фирдавсӣ худ низ ноаён дар ҳамин мабдаи некӣ қарор дорад. Ормони ӯ низ ҳамин ғалабаи некӣ аст. Дар ин риштаи гуҳарбори вожаҳо вожаи фар мавқеи барҷаста дорад. Фар –нур ҳам абстракт аст ҳам моддиёт аст. Аз он ҷиҳат, ки дидаву эҳсос мешавад, моддиёт (конкрет) аст. Аз он ҷиҳат, ки бо даст қапида намешавад, маънавиёт. Масалан, офтоб чун курраи оташин манбаи нуру зиёст. Аммо рӯйи инсон, ки дар атрофаш ноаён нуре метобад, ки фар ном дорад ва он ҳар лаҳза метавонад, барои нафаре ноаён гардад, манбаи дигаре дорад, ки ин манба поя бар порсоӣ ва некӣ дорад. Онро метавон дид, эҳсос кард, болида гашт. Аз ин ҷиҳат, фар чун вожа байни моддиёту маънавиёт қарор дорад. Агар меъёри таъйини исми моддӣ дидану ҳис кардан бошад, пас фар исми моддӣ аст. Вале агар ин меъёр танҳо ламс кардан аст, пас вожаи фар исми маънист! Фар чун вожаи нек вожаи аҳуроӣ аст:

Ба чашмаш ҳамон хоку ҳам симу зар,
Бузургӣ бад-ӯ ёфта **зебу фар** [1, с.38].
Ки мардест бар сони сарви саҳӣ,
Ҳамаш **зебу** ҳам **фар**ри шоҳаншаҳӣ [1, с.275].

Ифодаи шукӯҳу шаҳомати дарбор тавассути ашёҳои гуногун маҳзи зебу ороиши қасру ашёи марбути он, зебоии қаҳрамони бо зебу фар ҳама дар маҷмӯъ кохи муҳташами ҳуснро ташкил додаанд. Чунончи, омадани Золи Зарри ҷавон ба кушки Рӯдоба:

Сӯи хонаи зарнигор омаданд,
Бад-он маҷлиси шоҳвор омаданд.
Биҳиште буд ороста пур зи нур,
Парастанда бар пой бар пеши ҳур.
Шигифт андар он монда буд Золи Зар
Бад-он рӯю он мӯю он **зебу фар**.

Ашёҳое, ки марбути занон, масалан Рӯдобаанд, мисли ёра, тавқ, гӯшвор, матои дебо, дурру гуҳар мебошанд. Дар ин миён ифодаҳои боғи баҳор, биҳишти ороста пур зи нур, рӯйи чун лола, зулфи шикан дар шикан, тавсифи зебоии рӯю мӯю зебу фар дар сохтани ташбеҳҳои зебо ҷойгоҳи хосса доранд:

Або ёраву тавқу бо гӯшвор,
Зи дебову гавҳар чу боғи баҳор.
Ду рухсора чун лола андар чаман,
Сари ҷаъди зулфаш шикан бар шикан.

Васфи Золи Зарри ҷавон, чун паҳлавони номдор аз Рӯдоба камтар нест. Ин ҷо низ фарру фарраҳӣ, ташбеҳи чун моҳ истифода шуда, ашёҳое аз қабили дашна, афсаре аз ёқути сурх дар тавсифи паҳлавон мавқеи мушаххас доранд:

Ҳамон Зол бо фарри шоҳаншаҳӣ
Нишаста бари моҳ бо фарраҳӣ.
Ҳамоил яке дашна андар бараш,
Зи ёқути сурх афсаре бар сараш.
Зи дидан-ш Рӯдоба менорамид,
Бидуздида дар вай ҳаме бингарид.

Симои паҳлавон, ки аз шоху бурзу боло иборат асту ин тан гурзи гаронеро мекашад, бе исми фар ночиз менамояд. Фар онро пурра мекунад ва чун шахси воломақом ҷилва медиҳад:

Бад-он шоху ёлу бад-он фарру бурз,
Ки хоро чу хор омадӣ з-ӯ ба гурз.
Фурӯғу рухашро, ки ҷон барфурӯхт,
Дар ӯ беш дидӣ, дилаш беш сӯхт? [1, с.280].

Ҷойи дигар ҳамин паҳлавон бо камар ё камарбанд тасвир шудааст. Камар чун узви инсон бо вожаи банд мураккаб шуда, як ашё ё либоси расмиро сохтмон бахшидааст, ки дар лаҳзаҳои услубӣ камарбанд ё камар бастан омодагӣ ба кору амалеро ифода намудааст!:

Биёмад ба шабгир баста камар
Ба пеши Манучеҳри бо зебу фар [1, с.344].

Бояд гуфт, ки хислатҳои фавқулода ва берун аз неруи инсонӣ дар шоҳасар намоён шуда, бад-ин васила қаҳрамонро барои оммаи мардум маҳбуб гардонидааст. Чун дар “Шоҳнома” шоҳон аз як сулола баргузида мешуданд ва ин сулолаи каён аз ибтидо то охирин шоҳи сосонӣ - Яздигурд риоя мешуд, танҳо бо омадани Заҳҳоки тозӣ ин анъана халалдор гардид. Чун фарри шоҳӣ бурида шуд ва ҷаҳонро зулму торикӣ фаро гирифт, баъди ин орзуи шоҳи соҳибфари одил аз авлоди каён ормони мардум гашт. Яъне, идеяи як подшоҳи ормонӣ, як адолатпарвари неруманд дар ҷомеае, ки харизматизм меҳвар қарор гирифтааст ва бе он дар чунин ҷомеа подшоҳ қариб ҳеҷ аст, дар саросари шоҳасар ҳувайдост. Дар абёти алоҳидаи “Шоҳнома” инро мебинем!

Таҳамтан чунин гуфт, к-«Ин зӯру фар
Яке хилъате бошад аз Додгар [4, с.273].

Бояд гуфт, ки монархияи подшоҳиро маҳз ҳамин харизматизм устувор гардонид ва ҳамин қувваи фавқулода аст, ки мардумро сарҷамъу умедвор гардонида, аз он подшоҳӣ пойдору устувор аст!

Чу биншаст бар тахтгоҳи падар,
Ҷаҳонро ҳаме дошт бо зебу фар [1, с.461].

То дараҷае, ки тавассути фар ҳама баду бадкорӣ несту бартараф карда мешавад ва ҳатто Аҳриман бо ин фар зиндонӣ мешавад ва аз ин фарр меҳаросад:

Ки дорад ба фар Аҳриманро ба банд
Худованди шамшеру тоҷи баланд [10, с.345].

Дар адабиёти ҷаҳон, махсусан русӣ он бо истилоҳи **нимб** ифода мешавад. Чунончи:

Нимб - это многозначный священный символ. На иконах изображается в виде светлого круга вокруг головы. Нимб это образ вечности, *святости и божественной благодати (Луғати русӣ - тоҷикӣ)*.

Расму оини дарбор ва подшоҳӣ маҳз дар мавридҳои оростани дарбор, пешвозу гусели меҳмонони олиқадр намудор мегардад. Масалан, баъди ғалаба бар деви Ҳомоварон Рустам аз ҷониби Ковус мавриди эҳтиром қарор гирифта, ба ин шахси наҷотбахши тоҷу тахти каён туҳфаву бахшишҳои шоҳона арзонӣ дошта мешавад. Тасвири ин шукӯҳу ҷалол ва бойгарӣ зебоии асарро дучанд гардонидааст. Дар ин ҷо тамоми сарулибоси шоҳӣ, ашёи ифодагари зарру зевар ва ороишот чун ифодаи сарвату шаҳомат номбар шудаанд. Чунончи, ҳадяи Ковус ба Рустам:

Таҳамтан биёмад ба сар-бар кулоҳ,
Нишаст аз бари тахт наздики шоҳ.
Ҳаме хост дастурӣ аз тоҷвар,
Ки то боз гардад сӯи Золи Зар.
Сазовори ӯ шаҳрёри замин
Яке хилъат орост боофарин.

Дар ин миён вожаҳои ифодагари сарулибос ва зебу зинат дар силсилаороишот нақши муассир доранд. Мисли хилъат, тахт, тоҷ, пирӯза, мешсор, гавҳар, нигор, шумораҳои як, даҳ ва сад бо нумеративи даст (дар шакли як даст зарбафт), вожаҳои ороишии ифодагари рангу бӯ: зарбафт, ёра, тавқ, заррин, камар, ёқут, пирӯза, зарринситом, мушк, мушки ноб, аспи гаронмоя, астари сияҳмӯ, заринлигом, дебо ё матои румиву чиниву паҳлавӣ, ҳарир, хӯшбӯиҳои мушку маю уду анбар, абир. Хулоса, дар авсофи шукӯҳу шаҳомати дарбор ва муҳити қаҳрамонон шоир доди суханро додааст:

Яке тахти пирӯзаи мешсор,
Яке хусравӣ тоҷи гавҳарнигор.
Яке даст зарбафти шоҳаншаҳӣ,
Або ёраву тавқ, бо фарраҳӣ.
Сад аз моҳрӯён ба заррин камар,
Сад аз мушкмӯёни бозебу фар.
Сад аспи гаронмоя зарринситом,
Сад астар сияҳмӯю зарринлагом.
Ҳама борашон дебаи хусравӣ
Зи румиву чиниву аз паҳлавӣ.
Бибурданд динор сад бадра низ
Зи рангу зи бӯю зи ҳар гуна чиз.
Зи ёқут ҷоме пур аз мушки ноб,
Зи пирӯза дигар яке пургулоб.
Набишта яке номае бар ҳарир,
Зи мушку маю уду анбар, абир.
Супурдаш ба солори гетифурӯз
Ба наввӣ ҳама кишвари Нимрӯз [2, с.131].

Тасвири муҳити ишғолкардаи некӣ аз як тараф, ва баръакс ифодаи ин муҳит бо қувваи бадӣ аз тарафи дигар, ду боли ин ин ҷангнома гаштааст. Баръакс вожаҳои аҳриманӣ дар мавридҳои ҷангу корзор, хиёнату ҳасад ба кор мераванд! Муҳити некӣ тавассути вожаҳои зебо ва нек ифода мешавад. Ин вожаҳо вожаҳои аҳуроӣ мебошанд, илқои он аз ҷониби як шахс ё дастгоҳи табиие нест, балки фаротар аз он аз ҷониби Яздон аст:

Сипосам зи Яздон, ки ӯ дод фар,
Бад-ин гардиши ахтару пову пар [4, с.444].

Ин ки оини шоҳони каёнӣ ба ғайр аз тавсифи зоҳирӣ боз ниҳоди маънавиро дар худ таҷассум мекунад, фожаи фавқуттабиаи фар ин мазмунро барҷаста ифода намудааст:

Туро донишу ҳушу рой асту фар
Бар оини шоҳони пирӯзгар [8, с.214].

Васф намудани Пирон - вазири некукор назди Афросиёб аз кохи Сиёвуш ифодагари муҳити нек аст. Дар ин ҷо вожаҳои аҳуроии Суруш, нур, минӯ - биҳишт, фар, авранг, ҳуш, зеб, оин, хубӣ нақши барҷаста касб намудаанд.

Чу кохи Фарангис дидам зи дур,
Чу ганҷи гуҳар буд бар сони нур.
Гар эдун, ки ояд зи минӯ Суруш
Набошад бад-он фарру аврангу ҳуш.
Бад-он зебу оин, ки домоди туст,
Ба хубӣ ба коми дили шоди туст [3, с.44].

Ҷое ҳаст, ки дар тасвири шукуҳу шаҳомат ҳама ашё побарҷост. Гӯё чизе намерасад. Ин маънавиёт аст. Мисли зебидани тоҷу нигин ва фарру зеб дар муҳити ифодагари зебоиву ҳашмат ҷойи асосӣ доранд! Бубинед:

В-аз ӯ бод бар шаҳрёр офарин,
Ки зебои тоҷ асту тахту нигин.
Ҳаме рафт бо нозу бо зебу фар,
Сипоҳе ҳама ғарқа дар симу зар [3, с.325].

Ё дар ҷойи дигар, ашёи ифодагари тахту подшоҳӣ пеши ин маънавиёт ҳеҷ гаштааст. Зеро ҳама гуна дороӣ ва мансаб бе фарри бузургӣ хору залил аст:

Бар ӯ офарин кард шоҳи ҷаҳон,
Ки бодат бузургиву фарри меҳон! [3, с.326].

Ҳамин тариқ, дар тасвири шоири пардозгар, ки коргоҳи ӯ кошонаи ҳуснро мемонад, вожаҳои фарру зебу нур ва ташбеҳҳо як тараф, ва ашёҳои ифодагари зебу ороиш ва шукӯҳу салтанат мисли ёра (дастпона, дастбанд), гӯшвор, афсар – тоҷи муайяни паҳлавонӣ, ороиши дурру гуҳар чун ёқути сурх, аз ҷониби дигар, авсофи зебоиро комил гардонидаанд.

Чуноне ёдрас шуд, тамоми “Шоҳнома” аз ду қувва – некӣ ва бадӣ иборат аст! Ин ду қувваро низ метавон асоси шоҳасар донист. Ҳар чӣ вобаста ба некӣ аст, аҳуроист! Аниқтараш ғолиб Аҳурост. Он чи марбути бадист аҳриман аст. Аниқтараш мағлуб Аҳриман аст. Шоири соҳибфар дар ифодаи ин ду муҳит вожагонеро корбаст намудааст, ки маҳзи хотири ин ду хислат корбаст шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар Шоҳнома / С.Анварӣ. - Душанбе: Маориф 1990. - 120 с.
2. Гёте И.В. Девони ғарбӣ-шарқӣ / И.В. Гёте. - Душанбе: Адиб, 2011. – 384 с.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қ.1. / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 490 с.
4. Кабиров Ш. Сухан аз арши барин омадааст / Ш. Кабиров. - Душанбе, 2014. - С.80, 149.
5. Марям Неъмати Товусӣ. Фарҳанги намоишҳои суннатӣ ва оинии Эрон / Товусӣ, Марям Неъмат. - Теҳрон: Доира, 1392. - 272 с.
6. Маҳмуд Ранҷбар, Ҳидоятулло Сутуда. Мардумшиносӣ (такя бар фарҳанги мардуми Эрон). – Теҳрон: Донишофарин, 1380. - 217 с.
7. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ ва андешаи шеъри ӯ) / Риёҳӣ, Муҳаммадамин. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 338 с.
8. Пӯшок дар Эронзамин. - Теҳрон: Амири Кабир, 1394 (2017). - 504 с.
9. Саломов М. Ифодаҳои маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ / М.Саломов. - Душанбе, 2001. – 138 с.
10. Ҳеленбренд Роберт. Забони тасвирии «Шоҳнома» (маҷмӯа бо тасовир) / Роберт Ҳеленбренд. - Теҳрон: Баҳор, 1388. - 353 с.
11. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд) / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1987-1991 (Ҳамин нусха чопи электронӣ – 10 ҷилд).

“ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ - КОХИ МУҲТАШАМИ ҲУСН ВА НАҚШИ ФАРРУ ЗЕБ ДАР ОН

Мақола ба баррасии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ - кохи муҳташами ҳусн ва нақши фарру зеб дар он бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки “Шоҳнома” васфи зебоист, ҳар вожааш зебост аз ин рӯ худ зебост! Васфи зебоӣ дар шоҳасар бо усулҳои гуногун таҷассум гаштааст. Вожаву истилоҳоте аз қабили зеб, фар, зинат ороиш дар ин саҳна нақши муассири тасвирӣ доранд. Чун ба ҳар ҳодисаеву тасвире менигаред, дармеёбед, ки дар “Шоҳнома” дар ҳама ҷо тарҳи зебое густурда шудааст ва дар ҳама маврид муҳандиси чирадасте даст ба кор аст. Ва ин ҳама халлоқият аз килки гуҳарбори шоир таровидааст! Ҳамин тариқ, муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки дар тасвири шоири пардозгар, ки коргоҳи ӯ кошонаи ҳуснро мемонад, вожаҳои фарру зебу нур ва ташбеҳҳо як тараф, ва ашёҳои ифодагари зебу ороиш ва шукӯҳу салтанат мисли ёра (дастпона, дастбанд), гӯшвор, афсар – тоҷи муайяни паҳлавонӣ, ороиши дурру гуҳар чун ёқути сурх, аз ҷониби дигар, авсофи зебоиро комил гардонидаанд. Чуноне ёдрас шуд, тамоми “Шоҳнома” аз ду қувва – некӣ ва бадӣ иборат аст! Ин ду қувваро низ метавон асоси шоҳасар донист. Ҳар чӣ вобаста ба некӣ аст, аҳуроист! Аниқтараш ғолиб Аҳурост. Он чи марбути бадист аҳриман аст. Аниқтараш мағлуб Аҳриман аст. Шоири соҳибфар дар ифодаи ин ду муҳит вожагонеро корбаст намудааст, ки маҳзи хотири ин ду хислат корбаст шудаанд.

Калидвожаҳо: фарр, зеб, нур, ёра, гӯшвор, афсар, тоҷ, ороиш, заррин, дурр, , ёқути сурх, авсоф, зебоӣ, мушк, абир.

“ШАХНАМЕ” ФИРДОУСИ - ВЕЛИЧЕСТВЕННЫЙ ДВОРЕЦ КРАСОТЫ, БЛЕСКА И ВЕЛИКОЛЕПИЯ СЛОВА

Статья посвящена рассмотрению “Шахнаме” Фирдоуси – величественного дворца красоты, блеска и великолепия слова. Автор отмечает, что “Шахнаме” является воспевателем красоты, каждое его слово бесподобно красиво и поэтому оно красиво само! Воспевание красоты в этом великом произведении воплощено различными способами. Такие слова и термины как украшение, великолепие, убранство имеют воздействующее действо в данном произведении. Как только бросаешь взор на все изображения в произведении, находите, что в “Шахнаме” везде рассматривается красивое очертание слов искусной рукой архитектора слов. И все это великолепие исходит из под крсноречивого пера поэта. Таким образом, автор приходит к выводу о том, что в изображении поэта, чье обиталище представляет из себя комнату красоты, слова относящиеся к блеску, великолепию, свету и аллегории с одной стороны, и вещы обозначающие украшения и убранство, а также величие и славу на подобии браслета, серьгы, короны – определенного богатырского венца, украшения из жемчуга и самоцветов как красный бриллиант, с другой стороны, совершенствовали описание и воспевание красоты. Как было упомянуто, весь “Шахнаме” состоит из двух сил – добра и зла! Эти две силы также можно считать основой этого великого произведения. Все что зависит от доброты, в ней побеждает Ахурамазда – воплощение силы доброты! То что относится к злу, соотносится к Ахриману, то есть побежденным является верховное божество зла, противник Ахурамазды. Фирдоуси в выражении этих двух противоборствующих сил использовал слова, которые воистину выражают всю суть этих двух качеств –добра и зла.

Ключевые слова: сияние, красота, свет, браслет, серьга, корона, корона, украшение, позолоченный, жемчужина, красный бриллиант, воспевание, красота, мускус, благовоние.

"SHAHNAME" FIRDOUSI - THE MAJESTIC PALACE OF BEAUTY, GLITTER AND Splendor of the Word

The article is devoted to the consideration of “Shahnameh” by Ferdowsi - a majestic palace of beauty, brilliance and splendor of the word. The author notes that “Shahnameh” is a glorifier of beauty, every word of it is incomparably beautiful and therefore it is beautiful itself! The glorification of beauty in this great work is embodied in various ways. Words and terms such as adornment, splendor, ornamentation have an influencing effect in a given work. As soon as you glance at all the images in the work, you find that in the "Shahnama" everywhere the beautiful outline of words is examined by the skillful hand of the architect of words. And all this splendor comes from the poet's eloquent pen. Thus, the author comes to the conclusion that in the image of the poet, whose abode is a room of beauty, words referring to brilliance, splendor, light and allegory on the one hand, and things denoting decorations and decoration, as well as greatness and glory on like a bracelet, earring, crown - a certain heroic crown, jewelry made of pearls and gems like a red diamond, on the other hand,

improved the description and glorification of beauty. As it was mentioned, the entire “Shahnameh” consists of two forces - good and evil! These two forces can also be considered the basis of this great work. Everything that depends on kindness, Ahuramazda wins in it - the embodiment of the power of kindness! That which refers to evil refers to Ahriman, that is, the defeated is the supreme deity of evil, the enemy of Ahuramazda. In expressing these two opposing forces, Ferdowsi used words that truly express the essence of these two qualities - good and evil.

Key words: radiance, beauty, light, bracelet, earring, crown, crown, jewelry, gilded, pearl, red diamond, chanting, beauty, musk, incense.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматов Саъдӣ Маҳдиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ТВ ва радиошунавонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 935-67-67-99**

Сведения об авторе: ***Исматов Саъди Махдиевич.*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры телевидения и радиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 935-67-67-99**

Information about the author: ***Ismatov Sadi Makhdievich*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of Television and Radio Broadcasting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17. Phone: **(+992) 935-67-67-99**

УДК:891.550

ЗИНДАГИНОМАИ МУҲАММАД ҒОИБ

Зуфнунби Сайдаҳтам
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ

Муҳаммад Ғоиб беш аз ним аср аст, ки дар арсаи шеъру шоирӣ хомаронӣ дораду дар ин ҷода ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расидааст. Ӯ 16-уми марти соли 1954 дар деҳаи Алиҷони ноҳияи Данғара дар оилаи деҳқон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падару модар аз шодӣ ба ӯ номи Мурод гузоштанд. Баъди чанде бо маслиҳату машварати пирони деҳа писараки азизашонро Муҳаммад ном ниҳоданд.

Муҳаммади хурдсол бо мурури замон оҳиста - оҳиста ба воя мерасиду қад мекашид ва дастёри волидонаш мегардид. Мутаассифона, дере нагузашта рӯзи равшанаш шаби торик гардид. Падари меҳрубону саробонаш аз олам даргузашту ӯ ятиму бемуттако гашт [6, с.3].

Муҳаммад ба ҳукми тақдир тан дода, бори зиндагияшро бар дӯши худ гирифт. Таҳти ҳимояву ҳидояти модари муштипараш ба мактаби деҳа рафта, ҳам дарс мехонду ҳам подаву гала мечаронд, ҳам чакомаву гаронаҳои мардумӣ меомӯхту ҳам қиссаҳои қаҳрамонӣ мешунуфт.

Муҳаммад Ғоиб баъди хатми мактаби ҳаштсолаи деҳа, бо маслиҳати аҳли оила ҳуҷҷатҳояшро ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб месупорад. Баъди бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои қабул сазовори номи пуршарафи донишҷӯ мегардад. Ҳангоми донишандӯзӣ дар маҳфилҳои фаннӣ, шабнишиниҳо фаъолона ширкат варзида, бо маҳорати баланди сухандонӣ табъи ҳамсолону донишҷӯён ва устодони таълимгоҳро шод мегардонд. Меҳри шеъру шоирӣ дар дили кӯчаки ӯ аз ин даргоҳи илму маърифат ҷой мегирад. Дар барномаи телевизионии «Меҳрнома», ки бахшида ба фаъолияти эҷодии шоир доир гардид, ӯ қайд менамояд, ки «… қалами маро муаллимаи Хизматнишондодаи Тоҷикистон Соҷидамо Аккалаева (омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб) модарвор рост кард».

Барои рӯзномаҳо хабар менавишту машқи шеър мекард. Шеърҳои нахустинаш дар матбуотҳои даврӣ ва маҷмӯаи «Гулдаста» ба табъ расидаанд.

Муҳаммад Ғоиб қайд менамояд, ки: «Дар кӯдакӣ мехостам муҳандис шавам, ихтирое бикунам. Меваи коварро барои пайванди қисмҳо хушконда, кулӯхи офтобхӯрдаро тарошида, ба ҷойи пайванди қисмҳову чархҳо истифода мебурдам. Ришта вазифаи тасмаро ба ҷой меовард. Комбайну булдозери сохтаам амалиёти даравидану хок канданро ичро мекарданд. Обкашию полезбонию подабонӣ гузашт. Дар он рӯзгор ҳам маркабсавор ва ҳам дар таги хаймаву бари теппа китоб мехондам. Аввалин китобе, ки хондаам, «Пӯлод чӣ тавр обутоб меёбад?»- и Н.Островский буд. Баъди хондани китобҳои «Вафо»-и Ф.Ниёзӣ, «Духтари оташ»-у «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷ. Икромӣ ва «Субҳи ҷавонии мо»-и С.Улуғзода худро дар олами дигар дидам. Аз кӯдакӣ тан ба заҳмат додан ёрам шуд, ки (чунин ҳолатро) ҷо-ҷо (дар офаридаҳоям) тасвир кардаам.

Буд шамъи бахти торам Моҳу Меҳр,
Момаи барчошрезам буд сипеҳр.
Қанди рӯзи шодии ман жола буд,
Парчами идонаи ман лола буд» [6, с.3].

Соли 1972 баъди хатми омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи физика ва математикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) месупорад ва онро соли 1977 аз рӯйи ихтисоси муаллими физика ва математика хатм менамояд.

Муҳаммад Ғоиб қайд менамояд, ки: «Хуб шуд, ки ҳамон факултетро хатм кардам. Омӯзиши фанҳои дақиқ, мисли ҳалқаҳои як занҷир, пайванди ҳамдигаранд. Агар мавқеву мақоми дигар халқҳоро бидонӣ, он вақт ҳалқаи лозимиро пайдо карда метавонӣ. Рақамҳову формулаҳо ҳам на танҳо хосияти ҳисоби доираи худ, балки номуайянӣ, баробарӣ, мантиқу фалсафа ва мафҳумҳои дигареро ҳам дар бар доранд, ки бароям норавшан монданд ва роҳи ҳалли бисёр мисолу масъалаҳои он улумро пайдо карда натавонистам. Ба ҳар ҳол, аз он рӯзҳо нишонаҳои хубе дорам - нишонаҳои тобоварӣ ва машқи зеҳн… [6, с.3].

Ҳангоми донишҷӯӣ Муҳаммад Ғоиб аъзои маҳфили «Адибони ҷавон» буд. Чуноне ададабиётшинос Шафиев Ф. қайд менамояд: «Доираи адабии Кӯлоб аз ибтидои солҳои 60-ум сар карда ба ду маҳфил ҷудо мешавад. Яке бо номи «Равшандилон» ва дигаре бо номи «Адибони ҷавон» (Ин маҳфил бо номи шоири халқ Саидалӣ Вализода ва шогирдони ӯ Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода вобаста мебошад). Маҳфили «Адибони ҷавон» бо Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб робита пайдо карда, ҳайати худро аз ҳисоби устодон, донишҷӯён ва хатмкардагони донишкада ҳамвора афзун менамояд. Дар солҳои 60-ум ин маҳфилро адабиётшинос ва шоири ҷавон Иброҳим Шукрӣ сарварӣ мекард…

Дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри ХХ роҳбарии маҳфилро устоди Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб Аламхон Кӯчаров ба уҳда дошт… Дар ин замина нуфузи мактаби адабии шаҳри Кӯлоб низ рӯз аз рӯз меафзуд ва ин мактаб қаламкашони нав ба навро ба арсаи эҷод ҳидоят намуд…

Дар солҳои 70-80-уми садаи ХХ адибоне чун Сафармуҳаммад Аюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Салими Хатлонӣ, Искандари Хатлонӣ, Сафар Амирхон, Сафармуҳаммад Аюбзодаи Маҳзун, Ғаффоралӣ Сафар, Маҷид Салим, Наср Бобо, Миралӣ Амиршоҳ, Гулчеҳра ва дигарон ба ҷодаи пурмашаққати эҷод ворид гардиданд» [8, с.16].

Муҳаммад Ғоиб қайд менамояд, ки: «Соли охири таҳсил (дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб, соли 1977) дар бораи як ҳамдарсам, ки дар озмуни гӯштингирӣ унвони қаҳрамониро сазовор гардида буд, очерке навишта, ба радиои вилоят супурдам. Шоири маъруф Ҳақназар Ғоиб очеркро хонда, ба номи ректори донишкада мактуби расмӣ навишта, хоҳиш кард, ки ҳангоми «тақсимот» маро дар шаҳр нигоҳ доранд. Ҳамон мактуб сабаб шуду ман ба Кумитаи телевизион ва радиошунавонии вилояти Кӯлоб ба кор рафтам» [6, с.3].

Муҳаммад Ғоиб фаъолияти меҳнатияшро аз ҳамон сол ба ҳайси корманди Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Кӯлоб (1977-1987) оғоз менамояд. Сипас, дар вазифаҳои мухбири махсуси рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» дар собиқ вилояти Кӯлоб (1987-1990), раиси Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Кӯлоб (1990-1992), сардори идораи Ҳукумати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб (1995-1997), раиси Кумитаи радио ва телевизиони Хатлон (1997-2000) кору фаъолият менамояд.

Дар ин муддат ӯ кӯшишу ғайрат ва неруи созандаи хешро баҳри таълиму тарбияи насли ҷавон ва рушду нумуи матбуоту адабиёти тоҷик мебахшад. Нахустин маҷмӯаи ашъори бачагонаи Муҳаммад Ғоиб «Турнаҳо» ном дошта, соли 1980 интишор меёбад. Ин маҷмӯа, ки бо кӯшиши Убайд Раҷаб рӯйи чоп омад, тавонист муаллифро ба сифати шоири хуби бачагон шуҳратёр гардонад. Дар ин мавзӯъ Муҳаммад Ғоиб қайд менамояд, ки: «Аввалин нишонаи маро, аввалин мурғакони баҳори пур аз умеду афсонаи маро шоири дарёдил, равонаш шод бод, устод Убайд Раҷаб ба чоп тайёр карда буд. Ин хислати ибратбахши устодро дар худ парваридам ва ба қадри эҷоди дигар навқаламон расидам. Ба даҳҳо китоб сарсухан навиштам ва дар дилу хотири шогирдон тухми меҳру сипосгузорӣ киштам» [6, с.3].

Ҳамин тариқ, Муҳаммад Ғоиб бо тақозои сиришт ва ҳидояти табъу истеъдоди модарзодиаш худро ба дарёи шеър зад ва бо омӯзишу заҳмати пайваста ғаввоси моҳир шуд.

Дар баробари омилҳои дигар ба ташаккули маҳорати эҷодии Муҳаммад Ғоиб, ҳамчун шоир, дуои неки устодони сухан, ҳамкориву дастгирии ҳамқаламон мусоидат намуданд. Қиссаи раҳнамоиву фотеҳа додани маҳрум Ашӯр Сафарро роҷеъ ба маҳкамии поя ва мояи шеъри шоири ҷавон ҳамаи дӯстони Муҳаммад хуб медонанд [1, с.6].

Маҷмӯаи дуюмини Муҳаммад Ғоиб «Роҳи деҳа» номгузорӣ гардида, соли 1981 бо сарсухани Лоиқ Шералӣ рӯйи чоп меояд. Ин китоб Муҳаммад Ғоибро чун шоир бештар ба дӯстдорони каломи бадеъ шинос гардонид ва роҳ ба олами адабиёт ва дилҳои суханпарварон кушод.

Дар ин хусус Муҳаммад Ғоиб қайд менамояд, ки: «Эҷоди шеър барои калонсолон душвортар аст. Дар давоми нуҳ сол «Турнаҳо»-ро навишта бошам, китоби «Роҳи деҳа»-ро дар давоми як сол эҷод кардаам, ки шеърофарини бузург Лоиқ онро лоиқи дастгирӣ дониста, барои он сарсухан навиштаанд» [6, с.3].

Лоиқ Шералӣ, баъди мутолиаи аввалин шеърҳои Муҳаммад Ғоиб, бо бовару эътимод аз ӯ умедворӣ изҳор карда, ояндаи некашро пешгӯӣ намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки: «Баъд аз он ки маҷмӯаи нахустини Муҳаммад Ғоиб барои бачагон ба чоп тавсия шуд, рӯзе як даста шеърҳои тозаашро пеши ман овард. Ман азбаски пештар шеърҳои алоҳидаи ӯро хонда, аз назари худ маслиҳатҳо дода будам, хостам донам, ки то куҷо ба ӯ суд бахшидаанд. Аз мутолиаи шеърҳо дарёфтам, ки шоири ҷавон то андозае дил ба дарё задааст ва кӯшидааст дурри мақсуд ба даст орад.

Умуман, таассуроти ман аз машқҳои Муҳаммад Ғоиб умедбахш аст. Пай бурдам, ки ӯ азми дурусту сайъи комил дорад… шеърҳояш на танҳо бӯйи дашту саҳро, балки бӯйи умед ҳам доранд, маро дилпур мекунанд, ки ба азми ӯ бовар кунам ва дар олами печидаи шеър хоҳони сафари нек бошам» [7, с.41].

Ҳамин тариқ, Муҳаммад Ғоиб аз ин баҳои баланди устоди забардасти шеъри форсии тоҷикӣ рӯҳу илҳоми дигаре мегирад ва равшану возеҳ дармеёбад, ки:

Нест осон бурдани бори сухан,
Сода набвад ин ҳама кори сухан!

Собитқадамона вориди майдони эҷод гардида, тухми сухан мекораду ганҷ мебардорад. Китобҳояш пайи ҳам аз «Турнаҳо» (1980) ба «Роҳи деҳа» (1981), аз Тути дара» (1984) ба «Меҳргиёҳ» (1986) мерасанд. Эҷодиёташ ривоҷу равнақ гирифта маҷмӯаҳояш пайи ҳам «Хирмани моҳ» (1989), «Сад ғазал» (1989), «Хирмани гул» (1990), «Гостинец» («Савға»; 1990), «Лолаи чашм» (1993 дар Теҳрон, Душанбе чоп шудааст), «Шоҳи Ҳамадон», «Мири Кабир» (1994, 1995), «Ашки қалам» (1996), «Дидор» (1997), «Хоки Ватан» (1998), қиссаи «Фарёди ёдҳо» (1998), «Рӯзҳои боронӣ», «Парчами нанг» (1999) дар шакли назму наср рӯйи чоп меоянд.

Барои бачаҳо низ шеърҳои зиёде таълиф кардааст. Як маҷмӯаи шеърҳояш барои бачагон бо номи «Гостинец» («Савға»; 1990) бо забони русӣ нашр шудааст. Муҳаммад Ғоиб дар қисми зиёди ашъораш Ватан - Модарро ситоиш менамояд, манзараҳои дилфиреби кӯҳистони тоҷикро тасвир мекунад, ишқу муҳаббати поки ҷавониро месарояд. Инчунин, шукронаи зиндагии хуши одамон, воқеаҳои нанговари солҳои нооромӣ дар ҷомеа, дӯстию рафоқат, некию накукорӣ, деҳқон ва меҳнати ӯ ва ҳоказо аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб мебошанд. Аз сувароти хаёли наву тоза, тасвирҳои зебову назаррабо ва воситаҳои бадеии дилчасп истифода мебарад.

Аз рӯйи ҳаёт ва фаъолият шоирони доираи адабии Кӯлобро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) Шоирон ва нависандагоне, ки тамоми умр дар Кӯлоб ҳаёт ба сар бурдаву фаъолияти эҷодӣ намудаанд.

2) Шоирон ва нависандагоне, ки бо ивази ҷойи зист ва фаъолияти корӣ ба шаҳри Душанбе рафта, дар муҳити адабии пойтахт сайқали эҷод намудаанд.

Муҳаммад Ғоиб чун Шоҳмузафар Ёдгорӣ, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Салими Хатлонӣ, Сафар Амирхон, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Хайрандеш (Қурбонов Хайриддин), аз зумраи он адибони доираи адабии Кӯлоб аст, ки бо сабаби ивази ҷойи зист, вазифа ва ҷойи кор ба шаҳри Душанбе рафта, бо шоирони маъруфи кишвар дар муҳити аҳли адабу фарҳанги пойтахт фаъолият намудааст.

Аз ин рӯ, фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоибро мо метавонем ба ду давра ҷудо намоем: давраи аввал дар доираи адабии Кӯлоб, давраи дуюм дар муҳити аҳли адабу фарҳанги пойтахт.

Шоир дар ин давра дар вазифаҳои муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ (2000-2006), директори «Тоҷикфилм» (2006-2008), директори Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон (2008-2012) ва аз соли 2012 то ба синни нафақа (2016) дар вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» кору фаъолият намудааст.

Ибтидои асри XXI- ро давраи камолоти эҷодии Муҳаммад Ғоиб гӯем хато намекунем, чунки шоир дар ин давра ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расид. Муҳити аҳли илму адаб, фарҳанги пойтахт ба ӯ шароити мусоид фароҳам овард, ки маҷмӯаҳои ашъорашро пайи ҳам рӯйи чоп орад.

Ҳамин тариқ, маҷмӯаҳои ашъораш зери унвони «Суруди ишқ» (2001), «Гавҳари меҳр» (2001), «Роҳи каҳкашон» (2002), «Боми сипеҳр» (2002), «Гумгаштапайдо» (2002), «Каъбаи дил» (2003), «Сукути ашк» (2004), «Фархундапай» (манзума, 2004), «Ғами ширин» (2006), «Қиблаи умед» (2007), «Ватани Наврӯз» (2008), «Поси ошноӣ» (2008), «Имоми Аъзам» (2009), «Девон» (2009), «Мавҷи нур» (2010), «Чашмаи меҳр» (2011), «Ифтихор» (2011), «Сояи нур» (2014) аз чоп баромаданд.

Мавриди зикр аст, ки Муҳаммад Ғоиб аз ибтидои фаъолияти эҷодияш дар баробари шоирию рӯзноманигорӣ, нависанда, драматург, филмноманавис низ ҳаст.

Драмаҳои манзуму мансури машҳури «Шоҳи Ҳамадон», «Мири Кабир», «Имоми Аъзам», «Арвоҳзада», «Зиндамаргон», «Волидони беворис», филмномаҳои «Гумгаштапайдо», «Пуштаи хандақпеч», «Ҳасрати дидор», «Вафодор»… зода ва эҷоди ӯянд.

Асари драмавии манзуми ӯ «Шоҳи Ҳамадон», ки бахшида ба 680 – солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таълиф шуда буд, дар Театри мусиқию мазҳакавии ба номи Саидалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба саҳна гузошта шуд, ки аз ҷониби муҳаққиқон сазовори баҳои баланд гардид. Бори дувум ин драмаро ҳунарпешаҳои Театри ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов ба саҳна гузоштанд ва он дар озмуни бонуфузе дар Ҷумҳурии Исломии Эрон соҳиби ҷоиза гардид. Драмаҳои «Волидони беворис» ва «Зиндамаргон»-ро, ки ба мавзӯи нашъамандӣ ва оқибати фоҷибори он бахшида шудаанд, дар Театри мусиқии ба номи Ато Муҳамадҷонови шаҳри Қурғонтеппа ба саҳна гузоштанд.

Очерку ҳикояву ҳаҷвияҳо, эссеву хотираҳо ва тақризу мақолаҳои ӯ, ки дар авроқи китобу маҷмӯаҳои гуногунаш интишор ёфтаанд, шаҳодат аз табъи саршору хомаи пуриқтидораш дар ин ҷода гувоҳӣ медиҳанд.

Муҳаммад Ғоиб дар тӯли фаъолияти эҷодиаш намунаи зиёде аз ашъори суханварони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Расул Ғамзатов, Николай Старшинов, Нина Артёмова, Муҳаммадзоҳид Аминов, Барот Бойқобилов, Фазу Алиева, Қодир Мирзоалиевро устодона ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки аз ҷониби аҳли адаб ва дӯстдорони каломи бадеъ истиқболи гармеро сазовор гардид.

Муҳаммад Ғоиб шоири навҷӯст. Дар баробари ин, ашъори ӯ низ ба забонҳои собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ тарҷума шудаанд.

Муҳаммад Ғоиб аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 бо ордени «Шараф» сарфароз гардонида шудааст. Аз соли 1982 узви Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон мебошад ва соли 2001 бо унвони Шоири халқии Тоҷикистон ноил мегардад.

Маҷмӯаи «Каъбаи дил»-и Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб лабрези ғояҳои ватандӯстию худшиносӣ ва сабақ бардоштан аз ҳодиса ва фоҷеаҳои таърихии миллат буда, он соли 2008 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Лауреати мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сазовор дониста шуд.

5-уми июни соли 2014 дар «Кохи Ҷомӣ»-и пойтахт бо ҳузури доираи васеи аҳли илму адаб ва фарҳанги кишвар ва дӯстдорону шефтагони каломи бадеъ маҳфили адабӣ ба муносибати 60-умин солгарди Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Муҳаммад Ғоиб доир гардид. Онро раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ ифтитоҳ бахшида, дар фазои тантанавӣ ба Муҳаммад Ғоиб нишони сарсинагии «Сухан»-и иттиҳоди эҷодкорони мамлакатро супорид.

Хулоса, тадқиқи зиндагинома ва мероси адабии Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб аз масъалаҳои наомӯхтаи адабиёти муосир буда, ҳаматарафа омӯхтану дастраси омма гардондани он аз вазифаҳои таъхирнопазири илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманон А. Бошад зи ҳунар мартабаву ҳурмати одам. (шодбошӣ бо 60-умин солгарди мавлуди шоир Муҳаммад Ғоиб) / А.Абдуманон // Адабиёт ва санъат. - №11(1722). - Душанбе, 13.03.2014. – 16 с.
2. Ғоиб, Муҳаммад Меҳргиёҳ / Муҳаммад Ғоиб. - Душанбе: Ирфон, 1986.
3. Ғоиб, Муҳаммад. Сад ғазал / Муҳаммад Ғоиб. – Кӯлоб, 1991. – 103 с.
4. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967.
5. Раҳмонфар Асрори. Ватан мегӯяд аз рӯзе, ки ӯ фаҳми сухан дорад (ё чеҳраи адабии мухтасари Муҳаммад Ғоиб, як суханвари мумтози кишвар) / Асрорӣ, Раҳмонфар // Садои мардум, №44 (3190). - Душанбе, 01.05.2014. – 4 с.
6. С. Саидов. Шеъри шоири асил ва рисолати он / Саидов С. – Душанбе, 2013.
7. Шералӣ, Лоиқ. Мухтасар дар бораи шоири навқалам Муҳаммад Ғоиб / Лоиқ Шералӣ // Садои Шарқ, №9. - Душанбе, 1979. – 158 с.
8. Шафиев Ф. Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб (нимаи дуюми асри ХХ) / Ф. Шафиев. - Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 162 с.
9. Шукуров М. Масъалаҳои адабиёти тоҷик (Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он) / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1970.
10. Шукуров М. Барои лирикаи баланди пурэҳсос / М.Шукуров // Шарқи Сурх. - №11. - 1957.

ЗИНДАГИНОМАИ МУҲАММАД ҒОИБ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи зиндагинома ва мероси адабии Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Муҳаммад Ғоиб меравад. Шоир беш аз ним аср аст, ки дар арсаи шеъру шоирӣ хомаронӣ дораду дар ин ҷода ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расидааст. То ин дам зиёда аз 40 маҷмӯаи назмию насрӣ ва драмавияш ба табъ расидааст. Муҳаммад Ғоиб дар тӯли фаъолияти эҷодияш намунаи зиёде аз ашъори суханварони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Расул Ғамзатов, Николай Старшинов, Нина Артёмова, Муҳаммадзоҳид Аминов, Барот Бойқобилов, Фазу Алиева, Қодир

Мирзоалиевро моҳирона ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки аз ҷониби аҳли адаб ва дӯстдорони каломи бадеъ истиқболи гармеро сазовор гардид.

Калидвожаҳо: ҳаёт, фаъолият, меҳнат, шеър, вазифа, ашъор, шоир, маҳфил, назм, наср, драматургия, эҷод.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО МУХАММАДА ГОИБА

В данной статье речь идет о жизни и творчестве народного поэта Таджикистана, лауреата государственной премии имени А. Рудаки Мухаммада Гоиба. Более полувека поэт трудится на литературном поприще и достиг на этой ниве больших успехов. В настоящие время до почитателей его творчества дошли более 40 сборников прозы, поэзии и драмматических произведений. Мухаммад Гоиб в течение своей творческой деятельности талантливо перевёл на таджикский язык много образцов стихотворений поэтов бывшего Советского Союза Расула Гамзатова, Николая Старшинова, Нины Артемьевой, Мухаммада Аминова, Барота Байлабилова, Фазу Алиевой, Кадыра Миралиева, которые были горечо приняты почитателями и любителями литературы.

Ключевые слова: жизнь, творчество, труд, стихотворение, должность, сборник, поэт, кружок, поэзия, проза, драматургия, творить, создавать.

HISTORY ABOUT MUHAMMAD GHOIB

This article is about the life and work of the national poet of Tajikistan, laureate of the state prize named after A. Rudaki Muhammad Goib. For more than half a century, the poet has worked in the literary field and has achieved great success in this field. At present, more than 40 collections of poetry prose and dramatic works have reached admirers of his work. Muhammad Goib talentedly translated many Tajik poems of the poets of the former Soviet Union, Rasul Gamzatov, Nikolai Starshinov, Ninoe Artemyeva, Muhammad Aminov, Barot Baylabilov, Fazu Aliyeva, Kadyr Miraliev, who were bitterly admired and admired by literature readers, into Tajik.

Key words: life, creativity, labor, poem, position, collection, poet, circle, poetry, prose, dramaturgy, create, create

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зуфнунби Сайдаҳтам*** **–** Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй, омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. Тел.: **(+992) 985-91-50-91**

Сведения об авторе: ***Зуфнунби Сайдахтам*** **–** Институт языка и литературы им. А.Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин Технологического колледжа города Душанбе. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе пр.Рудаки, 21. Тел.: **(+992) 985-91-50-91**

Information about the author: ***Zufnunbi Saydakhtam*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, teacher of the Technological College of Dushanbe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel.: **(+992) 985-91-50-91**

УДК:891.55:891.550

ШУҲРАТИ АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР ҒАРБ
(дар асоси маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А.Ҷомӣ)

Шозиёева Г.П., Исоқов М.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) аз зумраи ситорагони дурахшандатарини адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ӯ бо осори ноби худ на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ маҳбубияти хосро пайдо намудааст. Маҳбубият пайдо кардани мутафаккир ва нобиғаи бузурги Шарқ Абдурраҳмони Ҷомӣ дар Ғарб, пеш аз ҳама, тавассути тарҷумаи осори ӯ ба даст омадааст.

Қайд кардан лозим аст, ки пас аз тарҷума кардани осори А.Ҷомӣ, ба вижа «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ӯ ба забони фаронсавӣ гиреҳҳои зиёди ин асари гаронарзиши Шарқ кушода шудаанд. Ин асар аз ҷониби тарҷумонҳои зиёди фаронсавӣ тарҷума ва нашр шудааст [7, с.86].

Дар натиҷа, мутарҷимон, олимон ва шарқшиносон тавонистанд паҳлуҳои зиёди осори ин мутафаккири бузурги Машриқзаминро мавриди пажӯҳиши худ қарор диҳанд.

Ба қатори мутарҷимон, муҳаққиқон ва ховаршиносони фаронсавӣ, ки осори А.Ҷомиро омӯхтаанд, А. Чезӣ, д`Эрболо, А. Массе ва дигар дӯстдорони адабиёти Шарқ дохил мешаванд.

Нахустин маротиба дар Фаронса осори А. Ҷомӣ ба забони лотинӣ нашр ва тарҷума шудааст. Пас аз он ховаршиносони фаронсавӣ кӯшиш намудаанд, ки осори мутаффакири Машриқро маҳз ба забони фаронсавӣ тарҷума намоянд. Чопи нахустин тарҷумаҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» (соли 1805) аз ҷониби А. Чезӣ, «Нафаҳот-ул-унс» (соли 1821) ва «Баҳористон» (соли 1825) аз ҷониби Силвестр де Сесӣ, «Саломон ва Абсол» (соли 1850) аз ҷониби Гаржин де Тессен ва дигар ашъори А. Ҷомӣ дар шаклҳои гуногуни ҷудогона сурат гирифтааст.

Ховаршиноси рус А.Л. Хромов дар мақолаи худ таҳти унвони «Нахустин тарҷумаҳои осори Ҷомӣ бо забони олмонӣ» («Первые немецкие переводы произведений Джами») баҳсҳои зиёди илмиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳарчанд ӯ осори А. Ҷомиро дар

тарҷумаи олмонӣ таҳлилу пажӯҳиш намудааст, роҷеъ ба таҳқиқи осори Ҷомӣ низ нуктаҳои ҷолибро қайд кардааст: «Ашъори А. Ҷомӣ соли 1918 аз тарафи фон-Хаммер ба забони олмонӣ чоп шуда, даҳсолаҳо ҳамчун як дастоварди муҳимтарини адабиёти форсии тоҷикӣ барои тамоми шарқшиносони Ғарб, инчунин Руссия хизмат намудааст. Олимони зиёд то ҳол аз ин тарҷумаҳо иқтибос мекунанд. Олими немис фон-Хаммер ин осори мазкурро ба асосгузори шарқшиноси Фаронса Силвестр де Сесӣ ва мактаби адабии ӯ бахшидааст» [4, с.96].

Пас маълум мешавад, ки олими олмонӣ фон-Хаммер шарқшиноси фаронсавӣ Силвестр де Сесиро ҳамчун устоди худ ҳисобида, аз корҳои анҷомёфтаи ӯ роҷеъ ба А.Ҷомӣ огоҳӣ доштааст.

Дарвоқеъ, шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Силвестр де Сесӣ нахустин маротиба ҳанӯз соли 1808 «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А.Ҷомиро ба забони фаронсавӣ тарҷума намудааст.

Ҳарчанд шарқшиноси рус А.Л. Хромов Силвестр де Сесиро асосгузори шарқшиносӣ ва ҷомишиноси нахустини Фаронса номидааст, аммо пеш аз ӯ (як сол пеш) соли 1807 шарқшиноси дигари фаронсавӣ Антуан Леонард Шезӣ (Antoin Leonard Chezy 1773-1832) «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А.Ҷомиро ба забони фаронсавӣ тарҷума ва нашр намудааст.

А.Л. Шезӣ натанҳо «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро тарҷума намудааст, балки дар пайравии он асари худро таҳти унвони «Уйяна ва Райа» офаридааст [8, с.126].

«Уйяна ва Райа» дар муқоиса бо «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А.Ҷомӣ мавзӯъ ва муҳтавои ҳамрангро дорад, яъне он хислатҳое, ки дар қаҳрамонҳои А.Ҷомӣ мавҷуданд, дар осори мазкури А.Л. Шезӣ ба назар мерасад.

Дар Тоҷикистон аз даврaи Иттиҳоди Шӯравӣ сар карда, олимони русу тоҷик осори А. Ҷомиро омӯхта, корҳои зиёди илмӣ ва оммавиро анҷом додаанд ва онҳо дар айни ҳол заминаи асоситарини илми шарқшиносӣ маҳсуб меёбанд. Ба ин қабил муҳаққиқон ва ховаршиносон Е.Э. Бертелс, А. Бартолд, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳодизода, М. Шакурӣ, Х. Шариф, А. Афсаҳзод ва дигарон дохил мешаванд.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Х. Шариф дар мақолаи худ зери унвони «Сарчашмаҳои ахлоқии «Баҳористон» арзиши насиҳатҳои арзишманди Мавлоно Ҷомиро баланд бардошта, чунин ба қалам додааст: «Алҳол то ҷое муқоисаи китобҳои фалсафии ахлоқӣ бо осори бадеии дидактикӣ имкони натиҷагирӣ медиҳад, ҳаминро бояд гуфт, ки дар таълимоти ҳикамии ахлоқӣ таъсири дониши Юнон бештар аст» [5, с.100]. Мақсади муҳаққиқ аз он иборат аст, ки ӯ ахлоқи ниёгонамон, бахусус осори Абдурраҳмони Ҷомиро арзиши қадимтарини ҷаҳон номидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд олимон ва муҳаққиқони русу тоҷик роҷеъ ба тарҷума ва таҳқиқи осори А. Ҷомӣ дар мамолики Ғарб, бахусус дар Фаронса таҳқиқоти алоҳида надошта бошанд ҳам, нуктаҳои кӯтоҳро зикр намудаанд.

Доир ба омӯхтани осори А. Ҷомӣ дар Фаронса то ҳол фақат ду мақола, ки яке ҷиҳати адабиётшиносӣ ва дигаре фалсавиро дорост, дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расидааст. Мақолаи нахуст ба қалами шодравон профессор Шокир Мухтор соли 1989 таҳти унвони «Осори Ҷомӣ дар Фаронса» ва дигаре ба қалами файласуфи тоҷик Султонов С. зери унвони «Шуҳрати фалсафаи Ҷомӣ дар Фаронса» мебошад. Муҳаққиқ, адабиётшинос ва шарқшиноси маъруфи тоҷик Шокир Мухтор дар мақолаи худ ҷойгоҳи А. Ҷомӣ ва осори ӯро дар Фаронса арзёбӣ намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки Ш. Мухтор ҳамчун як донандаи хуби забони фаронсавӣ тавонистааст, тарҷумаҳои фаронсавии осори А. Ҷомӣ ва таҳқиқоти анҷомёфтаи муҳаққиқони фаронсавиро таҳлилу баррасӣ намояд.

Дақиқназарии муҳаққиқи тоҷик Ш. Мухтор дар он зоҳир мегардад, ки ӯ пеш аз он ки осори А. Ҷомиро таҳлил намояд, дастхатҳои осори ин нобиғаи Шарқро дар Фаронса муайян месозад: «Дастхатҳои осори Ҷомӣ дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз буда, асарҳои безаволаш ба забонҳои мухталифи олам тарҷумаю нашр гардидаанд. Бино ба маълумоти мусташриқи фаронсавӣ Эдгард Блоше машҳуртарин хазинаи китоби Фаронса – китобхонаи Париж қариби шаст дастхати осори Ҷомиро дорост ва онҳоро котибони мухталиф дар замонҳои гуногун китобат кардаанд. Яке аз он дастҳатҳо ки аз шашсаду бист саҳифа иборат буда солҳои 1491-1492 китобат шудааст, сӣ номгӯй осори мансуру манзуми шоирро дар бар мегирад. Бино ба қавли Блоше дар китобхонаи миллии Париж ҳамаи асарҳои Ҷомӣ маҳфузанд ва адибони ин кишвар хеле барвақт ба тарғиби осори шоири тоҷик шурӯъ кардаанд» [2, с.113].

Бояд қайд кард, ки машҳур гаштани осори шоирон ва маҳфуз доштани онҳо дар китобхонаҳои ҷаҳон аз мазмуну муҳтавои баланди ашъор ва бузургии шоир далолат мекунад. Барои шуҳрат пайдо кардани асар, пеш аз ҳама, заҳматҳои мутарҷим лозим меояд.

Дар таҳқиқоти Шокир Мухтор кӯшишҳои мутарҷимон ва муҳаққиқони осори Ҷомӣ баръало нишон дода шудааст. Масалан, Эдгард Бловироше, А.Шезӣ, Силвестр де Сесӣ, А.

Массе, Гаржин де Тассен ва дигарон дар тарҷума ва таҳқиқи осори Ҷомӣ ҳизмати бузурге кардаанд.

Ҳатто профессор Ш. Мухтор аз тарҷумаҳои нахустини мутарҷими фаронсавии асри XVII Антуан Галлан соли 1697 ҳикояҳо аз «Баҳористон»-и Ҷомӣ мисолҳо оварда дурустии тарҷумаи онҳоро санҷидааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки Ш.Мухтор пеш аз оне, ки мақолаи мазкурро ба забони тоҷикӣ чоп намояд, онро чанд сол қабл таҳти унвони «Джами во Франции» ба забони русӣ дар маҷаллаи «Помир» [1, с.1982] чоп намудааст. Агар ба мазмуну муҳтавои мақола таваҷҷуҳ кунем, ягон фарқияти куллӣ ба назар намерасад. Метавон гуфт, ки мақолаи мазкур яке ба забони русӣ ва дигаре баъдтар ба забони тоҷикӣ таҳия ва чоп шудааст.

Мақолаи дигаре, ки дар боло қайд кардем, ҷанбаи фалсафӣ дорад. Файласуфи тоҷик С. Султонов А. Ҷомиро мутафаккир ва олими тавонои асримиёнагии форсии тоҷикӣ медонад, ки дар мамолики Ғарб шуҳрат дорад» [3, с.160].

Ба қавли файласуф дар асри XVII дар кишварҳои Ғарб ҷараёни маорифпарварӣ қувват гирифта, тағйироти куллиро ба миён овард. Дар ин давраи ҳассоси сиёсӣ-иҷтимоӣ олимони Ғарб на танҳо ба тарҷумаи осори Шарқ балки «ба тарҷумаи осори манзуму мансур ва фалсафию ирфонӣ, илмию бадеӣ ба забонҳои тозабунёди худ оғоз карданд» [3, с.160].

Файласуфи тоҷик Султонов С. мақолаи худро дар заминаи мақолаи шарқшинос, профессор Ш. Мухтор навишта, ба ҷанбаи фалсафӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ҳар нуқтае, ки аз таҳқиқи Ш. Мухтор меорад, онро асоси фалсафӣ номида, арзиши осори Ҷомиро дар он давра барои ҷомеаи фаронсавиҳо таъкид кардааст.

Осори А. Ҷомӣ мақбули фаронсавиҳо гардид, ки баъзе достонҳоро театри машҳури Париж намоиш додааст. То ҳол аз рӯйи асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ намоишномаҳои мухталиф дар тамоми театрҳои Фаронса нишон дода мешавад. Ба таҳқиқ ва омӯзиши ашъори А. Ҷомӣ дар ҳар давр таваҷҷуҳи олимон ва ховаршиносони ҷаҳон, алалхусус фаронсавиён кам нашудааст, баръакс аз рӯйи он осори худро офаридаанд. Ба қатори онҳо шоири бузурги фаронсавӣ Луи Арагон (1897-1972) дохил мешавад, ки мавсуф нисфи умри худро ба омӯзиши осори ноби А. Ҷомӣ бахшидааст.

Инчунин, таъсир пазируфтани шоири фаронсавӣ Луи Арагон аз осори ниёгони мо, ба вижа аз асарҳои А. Ҷомӣ дар шеърҳои худи ӯ аён мегардад.

Луи Арагон аз мутолиа ва баррасии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ сар то по баҳра гирифтааст. Ӯ ба илҳом гирифтан аз «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А. Ҷомӣ асари худ «Девонаи Элза» (Le Fou d`Elza)- ро офаридааст. Инчунин, дар байни завқмандон ва аҳли адаб асари мазкурро «Маҷнуни асри бистум» низ меноманд [9, с.56].

Достони ишқи нокоми асари «Лайлӣ ва Маҷнун» ҳосили завқи шоири бузурги форсии тоҷикӣ Низомии Ганҷавӣ аст, ки ин ҳикоят илҳомбахши бисёре аз шоирон ба мисли Амир Хусрави Деҳлавӣ, А.Ҷомӣ ва ғайра будааст. Луи Арагон барои баёни эҳсосот, ақоиди ошиқона ва орифона аз осори А. Ҷомӣ баҳра гирифтааст ва ҳунару истеъдоди шоирии хешро дар ин ҷода озмудааст. Амир Хусрави Деҳлавӣ маснавии худро «Маҷнун ва Лайлӣ» номидааст ва Саъдӣ ҳудуди чиҳил маротиба номи Лайлӣ ва Маҷнунро дар ашъори худ зикр мекунад ва дар боби панҷуми «Гулистон» аз ин ишқ ҳикоятҳои зебоеро баён мекунад.

Достони “Лайлӣ ва Маҷнун” гӯёи ишқи шарқӣ ба вижаи баёнгари эҳсосоти ошиқонаи мардуми Шарқ аст ва шахсияти ҳақиқӣ ва хаёлии Лайлӣ низ ба унвони шахсиятҳои афсонаҳои занони Шарқ ба шумор меравад.

Китоби «Девонаи Элза», ки аз «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ таъсир гирифтааст, қудрат ва нуфузи Ҷомиро дар шоири серуалистӣ чун «Арагон» нишон медиҳад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ бо «Лайлӣ ва Маҷнун»-и худ достонеро офарид, ки панҷсад сол баъд шоире ошиқ чун Арагон онро манбаи илҳоми худ қарор медиҳад ва бо истифода аз ин ишқи шарқи табъу ҳунари худро меозмояд.

Л. Арагон худро Маҷнун ва ҳамсараш «Элза»-ро Лайлӣ мепиндорад ва китоби ошиқона ба номи «Девонаи Элза» -ро менигорад, ки ба ин мисраи Ҷомӣ оғоз мешавад: «Ишқварзӣ мекунам ба номи ӯ». А. Ҷомӣ ин мисраъро дар шеъраш чунин меоварад:

Дида Маҷнунро яке саҳронавард,
Дар миёни бодия биншаста фард.
Сохта бар рег зи ангуштон қалам,
Мезанад ҳарфе ба дасти худ рақам.
Гуфт: эй мафтуни шайдо чист ин?
Менависӣ нома сӯйи кист ин?
Ҳар чӣ хоҳӣ дар саводи ранҷ бурд,
Теғи сар-сар хоҳадаш ҳоло самард.

Л. Арагон дар мутолиа ва таҳқиқ дар ашъори форсӣ навъи ишқу шӯридагӣ кашф мекунад, ки онро ба ишқи сӯфиён бисёр наздик мебинад.

Л. Арагон шеъри маъруфи худ бо номи «Чашмони Элза» (Les oeux d`Elza, 1942)- ро барои маъшуқааш месарояд, ки аз тарафе дар васфи ҳамсараш «Елза» ва аз сӯйи дигар ёдовари ватани маҳбубаш Фаронса аст ва чунин эҳсосоти ошиқона ва маҳинпарастонаро дар қолаби ашъори сурёлистӣ пайванд мекунад:

Меҳвари ашъори ошиқонаи Арагон ному вуҷуди «Элза» ва кишвараш Фаронса аст. Ӯ ҳамеша дар ашъораш онҳоро ситоиш кардааст. Чунин оғоз мешавад:

Tes yeux sont si profonds qu'en me penchant pour boire
J'ai vu tous les soleils y venir se mirer S'y jeter à mourir tous les désespérés
Tes yeux sont si profonds que j'y perds la mémoire
À l'ombre des oiseaux c'est l'océan trouble
Puis le beau temps soudain se lève et tes yeux changent
L'été taille la nue au tablier des anges
Le ciel n'est jamais bleu comme il l'est sur les blés
Les vents chassent en vain les chagrins de l'azur
Tes yeux plus clairs que lui lorsqu'une larme y luit
Tes yeux rendent jaloux le ciel d'après la pluie

Тарҷумааш чунин аст:

Чашмонат чунон жарф ҳастанд, ки чун барои нӯшидан ба сӯяш хам шудам ҳама хуршедҳоро дар он ҷилвагар дидам. Ва ҳама ноумедон ба қасди марг худро дар он партоб мекунанд.

Чашмонат чунон жарф ҳастанд, ки ман дар он ҳофизаи худро мебозам. Чашмонат чунон шуълавар ҳастанд, ки ҳар бор барои гарм шудан ба сӯяш наздик шудам ангуштонамро ба ин оташи мамнуъ сӯзондаам.

Чашмонат ба ҳангоме ки ашке дар он медурахшанд аз уфуқ равшантар аст.

Чашмонат осмони пур аз боронро ба рашк меандозад. Чашмонат чун регбори гулҳои ваҳширо мешукуфонад.

Асари “Le Fou d'Elsa” уҳдадориҳои зеҳнии Луис Арагонро дар бобати мувофиқат ба фарҳанг ва таърихи ҷаҳони араб, мусулмон ва дарки робитаи ӯ бо ҷаҳони масеҳӣ ва ҷаҳони муосирро инъикос мекунад. Шеърҳои Луис Арагон дар Ле Фу д'Элса дар достони биографӣ ва таҳлили иҷтимоиву таърихӣ аст. Ле Фу д'Элса низ як андозаи театрӣ аст.

Луи Арагон ва Элза Триолет шоми 6 ноябри соли 1928 дар қаҳвахонаи La Coupole дар Париж, дар Монпарнасси сюрреалистҳо мулоқот карданд ва сарнавишти онҳо зиёда аз 40 сол боз бо ҳам пайвандаст.

Элза Каган (Elsa Triolet), нависандаи фаронсавӣ ва муборизи муқовимати қавми рус 11 сентябри соли 1896 дар Маскав таваллуд шудааст ва 16 июни соли 1970 дар Сент-Арнулт-ан-Ивелин вафот кардааст.

Номи аслии ӯ Элза Каган (пас Триолет аз шавҳари аввалаш, ки тамоми умр онро нигоҳ медорад), духтари Елена Юлевна Берман (мусиқачӣ) ва адвокати яҳудӣ Юрий Александрович Каган мебошад. Хоҳари ӯ Лили аст ва ӯ ба инқилоби Руссия дар соли 1905 ҳамроҳ шуд ва маҳз тавассути Элса ва Арагон робитаҳои дустӣ доштанд. Вай дӯсти кӯдакии забоншинос Роман Якобсон аст, хеле барвақт забони фаронсавиро меомӯзад ва дар соли 1913 бо шоири футурист Владимир Маяковский дӯст мешавад, ки баъдтар ҳамсари хоҳараш Лили Брик хоҳад шуд. Соли 1918 вай Русияро тарк кард ва дар соли 1919 бо Андре Триолет, афсари фаронсавӣ, дар Париж издивоҷ кард.

Э. Триолет 16 июни соли 1970 аз бемории қалб дар Мулин де Виленёв вафот кард. Он дар боғи шашгектараи атрофи ин осори қадимӣ дар баробари Арагон ҷойгир аст. Дар қабрҳои онҳо мо ин навиштаҷоти Элса Триолетро мехонем: "Вақте ки мо паҳлу ба паҳлу хобидаем, иттифоқи китобҳои мо моро дар оянда беҳтар ва хуштар хоҳад кард, ки орзуи мо ва нигаронии мост, ба шумо ва ба ман”.

Ҳамин тавр зикр кардан лозим аст, ки шуҳрати Абдурраҳмони Ҷомӣ дар Ғарб, бавижа дар Фаронса басо ҳам калон аст. Маҳз нахустин таҳқиқи осори Абдурраҳмони Ҷомӣ сабаб шуд, ки айни ҳол дар Фаронса ва умуман дар тамоми мамолики Ғарб ҷомишиносӣ ҷойгоҳи бузургро касб намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мухтор Ш. Джами во Франции / Ш. Мухтор // Памир, 1982. - № 12. - С.81-84.
2. Мухтор Ш. Осори Ҷомӣ дар Фаронса / Ш. Мухтор // Салои Шарқ, 1989. - № 12. - С.111-117.
3. Султонов С. Шуҳрати фалсафаи Ҷомӣ дар Фаронса / С. Султонов // Маҷмӯи мақолаҳо (Конференсия бахшида ба муносибати 600-солагии А.Ҷомӣ). – 2014. - С.160-169.
4. Хромов А.Л. Первые немецкие переводы произведений Джами / А.Л. Хромов // Памир, 1982. - №12. – С.77-80.
5. Шарифов Х. Сарчашмаҳои ахлоқии «Баҳористон» / Х.Шарифов // Салои Шарқ, 1989. - № 11. - С.100-105.
6. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Маориф, 2014. – 207 с.

7. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Лайлӣ ва Маҷнун / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 244 с.
8. Chezy A.L. Djami, Medjnoun et Leila,Poème traduit du perçon par / A.L. Chezy. – Paris, 1807. - P. 176-216.
9. Louis Aragon. Le Fou d'Elsa / Aragon Louis. - Paris, 1963. – 56 p.

ШУҲРАТИ АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР ҒАРБ
(дар асоси маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и А. Ҷомӣ)

Дар мақолаи мазкур муаллифон робитаи адабии форсии тоҷикии классикӣ ва адабиёти ҷаҳон, бахусус Ғарбро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд. Омӯзиши осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар мамолики Ғарб шуҳрати бениҳоят калон дорад. Аз ҷумла, асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ҷониби мутарҷимони маъруф ба забонҳои англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, итолиёвӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. Дар қатори чунин мутарҷимони намоёни ҷаҳонии Ғарб нахустин маротиба фаронсавиҳо осори Абдурраҳмони Ҷомиро ба забони фаронсавӣ тарҷума намуданд. Дар натиҷаи тарҷумаи дуруст ба забони фаронсавӣ муҳаққиқон тавонистанд онро таҳқиқу пажӯҳиш намоянд. Инчунин, қобили зикр аст, ки шоирони фаронсавӣ низ дар пайравии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ асарҳои худро офаридаанд. Дар радифи мутарҷимон, муҳаққиқон ва шоирону нависандагоне, ки осори Абдурраҳмони Ҷомиро тарҷумаву таҳқиқ ва осори худро дар пайравӣ ба ӯ таълиф намудаанд А.Л. Чезӣ, д`Эрболо, А Массе, Луи Арагон, Силвестр де Сесӣ ва дигарон дохил мешаванд.

Калидвожаҳо: муҳаққиқ, тарҷума, Абдурраҳмони Ҷомӣ, равобити адабӣ, маъруф, ҷомишиносӣ, Шарқ, Ғарб, адабиёт, мутарҷимон.

ИЗВЕСТНОСТЬ ТАДЖИКСКО - ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ НА ЗАПАДЕ
(на базе «Лейли и Меджнун» А. Джами)

В данной статье авторы изучают литературную связь между классической персидско-таджикской и мировой литературой, в частности, западной литературой. Произведения Абдурахмани Джами очень известны в западных странах. В частности, работы Абдурахмани Джами на английском, немецком, французском, итальянском и др. языках. Кроме того, были выполнены переводы творчества Абдурахмана Джами известными переводчиками. Наряду с выдающимися западными переводчиками, французы впервые перевели произведения Абдурахмана Джами на французский язык. В результате правильного перевода на французский язык, исследователи смогли изучить его творчество. Стоит также упомянуть, что французские поэты также создавали свои произведения по следам знаменитого Абдурахмони Джами. Переводчики, исследователи и поэты, которые написали и перевели свои произведения и сочинения Абдурахмани Джами – это А.Л. Чехи, д'Эрболо, А. Масс, Луи Арагон, Сильвестр де Сьюзи и многие другие.

Ключевые слова: исследователь, переводчик, Абдуррахман Джами, литературные связи, известный, джамиведение, Восток, Запад, литература, переводчики.

TAJIK-PERSIAN LITERATURE POPULARITY IN THE WEST
(based on “Leyli and Majnun” by A. Jami)

In this article, the authors study the literary connection between classical Persian-Tajik and world literature, in particular, with Western literature. The study of the works of Abdurahmani Jami is very famous in Western countries. In particular, the works of Abdurahmani Jami in English, German, French, Italian and other languages. In addition, translations of Abdurahman Jami's work by renowned translators were performed. Along with such prominent Western translators, the French for the first time translated the works of Abdurahman Jami into French. As a result of the correct translation into French, the researchers were able to study his work. It is also worth mentioning that French poets also created their works in the wake of the famous Abdurrahmoni Jami. Along with translators, scholars and poets who wrote and translated their works and compositions by Abdurahmani Jami. A.L. Czechs, d'Erbolo, A. Mass, Louis Aragon, Sylvester de Susie and many others. Key words: researcher, translator, Abdurrahmani Jami, literary connections, famous, jamie studies, East, West, literature, translators.

Key words: researcher, translator, Abdurrahmani Jami, literary connections, famous, jamie, East, West, literature, translators.

National Academy of Sciences of Tajikistan,
Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шозиёева Гулмо Парвонашоевна*** – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои филологӣ, котиби илмӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 33. E-mail: **dr.shoziyoevag@gmail.com.** Тел.: **(+992) 935-47-78-93**
Исоқов Маҳмадлатиф – Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, ходими илмӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 33. E-mail: **isoqovm@gmail.com.** Тел.: **(+992) 989-17-39-99**

Сведения об авторах: ***Шозиёева Гулмо Парвонашоевна*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, кандидат филологических наук, ученый секретарь. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. E-mail: **dr.shoziyoevag@gmail.com.** Тел.: **(+992) 935-47-78-93**
Исоков Махмадлатиф – Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. E-mail: **isoqovm@gmail.com.** Тел.: **(+992) 989-17-39-99**

Information about the author: ***Shoziyoeva Gulmo Parvonashoevna*** – Institute of studying the issues of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Philology Sciences, Academic Secretary. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **dr.shoziyoevag@gmail.com.** Tel.: **(+992) 935-47-78-93**
Isoqov Mahmadlatif – Institute of studying the issues of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **isoqovm@gmail.com.** Tel.: **(+992) 989-17-39-99**

УДК:891.1

НАЗАРЕ БА ЭҶОДИЁТИ ИЛМИВУ АДАБИИ РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ ВА МУХТАССОТИ ОН

Анварова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Аз Рашидуддини Ватвот мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки ин осор боиси шуҳрати афзуни вай чи дар замони худи ӯ ва чи дар таърихи адабиёти форсу тоҷик гардидаанд. Қабл аз тавзеҳи мухтасари нигоштаҳои ӯ метавон нуктаеро таъкид кард, ки Рашидуддини Ватвот аз зумраи адибони зуллисонайн аст, ки таълифоти хешро ба ду забон - форсӣ ва арабӣ ба қалам овардааст. Аз ин рӯ, аз нависандагон ва шоирони муътабари арабизабон ҳам маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули ин адабиёт дар аҳди худ нақши муассир гузоштааст. Ба таври умумӣ, осори Рашидуддини Ватвотро суханварон ба таври зайл баршумурдаанд:

«Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ул-ашъор». Ба навиштаи устод Сайид Нафисӣ ин китоб нахустин маҷмӯаест, ки дар он намунаҳое аз номаҳо ва ашъори Рашидуддини Ватвот гирдоварӣ шуда ва худи ӯ навишта: «Фароҳамоварандаи ин маҷмӯа Муҳаммад ал – Маарӣ ар- Рашид машҳур ба Ватвот ва онро ба чаҳор қисмат карда. Дар қисмати аввал нуҳ рисолаи тозӣ ва дар қисмати дувум нуҳ қасидаи тозӣ ва дар қисмати савум нуҳ рисолаи форсӣ ва дар қисмати чорум нуҳ қасидаи форсӣ овардааст». Ду нусха аз ин китоб, яке дар китобхонаи Истамбул ба шумораи 424 ва дигаре дар китобхонаи Нур Усмония дар Истамбул бо шумораи 3412/4 маҳфуз аст.

«**Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир»**. Зоҳиран ин китоб маҷмӯан дувум аз номаҳо ва ашъори Рашидуддини Ватвот ба шумор меравад. Чун дар муқаддимаи ин асар низ худи муаллиф ба тартибе, ки дар маҷмӯаи аввал зикр намудааст, чунин оварда: «Тартиби китоб бар ду қисмат дода омада бад-ин тартиб. Қисми аввал бисту панҷ номаи тозӣ дар маъонии мухталифа ва руқъае чанд… қисми дувум бисту панҷ номаи форсӣ ва руқъае чанд ва номи китоб ««Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир». Ба навиштаи устод Сайид Нафисӣ аз ин китоб низ се нусхаи хаттӣ: яке дар китобхонаи Оясӯфия дар Истамбул ба шумораи 4015/1, дигаре низ дар ҳамин китобхона ба шумораи 4138 ва савуми дар китобхонаи Нури Усмония дар Истамбул ба шумораи 4312 маҳфузанд.

Албатта, маҷмӯан ба изофаи ду девон аз Ватвот 22 асар ёд мешавад, ки дар масоили мухталифе аз фунуну балоғат, фиқҳу масоили диниву фалсафӣ, амсолу ҳикам ба қалам омадаанд ва муҳимтарини онҳо ба тартиби зайл ном бурда мешаванд:

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър»; «Девон»-и арабӣ; «Наср-ул-маъонӣ» (Матлубу кули толиб мин ал-каломи Амир-ул-муъминин Алӣ ибни Абутолиб); «Латоиф-ул-амсол ва тароиф-ул-ақвол» (Шарҳи форси 281 масали арабӣ); Маҷмӯаи расоили арабӣ; «Фасл-ул-хитоб»; «Алкалому-носиҳа вал ҳикаму-солиҳа»; «Ҷавоҳир-ул-қалоид ва завоҳир-ул-фароид» (Фароид-ул-қалоид); «Луғати форсӣ манзуми мавсуф ба Ҳамду сано»; «Дурар-ул-ғурар»; «Сад калима» аз суханони худ ба арабӣ.

Бо ҳадафи баррасии мушаххаси мероси ин адиби номвар ба муаррифии бархе осори адабиву илмӣ ва таълифоти мухталифи он ба таври ҷудогона хоҳем пардохт.

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр». Он чӣ, пеш аз ҳама, ба Рашидуддини Ватвот шуҳрати адабӣ овардааст, ҳамон китоби маъруфу муътабари ӯ «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» аст, ки дар илми шеър ба қалам омадааст. Аз муқаддимаи ин китоб, ки худи Ватвот навиштааст, маълум мешавад, ки он бо дастури Отсиз иншо гардидааст. Дар муқаддимаи асар омадааст, ки «рӯзе Отсизи Султон Ватвотро ба назди худ даъват карда, китоби санъатҳои шеърӣ «Тарҷумон-ул-балоға»- ро ба вай нишон дода, хоҳиш кардааст, ки дар ин мавзӯъ асар ба қалам оварад, ки навъе посух ба асари Родуёнӣ бошад» [9, с.55]. Аз иттилои Ватвот натиҷа метавон гирифт, ки ин китоб ҷавобе ба асари Муҳаммад Умари Родуёнӣ «Тарҷумон-ул-балоға» будааст. Аммо аз идомаи нигоришоти Ватвот дар муқаддимаи китоби худ маълум мешавад, ки вай ҳатто абёт ва шавоҳиди ин китобро ноҳуш қабул мекунад ва ихлоле дармеёбад ва ҳамин нукот муҷиби таваҷҷуҳ ба таълифи ин асар мегардад. Ватвот оварда: «Китобе дар бадеи шеър ба порсӣ ба ман намуд, нигаристам абёт ва шавоҳиди он китобро бас ноҳуш ёфтам, ҳамаро аз роҳи такаллуф ва аз рӯйи тағассуф фароҳам оварда ва назм карда, бо ин ҳама аз анвои залал ва ақсоми халал холӣ набуд, воҷиб шуд ба мани бандӣ, ки парвандаи он даргоҳ ва падидорандаи он боргоҳам, дар маърифати маҳосини назм ва насри ҳар ду забон–порсӣ ва тозӣ ин китоб пардохтан ва маҷмӯъ сохтан” [9, с.3].

Ҳарчанд, ки «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» посухе ба «Тарҷумон-ул-балоға» аст, аммо аксари муҳаққиқон ин китобро намунаи нахустини кутуби адабиётшиносӣ ба забони форсӣ ба шумор овардаанд. Дар канори ин, аксари китобҳое, ки дар саноеи бадеӣ то замони

Рашидуддини Ватвот ба қалам омадаанд, аз миён рафтаанд ва аз рӯйи мутолиаи ин китоб мавқудияти онон равшан мешавад. Ин осор «Тарҷумон-ул-балоға»-и Фаррухӣ, китоби «Канз-ул-ғароиб», нигоштаи Маншурӣ, ки аз ҷониби адабпажӯҳи дигари пешин Хуршедӣ шарҳе ҳам ба он навишта шуда будааст, ҳамчунин осори адабии «Абулҳасан Баҳромии Сарахсӣ» мебошанд, ки аз мавқудияти онҳо тавассути китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Ватвот метавон маълумоте ба даст овард. Фарқияти дигари «Ҳадоиқ-ус- сеҳр» аз «Тарҷумон-ул-балоға» дар он зоҳир мешавад, ки агар дар асари Родуёнӣ асосан дар бораи санъатҳои бадеии форсӣ сухан равад ва асосан ин саноеъ бо шавоҳиди осори назмӣ тавзеҳ ёбад, дар китоби Ватвот шарҳу маънигузориҳои саноеи бадеӣ ҳам дар шеърӣ форсӣ ҳам дар шеъри арабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ғайр аз намунаҳои ашъори форсӣ ба сурудаҳои арабии шуаро низ тавақҷуҳ зоҳир шудааст.

Аз назари дигар, мисолҳои овардаи Ватвот танҳо дар шеър маҳдуд набуда, балки намунаҳое аз осори мансур низ оварда, бад-ин васила ҷойгоҳи саноеи бадеиро дар насри бадеии классикӣ ҳам муқаррар намудааст. Адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторзода андешаи Маликушшуаро Баҳорро дар мавриди «дар таърихи адабиёти Эрон фасле дар боби наср боз нашуда»-ро дуруст инкор намуда, менависад, ки «Мо ҳеҷ вақт баҳсе набуд, гуфта наметавонем. Зеро роҷеъ ба наср ба таври норавшан ва номукаммал бошад ҳам, ҳанӯз Рашиди Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дохил намудааст [1, с.46].

Дар ин китоб ағлаби саноеи бадеии маъруф дар назму насри форсиву тоҷикӣ ва арабӣ мавриди тавзеҳ қарор гирифтаанд. Шеваи нигориши Рашидуддини Ватвот бар он асос ёфтааст, ки ӯ барои намуна ба ҳар як санъати бадеӣ пас аз тавзеҳи истилоҳи луғавӣ ва адабии он мисолҳое аз шуаро меоварад. Аммо ин чӣ мақбул аст, тавзеҳи мухтасари санъатҳои бадеӣ мебошад, ки ҳамин усули нигориш боиси шуҳрат пайдо кардани китоб миёни хоссу ом гардидааст. Лекин аз диди сабки таълиф ва қидмати нигориш «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ба намунаҳои барҷастаи насри форсӣ чун «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Қозӣ Ҳамдуддини Балхӣ баробар аст, ки миёнаҳои қарни шашуми ҳиҷрӣ навишта шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки ҳарчанд китоб бо забони форсӣ таълиф гардидааст, аммо унвонгузории фаслу бобҳои он ба забони арабӣ аст. Масалан, ат- таҷнис, ал- иштиқоқ, ал-исҷоъ, ал-мутазод ва ғайра.

Бо вуҷуди баёни мухтасар ва камтар ҷой доштани назароти фардии Рашидуддини Ватвот шуҳрати китоби вай дар пояи «Тарҷумон-ул-балоға»-и Умари Родуёнӣ ва «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ аз ҷумлаи китобҳои муътабар дар фанни шеър маҳсуб меёбад. Ҳанӯз Шамси Қайси Розӣ дар муқаддимаи китоби худ ба мақоми хоссаи ин асар ишорат намуда таъкид кардааст, ки ин китоби фоиданок аст ва мардум ба он рағбати тамом доранд [6, с3]. Ҳатто ҳамин шуҳрати китоб дар асрҳои миёна боис шудааст, ки Шарифуддини Ромӣ дар асри XVI дар пайравӣ аз ин китоби Ватвот асаре бо номи «Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ» ба қалам оварад.

Аммо дар адабиётшиносии муосир дар мавриди манзалату мақоми ин китоб назарҳои мутазод баён шудаанд. Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ»-и хеш мақоми ин китобро ба ин гуна тавзеҳ додааст: «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» аз кутуби илмие аст, ки дар ҳудуди нимаи қарни шашум таълиф гардидааст ва аз беҳтарин кутубе аст, ки то ба имрӯз дар илми бадеъ ба риштаи таълиф кашида шудааст» [4, с.401]. Аммо адабиётшиноси дигари эронӣ Қосими Тавсирконӣ дар муқаддимаи «Номаҳои Рашидуддини Ватвот» чунин менависад: «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» маъруфтарин муаллафоти Рашид аст, ки дар фанни бадеъ навиштааст. Ҳарчанд баъзе аз аҳли таҳқиқ ин китобро ба ҳадди муболиға ситудаанд, аммо ба ҳақ бояд гуфт, ки ин китоб на арзиши таҳқиқ дорад, ҳикоят аз диққати фикр ва имъони назари муаллиф бинмояд ва на дар боло бурдани фасоҳати забон хидмате ба адабиёти Эрон кардааст. Танҳо чизе, ки дар мазияти ин китоб метавон гуфт, ин аст, ки Рашид чун дар таълифи ин китоб аз равиши Родуёнӣ дар «Тарҷумон-ул-балоға» тақлид кардааст, бештар ба ибораҳои форсӣ гароида ва дар ин шева равиши шево ва дилписанд дар пеш гирифтааст, чунонки ин китоб метавонистааст аз ҷиҳати иборат барои муаллифони оянда сармашқе неку бошад» [8, с.10].

Бо таҳлилу баррасии андешаҳои Баҳор ва Қосими Тавсирконӣ адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторзода дуруст натиҷа мегирад, ки «Таҳлилу тадқиқи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» бар он шаҳодат медиҳад, ки ҳам Маликушшуаро Баҳор ва ҳам доктор Қосими Тавсирконӣ андак муболиға намудаанд. Мо барои ин онҳоро ҳаргиз гунаҳкор намеҳисобем, зеро ки онҳо ҳеҷ гоҳ мақсади тадқиқи муфассали рисолаи номбурдаро надоштанд. «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот на «беҳтарин китобе аст, ки то имрӯз дар илми бадеъ ба риштаи таълиф кашидааст ва на холӣ аз арзишҳои таҳқиқӣ мебошад [1, с.50]. Дурустӣ ва мантиқии андешаи адабиётшиноси тоҷик Абдунабӣ Сатторзода аз он ҷиҳат тасдиқ мешавад, ки воқеан Баҳор бештар аз диди сабкшиносӣ ба маърифати ин китоб ручӯъ мекунад ва Қосими Тавсирконӣ бошад, бо назари кулли ба яке аз намунаҳои осори Ватвот баҳо

медиҳад, ки ин нукоти ҳар ду аз баҳси меҳварӣ надоштани баррасии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дар пажӯҳишоти ин ду нафар дарак медиҳад. Аммо хулосаи Абдунабӣ Сатторзода беҳикмат нест, зеро мавсуф «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-ро дар рисолаи худ сирф аз диди адабиётшиносӣ ва ҷойгоҳи он дар таърихи назариёти адабии форсӣ - тоҷикӣ баррасӣ намудааст ва ҳамин равиши тадқиқ имкон додааст, ки бо муқоисаву муқобалаи ин китоб бо осори дигари адабӣ ба чунин натиҷаи дурусти илмӣ бирасад.

Дар мавриди сабки асар бошад овардааст, ки «шеваи ин китоб дар наср монанди дигар муосирини ӯ содда ва устодона ва куҳнаву қадимӣ аст ва ғайр аз лафзи «дар», ки ғолибан ба ҷойи «андар» истеъмол шудааст [9, с.401-402]. Намунае аз насри «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дар шарҳи «мутаъотифа», ки чунин овардааст, ба ин вижагии сабкии асари Ватвот ишорат мекунад:

“Ин санъат чунон бошад, ки як мисраъ тозӣ ва яке порсӣ ва раво бувад, ки як байт тозӣ ва яке порсӣ ва ё ду байт тозӣ ва ду порсӣ ва ё даҳ байт тозӣ ва даҳ порсӣ биёваранд” [9, с.402]. Равшанӣ ва равонии сабки насри Ватвот дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» аз ҳамин як ҷумла ошкор мегардад ва дар канори ин мутолиаи комили матни асар муайян месозад, ки Рашидуддин дар нигоштани китоби худ танҳо ба шарҳу тавзеҳи саноеи бадеӣ маҳдуд нест, балки ҷо–ҷо ҳикоёте аз рӯзгори шуаро ва нависандагони пешин меоварад, ки ин шева ҳам ба усули нигориш ва ҳам ба муҳтавои асари вай таъсире ҷолиб гузоштааст. Аз ҷумла, дар мавриди Абӯалӣ ибни Сино ин ҳикоят зикр шудааст, ки Баҳор ҳам онро ҳамчун намунаи насри Ватвот дар сабкшиносӣ интихоб кардааст:

«Ҳикоятест, ки Бӯалӣ Сино рӯзе дар бозор нишаста буд, рустоие бигузашт барраи баҳоие бар дӯш гирифта буд, Бӯалӣ пурсид ки: Барра ба чанд?

Рустоӣ гуфт: Ба диноре.

Бӯалӣ гуфт: Барра ин ҷо бигузор ва соате дигар боз ой то баҳо бидиҳам. Рустоӣ ӯро мешинохт гуфт ки: Ту Ҳакими олимӣ чаро бояд ки ин миқдор надонӣ ки барра дар муқобалаи тарозу бошад то баҳо барнасанҷӣ барра ба хона бибарӣ.

Бӯалиро аз он аҷаб омад ва ӯро изъофи баҳои барра бидод» [4, с.40].

Ватвот вақте то ин ҷо мерасад, баъд бо шеваи нигориши адабии худ ба тавзеҳи адабии ҳикояти мазкур мепардозад ва хусусиятҳои адабиву бадеӣ ва рамзу киноёти суханро дар матни ин ҳикояти овардашуда тавзеҳ медиҳад. Дар ин ҳолат мо ҳам ба сабки насри бадеӣ ва ҳам насри ба истилоҳ фаннии Ватвот рӯ ба рӯ мешавем, ки Баҳор ӯро яке аз саромадони ин навъи наср дар идомаи Абулмаъолии Насруллоҳ ва Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Ҳамидуддини Балхӣ медонад [4, с.248]. Дар идомаи гуфтори хеш Рашидуддини Ватвот чунин меоварад:

Акнун дар камоли латофати ин сухан бояд нигарист ҳоле хотири мардум ба барра равад, ки ҷонварест ва ба тарозу, ки бад-ӯ зар бисанҷанд ва мурод аз рустоӣ худ бурҷи ҳамал ва мизон бувад, чӣ ин ҳар ду баробари якдигаранд ва нодира гуфтааст аз ҷинси илми ҳукамо ва лоиқ ба ҳоли Бӯалӣ [4, с.40].

Аммо ба ҳар оин ҳамон шеваи нигориши соддаву равон ва наздик ба насри аҳди Сомонӣ ҳам дар усули зикри ҳикоят ва ҳам тавзеҳи илмии насри Ватвот боқӣ мондааст, ки ҳар ду порчаи овардашуда ба ҳақиқати ин амр ишорат мекунанд.

Аз муҳимтарин арзишҳои адабии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» он аст, ки дар он фузун бар маводи адабӣ роҷеъ ба саноеи бадеӣ иттилооте роҷеъ ба шоирону адибон ҷой дорад, ки қимати илмӣ касб карда, дар кушодани нукоти рӯзгор ва каломи суханварон нақши муассир доранд. Аз ҷумла, дар китоби Ватвот ахбори пурбор ва судманде дар бораи шуарое чун Қатрони Табрезӣ, Унсурӣ, Фаррухии Систонӣ, Маъсуди Саъди Салмон, ки аксаран ҳамасри ӯ ҳастанд, ҷой дорад. Фузун бар ин, абёте аз шоирон нақл шудаанд, ки ба ҷуз аз ҳамин китоб ҷое дигар ҳатто дар девони онҳо наомадаанд ва аз ин нигоҳ, арзиши сарчашмавии китоб ба ҳукми тасҳеҳи мутуни нусахи девони шуаро ва барқарор намудани ашъори онон аз аҳаммияти шоистае бархӯрдор мебошад.

Нахустин нашри интиқодии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» соли 1308\1890 бо кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар Эрон ба нашр расидааст, аммо чандин нусхаҳои хаттӣ ва сангии он дар китобхонаҳои мухталифи дунё мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла, нусхае, ки Аббос Иқболи Оштиёнӣ таҳия ва ба нашр расонидааст, аз рӯйи се нусахе таҳия шудааст, ки якеро ӯ бо ҳидояти Аллома Муҳаммади Қазвинӣ аз китобхонаи Порис ба даст овардааст. Вале то замони нашри нусхаи таҳиянамудаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ чаҳор нусхаи чопии ин китоб вуҷуд доштааст, аммо ҳеҷ як аз онҳо ба таври шоиста қобили истифода набудаанд. Дар канори ин, дар нусах ғалат ва иштибоҳоти фаровоне ҷой доштааст, ки танҳо Аббос Иқболи Оштиёнӣ бо ба даст овардани нусхаи қадимии китоб аз китобхонаи миллии Порис ва муқоисаи он бо нусахи дигар матни интиқодии «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-ро бо бартараф намудани куллияи ағлот ва иштибоҳот рӯйи чоп овард. Нашри китоб бошад бо ёрии Сайид Абулраҳими Халхолӣ, нусхашиноси маъруф, ки нусхаи нодири девони

Ҳофизро ҳам таҳия намудааст ва бо сармояи шахсии ҳамин донишманди номвар сурат гирифт.

Забеҳулло Сафо низ ба нашри чандинкаратаи ин китоб дар Эрон ишорат намудааст. Нашри нусхаи тоҷикистонии китоб ҳам бо эҳтимоми адабиётшиноси номии тоҷик Раҳими Мусулмониён сурат гирифтааст. Тарҷумаи русии китоб ҳам дар соли 1985 бо кӯшиши адабиётшиноси рус Н.Ю. Чалисова дар Маскав рӯйи чоп омадааст.

Аз муқаддимаи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» маълум мешавад, ки Рашиди Ватвот рисолае дар мавриди арӯз низ бояд ба қалам оварда бошад. Ӯ нияти навиштани ин рисоларо чунин тавзеҳ додааст. «Агар дар аҷал то хайре бошад ва рӯзгор муҳлат диҳад ва тақдири яздонӣ ба вақфи муроди инсонӣ равад, китобе хоҳам сохт муҳит ба тамоми аснофи илми шеър: аз арӯз ва ақлоб ва қавофӣ ва маоюб ва маҳосини назму наср» [9, с.3].

Ҳарчанд ки таълиф шудан ё нашудани чунин асар ба қалами Ватвот мушаххасан таъйид нашудааст, аммо Қосими Тавсирконӣ дар муқаддимаи «Номаҳои Рашиди Ватвот» онро ҳамчун асари ин адиб бо номи «Рисола дар арӯз» мавриди нақду баррасӣ қарор дода, навиштааст, ки: «Рашид дар ин рисола бисту нуҳ баҳр аз буҳури аслӣ ва фаръии авзони шеъри форсӣ ва тозиро ба назм дароварда ва ҳар якро дар ду байт баён карда ва дар чанд калима тазаккур додааст, ки он вазн матрук аст ё мутадовил ва ё дар чӣ қисм аз шеър (ба ҳисоби навъ ё мавзӯъ) беҳтар омадааст. Масалан, дар баҳри ҳазаҷи макфуф гӯяд:

Чу макфуф дар рукни ҳазаҷ гашт дилафрӯз,
Бад-ин тарз буд, байт, ки гуфтем биёмӯз.
Мафоилу мафоилу мафоилу мафоил,
Хушат бодо ҳама умр, беҳат бодо ҳама рӯз.

Дар ин вазн ашъори порсӣ кам гуфтаанд, зеро ки ин матбуъ нест [8, с.68].

Аз намунаҳои дигар осори насрии Рашидуддини Ватвот китобест, ки ба қавли Баҳор «сару таҳ надорад ва маълум нест, чӣ ном дорад» [4, с.400]. Аммо дар баробари ин, китоби дигари вай бо забони форсӣ бо номи «Наср-ул-маъоли мин каломи Амир Абитолиб Алӣ» ба шумор меояд, ки бо унвони «Сад калима» низ дар забони форсӣ шуҳрати тамом дорад. Асли ин китоб ба забони арабӣ буда, онро Амр ибни Баҳри Ҷоҳиз (вафот 255 ҳичрӣ) аз суханони Ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб (р) интихоб карда будааст ва Рашидуддини Ватвот ба рӯзгори хеш ҳар яке аз ин суханонро аз насри тозӣ ба форсӣ ба назм дароварда, тарҷума ва тафсир намудааст. Аз сӯйи дигар, ҳамин мазмунро, ки аз каломи Алӣ ибни Абитолиб ба арабӣ ва форсӣ тарҷума ва тафсир мешавад, яъне, нахуст каломи Алӣ ибни Абитолибро ба забони арабӣ меоварад ва бо таъкиди «маънии калима ба порсӣ» тарҷума ва тафсири онро ба забони форсӣ аз номи худ меоварад. Ватвот дар поёни ҳар фиқра дар ҳудуди як қитъа ё дубайтие бо шеър тафсир мекунад. Ин китоб борҳо ба дасти чоп расидааст ва ба гуфтаи Баҳор ҳатто муддате дар мактабхонаҳо он дарс ҳам дода мешудааст [4, с.400]. Мурур ба намунае аз насру назми ин китоб шеваи нигориш ва сабки таълифи онро бозгӯӣ мекунад:

اغنى الغنى العقل[10, с.125]

Маънии калима ба форсӣ: Ҳар киро хирад бошад ӯ тавонгартар аз ҳама молдорон бувад аз баҳри он ки (аз мол) агар ҳазина кунӣ мол кам гардад ва нест шавад ва аз хирад агар ҳазина кунӣ хирад биафзояд ва ҳар рӯз ба сабаби таҷрибат зиёдат гардад.

Қитъа:

Ин ки хоҳӣ тавонгарӣ пайваст,
То аз он раҳ расӣ ба меҳтарӣ.
Аз хирад ҷӯй меҳтарӣ зерок,
Нест ҳамчун хирад тавонгарӣ [10, фасли 84, с.125].

Забеҳулло Сафо низ дар ишорат ба шеваи нигориши Ватвот дар ин китоб навиштааст, ки «Насрулолӣ мин каломи Амир ул-муъминин Алӣ», ки дар ҳар як аз калимоти он Ҳазрат ба насри форсӣ тарҷума ва дар ду байт манзум шудааст. Чун ин маҷмӯа мутазаммини сад нукта аз Алӣ бинни Абӯ Толиб аст, ба «Сад калима» низ шуҳрат дорад [10, с.169].

Дар ин асар ҳам сабки равони таълиф ва баёни содда ҳам дар наср ва ҳам дар назми ӯ ба мушоҳида мерасад. Аз сӯйи дигар таваҷҷуҳи Рашидуддини Ватвот ба тарҷумаи ин китоб аз он ҳам шаҳодат медиҳад, ки вай танҳо маҳдуд ба суроиши қасидаҳои мадҳӣ ё нигориши номаҳо набуда, балки ба тарҷумаи осоре дар ахлоқ ва мазҳаб ҳам шуғл варзидааст, ки мақоми ӯро ҳамчун мутарҷим ва нависандаи забардасти асри худ бозтоб мебахшад. Аз назари дигар, ин асар ба танаввуи мавзӯи таълифоти Рашидуддини Ватвот ҳам ишорат мекунад.

Китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ҳамзамон дар таркиби “Девон”-и ӯ, ки бо тасҳеҳ, муқобала ва муқаддимаи устод Сайид Нафисӣ соли 1339 дар интишороти «Боронӣ» рӯйи чоп омадааст, дида мешавад.

Номаҳои Рашидуддини Ватвот. Маъруфтарин таълифоти Рашидуддини Ватвот дар насри форсӣ маҷмӯи номаҳои ӯ ба шумор меравад, ки вобаста ба фаъолияти котибиаш ҳамчун сарвари девони расоил дар дарбори Отсиз пайванд дорад. Забеҳулло Сафо онро ҷоизи аҳаммияти бисёре донистааст. Нусхаи хаттии ин расоил дар музеи Осиёии Анҷумани илмҳои шаҳри Санкт-Петербург мавҷуд мебошад, ки ҳанӯз рӯйи чоп наомадааст. Аз рӯйи феҳристи ин номаҳо, ки дар музеи мазкур маҳфуз мебошанд, равшан мегардад, ки бахше аз онҳо ба таъбири Баҳор маснуъ ва мурассаъ мебошанд [4, с.401]. Аммо куллияи матни номаҳои Рашидуддини Ватвот ба забони форсӣ таълиф нашуданд. Балки миёни расоили ӯ мо ба номаҳое дучор меоем, ки ба забони арабӣ иншо шудааст ва Маликушшуаро Баҳор дар робита ба нашри онҳо дар Эрон ва усули нигоришашон таъкид мекунад, ки ғолиби онҳо чоп шуда ва метавон донист, ки ин нависанда низ аз онҳое аст, ки таҳти таъсири насри фаннии тозӣ қарор гирифта ва ин шеваро вориди насри форсӣ кардааст ва аз ин лиҳоз, бояд вайро аз пешравони насри фаннии форсӣ шумурд ва Баҳоуддини ибни Муҳаммади Насавиро низ аз пайравони ӯ маҳсуб дошт [4, с.401].

Аз ин ишораи Баҳор муайян мегардад, ки таваҷҷуҳи Ватвот ба насри фаннӣ аз усули нигориши вай дар таълифоти арабиаш сарчашма мегирад, ки бар асоси огоҳии ӯ бар насри қадимаи арабӣ ба зуҳур расидааст. Аз ин рӯ, дар насри форсӣ бидуни тардид яке аз асосгузорони насри фаннӣ эътироф мешавад, бо он ки дар аксари нигоштаҳои вай равониву соддагии насри аҳди сомонӣ ҳувайдост ва ин салосату соддагӣ ҳатто ба ҳадде ҳам ҳаст, ки ҳифозати унсурҳои забонҳои қадимаи эронӣ, аз ҷумла суғдӣ ва калимаҳои мустаъмал дар насри аҳди сомонӣ дар насри ӯ ба мушоҳида мерасанд, ки теъдоде аз онҳоро Баҳор асосан аз рӯйи матни «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» бо тавзеҳ зикр намудааст. Аз ҷумлаи калимоти овардаи Маликушшуаро Баҳор инҳост:

Охшиҷ- зид, Офарин ва нафрин, мадҳу ҳаҷв, афтодан- зоил шудан, божгуна ё вожгуна- мақлуб ё акс, бахшиш ба маънии тақсим, бар банд – ва шох, пора-пора - муқаттаъ, паҳно- арз, чаҳорсӯ- мураббаъ, дарозно- тӯл, дурӯя - муваҷҷаҳ, намудор – намуна [4, с.401-402].

Ҳадди услуби насри фаннӣ то ҷое дар нигоштаҳои Ватвот боло рафтааст, ки гоҳо ҳамин шеваи нигоришро ӯ дар шеър ҳам ба кор гирифтааст, ки ин амалаш мавриди накуҳиши тазкиранависон ва муҳаққиқон қарор дорад, ки дар ин маврид зимни баррасии хусусиятҳои ашъори Рашидуддин руҷӯъ хоҳад шуд.

Маҷмӯаи номаҳои арабии Ватвот бошад, бори аввал зери унвони «Расоили арабӣ» соли 1987 дар Миср ба табъ расидаанд. Ахиран китоби номаҳои арабӣ, ки аз тарафи Муҳаммад Афандии Шофеӣ ҷамъоварӣ шудаанд, ҳамин сол дар сурати ҷудогона зери унвони «Номаҳои тозии Рашидуддини Ватвот» дар тарҷумаи форсӣ, Маҳмуди Ҳайдарӣ дар донишгоҳи Ёсуҷи Ҷумҳурии Исломии Эрон ба дасти чоп расид. Тавре аз муқаддимаи ин китоб пайдост, Рашидуддини Ватвот номаҳои арабии худро дар айёми салтанати Хорамзшоҳиён ва подшоҳии падараш, подшоҳи бузург Элп Арслон ва ҷаддаш ва подшоҳии Сайид ва Хушбахт Астари Хоразмшоҳӣ нигошта ва ба Дорулхилофаи Бағдод фиристодааст. Ин номаҳо ва ҳамзамон номаҳои форсии Рашидуддини Ватвот аз замони худаш то имрӯз шуҳрати фаровоне пайдо намуда омадаанд. Маҷмӯаи номаҳои форсии Ватвот бошад, соли 1338\1919 бо эҳтимоми донишманди адабпажӯҳиши Эронӣ Доктор Қосими Тавсирконӣ аз чоп баромадааст. Таҳиягари мутуни ин номаҳо бар ин китоб муқаддимаи муфассале нигоштааст, ки он шарҳи ҳол ва нақди осори Ватвотро фаро мегирад.

Ҳамчунин, аз Ватвот кутубе бо номи «Абкор-ул-афкор», «Луғот-ул-Қуръон» низ то замони мо расидаанд, ки аз арзиши муҳимми адабиву илмӣ бархӯрдор мебошанд. Намунаҳои дигари насри ӯ «Туҳфат-ус-сиддиқин мин каломи Абубакри Сиддиқ», ки шабеҳ ба китоби «Сад калима» дар шарҳи каломи Абубакри Сиддиқ аст, «Фахр-ул-китоб мин каломи Умар ибни Афлон» мебошанд. Дар канори ин кутубе чун «Ғароиб-ул-калом фӣ рағоиб-ул-ҳикам», «Маният-ул-мутакаллимин ва ғаният-ул-мутаъаллимин», «Мафотеҳ-ул-ҳикам ва масобеҳ-ул-зилам», «Ҷавоҳир-ул-қалоид ва завоҳир-ул-фароид», «ал-фавоид-ул-амонияҳу», «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ул-ашъор» ва амсоли ин мебошанд, ки масоили ҷудогонаи бадеъ, шеър, ҳикмат ва амсоли ин дар онҳо тавзеҳ ёфтааст. Китобе, ки Рашиддудин Ватвот дар амсолу ҳикам навиштааст, «Ғурар-ул-ақвол ва дурар-ул-амсол» маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, аз ӯ луғатномае тариқи назм боқӣ мондааст, ки «Ҳамду сано» унвон дорад. Нигоштаҳои дигари адиб ва шоир «Фасл-ул-хитоб», «Унсул-лаҳфон», ки ин китобро ёддоштҳои Ватвот ҳам мегӯянд, маҳсуб меёбанд. Дар маҷмӯъ теъдоди расоил ва кутуби Рашидуддинро аз 15 бештар метавон баршумурд.

Дар канори «Ҳадоиқ-ус-сеҳр», номаҳои арабӣ ва форсӣ ва дигар осори мансур аз Рашидуддини Ватвот то замони мо кутуби манзум ба забони форсӣ ва арабӣ ва «Девон» низ омада расидааст, ки аз қасоид, ғазал, рубоӣ қитъа ва ғайра иборат мебошад. Аз ҷумла,

манзумае ӯ дар арӯзи порсӣ ба қалам овардааст, ки шомили шонздаҳ баҳр аз буҳури арӯзи порсӣ маҳсуб мегардад.

«Девон»-и ашъори форсии Ватвот бошад, асосан ҳовии қасоид ва муқаттаъот мебошад. Ҳарчанд ағлаби қасоиди шоир ба ситоиши Отсизи Хоразмшоҳ ва вазирони дарбори ӯ, инчунин Султон Санҷари салҷуқӣ бахшида шудаанд, аммо дар ин девон қасида ва қитаоту ғазалҳо низ ҷой доранд, ки ба мавзӯоти ахлоқӣ, талқини адлу субот ва амсоли ин бахшида шудаанд. Аз «Девон»- и ашъори Ватвот нусхаҳои фаровоне дар китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуд аст, ки бештари онҳо дар китобхонаҳои Туркия ҷой гирифтаанд. Устод Сайид Нафисӣ девони шоирро бар асоси 9 нусхаи хаттии худи «Девон» ва 9 нусхаи маҷмӯае аз сафинаву баёзҳо ва тазкираҳое, ки дар онҳо ашъори Ватвот зикр шудаанд, тасҳеҳ намудааст.

Мақоми Ватвот дар густариши шеъри форсӣ ва арабӣ аз ҷониби ағлаби суханварон ва тазкиранигорон эътироф шудааст. Аз ҷумла, Ёқути Ҳамавӣ дар «Муъҷам-ул-удабо» дар ишорат ба ашъори Ватвот навиштааст, ки дар як байт дар баҳре аз арабӣ назм мекард ва байти дигар дар баҳри ҷудогона ба порсӣ ва ҳардуро имло менамуд. Дар идомаи сухани хеш Ёқути Ҳамавӣ шеъри арабии ӯро ба хубии насри вай дар он забон намедонад ва ӯ дар насри арабӣ ҳаққан аз машоҳири булағост ва «Муншаот»-аш дар радифи осори баргузидаи он забон аст [7, с.170].

Ҳамин тавр, бар асоси мероси бозмонда аз Рашидуддини Ватвот ин амр мусаллам мегардад, ки ӯ яке аз нависандагони забардаст, номанигор, мутарҷим ва шоири маъруфи аҳди худ буда, дар такмили насри фаннӣ ҳам ба забони форсӣ ва ҳам арабӣ хидматҳои мондагоре ба сомон расонидааст. Беҳикмат нест, ки бар асоси ҳамин ибтикорот ӯро асосгузор ва аз пешравони насри фаннӣ дар адабиёти форсу тоҷик номзад кардаанд. Дар канори ин, осори насрии ӯ ба масоили мухталифи адабӣ, бадеӣ, ҳикамӣ ва луғату арӯз бахшида шуда, ҳар яке ба зоти худ дорои аҳаммияти муҳимми адабӣ ва илмӣ мебошанд. Махсусан, маъруфтарин китоби вай «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ба ҳукми нахустин намунаи насри адабӣ ва китоб роҷеъ ба саноеи бадеӣ дар адабиётшиносии форсӣ арзиши баландеро касб намуда, дар шинохти адабиёт, шеър ва афкори адабӣ нақши мунireро соҳиб мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ / А. Сатторзода. -Душанбе: Адиб, 2001. – 142 с.
2. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ.1. Бахши аввал / Забеҳулло Сафо; таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. – Душанбе, 2001. – 160 с.
3. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо; таҳия ва тавзеҳоти Саъдоншо Имронов, Бадриддин Мақсудов. - Душанбе: Деваштич, 2003. – 318 с.
4. .بهار، ملک‌الشّعرا. سبک‌شناسی ج. 2.3 / ملک‌الشّعرا بهار.–تهران: زوّار، 1372.–468ص.
5. .صفا ذبیح‌الله، تاریخ ادبیات در ایران و در قلمرو زبان فارسی /ج. 2 از میانه قرن پنجم تا آغاز قرن هفتم هجری صفا ذبیح الله صفا ذبیح‌الله. تهران: فردوس، 1336/ 1128 ص.
6. .راضی شمس الدّین محمّد ابن قیس، المعجم فی مارى اشعارى العجم / تصحیح محمّد ابن عبدالوهاب قزوینی، تهران :چاپخانه دانشگاه، 1338 / 497 ص.
7. .الحموي، ياقوت. معجم الأدباء. 2 جلد / ترجمه عبدالمحمد آيتي. . تهران: سروش. 1423/2002/ 1391ص.
8. .وطواط رشید الدین ، نامه‌های رشیدالدّین وطواط/ باکوشش قاسم توسرکانی . تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1383
9. .وطواط رشید الدین، حدایق السّحر في دقائق الشعر / مصحح عبّاس اقبال اشتیاني.تهران:مؤسسه انتشارات کتابخانه طهور و کتابخانه سنایی– 1362 / 153 ص.
10. .وطواط رشید الدین، مطلوب من کلّ طالب/ تصحیح محمود عابدي .قم: مؤسسه انتشارات سلمان فارسي، 203/1365ص.

НАЗАРЕ БА ЭҶОДИЁТИ ИЛМИВУ АДАБИИ РАШИДУДДИНИ ВАТВОТ ВА МУХТАССОТИ ОН

Дар мақола мероси гаронбаҳои Рашидуддини Ватвот, ки ин осор боиси шуҳрати афзуни вай, чи дар замони худи ӯ ва чи дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қабл аз тавзеҳи мухтасари нигоштаҳои ӯ метавон нуктаеро таъкид кард, ки Рашидуддини Ватвот аз зумраи адибони зуллисонайн аст, ки таълифоти хешро ба ду забон форсӣ ва арабӣ ба қалам овардааст. Аз ин рӯ, аз нависандагон ва шоирони муътабари арабизабон ҳам маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули ин адабиёт дар аҳди худ нақши муассир гузоштааст. Бар асоси мероси бозмонда аз Рашидуддини Ватвот ин амр мусаллам мегардад, ки ӯ яке аз нависандагони забардаст, номанигор, мутарҷим ва шоири маъруфи аҳди худ буда, дар такмили насри фаннӣ ҳам ба забони форсӣ ва ҳам арабӣ хидматҳои мондагоре ба сомон расонидааст. Беҳикмат нест, ки бар асоси ҳамин ибтикорот ӯро асосгузор ва аз пешравони насри фаннӣ дар адабиёти форсу тоҷик номзад кардаанд. Мақоми Ватвот дар густариши шеъри форсӣ ва арабӣ аз ҷониби ағлаби суханварон ва тазкиранигорон эътироф шудааст. Аз ҷумла, Ёқути Ҳамавӣ дар «Муъҷам-ул-удабо» дар ишорат ба ашъори Ватвот навиштааст, ки дар як байт дар баҳре аз арабӣ назм мекард ва байти дигар дар баҳри ҷудогона ба порсӣ ва ҳардуро имло менамуд. Дар канори ин, осори насрии ӯ ба масоили мухталифи адабӣ, бадеӣ, ҳикамӣ ва луғату арӯз бахшида шуда, ҳар яке ба зоти худ дорои аҳаммияти муҳимми адабӣ ва илмӣ мебошанд. Махсусан, маъруфтарин китоби вай «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ба ҳукми нахустин намунаи насри адабӣ ва китоб роҷеъ ба саноеи бадеӣ дар адабиётшиносии форсӣ арзиши баландеро касб намуда, дар шинохти адабиёт, шеър ва афкори адабӣ нақши мунireро соҳиб мебошад.

Калидвожаҳо: адабиёти форсу-тоҷик, Рашидуддин Ватвот, арзиши адабӣ, осори назму наср, адабиёти арабизабон.

НАУЧНО - ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ РАШИДУДДИНА ВАТВАТА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

В статье рассматривается творческое наследие Рашидуддина Ватвата. От Рашидуддина Ватвата до наших дней сохранились многочисленные труды, благодаря которым он приобрел большую известность, как в своей эпохе, так и в истории персидско - таджикской литературы. Прежде чем анализировать литературное наследие

трудов Ватвата, необходимо еще раз подчеркнуть, что литератор одинаково прекрасно владел как арабским, так и персидским языком, сочинял прозу и поэзию на двух языках. Поэтому он считается также авторитетным арабским поэтом и писателем, оказавшим заметное влияние на формирование и развитие арабоязычной литературы своей эпохи. Наравне с «Хада'ик ас-сихр», арабскими и персидскими посланиями, другими прозаическими произведениями от Рашидуддина Ватвата до наших дней дошли поэтические сочинения на персидском и арабском языке, в частности «Диван» литератора. Хотя касыды поэта в основном посвящены восхвалению Атсыза Хорезмшаха, визирей его двора, а также султана Санджара Салджукида и других, однако встречаются касыды, затрагивающие этико - нравственные проблемы, пропагандирующие справедливость и т.д. Таким образом, краткий анализ сохранившегося до наших дней творческого наследия Ватвата доказывает, что он был великим мастером прозы, автором прекрасных посланий, переводчиком и известным поэтом и оказал существенное влияние на стилистику изящной прозы, как на персидском, так и на арабском языках. Большинство литераторов и авторов антологий признают роль и заслуги Ватвата в развитии и распространении персидской и арабской поэзии. Так, Якут Хамави в книге «Му`джам ал-удаба», говоря о поэтическом мастерстве Ватвата, отмечает, что он (то есть Ватват) писал один бейт арабским размером и бейт-персидским. Не случайно его называют одним из основоположников и предводителей изящной прозы в персидско - таджикской поэзии. Наравне с этим, тематический диапазон его прозаических произведений очень широк и охватывает разные проблемы литературы, философии, лексикографии, аруза и др.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, Рашидуддин Ватват, литературная ценность, поэтическое и прозаическое наследие, арабоязычная литература.

SCIENTIFIC AND LITERARY HERITAGE OF RASHIDUDDIN VATVAT AND ITS FEATURES

The article deals with the creative heritage of Rashiduddin Vatvat. From Rashiduddin Vatvat numerous works have survived to the present day, thanks to which he gained great fame, both in his era and in the history of Persian - Tajik literature. Before analyzing the literary heritage of Vatvat's works, it is necessary to emphasize once again that the writer was equally fluent in both Arabic and Persian, wrote prose and poetry in two languages. Therefore, he is also considered an authoritative Arab poet and writer who had a significant impact on the formation and development of Arabic literature of his era. Along with "Hada-iq-al-sihr", Arabic and Persian letters, and other prose works of Rashiduddin Vatvat to have survived poetic compositions in Persian and Arabic, in particular "Divan" of the writer. Most writers and authors of anthologies recognize the role and merits of Vatvat in the development and dissemination of Persian and Arabic poetry. Thus, Yakut hamavi in the book "Mu'jam al-udaba", speaking about the poetic skill of Vatvat, notes that he (i.e. Vatvat) wrote one Bayt in Arabic and one Bayt in Persian.Although qasidas of the poet dedicated to praise of Khorezmshah Atsyz, his viziers of the court, and Sultan Sanjar Seljukid and other, but there are qasidas, involving ethical and moral issues, promote justice, etc. Thus, a brief analysis of the extant of the creative heritage of Vatvat proves that he was a great master of prose, author of the excellent messages, translator and renowned poet and had a significant impact in the improvement of fine prose in both Persian and Arabic. It is no accident that he is called one of the founders and leaders of fine prose in Persian - Tajik poetry. Along with this, the thematic range of his prose works is very wide and covers various problems of literature, philosophy, lexicography, aruz, etc.

Key words: Persian-Tajik literature, Rashiduddin Vatvat, literary value, poetic and prose heritage, Arabic literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова, 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Сведения об авторе: ***Анварова Маърифат Нарзуллоевна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-67-36-63**

Information about the author: ***Anvarova Marifat Narzulloevna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological science, associated professor of the department Arabic philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Str. Mavlonbekova 1. E-mail: **m.anvarova2018@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-67-36-63**

УДК:891.5

ТАЗКИРАИ "АРАФОТ-УЛ-ОШИҚИН"-И АВҲАДӢ ВА "ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО"-И МУТРИБИИ САМАРҚАНДӢ

Қурбоналиева М.С.
Донишгоҳи давлатии Термиз

"Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин" аз муҳимтарин асарҳои Муҳаммади Авҳадӣ ба ҳисоб рафта, дар қатори тазкираҳои умумӣ ва пуразиштарин тазкираҳои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шинохта шудааст. Асари мазкур соли 1613-1615 ба қалам омадааст (1, с.23-24). Авҳадӣ аз суханварону адибони садаи XVII аст. Аслаш аз Балёни Форс буда, гузаштагони ӯ аз он ҷо ба сарзаминҳои дигар муҳоҷират кардаанд. Ӯ рӯзи чаҳоршанбеи савуми муҳаррами соли 1566 дар Исфаҳон по ба арсаи ҳаёт гузошт [1, с.19;10, с.152]. Насаби Тақии Авҳадӣ "... бо ҳафт восита ба Авҳадуддин Абдуллоҳ ибни Зиёуддин Масъуди Форсии Балёнӣ ва аз ӯ бо чанд воситаи дигар ба Абӯалӣ Даққоқи Нишопурӣ", ки аз бузургони аҳли ирфони садаи чаҳоруму панҷуми ҳичрӣ (X-XI) буд, мерасад [1, с.15;10, с.151]. Авҳадӣ пас аз даргузашти падараш дар назди устодоне, чун Шайх Миншор,

Мавлоно Хоҷаҷони Қаҳпояӣ, Мавлоно Муфидии Сифоҳонӣ масоили диниву улуми замонаашро омӯхт [1, с.21]. Ӯ дар шаҳрҳои Язд ва Шероз низ ба талаби илм сафар кардааст [1, с.22-23]. Ӯ дар улуми рамалу нуҷум, ҳайъату устурлоб, ҷафру аъдод, ҳисобу китобу иксиру таксир ва қироату тафсир табаҳҳури комил дошт. Ӯ то соли 1605 Дар Шерозу Ҳамадону Исфаҳон умр ба сар бурда, соли 1606 ба Ҳиндустон сафар кардааст.

Дар мавриди соли фавту макони дафни Авҳадӣ дар сарчашмаҳо маълумоти дақиқ дарҷ нагаштааст, мусаҳҳеҳи “Арафот-ул-ошиқин” ба иштибоҳ чунин навишта: “Устод Гулчини Маонӣ фавти ӯро дар соли 1633 навишта” [1, с.31], ҳол он ки Аҳмад Гулчини Маонӣ Авҳадиро то соли 1633 дар қайди ҳаёт буда, аз ин таърих ва баъд вафот карда, навиштааст [9, с.9]. Қудратуллоҳи Гӯпомӯӣ бошад, вафоти Авҳадиро 1689 сабт намудааст, ки иштибоҳ аст [6, с.126], вале Абдулғанихони Ғанӣ дар “Тазкират-уш-шуаро”-и худ вафоти Авҳадиро 1640 қайд кардааст [7, с.33]. Аммо, ба гуфтаи Алиризо Нақавӣ Авҳадӣ то солҳои 1629-1630 дар қайди ҳаёт будааст [10, с.154]. Аз гуфтаҳои тазкиранигорони мазкур қавли Алиризо Нақавӣ ва Аҳмад Гулчини Маонӣ ба ҳақиқат наздик аст.

Аз Авҳадӣ осори манзуму мансури зиёде, ба монанди “Фирдавси хаёл”, (шомили ашъори шоирони мутақаддаму мутааххар), “Софинома” ё “Нашъаи бехумор” (300 байт), маснавии “Яъқуб ва Юсуф” (2222 байт), “Каъбаи дидор” (2000 байт), “Сафинат-ус-сакина” (6000 байт), “Каъбат-ул-ҳарамайн” (4000 байт), девонҳо (9000 байт), “Сурмаи сулаймонӣ”, “Кофият-ул-қофия” (600 байт), “Арафот-ул-ошиқин фӣ арасот-ил-орифин”, “Каъбаи ирфон” ва ғайра ба мерос мондааст, ки муҳимтарини онҳо тазкираи “Арафот-ул-ошиқин” аст. “Арафот-ул-ошиқин”-ро Авҳадӣ дар Ҳинд солҳои 1613-1615 ба қалам оварда, он аз муқаддима (дар шарҳи ҳоли муаллиф) ва сабаби таълифи тазкира, 28 арса дар шарҳи ҳоли 3492 суханвари мутақаддаму мутааххар ва хотима иборат мебошад. Забони тазкира аксар маснӯъ ва насраш мусаҷҷаъ буда, муаллиф ибораҳои маснӯву пуртакаллуфро ба таври фаровон истифода бурдааст. Тақии Авҳадӣ дар таълифи тазкираи мазкур аз тазкираҳои қабл аз “Арафот-ул-ошиқин” таълифгардида хеле истифода намудааст, ки шумори онҳо ба таври зерин аст: “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфии Бухоройӣ, “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, “Таърихи Байҳақӣ”, “Шерознома”-и Аҳмад ибни Абилхайри Заркӯб, “Низом-ут-таворих”, “Ҳабиб-ус-сияр”-и Хондамир, “Таърихи Ҳумоюнӣ”, “Таърихи Шоҳрухӣ”, “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, “Маҷолис-ун-нафоис”-и Амир Алишери Навоӣ, “Мақолат-ул-аброр”-и Рукнуддин Яҳёи Шерозӣ [1, с.47-49]. Дар миёни тазкираҳои номбурда, таъсири бевосита ва амиқи “Лубоб-ул-албоб”-и Авфии Бухоройӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳ, “Таърихи Байҳақӣ” таъкид ёфтаанд, вале таъсири бевоситаи “Тазкират-уш-шуаро”-и Мутрибӣ дида намешавад, ки ба назари мо як андоза аз ҳақиқат дур аст. Аз ин лиҳоз, ду тазкираро дар муқоисаи шарҳи ҳоли чанд тан аз суханварони садаи XVI-XVII муайян карданӣ ҳастам.

Аз муқоисаву муқобала ва мушоҳидаи тазкираҳои номбурда ба назар расид, Авҳадӣ дар таснифи “Арафот-ул-ошиқин” ба “Тазкират-уш-шуаро”-и Мутрибӣ мустақиман истинод накардааст. Вале аз он ҷо, ки китоби Мутрибӣ ягона сарчашмаи шомили шарҳи ҳоли як даста шоирони қарни XVI асту [8, с.107] ин шоирон дар асари Авҳадӣ низ ба назар мерасанд, онро аз маъхазҳои муқаддамоти Муҳаммад Авҳадии Балёнӣ дар таълифи “Арафот-ул-ошиқин” бояд шумурд. Чунончи, вижагии нахустини ин таъсир дар овардани исми он шоирон, ки маҳз тавассути тазкираи Мутрибӣ ба ҷо мондаанд, мебошад. Ҳарчанд дар ин навъи сабти ном маълумоти тазкиранигорон аз ҳам фарқ мекунад. Масалан, Мутрибии Самарқандӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” шарҳи ҳоли Доии Андиҷониро чунин оварда: “Доии Андиҷонӣ марде фозил буд ва дар гуфтани ашъор комил менамуд. Дар Бухоро дар мадрасаи Мири Араб ҳуҷрае дошт. Охируламр ба ҷиҳати саъйи баъзе аз акрабо тааҳҳул намуд ва ба воситаи носозиву нушузи зан бигурехт ва ба ҷониби Ҳиндустон рафта, дар Гуҷарот мутаваттин гардид ва ин байти машҳур аз ӯст:

Байт:

Доъӣ ба хидмат омаду иқбол дарнаёфт,
Бӯсид остону дуо гуфту боз гашт” [11, с.303-304].

Пас аз ин ҳикояте дар бораи шахсоне, ки аз зан мегурезанд, оварда, бо байти зерин ҳукм кардааст:

Аз ҷаври зан касе, ки бихоҳад гурехтан,
Андак масофате бувад аз Қоф то ба Қоф [11, с.303].

Аммо Муҳаммад Авҳадии Балёнӣ дар тарҷумаи ҳоли Доъӣ чунин оварда: “Ғурфаи доии камолоти ботинияи зоҳирӣ ва ниҳонӣ, Мавлоно Доии Андиҷонӣ. Марде сӯфитабиат, камсухан, бисёрандеша, ба ҳолати худ мустағнӣ, муҷаррад, гӯшагир, дарвешниҳоде омада. Молики идроки дурусти мустақим аст ва ёфату суръати интиқоли азим дорад. Аксар авқот дар Кошон ба сар мекард ва ӯ бародари бузурги Малик Тайфури Андиҷонӣ аст, ки мазкур хоҳад шуд. Дар Сифоҳон ба суҳбати вай борҳо расидаам, то ғояте дар қайди ҳаёт буд ва алҳол “алъ-илму-индаллоҳи”(яъне, Худо доност). Аз рашаҳоти саҳоби каломи ӯст. Қола:

- Дар ҳазрати Ӯ чӣ гуфт бояд, лаббайк,
Он ҷо, ки дигар салом ғунҷад, на алайк.
Ин водии ишқ аст, нигаҳ дор адаб
В-ин арзи муқаддас аст, “фахлаъ наълайк”.

-Ҳусни туву нози ту ба андозаи ҳам нест,
Ҳусне наву ноз, ин ҳама худ гӯ, ки ситам нест?

-Ба коми ошиқи дилхаста монӣ, эй дами субҳ,
К-аз иштиёқи ту мурдему барнамеоӣ.

-Арсаи олам ба пеши пои дил гоме бувад,
Баски роҳи водии ҳаҷри туро паймудааст” [2, с.1319].

Чунонки аз муқоисаи ин ду тазкира бармеояд, байни маълумоти Мутрибии Самарқандӣ ва Муҳаммад Тақии Авҳадӣ тафовути начандон калон, вале ҷоизи зикр вуҷуд дорад. Муаллифи “Тазкират-уш-шуаро” маълумотро бо зикри номи шоир оғоз карда, баъди зикри нисбааш, аз таҳсили ӯ дар мадрасаи Мири Араб дар Бухоро хабар медиҳад, сипас сафари ӯро ба Ҳинд бо сабаби “носозиву нушузи зан” нишон дода, дар Гуҷарот мутаваттин гаштани ӯро басароҳат зикр менамояд, ки ин нуктаҳо дар “Арафот-ул-ошиқин” дида нашуд. Муҳаммади Авҳадӣ дар тазкирааш бо вуҷуди овардани тарҷумаи ҳоли Доъии Андиҷонӣ дар зикри нуктаҳои муҳимме, ки Мутрибии Самарқандӣ моҳирона ба онҳо ишора карда, беэътибор будааст. Зикр кардан ба мавриди аст, ки бо шоири мазкур Мутрибӣ бевосита вохӯрдааст ва аз ин хотир никоте, ки ӯ дар бораи ин шоир сабт мекунад, саҳеҳтар ба ҳисоб меоянд. Аммо маълумоти овардаи Авҳадӣ низ бо вуҷуди никоти шубҳаовар доштан, аз фоида холӣ нест, чунончи Мутрибӣ ӯро соҳиби зан мегӯяд, Авҳадӣ бошад, муҷаррад, вале нуктаи қобили таваҷҷуҳ он ки дар “Тазкират-уш-шуаро” дар мавриди бародари ӯ маълумоте наёмада, дар “Арафот-ул-ошиқин” бошад, аз бародари ӯ зикр шудааст, Мутрибӣ аз сафари ӯ ба Ҳинду мутаваттин гаштани ӯ дар Гуҷарот хабар дода, аммо дар “Арафот-ул-ошиқин” бошад, перомуни басар бурдани ӯ дар Кошон сухан рафтааст. Илова бар ин, ҳарду тазкиранигор ӯро дидаанд ва аз муосирони Доъӣ ҳастанд. Аз баррасии маълумоти мазкур дар ҳар ду тазкира маълум аст, ки Муҳаммади Авҳадӣ, ҳарчанд ӯро дидааст, аз маълумоти “Тазкират-уш-шуаро” пуразриштар чизе зикр накардааст ва дар мавриди нуктаҳои муҳимми рӯзгору осори суханвар маълумоти Мутрибӣ боарзиштар мебошад. Бинобар дидору мусоҳибате, ки Авҳадӣ бо Доъӣ карда ва афзудани маълумоти наву тару тоза ба тарҷумаи ҳоли ӯ, ин нукта дарк мешавад, ки ӯ бо шоири мазкур дар охирҳои ҳаёташ мулоқот намуда, аз давраи ҷавонӣ ва бинои оила кардани ӯ, ки дар тазкираи Мутрибӣ зикр мешавад, иттилои комил надоштааст. Агар ба назари мо Муҳаммади Авҳадӣ тарҷумаи ҳоли Доиро пас аз зикри насабу макони зисти ӯ бо забти солу макони таваллуд, соли вафот, соҳиби девон будан ё набудани ӯ идома медод, арзиши маълумоташро бештар мекард. Бо вуҷуди он ки Муҳаммади Авҳадӣ дар равиши маълумоторӣ иҷтиноб аз нуктаҳо мекунад, дар баъзе маврид маълумоти тазкираи Мутрибиро такмил ҳам медиҳад. Масалан, Мутрибии Самарқандӣ дар шарҳи ҳоли Ҳаётии Гелонӣ навишта: “Ҳаётии Гелонӣ дар вилояти Ҳиндустон нашъунамо ёфта, дар мулозимати Мирзохон мебуда, аз шуарои хушгӯст ва ин матлаъ аз ӯст:

Матлаъ:

Чунон ба ёди ту дил айши ҷовидон дорад,
Ки завқи дарди ту аз хеш ҳам ниҳон дорад” [11, с.398].

Авҳадӣ пас аз забти сифати зиёди шоир, ки хосси забони тазкираи ӯст, мисли “соҳиби нашъаи камолоти зотиву сифотӣ, сармасти базмгоҳи ҳаётиву мамотӣ”, “хушфитрату дурустфикрат, олиҳиммату покизатабиат” ва “хира”, “тира”, “ҳаззол”, “маззоҳ”, “надим”, “базлагӯй”, “ҳозирҷавоб”, “малеҳхитоб”, “соҳиби усулу ринд”, аз маъману мавлиди шоир, ки Гелон аст, хабар дода, менависад: “Муддатҳост, ки ба Ҳинд омада, ба фароғат давлат ба сар мекунад. Ҳамеша дар хидмати Шоҳ Алоуддини Акбар ва Нуруддини Ҷаҳонгир ба муносиби олияву мадориҷи валийя ва илайҳи тарфаъу тараққӣ фармуда, мумтозу сарфароз гардидааст. Навбате Ҷаҳонгиршоҳ ӯро ба зару нуқра мувозина фармуда, чунончи дар бидояти ҳол Шоҳ Аббос Шонии Такаллуро санҷида буд.

Девони ашъори Мавлоно Ҳаётӣ қариб ба панҷ ҳазор байт ба назари қоил расида, мабнӣ бар ақсоми сухан, аз ҷумла “Туғлуқнома”-ро ҳасбуламри подшоҳ илҳоқоти шоиста фармуда ва ба асл дуруст оварда ва алҳақ хуб гуфта. Акнун ҳамчунон дар мулозимат аст, агарчи эъзозу эҳтиромашро бо мансабу ҷоҳ андак касре воқиф шуда, аммо ҳолоти ӯро аз он ҳеҷ нуқсе нест. Бағоят мусоҳиби хубест, ба суҳбати вай расидаам. Дар санаи 1028 шунидам, ки фавт шуд” [2, с.1181]. Пас аз ин 36 байт аз намунаи ашъори Ҳаётӣ овардааст

[2, с.1181-1183]. Аз ин маълумоти Авҳадӣ метавон чанд нуктаро дарёфт, ки дар тазкираи Мутрибӣ дида намешавад. Инҳо: дар Ҳинд зиндагии бафароғат доштан, ба хидмати Акбар ва Ҷаҳонгир расидани ӯ ва дар дарбор обрӯву нуфузи бисёр доштан, дар он ҷо аз ҷиҳати шоирӣ тараққӣ кардан, соҳиби девон будан, ҳунари волои шоирӣ доштан ва амсоли ин.

Дар мавриди рӯзгори Ҳаётӣ нуктаҳои мазкур дар “Тазкират-уш-шуаро” наёмадааст [11, с.398]. Нуктаи муҳим дар зикри шарҳи ҳоли Ҳаётӣ дар ҳар ду тазкира он аст, ки ҳар ду соли вафот ва зиндагии ӯро дар Ҳинд қайд кардаанд, вале Авҳадӣ, ки ба суҳбати Ҳаётии Гелонӣ расида буд, маълумоти муқаддамотии Мутрибиро бо маълумоти “Арафот-ул-ошиқин” пурра мекунад, ки ин муҳимтарин принсипҳои таснифоти тазкира дар тӯли таърихи тазкиранигориро нишон медиҳад. Принсипи бардошти Муҳаммад Тақии Авҳадӣ аз тазкираҳои пешин ба ҳамин минвол мебошад. Яъне, ӯ аз нуктаҳои асосии ҳаёт ва осори шуарои пешин, ки дар тазкираҳои манбаъ вуҷуд доранд, аз диди худ истифода карда, мекӯшад, то ҷумлаеро ҳам аз гузаштагон такрор накунад. Аз ин рӯ, ҳини бардоштҳояш аз тазкираҳои дигар аз чунин шева кор мегирад ва ҳатто дар мавриди зарурӣ ба такмили тазкираи мавриди истифодааш мепардозад. Вале, мутаассифона, ин шева дар ҳама ҳолот қобили эътимод нест, мисоли онро дар шарҳи ҳоли Доии Андиҷонӣ мушоҳида намудем. Масалан, Мутрибии Самарқандӣ дар тарҷумаи ҳоли Анисии Ироқӣ чунин оварда: “Анисии Ироқӣ исмаш Юлиқулибек буда, аз шуарои муътабар аст. Назди салотин эҳтиром дошта ва ба мансаби китобдории Алиқулихон - ҳокими Ҳирот мансуб буда, баъд аз ҳаводиси замону инқилоби даврон ва истилои хоқони соҳибқирон - Абдуллоҳхон бар мамолики Хуросон, ба Ҳиндустон рафта, дар хайли мулозимони Хони Хонон интизом ёфта. Шоирест мавзун ва ашъораш дурри макнун, фааммо баъзе аз абёти ӯ, ба ҷиҳати зиёдии муболиға дар маъонӣ, аз доираи эътидол берун омада, чунонки ин байти ӯ нотиқи ин маъност:

Байт:

Эй ахтаре, ки аз сипеҳри наволи хеш,
Ҳар рӯз ба моҳу меҳр тафохур кунӣ қирон” [11, с.223-224].

Пас аз ин Мутрибӣ ба нақду таҳлили сухани Анисӣ пардохта, иштибоҳи ӯро бо мисолҳо аз ашъори шуарои дигар ошкор сохтааст ва дар поёни сухан “Ашъори хубу гуфтори марғуб дорад ва ин се ғазали дилписанд аз гуфтори баланди ӯст” гӯён, се ғазал ва ду байти Анисиро ба таври намуна зикр кардааст [11, с.24-26].

Муҳаммад Тақии Авҳадӣ шарҳи ҳоли Анисии Ироқиро дар “Арафот-ул-ошиқин” чунин навишта: “Ғурфаи соҳиби фитрати баланду гавҳари назми арҷманд, нозуктабиати мушкилписанд, ҳунарманд, молики каломе дар камоли латофату нафисӣ, бедили риштаи борики маънирасӣ, Наҷмуддини Анисӣ…

Номи вай Юлиқулибек ва аз тавоифи Шомлуст. Мавлиду маншаи вай Ҳирот. Муддатҳо дар он ҷо мулозимати Алиқулихони Шомлу кардӣ, ки ҳокими мутлақ буд ва дар хидмат ба мансаби китобдорӣ маъруф шуд ва дар маҷлиси он хони бузургқадри олишаън ба камоли шофии вофӣ расида. Касби ҷамиъи фунуни ҳунармандӣ кард, аз ҷумла бағоят хуш менавишт ва дар равиши суҳбату маҷлисороӣ ва нуктафаҳмиву замирдонӣ ва ҳаррофӣ бемасал буда, фунуни сипоҳкориро худ ба меросӣ дошта. Алҳақ назме олии вофӣ ва табъе равону софӣ дошта, фитрате сад раҳ аз оби равон софтар, фикрате аз гавҳари хуршед шаффофтар, ашъораш аз ғазалу қасоиду маснавии “Маҳмуд ва Аёз” маъруфу мазкуру машҳур аст. Ҳама дар ғояти назокату латофат ва малоҳату фасоҳат.

Бо вуҷуди он ки Мутрибӣ соли сафари ӯро ба Ҳинд қайд карда, дар силки мулозимони Хони Хонон рӯзгор гузаронидани ӯро сабт мекунад, вале аз равобити ӯ бо шоирони дарбору соҳиби маснавии “Маҳмуд ва Аёз” будани ӯ ва сабаби маргу соли вафоти шоир хабаре наовардааст. Авҳадӣ бошад, бо вуҷуди таърифу тавсифи муболиғаомезаш равобити Анисиро бо шоирони дарбор, чун Шикебии Сифоҳониву Навъии Хабӯшонӣ ва Куфрӣ ва соҳиби маснавӣ будани ӯро нишон дода, солу макони вафоти шоирро махсусан бо зикри сабаби маргаш овардааст, ки аз нуктаҳои муҳимми рӯзгори суханвар ба ҳисоб меояд. Чунин бартарияти “Арафот-ул-ошиқин” аз “Тазкират-уш-шуаро” ва ё овардани маълумоти якгунаро дар тазкираҳои мазкур дар шарҳи ҳоли суханвароне, чун Зуҳурии Туршезӣ [3, с.2299; 11, с.328], Малики Қумӣ [5, с.3727; 11, с.350-351], Мушкилии Самарқандӣ [5, с.3691; 11, с.499] ва ғ.

Ин падида дар бисёр ҷойҳои тазкираи Авҳадӣ дида шавад ҳам, мавридҳои зиёде ҳаст, ки маълумоти Мутрибии Самарқандӣ бамаротиб аз маълумоти соҳиби “Арафот-ул-ошиқин” дақиқтару ба асл наздиктар аст. Чунончи, ин нукта дар мисоли шарҳи ҳоли Ваҳшии Бофиқӣ [5, с.4076; 11, с.346-348], Восилии Марвазӣ [5, с.4055; 11, с.352-361], Мухлисӣ [5, с.4648-46-49; 11, с.455-458], Лиқоии Самарқандӣ [4, с.3253; 11, с.445-446], Содиқи Ҳалвоӣ [3, с.2100; 11, с.600-601] ва ғ. дида мешавад, зеро маълумоте, ки Мутрибӣ дар шарҳи ҳоли шуарои мазкур бо баррасии рӯзгору хусусиятҳои ашъори онҳо бо истинод

ба асарҳои суханварони бузурге, чун Абдурраҳмони Ҷомӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, аҳодиси набавӣ ва оёти қуръонӣ оварда, арзишмандтар аз маълумоти сабткардаи Авҳадӣ дар “Арафот-ул-ошиқин” мебошад. Масалан, Мутрибӣ зимни шарҳи ҳоли Восилӣ ба Марвазӣ будани ӯ, дӯстии ӯ бо Хоҷа Муҳаммад Саид ном дарвеш, мусоҳибату мулозимати ӯ бо Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва касби илм аз суханвари мазкур, сафари ӯ ба Ҳиндустон ва хидмат дар дарбори Ҳумоюнподшоҳ ишораҳо карда [11, с.352-356], ки дар “Арафот-ул-ошиқин” маълумотҳои мазкур дида намешавад [5, с.4055]. Ҳамчунин, дар мавриди намунаи ашъори суханвари номбурда низ “Тазкират-уш-шуаро”-и Мутрибӣ аз “Арафот-ул-ошиқин”-и Авҳадӣ бартар аст. Чунин равиш дар шарҳи ҳоли Лиқоии Самарқандӣ низ дида мешавад. Мутрибӣ гӯяд: “Лиқоии Самарқандӣ таҳсили улум намуда, ба мартабаи мавлавият расида ва ба мазмуни ҳадиси “ал-Қаноату канзун ло йафно” тариқи қаноатро паймуда, аз ҳирс иҷтиноб менамуд.

Ҷаноби мушорун илайҳӣ бисёр марди дарвеши покизазамир буд ва намозро аҷоиб неку мегузорад ва рукӯву суҷуду тумаънинаву таъдили аркон ва ҷуз онро неку ба ҷой меоварад ва ин мақтаъ аз гуфтори ӯст:

Эй Лиқоӣ, ҳар он ки ошиқ нест,
Ҳаст биллоҳи ом ка-л-анъом” [11, с.445].

-ва ҳамчунин пас аз мақтаъи мазкур дар мавриди намозгузории Лиқоӣ ҳадисе аз Пайғамбар (с) овардааст [11, с.345-346]. Аммо Авҳадӣ бошад, дар шарҳи ҳоли Лиқоӣ ба нақл аз “Маҷолис-ун-нафоис”-и Навоӣ чунин навишта: “Дар маҷолис омада, ки Мавлоно Лиқоӣ марде хушлиқо буда, маҳфузаи Самарқанд аст, баъзе мухтасарот дида, табъе шӯх дошта:

Рух намудан аз он парӣ аҷаб аст,
Аз парӣ одамигарӣ аҷаб аст” [4, с.3253].

Мо бо мушоҳида дар равиши кори Мутрибӣ дар муқоиса бо равиши Муҳаммад Тақии Авҳадӣ ба чунин хулоса расидем, ки Авҳадӣ ҳангоми сабти шарҳи ҳоли шоирон бештар мутаваҷҷеҳи баёни зебост, вале Мутрибӣ бошад, бештар мутаваҷҷеҳи умқи маълумоту дақиқияти он аст. Ҳарчанд, дар мавридҳои муайян маълумоти тазкираи “Арафот-ул-ошиқин” маълумоти “Тазкират-уш-шуаро”-ро такмил медиҳад, диққати матолиб ва сиҳҳатии он, ба сабаби принсипи пешгирифтаи соҳиби “Тазкират-уш-шуаро” қимати ин тазкираро болотар мебарад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авҳадӣ, Муҳаммад Тақӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин / Муҳаммад Тақии Авҳадӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷ.1. - Теҳрон: Асотир, 1388.
2. Авҳадӣ, Муҳаммад Тақӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин / Муҳаммад Тақии Авҳадӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷ.2. - Теҳрон: Асотир, 1388.
3. Авҳадӣ, Муҳаммад Тақӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин / Муҳаммад Тақии Авҳадӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷ.4. - Теҳрон: Асотир, 1388.
4. Авҳадӣ, Муҳаммад Тақӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин / Муҳаммад Тақии Авҳадӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷ.5. - Теҳрон: Асотир, 1388.
5. Авҳадӣ, Муҳаммад Тақӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин / Муҳаммад Тақии Авҳадӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Ҷ.6. - Теҳрон: Асотир, 1388.
6. Гӯпомӯӣ, Муҳаммад Қудратуллоҳ. Натоиҷ-ул-афкор / Муҳаммад Қудратуллоҳи Гӯпомӯӣ; ба кӯшиши Ардашери Набишоҳӣ. - Бамбей: Чопхонаи Султонӣ, 1336.
7. Ғанӣ, Муҳаммад Абдулғанихон. Тазкират-уш-шуаро / Муҳаммад Абдулғанихони Ғанӣ; бо эҳтимоми Муҳаммад Муқтадихони Шарвонӣ. - Алигарҳ, 1916.
8. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI / У. Каримов. - Душанбе: Дониш, 1985.
9. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷ.2. / Аҳмад Гулчини Маонӣ. - Теҳрон, 1363.
10. Нақавӣ, Алиризо. Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон / Алиризо Нақавӣ. - Теҳрон,1964.
11. Самарқандӣ, Мутрибӣ. Тазкират-уш-шуаро / Мутрибӣ Самарқандӣ; бо муқаддима ва таҳшияву таълиқоти Алӣ Рафеии Аломарвдаштӣ. - Теҳрон: Маркази нашри мероси мактуб, 1382.

ТАЗКИРАИ “АРАФОТ-УЛ-ОШИҚИН”-И АВҲАДӢ ВА “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО”-И МУТРИБИИ САМАРҚАНДӢ

Дар мақола сухан перомуни қиёс ва муқобалаи “Арафот-ул-ошиқин”-и Тақиуддин Муҳаммади Авҳадӣ ва “Тазкират-уш-шуаро”-и Мутрибии Самарқандӣ меравад. Дар бахши муқаддима мухтасаран ба зиндагинома ва осори муаллифи “Арафот-ул-ошиқин” пардохта, арзиши адабии ин асар баррасӣ шудааст. Дар таҳқиқ ва муқоисаи ин ду тазкира, ки ҳарду дар мавриди шоирони асри XVI маълумот медиҳанд, ба хулосае омадем, ки шояд аз сабаби дастрасӣ надоштани Авҳадӣ ба “Тазкират-уш-шуаро”-и Мутрибӣ ва ё аз маълумоти он бехабар буданаш, агарчи мустақиман ба китоби Мутрибӣ ишора накардааст, аммо бо чанд далел таъсири тазкираи Мутрибӣ дар омода шудани маводи “Арафот-ул-ошиқин” ба назар мерасад, ки яке аз муҳимтарини онҳо ҳамгунагии маълумотист. Дар мақола қайд карда мешавад, ки таъсири “Тазкират-уш-шуаро”-и Мутрибӣ дар омода шудани маводи “Арафот-ул-ошиқин” ва ҳамгунии маълумоти тазкиранигорон роҷеъ ба ҳаёти шуаро мебошад. Ба ҳамин равиш зикри чанд шоир, монанди Доии Андиҷонӣ, Мавлоно Ҳаётӣ, Аниси Ироқӣ ва ғайра, ки дар муқоисаи ин ду тазкира ба қалам омадааст, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар қисмати хотимавии мақола ишора мешавад, ки тазкираи “Арафот-ул-ошиқин” дар баъзе маврид маълумоти “Тазкират-уш-шуаро”- ро такмил дода бо баёни фасеҳтар ақидаронӣ намуда бошад, Мутрибӣ ба дақиқбаёнии маълумотҳо арзишмандии тазкираашро афзудааст, ки қобили қайд мебошад.

Калидвожаҳо: Мутриби Самарқандӣ, “Тазкират-уш-шуаро”, Муҳаммади Авҳадӣ, “Арафоту-уш-ошиқин”, муқоиса, тазкира, тазкиранигорӣ.

АНТОЛОГИЯ “АРАФОТ-УЛ-ОШИКИН” АВХАДИ СРАВНЕНИЕ “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО” МУТРИБИ САМАРКАНДИ

В статье анализированы произведение Мутриби Самарканди “Тазкират-уш-шуаро”, которое написано в один и тот же период и в одно и то же время на одну тему с произведением Такиуддина Мухаммади Авхади “Арафот-ул-ошикин”. Во вступительной части произведения речь идёт о краткой биографии автора “Арафот-ул-ошикин”, о его наследии, и художественном значении данного произведения. В следующем варианте приводятся сравнения двух антологий, где даны сведения о поэтах XVI века, которые приходят к такому заключению, что или Авхади не видел произведение Мутриби “Тазкират-уш-шуаро” или не был знаком с его сведениями, тем более об этом в произведении ничего не сказано. По нашим наблюдениям, некоторые факты говорят, что имело место влияние антологии Мутриби на “Арафат-ул-ошикин”. Важность ещё в том, что в двух антологиях сведения о жизни поэтов схожи друг с другом. В статье также повествуется, что для сравнения двух антологий приводятся мысли таких поэтов, как Доии Андижани, Мавло Хаёти, Аниси Ироки и других. В заключительной части статьи излагаются хвалебные сведения произведения “Арофот-ул-ошикин”, а в произведении “Тазкират-уш-шуаро” сведения значимы верным повествованием и точностью. В некоторых случаях произведение “Арафот-ул-ошикин” пополняется данными, становится ясно, что “Тазкират-уш-шуаро” обладает большой значимостью.

Ключевые слова: Мутриби Самарканди, “Тазкират-уш-шуаро”, Мухаммади Авхади, “Арафот-ул-ошикин”, сравнение, антология.

ANTOLOGY “ARAFOT-UL-OSHIKIN” AVHADI COMPARISON “TAZKIRAT-USH-SHUARO” MUTRIBI SAMARKANDI

The article analyzes the work of Mutribi Samarkandi “Tazkirat-ush-shuaro”, which was written at the same time and at the same time on the same topic as the work of Takiuddin Muhammadi Avhadi “Arafot-ul-oshikin”. In the introductory part of the work, we are talking about a brief biography of the author “Arafot-ul-oshikin”, his legacy, and the artistic significance of this work. The following version compares two anthologies that provide information on poets of the 16 th century who come to the conclusion that either Avkhadi did not see Mutribi's work “Tazkirat-ush-shuaro” or was not familiar with his information, especially about this in the work nothing is said. According to our observations, some facts say that there was an influence of the anthology of Mutribi on “Arafat-ul-oshikin”. The importance is also that in two anthologies, information about the life of poets is similar to each other. The article also narrates that to compare the two anthologies, the thoughts of poets such as Doii Andijani, Mavlo Hayeti, Anisi Iroki and others are given. In the final part of the article, laudatory information of the work “Arofot-ul-oshikin” is set forth, and in the work “Tazkirat-ush-shuaro” the information is significant with the correct narration and accuracy. In some cases, the work “Arafot-ul-oshikin” replenished with data, it becomes clear that “Tazkirat-ush-shuaro” has greater significance.

Key words: Mutribi Samarkandi, “Tazkirat-ush-shuaro”, Muhammadi Avkhadi, “Arafot-ul-oshikin”, comparison, anthology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбоналиева Махфират Саъдуллаевна*** - Донишгоҳи давлатии Термиз, муаллими калон. E-mail: **Kurbonalieva75@mail.ru.** Тел.: **(+998) 90-520-05-41**

Сведения об авторе: ***Курбоналиева Махфират Садуллаевна*** - Термизского государственного университета, старший преподаватель. E-mail: **Kurbonalieva75@mail.ru.** Тел.: **(+998) 90-520-05-41**

Information about the author: ***Kurbonalieva Makhfirat Sadullaevna*** - Termiz State University, the head teacher. E-mail: **Kurbonalieva75@mail.ru.** Tel.: **(+998) 90-520-05-41**

УДК:891.55:891.550

ҶОЙГОҲИ “МАҶОЛИС УН-НАФОИС” ВА ТАРҶУМАҲОИ ОН ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ФОРСУ ТОҶИК

Қурбонов Б.
Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд

Таърихи башарият гувоҳӣ медиҳад, ки мутафаккирон ва абармардони зиёде дар тӯли чандин садсолаҳо зиндагӣ ва эҷод намуда, осори гаронбаҳое аз худ мерос гузоштаанд. Барои омӯзиш ва тадқиқи мероси гаронбаҳои аҷдодони тавонманд муҳаққиқони зиёде заҳмат кашидаанд ва то андозае дар ин ҷода муваффақият ба даст овардаанд. Яке аз муҳимтарин воситае, ки барои омӯзиш ва тадқиқи осори гузаштагон имконият фароҳам меоварад, асари тазкиравӣ аст. Тазкираи Мир Алишерӣ Навоӣ, ки “Маҷолис ун-нафоис” ном дорад, воситаи муҳимтарин барои омӯзиши осору аҳволи як силсила шоирон ва адибони форсигӯ, туркзабон ва адибони зулисонайн ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ин асар дар қатори осори дигари Алишери Навоӣ ҳудуди 500 сол аст, ки ҳамчун сарчашмаи ноёби илмӣ истифода бурда мешавад. Азбаски ин асар ба забони туркӣ-чиғатоӣ навишта шудааст, зарурати тарҷумаи он борҳо пеш омадааст ва чандин бор тарҷума шудааст. Яке аз асоситарин ва аввалин тарҷумаи форсии тазкираи “Маҷолис ун-нафоис” ба қалами Фахрии Ҳиравӣ мансуб аст, ки он “Латоифнома” ном дорад.

Адабиёти қарни XV-ро бе тазкираи “Маҷолис ун-нафоис” омӯхтан ва тадқиқ намудан ғайри имкон аст. Бинобар маълумоти манбаъҳои мухталифи илмӣ ин тазкира дар

бораи бештар аз 385 нафар шоирони ҳамзамони муаллиф ва шоироне, ки қабл аз ӯ зиндагӣ кардаанд, маълумот медиҳад. Тазкира аз ҳашт боби муфассал иборат аст ва ҳар як боб аз тарафи муаллиф "маҷлис" номида шудааст. Шоироне, ки дар ин маҷолис зикр гардидаанд мувофиқи замони зиндагӣ ҳар кадом ба маҷлисе марбут дониста шудаанд.

Тазкираи мазкур аз сабаби дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва адабӣ буданаш аз замони зиндагии муаллиф сар карда то ба имрӯз борҳо диққати мутарҷимонро ба худ ҷалб намудааст. Тарҷума намудани "Маҷолис ун-нафоис" ба забони форсӣ ҳанӯз дар овони зиндагии худи муаллиф шурӯъ шудааст. Тавре ки баён намудем, аввалин тарҷумаи ин асар тарҷумаи Фахрии Ҳиравӣ, яъне тарҷумаи форсӣ аст, ки хеле қабл аз мутарҷимони дигар, яъне аввалтар аз намояндагони забон ва ақвоми дигар ба амал омадааст, зеро бо вуҷуди ин ки ба забони туркӣ-чиғатоӣ таълиф гардидааст, ин асар вобастагии амиқ ба адабиёт ва фарҳанги форсу тоҷик дорад. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки ин тазкира аҳволу осори теъдоди зиёди адибони форсигӯи қарни XV-ро чун оина манзури ҳамагон мегардонад. Донишманди машҳури эронӣ Алиасғар Ҳикмат дар робита ба ин тазкира тадқиқот бурда, оиди тарҷумаҳои форсии он чунин мегӯяд: "Чун асли ин китоб ба туркии чиғатоӣ аст ва нусхаи туркии он бо ин ки дар Теҳрон мутаъаддад ва фаровон ва дастрас мебуд, вале истифода аз он мутаассир менамуд. ... вай дар садад баромад, ки нусхае аз тарҷумаи форсии он ба даст оварад ва он тарҷумае аст ба номи "Латоифнома", ки нусхае аз он дар музеи Британиё мавҷуд аст" [2, с.21]. Ин навиштаи Алиасғар Ҳикмат аз сабаби мураккабии тарзи баён каме мушкилфаҳм аст, аммо муфид ва ҷолиб аст. Ӯ бо ин навиштаи худ баён менамояд, ки нусхаи аслии ин асар туркӣ аст ва нусхаи таълифшудаи он дар Теҳрон мутаъаддад, яъне хеле зиёд аст, аммо аз сабаби туркӣ буданаш барои хонандагони форсизабон чандон қобили истифода нест. Бо ин ақида Алиасғар Ҳикмат низ тарҷумаи асари мазкурро зарур меҳисобад ва ӯ ҳам ҳамчун тарҷумаи муҳимми форсии "Маҷолис ун-нафоис" ба "Латоифнома" ишора мекунад. Алиасғар Ҳикмат дар бораи аҳаммияти илмии тазкираи мазкур чунин мегӯяд: "Агар китобе дар шарҳи ҳол ва мақоли бузургони сухан навишта шуда аст, аз қадимулайём то замони ҳолро як силсила мураттаб фарз кунем, ҳалқае, ки ду китоби "Тазкират уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва "Туҳфаи Сомӣ"-и Соммирзои Сафавиро ба якдигар васл кунад, ҳамоно ин китоб ва изофоти тарҷумаҳои беназири он хоҳад буд ва дар ҳақиқат он "ҳалқаи мафқуда" инак мавҷуд шуда ва ин силсилаи мунфасилро ба якдигар муттасил кардааст" [2, с.23]. Аз ин гуфтаҳои муҳаққиқи эронӣ бармеояд, ки "Маҷолис ун-нафоис"-и Мир Алишери Навоӣ диққати муҳаққиқони эрониро низ ба худ ҷалб намудааст ва ҳамчун асари барҷастаи илмӣ ва фарҳангӣ шинохта шудааст. Чи тавре ки аён аст, олими эронӣ Алиасғар Ҳикмат "Маҷолис ун-нафоис"-ро бо ду тазкираи бузург "Тазкират уш-шуаро" ва "Туҳфаи Сомӣ" ҳамрадиф донистааст.

Ғайр аз ин, олимони дигар низ оиди зарурати омӯзиши асари мазкур изҳори ақида намудаанд. Муаллифони китоби "Адабиёти тоҷик (Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) Р. Ҳодизода, У.Каримов, С. Садиев низ дар ин бора маълумот дода, оиди тарҷумаҳои он мухтасаран фикр баён намудаанд. Дар китоби мазкур танҳо роҷеъ ба ду тарҷумаи "Маҷолис ун-нафоис", яъне тарҷумаи Фахрии Ҳиравӣ ва тарҷумаи Ҳакимшоҳ Қазвинӣ маълумот дода шудааст.

Олим ва адабиётшиноси машҳур Аҳмад Гулчин Маонӣ дар асари худ бо номи "Тазкираи адабиёти форс" ба тазкираи "Маҷолис ун-нафоис" эътибори хос зоҳир намудааст. Бинобар гуфтаи ӯ, "Маҷолис ун-нафоис" барои омӯзиши адабиёти форс нақши муҳим мебозад ва он якчанд бор аз туркӣ ба тоҷикӣ тарҷума гардидааст. Дар ин асар оиди панҷ тарҷумаи "Маҷолис ун-нафоис" маълумот дода шудааст. Муҳаққиқи дигаре ба номи Аҳмади Мунзӣ низ ба мавҷуд будани панҷ тарҷумаи "Маҷолис ун-нафоис" ишора намудааст.

Аз маълумотҳои болоӣ аён мегардад, ки "Маҷолис ун-нафоис" яке аз муҳимтарин асарҳое аст, ки дар садаи XV ба забони туркӣ-чиғатоӣ таълиф гардидааст. Чи тавре ки муфассалан баён гардид, чандин тарҷумаи форсии ин асар мавҷуд аст. Ба ғайр аз "Латоифнома"-и Фахрии Ҳиравӣ боз як тарҷумаи дигари форсии "Маҷолис ун-нафоис" мавҷуд аст, ки он ба қалами Алӣ ибни Абдулалӣ мансуб аст. Дар ин хусус Алиасғар Ҳикмат дар муқаддимаи асари худ маълумот додааст ва онро тарҷумаи саввуми "Маҷолис ун-нафоис" гуфтааст. Дар ин хусус дар асари Аҳмад Гулчин Маонӣ низ маълумот омадааст. Бинобар маълумотҳои мухталиф нусхае аз ин китоб ҳам дар музеи Британиё маҳфуз аст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми дигари тазкираи "Маҷолис ун-нафоис" дар аст, ки он барои асарҳои зиёди илмӣ ҳамчун "Арафот ул-ошиқин"-и Тақиуддини Болёнӣ ба сифати манбаи асосӣ нақш бозидааст. Дар ин қабил асарҳо тазкираи "Маҷолис ун-нафоис" бештар аз 200 маротиба хотиррасон шудааст. Бояд тазаккур дод, ки "Маҷолис ун-нафоис" то ҳанӯз аз тарафи муҳаққиқони зиёде омӯхта мешавад. Тарҷумаи охирини "Маҷолис ун-

нафоис” аз тарафи Абдулғафур Дастёр мутарҷим ва адиби афғон дар соли 2016 дар шаҳри Мазоришариф ба табъ расидааст. Китоби мазкур бо роҳнамоии доктор Муҳаммад Яъқуб Воҳидӣ нашр гардидааст ва дар он аз заҳматҳои фаровони олими навоишиноси машҳур Суйимахон Ғаниева ёдоварӣ шудааст. Тарҷумаи мазкурро ҳамчун як кори муҳимми илмӣ эътироф намудан мумкин аст, зеро “Маҷолис ун-нафоис” асарест, ки дар он саҳеҳтарин маълумотҳо оиди адабиёт ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ сабт гардидаанд.

Маълум аст, ки барои омӯзиши осори ниёгон ҳар як муҳаққиқ ба манбаъ ва сарчашмаҳои илмӣ такя мекунад. Бинобар ин, тазкираҳои гаронбаҳо, ки аз тарафи бузургон таълиф шудаанд, ганҷинаи ноёбе ҳастанд, ки хушбахтона дар натиҷаи заҳматҳои мутарҷимон то замони мо омада расидаанд. Тадқиқ ва бознашри осори қадим ҳамеша барои ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ хидмат мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулғафур Дастёр. Тарҷумаи дарии “Маҷолис ун-нафоис” / Дастёр, Абдулғафур. - Мазори Шариф, 1396 ҳ.қ.
2. Алиасғари Ҳикмат. Тазкираи “Маҷолис ун-нафоис” / Ҳикмат, Алиасғар. – Теҳрон, 1342 ҳ.ш. – С.23.
3. Валихӯжаев Б. Ӯзбек адабиётшунослиги тарихи / Б. Валихӯжаев. – Тошкент, 1993.
4. История узбекской литерату ры. В двух томах. Ташкент: Фан, 1989. Т.2. С. 149.
5. Навои А.Сказание о Лейли и Меджнуне из племени Бену-Амир.М., «Искусство» 1978.манбаи электронӣ https://www.krugosvet.ru/enc/kultura_i_obrazovanie/literatura/Navoi_Alisher.html
6. Саади А.. Творчество Алишера Навои как высший этап узбекской классической литературы. – Т.: 1945-48;
7. Семёнов А. А.. Гератская художественная рукопись эпохи Навои и её творцы, Сб. «Алишер Навои», М.-Л., 1946;
8. Бертельс Е. Э.. Навои, Избранные труды, «Навои и Джами», М., Изд-во «Наука», 1965.
9. Рустамов Э. Р.. Страници из биографии Алишера Навои, Краткие сообщеная ИНА, вып. 63, ИВЛ, 1963;
10. Якубовский А. Ю.. Черты общественной жизни эпох Алишера Навои. Сб. «Алишер Навои», М.-Л., 1946;

ҶОЙГОҲИ “МАҶОЛИС УН-НАФОИС” ВА ТАРҶУМАҲОИ ОН ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ФОРСУ ТОҶИК

Алишер Навоӣ на танҳо ба рушди сохтори давлатӣ саҳми арзанда гузоштааст, инчунин ӯ дарбехтарсозии забони ӯзбекӣ таъсири хосса раонидааст. Асарҳои ӯ дар аксари мамлакатҳои шарқ машҳуранд. Осори адабии шоир бузург аст: қариб 3000 асарҳои дар жанрҳои гуногун таълифшуда. Алишер Навоӣ, ки шеърҳои ӯ ба аксари забонҳои ҷаҳон тарҷума гардидааст, на танҳо шеър, инчунин асарҳои калон менависад. Навоӣ бо ақидаҳои васеи худ ҳамчун ҳокими инсондӯст ва одил машҳур гардидааст, ки бар зидди бадеҳкориҳои ашрофон баромад менамуд. Тазкираи “Маҷолис-ун-нафоис”-и Алишери Навоӣ ва тарҷумаҳои он барои омӯзиши адабиёти қарни XV, махсусан барои тадқиқи осори адибони он давр, ки ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва туркӣ эҷод намудаанд, сарчашмаи асосии илмӣ ба шумор меравад. Дар ин мақола тарҷумаҳо ва дараҷаи омӯзиши онҳо баррасӣ гардидаанд. Ғайр аз он, дар хусуси тарҷумаҳои нави асари мазкур маълумот дода шудааст, ҳамчунин зарурати тарҷума ва бознашри осори ниёгон барои нигаҳдории мероси адабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: “Маҷолис ун-нафоис”, Навоӣ, Фахрии Ҳиравӣ, тазкира, “Латоифнома”, фарҳанг, тарҷума, адабиёт...

“МАЖОЛИС УН-НАФОИС” (“СОБРАНИЕ ИЗБРАННЫХ”) И ЕГО ПЕРЕВОДЫ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Алишер Навои внес огромный вклад не только в развитие государственного устройства, он оказал значительное влияние на улучшение узбекского языка. Его произведения известны во многих восточных странах. Литературное наследие поэта велико: примерно 3000 произведений самых различных жанров. Алишер Навои, стихи которого переведены на многие языки, писал не только лирику, но и крупные произведения. В основном поэт писал на чагатайском языке, постоянно совершенствуя его структуру. Навои был известен своими широкими взглядами как гуманный, справедливый правитель, выступавший против злоупотреблений вельмож. Произведение Алишера Навои в жанре тазкире “Мажолис ун-нафоис” (“Собрание избранных”) и его переводы являются основным источником для изучения сочинений поэтов XV века, осуществивших творчество на персидско-таджикском и тюркских языках. В статье рассматриваются переводы “Мажолис ун-нафоис”, а также уровни их изучения. Кроме того, проведен обзор новых переводов произведения, поскольку переиздание и перевод древних рукописей и сочинений служит сохранению культурных ценностей народа.

Ключевые слова: “Мажолис ун-нафоис”, Навои, Фахри Хирави, онтология, “Латоифнома”, культура, перевод, литература...

“MAZHOLIS UN-NAFOIS” (“THE MEETING OF THE ELECTED”) AND ITS TRANSLATIONS IN PERSIAN-TAJIK LITERATURE

Alisher Navoi made a huge contribution not only to the development of the state structure, he had a significant impact on the improvement of the Uzbek language. His works are known in many eastern countries. The poet's literary heritage is great: about 3,000 works of various genres. Alisher Navoi, whose poems have been translated into many languages, wrote not only lyrics, but also major works. Basically, the poet wrote in the Chagatai language, constantly improving its structure. Navoi was known for his broad views as a humane, just ruler who opposed the abuse of nobles. The work of Alisher Navoi “Majolis un-nafois” (“Collection of the Elect”) and his translations are the main source for studying the works of poets of the 15th century who performed work in Persian-Tajik and Turkic languages. The article deals with the translations of “Majolis un-nafois”, as well as the levels of their study. In addition, a review of new translations of the work was conducted, since the reprinting and translation of ancient manuscripts and essays serves to preserve the cultural values of the people.

Key words: “Majolis un-nafois”, Navoi, Fakhri Khirawi, ontology, “Latoifnoma”, culture, translation, literature…

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Бобур*** – Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд, муаллими кафедраи забонҳои Шарқи Наздик. **Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд, кӯчаи Бустонсарой, 93

Сведения об авторе: ***Курбонов Бобур*** – Самаркандский государственный институт иностранных языков, преподаватель кафедры ближневосточных языков. **Адрес:** 703047, Республика Узбекистан, Самаркандская область, улица Бустонсарой, 93.

Information about the author: ***Kurbonov Bobur*** **-** Samarkand State Institute of Foreign Languages, teacher of the Department of Middle Eastern Languages. **Address:** 703047, Republic of Uzbekistan, Samarkand region, Bustonsaroy street, 93.

УДК:891.550

ИСМАТИ БУХОРОӢ – ШОИРИ ПАЙРАВИ МАКТАБИ АДАБИИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Муқумова Д.З.
Донишгоҳи давлатии Термиз

Мавлоно Хоҷа Фахруддин Исматуллоҳ ибни Масъуди Бухороӣ аз донишмандон ва шоирони намоёни охири асри XIV ва аввали асри XV ба шумор меравад. Зикри исми шарифаш дар сарчашмаҳои дасти аввал: [13, с.333; 2, с.2487; 11, с.326; 8, с.12; 6, с.191; 9, с.299, 7, с.184; 4, с.50; 4, с.1028; 14, с.286] далолат ба мартабаи баланд ва ҳунари волои шоирии ӯ мекунад. Насабаш ба Ҷаъфар ибни Абӯтолиб мерасад ва ниёгонаш дар Бухоро шуҳрату ҳурмате доштанду мавриди таваҷҷуҳи мулук ва умарои он диёр буданд [14, с.286]. Аз рӯйи маълумоти Давлатшоҳ маълум мешавад, ки Исмати Бухороӣ соҳиби фазлу дониши вофир ва дар шеваи шоирӣ – ҳоҳ қасидагӯӣ, хоҳ ба тарзи ғазалиёту маснавӣ ва муқаттаот моҳир будааст [13, с.333]. Ӯ дар замони салтанати Султон Халил тарбияти куллӣ ёфта, шоҳзода нисбат ба ӯ эҳтироме хос доштааст ва ҳатто илми шеърро аз ӯ таълим мегирифтааст. Вақте дар миёни ин ду ҷудоӣ воқеъ мешавад, Хоҷа Исмат дар фироқи Султон Халил абёти зеринро сурудааст, ки аз меҳру алоқа ва унси онҳо далолат мекунад:

Кош фармудӣ, ба шамшери ҷудоӣ куштанам,
То ба хорӣ дар чунин рӯзе надидӣ душманам.
Боғбон, гӯ, дар таҳи девори гулзорам бикуш,
Бе вуҷудаш гар кашад хотир ба сарву савсанам [13, с.333].

Исмати Бухороӣ баъди салтанати Ӯлуғбеки Гӯракон аз маддоҳӣ даст кашида, дар охир аз шоирӣ низ истиғфор намудааст. Аз муосирону муҳосибони шоир, ки пайваста дар маҷолиси шеърии ӯ ташриф меовардаанд, Мавлоно Бисотии Самарқандӣ, Мавлоно Хаёлии Бухороӣ, Мавлоно Барандақ, Хоҷа Рустами Хурёнӣ ва Тоҳири Абевардиро метавон ном бурд [13, с.336].

Таърихи вафоти шоирро Давлатшоҳи Самарқандӣ 829/1426 навиштааст, ки минбаъд он дар навиштаҳои дигарон мукаррар шуда, вале муаллифи таърихномаи «Ҳабиб-ус-сияр» дар ин маврид овардааст:

Таърихи вафоти Хоҷа Исмат
Ҳар кас, ки шунид гуфт: Таммат [16, с.550].

Таммат дар ҳисоби абҷад баробар бо 840/1437-38 мебошад, ки ин санад дар тазкираи «Махзан-ул-ғароиб» низ омадааст [14, с.289].

Аз таркиби девони шоир пайдост, ки ӯ дар сурудани анвои гуногуни шеърӣ, монанди қасида, ғазал, қитъа ва рубоӣ дасти тавоно дошта, ҳатто маснавии ҳамосавии «Иброҳими Адҳам»-ро, ки 1100 байтро фарогир аст, эҷод кардааст. Чунонки маълум аст, дар эҷодиёти шоирони асри XV-и мелодӣ вижагии татаббуъсароӣ, ки аз равандҳои муҳимми адабӣ баъди асри мазкур ба ҳисоб меояд, ба расмият даромада буд ва аксари шоирони намоёни ин давра, албатта, бо равиши хосси худ, ба ин ё он шоири муосир ё пешина татаббуъ кардаанд. Дар қатори шоирони таъсиргузор дар ин раванд метавон исми Шайх Камоли Хуҷандиро дар радифи Саъдиву Ҳофиз, Румиву Амир Хусрав ва дигарон ном бурд. Ҳатто ғалат намешавад, агар иддао бикунем, ки аксар шоирони асри мазкур дар сурудани ғазал бештар бар пояи таъсири сабки Хоҷа Камоли Хуҷандӣ эҷод кардаанд ва худи нуктаи он ки Камол шакли ғазалро якандоза ба танзим даровардаасту онро, ҳудуди дилхоҳи онро дар ҳаҷми ҳафт байт муайян намудааст, далели дигари ин иддаост. Шоирони асри мазкур, ки Хоҷа Исмат ҳам аз он шумор берун нест, бо таъсирпазирӣ аз ҷиҳати корбурди авзон, қофияву радиф ва тарзи тасвиру образофаринӣ бар сабку шеваи Камол ғазал суруда, ғазалҳои Камолро дар қофияву авзон ва радифҳои ғариби ӯ айнан пайравӣ накарда бошанд ҳам, нуктаи нозукхаёлӣ ва таваҷҷуҳ ба назокати баён, ки хосси шеъри ин суханвар аст, аз доираи забонии онҳо берун набудааст. Исмати Бухороӣ низ аз шумори ҳамин

табори шоирон аст, ки дар эҷодиёти ӯ муттасилона идома ёфтани ғазалҳои орифонаро дар забони бисёр пурсӯзи ошиқона ба мушоҳида мегирем. Бо он ки Камоли Хуҷандӣ аз шоирони асосии мубаллиғи ин тарз ба шумор меравад, Хоҷа Исмат ба авзону қавофии маъмули шеъри Камол он қадар ҳам таваҷҷуҳ намекунад. Аммо зикри ин нукта, ки таҳти таъсири қолабҳои ғазалиёти Хоҷа Камол ғазал сурудани ӯ бисёр ба мушоҳида гирифта мешавад, низ ба ҷо хоҳад буд. Мисол:

Камоли Хуҷандӣ:

Рӯзгорест, ки ҳечаш назаре бо мо нест
В-ин шаби фурқати моро саҳаре пайдо нест [15, с.264].

Исмати Бухороӣ:

Шаб дароз асту зи хуршед асаре пайдо нест,
Ё шаби хастадилонро саҳаре пайдо нест [3, с.280-281].

Ҳаммонандии авзону қофияҳо, хоҳу нохоҳ ба масоили шабоҳат доштани тасвир ва забони шеър низ марбут мешавад ва бе он ки ба масоили мазкур дахл намоем, баррасии эҷодиёти шоирони мазкур ва таъсирпазирии яке аз дигаре дар бисёр ҷиҳатҳо норавшан хоҳад монд. Аз ин рӯ, дар зайл як ғазали пурраи шоирон оварда мешавад:

Камоли Хуҷандӣ:

То зи гулбарги рухат сунбули тар мерезад,
Лолаи сӯхтадил хуни ҷигар мерезад.
Ҳар шаб аз шарми гулистони ҷамолат, санамо,
Об аз чеҳраи хуршеду қамар мерезад.
Бар лаби соғари ёқутнамо вақти сабӯҳ
Лаъли сероб бад-он писта шакар мерезад.
Зулфи туст он ки парешон шавад аз боди сабо,
Ё магар гарди шаб аз рӯи саҳар мерезад?!
Равшан аст ин ба ҷаҳон, к-оинаи бадри мунир
Ҳар шаб аз ҳасрати рӯи ту ба сар мерезад.
Мардуми чашми Камол арчи надорад зару сим,
Дар қадамҳои хаёли ту гуҳар мерезад [15, с.450].

Исмати Бухороӣ:

Даҳани танги ту аз писта шакар мерезад,
Лабат аз ҳуққаи ёқут гуҳар мерезад
Холи ҳиндуи туро майл ба тасхири дил аст,
Бар сарам оташ аз он анбари тар мерезад.
Гӯиё ғунча зи лаъли ту хабар мегӯяд,
Ки сабо дар даҳанаш хурдаи зар мерезад.
Рангу рӯят чу маро пеши назар меояд,
Ашкам омехта бо хуни ҷигар мерезад.
Чашми Исмат ба умеде, ки ту ногаҳ гузарӣ,
Дурру ёқут ба ҳар роҳгузар мерезад [3, с.314].

Дар ғазалҳои мазкур мисраъҳои «*Лаъли сероб бад-он писта шакар мерезад*»-и Камол ва «*Даҳани танги ту аз писта шакар мерезад*»-и Исмат, «*Лолаи сӯхтадил хуни ҷигар мерезад*»-и Камол ва «*Ашкам омехта бо хуни ҷигар мерезад*»-и Исмат бо ҳам аз ҷиҳати сохт ва тасвир якгунанд. Дигар падидаҳои тасвирофарии шоирон ҳам, ҳарчанд мисли мисраъҳои фавқ қаробати бисёр надоранд, вале аз нигоҳи объекти тасвир ва олати ташбеҳсозиву баёни бадеӣ ба ҳам монандӣ доранд. Масалан, дар байти чоруми ғазали Камол «боди сабо», ки ҳамеша ба ҷиҳати паёмовару паёмбари шоирон аз дилбар аст, ҳамчун таҳрикдиҳандаи эҳсоси шоир аст, ки ба такондиҳандаи зулфи ёр таъбир мешавад. Дар байти савуми Исмати Бухороӣ ҳам ин падида, вале бо корбарии дигаргунатар мушоҳида мешавад. Дар байти мазкур, аллакай, боди сабо ба симои ошиқест, ки ба «даҳони гунча ҳуққаи зар ба хотири он ки аз даҳони ёр сухан мегӯяд, мерезад».

Шоистаи зикр аст, ки дар нигоштаҳои Исмати Бухороӣ, агарчи таъсири қолабҳои қофияву радиф ва вазнҳои Камоли Хуҷандӣ камтар ба мушоҳида мерасад, вале тарзи мазмунсозӣ, ба таносуб овардани калимоти маъмули шеър, ифодаи нозукбинонаи матлаб, равиши тасвирсозӣ ва образофариниҳои Камол дар бештари ашъори Исмат нақши муайяне дорад. Бояд таъкид шавад, ки яке аз муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадмаҳдии Носеҳ зимни як мақолааш роҷеъ ба ашъори Хоҷа Камол овардааст: «Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ дар зиндагии ин ориф (манзур Хоҷа Камол – Д.М.) он аст, ки бо вуҷуди эҳтимом ба умури расмии тасаввуф ва хонақоҳнишинӣ, вай амалан аз он чӣ вобаста ба хонақоҳ ва хирқаву фарҳанги муридиву муродӣ мебошад, ба дур аст. Аз ин рӯ ҳам, ӯ аз мунтақидони мактаби «аҳли назар» ва «маърифат» ба шумор меояд» [10, с.327]. Ба фикри мо ҳам, маҳз ин падида, яъне мунтақиди мактаби «аҳли назар» будани Камол ва доираи васеътаре аз талқини хонақоҳу гӯшанишинӣ кардани ашъори ӯ боиси гароидани иддае аз шуаро ба тарзи ӯ

шудааст. Дар ин радиф, бозчӯии мо аз ашъори Исмати Бухорой, ки таъсири вофире аз Хоҷа Камол дорад, нишон дод, ки ӯ низ аз пайравони ин тариқ буда, ба мушоҳида мерасад, ки истилоҳоти назми Камол бар андешаронии ӯ низ нуфуз кардааст. Чунончи:

Камоли Хуҷандӣ:

Аз ман, эй аҳли назар, илми назар омӯзед,
Нозук аст он рух, аз ӯ чашму назар бардӯзед [15, с.398].

Исмати Бухорой:

Назари поки маро саҳл мапиндор, ки ман
Рӯзгорест, ки пайвастаи аҳли назарам [3, с.424].

Албатта, аксар шоирони адабиёти классикӣ, сарфи назар аз макони муҳити зист, азбаски андешаҳояшон бештар аз сарчашмаи ягонаи афкор – ирфон об мехӯрад, метавонанд диди якгун дошта бошанд, вале фаротар аз ин, шабоҳати ҳунарии шоирони мазкур ҳам қобили эътиност. Барои он ки Исмати Бухорой дар аксар мавридҳо аз тарзи истифодаи образ (тимсоли шеърӣ дар назар аст. –Д.М.) низ ба ашъори Камоли Хуҷандӣ пойбанд будааст. Чунонки яке аз тимсолҳои машҳур ва серистифодаи шеъри Камол тимсоли «сарв» аст ва ҳамчунон ки маъҳуд буда, Камол танҳо онро ба қомати маъшуқ ташбеҳ намекунад, балки «сарв» бо он баландиву зебоӣ, ки дошта, пеши қомати маъшуқи шоир шармандаву мунфаил аст. Чунин бардошт аз образи тасвир ва бозгӯии ин мазмун дар ашъори Исмати Бухорой низ ба касрати истифода ба назар мерасад. Мисол:

Камоли Хуҷандӣ:

Гарчи сарви чаман аз об равоне дорад,
Натавон пеши қадат гуфт, ки ҷоне дорад [15, с.578].

Исмати Бухорой:

Ниҳоли қоматат он дам, ки дар рафтор меояд,
Намеёбам зи худ майле ба сарви бӯстон кардан [3, с.428].

Дар ин радиф, метавон даҳҳо мисоли дигар аз ашъори шоирони мавриди қиёс оварда, вале зикри ин нукта, ки Исмати Бухорой, ҳамчунон Камоли Хуҷандӣ ба тариқи суханварони бузурги пешин қадам ниҳода ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳайси муқаллиди холис чеҳра нанамудааст, бисёр бамаврид хоҳад буд. Зеро мазомини ашъори пешиниён ва баҳрамандии ӯ аз тарзи суханварии онҳо ҳам ба равиши хоссе будааст, ки дар диди аввал аз назари хонанда ноаён мемонад. Вале тааммули бештар равшан месозад, ки шоири мавриди назар бештар ба равиши Камол сухансарой мекардааст. Барои исботи ин иддао метавон ба образи «саг» дар ашъори Исмат, ки аз тимсолҳои дӯстдоштаи Камол аст, ручӯъ кунем. Ин тимсол, бешак, аз лиҳози мазмун, тарзи бакоргирӣ ва мавқеи истихдом аз андешаҳои Камол сарчашма мегирад:

Камоли Хуҷандӣ:

Беш аст Камол аз ҳама з-он рӯз, ки худро
Дар мартаба камтар зи саги кӯи ту донист [15, с.235].

Исмати Бухорой:

Гар тавонам бо саги кӯят ба ёрӣ зистан,
Беҳ ки умре бар сарири шаҳриёрӣ зистан [3, с.432].

Дар абёти боло, агарчи гирумони забонӣ ва мавқеияти корбурди тимсол аз ҳам фарқ дорад, аз лиҳози ҳамсӯӣ дар маъно қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дуруст аст, ки Исмати Бухорой аз Шайх Камол бардошт мекардааст, вале ин бардошт мунҳасир ба тақлид нест ва аксар маворид Исматро бояд ба ҳайси шоире шинохт, ки чун Камол ва Ҳофиз ба бозофаринӣ кардани матолиби маъмул пардохтааст. Агар дар байти Камол шоир худро дар мартаба аз ҳама баланд танҳо ба хотири он ки маъшуқааш ӯро аз саги худ боло хондааст, дониста бошад, дар байти Исмат ин матлаб ба тарзи дигаргунатар ҷилва мекунад. Яъне, шоир менигорад, ки агар ба саги кӯйи ту ман битавонам ки ёрӣ бирасонам, беҳтар аз он бошад, ки дар сарири шаҳриёрӣ зиндагӣ намоям. Чунин судчӯӣ дар кори тасвирсозӣ аз муҳимтарин шохисаҳоест, ки бардошти шоирро аз Камол нишон медиҳад. Дар дигар маврид мебинем, ки Исмати Бухорой аз лиҳози тасвир ба тасвирпардозиҳои нозукхаёлонаи Камоли Хуҷандӣ такя карда, яке аз тимсолҳои дӯстдоштаи ӯ, ки дар пеши рухи маҳбуб «оҷизӣ ва норасоии ҳусни моҳи осмонӣ» аст, ки дар гузашта ба ҳайси мушаббаҳи рӯйи маъшуқа истихдом мешудааст, шоирона суд мечӯяд:

Камоли Хуҷандӣ:

Маҳро зи тоби ҳусни ту ҳар шаб қиёмат аст,
К-он сарвро чӣ шеваю рафтору қомат аст!? [15, с.346].

Исмати Бухорой:

Эй бурда оразат зи маҳи осмон гарав,
Нахли қадат ситонда зи сарви равон гарав [3, с.444].

Ҳамин тариқ, ковишу бозчӯии мо нишон медиҳад, ки Исмати Бухорой ҳамчун шоири ғазалсарои тавонои асри худ, бо он ки аз ҷиҳати қолабҳои маъмули ғазал ва қофиясозиву

истифодаи радиф аз шеъри Камол камтар суд ҷустааст, аммо аз лиҳози мазмунофариву тарзи истифодаи образ ва тасвири мушаххаси ҳолат ё объекти тасвир бешак аз мубаллиғони тариқати шоирии Камоли Хуҷандӣ, ки бо забони соддаву малеҳ, вале пуразтаровати ширин иштиҳор дорад, будааст. Ба зери султаи тарзи ин суханвари соҳибсабк аксар шуарои қарни Исмати Бухорої, Хаёлии Бухорої, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон низ монда буданд ва ба ҳеҷ ваҷҳ Хоҷа Исматро аз он берун қаламдод карда наметавонем.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ; таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод – Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
2. Авҳадӣ, Тақиуддин Муҳаммад. Арафоту-л-ошиқин ва арасоту-л-орифин / Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ; муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саййидмуҳсин Ноҷии Насрободӣ. – Теҳрон, 1388. – Ҷ.4.
3. Бухоров, Исмат. Девон / Исмати Бухоров; бо кӯшиши Аҳмади Карамӣ. – Теҳрон, 1366.
4. Лудӣ, Шералихон. Миръоту-л-хаёл / Шералихони Лудӣ: ба эҳтимоми Ҳамид Ҳусайнӣ. – Теҳрон: Равзана, 1377. - 370 с.
5. Мирзозода, Холиқ. Исмати Бухоров / Холиқ Мирзозода // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе, 1988. – Ҷ.1.
6. Муншӣ, Аҳмад Ҳусайн. Тури маънӣ / Аҳмад Ҳусайни Муншӣ; муқаддима ва тасҳеҳу таълиқоти Аҳмади Нуъмонӣ. – Деҳлии нав: Исфанд, 1385.
7. Муҳаддисзода, Ҳусайн. Асарофаринон / Ҳусайн Муҳаддисзода. – Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1328. – Ҷ.4. - 345 с.
8. Навоӣ, Амир Низомуддин Алишер. Маҷолису-н-нафоис / Амир Низомуддин Алишери Навоӣ. – Теҳрон, 1363.
9. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Ҷ.1. / Саид Нафисӣ. – Теҳрон, 1344.
10. Носеҳ, Муҳаммадмаҳдӣ. Сибғаи ирфонӣ дар шеъри Камолиддини Хуҷандӣ / Муҳаммадмаҳдӣ Носеҳ // Муқаддимаи камолшиносӣ; таҳияи Баҳром Раҳматов ва Иззатбек Шехимов. – Хуҷанд: Ношир, 2016.
11. Озар, Лутфалибек. Оташкада / Лутфалибеки Озар; ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. – Теҳрон, 1378.
12. Орзу, Сирочуддин Алихон. Маҷмаъу-н-нафоис / Сирочуддин Алихони Орзу; ба кӯшиши Зебуннисои Алихон. – Покистон, 1425 ҳ. – Ҷ.2.
13. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ; таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд, 2015.
14. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо. – Теҳрон: Рашидия, 1366. – Ҷ.4.
15. Хуҷандӣ, Камол. Девон / Камоли Хуҷандӣ; таҳияи Абдуҷаббори Суруш. – Хуҷанд: Хуросон, 2015.
16. Хондамир, Муҳаммад Ғиёсиддин. Ҳабиб-ус-сияр / Муҳаммад Ғиёсиддин Хондамир; гирдоварӣ, муқаддима ва изофоти Абдулҳусайни Навоӣ. – Теҳрон, 1379.
17. Ҳошимӣ, Шайх Аҳмад Алихон. Махзану-л-ғароиб / Шайх Аҳмад Алихони Ҳошимӣ; бо эҳтимоми Муҳаммад Боқир. – Лоҳур, 1968.
18. Эте, Ҳермон. Таърихи адабиёти форсӣ: Аз силсилаи «Маҷмӯаи эроншиносӣ» / Ҳермон Эте; зери назари Эҳсони Ёршотир; тарҷума бо ҳавошии дуктур Ризозода Шафақ. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. - 362 с.

ИСМАТИ БУХОРОӢ – ШОИРИ ПАЙРАВИ МАКТАБИ АДАБИИ ШАЙХ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Мавлоно Хоҷа Фахруддин Исматуллоҳ ибни Масъуди Бухоров аз донишмандон ва шоирони намоёни охири асри XIV ва аввали асри XV ба шумор меравад. Зикри шарифи ин суханвари мумтоз дар аксар кутуби асримиёнагӣ омадааст. Дар ин навишта саъй шуд, то бардоштҳои шоиронаи ӯро аз шоири сӯфимашраби номвар – Шайх Камоли Хуҷандӣ баррасӣ намоем. Зимни ин баррасӣ маълум гашт, ки Исмати Бухоров ҳам аз ҷиҳати қолабҳои маъмули ғазал ва қофиясозиву истифодаи радиф ва ҳам аз лиҳози мазмунофариву тарзи истифодаи образ ва тасвири мушаххаси ҳолати ин ё он тимсоли шеърӣ аз Камоли Хуҷандӣ суд бурдааст.

Калидвожаҳо: таъсири сабк, Камоли Хуҷандӣ, Ҳавзаи Бухоро, Исмати Бухоров, Хаёлии Бухоров, Мушфиқии Бухоров, Саққои Бухоров, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Таммат.

ИСМАТИ БУХОРОИ – ПОСЛЕДОВАТЕЛЬ ЛИТЕРАТУРНОЙ ШКОЛЫ ШАЙХА КАМОЛА ХУДЖАНДИ

Мавляна Ходжа Фахруддин Исматулла ибн Масуд Бухари считается выдающимся ученым и поэтом конца XIV и начала XV веков. Благородное упоминание об этом классическом ораторе встречается в большинстве средневековых стихов. В этом эссе мы постарались взглянуть на его поэтические сборники от известного философа и поэта шейха Камоли Худжанди. В ходе этого обзора было установлено, что Исмаил Бухари извлекал выгоду как из обычных газельных форм, так и из его рифмы и использования, а также из выразительных способов использования определенного изображения стихотворения из Камоли Худжанди.

Ключевые слова: влияние стиля, Камол Худжанди, Бухарский округ, Исмати Бухорои, Хаёлии Бухорои, Мушфики Бухорои, Саккои Бухорои, Давлатшохи Самарканди, Абдуррахмон Джами, Таммат.

ISMATI BUKHOROI - FOLLOWER OF THE SHAIKH KAMOL KHUJANDI LITERARY SCHOOL

Mawlana Khoja Fahruddin Ismatullah ibn Masoud Bukhari is considered an outstanding scientist and poet of the late XIV and early XV centuries. A noble reference to this classic speaker is found in most medieval poems. In this essay we tried to look at his poetic collections from the famous philosopher and poet Sheikh Kamoli Khujandi. In the course of this review, it was found that Ismail Bukhara benefited both from ordinary gazel forms and from its rhyme and use, as well as from expressive and expressive ways of using a particular image of a poem from Kamol Khujandi.

Key words: influence of style, Kamol Khujandi, Bukhara district, Ismati Bukhoroi, Khayoli Bukhoroi, Mushfiki Bukhoroi, Sakkoi Bukhoroi, Davlatshohi Samarkandi, Abdurrahmon Jami, Tammat.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мукумова Дилафрӯз Зиёдуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии Термиз, муаллимаи кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултети филологияи ӯзбек. **Суроға:** 190111, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вилояти Сурхондарё, шаҳри Термез,кӯчаи Хоҷаев, 43. Телефон: **(+998) 902-45-18-25**

Сведения об авторе: ***Мукумова Дилафруз Зиёдуллоевна*** – Термизский государственный университет, преподаватель кафедры таджикской филологии и восточных языков, факультета узбекской филологии. **Адрес:** 190111.Республика Узбекистан, Сурхандарьинская область, город Термез, улица Ф. Ходжаева, 43.
Телефон: **(+998) 902-45-18-25**

Information about the author: ***Mukumova Dilafruz Ziyodulloevna*** - Termiz State University, lecturer at the Department of Tajik Philology and Oriental Languages, Faculty of Uzbek Philology. **Address:** 190111, Republic of Uzbekistan, Surkhandarya region, the city of Termez, street F. Khodzhaeva, 43**. Phone: (+998) 902-45-18-25**

УДК: 891.550

ҶОЙГОҲИ МАВЗӮИ ИШҚУ МУҲАББАТ ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Усмониён Нозила Усмон
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ҳангоми таҳқиқот дар ашъори Меҳринисо мо жанрҳои гуногуни шеъриро, ки дар мавзӯи ишқу муҳаббат таълиф гардидаанд, мавриди истифода қарор додем. Чун мавзӯи интихобкардаи мо мутамарказ бар ишқу муҳаббат дар ашъори Меҳринисо мебошад, аз ин хотир, мо бештар ба ғазалҳои шоира рӯ овардем, зеро дар онҳо мавзӯи ишқу муҳаббат ва самимият хубтар мавриди тасвир қарор ёфтааст. Дар ашъори Меҳринисо жанри марказиро ғазал ташкил медиҳад. Мо тасмим гирифтем, ки якчанд намунаҳоеро аз жанри мазкур, ки ба мавзӯи ишқ, муҳаббат, вафодорӣ, самимият, садоқат, вафодорӣ, дӯстдорӣ, шодиву ғам, ҷон, дилбар бахшида шудаанд ва онҳо бо мазмуни баланд ва ба таври содаву фаҳмо эҷод шудаанд, ба кор барем ва завқу ҳисси хонандаи закитабъро ба таҳрик дар биёварем. Қобили зикр аст, шоира Меҳринисо дар дигар анвои шеърияш низ оид ба мавзӯи ишқ, дӯстдорӣ, самимият ва вафодорӣ сухан гуфтааст ва ин суханони вай дар анвои ғайр аз ғазали ӯ низ бисёр содиқонаву самимӣ баромадаанд, мисле ки онҳоро аз ҳаёти воқеии худ барчида аст. Бинобар ин, дар нигариш ба мавзӯи ишқ дар эҷодиёти шоира мо аз жанрҳои дигар низ суд ҷустаем.

Меҳринисо мегӯяд: ба ҳар ҳол кулли муваффақиятҳоям дар зиндагӣ ба ишқ робита дорад, агар ишқ намедоштам, ҳаргиз шояд мисрае навишта наметавонистам. Ишқ буд, ки Фарҳод кӯҳи Бесутун канду Маҷнун биёбонӣ шуд, ман низ умре муъҷизаеро интизорам, ки суруру шодмонии ҳақиқиям мебахшад. Мутолиаи ашъори шоира Меҳринисо Бобобекова нишон медиҳад, ки мавзӯъҳои дӯстдоштаи ӯ ғолибан ишқу исёнҳои қалбии инсонӣ, садои дилҳои дилбохтагон, ошӯбҳои ботинӣ, шурӯ валвалаҳои ниҳонии ошиқон, ғалаёни рӯҳиву ҳиссиёти латиф, олами розҳову дунёи хаёлоти рангин, нозҳои ошиқони шайдову истиғнои маҳбуба, авсофи ҳусну ҷамоли табиии инсонӣ мебошад. Дар ашъори ишқии шоира баъзан тасвирҳои ишқӣ оҳангҳои қавитари фалсафӣ-иҷтимоӣ мегиранд, ки муҳтавои шеърро ҷозибтару ҷолибтар менамоянд. Вай дар порчаи зер чунин гуфтааст:

Ишқи ман чун раъду барқи навбаҳор
Дар самои қисматам рахшиду рафт.
Офтоби нурбахши зиндагӣ
Бар гули армони ман хандиду рафт.

Мавзӯи марказии абёти фавқуззикр ишқ буда, бо ҷузъиёту лаҳзаҳои мухталифи зиндагии шоира робита дорад. Ҳадафи ӯ ёди айёми ҷавонист, ки дар ғояти гуворӣ қарор дорад, вале дареғо, ки зудгузар аст. Дар шеъри зикршуда ҷилои барқосои ишқ дар самои қисмат, хандаи офтоби пуранвори зиндагӣ бар гули армон – ҳама боиси сафову неруи дили шоира. Ашъори фавқ, ки тавассути аносири бадеии сухан муяссар гардидаанд, то ҳадде баёнгари тобишҳои ҳунари шеърпардозии Меҳринисо Бобобекова мебошанд. Ӯ хуб медонад, ки ишқ сарбайти кулли қасидаҳои дарду шодии дунёст. Аз ин рӯ, ишқро дар дил мепарварад, то ҷонашро алангаҳои муҳаббат гарм кунанд. Зан чун ошиқ мешавад, боз зеботару нозанинтар ба чашм мерасад ва лаззати рӯҳпайвандии ӯ дар ишқ аён мегардад. Меҳринисо, ки худ ҳамеша ба зебоии эҳсоси муҳаббат ошиқ аст, менависад:

Зан агар ошиқ шавад, хеле фиребо мешавад,
Ҳарчӣ ояд бар сараш, иқлили зебо мешавад.
Зан агар ошиқ шавад, бахти накӯӣ хонадон,
Чунки қалби мубталояш мутеъоло мешавад.
Бе садои ишқи зан дунё хамушу холӣ аст,
Баски бо неруи ӯ имрӯзу фардо мешавад.
Иксири ишқи зан аст, ки пеши дороёни даҳр,

Миси дарвешони олам кони тилло мешавад.
Таъзими Робиа омад Каъба андар поси ишқ,
Ҳар кӣ ин маънӣ надонад, кай мубарро мешавад?
Шуҳра шав, Меҳринисо, бо ишқи нотакрори худ,
Оқибат дарҳои хушбахтӣ ба ту во мешавад [1, с.69].

Шеъри Меҳринисо аз муҳити зиндагиаш ҷудо нест, ишқу муҳаббати беолоишаш ҳамеша афзоянда ва нокостанӣ аст. Ишқро эҳтиром мекунад, дӯст медорад, пазмон мешавад, чунонки худи ӯ қайд намудааст:

Ишқи зеборо ба ҷон пазмон манам,
Меҳрубону меҳрҷӯ, меҳрон манам.
Чеҳраи зебои ман акси дил аст,
Дар нигоҳу дар ниҳон яксон манам.

Ишқе, ки дар шеъри Меҳринисо тасвир гардидааст, дар дили ӯст, дар хаёлоти ӯ нуҳуфтааст, пас аз тасвиру тасаввур болотар аст, онро танҳо шахси мубталои ишқ метавонад ҳис намояд ва дар ганҷинаи қалби поки хеш қабул дорад. Чун ба шеъри дар поён зикрёфта назар кунем, аз дармони дарди ошиқ будани ишқ, аз нафасҳои гарми маъшуқ, аз гаронии ишқи безавол, аз дили поку сӯхтаи ошиқонаи шоира, аз қавӣ будани меҳри дар қалбаш буда огоҳ тавон шуд:

Ишқ дармон асту бемораш манам,
Ишқ ганҷеву харидораш манам.
На зи дармон рӯй тобам як нафас,
На зи дарде, ки гирифтораш манам.
Ошиқона, ошиқона, ошиқона ошиқам,
Соҳиби ганҷури шаҳвораш манам.
Ҳар кӣ донад мазмуни нуру зиё,
Садқаи зеҳни гуҳарбораш манам.
Бо камоли ишқ зистан санъат аст,
Бо камоли ишқ зинҳораш манам.
Он, ки ёбад ҷавҳари асли вуҷуд,
Беҳтарин иқрори асрораш манам.
Ёри ноҳампои ман, Меҳринисо,
Қимате дорад, ки дилдораш манам [2, с.83].

Аз ашъори боло маълум мегардад, ки ишқи тасвирнамудаи Меҳринисо ишқи зебо, форам, таскиндиҳандаи қалби ҳар нафаре бо тамоми азиятҳо, розҳою ниёзҳо ва интизориҳои сангин мебошад. Нафаре сахт ошиқ аст, дилаш барои зиндагӣ ҷӯш мезанад, талошҳо дорад, ин – ҳама бо олами рангини ишқу муҳаббат тавъам мебошад. Чун ишқ, ҳаёт, нафас, гармӣ - ин созандаи кулли орзуҳост. Шоира Меҳринисо дар шеърҳояш мавзӯи ишқу муҳаббатро хуб нақшгузорӣ кардааст. Дар ин шеър аз қисмати хеш сухан гуфтааст ва хеле моҳирона ба қалами тасвир додааст ин мисраъҳоро. Аз оромии дили шаб, аз рафтани ёр, аз оне, ки ӯ дар паҳлуяш бошад, барояш ин зиндагӣ оламест, аз қисмату бақисматиҳои сарнавишт, шоира чунин мегӯяд:

Фурӯғи чилчароғи хилвати ман,
Фурӯзон бо ту бошад ин ҷаҳонам.
Нишони ман, марав аз қисмати ман,
Ки бе ту бенишонам, бенишонам.
Аё суду зиёни қисмати ман,
Туӣ нуру зиёи исмати ман.
Аё ҳарфи нахусти сарнавиштам,
Ту охир ҷавҳарӣ андар сириштам [1, с.125].

Дар шеъри фавқуззикр шоира аз дили саркашу нофармон шикоят намудааст, ки аз бепарвоии ин дил мубталои ғамҳои бешумор гардидааст ва дигар бар асари он ӯро роҳате нест. Чун дил гирифтори ишқ гашт, дармонаш муҳол мегардад, то он ки табибаш пайдо нагардад. Чунон ки дар мисраъҳои зер шоира бо чурми дили хеш бад-ин дард гирифторем гуфтааст:

Гуноҳи ин дили девонахӯ буд,
Ки аз ту сар кашиду мубтало шуд.
Шикаста қолаби осоишашро,
Гирифтори ҳазору як бало шуд [1, с.104].

Меҳринисо чун худ зан аст, аз қалби шефтаю мафтунгаштаи ишқ ба хубӣ огаҳ мебошад. Шеърҳои таълифкардаи ӯ сар то по аз ишқ, муҳаббат, самимият, дӯстдорӣ, меҳр ва гирифтории дардҳои бедармони ишқи ҷонсӯз дарак медиҳанд. Зеро, дар ин мисраъҳо ишқро дар сатҳи баланд ва хеле бо самимият ва меҳрубонона тасвир намудааст. Ин ҷо ошиқеро, ки гирифтори ишқест, ки то ҳанӯз барояш дастнорас аст, тасвир намудааст. Ва ӯ

ҳамеша бо хаёли он ва аз бесабриву бетаҳаммулии қалби нооромаш хеш қисса намуда, дуогӯи он аст, ки то нишонеро аз вай дошта бошад, то ин ки ба дарди ҷонсузӣ бедармонии қалби маҷрӯҳаш дармоне бахшад:

Дил оқибат бо ишқи ту то авҷи кайвон мерасад,
Он ҷо забони ташнаам бар оби ҳайвон мерасад.
Ҳар ҷо ки мемонам қадам, ту бо манӣ, ту бо манӣ,
Эй раҳнамою раҳбарам, кай аз ту фармон мерасад?
Аз худ гузаштан мушкил аст, то ту расидан ҳам маҳол,
Дастам ба сӯи осмон, ки нури имон мерасад.
Бо оби шилдирроси ҷӯй, ҳам лолаи хушрангу бӯй,
Дори нишоние бигӯ, сабрам ба сомон мерасад.
Эй ҳозиру эй ғоибам, эй ҳамдами танҳоиям,
Хонам туро бар ёриям, дардам ба дармон мерасад.
Ман дар сукути ахтарон, ҷӯям туро аз бекарон,
На абриву оби равон, дудам ба Кайвон мерасад [2, с.70].

Қаҳрамони лирикии ашъори Меҳринисо бо дили саршори ишқ, сари шӯрида аз меҳр ва рӯҳи моломоли садоқат рӯзгор мебарад ва тамоми мадду ҷазри зиндагиро бо ченаки басо ҳассоси меҳру вафо андоза мекунад. Дар ғазали зер дарди ишқ тавассути вожаҳои *таманно, ранҷ, ҷон, дил, ғам, ханда, муҳаббат, ҷабр* сода, самимӣ ва ҷолибу хотирмон ифода меёбад.

Ҳавасҳои маро куштӣ, илоҳо, зинда бошӣ ту,
Ба ҷонам ҷабр кардиву ба ҷон арзанда бошӣ ту.
Лабони шеъргӯямро, забони гуфтугӯямро,
Ба муҳри ғам агар бастӣ, тулӯи ханда бошӣ ту.
Сарам дар бистари санги аламҳо барфпӯшон аст,
Сари сангат ба болини баҳорон монда бошӣ ту.
Ду чашмони сухангӯям ҳазорон қиссаҳо дорад,
Магар хатти нигоҳамро ба боре хонда бошӣ ту?
Кӣ ҳастӣ ту,- намехоҳад дили девона бишносад,
Бимон, то ҳар чӣ мехоҳад, магар арзанда бошӣ ту.
Садои хандаи гирёну фарёди маро бишнав,
Агар аз Меҳр оганда, Худоро банда бошӣ ту.
Шикаст андар шикаст ояд маро иқболи нопайдо,
Аё пайдои нопайдои ман, поянда бошӣ ту [3, с.45].

Аз ашъори шоира бармеояд, ки дарки ишқ бозёфти бузургест барои инсон, бинобар ин, ба қадри ҳар нафас бояд расид. Ишқ аст, ки инсонро ба меҳроби яқин, саропардаи дил ва ба шукӯҳи лаҳзаҳои беҳтарин ҳидоят менамояд. Чӣ зебост, ки ошиқ ба висол расад. Дар ғазали мазкур Меҳринисо аз орзуҳои нуҳуфта, номуродиҳо, дарде, ки қалбро ноором месозад, аз нолаҳои зори қалби мубталогашта ва аз ғами зиёд девона гаштанро хеле ҷаззобу самимона гуфтааст:

Эй ишқ, зи дасти ту девонаи саҳроям,
Лабрези ҳавас, аммо маҳруми таманноям.
Дармониву дарди ту биншаста ба ҷону дил,
Гӯяд давое нест, ман ранҷи фиребоям.
Ин шуълаи ҷовидро, эй бор Худо, аз чӣ,
Афрӯхтаӣ бар дил, бо кӯчи шикебоям?
То мардуми чашми ман овораи кӯйи туст,
Дар ҷамъияти бе ту бечораву танҳоям.
Ғайри ту надорам кас, эй дӯст, ба додам рас,
То арш расад з-ин пас оҳанги таваллоям.
Хуш рӯзӣ ҳаромам шуд, навмедӣ ба комам шуд,
Расвоӣ ба номам шуд дар маҷлиси овоям.
Нолад ба мисоли най ин Меҳринисо то кай?
Эй ишқ, раҳоям кун, осон, ки ба худ н-оям [3, с.84].

Хулоса, он чи дар боло дар иртибот бар тараннуми ишқу муҳаббат дар ашъори шоира Меҳринисо қайд намудем, бар ин натиҷа расидем, ки дар эҷодиёти шоира мавзӯи марказиро тасвири ишқу муҳаббат ва ғазал ташкил менамояд. Яке аз хусусиятҳои ашъори ба мавзӯи ишқу муҳаббат бахшидаи Меҳринисо иборат аз он аст, ки ишқи тараннумнамудаи ӯ хаёливу бофта нест, дар он эҳсоси воқеии қалби шоира дарк мегардад. Қаҳрамони асосии ишқномаҳои Меҳринисо, пеш аз ҳама, худи маъшуқ, яъне ӯст, то ошиқ; зеро дар ин навъ манзумаҳои шоира фаъолияти худи вай, дақиқтар: фаъолияти эҳсосоти шахсии худи шоира бештар ва пештар маҳсус аст. Чи дар ғазал ва чи дар анвои дигари шеърии вай мавзӯи ишқ ва муҳаррики ин мавзӯъ – шахсияти шоира ҷавлон мезанад ва бо

баёни эҳсосоти қалбии хеш ботини ҳар хонандаро мамлӯ аз отифаи муҳаббат намуда, онро ба таҳрику бесабрӣ дармеоварад. Ишқи Меҳринисо ишқи воқеӣ ва заминист, он поку муназзаҳ аст ва обистан аз розу ниёз ва сирру хасисаҳои қалбист, ки танҳо барои қаҳрамони аслии ӯ маълум асту бас.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳтамзод, Шаҳрия. Бонуи ноз / Шаҳрияи Аҳтамзод // Паёми андоз. - №2-3 (90-91). – С.7.
2. Аҳтамзод, Шаҳрия. Зан агар ошиқ шавад / Шаҳрияи Аҳтамзод // Адабиёт ва санъат. - №19-20(971-72), панҷшанбе, 3-юми июни 1999. – С.2.
3. Имомов, М. Рози ҳунар / М.Имомов, М.Солеҳов // Ҷумҳурият. -10-уми июни 2003. – С.4.
4. Меҳрафзун.Эҷоди шеър мисли дарди ногаҳонист // Чархи гардун. - №11(83), 20-уми марти 1998. – С.4.
5. Меҳринисо. Замзамаи зебоӣ. - Душанбе: Адиб, 2000. – 95 с.
6. Меҳринисо. Шароби нур. - Душанбе, 1996. – 158 с.
7. Меҳринисо. Нафаси субҳ. - Душанбе: Адиб, 1992. - 140 с.

ҶОЙГОҲИ МАВЗӮИ ИШҚУ МУҲАББАТ ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Муаллиф дар мақола оид ба мавзӯи ишқу муҳаббат дар ашъори яке аз шоираҳои хушкалом ва содабаёни адабиёти муосири тоҷик – Меҳринисо Бобобекова таҳқиқот мебарад. Дар эҷодиёти Меҳринисо агарчи мавзӯъҳои гуногун ба назар мерасанд, вале мавзӯи ишқу муҳаббат дар басомади мавзӯӣ дар эҷодиёти вай ҷойи аввалро ишғол мекунад. Мувофиқи нишондоди муаллифи мақола, тамоми ғазалҳои Меҳринисо мамлӯ аз суханони марбут ба ишқ, муҳаббат, садоқат, вафодорӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Мутолиаи ашъори шоира Меҳринисо Бобобекова нишон медиҳад, ки мавзӯъҳои дӯстдоштаи ӯ ғолибан тасвири ишқу исёнҳои қалбии инсонӣ, садои қалби дилбохтагон, ошӯбҳои ботинӣ, шурӯ валвалаҳои ниҳонии ошиқон, ғалаёни рӯҳиву ҳиссиёти латиф, олами розҳову дунёи хаёлоти рангин, нозҳои ошиқони шайдову истиғнои маҳбуба, авсофи ҳусну ҷамоли табиии инсонӣ мебошанд. Тибқи суханони муаллифи мақола, ишқе, ки дар шеъри шоира маҳалли тасвир қарор гирифтааст, онро танҳо метавон эҳсос карду нафас кашид, он муқайяд бар дил ва отифаи муҳаббат аст. Чун ишқу муҳаббат дар ниҳоди шахс бошад, зиндагӣ зебо ва рангин хоҳад гашт. Ишқи тасвиркардаи Меҳринисо бо тамоми бузургию эҳсосу рангиниаш инсонро ба олами нав ворид месозад. Дар тараннум ва тасвири мавзӯи ишқу муҳаббат ҳолоти ботинии шоира инъикос меёбанд, эҳсосоти шоиронаи вай баръало мушоҳида мегарданд. Муаллиф қайд менамояд, ки ин мавзӯъ дар эҷодиёти Меҳринисо мавқеи марказӣ дорад.

Калидвожаҳо: ишқу муҳаббат, вафодорӣ, самимият, ошиқ, қалб, меҳр, эҳсоси ботинӣ, хаёлот, рози дил.

МЕСТО ТЕМЫ ЛЮБВИ В ПОЭЗИИ МЕХРИНИСО

Автор в своей статье исследует тему любви в творчестве одной из самых красноречивых и ярких поэтесс современной таджикской поэзии – Мехринисо Бобобековой. Несмотря на то, что творчество Мехринисо богато разными темами, в нем видное место занимает тема любви. Как отмечает автор статьи, все газели поэтессы содержат мотивы, относящиеся к теме любви, верности и преданности и т.п. При ознакомлении со стихами Мехринисо станет ясно, что любая тема, в сравнении с другими темами, уступает по силе выражения чувств теме любви, изображению внутренных чувств возлюбленных, голоса их сердец, изображение их внутренных волнений, духовных смятений возлюбленной, ее сердечных переживаний, красивых чувств, сердечных тайн и прекрасных воображений, ее волнении и внутренней красоты человека – влюбленного. По словам автора, любовь, о которой говорит поэтесса, можно только чувствовать сердцем, она охвачена лишь ею. Если любовь занимает свое место в сердце человека, жизнь для него станет прекрасной и яркой. Любовь, которую изображает поэтесса Мехринисо, направляет человека в новую жизнь, украшая его сердце. Воспеванием и изображением темы любви,- как отмечает автор,- Мехринисо отражает свое внутренное состояние и душевные волнения. Эта тема в творчестве поэтессы занимает центральное место.

Ключевые слова: любовь, преданность, возлюбленный, влюбленная, сердце, внутренние чувства, воображение, тайна сердца.

PLACE A LOVE THEME IN POETRY OF MEHRINISO

There is investigated in the present article a love theme in creativity of one of the most eloquent and brightly simple expressing poetesses of modern Tajik poetry - Mehriniso Bobobekova. In spite of the fact that creativity of Mehriniso by plentifully different subjects, but love theme is occupied in the foreground in her creativity. In accordance with the author of article, all the gazelles of Mehriniso contain the motives, concerning to a theme of love, fondness, devotion, fidelity and etc. At getting acquainted with verses of Mehriniso it becomes clear that the favourite theme, in comparison with other themes concedes in force of expression of feelings to a love theme, the image internal feelings of beloved, a voice of their hearts, their image internal excitements, spiritual confusions and turmoil of a beloved, its warm swirling, beautiful feelings, the world of its warm secrets and fine imagination, its excitements and the image internal beauty of the person - enamoured. According to the author of the article, a love which speaks about it the poetess, it is possible to feel only heart, it constrained only it. If the love takes the place in heart of the person, the life will become fine and multi-coloured. The love which is represented by poetess Mehriniso with all greatness and coloured feel directs the person to the new world. To sing and the description of a theme of love, - as the author marks, - Mehriniso reflects the internal a condition and sincere excitements. The author marks the theme of love is occupied the central place in creativity of the poetess.

Key words: love, fidelity, the beloved, enamoured, heart, internal feelings, imagination, cherished desire.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Усмониён Нозила Усмон*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, аспиранти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети лингвистика ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Сведение об автора: ***Усмониён Нозила Усмон*** – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы факультета лингвистики и телекоммуникационных сетей. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Information about the author: ***Usmoniyon Nozila Usmon*** - Dangara State University, graduate student of the Tajik language and literature department of the faculty of linguistics and telecommunication networks. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Markazi 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-92-62**

УДК: 82 - 1/29

НАБЗИ ЗАМОН ДАР ШЕЪРИ ФАРЗОНА

Бобоева Т.Р.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш.Хуҷанд

Дар тамоми мавҷудияти ҳастии башар ва ҷараёни таърих инсон ҳаргиз берун аз фазову вақт ва макону замон набуда. Ба ибораи дигар, инсоният ҳамеша зери таъсири муносиботи мухталифмазмуни ҳамарӯзаи зиндагии хеш қарор дошт. Муносибатҳои замонию маконӣ барои рушду нумуи шахсият, инчунин тараққӣ ва таназзули моддиву маънавии ӯ ҳаргиз бидуни асар наемонд. Зиндагии шоирон низ аз қолаби ин гуна бархӯрдҳо ва таъсирот берун набуд ва аз оғоз то имрӯз ин нукта дар шеър ба рӯшанӣ ҳувайдо мегардад. Аз мазмуни ин байти Рӯдакӣ рӯҳи замони фарҳангпаноҳ ва рӯзгори ибратангези Сомониёни бузург пеши назар меояд:

Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургиву неъмат зи Оли Сомон буд [13, с.19].

Ва ё дар ҳоле ки Хоҷа Ҳофиз «Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам» мегӯяд, садое аз аъмоқи рӯзгори пурталотуми шоир ва нобасомониҳои он ба гӯши мо мерасад.

Ҳамин тариқ, рӯҳи замон дар тамоми масири таърихи адаби форсӣ дар оинаи шеър таҷаллӣ ёфта, замонҳоро то мо интиқол додааст. Шиблии Нуъмонӣ таъкид кардааст, ки агар фосилаи замонҳоро муаррих дар чанд муҷаллад ғунҷоиш диҳад, шоир қодир аст, ки онро дар байте ва ҳатто мисрае инъикос намояд [12].

Баробари ин, Ризо Бароҳанӣ инъикоси таърихи замон ва зиндагии рӯзгори хешро дар шеър аз муҳимтарин расолати шуаро меҳисобад. Ба андешаи ӯ, рисолати таърихӣ ва замонии шуаро, қабл аз ҳама, ба дарки моҳияти аслии муносиботи рӯзгори хеш маҳсуб мегардад. Шоир бояд ба хубӣ эҳсос ва идрок намояд, ки дар кадом рӯзгор мезияд ва рисолати аслии ӯ, дар баробари ин, зиндагӣ аз чӣ иборат аст [3].

Баррасии ин масъала дар таҳқиқоти Зиёи Муваҳҳид то андозае сурати фалсафӣ касб карда, масъалаи замон дар доираи матолиби сиёсӣ маҳдуд гардидааст. Ба ин хотир аст, ки муҳаққиқи мазкур унвони таҳқиқоти худро «Шеъри сиёсӣ» гузошта, то андозае масоили сиёсиро ба гунаи ифодаи масъалаи инъикоси замон дар шеър арзёбӣ кардааст [1].

Таҳқиқи бархе аз муносиботи замонии имрӯз, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ интисоб доранд, дар мақолаи Муҳаммадҷон Шакурӣ «Шеъри худсозӣ ва худшиканӣ» хеле хуб сурат гирифтааст. Аз он ҷумла, ҷанбаи мазбури шеъри Фарзона низ дар ин мақола ба гунаи хос арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, дар мақола омада: “Он оҳанги таассуф ва навмедӣ, ки аз шеъри бохтҳо дар солҳои шасту ҳафтод ба гӯш мерасад, дар солҳои навад пурсӯзтар садо дод, гоҳ дар ҳаққи миллат, ки арзишҳои волои маънавиро аз даст дода, ба фақри маънавӣ дучор шудааст, таънаомез шунида мешавад.

Фарзонаи Хуҷандӣ мегӯяд:

Даст ба кору дил ба ёр, ёр куҷову кор ку?
Бо чӣ шитоб омадам, вой, ки интизор ку?
Рӯд, ки хушк шуд, чӣ монд, қатраи охирин куҷо,
Қофила рафт, рафт, рафт, аз пайи он ғубор ку? [10, с.17].

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик Фарзона низ ба навъе ин расолати таърихии шуароро ба анҷом мерасонад. Мо, ки инсони имрӯз ҳастем, лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии хешро дар оинаи ашъори ӯ муҷалло мебинем. Фардо бошад, ин шеър сурати зиндагии имрӯзи моро муаррифӣ хоҳад намуд. Ба далели ин андеша ва чанд лаҳзаҳои ҷудогонаи ҷилваи зиндагӣ ва замон дар шеъри Фарзона таваҷҷуҳ хоҳем кард.

Қаблан бояд изҳор намуд, ки ифодаи рӯҳияи замон танҳо ҳовии матолиби сиёсиву иҷтимоӣ ва тасвири зиндагии инсон дар як давраи муайян нест. Балки дар доираи ин матолиб имкон дорад, ки масоили муҳимми ахлоқӣ, фарҳангию маънавӣ низ ғунҷоиш ёбад, ки аз асари муносибатҳои мавҷудаи фазову вақти муайян ба шеъри шоир кӯч бастааст. Ба ибораи дигар, дар тавлиди ин гуна ақоид замона асари қавӣ мегузорад. Аммо дар матолиби зайл бештар масоиле тарҳрезӣ мешавад, ки мунҳасир ба давраи муайяни таърихӣ набуда, балки то ҷое набзи замонаҳоро мунъакис месозад. Ба таъбири дигар, агар рисолати аввалияи шоир ифодаи сурати замон ва муносибатҳои ҷорӣ дар шеъри худ бошад, рисолати дигари ӯ ибрози матлабест, ки аз муносибатҳои замонӣ сарчашма гирифта, рӯҳи замонаҳоро ифода менамояд. Гузашта аз ин,

ҳамин вазифаи бузурги таърихии шоир аст, ки ӯро дар тамоми адвор маҳбубият бахшида, ашъорашро ба сӯйи абадият раҳнамун месозад. Аз ин нигоҳ, вобаста ба ин гуна расолати суханварии шоир метавон масъалаи рӯҳи замонро дар шеъри Фарзона дар ду даста баррасӣ намуд:

1. Инъикоси афкор ва матолибе, ки аз муносибатҳои замонӣ берун омада, рӯҳияи замонаҳоро метавонанд ифода намоянд.
2. Инъикоси замон ва муносибатҳои ҷории он дар шеър.

Мусаллам аст, ки баъзе муносибатҳои ҷамъиятӣ, бавижа тарғибу ташвиқи муносиботи ахлоқӣ ба ваҷҳи тарбияи инсони комили маънавӣ дар ҳамаи давру замонҳо ба ҳайси масъалаи аввалияи ҷамъиятӣ шинохта шудааст. Вале дар шеъри шуаро аксаран ин гуна матолиб бар асари муносибатҳои ҷории ҷамъиятӣ ҳамчун масъалаи муҳимми замонавӣ инъикос мегардад. Дар шеъри Фарзона низ ин гуна матолиб мавқеи худро дорад, ки ҷиҳати ба субут расонидани афкори хеш намунаҳое хоҳем овард.

Маълум аст, ки дар ҳама давру замонҳо инсоният ба покиву сафо гароиш намуда, нуктаҳои мазкурро ҳамчун василаи муҳим ба сӯйи худошиносӣ меҳисобад. Аз ин нигоҳ, дар шеъри шуарои гузашта ва имрӯза мавзӯи мазкур ҳамчун нуктаҳои муҳимми тарбиявии инсони комил дар ҳама адвор инъикос гардидааст. Дар партави ин гуна афкори ирфониву ахлоқии ашъори шуарои гузашта аст, ки Фарзона фармудааст:

Оинаи дил кунам чиҳилшӯ, зангори қадимаро зудоям,
Зеро ки мубашшири муҳаббат кӯбад дари покҷавҳаронро [8, с.24].

Ҳарчанд дар ин байт муроҷиати шоир ба сӯйи худи ӯст, вале чун ба асли маънавии байт таваҷҷуҳ намоем, таблиғи гароиши инсон ба сӯйи покизагиву софдилӣ ҷилва мекунад, ки то андозае гуфтори дархӯри замонҳост. Шоир дар заминаи таъкиди иҷрои амали мазкур дар ниҳоди хеш инсониятро сӯйи покизагиву назофат мехонад. Зеро инсоният дар ҳама давру замон ниёз ба покизагии рӯҳу қалб дорад ва ифодаи ғояи худошиносӣ маҳсули тафаккури ҳамаи даврaҳои таърихӣ буда, минбаъд низ идома меёбад. Аз ин лиҳоз, баёни ин гуна матолиб дар шеъри Фарзона, ки аслан бар асари муносибатҳои ҷории замон берун омадааст, то ҷое мақоми ашъори ӯро ба ҳайси оинаи афкор ва рӯҳияи замонаҳо муқаррар месозад.

Мавриди дигар вақте шоира мегӯяд:

Забони ашк кушоеду марсият хонед,
Ки умр мегузарад дар суроғи донаву об [4, с.103].

Дар назари аввал ифодаи афкорест, ки ҷавҳари фалсафӣ дошта, баёнгари бар абас рафтани умр аст. Агар мо ба сурати рӯзгори имрӯза биандешем, рӯшан мегардад, ки инсон бар асари муносибатҳои замонӣ фикри донаву об дорад ва аз роҳи маънавиятгароӣ берун мешавад. Аз ҷониби дигар, тарзи баёни шоир ба сурате аст, ки матлаби мазкур дар тамоми адвори таърихӣ метавонад дархӯр бошад. Дар ин гуна тарзи баёни афкор рӯҳи замонаҳо нуҳуфтааст, ки абадият ва маҳбубияти шоирро метавонад таъмин намояд.

Шинохти ҳақиқати олам ва маърифати бебаҳои он, инчунин шару шӯри дунёи фитнаангез ҳамеша дар мадди назари шуарои адвори мухталиф қарор дошта, ба ҳайси мавзӯи муҳимми адабиёти ирфонӣ ва ахлоқии даврaҳои гуногуни адабиёти тоҷик табодул кардааст. Дар ашъори Фарзона низ натиҷаи ин гуна маърифат ҷилвагар аст. Масалан, дар байте аз ғазали шоир омада:

Оҳ, ин сарои кӯзпушт бас фитна дорад дар сиришт,
Ҳар дам ба берун сар кашанд аз кӯзаҳо Хаттобҳо [8, с.47].

Ҳамин тавр, дар идомаи анъанаҳои беҳтарини адабиёти гузаштаи форсӣ Фарзона низ тавонистааст, ки набзи замонаҳоро дар шеър ифода сохта, нуктаҳои барои талаботи тамоми даврaҳои рӯзгори инсонӣ ҷавобгӯро баён намояд. Намунаҳои мазкур далолат бар он доранд, ки фарогирии масоили баёншуда дар шеър яке аз муҳимтарин иллатҳои иштиҳор ва маҳбубияти шоир гардидааст.

Бахши дигари ашъори Фарзона ба масоили муҳимтарини замонаи худи шоир бахшида шуда, то андозае аз анҷоми расолати таърихии ӯ дар ин ҷода дарак медиҳад.

Агар ба сурати зиндагии имрӯз таваҷҷуҳ намоем, рӯшан мешавад, ки дар тафаккури инсони имрӯз асолати зиндагӣ дар муносиботи бозорӣ акс ёфтааст. Таваҷҷуҳи аксарият ба бозор, яъне макони аслии дастовардҳои инсон барои таъминоти маишат равона шудааст. Ин аст, ки Фарзона аз тафаккури инсони имрӯз садо мекунад:

Биё, зи растаи бозор бигзарем,
Роҳи дигар нест [5, с.100].

Дар ин шеър, вақте ки матолиби зикршуда ба гунаи муайян баён мегарданд, мо лаҳза – лаҳза тасвири зиндагии иҷтимоии мардумро тамошо мекунем. Ҷойи дигар, чун шоир «Замон замони чакомак нест», - мегӯяд, сухан аз нузули тафаккури инсоният ва савияи донишу хирадӣ ӯ меравад. Танҳо ҳамин мисраъ бори як лаҳзаи зиндагии имрӯзаро метавонад бардошта бошад.

Мо ҳамарӯза дар зиндагии воқеӣ ин дардеро, ки аз дили шоир баромадааст, эҳсос мекунем. Ин аст, ки баъдан дар хотимаи ҳамин шеър матлабро ба таври зайл ҷамъбаст мекунад:

Роҳи касе ба сӯйи ман нест, сӯйи бозор аст [5, с.100].

Шоир вақте роҳ сӯйи ман нест, мегӯяд, дар вусъати ин ибора дунёи маъниҳо ғунҷоиш дорад. Зеро бо зикри «сӯйи ман» шоир дунёи маънавию олами ормону андешаҳои рӯшанро дар назар дорад. «Ман», пеш аз ҳама, шахсияти як нафар шоир аст, ки ҳомили дунёи бузурги маънавӣ – шеър мебошад. Ҳосили гуфтор он аст, ки имрӯз ба маънавияту шеър ва ирфон касе таваҷҷуҳ надорад. Бештар мардум роҳ сӯйи бозор доранд, яъне гирифтори гирдоби ҳавасу қурбони нафси хешанду кам ба фарҳангу маънавиёт ва шеър таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Аз ин ҷо рӯшан мегардад, ки шоир бо гароиш ба маонии мармуз дар вусъати як ибора ё калима дунёи маънӣ ва тафаккури хоссаро ғунҷоиш додааст.

Мавриди дигар, таассуфи шоир аз ояндаи ҷавонони имрӯз аст, ки дар оғӯши талошҳои бозории зиндагӣ ғарқидаву фурӯ рафтаанд. Фардои худро дар пушти панҷараҳои нафси дунявӣ тасвир мекунанд.

Дар шеъри «Фаромӯши замон» Фарзона аз ҷавоне ёд мекунад, ки «бо неруи рустамӣ» дар бозор колои ҳақири хешро мегустарад ва асли зиндагии худро бо фурӯши қандҳои қоғазпеч бунёд мегузорад:

Навҷавоне буд. Колои ҳақири худро
дар сари кӯчаи мо мегустурд.
Неруи рустамӣ
аз шонаҳои солими ӯ наъра мекашид.
Навҷавон рӯйи курсии куҳнае нишаста буд
ва рӯзҳои гулобии зиндагияшро падруд мегуфт.
Қандҳои бехаридораш
дар пираҳани қоғазии хеш арақ мекарданд [7, с.300].

Ҳадафи аслӣ аз тасвири пораи зиндагии ҷавон таъкиди ин нукта аст, ки имрӯз ҷавонон ғарқа дар гирдоби зиндагӣ беҳтарин лаҳзаҳои ҳаёти худро барабас масраф мекунанд. Ба ибораи шоир, онҳо дар чунин ҳол рӯзҳои гулобии зиндагиашонро падруд хоҳанд гуфт. Ғояи аслии ин шеър ба навъе хислати тарбиявӣ низ дорад. Мо бояд аз тақдири ояндаи ҷавонон биандешем. Мавриди дигар, ин маънӣ ба таври зайл изҳор гардидааст:

Ҷавонон дар паси растаҳои қандфурӯшӣ,
ё дар дӯкони шарбату май
фардои башарро месозанд.
Яъне, ки сард менигаранд
бар кӯдакони якрави домангир,
бар модарони ноилоҷ,
бар мӯйсафеде, ки ризқаш
дар шохаи испанди хушк аст,
ки дар сатили сияҳ дуд мекунад [7, с.298].

Ин ҷо шоир тавонистааст, ки рӯзгори чанд табақаи иҷтимоиро дар оинаи шеър мунъакис созад. Масалан, кӯдакони якрави домангир, модарони ноилоҷ, мӯйсафеди дар даст сатили испанд ибороте ҳастанд, ки зиндагии се тоифаи инсонҳоро баён намуда, пораи рӯзгори имрӯзро ба қалами тасвир мекашад.

Бо афзалияти муносибатҳои моддиву иҷтимоӣ дар зиндагии инсони имрӯз арзишҳои маънавӣ эътибори худро аз даст медиҳад. Аз ин хотир, шоир дар бозорҳои Хуҷанд дунболи харидани меҳрубонӣ аз чашмҳои инсоният мешитобад:

Роҳи бозор куҷост?
Ман басе мехоҳам аз чашме меҳрубонӣ бихарам.
… Лек ҳайҳот, дар ин бозор, бозори Хуҷанд,
Чеҳраҳо туршу суханҳо тунданд [7, с.285].

Манзараи дигари зиндагӣ дар тасвири рӯзгори гадоёни сари роҳе, ки ҳамарӯза пешорӯйи мо ҷилвагар мегардад, ифода ёфтааст. Вақте ки Фарзона мегӯяд:

Ман аз миёнаи бозор меравам,
Ба кафи бози гадоён садафи барф мефитад [7, с.274].

Мавриди таъкид аст, ки дар ин ду мисраи шеърӣ навъе тасвири зиндагии имрӯз ҷой гирифта, ки лаҳза – лаҳза авзои рӯзгори ҳолиро тафсир мекунад. Баъдан, дар ҳамин шеър аз растаи мардикорони ноумед ёдовар мешавад, ки барои харидани меҳнати кироии эшон касе талабгор нест. Чун дар чашмҳову дилҳо ҷарақаи меҳрубонӣ дигар намедурахшад, бояд ин арзиши волои инсониро дубора эҳё кунанд ва ҳифз намоянд:

Дар таҳи тути калон
Мардикорони ноумед ба овози пешин гӯш медиҳанд ва мегӯянд:

Дер шуд, ҳеҷ талабгор наомад [7, с.274].

Танҳо дар ҳамон ҳолат башар метавонад ба мунтаҳои мақсуди худ бирасад, ки фориғ аз ваҳми дарёфти обу дона меҳрубониро ба хотир оварад. Чунин аст ниҳояти андешаи шоир дар тафсири порае аз рӯзгори имрӯз:

Оқибат хона гарм хоҳад шуд.
Оқибат қандили булӯрии мо хандаҳои мунир хоҳад зад.
Оқибат тарҳи меҳрубоне аз оинаи нилӣ
дерпайғоми субҳ хоҳад гуфт.
Оқибат ин мардум
фориғ аз ҷустуҷӯйи обу дона хоҳанд шуд
ва меҳрубониро
боз хоҳанд ба хотир овард
Меҳрубонӣ чӣ буд? Дар ёд доред? [7, с.275].

Пас, маҷмӯаи тафсири лаҳзаҳои мухталифи рӯзгори имрӯз шоирро ба натиҷае мерасонад, ки меҳрубонӣ, меҳр, муҳаббат асли зиндагӣ аст, ки ба абадият хоҳад пайваст. Аз ин дидгоҳ, ба ҷуз ин авотифи рӯҳонӣ чизи дигар поянда нахоҳад монд.

Таваҷҷуҳ ба ин ғояи ашъори Фарзона бозгӯйи он аст, ки андешаи мазкур ҳанӯз беш аз 600 сол қабл дар тафаккури Мавлонои Балх ба сурати зайл таҷалло ёфта буд:

Мо ҳеҷу замона ҳеҷу дунё ҳама ҳеҷ,
Эй ҳеҷ зи баҳри ҳеҷ бар ҳеҷ мапеч.
Донӣ, ки зи одамӣ чӣ мемонаду бас,
Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ ҳама ҳеҷ [9, с.145].

Аммо ин матлаб дар шеъри Фарзона ба сурати тоза ва тафаккури ҷадид ифода ёфтааст, ки аз ғояи умумиинсонӣ будани андешаи мазкур дарак медиҳад.

Ҷанбаи дигари инъикоси воқеоти замонӣ ва масоили вижаи баёнгари рӯҳияи замон дар шеъри Фарзона дар корбасти вожаву истилоҳоти хоссаи давр зуҳур мекунад, ки ба навъе дар заминаи кашфиёти ҷадид ҳамчун луғоти навини забонӣ шинохта шудаанд. Аз ин хотир, дар ашъори Фарзона вожаҳои муосири тилфун, клос, тайёра, саксафун, компутер ва амсоли инҳо роҳ ёфтаанд, ки ба таҷаддуди афкор ва сурати шеъри шоир ишорат менамоянд. Аз ҷумла, дар ин шеър вожаи клос хеле зебо ба кор гирифта шудааст:

Зиндагӣ нест чу иншои клосси даҳум,
Ки ба ҳар навъ, ки хоҳам, зи нав эҷод кунам [4, с.162].

Истифодаи чунин вожаҳо дар шеър бамаврид буда, то андозае бозгӯйӣ он аст, ки шоир матолиби пешин ва маонии куҳанро дар пероҳани наву тоза гуфта тавонистааст.

Дар мавриди дигар, бо корбурди ибораи ишқи компутерӣ шоир гирифториҳои инсони муосирро изҳор кардааст:

Эй сокинони асри ҷадид!
Ба дили маснӯии шумо муборак бод
Ишқи компутерӣ [7, с.432].

Ҳамин тариқ, набзи замон дар шеъри Фарзона ба тарзи хосса ва тафаккури нави имрӯз ифода гардидааст. Ҷилваи лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагӣ чун оинаи мусаффо маҷмӯи муносибатҳои ҷории зиндагии моро дар шеъри шоир бозгӯӣ мекунад.

Баробари ин, воқеияти қавӣ доштани тасовири зиндагӣ дар шеър аз таваҷҷуҳи хоссаи Фарзона ба масоили иҷтимоӣ ва андеша дар омилҳои пешрафти ҷомеа дарак медиҳад. Ба хотири инъикоси воқеъбинона шоир кӯшидааст, ки зиндагиро мисоли тасвири соф дар оина ба қаламрави шеър зиндаву бериё кӯч диҳад, ки ин ҳам аз лиҳози ҳунарӣ ба дӯши шоир масъулияти бузургеро мегузорад ва он чӣ дар ин навиштаи хурд омада, бахши кӯчаке аз мабоҳиси мазкур аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Зиёи Муваҳҳид. Шеър ва шинохт / Муваҳҳид, Зиёӣ. –Теҳрон: Марворид, 1377. – 292 с.
2. Раҳматова М.М. Хусусиятҳои корбурди шумора дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ / М.М. Раҳматова. – Хуҷанд: Тоҷпринт, 2019. – 168 с.
3. Ризо Бароҳанӣ. Тилло дар мис. Дар се ҷилд / Бароҳанӣ, Ризо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1371. – 2110 с.
4. Фарзона. Ояти ишқ. – Душанбе: Адиб, 1994. – 198 с.
5. Фарзона. Меъроҷи шабнам. – Душанбе: Адиб, 1999. – 208 с.
6. Фарзона. Муҳри гули мино. – Хуҷанд: Ношир, 2006. – 400 с.
7. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона. Ҷилди якум. – Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2014. – 504 с.
8. Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 540 с.
9. Ҷалолиддини Румӣ. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд / Румӣ, Ҷалолиддин. - Душанбе: Адиб, 1992. – 890 с.
10. Шакурӣ, М. Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ / М. Шакурӣ // Рӯдакӣ. – 2001. № 2 (14).
11. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. Ҷ.3 / Нуъмонӣ Шиблӣ. – Теҳрон, 1368. – 204 с.
12. 1000 мисраи Рӯдакӣ / Зери таҳрири Ҳодизода Р. ва Афсаҳов А. –Душанбе: Ирфон, 1984. – 192 с.

НАБЗИ ЗАМОН ДАР ШЕЪРИ ФАРЗОНА

Дар мақолаи мазкур масъалаи аз оғози адаби форсӣ то ҳол дар ҷавҳари маънавии шеър макон пайдо кардани набз ва рӯҳи замон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Зикр меравад, ки тафаккури замон, муносиботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки зиндагии шоирро иҷтимоъ мебахшиданд, дар ҳама давру замонҳо дар оинаи шеър нақши банур гузоштааст. Муаллифи мақола бо зикри намунаҳо аз ашъори яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик Фарзона баён медорад, ки масъалаи замон ва акси он дар шеър аз матолиби вижаи ашъори шоира маҳсуб мегардад. Дар мақола, асосан, ба масъалаи корбасти вожаву истилоҳоти хоссаи давр дар ашъори шоира, ки тафаккури мудернии ӯро дар шеър бозгӯ мекунад ва эҳсос мегардад, ки ӯ набзи замонро рӯҳан дар пайвастагӣ ба ҷаҳони андешаҳояш дарк мекунад, таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Қайд шудааст, ки воқеияти қавӣ доштани тасовири зиндагӣ дар шеър аз таваҷҷуҳи хоссаи Фарзона ба масоили иҷтимоӣ ва андеша дар омилҳои пешрафти ҷомеа дарак медиҳад ва бар ин вачҳ, дар ашъори шоир тасвири ҳаводиси маконивву замонӣ ҳамчун вижагиҳои хоссаи тасвирсозӣ қарор гирифта, дар доираи ин матлабҳо тасвирҳои зиёди шоирона офарида шудаанд. Хулоса меравад, ки дар идомаи анъанаҳои беҳтарини адабиёти гузаштаи форсӣ Фарзона низ тавонистааст, набзи замонаҳоро дар шеър ифода сохта, нуктаҳои ҷавобгӯ ба талаботи тамоми давраҳои рӯзгори инсониро баён намояд. Намунаҳои мазкур далолат бар он доранд, ки фарогирии масоили баёншуда дар шеър яке аз муҳимтарин иллатҳои маҳбубияти шоир гардидааст.

Калидвожаҳо: адабиёти муосири тоҷик, шеъри муосир, тафаккури шоирона, афкори фалсавӣ, ирфон, матолиби сиёсиву иҷтимоӣ, набзи замон, муносибатҳои замониву маконӣ, тасвирсозӣ, тасвирҳои шоирона.

ДУХ И РИТМЫ ВРЕМЕНИ В ПОЭЗИИ ФАРЗОНЫ

В настоящей статье рассмотрены вопросы пространственно-временного влияния, влияния социально-политической атмосферы на поэзию с древних времен до нынешней периода. В статье упоминается, что мировоззрение, присущее каждому историческому периоду, социально-культурные связи, сопровождающие поэтов по жизни, всегда отражались в зеркале поэзии. Автор статьи по вопросу особой лексики и терминологии, присущей каждому историческому периоду, приводит примеры из поэзии выдающейся современной таджикской поэтессы Фарзоны, в чьей поэзии ярко отражаются элементы современного общества и социально-культурных явлений. В статье рассматриваются вопросы употребления особой лексики и терминологии в поэзии Фарзоны, отражающие ее модерновый взгляд, уделено внимание ее эмоциональному восприятию новых веяний и тенденций в социуме. Автор отмечает, что описание социально-культурных явлений в ее поэзии имеет твердое обоснование, что свидетельствует о ее огромном внимании и интересе к социальным вопросам, философским размышлениям о развитии общества. На этом основании поэтическое описание общественных явлений и исторически значимых событий является особой чертой в поэзии Фарзоны, вследствие чего в поэзию вошло немало уникальных и неповторимых образов. В статье сделан вывод, что Фарзона, продолжая лучшие традиции персидско-таджикской поэзии, смогла отразить современные социальные явления в поэзии, высказать собственное мнение по актуальным вопросам человеческого сообщества. Приведенные образцы, охватывающие социальные, нравственные и общекультурные проблемы, отражают основные черты, сделавшие ее поэзию предметом всеобщего восхищения.

Ключевые слова: современная таджикская литература, современная поэзия, поэтическое мировоззрение, философское мировоззрение, мистика, социально-политические проблемы, дух времени, пространственно-временные отношения, описание, поэтические образы.

SPIRIT AND RHYTHMS OF TIME IN PHARZONA'S POETRY

The questions of spatial and temporal influence, influence of social and political atmosphere on the poetry from ancient times till present period are discussed in this article. The world view, which attaching each historical period, social and cultural connection, attendant to the poets in life, was always attracted in her poetry in this article. On the question of special vocabulary and terminology inherent to every historical period, the author of the article gave the examples from the poetry of the prominent modern Tajik poetess Farzona, in whose poetry the elements of modern society and social and cultural phenomenon are brightly reflected. The article considers the questions of using special vocabulary and terminology in Farzona's poetry, which reflect her modern view and attention to her emotional intelligence of new spirit tendency in society is given. The author notes that the description of social and cultural phenomena in her poetry has a solid foundation, which indicates her great attention and interest in social issues, philosophical reflections on the development of society. On this basis poetic description of social phenomena and historically significant events is special feature in the poetry of Farzona, as a result of which many unique and inimitable images entered into poetry. The article concludes that Farzona, continuing the best traditions of Persian-Tajik poetry, was able to reflect modern social phenomena in poetry, to express her own opinion on pressing issues of the human community. The above samples, covering social, moral and cultural issues, reflect the main features that made her poetry a subject of universal admiration.

Key words: modern Tajik poetry, modern poetry, poetic world view, philosophical world view, mysticism, social and political problems, the spirit of the times, spatial-temporal relations, description, poetic images.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоева Таиба Раҳматовна*** - Донишкадаи политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони давлатӣ ва ҷамъиятшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч.Ленин 226. E-mail: **Farah_a@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Бобоева Таиба Рахматовна*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, кандидат филологических наук, заведущая кафедрой государственного языка и обществознание. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул.Ленина, 226. E-mail: **Farah_a@mail.ru**

Information about the author: ***Boboeva Taiba Rahmatovna*** – Khujand Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate in Philological Sciences, head of the chair of the state language and humanities. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Lenin Str. 226. E-mail: **Farah_a@mail.ru**

УДК:891.550

ШАХСИЯТИ ЗАНИ ИДЕАЛӢ ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА “ХАМСА”-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ашурова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Шахсияти зани иделӣ дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни куҳани тоҷикон ҳамеша мавриди баҳсу андеша қарор доштааст. Аз ҷумла, дар осори адибони классикии форсу тоҷик намунаҳои зиёдеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар онҳо ба масъалаи шахсияти зани идеалӣ дахл намуда, чеҳраи чунин занон аз ҷиҳатҳои гуногун, ба мисли қудрату тавоноиҳои онҳо дар арсаи зиндагии хонаводагию ҷамъиятӣ, ибрози андеша дар лаҳзаҳои ҳалкунанда, эътибори отифаи занона, саҳмашон дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва ғайра мавриди тасвири бадеӣ қарор дода шудааст. Сарчашмаи асосии адибон дар ин масъала устураву афсонаҳо, қиссаҳои қадим, ба таври куллӣ, адабиёти куҳан ва низоми ахлоқии баргирифта аз омӯзаҳои динию мазҳабӣ мебошад. Дар ҳамин росто “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Ҳаким Низомии Ганҷавӣ ҳамчун шоҳкори беназиру ҷовидона барои пажӯҳиш ва шинохти масъалаи мазкур муҳимтарин манбаъ маҳсуб мешаванд.

Маводи дар иртибот ба масъалаи мавриди назар фароҳамомада аз достонҳои гуногуни таркиби ин ду шоҳасар масъалаҳои зиёдеро фаро мегиранд, ки ҳар кадомро метавон ба таври ҷудогона баррасӣ кард. Ҳадафи мо дар ин ҷо баррасии бозтоби зани идеалӣ аз нигоҳи Фирдавсии Тӯсӣ ва Низомии Ганҷавӣ аз назари хирадмеҳварӣ мебошад, ки дар фарҳангпарварии бонувон равшан мегардад.

Пеш аз баррасии асли масъала вожаҳои “фарҳанг”, “бону” ва ибораи “бонуи бофарҳанг”- ро маънидод менамоем. Дар вожаномаҳо ва фарҳангҳои тафсирии забони форсӣ, аз ҷумла дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, вожаи “бону” ба таври зайл тавзеҳ шудааст: “хонум”, “хотун”, “бегим”, “бойзан”, “хонуми асилзода” [20, с.202]. Калимаҳои “хотун”, “бегим” аз забони туркӣ ба забони мо иқтибос шуда, калимаи “бону” калимаи порсии сирф аст. Бинобар ин, манзури мо, пеш аз ҳама, вожаи “бону” мебошад.

Дар таърихи фарҳанг ва тамаддуни гузаштаи мо калимаи “бону” мавридҳои истифодаи хоссае доштааст, ба гунае ки на ҳама занонро “бону” мехондаанд. Он идда заноне бону дониста мешуданд, ки барҳӯрдор аз тарбияву саводу доной буда, равшанравон дониста мешуданд. Аз истифодаи калимаи “равшанравон” дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ зане дар назар аст, ки покниҳоду фарҳангпарвару равшанандеш аст:

Ки эй номвар бонуи бонувон,
Сухангӯву донову равшанравон! [29, с.306].

Ҳаким Фирдавсӣ аз калима ва иборoти “равшанравон”, “равшанандеш”, “меҳбону”, “бонуи шаҳр”, “бонуи бонувон”, “маҳи бонувон”, “сари бонувон”, “бонуи Эрон” “бонуи ҷаҳон”, “гаронмоязан”, “зани шер”, “шоҳзан”, “меҳтар” ва амсоли инҳо зиёд истифода карда, на ҳамаи занони, ба қавли вожаномаи “Фарҳанги забони тоҷикӣ” “бойзан”-ро бону донистааст (20, с.202). Масалан, дар ҳаҷвияи машҳури мансуб ба Ҳаким Фирдавсӣ ба бону будани модари Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки фарзандаш нисфи қораи Осиёро забт карда буд, шакку шубҳа оварда шудааст:

Агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ [17, с.299].

Дар достони “Рустам ва Суҳроб”-и Абулқосим Фирдавсӣ Суҳроб ба модараш – Таҳмина, ки духтари шоҳи Самангон буд, ваъда медиҳад, ки пас аз тасхири Эрон ӯро “бонуи шаҳри Эрон” мекунад:

Туро бонуи шаҳри Эрон кунам,
Ба ҷанг-андарун кори шерон кунам [23, с.223].

Ҳамин гуна орзуро шоҳзода Исфандёр низ дар дил мепарварад ва ба Катоюн мегӯяд, ки пас аз шоҳаншоҳи Эрон шудан ӯро, яъне модарашро “бонуи шаҳри Эрон” мекунад:

Туро бонуи шаҳри Эрон кунам,
Ба зӯру ба дил кори шерон кунам [26, с.322].

Адабпажӯҳ Зафар Мирзоён вожаи “бону”- ро ба як қатор калимаҳои ҳамгуни забонҳои урупоӣ муодил шуморида, дар ин хусус чунин овардааст: “Агар муодили вожаро (вожаи “бону”- ро - А.Н.) дар як қисм забонҳои урупоӣ ҷустуҷӯ кунем, аз ҷумла дар инглисӣ “ladu”, фаронсавӣ “madame”, олмонӣ “frau”, русӣ “дама” хоҳем дид, ки урупоиҳо низ бо баёни он калимаҳо манзурашон занони некрафтору нозукандандеш мебошанд [15, с.267].

Дар забони тоҷикӣ аз пайвастани исми бону бо дигар исмҳо калимаҳои мураккаб месозанд. Аз ҷумла, бо пайвастани исми “када”, ки дар китобҳои қаблазисломӣ ба маънии

“хона” омадааст [9, с.285], вожаи “кадбону” сохта шудааст, ки ба соҳибхоназан далолат мекунад. Кадбону (кайбону) занеро унвон мекунанд, ки дар нонпазиву хӯрокпазӣ чираманду моҳир бошад. Ё худ, аз пайвастани исми “шаҳ” (“шоҳ”) бо “бону” калимаи “шаҳбону” сохта мешавад, ки муродифи арабиасосаш “малика” мебошад. Фозилони суханвари тавонои мо ҳамчунон аз алфози “меҳ”, ба маънии бартар ва “бону” вожаи зебои “меҳбону” сохта, бо баёни он занони бодонишу поктинатро ситоиш кардаанд [15, с.267].

Дар достони “Подшоҳии Искандар”-и “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар фаслҳои марбут ба сафари Искандар ба сарзамини Андалус (подшоҳи ин кишвар Қайдофа ном зан буд) [27, с.179-207] аз забони персонажҳо маликаи ин шаҳр шаш маротиба “меҳтар”, яъне меҳзан, бонуи бузург ном бурда шудааст. Қайдофа ҳамчун зани равшанандешу бофарҳанг, чорасоз ва зани идеалӣ тасвир шудааст. Ӯ бо хираду дониши баланд ва заковатмандии худ тавонистааст, ҳам хатари ҷангу хунрезиро аз сарзаминаш аз байн барад ва ба қавле “душманро дӯст гардонад”, ҳам дили лашкаркаши оламгирро тасхир намояд.

Яке аз персонажҳои достони “Хусрав ва Ширин”- ро Низомии Ганҷавӣ Меҳинбону ном мебарад, ки ин исм бо калимаи дар боло овардашуда ҳаммаъност: Меҳин – муқобили кеҳин, яъне бузург (аз ҷиҳати манзалат) [20, с.683], Меҳинбону – яъне, бонуи дорои мақоми бузург. Чунончи:

Зи мардон бештар дорад сутургӣ,
Меҳинбонуш хонанд аз бузургӣ [6, с.170].

Манзур аз баёни чунин андешаҳо он аст, ки дар суннати фарҳангии тоҷикон бону занеро меномидаанд, ки бодониш, бофарҳанг ва дорои хулқи нек ва табъу завқи баланд бошад. Аз ин ҷост, ки шоирони бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик Ҳаким Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар осори бебаҳои худ, пеш аз ҳама, занони дорои фарҳанги баланд, хирадманд, ростқавлу поквиҷдон, вафодору меҳрпарвар, зебосурату некусириштро ба сифати бону тавсифу ситоиш намудаанд. Чунин занон барои ҳарду адиб занони идеалӣ маҳсуб меёбанд.

Мафҳуми калидии дигар дар ин баррасӣ калимаи “фарҳанг” мебошад. Ин вожа дар асари дуҷилдаи “Фарҳанги забони тоҷикӣ” шарҳ дода нашудааст. Дар он танҳо маънии калимаи “фарра” баён шудааст, ки чунин аст: “фарра: шукӯҳ, бузургӣ, ҷалол, шавкат, азамат” [21, с.418]. Дар “Фарҳанги мухтасари “Шоҳнома” калимаи “фарҳанг” чунин шарҳ дода шудааст: “Фарҳанг: илм, дониш, хирад, адаб” [2, с.385].

Мо дар ин ҷо ба ҷойгоҳи вожаи “фар”, “фар(р)”, ё худ “фара” таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунем, зеро ин калима ба мафҳуми “фарҳанг” рабт дорад. Вобаста ба ин ҷиҳати масъала ба пажӯҳиши Зафар Мирзоён менигарем, ки чанд паҳлуи корбурди ин вожаро ба таҳқиқ овардааст. Ба андешаи ӯ, вожаи “фар(р) ” бо калимаҳои форсии “ҳур”, “хур”, “хуршед” аз як реша аст. Фар(р) ҳамчун партав, рӯшноӣ ва неру истифода шуда, дар шеваи гуфтори мардуми кишварамон ба маънии неру, қувва ҳанӯз ҳам роиҷ аст, чунончи “беҳангу фара”, яъне хаставу монда [14, с.49].

Эраҷ Баширӣ низ дар бораи вожаи “фар” андешаҳои ҷолиб овардааст: “Калимаи “фар”, ки дар забонҳои форсӣ ва тоҷикии имрӯза мутадовил аст, барои аввалин бор ба василаи Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ дар авохири қарни X мелодӣ ба кор бурда шуда. Ин калима дар асл муштақ аз вожаи авестоии “хварнак”, ба паҳлавӣ “хвар” мебошад. Номҳои дигари “фар” дар адабиёти қадимаи форс-тоҷик иборат аз “фарри эзидӣ, фарри шоҳаншоҳӣ, фарри ориёӣ ва фарри каёнӣ” мебошад” [5, с.46].

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ “фар” ҳоизи се нақши асосӣ аст. Аввалин нақши он мутамоил сохтани миллатҳоест, ки дар Осиёи Миёна ва Эрон зиндагӣ мекарданд. Муҳимтарини ин мардум эрониҳо ва тӯрониҳоро, ки аз нажоди ориёӣ ҳастанд, ба таври куллӣ аз туркҳо мутамоиз мекунад. Вақҳи тамоюзи ин се гурӯҳ бино ба он чи аз навиштаи Фирдавсӣ бармеояд, дар ин мебошад, ки эрониҳо аз ибтидои хилқат соҳиби “фар” будаанд ва дар сар то сари даврони “Шоҳнома” низ дар тасоҳуби “фар” боқӣ мемонанд [17, с.43].

Аз рӯйи навиштаҳои “Авасто”, “фар”(р)- и подшоҳӣ насиби озодагоне мегардад, ки некманишу додхоҳу хирадофарин бошанд ва агар шоҳе, ки ба сухани нодурусту дурӯғ пардохт, касеро ба куштан дод ва боиси кушта шудани касон гардид, “фар”(р) ба сурати мурғи Варғана (уқоб, шоҳин) аз ӯ ба парвоз мегурезад. Мисли фарри гусаста аз Ҷамшед. Дар “Зомёд яшт” омада аст, ки севум бор “фарри бағона” (Худо) дар пайкари мурғе, аз Ҷамшед гусаста, ба Гаршоспи Наримон пайваст.

Бояд афзуд, ки на ҳама дорандагони фарру ҳуш шоҳонанд. Аз ҷумлаи паҳлавонон яке Рустами Дастон “яке марди покиза боҳушу фарр” буд ва то охири умр ин фарро ҳифз кард. Шоҳону ялон дар “Шоҳнома” “фарри каёнӣ”, “фарри иронӣ”-ро бо донишу хирад, ному нажод ҳамсон дидаанд:

Бибурдӣ ба наздики ӯ тоҷи зар,
Аз ӯ ёфтӣ зебу оину фар [28, с.63].

Шоиста аст ин нуктаро ёдовар шавем, ки мардуми иронитабори асил ҳамдигарро аз рӯйи чеҳра ташхис мекунанд, ки онро фарри эзадӣ партав меафканад. Мисле, ки Гурдофарид дар хилоли набард бо Суҳроб аз фарру бурзи он пай мебарад, ки яли ҷавон аз туркон нест:

Ҳамоно, ки ту худ зи туркон наӣ,
Ки ҷуз б-офарини бузургон наӣ [23, с.240].

Аммо онҳое, ки аз маниши нек, куниши нек ва гӯйиши нек бархӯрдор нестанд, фарр ҳаргиз насибашон намегардад:

Касеро, ки Яздон надодаст фарр,
Набошад-ш бо ҷанги ӯ пову сар [25, с.258].

Ҳакими Тӯс занонро низ "боҳушу фар", "бону", "фарзона", "хирадманду бофарҳанг" ном бурдааст.

Ҳаким Фирдавсӣ ба ҳангоми муайян намудани мавқеи иҷтимоии одамон дар миёни зану мард тафовут намегузорад ва бар хилофи қавмҳои бадавии ҳамҷавори Эрон занро бо олитарин сифатҳо меситояд. (Ҳамон гуна ки бар хилофи хашми шоҳи Яман, ки доштани духтарро боиси фалокат дониста буд ва ба худ нафрин мефиристод, Фирдавсӣ бовармандаст, ки фарзанд чи духтар бошад ва чи писар тафовуте надорад, муҳим ин аст, ки фарзанди нек бошад:

Ҷу фарзанд бошад баоину фар,
Гиромӣ ба дил-бар, чи мода, чи нар) [22, с.144].

Эрониаслон ба таври фаровон бо вожаи "озодагон" ёд мешаванд. Вожаи "озода" дар Авасто ба маънии наҷиб, шариф омадааст. Дар Бандуҳиш чунин сабт шудааст: "Фарраи озодагон он аст, ки эрониёнрост". Дар рӯзгори Сосониён озодагон табақае буданд, ки лашкариёни саворароташкил мекарданд. Фирдавсӣ дар ситоиши ғайриэронӣ вожаи "озода"-ро истифода намекунад, ба истисно Пирони Виса ва Манижа, ки онҳоро "озодахӯй" меномад.

Шоистаи гуфтан аст, ки эрониҳои "Шоҳнома" қавми бофарҳангу хирадгаро, озодаву некухислат, донишиву созанда, реша дар сарзамини ниёконашон дошта, дорои жарфтарин эҳсосот дар ҳимояи фарҳанг ва ҳуввияти миллии худ мебошанд.

Дар баробари истифодаи вожаи "озодагон" Ҳакими Тӯс калимаҳои "фарҳанг", "фарҳангиён"-ро низ ба кор бурдааст.

Вожаи "фарҳанг" дар забони адабии мо таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Калимаи мазкур бори аввал дар қисмҳои аввали "Шоҳнома" ба чашм расад ҳам, дар қисми таърихии он бештар истифода шудааст. Вожаи "фарҳанг" бори аввал дар достони "Сиёвуш" омадааст. Шоҳ Ковус аз занаш Судоба дар бораи писараш мепурсад:

Зи фарҳангу рои Сиёвуш бигӯй,
Зи болову дидору гуфтори ӯй.
Писанди ту омад? Хирадманд ҳаст?
Аз овоз беҳ, гар зи дидан беҳ аст?" [23, с.361].

Мафҳуму маънии "фарҳанг" дар ин достон маънии имрӯза нест. "Фарҳанг" дар нисбати шоҳзода Сиёвуш ба маънии илму дониш ҳам, ки имрӯз мефаҳмем, нест, балки тарбиятест, ки ӯ аз Рустам гирифтааст ва он иборат аст аз аспсаворӣ, истифодаи тиру камону каманд, шикор бо бозу шоҳин, маҷлиси майгусорӣ, тоҷу тахт, донистани доду бедод (идораи давлат), рамзу сипоҳдорӣ ва дигар ҳунарҳост, ки омӯхта буд.

Аммо вожаи "фарҳанг" дар қисми таърихии "Шоҳнома" дар тасвири замони Ашкониён ва Сосониён маъно ва мафҳуми дигар пайдо мекунад ва бештар ба кор бурда шудааст. Дар ин қисмати "Шоҳнома" "фарҳанг" ва омӯзиши он яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Вожаи "фарҳанг", пеш аз ҳама, ба маънои илму дониш истеъмол шудааст, ки он дар натиҷаи таълим ва омӯхтан ба даст меояд. Масалан, модари Шопури Ҳурмузд барои таълими писараш фарҳангиёнро (омӯзгоронро) меорад ва Шопур дар андак муддат аз омӯзгорон мегузарад:

В-аз ӯ шодмон шуд дили модараш,
Биёвард фарҳангҷӯён бараш.
Ба зудӣ ба фарҳанг ба ҷое расид,
К-аз омӯзгорон сар андар кашид [27, с.314].

Ҷойи дигар:

Ҳамон модараш низ бо ӯ ба ҷой,
Ҷаҳонҷӯй фарзандро раҳнамой [27, с.345].

Падари Шопур – Ардашер низ барои тарбияти фарзанд фарҳангиёнро ҷалб мекунад:

Биёвард фарҳангиёнро зи шаҳр,
Касе, к-аш зи фарзонагӣ буд баҳр,
Набиштан биёмӯхташ паҳлавӣ,
Нишасти сарафрозиву хусравӣ [27, с.349].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар гузашта модарон дар таълиму тарбияи фарзандон саҳми баланд доштаанд, яъне дар “фарҳангӣ” кардани насли оянда маҳз модарон вазифадор будаанд.

Дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ба калимаи “фарҳангӣ” низ фаровон дучор меоем, ки бештар ба маънои омӯзгор, муаллим истеъмол шудааст.

Дар бораи ба маънии илму дониш фаро гирифтан, хатту савод доштан, навъҳои гуногуни варзиширо аз худ кардан ва ғайра омадани вожаи “фарҳанг” дар “Шоҳнома” С. Ҳалимов чунин андешаронӣ кардааст: “Аз нигоҳи Фирдавсӣ, “фарҳанг” дар аҳди Сосониён дар навбати аввал хатту савод, илму дониш аст, ки ба кӯдакон омӯхта мешуд... Маънои омӯхтани фарҳанг ба шоҳзодагон дар хурдсолӣ ва ҷавонӣ аз инҳо иборат будааст: саводу дабирӣ омӯхтан, шикор бо лозу боз; чавгонбозӣ; камону тирандозӣ; кору бори шоҳон (тартиби давлатдорӣ) ва донистани рафтору гуфтори корогаҳон” [31, с.13].

Дар достони “Баҳроми Гӯр” низ калимаи “фарҳанг” фаровон истифода шудааст ва онро ба ду маънӣ фаҳмидан мумкин аст. Шоҳ Баҳроми Гӯр дар хонаи шахсе бо номи Гавҳарфурӯш меҳмон мешавад. Ӯ Орзу ном духтаре дошт, ки чангнавоз буд. Орзу дар пеши шоҳ аввал навои “Хурӯши мурғон” ва баъд навоҳои дигарро менавозад:

Ҷаҳонро аз он чомаву чанги ӯй,
Зи дидору болову фарҳанги ӯй
Бар ӯ-бар бар он гуна буд мубтадо,
Ки гуфтӣ, дилаш гашт ганҷи бало [28, с.152-153].

Ҳунарнамоии духтари чангзан Баҳромро волаю шефта мегардонад ва қиссаи мазкур бо издивоҷи Баҳром бо Орзу хотима меёбад. Дар ин байтҳо пайдост, ки муроди шоир аз корбурди вожаи фарҳанг бознамоёндани ҳунармандии духтари чангнавоз Орзу бошад.

Ҳам дар достонҳои “Подшоҳии Хусрави Парвиз” ва “Подшоҳии Баҳроми Гӯр” дар “Шонома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳам дар достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Ҳафт пайкар” дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ аз дигар достонҳо дида бештар образи занони бофарҳангу ҳунарманд: чомасаро, мутриб, чангнавоз, уднавоз, барбатнавоз, раққоса ба мушоҳида мерасад.

Дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомӣ оварда шудааст, ки шоҳ пас аз чанде нишастан ба берун меравад ва дар ин ҳангом Ширин аз Шопур хоҳиш мекунад, ки яке аз мутрибонро ба наздаш бинишонад, то аз сӯзи ӯ огоҳ шуда, оҳанги дили зорашро ба гӯши шоҳ – Хусрав расонад. Шопур Накисои Чангиро назди Ширин мешинонад, то рози дили Ширинро дар парда бисозад. Ҳамин тавр, базми Хусраву Ширин оғоз меёбаду бад-ин минвол ҳашт ғазалро мутрибон аз номи Хусраву Ширин месароянд.

Ҳикояти мазкур баёнгари он аст, ки то кадом андоза занони ориёитабор дар гузашта ба шеъру суруд таваҷҷуҳ доштаанд ва дар баёни эҳсосот, нишон додани ҳолати рӯҳию равонии худ аз суруду мусиқӣ кор мегирифтаанд.

Умуман, дар достони “Хусрав ва Ширин” Низомии Ганҷавӣ дар симои Ширин зани бофарҳанг, вафодор, ростқавл, ғамхору покниҳод ва идеалиро офаридааст. Ӯ ҳамчун подшоҳ одил, ҳамчун зан зебо ва беайб буда, идеали шоир мебошад.

Низомии Ганҷавӣ дар достонҳояш ба занони эҷодкор – шоиру қиссагӯ низ таваҷҷуҳ кардааст. Масалан, Лайлӣ ҳам монанди Маҷнун дар назм кардани сухан, яъне шеър гуфтан фасоҳате дошт ва ҳама байтҳои тозаю нав мегуфт. Занони Баҳроми Гӯр, шоҳдухтарони шоҳони ҳафт иқлими ҷаҳон бошанд, бо қиссаҳои гӯшнавоз ва пандомезу ахлоқиашон ҳар шаб хотири шоҳро шод мегардонанд, онҳо низ намунаи занони бофарҳангу ормонӣ маҳсуб меёбанд.

Дар асари илмӣ-тадқиқотии ховаршиноси фаронсавӣ Филип Гюиз бо унвони “Форси қадим” (“Древняя Персия”) дар бораи дар дарборҳои шоҳони Ҳахоманишӣ даъват шудани ҳунармандон-мутрибзанон барои дилхушӣ додани шоҳ ва хонаводаи ӯ ва ашрофзодагон маълумот дода шудааст. Вай мегӯяд: “Во время царских пиров Ахеменидов приглашались музыкантши (флейтистки, арфистки, женщины, игравшие на лире, и т.д.), танцовщицы, а так же множество других артистов, таких, как жонглеры, щуты или певцы, чтобы развлекать приглашенных” [9, с.249].

Дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ низ дар мавриди ҳунару маҳорати мутрибӣ (дар созҳои гуногун ба монанди уд, руд, чанг, барбат, арғунун ва ғайра), сарояндагӣ, раққосӣ доштани занон сухан рафтааст. Образи мутрибзанону чомасароёну раққосаҳо беш аз ҳама дар достони “Подшоҳии Баҳроми Гӯр”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва достони “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷавӣ ба мушоҳида мерасанд.

Дар достонҳои мазкур қиссаи Баҳроми Гӯр ва канизаки чангзан оварда шудааст. Ҳарду персонаж дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ Озодаи чангзан –канизаки румӣ ва дар “Ҳафт пайкар”-и Низомӣ Фитна – канизаки чинӣ дар ҳунару мутрибӣ ва ҳунарҳои дигар

доштан хеле бомаҳорат бозтоб шудаанд. Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ Баҳром аз байни чиҳил канизак ду нафарро интихоб мекунад, ки яке чангзан буд:

Аз он ду ситора яке чангзан,
Дигар лоларух чун Суҳайли Яман [28, с.24].

Дар қиссаи овардаи Низомӣ Фитна – канизаки чинӣ ҳам аз ҳунари сарояндагӣ ва ҳам аз ҳунарҳои раққосӣ ва мутрибӣ бархӯрдор аст:

Бо ҳама некуӣ сурудсарой,
Рудсозе, ба рақс чобукпой.
Нола чун бар навои рӯд овард,
Мурғро аз ҳаво фуруд овард [7, с.276].

Дар достони “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ дар фасли “Меҳмонӣ кардани Хоқони Чин Искандарро” дар бораи базми шоҳона сухан меравад, ки Хоқони Чин барои Искандар омода карда буд. Аз рӯйи тасвири шоир, базмро мутрибону ромишгарон ва раққосон, ки аз ҳар гӯшаи дунё ҷамъ омада буданд ва байни онҳо занони ҳунарманд низ буданд, шукӯҳ мебахшиданд:

Нишаста ба ромиш зи ҳар кишваре
Ғариб устодею ромишгаре...
Бирешимнавозони суғдисуруд
Ба гардун бароварда овози руд...
Ҳамон пойкӯбони кашмирзод
Муаллақзан аз рақс чун девбод.
Зи юнониён арғанунзан басе,
Ки бурданд ҳуш аз дили ҳар касе [8, с.230-231].

Дар фасли “Достони Баҳроми Гӯр бо чаҳор хоҳарон”-и Ҳаким Фирдавсӣ оварда шудааст, ки шоҳ Баҳроми Гӯр бо мӯбадону меҳон ва лашкариёнаш пас аз шикор дар нахчиргоҳ ба сӯйи шаҳр, ки он ҷо аз дур рӯшноии оташ намудор мегашт, равон мешавад. Дар наздикии деҳ, назди осиёб марду зани деҳа ҷамъ омада, ҷашнгоҳ сохта базму сурудхонӣ мекарданд. Дӯшизагон дар базмгоҳ аз гул афсар (тоҷ) сохта, бо навои ромишгарон чомаи “размиХусрав” заданд:

Яке осиё дид дар пеши деҳ,
Нишаста пароканда мардони меҳ.
В-аз он рӯи оташ ҳама духтарон,
Яке ҷашнгаҳ сохта бар карон.
Зи гул ҳар яке бар сараш афсаре,
Нишонда ба ҳар ҷой ромишгаре.
Ҳама чомаи размиХусрав заданд,
Замон то замон ҳар яке нав заданд.
Ҳама моҳрӯю ҳама ҷаъдмӯй,
Ҳама чарбгӯву ҳама мушкбӯй [28, с.106].

Чаҳор духтари чомасаро: Мушкноз, Мушкинак, Нозёб, Савсанак духтарони осиёббони пир буданд. Онҳо:

Бари шоҳ рафтанд бо дастбанд
Ба рух чун баҳору ба боло баланд.
Ҳама чома гуфтанд Баҳромро,
Шаҳаншоҳи бодонишу комро [28, с.107].

Баҳроми Гӯр аз ҳунари чомасароии духтарон ба ваҷд омад, ба онҳо дил баста, ҳамаашонро ба якборагӣ ба никоҳи хеш медарорад.

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ тасвирҳои ҷузъии ҷолибе ҳам ба мушоҳида мерасанд, ки реша дар устура ва ё афсона дошта, дар таркиби асар хусусияти достонӣ пайдо кардаанд. Масалан, гулпарастӣ, гулгардонӣ дар фасли баҳор, туҳфаи гул ва сайри гул байни мардуми ориёитабор, бахусус занону духтарон, аз гузаштаи дур рафтори маъмулӣ ва дӯстдошта ба шумор мерафт. Онҳо пероҳанҳои зебову шинам ба бар намуда, ба сайру тамошои баҳори зебову мунаққаш мерафтанд. Ҳатто меҳмононро дар гузашта бо табақҳои гул пешвоз мегирифтанд, ҳамаи ин аз фарҳангпарвариии мардумони ориёитабор, хоссатан занону духтарон, дарак медиҳад:

Ба наздики пеши дари осиё,
Ба ромиш кашида нахе бар гиё.
В-аз он ҳар яке дастаи гул ба даст,
Зи шодиву аз май шуда ниммаст [28, с.106].

Дар достони “Зол ва Рудоба”-и Ҳаким Фирдавсӣ низ таваҷҷуҳи занону дӯшизагон ба гул ва гулгардонӣ дар лаҳзаи рафтани панҷ тан парастандаи Рудоба ба сайри чаман барои вохӯрдан бо Зол нишон дода шудааст. Ин замон айёми сари солу моҳи фарвардин ва вақти гулгардонӣ, сипоҳи Зол дар лаби рӯд хайма афканда буд. Парастандагони Рудоба дар

канори дигари рӯд дар тан либосҳо аз дебои румӣ, дар гесувон гулҳо баста ва ба гулчинӣ машғул буданд:

Ба дебои румӣ биёростанд,
Сари зулф бар гул биперостанд...
Ҳаме гул чиданд аз лаби рӯдбор,
Рухон чун гулистону гул дар канор.
Бигаштанд ҳар сӯ, ҳаме гул чиданд,
Саропардаро чун баробар шуданд [22, с.266].

Ин ҳолат дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ низ бозтоб шудааст. Низомӣ низ дар тасвири фасли баҳор ва дар ин айём гулпарастии занҳо, хоссатан дӯшизагон аз худ маҳорати баланд нишон додааст. Дар фасли "Намудани Шопур сурати Хусравро бори аввал" парастандагони Ширин дар чаманистони пурнақшу нигор ғарқи тамошои гулҳо аз расидани фиристодаи Хусрав – Шопури мусаввир пай намебаранд:

Ба сарсабзӣ бар он сабза нишастанд,
Гаҳе шамшоду гаҳ гулдаста бастанд.
Гаҳ аз гулҳо гулоб ангехтандӣ,
Гаҳ аз ханда табарзад рехтандӣ...
Гаҳ ин медод бар гулҳо дуруде,
Гаҳ он мегуфт бо булбул суруде [6, с.177-178].

Дар достони "Лайлӣ ва Маҷнун" фасле бо унвони "Рафтани Лайлӣ ба тамошои бӯстон" оварда шудааст, ки дар он Лайлӣ бо дӯшизагони ҳамқабилааш дар фасли баҳор ба тамошои боғу бӯстон мераванд:

Дар ҳалқаи он бутони чун ҳур
Мерафт чунон, ки чашми бад дур!
То сабзаи боғро бибинад,
Дар сояи сурхгул нишинад [7, с.79].

Ҳангоми қабули меҳмон ашрофзодагон барои ороиши хонаю даҳлез аз гулҳо истифода мекарданд. Меҳинбону барои пешвози шоҳзода Хусрав саҳни кохи шоҳиро бо гулҳои гуногун мунаққаш мегардонад:

Зи наргис в-аз бунафша саҳни хиргоҳ
Гулистоне ниҳода дар назаргоҳ [6, с.205].

Доир ба ин расму одоби хуби мардуми ориёӣ ва пайванди он бо устура донишманди олмонӣ Улрих Марзулф чунин андеша дорад: "Зан ҳамеша дар асотир ҷойгоҳи махсуси худро дошт. Он рафторҳои асотирии зан, ба монанди гулгардонӣ дар баҳор, ихлосмандона бӯйидани аввалин гули баҳорӣ, туҳфаи гул боиси рамзи махсус ва ғайра нишонаҳое аз устураҳои бостонӣ аст, ки баъдан маъмул шудааст. Агар имрӯз ҳам дар миёни занҳо роҷеъ ба ин гуна расму оинҳо устураҳое баён гарданд, ҳатман бояд сабт шаванд, ки барои илм ҳамчун санади илмӣ муҳим аст" [13, с.5].

Набояд фаромӯш кард, ки вожаи "фарҳанг" дар "Шоҳнома" на танҳо илму дониш ва донистани ҳунарҳои замонро ифода мекунад, балки маънии одобу ахлоқи писандида, тачрибаи зиндагӣ, гуфтору рафтори неки шоистаи одамонро низ мефаҳмонад.

Аз намунаҳои зикршуда бармеояд, ки вожаи фарҳанг ва шаклҳои таркибии он дар аҳди Сосониён ва рӯзгори Фирдавсӣ то замони Низомӣ тобишҳои маъноии мухталиф доштаанд ва дар замони мо ин вожа маъниҳои наве касб намуда, аз нав дар забони адабии муосири мо интишори тамом пайдо кардааст.

Ҳакими Тӯс дар хилоли бозгӯ кардани давлатдории гузаштагони мардуми ориёинажод, посдории муқаддасоти миллӣ ва таблиғи фарҳанги волои онҳоро мавзӯи сароиши шоҳкори худ донистааст. Сарояндаи номаи бостон, дар ҳар достони шоҳкори беҳамтои худ, ба васфи парчаму тахту авранг, тоҷу кулоҳу гурзу нигин, қасру нишастангаҳ, маю афзори майгусорӣ, дурру гавҳари ноёб, атру хушбӯиҳо, либосу ҷойгаҳи хоб, афзори пайкору шикор, расми пазироии шоҳону гурдони пирӯз, ойини тадфини гурдону сипаҳбадон ва дигар нозукиҳои хосси қавми босалиқаи дорои давлатдории пурзӯри куҳан сатрҳои бешумор бахшидааст. Низомии Ганҷавӣ низ дар пайравии Ҳаким Фирдавсӣ фарҳангсолории қавмҳои эронӣ, хоссатан занони ориёиро дар достони "Хамса"-и нотакрораш бозгӯ намудааст.

Чеҳраи зани ормонӣ дар партави фарҳанги меҳмондории бонувон ҳам дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳам дар "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ ба таври барҷаста намудор мешавад.

Яке аз вижагиҳои одоби гузаштагони мо пазироии меҳмон ва нигоҳ доштани одоби меҳмондорӣ ба шумор меравад, ки ин сифоти неки аҷдоди мо, алалхусус бонувон, дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва "Хамса"- и Низомии Ганҷавӣ низ бозтоб шудааст.

Чунонки дар боло қайд шуд, одоби баланди пазироии меҳмон ва меҳмондорӣ доштани мардуми ориёитабор ва инчунин, нигоҳ доштани одобу ахлоқи баланд ҳангоми

рафтан ба меҳмонӣ дар фарҳанги мардуми ориёитабор, ки тоҷикон низ аз қавмҳои ориёӣ мебошанд, таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳангоми ба меҳмонӣ рафтан ва ё пазироии меҳмон одамон бояд ба талаботи хоссаи оини пазироии меҳмон ва ё ба меҳмонӣ рафтанро риоя намоянд. Ва дар ин росто чунин нукоти муҳимро риоя намоянд:

- даъват кардани меҳмон ба хона;
- бидуни даъват ба меҳмонӣ нарафтан (дар баъзе мавридҳо ба таври истисно метавон бе даъвати тарафи қабулшаванда ба меҳмонӣ рафт).

Ҳолати мазкурро дар достони "Зол ва Рудоба" метавон дар кирдори Синдухт мушоҳида кард. Ӯ аз рӯйи тақозои ҳолат ба дарбори Сом бидуни даъват меравад.

Дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ низ Ширин, бинобар сабаби пофишории Шопур, бидуни даъвати расмӣ ба дарбори шоҳ барои дидани Хусрави Парвиз меравад. Дар сурате ки барои шоҳдухтарон ва намояндагони хонаводаи шоҳӣ, умуман, ашрофзодагон бе даъват ва огоҳӣ ба кохи шоҳон рафтан рафтори беодобона ва ғайри қобили қабул ҳисоб меёфт.

- ҳангоми пазироии меҳмон ва ё ба меҳмонӣ рафтан одоби муоширатро нигоҳ доштан, аз қабили зиёд ҳарф назадан, ё худ бисёр хомӯш наистодан, дағалона сухан нагуфтан, баҳс накардан, камбудӣ нагирифтан, касеро таҳқир накардан, айб нагирифтан ва ғайра;
- лутфомезона ва муаддабона сухан кардан;
- ба меҳмонҷо бо худ туҳфа бурдан. Ҳолати мазкурро дар рафтори Синдухт ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ӯ ҳангоми ба дарбори Сом омадан бо худ туҳфаю инъоми зиёд меорад;
- тақдим намудани ҳадя ба меҳмон, аз қабили симу зар, дурру гавҳар, либосу матоъҳои гуногун, монанди ҷомаю дебо, ҳатто канизон ва ғайра. Ҳолати мазкурро дар рафтори Сом – падари Золи Зар ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Сом ба Синдухт пеш аз ба Кобул раҳсипор шуданаш туҳфаҳои зиёд тақдим мекунад.

Дар фасли "Ҷашн оростани Хусрав" шоҳи Эрон – Кайхусрав ба Манижа, он духти бахтгумкарда, ки аз дарбори падари тундхӯяш – Афросиёб ронда шуда ва бо ҳамроҳии Бежан ба Эрон омада буд, бахшоиши зиёде мекунад: Ба Бежан бифармуд, к-ин хоста, / Бубар сӯи духти равонкоста.

Ҳамон гуна ки дар фасли "Расидани Хусрав ба Арман назди Меҳинбону" дар достони "Хусрав ва Ширин"- и Низомии Ганҷавӣ омадааст, Меҳинбону ҳамчун шоҳи ботадбир ва бонуи хирадманд шоҳзода Хусрави Парвизро ҳангоми дар сарзамини Арман буданаш истиқбол намуда, ба ӯ туҳфаҳои зиёд мефиристад:

Яке ҳафта ба навбатгоҳи Хусрав
Равон мекард ҳар дам туҳфаи нав;

- дар меҳмонӣ вақти ҳузурро нигоҳ доштан;
- аз рӯйи имконият хӯрокҳои лазиз пешниҳод намудан ба меҳмон.

Дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ метавон ба ҳикоятҳое вохӯрд, ки маҳз ба масъалаи пазироии меҳмон ва оини меҳмондорӣ бахшида шудаанд, аз қабили "Достони Баҳроми Гӯр бо Ланбаки Обкаш", "Достони Баҳроми Гӯр бо Меҳрбундод", "Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро" ва "Достони ӯ бо зани полизбон" ва ғайра.

Дар номаи шоҳон аксаран мардону занони дасткушоду сахӣ, хушгуфтору меҳмоннавоз аз байни омма ва инсонҳои оддӣ мебошанд. Меҳмоннавозии занонро метавон дар хислату рафтори образи зани полизбон дар қиссаи "Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро ва достони ӯ бо зани полизбон" ба мушоҳида гирифт. Ҳаким Фирдавсӣ дар баробари тавсифи шоистагии шаҳбонувону шаҳзодагон, иродату хирадмандии натанҳо мардон, инчунин, занони оддӣ, ба истилоҳ занони табақаи пасти ҷамъиятиро низ дар лаҳзаҳои гузарои шоҳкори худ бозтоб намудааст. Намунаи барҷастаи он дар лаҳзаи ба сарои марди рустоӣ меҳмон шудани шоҳаншоҳ Баҳроми Гӯр ба тасвир омадааст.

Дар қиссаи "Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро ва достони ӯ бо зани полизбон" оварда шудааст, ки Баҳром рӯзе хост ба шикор равад. Ҳангоми шикор дар нахчиргоҳ "аждаҳои чун наррашер"- ро дида бо ӯ дар набард мешавад. Аждаҳоро кушт. Рӯз дер шуд ва Баҳром хаставу гурусна ба деҳе расида, дари сароеро кушод ва аз зани рустоӣ хост иҷоза бидиҳад, то дар хонаи онҳо каме биёсояд. Зан гарчи намедонист, ки подшоҳ ба хонааш меҳмон шудааст, гуфт: "Ин хонаро ба монанди хонаи худ дон". Зан ба шавҳараш гуфт, ки асби меҳмонро нигаҳбонӣ кунад ва худ меҳмонхонаро рӯфта, бӯрё густурд ва болиш ниҳод ва дастархон густурда нон, ҷурғот ва бодиринг оварда:

Биёвард зан хону бинҳод рост
Бар ӯ тарраву сиркаву нону мост [28, с.126].

Баҳром бемор шуда буд, бинобар ин, каме нон хӯрда ба хоб рафт. Зани зирак дар охир пай бурд, ки меҳмонашон шоҳ Баҳром аст. Ба шавҳар гуфт, эй нодон, яқин аст, ки ӯ шоҳ Баҳром аст, бояд барраеро барояш бирён кунӣ. Шавҳар гуфт, ки ту намак, ҳезум ва

орд надорӣ. Бигирем, ки ту баррараро куштиву меҳмондорӣ кардӣ ва меҳмон меравад, ту мемониву зимистону сармои дар пеш буда. Зан гуфтаҳои шавҳарро рад карда, водораш месозад, ки баррараро бикушад ва худ баррараро бирён карда, назди шоҳ меорад:

Бара кушта шуд ҳам ба фарҷоми кор
Ба гуфтори он зан зи баҳри савор.
Чу шуд кушта, деге тарина бипухт,
Бибурд оташу ҳезуми нимсухт.
Биёвард хоне бари шаҳрёр,
Бар ӯ хояву тарраи ҷӯйбор.
Яке пойи бирён бибурд аз бара,
Ҳамон пухта чизе, ки буд яксара [28, с.127].

Баҳром хӯришҳо бихӯрд, вале бехобу нотандуруст буд. Зан барои ӯ кадуи маю санҷид овард. Барои рабудани андуҳу май хӯрдан аз зан як достон гуфтанро хоҳиш кард. Зан гуфт, ки дар ин деҳа касу сарой фаровон аст, гузори саворону касони девони шоҳ. Яке ба касе номи дуздӣ дода, барои панҷ-шаш дирам рӯзашро нохуш мекунад. Зани поктанро ба олудагӣ бадном кунад ва худ болад. Зиёне меорад, ки ба панҷ ганҷ пур карда намешавад. Аз ин суханон шоҳ пурандеша шуд. Дар охир ба шавҳари он зан шоҳ Баҳром ҳамон марзу бумро бахшид, то ки доим мизбонӣ кунад, на полизбонӣ [1, с.96].

Шоҳ як шаби дигар дар хонаи он рустоӣ меҳмон шуда, бо миннатдорӣ аз он рустоӣ ба даргоҳ бармегардад.

Манзури мо аз пурра овардани ин қисса ва шарҳи муфассали он набуда, ишора бар дурандешӣ, меҳмоннавозӣ, фарҳанги баланди суханварӣ доштани занон ва арзиши райъи онон дар назди шавҳаронашон мебошад. Ҳаким Фирдавсӣ бо овардани достони мазкур бори дигар хонандаро ҳушдор медиҳад, ки зани идеалиро метавон дар байни ҳамаи табақаҳои ҷамъиятӣ ба мушоҳида гирифт.

Дар фасли “Рафтани Искандар ба расулӣ сӯйи Қайдофа” шоири бузург меҳмоннавозию истиқбол ва қабули хуби меҳмони гаронқадр аз ҷониби зани хирадманду бофарҳанг – Қайдофаро бо як бозтоби вижа нишон додааст. Пазироии шоҳ Искандар аз ҷониби шаҳриёри Андалус – Қайдофа дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ далели чирамандии занон дар ҳунари меҳмондорию хушсухании занон мебошад.

Дар “Шоҳнома” оварда шудааст, ки пеш аз омадани Искандар ба Андалус Қайдофа марди хирадмандеро, ки ҳунари мусаввирӣ дошт, ба сӯйи Искандар мефиристад ва бе он ки Искандар ва ҳамроҳонаш пай баранд, расми шоҳро кашида, ба назди Қайдофа меорад ва ба ин роҳ зан бо чеҳраи Искандар шинос мешавад. Искандар ҳамчун “фиристода” бо писари Қайдофа – Қайдруш, ки ӯро аз асирӣ мераҳонад, сӯйи шаҳри Қайдофа раҳсипор мешаванд. Ҳангоми расидан ба сарзамини Андалус бидуни ихтиёр зан “фиристода”-ро бо тамоми фазилатҳои меҳмондорӣ пазироӣ мекунад:

Аз айвон фиристодаро пеш хонд,
Ба тахти гаронмоягон барнишонд.
Фаровон бипурсиду бинвохташ,
Яке моявар ҷойгаҳ сохташ.
Фиристод ҳар гунае хӯрданӣ
Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ [27, с.186].

Қайдофа ҳатто пас аз шунидани суханҳои таҳдидомези “фиристода”, ба сони:

Кунун гар натобӣ сар аз божу сов,
Бидонӣ, ки бо мо надорӣ ту тов,
Набинӣ чуз аз хубиву ростӣ,
Чу печӣ сар аз кажживу костӣ [27, с.188].

хомӯшӣ ихтиёр карда, ба “меҳмон” дуруштӣ накард ва кохро аз бегонагон тиҳӣ карда, расми Искандарро ба ӯ нишон дода, гуфт:

Бад-ӯ гуфт, к-эй зодаи Файлақус,
Ҳамат базму разм асту ҳам нуъму бус”… [27, с.190].

Пас аз суханони Қайдофаро инкор кардани Искандар малика ба ӯ чунин посух медиҳад:

Агар чеҳраи хеш бинӣ ба чашм,
Зи чора биёсою манмой хашм [27, с.188].

Ва сурати Искандарро наздаш мегузорад ва пас аз меҳмондории олӣ ба ӯ чунин панд медиҳад:

Чунон дон, ки резандаи хуни шоҳ
Чуз оташ набинад ба фарҷом гоҳ.
Ту эмин бибошу ба шодӣ бирав,
Чу рафтӣ, яке кор барсоз нав…
Кунун шоду хуррам ба айвон хиром,

Зи тимори гетӣ мабар ҳеҷ ном [27, с.192].

Пас аз гуфтушунидҳо ва панд додан Қайдофа Искандарро бо нигоҳ доштани сирри махфӣ дар хусуси кӣ будани фиристода, шоҳро ба хонааш тансиҳату шодком ва барои таъмини амният бо сипоҳ бармегардонад. Искандар назди ӯ савганд мехӯрад, ки ба ӯ ва сарзаминаш ҳеҷ хатару бадбахтӣ нахоҳад овард:

Ба дидори доранда савганд х[в]ард,
Ба дини Масеҳу ба теғи набард,
Ки то буму бор асту фарзанди ту,
Бузургон, ки бошанд пайванди ту,
Насозам ҷуз аз хубиву ростӣ,
Наяндешам аз кажживу костӣ [27, с.193].

Ҳамин тавр, Қайдофа бо хиради воло, меҳмоннавозӣ, ҳунари суханварӣ доштан ва адолатпарварии худ мардуми Андалусро аз хавфу хатар, бадбахтиҳо, ҷангу хунрезиҳо мераҳонад ва аз ин ҷиҳат, дар рафтору кирдор ба образи Синдухт монанд аст.

Дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ низ меҳмоннавозию фарҳанги болои муошират доштани занон дар симои Меҳинбону, аммаи Ширин ҳангоми ташрифи шоҳзода Хусрави Парвиз ба сарзамини Арман, Нӯшоба ҳангоми ба меҳмонӣ рафтани Искандар ба шаҳри занон, кӯмакрасонӣ, ғамхорӣ ва меҳмоннавозии духтари курд ҳангоми дучори бадбахтӣ шудан ва дар дами марг қарор доштани Хайр ва амсоли инҳо бозтоб гардидааст.

Аз бисёр ҷиҳат образи Нӯшоба дар достони “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ бо образи Қайдофа дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ монанд аст. Нӯшоба ҳокими шаҳри занон буда, дар ихтиёр ҳазорон лашкари разманда дорад ва Нӯшоба ҳамчун сиёсатмадори ботаҷриба, шаҳрбонуи хирадманд ҳангоми эҳсоси хатар ва хавфи ҷангу хунрезӣ, дарки нобаробар будани неруи ҳарбии худӣ дар баробари лашкари корозмуда ва муҷаҳҳази душман ҳаргиз роҳи ҷангро интихоб намекунад, балки тадбири ҳалли қазияро дар сулҳу оштӣ мебинад. Чи дар “Достони подшоҳии Искандар”-и Фирдавсӣ ва чи дар “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ оварда шудааст, ки пас аз чирамандӣ бар кишварҳо Искандар хоҳиши дидан ва сафар намудан ба кишвари овозаманди занонро орзу мекунад. Ӯ ба шаҳри занон наздик шуда, чун дар бораи далериву хирадмандии занони он шаҳр огоҳ шуда буд, ҷуръати ворид шудан ба он накарда, эҳтиёт пеша мекунад ва бо дасти файласуфе пайғом мефиристад:

Сикандар ба расми фиристодагон
Нигаҳ дошт оини озодагон.
Дуруди паёпай расондаш нахуст,
Фиристодагӣ кард бар худ дуруст [8, с.156].

Дар шаҳри Бардаъ Искандар нишастангаҳе ёфта, он ҷо муддате мемонад. Нӯшоба хоҳиши дидан аз шаҳру шаҳрёри занон кардани Искандарро фаҳмида, ба хидмати ӯ мешитобад:

Чу Нӯшоба донист, к-авранги шоҳ
Ба фоли ҳумоюн даромад зи роҳ.
Парастишгариро баророст кор
Бар андешаи пояи шаҳрёр.
Фиристод нузле сазовори ӯ,
Камар баст бар хидмати кори ӯ…
Зи бас мардумиҳо, ки он зан намуд,
Забон бар забон ҳар касаш меситуд [8, с.155].

Дар “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ оварда шудааст, ки худи Искандар ҳамчун сафир ба шаҳри занон ворид мешавад. Аз ин рӯ, мисли Қайдофа барои пешвози “меҳмони олиқадр” Нӯшоба чораандешӣ мекунад. Искандар меҳмоннавозии Нӯшобаро пазируфта, ӯро зани “бофарҳангу рой” меномад:

Пазируфта шуд, он чӣ кардӣ нахуст,
Пазиро шав акнун ба роҳи дуруст.
Маро дидани ту ба фарҳангу рой
Ҳумоюнтар омад зи фарри худой [8, с.157].

Ба ин тартиб, меҳмоннавозию тадбирҷӯӣ, хирадмандию бофарҳангии Нӯшоба ба сарзаминаш сулҳ ва ба зани шаҳриёр хушбахтӣ меорад.

Яке аз шеваҳои муҳим дар ойини меҳмондорӣ таъмини амнияти меҳмон мебошад. Дар ин маврид дар “Шоҳнома” достоне оварда шудааст, ки баёнгари таъмини осудагӣ ва амнияти меҳмон мебошад. Подшоҳи сарзамини Ҳинд – Шангул новобаста аз иҷрои шартҳо ҳамоно аз пайи нест кардани Баҳром мешавад. Духтари Шангул – Сапенуд чун занони дигари бохиради “Шоҳнома” монанди Синдухт шоҳро аз роҳи бад, ки метавонад, ба кишварашон ошуфтагиҳо ба бор оварад, бармегардонад. Сапенуд ба падараш

машварат медиҳад, ки ҳанӯз ягон шоҳ сафири шоҳи дигареро накуштааст ва паёмади чунин бехирадӣ шикасти Ҳинд хоҳад буд:

Бад-ӯ гуфт фарзона, к-эй шаҳриёр,
Дилатро бад-ин гуна ранҷа мадор.
Фиристодаи шаҳрёрон кушӣ,
Ба кажжӣ бувад роҳу бедонишӣ.
Кас андеша з-ин гуна ҳаргиз накард,
Ба гирди чунин рой ҳаргиз магард…
Ҳамон гаҳ биёяд зи Эрон сипоҳ,
Яке тоҷдоре чу Баҳромшоҳ,
Намонад зи мо кас бар ин буму руст,
Зи некӣ набояд туро даст шуст [28, с.251].

Шангул ҳангоме ки Баҳром худро мешиносонад ва шоҳи Ҳиндро падар хонда, райъ медиҳад, ки кишварашро аз бож озод мекунаду духтарашро “шамъи Ховар”, ба назди Баҳром омада, узр мехоҳад ва чанде пас бо ҳафт подшоҳи кишвараш, бо туҳфаҳои гарон пеши тахти Баҳром омада, хаттеро бо авроқи заррин ба шоҳаншаҳ месупорад:

Сапенудро чуфти Баҳромшоҳ,
Супурдам бад-ин номвар пешгоҳ.
Шаҳаншоҳ то ҷовидон зинда бод,
Бузургон ҳама пеши ӯ банда бод [28, с.276].

Гузашта аз ин, Шангул ба дасти Баҳром маншуре медиҳад, ки назар ба он, кишвари Ҳинд бояд пас аз марги ӯ ба шоҳаншоҳии Эрони Бузург бипайвандад:

Сапенудро дод маншури Ҳинд
Навишта хати ҳиндуӣ бар паранд [28, с.276].

Чунонки дар боло оварда шуд, дар достони “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавӣ Искандар худ ба сифати сафир, бидуни кафолат барои зинда мондан ба шаҳри занон ворид мешавад. Нӯшоба аз рӯйи тасвири чеҳра шоҳро мешиносад, ҳарчанд Искандар сирри худро пинҳон медорад, Нӯшоба тасвири чеҳраи ӯро нишон медиҳад ва ҳақиқатро ошкор месозад. Искандар бе лашкар вориди шаҳри паҳлавонзанон гардид ва хатарро эҳсос мекард, аммо Нӯшоба бо чарбзабонӣ ба шоҳи олам баён дошт, ки ӯ дар хидмати шоҳ аст ва Искандар бидуни изтироб метавонад шаҳрро дидан кунад:

Битарсиду шуд ранги рӯш чу коҳ,
Ба дорои худ бурд худро паноҳ.
Чу донист Нӯшоба, к-он тундшер
Ҳаросон шуд, аз тундӣ омад ба зер.
Бад-ӯ гуфт, к-эй хусрави комгор,
Басе бозӣ орад чунин рӯзгор.
Маяндешу меҳри маро беш дон,
Ҳамин хонаро хонаи хеш дон [8, с.159].

Гуфтаҳои боло бори дигар тасбит мекунанд, ки занон низ дар баробари мардон метавонанд, бо хираду фарҳанги волои худ дар ҳалли қазия саҳмгузор ва маслиҳатчии шоҳону шоҳзодагон ва мардони бохирад бошанд.

Паҳлуи дигари масъала аз чигунагии фарҳанги либоспӯшии занон ва истифодаи атриёту дигар хушбӯиҳо намудор мегардад, ки ҳам дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳам “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ тасвир шудааст. Дар ҳар ду асар дар баробари тасвири шукӯҳу сарбаландии шоҳаншаҳони кишвар, дар мавриди бозтоби завқу салиқаи нозуки эронинажодон аз сохту пардохт ва кор гирифтан аз атрҳо, пӯшок ва васоили ороишу оромиш гуфтаниҳои фаровон омадааст.

Либос аввалин ихтирои башар дониста мешавад ва ҳамвора ӯро аз гармову сармо нигаҳ дошта омадааст. Аз саргузашти фаротаърихии тоҷикон, ҳама эронитаборон пайдост, ки гузаштагони дури мо нахустин одамоне буданд, ки либосро кашф кардаанд. Дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ омадааст, ки дар замони Ҳушанг нахустин шуда аз пӯсти ҷонварон либос таҳия мегардад:

Зи пӯяндагон ҳар кӣ мӯяш накӯст,
Бикушту зи эшон бароҳехт пӯст.
Чу санҷобу қоқум, чу рӯбоҳ гарм,
Чаҳорум, самур аст, к-аш мӯй нарм.
Бад-ин гуна аз чарми пӯяндагон
Бипӯшид болои гӯяндагон [22, с.53].

Дар замони Таҳмурас аз пашму катону хаз (мӯина) ба либосдӯзӣ пардохтаанд:

Пас аз пушти мешу бара пашму мӯй
Буриду ба риштан ниҳоданд рӯй.
Ба кӯшиш аз он кард пӯшиш ба ҷой,

Ба густарданӣ ҳам буд ӯ раҳнамой [22, с.55].

Дар замони ҳазораи фарҳанговарии Ҷамшед бошад аз абрешиму мӯю хаз либос таҳия мекарданд:

Зи каттону абрешиму мӯю хаз
Қасаб кард пурмоя дебову хаз.
Биёмӯхташон риштану тофтан,
Ба тор-андарун пудро бофтан.
Чу шуд бофта, шустану дӯхтан
Гирифтанд аз ӯ яксар омӯхтан [22, с.59].

Дар достони “Хусрав ва Ширин”-и Низомии Ганҷавӣ низ аз матои атлас, ки аз абрешим омода карда мешавад, сухан рафтааст:

Чу бе мурдан кафан дар кас напӯшанд,
Бех, ар мардум чу кирм атлас напӯшанд...
Либос пӯш чун хуршеду чун моҳ,
Ки бошад то ту бошӣ, бо ту ҳамроҳ [6, с.213].

Бо мурури замон либос ҷанбаи намоишӣ низ ёфтааст ва ба ин манзур чи ҳунарҳое, ки дар зиннатдиҳии он ба кор нарафтааст ва чи кашфиёту ибтикороте барои “декоратсияи” либос сурат нагирифтааст.

Нақши тарбиятӣ ва фарҳангии либос бар инсонро ҳама медонанд, вале лозим ба гуфтан аст, ки либос дар нигаҳдошти ҳувияти миллӣ ва бозшинохти инсонҳо, ки ба кадом қавмият шомиланд, нақши муайяне дорад. Дар аҳди бостон низ либос баёнгари қавмият ва мардумони гуногуни рӯйи замин будааст.

Дар Эрони бузург дар замони салтанати Ҳахоманишиён ба либос то он дараҷа таваҷҷуҳ доштаанд, ки дар ин сарзамини мардумони бофарҳанг барои омода кардани либосҳо корхонаҳои махсуси либосдӯзӣ амал мекард ва чунин корхонаҳоро занон роҳбарӣ мекарданд. Барои тасбити гуфтаҳои боло овардани андешаҳои ховаршиноси маъруфи фаронсавӣ Филип Гюизро лозим медонем: “Омӯзиши навиштаҳои рӯйи Тахти Ҷамшед ба таври олӣ бозтоб менамоянд, ки дар баъзе мавридҳо занҳо дар зиндагии иҷтимоӣ ҷойгоҳи намоён ва пурмасъулиятро ишғол мекардаанд. Маҳз занон дар раъси коргоҳҳои дӯзандагӣ ва монанди он қарор доштаанд” [9, с.284].

Ин пажӯҳишгар дар бораи либоси занони ориёитабор дар аҳди салтанати Сосониён низ ақидаҳои ҷолиб овардааст, ки баёни онҳоро дар ин ҷо бамаврид мешуморем: “Либоси бонувони ашрофзода, ҳамчун либоси занони ромишгар ва раққосаҳои замони Сосониён, ончуноне бармеояд, аз пироҳани дарози то панҷаҳои пой расида иборат буданд. Либоси остиндор бидуни камарбанд буда, либоси беостин дар зери сина бо навор баста мешуд. Занҳо гаҳе рӯйи сар то лабон ниқоби тӯрӣ мепӯшиданд, ки онро дар китфи чап маҳкам мекарданд. Дар мавриди шаҳбонувони Сосонӣ бошад, онҳо ҳам пироҳанҳои дарози ҳамсони болопӯш вазнин ба бар мекарданд ва ҳамқабои чун обҳо пурмавҷ аз матоъҳои нозук, ки бо наворҳои пурчин камари худро мебастанд” [9, с.294].

Дар шаҳрҳои марказӣ дар корхонаҳои махсуси либосдӯзӣ, ки ба хонадони шоҳӣ тааллуқ доштанд, бо ҳар гуна матоъҳо либос омода мекарданд. Метавон ҳангоми варақ гардондани “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба гуногунии либосҳо дучор омад. Дар ҳур ду асар мо таркибҳоеро чун “румиқабой”, яъне қабои румӣ, “ҷомаи туркӣ”, “парниёни порсӣ”, “зарбафти чинӣ” ва монанди он пеши рӯ меоварем. Дар ин асарҳо ва дигар асарҳои адибон ва донишмандони гузаштаи форсизабон аз матоъҳои гуногун, ба монанди ҳарир, дебо (дебои румӣ, дебои чинӣ ва ғ.), паранд (матои абрешимии нафис, ҳарир, шоҳӣ), қасаб (катон), карбос ва навъҳои гуногуни дигар матоъҳо барои дӯхтани либосҳо ёд мешавад.

Зафар Мирзоён дар бораи дар гузаштаи дур омода намудан ва истифода бурдани мардуми ориёинажод аз матоъҳои гуногун чунин андешаронӣ намудааст: “...ниёкони сарбаланду зарифи мо аз порчаматоъҳои нафису нозуке, чун “ҳарири порсӣ”, “дебои паҳлавӣ”, “дебои хусравонӣ”, “дебои румӣ”, “дебои чинӣ”, аз хазз (мӯйинаву) ва пӯстҳои зебои ҳайвонҳо, ба монанди юз, самур, санҷоб либосу пӯшиданиҳои зебо бо табъи баланд таҳия мекарданд. Боиси таассуф аст, ки дар рӯзгори мо дар кишварҳои ғарб, ба шумули Русия ҳамеша Юнонро бунёнгузор ва ибтидои ду фарҳанги ғарбӣ – фарҳанги юнониву ғарбӣ ва фарҳанги масеҳият гуморидаанд ва сарчашмаи севум, ки манбаи бузургии фарҳанги ҷаҳонист – фарҳанги сарзамини порсиёнро қасдан нодида гирифтаанд. Урупоиҳо умре аз фарҳанги иронӣ усулан кор гирифта, кӯшидаанд онро бефарҳанг ҷилва диҳанд. Агар Худованд хушбахтии дарки “Шоҳнома”-ро ба онҳо арзонӣ медошт ва агар ишон аз асолатбохтагон намебуданд, ба равшанӣ дармеёфтанд, ки ниёкони сарбаланду зарифи мо чи фарҳангу маданияти бою пургановатро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз худ монда буданд [14, с.79].

Дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ дар бораи пӯшишу таҳияи либосҳои гуногун, интихоби навъи матоъ ва ранги либосҳои мардумони ориёинажод ва қавмҳои мухталиф сухан меравад ва дар ин бора аз достонҳои мазкур мисолҳои зиёд метавон овард. Аз ҷумла, дар фасли “Рафтани канизакони Рудоба ба дидани Золи Зар”, чунонки дар боло таъкид шуд, тасвирҳои ҷузъии ҷолибе ба мушоҳида мерасад.

Масалан, аз гузаштаи дур инҷониб байни мардуми ориёитабор, бахусус занону духтарон, дар фасли баҳор сайри гул кардан рафтори маъмулӣ ва дӯстдошта ба шумор мерафт. Онҳо пероҳанҳои зебову шинам ба бар намуда, ба сайру тамошои баҳори зебову мунаққаш мерафтанд. Панҷ тан парастандаи Рудоба низ ба ҳангоми баҳор пероҳанҳои зебо ва шинам ба бар карда, ба тамошои гулистон ба лаби рӯд рафтанд:

Ба дебои румӣ биёростанд,
Сари зулф бар гул биперостанд [22, с.266].

Дар замони мо низ дар фасли баҳор, бавижа ҷашни Наврӯз, занон ва гулдухтарон либосҳои зебо ва ҳамранг бо фасли баҳор ба бар карда, ба ҷашнгоҳҳо ва ба сайру тамошои табиат рафта, рақсу бозӣ ва хурсандиҳо мекунанд. Хоссатан куртаи чакани духтарон ва занони кӯҳнишини тоҷик, ки аз замони боварҳои хуршедпарастии гузаштагони мо то ба имрӯз маҳфуз мондааст, ба ҷашнҳои миллии мо шукӯҳу шаҳомати махсус мебахшад ва пероҳанҳои бо даст гулдӯзишударо имрӯз занон ва духтарон дар сартосари кишварамон мепӯшанд ва ин ба хурсандиҳояшон меафзояд.

Ҳам дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва ҳам дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба ҳангоми тасвири занон аз матои “дебо” бештар ёд мешавад. Дар гузашта барои омода намудани хилъати занону мардони ашрофзода бештар аз матои дебо ва хаз истифода мекарданд:

Яке хилъат орост шоҳи замин,
Ки карданд ҳар кас бар ӯ офарин....
Зи дебову хаззу зи ёқуту зар,
Зи густарданиҳои бисёрмар,
Ғуломони румӣ ба дебои Рум,
Ҳама пайкар аз гавҳару зар-ш бум [22, с.248].

Аз матоъҳои зарбафти чинӣ ҳам истифода мебурданд:

Зи ёқути сурх афсаре бар сараш,
Дурафшон зи зарбофти чинӣ бараш [27, с.428].

Дар фасли “Куштани Баҳром шеронро ва рафтанаш ба хонаи Гавҳарфурӯш ва хостан духтари ӯро” Ҳаким Фирдавсӣ овардааст, ки ҳангоми хостгорӣ кардани Баҳром аз духтари Гавҳарфурӯш мард ба духтараш мефармояд, ки назди шоҳ бо либоси зебои аз дебои румӣ омодашуда ва дар сар тоҷ ҳозир шавад:

Кунун хезу дебои румӣ бипӯш,
Бинеҳ бар сар афсар чунон чун, ки дӯш,
Нисоре бар аз гавҳари шоҳвор,
Се ёқути сурх аз дари шаҳрёр [27, с.157].

Дар номаи бостон либосҳо ва тоҷҳои шоҳону шаҳбонувон, шоҳдухтон ва ашрофзодагон бо симу зар, гавҳар ва сангҳои гуногуни қиматбаҳо, аз ҷумла ёқут, бо рангҳои гуногун, забарҷад, ақиқ ва ғайра мурассаъ мегаштанд:

Або ёраву тавқу бо гӯшвор,
Зи дебову гавҳар чу боғи баҳор [22, с.280].

Ҷойи дигар:

Шуда бом аз ӯ гавҳари тобнок,
Зи тоби рухаш сурхёқут хок [22, с.278].

Дар достон аз ёқути зардранг низ ёд шудааст:

Ба пеши падар шуд чу Хуршеди Шарқ,
Ба ёқуту зард-андарун гашта ғарқ [22, с.308].

Мардумони бофарҳанги ориёӣ дар гузашта ҳатто зарфҳо – ҷому табақҳои худро низ аз сангҳо ва симу зар месохтаанд:

Забарҷад табақҳову пирӯза ҷом,
Чи аз зарри сурху чи аз сими хом [22, с.248].

Шаҳбонувон, ё худ занон аз хонадони шоҳон, ашрофзодагон низ мисли мардон афсар (тоҷ, кӯлоҳи подшоҳон) [20, с.101] ба сар мегузоштанд:

Сари моҳ бо афсари зарнигор,
Сари шоҳ бо тоҷи гавҳарнигор [22, с.364].

Дар фасли “Фиристодани Қайсар лашкар ва духтар назди Хусрави Парвиз” Ҳакими Тӯс шукӯҳу шаҳомат ва фарҳанги волои шоҳону шоҳдухтонро дар интихоби либос, истифодаи сангу гавҳару симу зар дар ороишу пероиши либос, рангҳо бозтоб намудааст:

В-аз он пас биёвард чандон ҷаҳиз,

К-аз он кунд шуд борагиҳои тез.
Зи зарринаву гавҳари шоҳвор,
Зи ёқуту аз ҷомаи зарнигор,
Зи густурданиҳову дебои Рум,
Бару пайкари сарву симин-ш бум [29, 55].

Ҳамчунон, кафши бонувон низ аз табъу саликаи баланд доштани занон дар интихоби либос дарак медиҳад:

Парастанда бо тавқу бо гӯшвор,
Ба пой андарун кафши гавҳарнигор [27, с.187].

Дар интихоби ранги либос низ занони ориёитабор закӣ ва ҳушманд буданд ва ин тасбити он андешае мебошад, ки мардумони ориёитабор аз замонҳои дури фароторихӣ дорои фарҳанги волои либоспӯшӣ буданд ва дар интихоби ранги он низ табъи баланд доштанд. Аз рангҳо бештар ранги зард, сурх ва бунафшро, ки ранги офтоб мебошад, меписандиданд.

Дар фасли "Рафтани Хусрав ба шикор ва дидани Ширин ва фиристоданаш ба мушкӯи худ" оварда шудааст, ки Хусрави Парвиз дар иҳотаи дарбориёну сипоҳиёнаш ба сӯйи шикоргоҳ меравад. Ширини зебочеҳра, ки бо Хусрав ошноии ҷавонӣ дошт ва солиёни зиёд аз дурии шоҳзода азият дошта, бо ӯ мулоқот меҷуст, аз омадани шоҳ бишнид ва худро ороставу пероста карда, дар тан пироҳани зардрангу сурхранги зебо ба пеши роҳи Хусрав мебарояд:

Яке зард пероҳани мушкбӯй
Бипӯшиду гулноргун кард рӯй.
Яке аз бараш сурх дебои Рум,
Ҳама пайкараш гавҳару зар-ш бум.
Ба сар барниҳод афсари хусравӣ,
Нигораш ҳама гавҳари паҳлавӣ [29, с.206].

Дар фасли мазкур шоҳони ҷавону ҳамроҳонаш низ бо ҷомаҳои зарду сурху бунафш ва шоҳаншоҳ бо ковиёнӣ дирафш мерафтанд:

Зи шоҳони барно чу сесад савор
Ҳаме ронд бо номвар шаҳрёр.
Ҳама ҷомаҳо зарду сурху бунафш,
Шаҳаншоҳ бо ковиёнӣ дирафш.
Ҳаме ронд бо тоҷу бо гӯшвор,
Ба зар бофта ҷомаи шаҳрёр.
Або ёраву тавқу заррин камар,
Ба ҳар муҳрае-дар нишонда гуҳар [29, с.206].

Ориёинажодон дар оростани худ бо сару либос аз фалсафаи кайҳонӣ, аз тасвири чирмҳои осмонӣ, хоссатан офтоб ва рангҳои он (зарду сурху бунафш), хеле зиёд истифода мекарданд, ки ин пайвастагие ба замонаҳои хуршедпарастии мардумони ориёитабор дорад. Мо бояд саъй кунем, ки иртиботи ин рангҳоро ба эҳсос ва андешаҳои бостонии миллатамон дарёбем. Чунонки медонем, эронинажодон, минҷумла тоҷикон, пеш аз ислом пазируфтан ва пеш аз гароиш ба ойини Зартушт, ҳанӯз 6000 сол пеш меҳрпарастӣ (хуршедпарастӣ) ихтиёр доштанд ва ҳатто пас аз гаройиш ба оини Зартушт боварии меҳрпарастиро тарк накарда буданд [11, 32].

Рангҳои сурху зарду бунафш-рамзи дирафши коваёнӣ (яъне парчами бостонии тоҷикон) низ мебошад, ки гӯё офтоб гул пароканда аст. Ҳамон гуна ки Ҳаким Фирдавсӣ гуфтааст:

Фурӯҳишт з-ӯ сурху зарду бунафш,
Ҳамехондаш коваёнӣ дирафш [21, с.99].

Ё:

Зи бас гуна-гун парниёнӣ дирафш,
Чу сурху чи сабзу чи зарду бунафш [21, с.362].

Дар замони бостон, ба ҳангоми офариниши нигораҳо, дӯхтани либосҳои рангоранг дар баробари шаклсозӣ дорои рамзу намодҳо низ будааст. Рангҳои сурху зард рамзи хуршед, оташ, шукӯҳу қудрат, ранги бунафш (сабз) рамзи сулҳу оштиву оромишу навшавандагӣ, боззоии зиндагӣ ва ранги сафед рамзи покдомониву бегуноҳӣ ва нуру рӯшноӣ будааст.

Аз таърих маълум аст, ки дар аҳди салтанати Ҳахоманишиҳо ранги либоси намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъиятиро маҳз тавассути рангашон муайян мекарданд. Дар ин маврид ховаршиноси фаронсавӣ Филип Гюиз чунин овардааст: "Дар дарозои замони (фармонравоии) Ҳахоманишиҳо ранги либосҳо имкон медод, ки тафовутҳои байни табақаҳои иҷтимоиро мушоҳида кард: ранги сурх – ранги лашкариён,

сафед – ранги рӯҳониён, осмонӣ – кишоварзон. Барои он ки ҳукуматронӣ дар тамоми қишрҳо ба рамз дарояд, шоҳ дар қабои худ аз ҳама рангҳо кор мегирифт” [9, с.289].

Дар китоби “Муқаддимаи зуҳури Рустам” дар мавриди ранги покиву покдоманӣ шумурдани ранги сапед аз ҷониби гузаштагони мо чунин андешаронӣ шудааст: “Сабаби аз ҷомеа дур гардидани Зол сапедии мӯйи сар ва сурати ғайриодӣ доштани ӯст, ки ин ҷиҳат ҳам ҳақиқати устурағӣ ва ҳам воқеияти иҷтимоӣ дорад: сафедии либоси рӯҳониёни зардуштӣ рамзи покист, ки ба гунае дар сарулибоси баъзе рӯҳониёни ҷомеаи мо низ ба мушоҳида мерасад. Ё худ, ба ҳамин рамзу маънӣ либоси саросар сафеди наварӯсон, ки аз фарҳанги Ғарб вориди ҷомеаи мо шудааст [4, с.77].

Истифода аз ранги сурху зарду сафед дар пироҳани дӯшизагону бонувон ин ҳамон таровиши Хуршед аст, ки дар он инъикос шудааст.

Дар достони “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷавӣ низ ба рангҳо диққати махсус дода шудааст. Ҳар як гунбад, ки дар онҳо ҳамсарон – шоҳдухтарони ҳафт иқлими ҷаҳон менишинанд, рангҳои хос дорад: нилгун, зард, обӣ, норинҷӣ, сурх, бунафш, сабз. Баҳром ба ҳар қасре бо либосҳои нафису ҷавоҳирот ва зебу зинатҳои ҳамранги он меравад. Палосу бисот ва нақшу нигори қасрҳо низ ба ҳамон ранг аст. Ромишгарону хизматгорон низ ба он ранг либос мепӯшанд. Ва ҳамаи инро шоир бо илҳоми том ва завқи баланд менигорад. Бар замми ин, ҳар як шоҳдухтар қисса ё афсонае гуфта, хотири Баҳромро шод мегардонад [3, с.117]. Дар достони мазкур, инчунин, фарҳанги баланди шоҳдухтарони ҳафт иқлим дар қиссахонию афсонагӯии онҳо зоҳир мегардад. Муҳаққиқи Эрон Бароти Зинҷонӣ қиссаҳои аз забони шоҳдухтони ҳафт иқлими ҷаҳон овардашударо чунин баҳогузорӣ мекунад: “Низомӣ ҷамъан ҳафт достон аз қавли онон (шоҳдухтарон, ҳамсарони Баҳром – А.Н.) ривоят мекунад, ки аз шоҳкориҳои шеъри форсӣ аст” [10, с.37].

Интихоби ранги ҳар як гунбаз мувофиқи хосияти ҳафт сайёра ба табъи ҳафт ахтар интихоб шудааст. Масалан:

Рахтро сӯи сабзгунбад бурд,
Дил ба шодию хуррамӣ биспурд.
Чун бар ин сабзаи зумуррадвор
Боғи анҷум фишонд барги баҳор,
З-он хирадманд сарви сабзоранг
Хост, то аз шакар кушояд танг [7, с.339].

Дар аҳди бостон бонувони ориёитабор либосҳои ранги сафеду зарду сурху бунафш, сабзу осмониро агар дар рӯзҳои ҷашну хурсандӣ ба бар мекарданд, пас рӯзҳои ғаму азодорӣ аз либосҳои ранги сиёҳу кабуддошта кор мегирифтанд. Чунонки дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ Ширин пас аз марги ҳамсараш Хусрав либосҳои сиёҳу кабуд мепӯшад:

Чу Ширин шунид он, кабуду сиёҳ
Бипӯшиду омад ба наздики шоҳ [28, с.301].

– Аммо шаҳр!.. Вай як навъ оҳарзадаву пардозьефта барин менамояд… ҳамчун протестанти худхоҳи бовиқор. На, Женева ба табъи ман нанишаст, вай Юлияро ба едам меоварад.

Монтанелли хандид:

- Бечора, ба ту ҳайфам меояд. Мо ба ин ҷо бо кори зарур е маҷбурияте наомадаем, ку: агар хоҳӣ, ҳозир метавонем аз ин ҷо равем. Пас, бие имрӯз дар кӯл бо кайиқ сайр мекунему пагоҳ ба кӯҳ мебароем.

- Охир, шумо дар ин ҷ обоз якчанд вақт истоданӣ будед, падре?

-Азизам, ман ин ҳамаро даҳҳо бор дидаам, барои ман ҳамин бас аст, ки ту аз саёҳатамон хушнуд шавӣ, дигар ба ман ҳеҷ чиз даркор нест. Дилат сафари кадом тарафро мехоҳад?

-Агар барои шумо тафовут надошта бошад, биёед, бо рӯд рӯ ба боло, тарафи саргаҳи он равем.

-Бо Рона рӯ ба боло?

-Не, бо Арва. Ҷараёни ин рӯд тез аст.

-Пас, биё, ба Шамони меравем.

Онҳо тамоми рӯз дар кӯл ба қаиқи бодбондор нишаста сайр карданд.

В данном отрывке переводчик опустил рассуждения героя, важные для понимания, как его натуры, характера, так и проблематики романа в целом. Такое опущение нарушает особенности стиля автора оригинала.

В переводе имеют место некоторые противоречия, таких как: в **«Замбӯр»**-е отсутствует целый абзац диалога из «Овода»:

«- Сам не знаю. Я ждал совсем другого. Озеро, правда, прекрасное, и очертания холмов тоже хороши. – Они стояли на острове Руссо, и Артур указывал на длинные строгие контуры Савойских Альп».

В **«Гурмагас»**-е же писатель устраняет этот недостаток:

«-Ростӣ, ки намедонам. Ман ин шаҳрро дигар хел тассавур мекардам. Бале, кӯл хеле назарработ, сохт ва тарзи ана он кӯҳҳо ба ман хеле хуш меоянд».

Но это добавление носит характер вольного перевода, и если перевести дословно таджикский текст на русский, оно может выглядеть так:

«- Сказать правду, не знаю. Я по - другому представлял этот город. Озеро, правда, прекрасное, и очертания холмов тоже хороши».

Далее, в **«Замбӯр»**-е отсутствует предложение:

«*Они стояли на острове Руссо, и Артур указывал на длинные строгие контуры Савойских Альп»,* которое в **«Гурмагас»** - е приобретает добавление указательного характера «ана он»:

«*Онҳо дар ҷазираи Руссо истода буданд ва Артур бо «ана он» гуфта ба хати рости кӯҳҳои Альпи Савоя ишора кард».*

То есть предложение на русском языке должно выглядеть так:

«Они стояли на острове Руссо, и Артур, со словами «вот тот» указывал на длинные строгие контуры Савойских Альп».

Следует отметить, что большое количество отличий, обнаруженных в результате сличения текстов, не всегда обусловлены безэквивалентностью лексики и реалий, то же самое происходит со многими отступлениями от оригинала, которые наблюдались на всем протяжении перевода. Например, одним из характерных художественных приемов Этель Войнич является пейзаж и описание природных явлений, с помощью которых выражаются настроение и состояние героев романа. В переводе, осуществленном в 1931 г., данные описания существенно сокращены, либо удалены из текста, возможно, для того, чтобы сделать его более доступным для юношеской аудитории. Например:

Овод:

-Дождь перестал, carino, - сказал он после захода солнца. – Сейчас самое время посмотреть озеро. Пойдем, мне нужно поговорить с тобой.

Они прошли вдоль берега ***к тихому, уединенному месту*** *и уселись на низкой каменной стене.*

Около нее рос куст шиповника, покрытый алыми ягодами. Несколько запоздалых бледных розочек, отягченных дождевыми каплями, свешивались с верхней ветки. По зеленой глади озера скользила маленькая лодка с легким белым парусом, слабо колыхавшимся на влажном ветерке. Лодка казалась легкой и хрупкой, словно серебристый, брошенный на воду одуванчик. На Монте-Сальваторе, как золотой глаз, сверкнуло окно одинокой пастушьей хижины. Розы опустили головки, задремав под облачным сентябрьским небом; вода с тихим плеском набегала на прибрежные камни.

-Только сейчас я могу спокойно поговорить с тобой, - начал Монтанелли. Ты вернешься к своим занятиям, к своим друзьям, да и я эту зиму буду очень занят. Мне хочется выяснить наши отношения, и если ты… [5, с.30-31].

Замбӯр:

Монтанелли пас аз фурӯ рафтани офтоб ба Артур нигоҳ карда гуфт:

-Ҳоло борон монд, азизам. Агар мо хоҳем, ки кӯлро тамошо кунем, бояд аз ҳозир ба роҳ дароем. Бие равем, ман бо ту дар бораи як масъала гуфтугӯ кардан мехоҳам.

Онҳо ба наздикии канораҳои кӯл рафта, дар болои як деворчаи пасти сангин ҷой гузаданд.

Монтанелли гапро аз ҳамин ҷо шурӯъ кард:

- Имшаб шаби охирин аст, ки мо ҳарду бо осудагӣ бо ҳам гуфтугӯ мекунем. Ту ба машғулияти дарсӣ ва ба назди еру ҷураҳои худат бармегардӣ. Дар ин зимистон ман ҳам хеле серкор хоҳам шуд. Ман имрӯз мехоҳам маълум кунам, ки муносибатҳои мобайни мо чигуна аст. Агар ту… [3, с.20-21].

Отсутствие целого отрывка описания природы восполнено в романе «Гурмагас»:

Ғурмагас:

- Ҳоло борон монд, азизам. Агар мо хоҳем, ки кӯлро тамошо кунем, бояд аз ҳозир ба роҳ дароем. Бие равем, ман бо ту дар як масъала гуфтугӯ кардан мехоҳам.

*Дуяшон **лаб-лаби кӯл ба як ҷои хилвату ором расида**, рӯи девори паст нишастанд.*

Дар наздикии девори сангин гулбуттаи насрин руста буд, ки саросар аз ебоимеваи донадонаи гулгун пур буд. Якчанд гули садбарги дершукуфтаи рангпарида ва аз гаронии қатраҳои борон хамида зери осмони абрноки сентябрӣ аз шохҳои болоии гулбуне, ки ҳамчунин дар он ҷо руста буд, овезон буданд. Дар рӯи оинаи сабзфоми кӯл як қаиқи хурдтараки бодбондор геҷида-геҷида ҳаракат мекард, бодбони сабуки сафеди он аз вазидани насими намнок оҳиста-оҳиста пар мезад. Заврақ ба мисли қоқуи нуқраранги ба об партофташуда сабук ва нозук метофт. Дар Монтье-Сальватор тирезаи яккакулбаи чӯпонӣ ҳамчун чашми тиллоӣ барқ зад.

Дар канори кӯл оби он оҳиста-оҳиста шараппоскунон ба соҳил зада рӯи сангҳои соҳилро мепӯшонд.

Ҳарду ба наздикии кӯл расида рӯи сангпуштае нишастанд.

Монтанелли чунин муқаддима кард:

- Имшаб шаби охирин аст, ки мо ҳарду орому осуда бо ҳам гуфтугӯ мекунем. Ту ба машғулоти дарсӣ ба назди еру ҷӯраҳоят бармегардӣ. Ин зимистон ман хеле серкор хоҳам буд. Инак, имрӯз ман мехоҳам чигунагии муносибати дуямонро муайян кунам. Агар ту… [4, с.28-29].

но с некоторыми сокращениями и перестановками, например, предложение:

«Несколько запоздалых бледных розочек, отягченных дождевыми каплями, свешивались с верхней ветки» («Овод»),

которое находится в начале и следующее предложение:

«Розы опустили головки, задремав под облачным сентябрьским небом; вода с тихим плеском набегала на прибрежные камни» («Овод») из середины воссоединены воедино и переведены так:

«Якчанд гули садбарги дершукуфтаи рангпарида ва аз гаронии ќатрањои борон хамида зери осмони абрноки сентябрї аз шохњои болоии гулбуне, ки њамчунин дар он љо руста буд, овезон буданд» («Ѓурмагас»).

Безусловно, на практике перевода невозможно обойтись без потерь, упущений, добавлений, замен и т.д., эти недостатки квалифицируются как неизбежные при переводе. Но чем вызваны упущения в «Замбур»-е? Это можно объяснить расхождениями в системах исходящего и переводящего языков, асимметрией культурных реалий, особенностями узуса или объективными и субъективными факторами, которые способны оказать существенное влияние на переводческое решение. Но, было бы убедительней, считать, что в первом случае – причиной тому стала неопытность молодого переводчика, а в «Гурмагас» - е – писатель заостряет внимание читателя на динамично развивающемся революционном сюжете, не отвлекая его описаниями чуждой и малознакомой культуры. Сотим Улугзода выделяется в ряду других писателей-переводчиков своего времени как выдающийся художник и практик художественного перевода. Обратившись к произведениям Э. Войнич, М. Сервантеса, Шекспира, Байрона, Шарля де Костера, С. Улугзода сознательно предпочёл стратегию творческого перевода - ясность таджикского языка, лёгкость изложения и красоту точности воспроизведения оригинала.

С учетом этого, данный перевод является адекватным, логически не нарушенным, но с недостатками стилистического характера. Если читатель 30-х годов понимал, что Монтанелли решил после дождя поговорить с Артуром о чем-то важном, то читатели 80-х годов узнали, что говорить Монтанелли хотел с Артуром о чем-то важном, расхаживая вдоль берега к тихому, уединенному месту и усевшись на низкой каменной стене. Их окружал прекрасный пейзаж: куст шиповника, покрытый алыми ягодами, несколько запоздалых бледных розочек, отягченных дождевыми каплями, свешивались с верхней ветки, а по зеленой глади озера

скользила маленькая лодка с легким белым парусом, слабо колыхавшимся на влажном ветерке. Лодка казалась легкой и хрупкой, словно серебристый, брошенный на воду одуванчик.

Это наглядная демонстрация различия в стратегиях перевода Улугзода.

В 30-х годах ему была важна возможность активного идейного сотворчества, демонстрация собственных экспериментов по стилизации, а уже в 80-х годах для Улугзода приоритет имеет образцовая правильность и гармоничность стиля, чувство меры и естественности (разумеется, чаще всего – при сохранении как минимум части своеобразных стилевых приемов), затем формальная точность, т.е. писатель не отказывается от экспериментов по стилизации.

Не последнее место в этом вопросе занимает и способность Улугзода понять заложенное в исходном тексте содержание и умение осуществить необходимые межъязыковые преобразования для его воспроизведения средствами переводящего языка. Хотелось бы отметить, что некоторые потери сделаны сознательно, по целому ряду причин, среди которых, например, обеспечение доступности содержания текста для читателя. Но не всегда эти пропуски осознанные, иногда они носят неосознанный характер. Возможно, связано это с желанием С. Улугзода установить соответствие переведенного текста исходному, следуя собственной идеальной модели, согласно которой, переводческие ошибки можно оценивать, как существенные, серьезные и незначительные.

Выявленные недочеты - нарушение правил орфографии и пунктуации переводящего языка, несоблюдение формата текста и т.д. перевода в двух вариантах перевода романа «Овод» Э. Л. Войнич можно отнести к категории неосознанных ошибок. Думается, что ряд упущений, допущенных Сотимом Улугзода в романе «Замбӯр» имеют неосознанный характер и связаны они с неопытностью или теми скоростными темпами, требуемыми от молодых переводчиков, как, например, данный отрывок из «Ғурмагас» в «Замбӯр»-е отсутствует вовсе:

Ғурмагас

«Артур як ларзиду ба худ печиду ба поен, ба торикӣ нигоҳ кард. Тумани ширфом байни булутҳо мехазиду аз болои дарьеи хурӯшон ба оҳистагӣ гузар мекард – вай гӯе «арвоҳ»-и маҳзуне буд, ки забону садо надошт, то ба дарьеи гирифтори тангно ягон калимаи тасаллӣ бигӯяд» [4, с.23].

Овод:

«Артур, поеживаясь, смотрел вниз, в темноту. Белесый туман плыл среди сосен, медля над бушующим потоком, точно печальный призрак, не властный вымолвить ни слова утешения» [5, с.24].

Вызвано ли это тем, что Улугзода всецело подчинил переводимый материал собственным художественным принципам или же это всего лишь обычная невнимательность, не известно.

Однако, как известно, ошибка становится ошибкой только тогда, когда о ней становится известно. В ином случае ошибка становится неотъемлемой частью нашего непрестанно изменяющегося мышления - нашего языка и, соответственно, нашей символической культурной системы.

Возможно, эти опущения или добавления в переводе Улугзода направлены в первую очередь для того, чтобы сделать перевод доступным таджикскому читателю, например, произведя культурную адаптацию оригинала за счет его русификации при передаче реалий: ***духовная семинария - семинарияи динӣ, ректор – мудир, монастырь – савмиа*** и т.д.

Представляется, что общая стратегия перевода романа была обусловлена в первую очередь ориентацией на детскую и юношескую аудиторию. Возможно, в связи с этим в переводе имеют место сокращения или некоторые моменты изменения диалогов на религиозную тему. Но даже в тех несокращённых частях Улугзода нисколько не нивелирует эмоциональную силу религиозных высказываний, наоборот, в некоторых моментах заметно даже заострение.

Так, причины многих пропусков и вставок продиктованы переводческим решением Улугзода.

Например, по причине религиозности, без перевода остается восьмая глава книги. Писатель и сам об этом пишет в предисловии ко второй редакции перевода – в «Ғурмагас»:

«Боби ҳаштуми роман, азбаски саросар оину ибодату дуоҳои дини масеҳӣ (исавӣ)-ро дар бар мегираду фаҳмиданаш барои хонандаи тоҷик душвор аст ва набудани ин боб пуррагии қиссаро халалдор намекунад, бо ризояти нашриет ба тарҷумаи китоб дохил карда нашуд» [4, с.9].

«В связи с тем, что восьмая глава романа сплошь и рядом состоит из трудновоспринимаемых для таджикского читателя религиозных христианских текстов, отсутствие которых не нарушит целостность повествования, не включена в книгу с согласованием с издательством».

В первой редакции перевода наблюдается немало отрывков, стилистически не соответствующих оригиналу, которые ведут к искажению подлинника.

Например, диалог Артура в тюрьме, обращенный к Монтанелли:

Овод:

«Он разорвал рубашку, показывая страшные рубцы на теле.

- Padre, ваш Бог – обманщик! Не верьте Его ранам, не верьте, что Он страдал, - это все ложь*. Ваше сердце должно по праву принадлежать мне! Padre, нет таких мук, каких я не испытал из-за вас. Если бы вы только знали, что я пережил? И все-таки мне не хотелось умирать. Я перенес все и закалил свою душу терпением, потому что стремился вернуться к жизни и вступить в борьбу с вашим Богом. Эта цель была моим щитом, им я защищал свое сердце, когда мне грозили безумие и смерть. И вот теперь, вернувшись, я снова вижу на моем месте лжемученика, Того, Кто был пригвожден к кресту всего-навсего на шесть часов, а потом воскрес из мертвых. Padre, меня распинали год за годом пять лет, и я тоже воскрес? Что же вы теперь со мной сделаете? Что вы со мной сделаете?»* [5, с.341].

Замбӯр:

«Замбӯр куртаи худро пора намуда, ҷароҳати даҳшатангезеро, ки дар баданаш буд, нишон дод:

– Падре, дили шумо аз рӯи адолат азони ман аст! Падре, дар дунье чунин азоб ва кулфате намондааст, ки ман аз барои шумо накашида бошам. Оҳ, агар шумо ҳамаи он чиро ки аз сарам гузаронидаам, медонистед! Бо вуҷуди ин ман намехоҳам бимирам! Ман ҳамаи он азобу машаққатҳоро аз сар гузаронидам ва дили худро бо сабру тоқат қавӣ намудам. Зеро мехостам, ки ба зиндагӣ баргашта аз нав ҷанг эълон намоям. Ин мақсад барои ман як сипаре буд ва вақте, ки аз ақл бегона шудан ва марги дуюмбора маро таҳдид мекард, дили худро бо он сипар мудофиа менамудам. Ана акнун ҳам ба зиндагӣ баргашта, ба ҷои худ ман боз он касеро мебинам, ки баданаш бо мех ба тахтаи салиб зада шуда дар ин ҳолат ҳамагӣ шаш соат монда ва баъд аз он аз нав зинда шуда будааст. Маро муддати панҷ сол мехкӯб карда монданд, вале ман ҳам дубора зинда гаштаам. Пас акнун шумо бо ман чӣ кор мекунед?» [3, с.292].

Переводчик умышленно пропускает первые два предложения:

«***Padre, ваш Бог – обманщик!*** Не верьте Его ранам, не верьте, что Он страдал, - это все ложь» и не только.

В переводе, фактически, отсутствуют те отрезки, которые носят религиозный характер. Неизвестно, связано ли такое пожертвование точностью перевода с собственными переводческими предпочтениями Улугзода или же это присутствие идеологического аспекта? Такой перевод полностью меняет тональность оригинала, отчего заметно слабеет психологизм, лишает героя главной цели «вернуться к жизни и вступить в борьбу с вашим Богом».

По этическим соображениям Улугзода не переводит и эмоционально-оценочную лексику по отношению к Богу, такие слова как: ***«обманщик», «ложь».***

В данном отрывке переводчик не сохранил слова, которые бы передали ту же текучесть и выразили бы те же чувства с такой же интенсивностью, как и у автора. Возможно, связано это с этическими, моральными соображениями переводчика в вопросах религии, которые, несмотря на становление советской власти в Таджикистане, и в целом в Средней Азии, считались вопросом деликатным. Но уже в новом переводе, в «Гурмагас»-е писатель работает с текстом более смело:

Ғурмагас:

«Ғурмагас куртаашро пора карда, нақши захмҳои даҳшатангезеро, ки дар баданаш буд, нишон дод:

- Падре, худои шумо фиребгар аст! Ба захмҳои ӯ бовар накунед, ба азоб кашиданаш бовар накунед – ҳамааш дуруғ аст! *Дили шумо аз рӯи адолат бояд ба ман тааллуқ дошта бошад! Падре, дар дунье азобу кулфате намондааст, ки ман аз боиси шумо накашида бошам. Оҳ, агар шумо ҳамаи он чиро, ки аз сар гузаронидам, медонистед! Бо вуҷуди ин ман нахостам бимирам! Ба ҳамааш тоб оварда, аз сар гузаронидам, диламро бо сабру тоқат обутоб додам, зеро мехостам ба зиндагӣ баргашта бо худои шумо бичангам. Ин мақсад сипари ман буд ва ман ҳар гоҳ ки девонагӣ ва марг маро таҳдид мекард, диламро бо ин сипар муҳофиза менамудам. Ана акнун ман ба зиндагӣ баргашта, ба ҷои ху акн дам боз он шаҳиди дурӯғиро мебинам, ки гӯе ба тахтаи салиб мехкӯб шуда ва аз нав зинда шуда будааст. Падре, маро панҷ сол пай дар пай мехкӯб мекарданд, вале ман ҳам дубора зинда шудам. Пас, ун шумо бо ман чӣ кор мекунед? Чӣ кор мекунед бо ман?»* [4, с.296]

хотя и в данном варианте переводчик пропускает некоторые идейно важные моменты, такие как:

«Padre, меня распинали год за годом пять лет, и я тоже воскрес?» - «Падре, маро панљ сол пай дар пай мехкўб мекарданд, вале ман њам дубора зинда шудам», которые в

русском тексте выражены, как вопросительный тон, в таджикском переводе сменяется обычным утверждением.

В целом, несмотря на эти пропуски и сокращения, содержание романа в «Ғурмагас» - е передано достаточно полно и если исходить из того, что процесс оценивания - это процесс «выявления отношений», то не будет ошибкой считать, что Сотим Улугзода при переводе романа «Овод» смог установить необходимое отношение и достиг основной цели, а также определенного эстетического воздействия в воссоздании художественного образа.

Так, по нашему мнению, одной важной причиной возвращения Сотимам Улугзода к повторному переводу стало стремление переводчика вернуться к стилю автора оригинала.

Первый перевод Сотима Улугзода – «Замбӯр», принадлежащий советской школе, можно рассматривать как образец «осваивающего» перевода, после которого мог возникнуть новый интерес к тексту оригинала. Безусловно, этот вариант нельзя оценивать по тем современным критериям, которые сегодня выдвигает перевод о ведение к художественному переводу.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алексеев, И.С. Введение в переводоведение / И.С. Алексеев. - СПб.-М.: издательский центр «Академия», 2004. – 167 с.
2. Безбородов, А.В. Функциональное соответствие языковых способов эстетического воздействия в оригинале и переводе художественного текста / А.В. Безбородов. – М., 1992. – 130 с.
3. Войнич, Э. Замбӯр: Роман / Э.Войнич; тарҷ. аз русӣ С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавточик., 1952. – 311 с.
4. Войнич, Э.Л. Ғурмагас: Роман (Барои бачагони синни миёна ва калони мактаби) / Э.Л. Войнич; тарҷ. аз русӣ С. Улуғзода. – Душанбе: Маориф, 1982. - 320 с.
5. Войнич, Э.Л. Овод: роман / Э.Л. Войнич: пер. с англ. Н. Волжиной. – СПб.: Азбука, Азбука-Аттикус, 2018. – 384 с.
6. Рецкер, Я.И. Теория перевода и переводческая практика / Я.И. Рецкер. – М.: Международные отношения, 1974. – 216 с.
7. Суперанская, А.В. Общая теория имени собственного / А.В. Суперанская. – М.: Наука, 1973. – 367 с.
8. Солодуб, Ю.П. Теория и практика художественного перевода / Ю.П. Солодуб, Ф.Б. Альбрехт, Ю.А. Кузнецов. - М.: Академия, 2005. – 304 с.

МАХСУСИЯТИ УСЛУБИИ ТАРҶУМАИ РОМАНИ «ҒУРМАГАС»-И Э.ВОЙНИЧ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола таҳлили ду варианти тарҷумаи «Замбӯр», ва «Ғурмагас» бо матни русии – романи «Ғурмагас»-и Э.Войнич гузаронида шудааст. Муаллиф мухолифати услубиро дар ду варианти тарҷумаи ромни «Ғурмагас» ошкор намудааст. Дар мақола кӯшиши гурӯҳбандӣ, ошкорсозии норасоиҳо ва тавсифи онҳо анҷом дода шудааст. Зери мухолифати услубӣ дар мақолаи мазкур номувофиқати услубӣ, партофта гузаштани порчаҳои душвортарҷумашаванда дар назар дошта шудааст. Муаллифи мақола дар тарҷумаи романи «Ғурмагас» -и Э. Войничи С. Улуғзода дар баъзе ҷойҳо партофта шудани ибораҳо ва ҳатто ҷумлаҳо ба назар мерасад, ки одатан ҳангоми кӯшиши наздик кардани таърихи роман барои дарки хонандаи тоҷик ба амал меоянд. Чунин навъи мутобиққунии матни тарҷума аксаран қобилияти тағйир додани оҳангнокии асарро дорад. Дар бораи тарҷумаи нави - «Ғурмагас» муҳокимаронӣ намуда, Сотим Улуғзода ба онҳо дар пешгуфтор ишора менамояд ва варианти якуми тарҷумаро («Замбӯр») нобарор меҳисобад. Таҳлили гузаронидашуда як қисмати таҳқиқоти минбаъда, ки ба омӯзиши махсусияти тарҷумаҳои романи «Ғурмагас» ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст, маҳсуб меёбад. Аз рӯи ақидаи муаллифи мақола, яке аз сабабҳои муҳимми баргашти Сотим Улуғзода ба тарҷумаи такрорӣ бо саъю кӯшиши тарҷумон барои наздик шудан ба услуби муаллиф тавсиф меёбад, чунки тарҷумаи аввалӣ, чун қоида, асарро зери фарҳанги мамлакати забони тарҷума мутобиқ мегардонад. Тарҷумаи аввали Сотим Улуғзодаро («Замбӯр»), ки ба мактаби советӣ таалуқ дорад, метавон ҳамчун намунаи тарҷумаи азхудкардашуда баррасӣ кард, ки баъд аз он шавқу рағбати нав нисбати матни аслӣ ба миён меояд.

Калидвожаҳо: тарҷума, «Ғурмагас», «Замбӯр», «Ғурмагас», сабкшиносӣ, партофта гузаштан, илова кардан, васеъ намудани матн, раванди баҳогузорӣ.

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА РОМАНА «ОВОД» Э.ВОЙНИЧ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье проведен анализ двух вариантов перевода «Замбўр», и «Ғурмагас с русским текстом – романом «Овод» Э.Войнич. Автор выявляет стилистический диссонанс в двух вариантов перевода романа «Овод». В статье сделана попытка классифицировать, выявленные недочеты и дать им характеристику. Под стилистическим диссонансом в данной работе понимаются стилистические. несоответствия, опущения и пропуски трудноперводимых отрывков. Автор статьи выявляет, что в переводе С. Улугзода романа «Овод» Э. Войнич местами наблюдаются пропуски фраз, а то и предложений, которые происходят обычно при попытке приблизить историю романа к пониманию таджикского читателя. Такого рода адаптация текста перевода часто способно изменить тональность произведения. Рассуждая о новом переводе - «Ғурмагас», Улугзода указывает на них в предисловии, считая первый вариант перевода («Замбўр») неудачным. Проведённый анализ является частью дальнейшего исследования, посвящённого изучению особенностей переводов романа «Овод» на таджикский язык. По мнению автора статьи, одной важной причин возвращения Сотимом Улугзода к повторному переводу может характеризоваться стремлением переводчика приблизиться к стилю автора, потому что первый перевод, как правило, адаптирует произведение под культуру страны языка перевода. Ранний перевод Сотима Улугзода, принадлежащий к советской школе («Замбўр») можно рассматривать именно как образец осваивающего перевода, после которого мог возникнуть новый интерес к тексту оригинала.

Ключевые слова: Перевод, «Овод», «Замбўр», «Ғурмагас», стилистика, опущения, добавления, расширение текста, процесс оценивания.

STYLISTIC FEATURES OF THE TRANSLATION OF THE NOVEL "GADFLY" E.VOINICH INTO TAJIK

The article analyzes two versions of the translation “Zambur” and “Gourmagas” with the Russian text - the novel “Ovod” by E. Voinich. The author reveals a stylistic dissonance in two versions of the translation of the novel “Ovod”. The article attempts to classify identified shortcomings and give them a description. Stylistic dissonance in this work is understood as stylistic. inconsistencies, omissions and omissions of hard-to-translate passages. The author of the article reveals that S. Ulugzoda’s translation of the novel “Ovod” by E. Voynich sometimes shows omissions of phrases, or even sentences, that usually occur when trying to bring the story of the novel closer to the understanding of the Tajik reader. This kind of adaptation of the translation text is often able to change the tonality of the work. Speaking about the new translation - “Kurmagas”, Ulugzoda points to them in the preface, considering the first version of the translation (“Zambur”) unsuccessful. The analysis is part of a further study on the features of translations of the novel “Ovod” into Tajik. According to the author of the article, one important reason for Sotim Ulugzoda’s return to re-translation can be characterized by the desire of the translator to come closer to the style of the author, because the first translation, as a rule, adapts the work to the culture of the country of the target language. The early translation of Sotim Ulugzoda, belonging to the Soviet school (Zambur), can be considered precisely as an example of a mastering translation, after which new interest in the text of the original could arise.

Key words: Translation, “Ovod”, “Zambur”, “Kurmagas”, style, omissions, additions, expansion of the text, assessment process.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мурувватиён Ҷамила Ҷамол*** – Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, ҶумҳурииТоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. E-mail: **Alika-xan@mail.ru.** Тел.: **(+992)93-760-22-33**

Сведения об авторе: ***Мурувватиён Джамила Джамол*** - Институт языка и литературы им. А. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, кандидат филологических наук, научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **Alika-xan@mail.ru.** Тел.: **(+992)93-760-22-33**

Information about the author: ***Muruvvatiyon Jamila Jamol*** **-** Institute of Language and Literature. A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Philological Sciences, Researcher, Department of Contemporary Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. Tel.: **(+992) 93-760-22-33**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК:007 (575.30

ИНТЕРНЕТ ВА ҶАМЪИЯТИ ШАБАКАВӢ

Имомзода М.С., Саъдуллоев Ҷ.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сохторҳои номутамаркази шабакавӣ, ки аз онҳо интернети имрӯза ба вуҷуд омадааст, дар аввал ба ҳадафҳои ҳарбӣ истифода бурда мешуданд: чунин сохторҳо ба тағйирот дар шабака зуд аксуламал нишон дода, самти ҷараёнҳои иттилоотиро тағйир дода метавонанд. Чунин шакли "идоранашавандагӣ" аз он ҷиҳат хуб аст, ки тасарруфи ҷараёнҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва монополия намудани онҳоро иҷозат намедиҳад.

"Системае, ки дар технологияи коммуникатсионӣ бо тағйири автоматӣ асос ёфтааст, шабакаро аз вобастагӣ ба марказҳои фармондиҳӣ ва назоратӣ тавре озод намуд, ки хабарҳои алоҳида дар шабака роҳи худро меёбанд ва дар ҳамагуна нуқтаи он ба хабари аҳаммиятнок табдил мегарданд. Вақте дертар технологияи рақамӣ бастубандии ҳамаи намудҳои хабар, аз ҷумла садо ва тасвиру маълумотро имконпазир гардонид, шабакае ба вуҷуд омад, ки ҳамаи намудҳои рамзро бе истифодаи марказҳои назоратӣ фиристода метавонист. Универсалӣ будани забони рақамӣ ва мантиқи холиси шабакавии системаи коммуникатсионӣ шартҳои технологиро барои коммуникатсияи уфуқии глобалӣ эҷод намуданд. Ба ғайр аз ин, меъмории ин технологияи шабакавӣ чунин аст, ки сензура ё назорати он хеле душвор аст. Тарзи ягонаи назорати шабака берун аз он қарор доштан аст ва ҳангоми ҳамафарогир шудани шабака ва ба сартосари ҷаҳон ҳамаи намудҳои иттилоъро фиристодани он касе ин корро анҷом дода наметавонад", - менависад М. Кастелс [1].

Аллакай, соли 1964 дар ҳисоботи RAND-Corporation Амрико дар бораи шабакаҳои номутамарказ афзалиятҳои онҳо тавсиф гардида буданд. Нахустин бор чунин шабака бо ташаббуси давлат (соли 1969) мавриди истифода қарор гирифт: он ARPANET (аз Advanced Research Projects Agency, ARPA) ном дошт ва дар аввал танҳо ба ҳадафҳои ҳарбӣ ҳамчун воситаи стратегияи мудофиавӣ истифода мегардид, то ба шабакаҳои коммуникатсионӣ ҳангоми ҳамлаи ядроӣ имкони безарар монданро фароҳам оварад. Дастрасӣ ба онро барои марказҳои тадқиқотӣ, ки бо Вазорати мудофиаи ИМА ҳамкорӣ мекарданд, иҷозат доданд, вале олимон шабакаро ба ҳадафҳои дигар низ истифода бурданд, аз ҷумла барои коммуникатсияи илмӣ вобаста ба дигар масъалаҳо ва суҳбатҳои шахсӣ. Соли 1983 ин шабака ба ду шабака тақсим шуд: ARPANET барои таҳқиқотҳои илмӣ ва MILNET бевосита барои ҳадафҳои ҳарбӣ. Фонди миллии илмии ИМА (National Science Foundation, NSF), ҳамзамон, ба бунёди дигар шабакаи илмӣ - CSNET ҳамроҳ шуд ва дар ҳамкорӣ бо IBM боз як шабакаро барои мутахассисон дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ - BITNET ба истифода дод. Лекин ҳамаи ин шабакаҳо аз ARPANET чун системаи коммуникатсионӣ истифода мебурданд. Шабакаи шабакаҳо, ки солҳои 80-уми асри XX ташкил гардида буданд, ARPAINTERNET ва сипас, интернет ном гирифт. Шабака дар доираи Фонди миллии илмӣ кор мекард ва чун пештара аз тарафи Вазорати мудофиаи ИМА маблағгузорӣ мегардид. Дар маҷмӯъ, барои рушди интернет шабакаҳои илмӣ, институтсионалӣ ва инфиродие саҳмгузор буданд, ки Вазорати мудофиа, Фонди миллии илмӣ, марказҳои калони тадқиқотии донишгоҳҳо, "бункерҳои технологии" махсус, ба мисли Lincoln Laboratory институти технологии Массачусетс, Stanford Research Institute [SRI], Palo Alto Research Corporation [бо маблағгузории Xerox], Bell Laboratories, Rand Corporation, BBN [Bolt Beranek and Newman Inc.]- ро фаро мегирифтанд. Солҳои 70-уми асри XX ARPANET хатеро истифода бурд, ки дар як сония 56 000 битро мефиристод. Соли 1987 хатҳои шабакавӣ дар як сония 1.5 млн. битро мефиристоданд. Соли 1992 NSFNET (шабакаи асосии интернет) бо суръати 45 млн. бит дар як сония кор мекард, ки ин ба 5000 саҳифаи матн мутобиқ аст. Соли 1995 технологияи гигабит бо иқтидоре дар марҳилаи таҳия қарор дошт, ки он фиристодани ҳамаи китобхонаи Конгресси ИМА-ро дар як дақиқа имконпазир мегардонид. Аммо суръати баланди фиристодан барои насби коммуникатсия кофӣ нест: компютерҳо бояд "суҳбат карда тавонанд". Ин ба туфайли ташкили системаи фаврии UNIX имконпазир гардид. Ин система ба компютерҳо иҷозат медод, ки дар байни ҳам алоқа дошта бошанд. Система ҳанӯз соли 1969 дар Bell Laboratories ихтироъ гашт, вале танҳо баъди соли 1983 васеъ истифода бурда мешуд. Замоне, ки муҳаққиқон дар донишгоҳи Берклӣ (бо маблағгузории ARPA) протоколи TCP/IP-ро ба UNIX мутобиқ гардонданд, ин ба компютерҳо имкон дод, ки бастаи

маълумоти бо суръати баланд дар интернет мубодилашавандаро на танҳо фиристанд, балки рамзгузорӣ ва рамзкушоӣ намоянд.

Соли 1973 дар шабака 25 компютер ва дар миёнаи соли 1970 танҳо 256 компютер буд. Дар аввали солҳои 1980, баъди давраи пешрафти назаррас, кор бо тахминан 25 шабака ва бо чандсад компютери асосӣ ва бо чансад ҳазор истифодабаранда маҳдуд гашта буд. Солҳои 90-уми асри XX интернет ба "сутунмуҳраи" коммуникатсияи глобалии компютерӣ табдил ёфта, тадриҷан аксарияти шабакаҳоро бо ҳам муттаҳид мегардонд. Дар мобайни солҳои 1990 интернет 44 000 шабакаи компютерӣ ва 3.2 млн. ҳост-компютерро дар саросари ҷаҳон бо фарогирии тахминан 25 млн. истифодабаранда ба ҳам алоқаманд гардонда, суръати баланди пешрафт дошт [2]. Сипас, пешрафт мавҷсон идома ёфт. Соли 1999 дар ҷаҳон тақрибан 93 ҳазор истифодабаранда, соли 2002 – 580 млн. истифодабаранда ва соли 2004, аллакай, наздик ба млрд. истифодабаранда ба ҳисоб гирифта шудаанд. Имрӯз дар ҷаҳон 1.3 млрд. истифодабарандаи интернет фаъоланд, ки ин 1/5 (аз панҷ як ҳиссаи) аҳолии сайёраро ташкил медиҳад.

Соли 1979 се донишҷӯи донишгоҳҳои Дюк ва Каролинаи Шимолӣ, ки ба ARPANET шомил нашуда буданд, версияи тағйирёфтаи UNIX-ро ба истифода доданд. Он ба воситаи хатти оддии телефон ба ҳам пайваст намудани компютерҳоро имконпазир гардонид. Ин се донишҷӯ шабакаи худро барои мубоҳисаи компютерии online-Usenet истифода бурданд, ки он зуд ба яке аз аввалин системаҳои конференсияи электронӣ табдил ёфт. Аввал дар ИМА ва сипас, дар саросари ҷаҳон Bulletin Board System [BBS] – тахтаҳои электронии эълонҳо васеъ паҳн шуданд ва иттиҳодияҳои виртуалӣ ба вуҷуд омаданд. Имрӯз дар ҷаҳон ҳазорҳо чунин “микрошабакаҳо” амал мекунанд. То миёнаи солҳои 90-уми асри XX бисёре аз онҳо ба интернет пайваст гардида бошанд ҳам, вале онҳо мутобиқати комили худро ҳифз менамуданд. Яке аз қоидаҳои асосӣ - рафъи дахолати манфиатҳои ноаёни тиҷоратӣ ба BBS буд. Ҳарчанд ташкили BBS тиҷоратӣ ё шабакаҳои ба тиҷорат равонагардида қонунӣ эътироф шавад ҳам, дахолат ба фазои кибернетикӣ, ки барои дигар ҳадафҳо ташкил шудааст, ғайриқонунӣ ба шумор меравад. Намояндагони тиҷорат дар саросари ҷаҳон иқтидори номаҳдуди тиҷоратии интернетро баҳогузорӣ карда, тасарруфи онро орзу мекунанд. Лекин, хушбахтона, аз ҷиҳати техникӣ ин нияти онҳо ҳамоно орзу боқӣ мондааст.

Ҳамин тавр, ҷамъияти шабакавӣ чизе беш аз ҳамзистии теъдоди зиёди иттиҳодияҳои мустақили виртуалӣ набуда, асоси он коммуникатсияи озод ва аз берун идоранашаванда аст. Барои шабакаҳои номутамарказ "худтаъсисдиҳии коммуникативӣ" хос аст: мазмуни иттилоро худи истифодабарандагон муайян менамоянд (user-generated content).

То соли 2001 рушди интернет дар доираи Web 1.0 сурат мегирифт. Ин марҳилаи ибтидоии рушди web-технологияҳо буда, дар заминаи он платформаи интерактивие бунёд гардид, ки ба ҳар як истифодабаранда имкони гирифтани иттилоъ ва ҳамкорӣ бо дигар истифодабарандагонро (одатан ба воситаи гиперматн) фароҳам меовард. Бо ёрии барномаи WEB-browser (бори аввал чунин барномаро соли 1992 кормандони National Center for Supercomputing Applications дар иёлати Иллинойс таҳия намуданд ва он Mosaic ном дошт) "тортанакхона" гурӯҳбандии манфиату лоиҳаҳои гуногунро дар шабака имконпазир гардонд. "Шабакаи иқтисодӣ" (истилоҳ аз соли 1998) ба вуҷуд омад, ки бо принсипи "сарчашмаи кушода" (Open Source) сохта шуда буд: ҳар як истифодабаранда дар раванди истеҳсоли маҳсулоти иттилоотӣ иштирок карда, ҳамзамон истеъмолкунандаи он ба шумор меравад. Шабакаи ҷаҳонӣ дар ин давра "Тортанакхонаи ҷаҳонӣ" (World Wide Web, WWW) ном гирифт: аввалин сомонаҳои иттилоотии муассисаҳо, агентиҳои иттилоотӣ, ба интернет роҳ ёфтани ВАО-и анъанавӣ, "саҳифаҳои хонагӣ"-и шахсӣ - маҷмӯи матнҳо ва тасвирҳо намунаи истифодаи имкониятҳои Web 1.0 мебошанд.

Соли 2001 дар рушди минбаъдаи интернет ба шарофати пайдоиши технологияи Web 2.0 гардиши муҳим рӯй дод. Ин технология ҳамкории истифодабарандагон, ки худи онҳо ба роҳ мондаанд, мубодила ва коркарди минбаъдаи иттилоотро (тавассути системаи Weblogs,[3] Wiki [4], форумҳои гуногун ва ғ.) имконпазир гардонд. Соли 2004 Тим О'Рейлӣ [5] истилоҳи Web 2.0-ро барои тавсифи "интернети нав" чун зинаи минбаъдаи рушди шабакаи глобалии иттилоотию коммуникатсионӣ истифоода бурд [6]. Террӣ Флю [7] дар таҳрири сеюми китоби пуровозаи худ New Media фарқ дар байни Web 1.0 ва Web 2.0-ро чун "пешрафт аз саҳифаҳои фардӣ то блогҳо ва блог-аггрегаторҳо, аз нашри одии мавод то иштирок ва баррасӣ, аз контенти сомона чун натиҷаи сармоягузориҳои калон ба раванди интерактивии ҷамъоварии иттилоот ва аз системаҳои идоракунии контент (CMS) то системаҳое, ки дар тегҳои истинодӣ (folksonomy) асос ёфтаанд" тавсиф намуд. Пешрафт аз Web 1.0 ба Web 2.0, махсусан дар натиҷаи мукаммалсозиҳои технологӣ мушоҳидашаванда аст: шабакаи хатти васеъ, браузерҳои такмилёфта, Ajax [8], афзоиши платформаҳои замимаҳои Flash [9] ва рушди оммавии виджетҳо [10] (маълумоти бештар дар бораи Flickr барои аксҳо ва YouTube барои видео поёнтар пешниҳод мегардад).

Ҳангоми гузариш аз Web 1.0 ба Web 2.0 ҳамкории истифодабарандагон бо шабакаи ҷаҳонӣ тағйир меёбад: ҳангоми истифодаи Web 2.0 шабака чун номутамарказии мазмуни веб-сомонаҳо тавсиф меёбад: "контенти иттилоотӣ" ба иштироки маҳсулии аксар истифодабарандагон дар раванди илова ва таҳрири иттилоот табдил меёбад. Ҳамарӯза истифодабарандагон дар шабака "иттиҳодияҳои" тағйирёбанда ташкил мекунанд, ки онҳо иттилои нав ё бо дигар тарз таҳияшударо пешбинӣ менамоянд. Аз рӯйи монандӣ ба "иқтисоди шабакавӣ" ин раванд "Peer Production" (аз англ. peer – баробар) ном гирифт: ҳамкории баробари ҳамфикрон дар шабакаҳои озод бо мақсади истеҳсоли якҷояи маҳсулоту хизматҳои иттилоотӣ. Барои он мавҷуд будани се таркиби ҳатмӣ хос аст: иштироки баробар (демократикунонии муҳити иттилоотӣ); "занҷири" иттилоотӣ (ҳамагуна навигарӣ мазмун ва сифати ҳамаи пешниҳоди иттилоотиро барои ҳамаи иштирокчиён тағйир медиҳад); шаффофият (раванди таҳияи иттилоъ дар шабака комилан шаффоф буда, ҳамаи иттилоро баррасӣ, тасдиқ ё таҳти шубҳа қарор додан мумкин аст). Мисоли хосси захираҳои Web 2.0 блогҳо мебошанд. Имрӯз дар ҷаҳон ҳамарӯза 120 ҳазор блоги нав пайдо мешавад. Блоггерҳо тақрибан 1.4 млн. постинг (хабар)-ро ҳамарӯза дар саросари ҷаҳон пешниҳод менамоянд [11].

Дигар мисоли равшан шабакаҳои иҷтимоӣ (шабакаҳои маъруфи Facebook, Vkontakte, Одноклассники ва ғ.) мебошанд, ки миллионҳо истифодабарандаро муттаҳид гардонда метавонанд (масалан, Facebook, аллакай, зиёда аз 80 млн. истифодабарандаро дар саросари ҷаҳон дар бар мегирад). Рушди онҳо дар консепсияи "худмуаррифӣ" дар интернет асос ёфтааст: дар аксар порталҳо имкони ҷойгир намудани аксҳо, видео ва мусиқӣ мавҷуд аст. Чунончи, Facebook яке аз калонтарин интернет-бойгонии аксҳо дар ҷаҳон аст. Дар доираи консепсияи "broadcast yourself" (худро нашр намо) порталҳои мусиқӣ ва видео мавҷуданд. Калонтарини онҳо YouTube [12] аст, ки дар он ҳамарӯза зиёда аз 100 млн. видео намоиш ва тамошо карда мешаванд ва ҳар як дақиқа ба сомона қариб видеомаводи нави 10-соата ворид мешавад. Чунин захираҳо ба истифодабарандагон имкониятҳои баробар ва номаҳдудро на танҳо барои муошират, балки барои хештангаробӣ ҳам фароҳам меорад.

Пайдоиши системаҳои "алоқаи баръакс" (онлайн-форумҳо, чатҳо) дар интернет-саҳифаҳо (ҳам инфиродӣ ва ҳам расмӣ) амалан гузариш аз Web 1.0 ба Web 2.0 аст. Моҳиятан, Web 2.0 оғози пайдоиши "ақли коллективӣ" ба шумор меравад. Масалан, википедия (Wikipedia) ҳоло лоиҳаи пешрафтаи таҳияи дастаҷамъонаи иттилоот мебошад: интернет - энсиклопедия, ки онро худи истифодабарандагон месозанд ва ҳамеша маълумоти навро оид ба ҳамагуна мавзӯъҳо ворид намуда, ҳамеша аз нав месанҷанд. Ин маҳсулоти иттилоотӣ нисбат ба нашрияи Encyclopedia Britannica аҳаммиятнокии бештар дорад: мувофиқи тадқиқоти маҷаллаи Nature, сифати иттилоот дар Википедия аз нашрияи зикршуда кам нест ва аҳаммиятнокии иттилоот нисбат ба ин нашрия хеле бештар аст.

Бар ивази платформаи технологии Web 2.0 бояд Web 3.0 биёяд, ки соҳибкасбон онро барои таҳияи контенти наву шавқовар ва муфид истифода мебаранд. Варианти аз ҳама маъмули шарҳи истилоҳи Web 3.0 муайян намудани он чун "Тортанакхонаи семантикӣ" (Semantic Web) аст. Моҳияти ин консепсия аз татбиқи забони методологие иборат аст, ки мазмуни сомонаҳоро барои ташкили мубодилаи автоматӣ дар байни серверҳо тавсиф медиҳад. Идеяи асосии Web 3.0 аз он иборат аст, ки истифодабарандаи то ба ин дам шахсан ба раванди таҳияи контент ҷалбгардида пас аз ин дар ҳайати гурӯҳ ба эҷод машғул мешавад ва шарикони ӯ, дар баробари дигар истифодабарандагон, экспертҳо низ мебошанд. Илова бар ин, мақоми истифодабаранда ба мақоми эксперт тағйир ёфта метавонад. Ин параметр ба шакли ҳамкории таҳиягарони контент ва портал ҳам дахл дорад. Эксперт бояд чун модератори хосси контенти нашршаванда зоҳир шавад [13].

Унсурҳои Web 3.0, аллакай, дар Википедия мавҷуданд. Аз нигоҳи ташкилӣ, дар ҷаҳони Web 2.0 ва Web 3.0 бесарусомонӣ ҳукмфармост. Аз нуқтаи назари анъанавӣ, дар он на тартиб ҳасту на ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи иттилоъ пешгӯнашаванда мегардад. Вале маҳз ба туфайли ҳамин хусусият интернети имрӯза чун арсаи эҷод ва инноватсия истифода бурда мешавад. Ҳамзамон, шабака хавфҳоро низ дар худ пинҳон доштааст. Хавфи якум, аз ҳад зиёд фурӯ рафтани истифодабаранда ба ҳаёти виртуалӣ бо кандашавӣ аз воқеият ва то худи вобастагӣ (барои ифодаи ин феномен (падида), масалан, истилоҳи "вебоголик" (вебзада) истифода бурда мешавад). Web 2.0 барои ин имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад: барои мисол, ба ҳама маълум аст, ки муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳаёти воқеии инсон таъсири зиёд мерасонад ва ҳатто гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои аксарият ба тарзи ҳаёт табдил меёбад. Хавфи дуюм, дар шабака имкони паҳншавии назоратнашавандаи маводи беобрӯкунанда ва ҳатто "ҳамла"-и бошуурона ба истифодабаранда ё ташкилот (brand attack) мебошад. Пешгирии он ва муқовимат ба он амалан ғайриимкон аст. Ба ҷабрдидаи "ҳамла" барои барқарор намудани обрӯи худ вақти зиёде лозим мешавад. Ин хавф ба шахсони бонуфузи сиёсӣ низ таҳдид карда метавонад. Зеро дар шабака "ҳама

баробаранд". Мисоли равшани ин ҳодисаест, ки бо Барак Обама ҳангоми номзад ба президентӣ буданаш рӯй дод. Обама дар муддати якчанд моҳ барои як ремарка (эрод), ки дар чорабинии пӯшида гуфта буд, ба нигоҳ доштани ҷавоб маҷбур шуд. Танҳо ба он хотир, ки як бонуи блоггер иқтибосро дар веб-сомонаи номдори ИМА "овезон кард". Иқтибос дар як лаҳза ба ҳангома табдил ёфт ва номзадро то лаҳзаи президенти ИМА интихоб шуданаш ҳамроҳӣ намуд.

"Ҷамъияти шабакавӣ", моҳиятан, дар тамоми муддати таърихи инсоният бештар демократӣ буда, аз принсипҳои Юнони қадим "демократияи иштироки бевосита" ибтидо мегирад, вале дар миқёси боз ҳам фарохтар (давлатӣ, минтақавӣ, глобалӣ). Ҷаҳони муосир беҳуда саршор аз идеяҳои "ҳукумати электронӣ", "интихоботи электронӣ" ва ғ. нест. Консепсияи "ҷамъияти шабакавӣ" ба консепсияи медиакратия (ҳокимияти ВАО) зид аст: ҳар ду ба раванди ҷамъиятию сиёсӣ дар шароити ҷамъияти иттилоотӣ тавсиф мешаванд. Аммо фарқи асосии онҳо дар он аст, ки дар "ҷамъияти шабакавӣ" аслан мафҳуми ҳокимият (аз ҷумла ҳокимияти воситаҳои ахбори омма) вуҷуд надорад. Ба андешаи М.Кастелс, коммуникатсияи компютерӣ воситаи тавонои устуворгардонии муттаҳидии иҷтимоии табақаи космополити ҳукмрон гардида, дастгирии моддии "фарҳанги глобалӣ"-ро таъмин карда метавонад. Тадриҷан ин раванд қисми бештари аҳолии ҷаҳонро фаро гирифта, коммуникатсияи виртуалиро метавонад аз категорияи бонуфуз ба категорияи оммавӣ табдил диҳад.

Рамзист, ки соли охирини асри XX ва ҳазораи II (22 июли соли 2000) роҳбарони кишварҳои "Ҳаштгонаи бузург" Хартияи Окинава дар бораи ҷамъияти глобалии иттилоотиро қабул карда буданд, ки дар он аҳаммияти калидии технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули он махсус таъкид мешавад: "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) яке аз омилҳои муҳимтарине мебошанд, ки ба ташаккули ҷамъияти асри бисту як таъсир мерасонанд. Таъсири инқилобии онҳо ба тарзи ҳаёти одамон, кору таҳсили онҳо, инчунин, ба ҳамкории ҳукумат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ дахл дорад. ТИК зуд ба омили ҳаётан муҳимми рушди иқтисоди ҷаҳон табдил меёбад… Устувории ҷамъияти глобалии иттилоотӣ аз арзишҳои демократии ҳавасмандсозандаи рушди инсоният асос ёфтааст, ба мисли: мубодилаи озодонаи иттилоот ва донишҳо, таҳаммулпазирии мутақобила ва эҳтиром ба хусусиятҳои одамони дигар… Ҳамин Хартия, пеш аз ҳама, даъват ба ҳама, ҳам ба бахши давлатӣ ва ҳам ба бахши хусусӣ, ҷиҳати рафъи тафовути байналмилалӣ дар соҳаи донишҳои иттилоотӣ аст" [14].

Мувофиқи дигар нуқтаи назар, коммуникатсияи компютерӣ, хусусан e-mail бозгашт ба тафаккури чопхона аст. Баъзе муҳаққиқон ояндаи шабакаро басо шубҳаовар баҳогузорӣ мекунанд. Онҳо сенарияҳои тираи пайдоиши кибер-тамаддунро тасвир менамоянд, ки дар он шахсияти инсон аз даст рафта, инсон иқтидори эҷодии худро аз даст медиҳад: "Барои санҷиш аз таҳти гуфтугӯҳо дар бораи "шакли нави ташкили ҷамъият" гӯё "тамоман ғайричашмдошт" деҳае намудор мешавад, чун ҷаҳон, қиёфаи "ҷамъияти ғуломони хушбахт" падид меояд, ки дар замони мо дар "Шабакае", ки ҳама кас ва ҳам чизро назорат мекунад ва дар анбуҳи бешакли ба он ҳамроҳшаванда, ки онро идора мекунанд, вале комилан дар соҳибихтиёрӣ маҳдуданд ва иҷрокунандагони беандешаи иродаи онанд, таҷассуми худро ёфтан мехоҳад… Субъекти таърих кадом як кибер-тамаддун мегардад ва инсоният, ки бо ихтиёри худ таслими бесарусомонӣ шудааст, барои ҳамеша ғайб мезанад, чанги замон мешавад…" [15].

Ба андешаи мо, инкори ташаккули ҷамъияти иттилоотӣ (ва шабакавӣ) беҳуда аст: назария кайҳо ба амалия табдил ёфтааст. Афзоиши доимии нақши воситаҳои ахбори омма дар саросари ҷаҳон, аллакай, зиёда аз ним аср боз мушоҳида мешавад, ки ин ним аср бевосита ба пешрафти илмию техникии имрӯз вобаста аст. Шабака дар саросари ҷаҳон, аллакай, ба воқеияти ҷамъиятию сиёсӣ табдил ёфта, "ҷамъияти шабакавӣ" иқтидори зиёдеро дар бар гирифтааст: ин шакли нави ташкили ҷамъияти одамон имкониятҳои навро ҳам барои хештангароии эҷодӣ, мубодилаи озодонаи иттилоот ва ҳам барои намунаҳои нави идоракунӣ, қабули қарорҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ фароҳам меорад. Шояд маҳз ҳамин шакли ташкили ҷамъият бартараф намудани зиддияти куҳнаро дар байни шахсияти инсон ва дастгоҳи давлат, манфиатҳои инфиродӣ ва коллективӣ имконпазир мегардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Кастельс М. Информационная эра: экономика, общество и культура / М.Кастельс. - М., 2000 [электронная версия: http:// www. gumer.info/bibliotek_Buks/Polit/kastel/05.php].
2. Ниг.ба: Асари зикршуда.
3. Блог [англ. blog, аз web log, "маҷаллаи шабакавӣ", "маҷаллаи зинда"/МЗ] веб-сомонае, ки сабтҳо ["постингҳо"]-и мунтазам иловашавандаро дар бар мегирад: матн, тасвир ё мултимедиа. Барои блогҳо постингҳои кӯтоҳи аҳамияти муваққатӣ хосанд, ки бо тартиби баръакси таърихӣ ҷудо гардидаанд [сабти охирин аз боло]. Фарқи блог аз рӯзномаи анъанавӣ дар он аст, ки блог оммавӣ мебошад: хонандагони бегона бо муаллиф [дар мулоҳизаҳо ба сабти блог ё дар блогҳои худ] ба муколама ворид шуда

метавонанд. Блогер шахсест, ки блогро пеш мебарад. Маҷмӯи ҳамаи блогҳои шабака "блогосфера" ном дорад.
4. Викӣ - веб-сомона, ки сохтор ва мазмуни онро истифодабарандагон огоҳона бо ёрии воситаҳои пешниҳоднамудаи сомона тағйир медиҳанд. Калонтарин ва машҳуртарин викӣ-сомона Википедия аст.
5. Асосгузори O'Reilly Media [дар гузашта O'Reilly & Associates], ҷонибдори ҳаракатҳо барои таъминоти барномавии озод ва таъминоти барномавӣ бо рамзи ибтидоии кушода. О'Рейлӣ яке аз идеологҳои асосии Веб 2.0 ба шумор меравад.
6. O'ReillyT. Web 2.0: CompactDefinition? [http:// radar.oreilly.com/2005/10/web-20-compact-definition.html от 15.07.2008].
7. Террӣ Флю – профессор дар соҳаи ахбор ва коммуникатсияи омма дар факултети таълифоти эҷодӣ [Creative Industries Faculty] донишгоҳи Квинсленд дар Брисбен [Австралия],муаллифи китобҳои маъруфи "New Media: An Introduction" [Melbourne, 2008] ва "Understanding Global Media" [UK, 2007].
8. Ajax – тарзи таҳияи веб-замимаҳои интерактивии истифодабаранда, ки аз мубодилаи "пасманзаравии" маълумоти браузер бо веб-сервер иборат аст. Дар натиҷа, ҳангоми навсозии маълумот веб-саҳифа пурбор карда намешавад ва веб-замима зудтар ва созгортар кор мекунад.
9. Flash – платформаи мултимедӣ, ки барои таҳияи аниматсияи векторӣ ва замимаҳои интерактивӣ, аз ҷумла бозиҳо, инчунин, барои муттаҳид намудани видеороликҳо дар веб-саҳифаҳо истифода бурда мешавад.
10. Widget – таркиби стандартикунонидаи интерфейси графикии истифодабаранда, ки истифодабаранда бо он ҳамкорӣ мекунад.
11. www. technorati.com
12. Соли 2006 системаи Google баъди баҳодиҳии иқтидори бузурги бозории YouTube онро бар ивази 1.65 млрд. доллари ИМА харид.
13. http:// webplanet.ru/review/service/2008/03/18/web3.html
14. http:// www. ifap.ru/ofdocs/rest/okinhar.htm
15. http:// www. kongord.ru/Index/Articles/netsochistdock.html

ИНТЕРНЕТ ВА ҶАМЪИЯТИ ШАБАКАВӢ

Дар мақола оид ба пайдоиш ва ташаккули шабакаҳои интернетӣ сухан рафта, ишора мешавад, ки сохторҳои номутамаркази шабакавӣ, ки аз онҳо интернети имрӯза ба вуҷуд омадааст, дар аввал ба ҳадафҳои ҳарбӣ истифода мегаштааст. Аз солҳои шастуми асри бист то нимаи аввали солҳои навадум он гардиши куллие дар ин падидаи аср ба миён омад. Таъкид шудааст, ки то соли 2001 рушди интернет дар доираи Web 1.0 сурат мегирифт. Соли 2001 дар рушди минбаъдаи интернет ба шарофати пайдоиши технологияи Web 2.0 гардиши муҳим рӯй дод, зеро Web 2.0 дар асл оғози пайдоиши "ақли коллективӣ" ба шумор меравад. Муаллифон ба ин нуқтаи назар таъкид менамоянд, ки “ҷамъияти шабакавӣ”, моҳиятан, дар тамоми муддати таърихи инсоният бештар демократӣ буда, аз принсипҳои Юнони қадим "демократияи иштироки бевосита" ибтидо мегирад, вале дар миқёси боз ҳам фарохтар. Ҳарчанд ташаккули ҷамъияти шабакавӣ дорои ҷанбаҳои мусбат бошад ҳам, вале хавфҳоеро низ дар худ пинҳон доштааст. Чунончи аз ҳад зиёд фурӯ рафтани истифодабаранда ба ҳаёти виртуалӣ бо кандашавӣ аз воқеият ва то худи вобастагӣ оварда мерасонад. Воқеан, муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳаёти воқеии инсон таъсири зиёд мерасонад. Илова бар ин, дар шабака имкони паҳншавии назоратнашавандаи маводи беобрӯкунанда ва ҳатто "ҳамла"-и бошуурона ба истифодабаранда ё ташкилот мебошад, ки пешгирии он ва муқовимат ба он амалан ғайриимкон аст.

Калидвожаҳо: интернет, ҷамъияти шабакавӣ, ҳаёти виртуалӣ, платформа, википедия, Web 2.0, Web 3.0

ИНТЕРНЕТ И СЕТЕВОЕ ОБЩЕСТВО

В статье обсуждается происхождение и развитие Интернета, указывается, что децентрализованные сетевые структуры, из которых возник современный Интернет, изначально использовались в военных целях. С шестидесятых годов двадцатого века до первой половины девяностых годов произошел поворотный момент в этом событии века. Было отмечено, что до 2001 года развитие Интернета происходило в рамках Web 1.0. 2001 год стал поворотным моментом в дальнейшем развитии Интернета, благодаря появлению технологии Web 2.0, поскольку Web 2.0 фактически стал началом возникновения «коллективного разума». Авторы утверждают, что «сетевое общество», по сути, является самым демократичным в истории человечества, начинается с древнегреческого принципа «прямой демократии участия», но в гораздо большем масштабе. Хотя формирование сетевого общества имеет свои положительные стороны, оно также скрывает и некоторые угрозы. Чрезмерное погружение пользователя в виртуальную жизнь приводит к отрыву от реальности и даже зависимости. На самом деле общение в социальных сетях оказывает огромное влияние на реальную жизнь человека. Кроме того, существует вероятность неконтролируемого распространения дискредитирующих материалов в сети и даже преднамеренной «атаки» на пользователя или организацию, предотвращение и противодействие которой практически невозможно.

Ключевые слова: Интернет, сеть, виртуальная жизнь, платформа, википедия, Web 2.0, Web 3.0.

INTERNET AND NETWORK SOCIETY

The article discusses the origin and development of the Internet and points out that the decentralized network structures that gave rise to the modern Internet were originally used for military purposes. From the sixties of the twentieth century to the first half of the nineties, there was a turning point in this event of the century. It was noted that until 2001, the development of the Internet took place within the framework of Web 1.0. 2001 was a turning point in the further development of the Internet due to the emergence of Web 2.0 technology, since Web 2.0 was actually the beginning of the emergence of the "collective mind". The authors argue that the "networked society" is essentially the most democratic in human history, starting with the ancient Greek principle of "direct participatory democracy", but on a much larger scale. Although the formation of a networked society has its positive aspects, it also hides some threats. Excessive user immersion in virtual life leads to separation from reality and even dependence. In fact, social media communication has a huge impact on a person's real life. In addition, there is a possibility of uncontrolled distribution of defamatory materials on the network and even a deliberate "attack" on the user or organization, which is almost impossible to prevent and counter.

Key words: Internet, network, virtual life, platform, Wikipedia, Web 2.0, Web 3.0.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Садуллоев Ҷамшед Мулокомилович **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи журналистика. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Сведения об авторах: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** - Таджикский национальный университет, академик Национальной академии наук Таджикистана, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17
Садуллоев Джамшед Мулокомилович - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

Information about the authors*: Imomzoda Muhammadyusuf Saydali* - Tajik National University, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, professor of the Department of History of Tajik Literature**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Sadulloev Jamshed Mulokomilovich - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:007.1

МУКОЛАМАИ ИҶТИМОӢ ВА ДИЗАЙНИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Қутбиддинов А.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Робита ба аудитория ин ҳамон муколамаи иҷтимоиест, ки чун як унсури асосии матбуоти маҳаллӣ солҳо боз вуҷуд дорад. Аудиторияи матбуоти маҳаллиро то андозае куҳнапараст медонанд, ки мантиқи ин андеша ба сатҳи маърифати он ишора менамояд. Маълум аст, ки шаҳр нисбат ба деҳа дар сатҳи маърифату маориф пешрафт дорад. Ин ҷиҳат низ бояд аз назари корманди матбуоти маҳаллӣ дур намонад ва бояд мутобиқу мувофиқ ба сатҳи завқу табъи ҳамон аудитория эҷоду амал намояд. Гумон мекунем, ки, дар ҳақиқат, нақшу вазифаҳои матбуоти маҳаллӣ дар ҳамбастагӣ бо аудиторияи худ ва як андоза куҳнапарастии он то ҳанӯз боқӣ мондааст: «Матбуоти маҳаллӣ барои хонандаи худ чор нақшро мебозад: хабардиҳанда, рафиқ, минбар, мушовир» [4, с.17]. Ҷойи пурра инкор кардан вуҷуд надорад, ки имрӯз бо вуҷуди нашри пайваста надоштан, матбуоти маҳаллӣ кӯшиш мекунад, ки бо интихоби хабарҳои умри тӯлонитардошта ниёзмандии хонандаи худро ба ахбор рафъ намояд. Рӯзномаҳои алоҳида дар ин масъала бо хусусияти чандрасонаии худ муваффақ ҳастанд. Бо таъсиси сомонаҳои худ дар фазои маҳал (ва ҳатто берун аз он) робитаро бо хонандаи худ нигоҳ медоранд. Замоне дар як ҳафта се-чор маротиба хонандаи матбуоти маҳаллӣ рӯзномаи худро дастрас менамуд. Имрӯз чунин имкон вуҷуд надошта бошад ҳам, аммо бо охирин ҷузъиёт (нашри кам) хонандаи маҳаллӣ рӯзномаро ба даст мегирад. Ҳамчун “рафиқ” ба он муроҷиат менамояд. Кам ҳам бошад, матбуоти маҳаллӣ бо пуррагӣ моҳияти минбарии худро аз даст надодааст ва ҳам намехоҳад. Хонанда бо умеди ҳал кардани мушкилоту проблемаҳои ҳаётӣ аз саҳифаҳои он истифода мекунад. Дар заминаи донишу маълумоти пайдокарда тарзи муносибати худро ба унсурҳои нави ҳаёт муайян менамояд. Ҳамин аст, ки рӯзнома дар оғоз нақши тарбиявию омӯзандагии амиқтар дошт: «Рӯзномаҳоро ҳамчун китоб, дастурамал ва васоити маҳви бесаводӣ истифода мебурданд» [1, с.6]. Дар заминаи муколамаҳо хонанда аз саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ бисёр чизҳоро меомӯхт. Машварату дастурҳоро пайдо мекард ва ин таъйиноту табиати машваратчигии ин навъи рӯзнома аз миён нарафтааст ва ҳатто он бештар гашта истодааст. Мафҳуми машваратчигӣ доманаи васеътар дошта метавонад. Дар баробари машваратчии идеологӣ будан, имрӯз ин навъи матбуот хосиятҳои матбуоти хиёбониро дар худ такрор кардан мехоҳад. Дар миёни вазифаҳои матбуот вазифаи хабардиҳӣ дар мадди аввал қарор дорад ва ин вазифа ҳатман дар сатҳу дараҷаи муайян дар ҳар як шумора иҷро карда мешавад. Ин вазифа боис мешавад, ки чандин нақшҳои дигар ба вуҷуд оянд. Яъне, ҳадаф танҳо иттилоотонидан нест, балки тавассути он ба ҳаёти реалӣ ва зиндагии ҳамшаҳриву ҳамдеҳаи худ таъсири чашмрас расонидан мебошад, ки ин ақидаи собитшуда мебошад. «Вобаста ба инъикоси вазъ ва шароити ҷомеа, матбуот оинаи зиндагист ва вазифаи асосиро низ иҷро мекунад» [2, с.6] гуфтани муҳаққиқон ба ҳамин мазмун аст, ки мухбири матбуот дар заминаи мушоҳидаҳои ҳаррӯза саҳифаҳои рӯзномаро бо матолиби гуногун пурра месозад. Бо ин асос корманди нашрияи маҳаллӣ фарзанди он маҳал мебошад ва барои ӯ ҳама шебу фарози маҳал маълум мебошад. Аз ҷараёни рухдоду воқеоти маҳал беш аз дигарон воқиф аст. Маҳз ин қаробат боис мешавад, ки ӯ дар таъсир расонидан ба зиндагии мардуми маҳалли худ муваффақ гардад. Хосияти умдаи матбуоти маҳаллӣ аз рӯйи анъанаи қадимӣ аудиторияи васеъро соҳиб будани он аст. Зери мафҳуми аудиторияи васеъ на шумора, балки дараҷаи

синнусолӣ, ҷинс, сатҳи маърифату маълумот, намояндагони соҳаҳои гуногун ва амсоли ин фаҳмида мешавад. Яъне, аудиторияи як минтақа сарфи назар аз касбу кору синну солу ақидаву мавқеъ хонандаи умуме мебошад, ки дар бораи ҷойи зисти худ аз равзанаи хоссе маълумот пайдо кардан мехоҳад. Ин аудитория бо гуногунии намояндагони худ метавонад, ки доираи ягонаи аудитория нерумандро ба вуҷуд оварад.

Қаробати рӯзнома бо аудиторияи худ дар навбати аввал дар асоси муносибати хонанда ба васоити ахбори омма ба вуҷуд меояд. Рӯзнома низ дар фаҳмиши умумӣ ин як воситаи коммуникативии хос ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин самт хосияти умумии натанҳо матбуот, балки тамоми васоити ахбори омма чун як василаи робита бо омма фаҳмида мешавад: «Воситаи ахбори омма ноқил аст. Ба воситаи ин ноқил натанҳо жанрҳои публитсистика, балки жанрҳои соҳаҳои дигар – адабиёт, илм, санъат, матолиби тиҷорат, асноди расмӣ – ҳуқуқӣ низ паҳн карда мешаванд, масалан шеър чоп мешавад, ТВ консерт намоиш медиҳад, фармони ба аскарӣ даъват кардан ба нашр мерасад, эълони фурӯш чоп мешавад» [8, с.6]. Аз ин мебарояд, ки хосияти иртиботӣ – коммуникативии воситаи ахбори омма боис аст, ки шаклгирии мавод ба вуҷуд ояд. Дар ин роҳ ҳунарҳои алоҳида талаб карда мешаванд. Рисолати иртиботӣ ва ҳунари журналистӣ бо ҳам алоқамандии қавӣ пайдо менамоянд. Соҳибони нашрияҳо барои эътимод ба ин навъи василаи иртиботӣ кӯшиши зиёдтар менамоянд, ки фаъолияташон боварибахш бошад. Барои ин ҳайати эҷодӣ талош менамояд, ки бо фактҳои навин оммаро мутаваҷҷеҳ намоянд, далелу арҷоми аниқу ҷолибро ба кор баранд. Ин шева бештар дар асоси ба роҳ мондани муколамаи хос бо аудитория ба вуҷуд меояд.

Матбуоти маҳаллӣ дар ин самт аз усулҳои классикии ҷалби мутахассисон, мухбирони ҷавону наврас, мухбирони деҳот, нашри саҳифаҳои мушаххаси мавзӯӣ, ба роҳ мондани рубрикаҳои нав, гӯшаҳои инъикоскунандаи симоҳои намунаи ибрат дар доираи жанрҳои лавҳаву очерк, истифодаи усулҳои нави ташкилотчигӣ, ба роҳ мондани озмунҳо ва ғайра истифода мебарад. Масалан, дар мавриди ба роҳ мондани озмунҳо ҳар нашрия ҳадафи дигарро дар мадди назар қарор медиҳад: «Рӯзнома озмун, ё аксияи «Одами шаҳр»-ро эълон кард. Муҳаррир дар он ғолиб омад. Ҳангоми ботантана ба ӯ супоридани маблағи пулии ғолибият рухдоди дигаре ба амал омад. Муҳаррир ин маблағҳоро дар ҳамон ҷо ба он нафаре дод, ки дар рафти барҳам задани хатари садама ҷони чанд нафарро наҷот додааст. Имиҷи рӯзнома боло рафт» [6, с.165].

Эълону тарғиби озмунҳо ин танҳо яке аз василаҳои ҷалби аудитория мебошад, ки дар баробари он рекламаи пӯшидаи нашрия ба вуҷуд меояд. Дар ҳалқаҳову доираҳои эҷодии хос сабқатҳо сурат мегиранд. Дар бораи ин рӯзнома менависанд, ба он баҳо медиҳанд. Ин баҳогузориҳо баъзан метавонанд, ки манфӣ бошанд. Масалан, дар мавриди ноадолатӣ дар муайян кардани ғолибон, ки дар бораи он баъди анҷоми озмун бо сару садоҳои гуногун менависанд. Дар ҳамин ҳолат ҳам рекламаи ноаёни рӯзномаи муайян ба вуҷуд меояд, ки ин як имкону василаи беҳтарини таъмини робита бо аудитория ба ҳисоб меравад. Вақте робита барқарор мешавад, рӯзнома имкони дигари амалӣ кардани вазоифи худро пайдо мекунад, сатҳи табъу завқи хонандаи худро дар робитаҳои маълуми дигар ошкор менамояд. Бо пайдо шудани ин имиҷ ва имконот рӯзнома бо хонандаи худ дар шаклҳои нав дар робита будан мехоҳад: «Рӯзномаи маҳаллӣ бо мактубҳои хонандагон сару кор гирифта, барои бақову пешрафти худ усулҳои ҷолибсозии аҷибро истифода мекунад. Рӯзнома дар саҳифаи худ гӯшаеро бо номи «Лифофаи бахт» созмон додааст, ки дар он изҳори муҳаббат, паёмҳои оилавӣ, табрикоти фардӣ, таъйини мулоқот, шиносоӣ, дӯстони гумшударо ёфтан ва амсоли он фароҳам омадаанд» [6, с.165]. Яъне, дар ин чорчӯба рисолати рӯзнома – ёрдамчӣ, рӯзнома – рафиқ ва рӯзнома – минбар ба вуҷуд меояд. Дар ҳамаи муносибатҳо дар қиёс бо дигар навъҳо матбуоти маҳаллӣ ҳамеша ба хонандаи худ наздик мебошад. Он дарки сода дорад ва дар таҷрибаи ҷаҳонӣ инак чанд садсола боз бо хонандаи маҳал як навъи робитаҳоро таъмин менамояд. Имкони матбуоти марказӣ он аст, ки нисбат ба масоили маҳал доираи мушаххаси муносибатро ба роҳ мемонад. Меъёри муқарраргардида имкон намедиҳад, ки ба таври амиқ ҳаёти маҳал инъикос шавад. Аз як ҷониб, матбуоти марказӣ ба ин рисолат уҳдадор нест, зеро имкон вуҷуд надорад, ки матбуоти марказӣ аз тамоми маҳалҳо маълумотро фаро гирад ва ҳамзамон таъйиноти худро дигар намояд. Аммо баъзан чунин ба назар мерасад, ки матбуоти хусусии марказӣ нисбат ба ҳаёти маҳал бетафовут нест. Дар ин маврид матолиби онро маводе ташкил медиҳад, ки хосияти ҳангомавӣ ва ҷолибияти хос дорад. Ба ин маънӣ, матбуоти маҳаллӣ воситаи таъсирбахш дар роҳи фаъолияти иҷтимоии одамон дар марзҳои маърифатии як минтақа аст.

Шароити кунуни сабқати ҷаҳонии ахбор қонунмандиҳои навро ба миён овардааст, ки самтҳои инкишофи васоити ахбори оммаро таъмин менамоянд. Чунин тамоюле ба назар мерасад, ки акнун тиражи баланд асли мақсад нест: «...ҷараёни дигар имрӯз он аст, ки нашрияҳо бештар ба аудиторияи маҳдуду мушаххас рӯ овардан мехоҳанд» [7, с.73]. Ин

раванд барои матбуоти маҳаллӣ истисно намебошад ва ҳатто ба таври бештар дахл дошта метавонад. Аудиторияи маҳдуду мушаххас маънои дар як муҳиту фазои маълум эътибори амиқ пайдо кардани як нашрияро дорад. Аммо ин ҳолат доиман дар як сурат боқӣ намемонад. Чун нашрия соҳиби мақому нуфузи амиқ мегардад, баъдан раванди убур кардани сарҳадҳо ба миён меояд. Махсусан, дар замоне ки таъйиноти чандрасонаии воситаи ахбори омма васеъ аст, ҳатто дараҷаи синнусолии аудиторияи рӯзнома сарфи назар мешавад: «…газета барои ҳар шахси хоҳишманд, новобаста аз синну сол, дастрас аст» [10, с.4]. Бо назардошти ин қонуният рӯзномаи имрӯза талош мекунад, ки бо дизайни гуногунқолаб таваҷҷуҳи оммаро ҷалб намояд. Дар ҳар як навъи пешниҳод рӯзнома талош менамояд, ки рукнҳои аслии майдони рақобатро дарк намояд, ки муҳимтарини он дизайни замонавии нашрия мебошад. Мафҳуми дизайн дар фаҳмиши аввалин ороиши пуробуранги хосси саҳифаҳо аст. Ҳамчун истилоҳи лотиниасос ин мафҳум аз нақша, лоиҳа ва сурат ишорат менамояд. Дизайн дар шароити феълӣ чеҳраи рӯзнома ба ҳисоб меравад ва дар даврaҳои муайяни ташаккули матбуот таъйиноту сифати худро дигар кардааст. Ин раванд имрӯз низ идома дорад. Қолаб ва намуди зоҳирии рӯзнома як ҷузъи шинохт ва шаклгирии муҳити нашрия низ ба ҳисоб меравад. Ҳатто дар тасаввур ҳам пиндоштан мумкин аст, ки рӯзномаи маҳаллӣ чи гуна андозаву шакл дорад: «Форматҳои А 2, А 3 ва А 4 барои рӯзномаҳо қолабҳои маъмулист. Матбуоти ноҳиявӣ бештар дар формати А 3 ба табъ мерасанд» [7, с.72]. Инак навад сол мешавад, ки формати А 3 бо шакли хурди худ ба таври ҷузъӣ як шиносномаи дигари матбуоти маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Ин формат дар замони гузашта омили шаклии матбуоти зинаи поёнӣ шинохта мешуд. Албатта, ин форматро як навъ нотавониву назарногирӣ дар нисбати матбуоти маҳаллӣ номида наметавонем. Чунки ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз баъзе нашрияҳои таъйиноти васеъдоштаи марказӣ низ аз чунин формат истифода мебаранд. (“Ҷавонони Тоҷикистон”, “Минбари халқ”, “Адабиёт ва санъат”, “Омӯзгор” ва г.). Дар ин самт то кадом дараҷа аз ҷузъи ороишиву дизайн истифода кардани рӯзномаҳои аз ин формат истифодабаранда масъалаи асосӣ ба шумор меравад. Барои ҷалби аудитория ороиши саҳифа ва дар маҷмӯъ рӯзнома нақши ҳалкунанда дорад. Масалан, дар саҳифаи аввал ҷило додани ахбори асосӣ (аншлаг, анотатсия) қоидаи маълуми бо зоҳир ҷалб сохтани хонанда аст. Саҳифаи аввалро “...аввалин қадами нашрия дар роҳи рақобатпазирӣ” [7, с.217] низ номидаанд. Истифодаи ҳуруфи хос, рангҳо, ҷой додани аксҳои ҷолиб, сарлавҳаҳои оҳангдор, хитобу шиорҳо, ҳушдору хроникаҳои кӯтоҳ, раҳҳову сутунҳои диққатафзоянда ва монанди ин саҳифаи аввалро неруе мебахшанд, ки заминаи мутолиаи саҳифаҳои дигар ба осонӣ барои хонанда таъмин карда мешавад. Табиист, ки дар миёни ин аҷзо бояд хабари асосиву муҳимми рӯз намоён бошад. Дар ин маврид андозаи ҳуруфҳо (шрифтҳо) бо гуногуниву диққатрабои худ нақш мебозанд. Дар гузашта кор бо шрифтҳо дар нашри рӯзномаи маҳаллӣ душвор буд. Имрӯз компютер тамоми ин мушкилотро рафъ сохтааст ва ин вазифаро ба осонӣ иҷро мекунад. Дар як саҳифаи рӯзнома истифодаи чанд навъи ҳуруф ин дизайни хуби рӯзнома мебошад. Махсусан, ин таъйинот барои ҳуруфи сарлавҳаву зерсарлавҳаҳо хеле муҳим аст. Гуногунии ҳуруф аз нигоҳи андоза ва намуд сутунҳоро ба таври номаълуму осон ҷудо менамояд, мутолиа ва завқи бинишро бедор карда, ҳатто бо зоҳири ҷолиб назарфиреб ҳам мешаванд. Мавод метавонад чандон арзишу моҳият надошта бошад, аммо ҳуруфи сарлавҳа ва хусусиятҳои водоркунанда онро дар маъраз мегузорад.

Истифодаи аксу суратҳо дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ бояд анъанаи поянда бошад. Имрӯз роиҷ шудааст, ки акси қаҳрамон, муаллиф ва ё сурати корхонаву объект дар андозаи маҳдуд ба нашр расад. Илми равоншиносӣ дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот собит намудааст, ки имрӯз таъсири тасвир аз матн ба маротиб боло рафтааст. Аз ин рӯ, бидуни тасвиру акс саҳифаро бо матнҳо пурра сохтан ҳеҷ гоҳ писанди хонанда нест. Ин анъана аз гузашта боқӣ монд ва ҷой доштани матнҳои тӯлонии ҳисоботӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявӣ масъалаи бақои онро зери суол мегузорад. Чунин эҳсос мешавад, ки матбуоти маҳаллӣ дар чунин шакл хосияти иҷборӣ дорад ва бо назардошти ин шумораи ниҳоят маҳдуди хонандаро дар бар мегирад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки саҳифаҳои рӯзнома пур аз аксу суратҳо бошад. Ҷойи суратҳоро имрӯз диаграммаҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо, карикатураҳо, шаржҳо ва дигар қолабҳо гирифтаанд, ки дар қиёс бо аксҳо таъсирбахштаранд. Имрӯзҳо ягон нашрияи ғайридавлативу хусусӣ аз шакли якнавохти қолаби замони шӯравӣ истифода намебаранд. Маводҳо кӯтоҳу ихтисор мешаванд ва кӯшиш карда мешавад, ки дар ҳошияи ҳар мавод як ё якчанд аксу суратҳо истифода шаванд. Дар раванди ин рақобат ногузир аст, ки рӯзномаи маҳаллии имрӯз аз инфографикаҳо истифода намояд. Ҷадвалҳо, рақамҳо ва оморҳо ҳамеша барои хонанда ҷолиб аст. Ин як зинаи роҳ ёфтан ба тафсиру таҳлилҳо мебошад, ки муаллиф баъдан онро ба кор мебарад. Истифодаи лид дар хабар бояд ба як хосияти умда табдил ёбад. Усули нави ҷолибсозӣ ба зоҳир вобастагии амиқ дорад.

Сутунҳои тӯлониву қолабӣ феълан дар аксар рӯзномаҳо шикаста мешаванд. Сареҳтар карда гӯем, имрӯз нашрияҳо аз нашри матолиби васеъ ва доманадор чандон хурсанд нестанд. Даҳсолаҳо боз матбуот барои намои хуби зоҳирии саҳифаҳо рубрикаву гӯшаҳоро ба кор мебарад. Рубрикаҳо дараҷаи муҳиммияти рӯзномаро ба вуҷуд меоранд, ба он шукӯҳ мебахшанд ва онро овозадор мегардонанд. Рубрикаҳо метавонанд, ки доимӣ набошанд, онҳо мавзӯӣ ва мавсимӣ мешаванд. Ба таври мисол дар замони шӯравӣ дар саҳифаҳои матбуоти ноҳиявӣ дар мавсими пахтачинӣ якбора чандин рубрикаҳо пайдо мешуданд. Ҳатто ахбор низ ба рубрикаҳо ниёз дошт. Ахбор беҳтарин василаи андармонсоз буда, бо ҳама хусусияти худ хонандаро ҷалб карда метавонад. Танҳо шакли мақбули пешниҳоди он муҳим аст. Инфографикаҳо, сохти ҷадвалӣ, оморҳои мусаввар, анкетаҳо, пурсишҳои рейтингсоз ва ғайра имрӯз хосияти ахбориву маълумотӣ доранд ва метавонанд рӯзномаро серхонанда гардонанд.

Чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки қолабҳои жанрии нав таъминкунандаи дизайни рӯзнома мебошанд. Ин ҷараён бештар дар саҳифаҳои матбуоти ба истилоҳ зард ба назар мерасад ва хоҳу нохоҳ матбуоти маҳаллӣ дар ин сабқат бозмонда будан намехоҳад. Ин жанрҳои нав дар навбати аввал бо намои зоҳирӣ нақши худро ба иҷро расонида, тобишҳои маъноиро ба таври васеъ фарогир мешаванд. Масалан, имрӯз дар саҳифаҳои нашрияҳои маҳаллӣ аз жанргунаи фотопортрет зиёд истифода мебаранд, ки онҳоро бештар аксҳои масъулону намояндагони ҳокимияту маҳал ташкил медиҳанд. Гарчанде аҳаммияти иҷтимоии он дар самту доираи маводи иҷтимоӣ кам ҳам бошад, вале рекламаву тарғиби пӯшидаи як ё чанд нафарро таъмин менамояд. Он дар андозаи муайян намои рӯзномаи маҳалро ба вуҷуд меорад. Истифодаи аксу суратҳо анъанаи муқарарии имрӯзу гузаштаи рӯзнома ба ҳисоб меравад ва хонанда газетаро кушода, пеш аз ҳама, ба суратҳо назар меандозад. Махсусан, лаҳзаҳо ва аксҳои репортажмонанд хосияти ҷалбсозиро ба вуҷуд меоранд. Очерки портретӣ ва лавҳаи портретӣ ҳамчун инъикоси як андоза бадеии воқеият рӯзномаи маҳаллиро диққатрабо месозанд. Ин аксҳо бояд дар қолаби такрор набошанд. Масалан, иштирокчии ҷанг бо акси даврони ҷавонияш ҳеҷ гоҳ ҷолиб нест. Ҳолати имрӯзаи бознишастагии ӯ, дар аробачаи маъюбӣ ва ё рӯйи кат хобидани ӯ муассиртар аст. Рӯзномаро бо намои зоҳирӣ ҷолиб намуда, ифодаи мақсадро низ осонтар менамояд. Жанргунаи фотофакт низ хосияти ҷолибсозиро таъмин менамояд. Масалан, акси ронандаи майзада баъди садама, автомобили сӯхтаву шикастаи баъди садама, акси сӯхтор, акси ҷиноятқор ва амсоли он имрӯз ҳатто бидуни матн ба хонанда як олам маънӣ мебахшад. Ин аксҳо эҳсоси тарс, ваҳшат, дилсӯзӣ, муҳаббат ва нафратро ба зудӣ бедор карда метавонанд. Ҳамзамон фотофакт қудрати муҷримсозиро низ ба иҷро мерасонад. Ин усул бо номи фактҳои гӯё ба нашр мерасанд ва онро дар мисоли нашрияҳои маҳаллӣ дида метавонем, ки аз бахши хидмати коммуналӣ ва ё дигар соҳаҳо аксҳои махсусро ба нашр мерасонанд.

Навгӯиву навҷӯӣ дар рӯзнома гуногунрангии мавзӯиро таъмин менамояд ва дуруст аст, ки «… ҳама чизи нав барои матбуот мувофиқ меояд» [9, с.38]. Омехтагии матолиб як унсури аслии доиман иваз гардидани тарҳи рӯзнома аст. Маводи омехта ва муаллифони гуногун дар саҳифаи нашрия унсури маъмулии дизайни он ба шумор рафта метавонанд. Чандон мақбул нест, ки дар як саҳифа ё шумораи рӯзнома матолиби як ё ду нафар ба нашр расад. Гуногунмуаллифӣ ин худ омили гуногунмавзӯиву гуногунрангӣ мебошад. Дар чанд соли охир анъанаи дигаре барои матбуоти маҳаллӣ, умуман, матбуот маъмул гаштааст, ки сурати муаллифон низ ба нашр расонида мешавад. Маводи калонҳаҷм ба ин восита ҳаҷман хурд карда шуда, акси муаллиф ба нақли гӯё табдил меёбад. Акси муаллиф аҳаммияти мавзӯъро нишон дода метавонад. Ба таври мисол муаллифе, ки ҳаҷвнавис аст, ба хонанда бидуни ҳарф аз нашр гардидани як матлаби хусусияти ҳаҷвдоштаи навбатӣ дарак медиҳад.

Дар таҷрибаи кори матбуот маълум гаштааст, ки ҳам имрӯз ва ҳам дар гузашта сарлавҳа як ҷузъи асосии дизайни рӯзнома ба шумор меравад. Саҳифаи рӯзномаро бидуни сарлавҳа тасаввур кардан душвор аст. Бо зоҳири худ мавҷудияти сарлавҳаҳои зиёд дар рӯзнома ин кайфияту завқи хонанда ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр ҳам мешавад, ки баъзе сарлавҳаҳо ва тарзи ҷойгиршавии онҳо дар қиёс бо аксҳо ҷолибияти бештарро соҳиб мегарданд. Аз ин ҷиҳат, сарлавҳа дар саҳифаи рӯзнома низ як ҷузъи дизайни он ба ҳисоб меравад. Сарлавҳа дар таъйиноти худ рисолати васеъро дар бар гирифта метавонад. Сарлавҳа, пеш аз ҳама, ҳадафи наздик сохтани хонанда ба маводро дорад. Вазифаи дар саҳифаи газета ҷудо сохтани ҷойи маводро иҷро намуда, дар баробари дигар ҳадафҳо имрӯз функсияи хабар доданро ба худ гирифтааст. Сарлавҳа нақши ороиширо дорад ва имкони бештари ба вуҷуд овардани ҳангомаро соҳиб аст. Сарлавҳа парчамест, ки дар такя ба мазмуни мавод чизеро муаррифӣ кардану нишон додан мехоҳад. Дар дохили матни як сарлавҳа ҷой додани якчанд сарлавҳаи дигар аз нигоҳи равонӣ мутолиа сохтани маводро барои хонанда осон мегардонад. Сарлавҳаҳои хурд-хурд дар «итоат» ба як сарлавҳаи

бузург моҳияти бахшҳоро дар алоҳидагӣ ифода карда, самти андешаҳои муаллифро мушаххас менамоянд. Ба ин монанд даҳҳо хосияти дигари сарлавҳаро вобаста ба услуби муаллифон, таъйиноти рӯзнома ва ҷойгиршавии матолиби он номбар кардан мумкин аст. Дар мувофиқ омадани ороиш ва мазмун сарлавҳа нақши муҳим дорад. Ин аввалин шинохти нақши сарлавҳа аст, ки дар раванди солҳо таъйиноти нав ба навро пайдо кардааст. Дар гузашта ҷойгир кардани сарлавҳа дар саҳифаҳои рӯзнома кори душвор буд. Технологияи компютерӣ ин корро осон кард. Сарлавҳаҳои имрӯза «ҷафс чида мешаванд» ва ба назари хонанда ноаён мебошанд. Як хусусияти ҷафс чида шудани сарлавҳа он аст, ки дар як нигоҳ ибораи сарлавҳа хонда мешавад ва чашм кандан аз он душвор аст. Ҷой доштани фосила то ҳадде барои қатъ кардани нигоҳ мусоидат менамояд. Ба андешаи мутахассисони ороиш - «ҳарфи аввал ва исмҳои хос дар сарлавҳа калон навишта мешаванд». Ин як омили дигари наздик сохтани хонанда ба мавод аст ва дар баробари ин, агар маънии сарлавҳа ҷоннок бошад, як қадами дигар дар роҳи водор сохтани хонанда ба мутолиа гузошта мешавад.

Ҳамин тариқ робитаи аудитория бо нашрияи маҳал дар чандин ҷабҳаҳо ба вуҷуд омадаву таъмин гашта метавонад. Оммавияти баланд дар шароити сабқату рақобатҳо бо дигар навъҳои васоити ахбори омма, шаклгирии рӯзнома дар мутобиқат ба фазову иқлими иттилоотии маҳал, рӯҳи маҳалро ба таври доимӣ дар саҳифаҳои рӯзнома нигоҳ доштан, хосияти фарҳангиву маънавии рӯзномаро ба табъу завқи хонандаи маҳал наздик гардонидан, имиҷсозии нашрияро дар партави манфиати иҷтимоии ҳаёти маҳал ба шакл даровардан муҳимтарин рукнҳои барқарор сохтани муколамаи иҷтимоии рӯзномаи маҳаллӣ гуфтан мумкин аст. Барои ин муколамаро ба вуҷуд овардан нақши шакли зоҳирии рӯзномаи маҳаллӣ низ истисно нест. Имрӯз аксҳо, сарлавҳаҳо, тарзи ҷобаҷогузории матолиб, шакли ранга, қоғази аълосифат, карикатураҳо, инфографикаҳо, ҳаргуна ҷадвалҳо ва амсоли ин дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ ба андозаи кам бошад ҳам, ҳамчун ҷузъиёти ороиши рӯзнома ба кор бурда мешаванд. Ин ҷиҳат дар қиёс бо матбуоти хусусиву умумимиллӣ камтар аст. Зиёда аз ҳаштод фоизи матбуоти маҳаллии кишвари мо ҳанӯз ба таври густурда ба дизайни рӯзнома эътибор намедиҳанд. Набудани рақобат миёни рӯзномаҳои маҳал, шароити пасти иқтисодӣ ва касбӣ дар ин самт чун монеаи асосӣ боқӣ мемонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) / А.Азимов. – Душанбе, 2013. – 83 с.
2. Андамов Х. «Раҳбари дониш»-маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ / Х. Андамов. Монография. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 128 с.
3. Ворошилов В.В. Журналистика. Базовый курс / В.В. Ворошилов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2004. – 700 с.
4. Кислая Л.Н. Редакционная политика районной прессы: на примере газет Новосибирской области: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Н.Л. Кислая. – Екатеринбург, 2008. – 24 с.
5. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.
6. Олешко В.Ф. Журналистика как творчество / В.Ф. Олешко. – М., 2005. – 222 с.
7. Гуревич С.М. Газета: Вчера, сегодня, завтра: Учебное пособие для вузов / С.М. Гуревич. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 228 с.
8. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 138 с.
9. Усмонов И. Мулк бе сиёсат / И. Усмонов. – Душанбе: Маориф, 1986. – 56 с.
10. Шарифзода Қ. Газета (рӯзнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он. Воситаи таълимӣ / Қ.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 104 с.

МУКОЛАМАИ ИҶТИМОӢ ВА ДИЗАЙНИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур дар бораи робитаи матбуоти маҳаллӣ бо аудитория ва нақши дизайни рӯзнома дар ин роҳ сухан меравад. Матбуот дар муколамаи иҷтимоӣ имкони зиёд дорад ва ин муколамаҳоро ҳамчун миёнарав ва робитачии иҷтимоӣ барои амалӣ гардонидани нақшаву ҳадафҳои пешгузоштаи муассис истифода мебарад. Ин муколамаҳо қолаби ягонаву шахшударо соҳиб нест ва аз ҷониби муассисону муҳаррирон дар домани ин муколамаҳо садҳо фикру андешаҳои мусбату манфӣ матраҳ мешавад. Матбуот хосияти дар тасаввури хонанда фикри нав пайдо намуданро дорад, ки ин натиҷаи муколамаи натиҷабахши аудитория ва матбуот аст. Сатҳи мусбати муколамаҳо боис мешавад, хонандагон ба воситаи нашрияи маҳалли худ фикру ақида, назару андеша, муаммову мушкилоти мавҷуда ва розу ниёзашонро баён менамоянд. Робита бо аудитория, ё ин ки муколама ҳеҷ гоҳ ҷараёни иҷборӣ надорад. Матнҳои академикии калонҳаҷм ва дигар унсурҳои классикӣ имрӯз муколамаро хеле кам ба миён меоранд. Барои рӯзнома лозим аст, ки роҳҳои муколамаро пайдо намояд. Дизайни хуби рӯзнома авввалин қадам дар роҳи ин муколамаҳо ба ҳисоб меравад. Дизайн агар дар мадди аввал сохти зоҳирии рӯзномаро фаҳмонад ҳам, аммо ин қолаби ягонаву устувори дизайн ба шумор намеравад. Саҳифаи рӯзнома аз даҳҳо унсур иборат аст, ки диққати аудиторияро ҷалб карда метавонад. Дизайн танҳо расму аксҳои мусаввару зебо нест. Имрӯз аксҳо, сарлавҳаҳо, тарзи ҷобаҷогузории матолиб, шакли ранга, қоғази аълосифат, карикатураҳо, инфографикаҳо, ҳаргуна ҷадвалҳо ва амсоли ин дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ ба андозаи кам бошад ҳам, ҳамчун ҷузъиёти ороиши рӯзнома ба кор бурда мешаванд. Дизайни мувофиқ бо зоҳири худ хонандаро ҷалб менамояд. Чун хонанда рӯзномаро ба даст мегираду мутолиа менамояд, мазмуни матолиби нашрия ҷараёни муколамаро таъмин менамояд.

Калидвожаҳо: муколама, аудитория, мундарича, матолиб, муассис, муҳаррир, инфографика, ҷадвал, сарлавҳа, жанр, зоҳир, мазмун, даъват, анъана, муосир, рақобат.

ПРЕССА И АУДИТОРИЯ: ВЗАИМООТНОШЕНИЯ И ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ

В статье рассматривается связь местной прессы с аудиторией и влияние дизайна на этот процесс. Выявляется, что пресса является лучшим способом диалога между обществом и властью, что дает владельцам и собственникам газет использовать их для реализации поставленных перед ними целей и задач. Учитывая бурное обсуждение данного вопроса среди исследователей, автор выдвигает гипотезу о том, что взаимоотношения между прессой и аудиторией зависит от многих факторов, среди которых определяющим является подача материала, визуальная презентация и офор-дизайн, а также от того, какую позицию занимает пресса в решении общественно-политических вопросов. Отмечается, что тесная взаимосвязь прессы и аудитории способствует тому, что читатели получают возможность не только быть в курсе всех происходящих событий, но и обсуждать, комментировать и распространять свое мнение в прессе по поводу этих событий. В то же время, по мнению автора, использование классических способов подачи информации, публикации материалов большого объема, односторонний анализ происходящих событий привели к снижению роли и места местной прессы в информационном поле страны. В связи с этим, предлагается поиск новых подходов к аудитории и способов подачи материала, одним из которых, по мнению автора, является визуальная презентация – дизайн на страницах газет. Кроме того, предлагается использование других способов привлечения, которые способствуют прямому диалогу между прессой и аудиторией. Также необходимым условием считается использование содержательных заголовков, расположение материалов, цвет картинок, качество бумаги, карикатуры, инфографика, применение таблиц, которые привлекают внимание читателей. Свое мнение автор обосновывает тем, что красивый дизайн и содержательные заголовки – лучший способ привлечения внимания читателей и определяющий фактор взаимоотношения аудитории и прессы.

Ключевые слова. диалог, аудитория, содержание, материалы, учредитель, редактор, инфографика, таблицы, заголовок, жанр, призыв, конкуренция.

SOCIAL DIALOGUE AND DESIGN OF LOCAL MEDIA

This article discusses the relationship between local press with your audience and the role of newspaper design in this way. The press has a great potential for social dialogue and uses these dialogues as mediators and social contacts to carry out the founders' goals and objectives. These dialogues do not have a unique, unimaginable pattern, and the founders and editors have come up with hundreds of positive and negative thoughts in the dialogue. The press has ability to convey a fresh idea in the mind of the reader, resulting in a more effective dialogue between the audience and the press. Positive levels of dialogue are created, and readers, through their local publications, express their ideas, opinions, problems and concerns and their needs. Communication with an audience, or a dialogue, is never compulsory. Large-scale academic texts and other classical elements rarely make the dialogue today. The newspaper needs to find ways to build a dialogue. Good newspaper design is the first step in these dialogues. Design may mean the first appearance of a newspaper, but it is not the only form of sustainable design. A Newspaper Page contains dozens of elements that can appeal to your audience. The design is not just colorful and beautiful. Today, photos, headlines, descriptive layouts, colorful forms, high-quality paper, cartoons, infographics, timetables, and the like are all used in the local press as a decoration. A more appropriate design will attract the reader. As the reader grabs and reads the newspaper, the content of the publication ensures the dialogue.

Key words: dialog, audience, content, material, founder, editor, infographics, table, headline, genre, manifestation, content, call, tradition, modern, competition.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Cand.Phil.Sci., the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК:681.44:007

ТАШАККУЛЁБИИ ВАЗИФАҲОИ НАВИ ВАО ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА МАСЪАЛАИ ОМОДАГИИ КАСБИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ИХТИСОСҲОИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

Маъмурзода Н.М.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҷавонон неруи муқтадири созандаву пешбарандаи тамоми соҳаҳои ҳаёт маҳсуб гардида, Ҳукумати Тоҷикистон мусоидат ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои марбут ба ҳаёт, таҳсил ва фаъолияти онҳоро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ эълон кардааст. Ҷавонони замони истиқлол бо дарку арзёбии дурусти таҳаввулоту равандҳои ҷаҳони муосир ба омӯзиши илмҳои замонавӣ, фанноварихои иттилоотиву коммуникатсионӣ, забонҳои хориҷӣ рӯ овардаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон карда, онро омили таҳкими давлатдорӣ ва ваҳдати миллӣ номидааст. Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди илму маориф таваҷҷуҳи

хосса зоҳир намуда, барои сайқали дониши толибилмону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таълим, инчунин ҷиҳати омодасозии кадрҳои баландихтисос ҳамаҷониба мусоидат мекунад. Яке аз марҳилаҳои таъсиргузор дар ислоҳоти таҳсилоти олӣ дар замони истиқлолияти Тоҷикистон роҳандозии низоми кредитии таълим дар муассисаҳои олии таълимӣ мебошад. Ин низом ба донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимии кишвар имкон медиҳад, ки пас аз хатми зинаи бакалавр ё магистр аз рӯйи ихтисоси худ дар мамлакатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико фаъолият кунанд.

Тоҷикистон аз ҷумлаи аввалин кишварҳоест, ки санади «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола» ва «Таҳсилот барои ҳама»-ро ба тасвиб расонида, «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2020»-ро қабул намуд [8, с.3]. Стратегияи мазкур дурнамои рушди соҳаи маорифро муайян кардааст, ки таъмини хизматрасонии босифат дар самти дастрасӣ ба таҳсилот, такмили низоми идоракунӣ ва натиҷаҳои фаъолият дар соҳаи маориф, таъмини сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таълим, дастрасии баробар ба таҳсилоти умумии асосӣ, дастрасӣ ба зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси супоридани имтиҳонот, тавсеаи пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ аз ҷумлаи онҳост.

Айни замон дар 39 муассисаи олии таълимӣ беш аз 500 доктори илм ва зиёда аз 2200 номзадҳои илм ба таълиму тарбияи шогирдон машғуланд [8, с.3]. Аз ин миён дар 8 муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии ҷумҳурӣ кадрҳои журналистӣ омода карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки илми журналистӣ бояд барои рушди ВАО ва омодасозии касбии кадрҳои журналистӣ хизмат кунад. Яке аз омилҳои муҳимми устуворӣ ва рушди ВАО таъмини редаксияҳо бо журналистони ҷавону ҳирфаӣ маҳсуб мегардад. Талаботи воситаҳои ахбори омма ба журналистони дорои маълумоти олии касбӣ сол аз сол меафзояд. Тағйирёбии шароити бозор ва ба миён омадани фанноварихои муосир аз хатмкунандагони ихтисосҳои журналистии донишгоҳҳо маҳорату донишҳои замонавӣ ва комилан навро тақозо мекунад. Равандҳои нави конвергентсияи ВАО-и гуногун, технологияи мултимедиавӣ, интихоби васеи инструментҳои инъикоси воқеият, ҷаҳонишавӣ дар назди журналисти муосир талаботҳои нав ва ҷиддитареро пеш мегузорад. Профессори ДСРТ Н. Солеҳов қайд мекунад, ки ҳарчанд донишгоҳҳо барои ба талаботи таҷрибаи муосири ВАО ҳаддалимкон наздик сохтани барномаҳои таълимӣ ва принсипҳои умумии омодасозии мутахассисон мекӯшанд, ҳамоно ҷараёни таълиму тадрис такмил мехоҳад, зеро ҳанӯз ҳам халои чашмрасе дар миёни амалияи журналистӣ ва низоми таълим вуҷуд дорад. Ба андешаи ӯ, дар баробари таҷдид ё модернизатсияи низоми таҳсилоти журналистӣ, инчунин «роҳандозии ҳамкории зичи назариячиён ва омилон (журналистони амалӣ), донишгоҳ ва редаксияҳо муҳим аст. Ин масъала ба ташаккули профессионализми журналист бо дарназардошти ҷанбаи технологӣ ионат мекунад» [9, с.28].

Муҳаққиқ С. Корконосенко бар ин ақида аст, ки низоми таҳсилоти олии журналистӣ робитаҳои мустаҳкамро на танҳо дар дохили худ, балки дар берун аз он ҳам нигоҳ медорад. «Ба таври дигар гӯем, устувории низоми мазкур вобастаи чанд омили беруна мебошад, аз ҷумла вобаста аст ба вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишвар, чигунагии таҷрибаи редаксионӣ ва педагогӣ, сифати таҳсилоти миёнаи мактабӣ, шиддати ҳаёти интеллектуалӣ дар ҷаҳони муосир ва ғ.» [1, с.8].

Иқрор бояд кард, ки ҳоло ҳам мушкилоту масъалаҳои марбут ба омодасозии кадрҳои журналистӣ дар кишвар мавҷуданд. Муҳаққиқ М. Муродов доир ба проблемаҳои таълим дар ихтисосҳои журналистӣ андеша ронда, аз ҷумла менависад: «Дар шароити муосир бо шарофати инкишофи илму техника ва маъмул гардидани воситаҳои инноватсионӣ ҷараёни тайёр намудани мутахассисони касбу кори гуногун, аз як тараф, сабуку осон, аз ҷониби дигар, пурпечу душвор мегардад» [4, с.80]. Муҳаққиқ дар фазои таълим фароҳам омадани имкониятҳои зиёди техникӣ ва ҳамзамон истифодаи самараовар аз имконоти мазкур ва ба талаботи замон мувофиқ гардонидани онҳоро омилҳои сабукӣ ва душворию мураккабии ин раванд меҳисобад. Албатта, омодагии касбии журналистонро бидуни ҷалби онҳо ба кори амалӣ наметавон тасаввур кард, аммо тавре ки муҳаққиқон ишора мекунанд, раванди ин омодагиро бидуни тарбияи хосса, яъне мактаби илмиву амалӣ дуруст ба роҳ мондан мушкил аст.

Ҷараёни омодагии кадрҳои журналистӣ дар донишгоҳҳо марҳилаҳои мухталиферо фаро мегиранд, сар карда аз омӯзиши фанҳои махсус, ташкили таҷрибаомӯзӣ, тадқиқотҳои нахустини илмӣ, ки ба рушди ҷаҳонбинии донишҷӯён - журналистони оянда мусоидат намуда, ба корбурди маҳорату малакаҳои андӯхтаи онҳо дар амалия замина мегузоранд. «Донишҷӯ бояд малакаи истифодаи донишҳои назариявиро дар амалия дошта бошад: бо маълумоти бадастоварда кор кардан, таҳияи матлабҳои журналистӣ дар қолаби жанрҳои мухталифро барои матбуот, радио ва телевизион омӯзад» [6, с.9].

Аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ то имрӯз дар кори воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддие ба амал омаданд. Зарурати таҳқиқи таърихи дирӯзу имрӯзи матбуот, доираи имконот, дараҷаи маҳорату малакаи журналистон, корбурди воситаҳо ва имкониятҳои муосири фанноварии электронӣ ба миён омадааст. Журналисти оянда бояд мунтазам дониши худро ғанӣ созад, пешрафти технологияҳои касбиро пайгирӣ намуда, маҳораташро сайқал диҳад. Гоҳе муҳаррирони баъзе нашрияҳо ва эҷодкорони собиқадори телевизион ва радиошунавонӣ ба омодагии сусти касбии хатмкардаҳои риштаҳои журналистии мактабҳои олӣ ишора мекунанд. Аммо, ба андешаи инҷониб, барои беҳсозии омодагии амалии донишҷӯён талоши муштараки ВАО ва муассисаҳои олии таълимӣ зарур аст. Роҳбарони ВАО барои ба таври самарабахш ташкил кардани таҷрибаомӯзии донишҷӯён – кормандони ояндаи худ бояд мусоидат намоянд. Ба ақидаи муҳаққиқ А. Нуралиев, дар самти беҳсозии омодагии кадрҳои журналистӣ дар ҷумҳурӣ тадбирҳои зиёде бояд андешид. «Таҳия ва интишори ҳатто иттилооти фавриро ҳоло ҳам аксари нашрияҳо, радио ва телевизионҳои мо вазифаи маъмулӣ ва асосии худ намеҳисобанд. Гузашта аз ин, ба андешаи мо, ҳанӯз ҳам корпуси журналистие, ки проблемаҳои ҳаёти дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистонро боҳунарона инъикос созанд, дар кишварамон ташаккул наёфтааст. Омили асосии ҷойгоҳи то ҷое заиф доштани матолиби иттилоотӣ дар матбуоту радио ва бартарии, ба истилоҳ, матлабҳои проблемавию ташвиқотӣ ҳамин аст. Чунин ҳол на ҳамеша талаботи хонанда, шунаванда ва тамошочиёнро қонеъ мекунад. Аз ин рӯ, ба таври қатъӣ беҳтар кардани таълими маҳорати касбии журналистӣ ба донишҷӯён зарур аст» [5, с.21].

Дар замони муосир, бо дарназардошти раванди босуръату зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва вазъи мураккаби сиёсӣ дар як қатор кишварҳои олам ҷиҳати ба мардум ба таври фаврӣ расондани рӯйдоду воқеаҳо фаъолтар шудани намояндагони ВАО ба манфиати на танҳо аудитория, балки давлату Ҳукумат мебошад. Ба ин нукта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Уфуқҳои истиқлол» ва ҳамзамон зимни воҳӯрӣ бо намояндагони ВАО-и давлатӣ 20 феврали соли 2019 таъкид намуданд. Бо ишора ба он ки дар шароити муосир дастёбӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти башарӣ табдил ёфтааст, аз ҷониби роҳбарияти давлат матбуот «яке аз рукнҳои асосӣ, муҳим ва пешбарандаи ҷомеа» [7, с.354] ва телевизиону радио «яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ» эътироф шудааст [7, с.358].

Суст ба роҳ монда шудани инъикоси саривақтии ҳодисаҳо, рӯйдоду воқеаҳои олам дар телевизион ва радио, бе тайёрии пешакӣ ба эфир баромадани журналистон, оид ба авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири равандҳои геополитикии ҷаҳон ба Тоҷикистон таҳия нашудани барномаҳои таҳлилӣ, муносибати рӯякӣ ва ғайрикасбӣ ба масъалаи тарғиби ҳунарҳои мардумӣ ва тарзи тайёр кардани таомҳои миллӣ, натиҷаи дилхоҳ надодани омӯзиш ва тарбияи мутахассисони касбӣ дар Академияи васоити ахбори омма, дараҷаи пасти забондонӣ дар телевизион ва радио, ки сабаби дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок накардани журналистон мегардад, аз ҷумлаи камбудиҳоест, ки ба андешаи Сардори давлат, дар кори ВАО-и муосири тоҷик ба мушоҳида мерасад. Ин эрод барои донишомӯзони риштаҳои рӯзноманигорӣ низ ҳамчун ченаки баҳодиҳӣ ба кори ВАО бояд қабул шуда, ислоҳи ин камбудиҳо ва дар оянда роҳ надодан ба он дар истеҳсолот аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми хатмкунандаҳои ихтисосҳои журналистӣ мебошад.

Имрӯз васоити ахбори оммаи ватанӣ дорои имкониятҳои кофии зеҳнӣ ва техникӣ мебошанд ва бо истифодаи пурсамар аз он сатҳу сифати матолиби журналистиро ба дараҷаи баланд бардоштан мумкин аст. Раванди ҷаҳонишавӣ аз ВАО-и муосир ва рӯзноманигорони насли нав тақозо мекунад, ки на танҳо вазифаи иттилоърасонӣ ва ташаккули афкори омма, балки масъулияти мусоидат ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, дастовардҳои истиқлолияти кишварро ичро кунанд. «Рӯзноманигорон бо омода кардани барномаҳои ҳадафрас якҷо бо аҳли ҷомеа метавонанд дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, бегонапарастӣ ва хурофоти баъзе гурӯҳу ашхоси ноогоҳ, дар замири насли имрӯза ҷой додани ҳисси баланди ватандорию ватанхоҳӣ саҳми арзанда гузоранд. Ҳамаи барномаҳо дар шабакаҳои давлатӣ бояд бо дарназардошти манофеи давлату миллат, бо забони адабии тоҷикӣ ва сатҳи баланди касбӣ таҳия карда шавад», - таъкид гардид дар мулоқоти Президенти кишвар бо ВАО-и давлатӣ [3].

Вазифаи қаламкашони ҷавон ин аст, ки ҳомии арзишҳои инсонӣ бошанд, журналистикаи замони муосирро аз ифроту бадгӯиву баднамоӣ эмин нигоҳ доранд. Ба аудиторияи худ позитив бахшанд, шодибахш бошанд. Имрӯз зарурати инкишоф додани журналистикаи нав – самти ҷадиде дар соҳаи ВАО ба миён омадааст, ки интиқоли энержии мусбат ва эҳсоси хушбинӣ ба одамон, мусоидат ба рушди фарҳангию маънавии инсон, ташаккули соҳибназарӣ ва баёни мустақилонаи афкор, таҳрик додани ҷомеа ба

пешрафту худтакмилдиҳиро бояд дар меҳвар қарор бидиҳад. Журналистикаи муосир набояд танҳо ҳангомаву расонидани хабарҳои ваҳшатангез, балки ҳадафҳои ҷадидеро чун мусоидат ба рушди шахсият, рушди истиқлоли фикрӣ, рушди мустақилияти инсон пайгирӣ намояд. Ба журналистони насли нав бояд омӯзонида шавад, ки дар сурати шинохти дурусти истеъдоду ҳунар, роҳнамоӣ ва сайқалгарии он, назарияи журналистикаро хуб омӯхтан, бисёр мутолиа, мушоҳида, муқоиса ва арзёбӣ кардан, аз мактаби журналистии расонаҳои бообрӯ гузаштан истеъдод ба зинаи маҳорат мерасад ва инсонро ба дараҷаи шахсият мерасонад. Дар ин кор, албатта, устодони донишгоҳҳои журналистӣ ҳамчун роҳнамои асосӣ метавонанд хизмат кунанд.

Ба роҳ мондани рақобати солим миёни шуъбаҳои журналистии муассисаҳои олии таълимии кишвар мувофиқи мақсад аст, зеро ин тадбир омӯзгоронро барои боз ҳам такмил додани малакаҳои касбии худ ва омодасозии шогирдони сазовор дар соҳаи журналистика таҳрик медиҳад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи Академияи васоити ахбори омма 1 марти соли 2016 қайд карданд, ки тарбияи кадрҳои лаёқатманди ВАО-и мамлакат, такмил додани сатҳи касбӣ ва завқи бадеии кормандони соҳа на танҳо самти муҳимми фаъолияти шуъбаю ихтисосҳои рӯзноманигории донишгоҳҳо, балки вазифаи Академияи ВАО низ мебошад. «Ҳамчунин, роҳбарону мутахассисони Академия бояд бо вазоратҳои маориф ва илму фарҳанг, факултаҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавии кишвар ҳамкорӣ карда, ҷиҳати тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа аз тамоми имкониятҳо истифода намоянд. Дар заминаи Академияи воситаҳои ахбори омма дар баробари баланд бардоштани малакаи касбӣ ва такмили ихтисос, инчунин барои омода намудани муҳаққиқону таҳлилгарони сиёсӣ, мунаққидону коршиносон ва олимоне, ки дар мавзӯъҳои воситаҳои ахбори омма, бахусус телевизион ва радио рисолаҳои илмӣ ҳимоя мекунанд, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар баробари ин, Академияи мазкур бояд ба масъалаи омода намудани мутахассисоне, ки ба таҳияи матни барномаҳо, сенарийҳо ва таҳлили назарсанҷии соҳа машғул мешаванд, диққати махсус дода, ҷалби ҷавонони эҷодкорро дар ин самт ҷиддӣ ба роҳ монад» [10]. Ин омил дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа нақши муҳим мебозад.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо, барои беҳсозии раванди таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон ба мактабҳои олии журналистӣ зарур аст:

1. Усулҳои муосири омӯзиши афкори оммаро ба роҳ монда, дар доираи барномаҳои нави таълимӣ ба омодасозии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандони соҳа ҷиддан машғул шаванд.

2. Аз курсии донишҷӯӣ журналистони ояндаро ба ихтисосҳои алоҳида ҷудо карда, онҳоро бо донишу маълумоти мукаммал оид ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ-ҳарбӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ ва ғайра мусаллаҳ намоянд. Ҳоло дар Тоҷикистон шумораи журналистони касбии соҳавӣ ё равиявӣ бисёр андак аст.

3. Тарбияи кадрҳои журналистие, ки сатҳи забондониашон (услуб, имло, захираи ғании луғавӣ) хуб бошад, инчунин, ба забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ навишта тавонанд. Ба роҳ мондани таълими забони русӣ (ва англисӣ) дар риштаҳои рӯзноманигории донишгоҳҳо аз курси якум то охири таҳсил.

4. Бо дарназардошти рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ ва гузариш ба форматҳои нави телевизион ва радиошунавонӣ ба омодасозии наворбардорони касбӣ ва кормандони баландихтисоси техникӣ барои ВАО-и электронӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

5. Курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисосро барои кормандони ВАО, бо мақсади муоидат ба сайқалёбии маҳорату малакаи касбии онҳо ташкил кунанд.

6. Бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ, бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи журналистӣ, аз ҷумла ташкилотҳои мустақили журналистӣ, ҳамкориро ба роҳ монда, мастер-классҳо ва чорабиниҳои мухталифи маърифатию омӯзишӣ доир намоянд.

7. Мутахассисону омӯзгорони баландихтисосро аз шумори журналистони амалӣ ба раванди таълим ҷалб созанд, то ки онҳо илман, амалан ва асосноку бо забони фаҳмо оид ба тазодҳо ва назокатҳои ихтисоси интихобкардаашон ба журналистони оянда маълумот диҳанд.

8. Ба ақидаи муҳаққиқон, дар Тоҷикистон ғолибан модели публитсистӣ (нотиқӣ, шахсиятӣ)-и ВАО амал мекунад, дар ҳоле ки дар ВАО-и Русия ва Аврупо ба модели фактологӣ, объектии пешниҳоди матлаби иттилоотӣ афзалият медиҳанд [6, с.10]. Ин модел ҳамчун стандарти байналмилалии рӯзноманигорӣ қабул шудааст. Аз ин рӯ, барои расидан ба ин сатҳ бояд кӯшиш ба харҷ дода, таълими кадрҳои журналистиро дар мактабҳои олии мамлакатамон ба сатҳи аврупоӣ наздик созем.

Қобили зикр аст, ки бо мустаҳкам шудани пойгоҳҳои илмию техникии шуъбаю факултаҳои журналистии донишгоҳҳо дар ҷумҳуриамон масъалаҳои дастрасӣ ба маълумоти касбии журналистӣ тадриҷан ҳалли худро пайдо карда истодааст. Аммо

таълими фанҳои журналистӣ бояд дар асоси стандарти давлатӣ аз рӯйи ихтисоси журналистика ба роҳ монда шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Корконосенко С. Концепции и организация журналистского образования в XXI веке / С. Корконосенко // Сборник статей по вопросам журналистского образования. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – 232 с.
2. Маъмурзода Н. Журналистика: чанд паҳлуи як масъала / Н. Маъмурзода // Ҷумҳурият (Нашрияи расмии Тоҷикистон). – Душанбе, 2019. - 28 март.
3. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони васоити ахбори оммаи давлатӣ [Захираи электронӣ]: www.president.tj, 2019-02-20. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/19441 (Рӯзи мурочиат: 25.02.2019).
4. Муродов М. Аз се шохаи як илм / М. Муродов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 232 с.
5. Нуралиев А. К вопросу кадрового обеспечения русскоязычных СМИ Республики Таджикистан / А. Нуралиев // Русскоязычные СМИ в условиях информационного общества Таджикистана. – Душанбе: РТСУ, 2014. – 152 с.
6. Нуралиев А. Проблемы и перспективы подготовки журналистов-международников / А. Нуралиев // Актуальные проблемы журналистики. Сборник научных статей. Выпуск 9. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 238 с.
7. Раҳмон Э. Уфуқҳои Истиқлол / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
8. СаидН. Государственная независимость Таджикистана и развитие образования и науки / Н. Саид // «Ҳомии омӯзгор» (издание Комитета профсоюза работников образования и науки Республики Таджикистан). – Душанбе, 2017. – июнь, 24. - №7.
9. Салихов Н. Проблемы подготовки журналистских кадров в ВУЗах Таджикистана / Н. Салихов // Сборник статей по вопросам журналистского образования. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – 232 с.
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи ВАО [Захираи электронӣ]: www.president.tj, 2016-03-01. – Реҷаи дастрасӣ: http://president.tj/node/10829 (Рӯзи мурочиат: 25.02.2019).

ТАШАККУЛЁБИИ ВАЗИФАҲОИ НАВИ ВАО ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА МАСЪАЛАИ ОМОДАГИИ КАСБИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ИХТИСОСҲОИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

Тағйирёбии шароити бозор, ба миён омадани фанноварихои муосир, равандҳои нави конвергентсияи ВАО-и гуногун, технологияи мултимедиавӣ, интихоби васеи инструментҳои инъикоси воқеият, ҷаҳонишавӣ дар назди журналисти муосир талаботҳои нав ва ҷиддитареро пеш мегузорад. Дар ин мақола муаллиф оид ба муаммоҳои омодагии касбии хатмкунандаҳои шуъбаю бахшҳои рӯзноманигории мактабҳои олии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули вазифаҳои нав дар назди ВАО андешаронӣ мекунад. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба роҳ мондани рақобати солим миёни шуъбаҳои журналистии муассисаҳои олии таълимии кишвар мувофиқи мақсад аст, зеро ин тадбир омӯзгоронро барои боз ҳам такмил додани малакаҳои касбии худ ва омодасозии шогирдони сазовор дар соҳаи журналистика таҳрик медиҳад. Маълум карда шуд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ дорои имкониятҳои кофии зеҳнӣ ва техникӣ мебошанд ва бо истифодаи пурсамар аз он сатҳу сифати матолиби журналистиро ба дараҷаи баланд бардоштан мумкин аст. Раванди ҷаҳонишавӣ аз ВАО-и муосир ва рӯзноманигорони насли нав тақозо мекунад, ки на танҳо вазифаи иттилоърасонӣ ва ташаккули афкори омма, балки масъулияти мусоидат ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, дастовардҳои истиқлолияти кишварро иҷро кунанд. Бо таҳқиқи ин масъала, муаллиф якчанд тавсияро ҷиҳати беҳсозии таҳсилоти журналистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва манзур кардааст.

Калидвожаҳо: омодагии касбӣ, таҳсилоти журналистӣ, ҷаҳонишавӣ, вазифаҳои ВАО, медиатехнология, рушди ВАО, такмили ихтисос.

ФОРМИРОВАНИЕ НОВЫХ ЗАДАЧ СМИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ПРОБЛЕМЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ ВЫПУСКНИКОВ ЖУРНАЛИСТСКИХ ОТДЕЛЕНИЙ

Рыночные условия, глобализация, процессы конвергенции СМИ, развитие мультимедийных технологий предъявляют новые требования к современному журналисту. В данной статье автор размышляет о проблемах профессиональной подготовки выпускников журналистских отделений ВУЗ-ов Таджикистана в условиях глобализации и формирования новых задач СМИ. Автор предлагает установить здоровую конкуренцию между отделениями журналистики вузов страны, поскольку это будет мотивировать преподавателей к дальнейшему повышению квалификации и обучению достойных студентов в области журналистики. Было выявлено, что отечественные средства массовой информации обладают достаточным интеллектуальным и техническим потенциалом, и при его эффективном использовании можно повысить уровень и качество журналистских материалов. Процесс глобализации требует от современных средств массовой информации и нового поколения журналистов выполнения не только задач по информированию и формированию общественного мнения, но и ответственности по продвижению защиты национальных интересов, исторических и культурных ценностей и достижений независимости страны. Исследуя проблему, автор разработал рекомендации для улучшения журналистского образования в республике.

Ключевые слова: профессиональная подготовка, журналистское образование, глобализация, задачи СМИ, медиатехнологии, развитие СМИ, повышение квалификации.

ON THE ISSUE OF PROFESSIONAL TRAINING FOR GRADUATES OF JOURNALISTIC DEPARTMENTS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION AND THE FORMATION OF NEW MEDIA TASKS

Market conditions, globalization, media convergence processes, the development of multimedia technologies impose new requirements on the modern journalist. In this article, the author reflects on the problems of professional training of graduates of journalistic departments of universities in Tajikistan in the context of globalization and the formation of new media challenges. The author proposes to establish healthy competition between the departments of journalism of the country's universities, as this will motivate teachers to further improve their qualifications and train worthy students in the field of journalism. It was revealed that the domestic media have sufficient intellectual and technical potential, and with its effective use, the level and quality of journalistic materials can be increased. The process of

globalization requires modern media and the new generation of journalists to fulfill not only the task of informing and shaping public opinion, but also the responsibility to promote the protection of national interests, historical and cultural values and the achievements of the country's independence. Investigating the problem, the author developed recommendations for improving journalistic education in the republic.

Key words: vocational training, journalism education, globalization, media objectives, media technologies, media development, professional development.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маъмурзода Носирҷони Маъмур*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филология, муаллими калони кафедраи рӯзноманигорӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. E-mail: **m.nosirjon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-69-64-66**

Сведение об авторе: ***Маъмурзода Носирджони Маъмур*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры журналистики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **m.nosirjon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-69-64-66**

Information about the author: ***Mamurzoda Nosirdzhoni Mamur*** **–** Bokhtar state University named after Nosiri Khusrav, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer at the Department of journalism. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Ayni Str., 67. E-mail: **m.nosirjon@gmail.com.** Tel.: **(+992) 918-69-64-66**

УДК:007 (575.3)

ВОҚЕИЯТИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ ПУБЛИТСИСТОНИ ТОҶИК (дар мисоли сафарномаҳои матбуотӣ)

Нуриддин Бозорзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар даврони шӯравӣ барои мардуми тоҷик зиндагии нав шурӯъ гардид. Дар тамоми соҳаҳо пешравиҳо ба даст омад. Муҳимтар аз ҳама, асоси илму маориф ва маърифату фарҳанги нав гузошта шуд. Дар ҳамин давра матбуоти тоҷик ҳам ташаккул ёфт. Журналистикаи тоҷик арзи ҳастӣ кард. Дар қолаби жанрҳои матбуоти рус жанрҳои журналистикаи тоҷик низ ба вуҷуд омад.

Яке аз жанрҳое, ки дар он замон таҳаввул ёфт, сафарнома аст. Албатта, сафарнома таърихи хеле қадима дорад, вале шакли жанрии он бо хусусиятҳои жанриаш маҳз дар ҳамин замон ба вуҷуд омад. Акнун муаллифон, хоссатан адибон, аз жанри сафарнома ҳам истифода мебурданд, зеро он барои ифодаи таассуроти сафар мувофиқ буд. Дар ин росто маҷаллаи «Садои Шарқ» нақши бузург бозидааст. Таҳқиқи маводи маҷалла имкон дод, ки онро аз рушду нумуъдиҳандаи жанри сафарнома бигӯем. Хусусан, дар замони шӯравӣ маҷалла сафарномаҳои зиёдеро чоп намуда, хонандаро бо вазъи ҳаёти ҷумҳурӣ ошно намудааст ва ҳам афкору андешаи хориҷиёнро дар бораи кишвари мо манзури хонандаи тоҷик гардонидааст. Бо ин гуна фаъолияти худ маҷалла дар инкишофи жанри сафарнома саҳми босазо гузоштааст.

Мувофиқи маводи мавриди таҳлил қарорёфта аксари сафарномаҳо аз ҳаёти ҷумҳурӣ нақл мекунанд ва онҳоро адибон ва рӯзноманигорон аз ҳаёти кишвар нигоштаанд. Ин гуна мавод аз ҳаёти кишоварзону деҳқонон, хоҷагиҳо, чунончи, “Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд!”-и А. Деҳотӣ (Шарқи сурх. - 1952. - № 9. - С. 20-34), “Дар Шӯроб”-и А. Одинсов (Тоҷикистон. – 1957. - №11. – С. 17-18), «Тақдири дашт»-и Ю. Акобиров (Садои Шарқ. - 1964. - №4. - С. 62-71), «Ёвон шодоб мешавад»-и Б. Шоҳин (Садои Шарқ. – 1964. - №9. – С. 17-24), “Рӯзе дар водии Вахш”-и И. Файзуллоев (Тоҷикистони советӣ. - 1981. – 5 июл), “Дашти Данғара”-и М. Ғоиб (Садои Шарқ. - 1982. - № 7. - С. 48-54), «Фотеҳони Қародум»-и С. Темуров (Садои Шарқ. – 1986. - №4. – С. 78-88), “Аз пайи ҳикмати Қаротегин”-и Р. Аҳмадов ва С. Фатҳуллоев (Садои Шарқ. - 1986. - №10. - С. 84-95), «Дасти босаховат»-и Ҳ. Содиқ (Садои Шарқ. - 1988. - №1. - С. 87-102), “Ёрон чу ба иттифоқ меъод кунанд” (Омӯзгор. – 1990. – 16 январ) ва “Дарвоз чу Юнон аст дар мазраъаи ҳикмат”-и С. Қаландаров (Омӯзгор. – 1990. – 31 июл); аз сохтмони истгоҳи барқи обии Нораку Роғун - “Ду рӯз дар Норак”-и С. Турсун (Садои Шарқ. - 1972. - № 12. – С. 74-82), «Роҳи Роғун дигар аст»-и М. Хоҷаев (Садои Шарқ. – 1982. - №3. – С. 47-54; - 1989. - №1. – С. 85-89) ва ғайра нақл карда мешавад. Мавзӯи асосии онҳо обод намудани заминҳои бекорхобида, кандани каналҳо, таъмини халқ бо оби нӯшокӣ, ба даст овардани ҳосили фаровон, ташкили кори сохтмони истгоҳҳои барқӣ барин масъалаҳои муҳимми кишвар мебошанд.

Дар баъзе сафарномаҳо проблемаҳои зиндагӣ хеле тезутунд ба миён гузошта шудаанд, ки мисоли ин «Пайванди ногусастанӣ» аст. Муаллиф Соҳиб Табаров ба сарзамини аҷдодии худ - ноҳияи Мӯминобод сафар карда, гузаштаи ободу зебои деҳоти ин мавзеъро, ки 30-40 сол қабл ба сар дошт, ҳамчунин камаҳаммиятӣ ва хунукназарии одамони гирду атрофро нисбат ба обу хок ва табиати дилфиреби ин диёр хеле бо сӯзу гудоз ба қалам додааст. «Ҳини сафарам ба зодгоҳ ба ҷойи гелосу нок ва олуболую себзори дашти Аминобод ва ё дашти Зуфаки деҳаи Шаҳрак чун анбуҳи ақоқиёи серхорро медидам,

ақлам аз бефарҳангию бефарқии баъзе аз коркунони хоҷагии ҷангали Мӯминобод тира мегашт, дилам фишурда мегардид ва заъфи қалбам меафзуд» [6, с.107].

Мутаассифона, баъзе сафарномаҳое, ки дар маҷалла ба табъ расидаанд, на рубрика доранд, на санаҳо дар онҳо дақиқ гузошта шудааст, на нақши фаъоли муаллиф эҳсос мегардад, вале хатти ҳаракат ҳасту ҳодисаву воқеаҳои гуногун нақлу тасвир мешаванд. Ин чиз онҳоро ба сафарнома наздик месозад. Мисоли чунин сафарномаҳо навиштаи Арнолд Одинсов бо номи «Водии файзу баракат» [4] мебошад. Чунин сафарномаҳоро дар матбуоти замони шӯравӣ бештар зери рубрикаи «Очеркаи сафарӣ» нашр мекарданд, вале онҳо аз очерк фарқ доранд. «Водии файзу баракат» маҳсули сафари нақшагии муаллиф буда, нигоранда дар он аз тарзи кору фаъолияти коргоҳҳои азими водии Вахш - заводи нуриҳои маъдании Вахш, НБО-и Сарбанд, заводи равғанкашӣ ва пахтатозакунии Қӯрғонтеппа бо ҳарорат ва дар такя бо факту рақамҳои ҷолиб нақл мекунад. Дар сафарнома таърихи хатти ҳаракат дақиқ нест, вале воқеаҳо натиҷаи мушоҳида, омӯзиш ва боздидҳои нависандаанд. Аз ин назар, он гарчанде рубрика надорад, сафарнома аст. Умуман, Арнолд Одинсов яке аз рӯзноманигорони фаъоли матбуоти тоҷик дар солҳои 50-60-ум буд. Навиштаи дигари ӯ «Воқеаномаи Норак» [5] ба сохтмони азими давр - НБО-и Норак бахшида шуда, зери рубрикаи «Қадамҳои ҳафтсола» нашр гардидааст. Барои таълифи асар муаллиф борҳо ба Норак сафар карда, бо вазъи ташкилии кори сохтмон ошно гардида, бо коргарону роҳбарияти он борҳо мулоқот анҷом додааст. Арнолд Одинсов дар аввал дар мавриди жанри навиштааш чунин ишора кардааст: «Ҳар бор, ки аз сафари Норак бармегаштам, дар паси мизи таҳрир менишастам. Дидаву шунидаам, фикру тахминҳоям, орзуву хоҳишҳоям ва баъзан навиштаҷоти техникию иқтисодии муҳаққиқону лоиҳакашон ба рӯйи қоғаз меомаданд. Бинобар ин, асаре, ки ба диққати хонандагон пешкаш мешавад, на повест асту на очерк, балки воқеаномаи сохтмон буда, заминест барои таълифи ҳам повест ҳам очерк» [5, с.44]. Чунин хусусиятро сафарнома дорост ва гурӯҳбандии мавод низ далели гуфтаҳои пешин ва яке аз хусусиятҳои хосси жанри сафарнома аст.

Яке аз публитсистони сермаҳсул, ки аз ҳаёти кишвар сафарномаҳои ҷолибу диққатангез навиштааст, шодравон Ҷалол Икромӣ мебошад. Икромӣ чун нависандаи забардаст дар рушду нумуи публитсистикаи тоҷик ҳам саҳми арзанда дорад. Сафарномаҳои ӯ дар натиҷаи сафарҳояш ба мавзеъҳои гуогуни кишвар эҷод шудаанд. Ба ин гурӯҳ «Сафари Кӯлоб», «Сафар кардан, ҷаҳон дидан», «Аҷоиботи сафар» (ҳамроҳи Арнолд Одинсов) ва ғайра шомиланд. «Сафари Кӯлоб», чуноне аз номаш ҳам аён аст, сафари Икромиро ба вилояти собиқ Кӯлоб таҷассум намудааст. Муаллиф мақсади сафарашро ҳангоми суҳбат бо шоир Саидалӣ Вализода чунин баён кардааст: «Барои романи нави худ материал меғундорам. Азбаски дар он масъалаи муҳоҷиркунӣ, аз ҷоҳои баланди кӯҳӣ ба поёнтар ба водӣ фаромадани мардуми колхозӣ нақл мешавад, ман хостам, ки ҷоҳои тарк кардарафтаи он колхозчиёни муҳоҷирро бо чашми худ бинам. Бинобар ин, бо маслиҳати рафиқон ба Хаволинг меравем. Аз он ҷо ба Мӯминобод фаромада, пас ба Кӯлоб бармегардем» [1, с.26].

Муаллиф дар сафарномааш, ки ба қисмҳо ҷудо шудааст, оид ба дидаву шунидаҳояш нақлҳои аҷоиб мекунад. Масалан, дар бораи Саидалӣ Вализода, ки дар ин сафар ба муаллиф ҳамроҳ буд, маълумотҳои пуразриш дода, симои ӯро мекушояд. Дар ин лаҳзаҳо баъзе аз қисмҳои сафарнома очеркро (хусусан симоӣ) ба хотир меорад, ки ин аз имконияти васеи жанри сафарнома гувоҳӣ медиҳад. Қисмҳои сафарномаи мазкур - «Саидалӣ Вализода», «Хаволинг», «Нури ленинизм», «Дар «даштҳои» Хаволинг», «Ба сӯйи Зағара», «Бозгашт», «Ҳикояи шофёр» - байни ҳам робитаи қавӣ доранд. Ин равобит тавассути муаллиф ва хатти ҳаракати сафари ӯ ба амал татбиқ гардидааст. Хонанда аз сафарнома дар бораи деҳаҳои ноҳияи Ховалинг, машғулияти бошандагони он, деҳоти баъди муҳоҷирати қисме аз аҳолӣ сарду хомӯш, ки табиати басе ҷолибу дилрабо доштааст, ҳамчунин ватани аҷдоди нависанда маълумотҳои хеле зарурӣ ба даст меорад.

Маводи боло ҳамчунин фаъол будани нақши муаллифро дар сафарнома тасдиқ мекунад. Ҷалол Икромӣ дар сафари даҳрӯзааш - аз маркази вилояти собиқ - шаҳри Кӯлоб то ба ноҳияи Хаволинг (тарзи навишти муаллиф), деҳаҳои Сангтӯда, Дараи Мухтор, ки Восеи диловар бар зидди зулми золимон қиём карда буд, кӯҳи Зағара, қишлоқи Панҷурт (ватани аҷдоди шоир Саидалӣ Вализода), ноҳияи Мӯминобод ва баъзе деҳоти он - асосан аспсавор сайр карда, дидаҳояшро моҳирона тасвир намудааст.

Сафарномаи дигари Ҷалол Икромӣ «Сафар кардан, ҷаҳон дидан» [2] низ ба қисмҳо тақсим шудааст. Бандҳои «Роҳ», «Онҳое, ки ба роҳи мо дучор омадаанд», «Самарқанд», «Шаҳристони қадимаи тоҷик», Ватани Рӯдакӣ, «Ҳуснобод», «Муборизаи одам бо об», «Ленинобод», «Дар Исфара», «Хотима» дар устухобандии асар хидмат карда, сафарномаро шаклан чун як асари том ба назар мерасонанд. Дар аввал («Роҳ») хатти ҳаракати сафар аз водии Ҳисор, Деҳи нав, Шӯрча, Шеробод, Сайроб, Деҳқонобод, баъд

Шаҳрисабзу Китоб идома ёфта, сипас, тасвири роҳи Самарқанд ва худи шаҳр сар мешавад. Нависанда доир ба шаҳри бостонии тоҷикон - Самарқанд ва дар ин шаҳр таълим дидану бо устод Айнӣ кор кардан ва аз ӯ маслиҳатҳои пурқимат гирифтанаш, гул-гул шукуфтанҳои он маълумоти муфассал додааст [2, с.36]. Мутолиаи сафарнома мақолаи проблемавиро ба хотир меорад, ки дар он проблемаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ тезутунд ба миён гузошта мешаванд. Ин шаҳодат медиҳад, ки дар сафарнома ҳангоми инъикос ё баррасии ин ё он масъала аз махсусиятҳои жанрҳои дигари публитсистӣ моҳирона истифода бурдан мумкин аст. Дар «Хотима» Ҷалол Икромӣ сафарашро ҷамъбаст карда, чунин меорад: «Дар муддати ин саёҳати бистрӯзаи худ мо тақрибан дар ҳамаи районҳои Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Ленинобод) (ҳоло Суғд. – Н.Б.) будем ва дар ҳамаи ин районҳо маҷлисҳои адабӣ барпо намуда, бо хонандагонамон вохӯрдем. Рафиқ Турсунзода бо сухан баромад карда, дар бораи аҳволу вазъияти адабиётамон, дар бораи муваффақият ва камбудиҳои нависандагонамон, дар бораи Даҳрӯзаи намоиши адабиёт ва санъат дар Москва ҳисобот медод. Пас, бо навбат бархоста, Боқӣ Раҳимзода, Пӯлод Толис, Ғаффор Мирзо, худи Мирзо Турсунзода ва ман порчаҳо аз асарҳоямон мехондем. Дар як тӯда районҳо рафиқон Раҳим Ҷалил ва Шукӯҳӣ низ ба мо ҳамроҳ буданд. Ва ба назди хонандагон баромадҳо карданд» [2, с.61]. Ин ҷо ёдовар бояд шуд, ки гарчанде ҳодисоту воқеотро худи Икромӣ нақлу тасвир намуда бошад ҳам, гурӯҳи адибон қаҳрамонҳои сафарнома маҳсуб мегарданд, зеро дар бисёр ҷойҳо муаллиф аз номи ҳамсафарон сухан меронад. Бартарии ин сафарномаи Ҷалол Икромӣ аз сафарномаи «Сафари Кӯлоб» дар он аст, ки муаллиф проблемаҳои гуногуни рӯзгори мардум, ба мисли набудани баркро инъикос намуда, диққати мутасаддиён ва адибонро ба он ҷалб мекунаду роҳҳои ҳаллашонро бо тарзҳои гуногун нишон медиҳад. Яъне, аз ин навиштаҳо чашми ҳамабини нигоранда аён мегардад. Масъала, ки ба миён гузошта шуд, роҳи ҳалли он низ пайдо мешавад.

Сафарномаи ҳаҷман хеле калони Ҷалол Икромӣ, ки аз ҳаёти кишварамон нақл мекунад, «Аҷоиботи сафар» ном дорад ва ҳамроҳи Арнолд Одинсов навишта шудааст, ки маҳорати баланди сафарноманигории муаллифонро нишон медиҳад. «Мо ду нафар ба навиштани ин асар миён бастем: дар бораи республикаи худамон як китобчаи нағз нависем, гуфтем, аммо номаш, номи китоб чӣ мешавад?» [3, с.19]. Аз матн маълум мегардад, ки мақсади нависандагон навиштани китоби аҷоибу хондабоб аст, ки доираи васеи хонандагонро фаро мегирад. Дар ҳақиқат, ҳам ҳаҷми сафарнома калон буда, он дар ҳафт шумораи солҳои 1961-1963-и маҷаллаи “Садои Шарқ” чоп шудааст. Мавод рубрикаи «очерк» дорад, вале очерк нест, ки инро муаллифон низ дар оғози навиштаҳо зикр кардаанд: «Мо ният дорем, ки дар ин китоб аз ҳар ҷиҳат сухан ронем ва ба таври гуногун лавҳаҳо диҳем: Дар он мумкин аст, ки ҳикоячаҳо дар бораи одамони гунгункасб бошад; мумкин аст, чанд варақ аз дафтари хотираи худамонро гузорем, шояд шеърҳои нағзро ёфта дарорем; аҷаб нест, ки мубоҳисаи байни дуямон - мубоҳисаи байни ду муаллиф низ ба ин китоб дохил шавад, ки дар аснои сафар бисёр рӯй медод ва инчунин ҳодиса, воқеаҳои аҷибе, ки дар роҳ воқеъ мешавад. Мо фикр кардем, ки жанри ин китоб - таассуроти роҳ мешавад ва баъзан ёддоштҳо низ шуданаш мумкин» [3, 1961. с.19].

Чуноне муаллифон иброз доштаанд, сафарнома мавзӯъҳои гуногунро дар бар гирифта, дар он доир ба ҳодисаю воқеаҳои ба назари онҳо аҷоибу ғароиб нақлҳо карда шудааст. Сафарнома ҳарчанд бо номи умумии «Аҷоиботи сафар» муаррифӣ гардида бошад ҳам, он якчанд сафарномаро дар бар мегирад. Аксари он давомдор нест, зеро аз як минтақа ва «аҷоиботи» он нақл мекунад, вале номи ягона, хатти ҳаракат ва мақсади ягонаи муаллифон сафарномаҳоро тавъам сохтаанд.

Аксари сафарномаҳое, ки дар маҷаллаи “Садои Шарқ” чоп шудаанд, ҳаҷман калон нестанд, вале «Аҷоиботи сафар» яке аз вусъатноктарин ва сермаводтарин сафарнома маҳсуб меёбад. Он саҳнаҳои ҳаёти ҷумҳуриро хеле барҷаста тасвир сохтаасту асари том аз ҳаёти кишвари мост, ки қимати зиёди таърихӣ ҳам дорад ва нисбат ба ҳамин давраи ҳаёти ҷумҳурӣ маълумотҳои пурарзиш медиҳад. Ҳам мушоҳида, ҳам муҳокимаронаҳо сафарномаро хушоҳанг сохтаанд. Муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки воқеаву ҳодисаи ба назарашон аҷоибро манзури хонанда созанд ва ин то андозае ба онҳо даст ҳам додааст. «Аҷоиботи сафар»-ро маҷмӯи сафарномаҳо номидан мумкин аст, зеро ҳар сафарномае, ки дар шумораҳои алоҳида чоп шудааст, аз ҷиҳати банду баст ва хатти ҳаракати сафар асари том буда, дар маҷмӯъ сафарномаи комиланд.

Ба ҳамин тариқ, дар сафарномаҳое, ки адибону рӯзноманигорон аз ҳаёти дохили ҷумҳурӣ иншо намудаанд, масъалаҳои умдатарини кишвар: иқтисод, сиёсат, маишат, фарҳанг ва ғайра ба риштаи тасвиру таҳқиқ кашида шудаанд. Яъне, дар аксари ин қабил сафарномаҳо муаммоҳои гуногуни зиндагӣ баррасӣ гардидаанд. Дар ин самт сафарнома аз жанрҳоест, ки ба воситаи он проблемаҳои ҳангоми сафар мушоҳидагардидаро омӯхта, сабабҳои онро ошкор намуда, роҳҳои ҳаллашонро низ нишон дода, диққати

мутасаддиёнро ба он ҷалб кардан мумкин аст. Сониян, дар сафарномаҳое, ки аз ҳаёти кишварамон навишта шудаанд, муаллифон лаҳзаҳои ҷолиби сафарро бомаҳорат тасвир кардаанд, ки он ба хонанда дар бораи гӯшаву канори кишвар ва табиати нотакрори диёри ҳамешабаҳорамон як ҷаҳон таассурот медиҳад. Аз баррасии сафарномаҳое, ки ҳаёти дохили кишварро инъикос намудаанд, ба чунин хулоса расидан мумкин аст:

1. Муаллифон бар он кӯшидаанд, ки зиндагӣ, урфу одати халқи тоҷик, проблемаҳои зиндагӣ, сохтмони истешанҳои барқ, фаъолияти коргоҳҳои гуногун ва табиати фусункори Тоҷикистонро ба қадри ҳол ва тавони хеш, вобаста ба бардошти мавод, инъикос намоянд.

2. Сафарномаҳои Ҷалол Икромӣ, Арнолд Одинсов, Абдумалик Баҳорӣ, Юсуфҷон Акобиров, Холназар Муҳаббатов, Ғаффор Мирзо, М. Хоҷаев, Саидаҳмад Қаландаров, Соҳиб Табаров ва дигарон, ки аз ҳаёти кишвар нигошта шудаанд, ба талаботи жанри сафарнома пурра ҷавобгӯянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Акобиров Ю. Тақдири дашт / Ю.Акобиров // Садои Шарқ. - 1964. - №4. - С. 62-71.
2. Аҳмадов Р. Аз паи ҳикмати Қаротегин / Р.Аҳмадов, С. Фатҳуллоев // Садои Шарқ. - 1986. - №10. - С. 84-95.
3. Ғоиб, М. Дашти Данғара / М.Ғоиб // Садои Шарқ. - 1982. - № 7. - С. 48-54.
4. Деҳотӣ, А. Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд! / А.Деҳотӣ // Шарқи сурх. - 1952. - № 9. - С. 20-34.
5. Икромӣ, Ҷ. Сафари Кӯлоб / Ҷ.Икромӣ // Шарқи сурх. - 1952. - №1. - С. 95-109.
6. Икромӣ, Ҷ. Сафар кардан, ҷаҳон дидан / Ҷ.Икромӣ // Шарқи сурх. - 1957. - №12. - С. 25-42; 1958. - №1. - С. 52-61.
7. Икромӣ, Ҷ., Одинсов А. Аҷоиботи сафар / Ҷ.Икромӣ, А.Одинсов // Шарқи сурх. – 1961 -1963.
8. Қаландаров С. Ёрон чу ба иттифоқ меъод кунанд / С. Қаландаров // Омӯзгор. – 1990. – 16 январ.
9. Қаландаров С. Дарвоз чу Юнон аст дар мазраъаи ҳикмат / С. Қаландаров // Омӯзгор. – 1990. – 31 июл.
10. Одинсов А. Дар Шӯроб / А.Одинсов // Тоҷикистон. – 1957. - №11. – С. 17-18.
11. Одинсов А. Водии файзу баракат / А.Одинсов // Садои Шарқ. – 1964. - №9. – С. 3-13.
12. Одинсов А. Воқеаномаи Норак / А.Одинсов // Шарқи сурх. – 1961.- №8. – С. 44-77.
13. Содиқ, Ҳ. Дасти босаховат / Ҳ. Содиқ // Садои Шарқ. - 1988. - №1. - С. 87-102.
14. Табаров, С. Пайванди ногусастанӣ / С.Табаров // Садои Шарқ. – 1988. - №1. – С. 103-108.
15. Турсун С. Ду рӯз дар Норак / С. Турсун // Садои Шарқ. - 1972. - № 12. – С. 74-82.
16. Файзуллоев И. Рӯзе дар водии Вахш / И.Файзуллоев // Тоҷикистони советӣ. - 1981. – 5 июл.
17. Хоҷаев М. Роҳи Роғун дигар аст / М. Хоҷаев // Садои Шарқ. – 1982. - №3. – С. 47-54; - 1989. - №1. – С. 85-89.
18. Шоҳин, Б. Ёвон шодоб мешавад / Б.Шоҳин / Садои Шарқ. – 1964. - №9. – С. 17-24.

ВОҚЕИЯТИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ ПУБЛИТСИСТОНИ ТОҶИК
(дар мисоли сафарномаҳои матбуотӣ)

Дар замони шӯравӣ зиндагии нав оғоз гардида, тамоми соҳаҳо рушду нумуъ ёфт, илму маориф ва маърифату фарҳанг гул-гул шукуфт. Дар ҳамин давра матбуоти тоҷик ҳам ташаккул ёфта, журналистикаи тоҷик арзи ҳастӣ кард ва дар қолаби жанрҳои матбуоти рус жанрҳои журналистикаи тоҷик низ ба вуҷуд омад. Яке аз жанрҳое, ки дар матбуоти даврии замони шӯравӣ таҳаввул ёфт, сафарнома мебошад. Албатта, сафарнома таърихи қадима дорад, вале шакли жанрии он маҳз дар ҳамин замон ба вуҷуд омад. Адибону публитсистони тоҷик аз имконоти жанри сафарнома моҳирона истифода бурда, таассуроти сафарашонро рӯйи саҳифаҳои матбуоти даврӣ овардаанд. Дар сафарномаҳое, ки адибону рӯзноманигорон аз ҳаёти дохили ҷумҳурӣ иншо намудаанд, масъалаҳои умдатарини кишвар: иқтисод, сиёсат, маишат, фарҳанг ва ғайра ба риштаи тасвиру таҳқиқ кашида шудаанд. Дар ин росто маҷаллаи «Садои Шарқ» нақши бузург бозидааст. Таҳқиқи сафарномаҳои маҷалла имкон дод, ки онро аз рушду нумуъдиҳандаи жанри сафарнома бигӯем. Хусусан, дар замони шӯравӣ маҷалла сафарномаҳои зиёдеро чоп намуда, хонандаро бо вазъи ҳаёти ҷумҳурӣ ошно намудааст. Дар мақола хусусиятҳои воқеиятнигории сафарномаҳои адибону публитсистони тоҷик, чун А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, Ю. Акобиров, М. Хоҷаев, А. Одинсов, С. Турсун, И. Файзуллоев, М. Ғойиб, Р. Аҳмадов ва С. Фатҳуллоев, С. Табаров, С. Қаландаров мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: нависанда, публитсист, жанр, сафарнома, рӯзномаи сафар, воқеият, кишвар, маҷалла.

ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ТАДЖИКСКИХ ПУБЛИЦИСТОВ
(на примере жанра путевых заметок в периодической печати)

В советское время началась новая жизнь, процветали все сферы: наука, образование, просвещение и культура. В этот период сформировалась таджикская печать, зародилась таджикская журналистика, и жанры таджикской журналистики возникли в виде жанров русской печати. Одним из жанров советской периодики было путешествие. Конечно, у рассказа о путешествиях древняя история, но именно тогда сложилась его жанровая форма. Таджикские писатели и публицисты умело использовали возможности жанра путешествия и публиковали свои впечатления от путешествий на страницах периодических изданий. Написанные писателями и журналистами путевые заметки о жизни страны сосредоточены на самых важных вопросах страны: экономике, политике, жизни, культуре и т. д. В этом отношении важную роль сыграл журнал «Голос Востока». Изучение путешествий журнала позволило нам рассказать о развитии жанра путешествий. В частности, в советское время журнал опубликовал множество путевых заметок, знакомя читателей с ситуацией в стране. В статье изучению подвергнуты особенности отражения действительности в путевых заметках таких таджикских писателей и публицистов, как А. Дехоти, Дж. Икроми, Ю. Акобирова, М. Ходажева, А. Одинцова, С. Турсуна, И. Файзуллоева, М. Гойиба, Р. Ахмадова, С. Фатхуллоева, С. Табарова и С. Каландарова.

Ключевые слова: писатель, публицист, жанр, путешествие, дневник путешествия, события, страна, журнал.

THE REALITY OF TAJIKISTAN FROM THE POINT OF VIEW OF TAJIK PUBLICISTS
(for example notes in periodicals)

In Soviet times, a new life began, all spheres flourished, science, education, education and culture flourished. During this period, the Tajik press was formed, the Tajik journalism was born, and the genres of Tajik journalism emerged in the form of the genres of the Russian press. Travel was one of the genres of Soviet periodicals. Of course, the travel story has an ancient history, but it was then that its genre form took shape. Tajik writers and publicists skillfully used the possibilities of the travel genre and published their impressions of travel on the pages of periodicals. Written by writers and journalists, travel notes about the life of the country focus on the most important issues of the country: economy, politics, life, culture, etc. In this respect, the Voice of the Vostoka magazine played an important role. The study of travel magazine allowed us to tell about the development of the travel genre. In particular, during Soviet times, the magazine published many travel notes, acquainting readers with the situation in the country. The article examines the features of the reflection of reality in travel notes of such Tajik writers and publicists as A. Dehoti, J. Ikromi, Y. Akobirov, M. Khodazhev, A. Odintsov, S. Tursun, I. Fayzulloev, M. Goyib, R Akhmadov, S. Fatkhulloev, S. Tabarov and S. Kalandarov.

Key words: writer, publicist, genre, travel, travel diary, events, country, magazine.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддин Бозорзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-15-15-16**

Сведения об авторе: ***Нуриддин Бозорзода*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Тел.: **(+992) 909-15-15-16**

Information about the author: ***Nuriddin Bozorzoda*** **-** Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **bozorov62@mail.ru.** Tel .: **(+992) 909-15-15-16**

УДК:007 (575.3)

ИСТИФОДАИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР РӮЗНОМАИ «ЗАМОНДОШ»

Умаров З.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори омма, махсусан матбуот дар инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Аз ин ҷост, ки жанрҳои матбуот аз жанрҳои телевизиону радио тафовут доранд. Сухане, ки дар радиову телевизион гуфта мешавад, дар матбуот камтар ба назар мерасад. Боз он чизҳое, ки дар қолаби жанрҳои матбуот нашр мешаванд, дар дигар намуди воситаҳои ахбори омма камтар ба назар мерасанд.

Мо низ тасмим гирифтем, истифодаи жанрҳо дар рӯзномаи «Замондош»-ро ба риштаи таҳқиқ бикашем. Ин яке аз аввалин рӯзномаҳои хусусӣ ва машҳуртарини ӯзбекӣ буд, ки дар Душанбе ба нашр мерасид. «Рӯзномаи мазкур бори аввал моҳи июни соли 1999 дар формати А3, дар ҳаҷми 8 саҳифа аз чоп баромадааст» [2, с.134].

Муҳаққиқони тоҷик бар он назар ҳастанд, ки «дар назарияи журналистикаи тоҷик мутобиқ ба хусусиятҳои умумӣ ва вазифаҳояшон жанрҳои публитсистикаро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд: хабарӣ, таҳлилӣ ва бадеию публитсистӣ» [7, с.9]. Албатта, дар воситаҳои ахбори омма ҳар кадоме ҷойгоҳи худро доранд.

Дар саргаҳи ҳамаи жанрҳои публитсистика хабар меистад. Зеро дар тамоми намуди ВАО талабот ба ин жанр бештар аст. Дар рӯзномаи «Замондош» низ ин жанр васеъ истифода бурда мешавад.

Яке аз жанрҳои «серистеъмолтарин» [10, с.50] ин жанри мусоҳиба мебошад. Дар нигоҳи аввал мусоҳиба жанри осон намудор мешавад, аммо он низ ба худ талаботҳое дорад, ки имрӯз қариб журналистони мо онҳоро фаромӯш кардаанд.

Мусоҳибаҳое, ки дар шумораҳои 9, 10, 11 ва 12-и «Замондош» дар соли 2005 нашр шудааст, ба қалами Самариддин Асозода тааллуқ дошта, ӯ бо шоира Ҳадиса Қурбонова ҳамсуҳбат шудааст. Асосан суҳбат дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти Муқаддас Набиева доир гардидааст. Сарлавҳаи он низ чунин аст: «Муқаддаснинг сирли ӯлими» [«Замондош», 2005, 24 март] («Асрори марги Муқаддас»).

Ин мусоҳибаи портретӣ аст. «Дар мусоҳибаи портретӣ сохтани симои шахс асосӣ буда, дар матн ё навор ҷузъҳои ҳолномаи мусоҳиб ва ақидаи ӯ оид ба мавзӯъҳои гуногун оварда мешавад» [4, с.96]. Дар ҳамин як мусоҳибаи калон журналист панҷ савол додааст. Ва дигар ҳамаи он нақли мусоҳиб аст. Боз як чизи дигарро низ бояд қайд кард, ки дар давоми суҳбат Ҳадиса Қурбонова тавонистааст симои Муқаддас Набиеваро дар пеши чашми хонанда ҷилвагар намояд. Ҳамин аст, ки мусоҳиба хеле ҷолиб ва хонданибоб шудааст.

Ба ғайр аз ин, рӯзнома мусоҳибаҳои шахсиятҳои маъруф, чун Улуғбек Отаҷонов [«Замондош», 2005, 13 январ] (ситораи эстрадаи Ӯзбекистон), Ризо Нурӣ [«Замондош»,

2005, 20 январ] (набераи Абулқосим Лоҳутӣ), Музаффар Зуҳуров [«Замондош», 2005, 10 феврал] (дар бораи рӯзҳои охирини ҳаёти академик Бобоҷон Ғафуров), Илҳом Фармонов [«Замондош», 2005, 15 март] (ситораи эстрадаи Ӯзбекистон) ва дигаронро нашр намудааст. Умуман, дар рӯзномаи «Замондош» жанри мусоҳиба нисбат ба дигар жанрҳо бештар истифода мешуд. Мо дар саҳифаҳои нашрияи «Замондош» мактубҳои публитсистиро низ мушоҳида намудем. Барои мисол мактубҳои кушод ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов [«Замондош», 2006, 13 июл], [«Замондош», 2010, 23 феврал], ба вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошоҳруҳ Асрорӣ [«Замондош», 2010, 20 апрел], ба дорандаи ҷоизаи А. Лоҳутӣ Қосим Мамаҷонов [«Замондош», 2009, 18 апрел], ба нависанда Абдурофеъ Рабиев [«Замондош», 2011, 17 октябр] ва дигарон. Дар мактуби якум [«Замондош», 2006, 13 июл], ки ба номи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов навишта шудааст, ба қалами журналистон Абдуҷалил Ғафур ва Абдуҳафиз Мирзоаҳмад тааллуқ дорад, вазъи сарҳадоти Тоҷикистону Ӯзбекистон, муносибати Ӯзбекистон ба ӯзбекони Тоҷикистон, кам будани китобҳои дарсии ӯзбекӣ дар Тоҷикистон ва ба ҳамин монанд масъалаҳо инъикос ёфтааст.

Дар мактуби дуюм [«Замондош», 2010, 23 феврал], ки аз номи як гурӯҳ зиёиёни ӯзбекзабони Тоҷикистон ба Президент Каримов навишта шудааст, ба масъалаи сохтмони НБО-и «Роғун» бахшида мешавад. Ва ин ба намуди «мактуби ду ва зиёда одамон ба як кас» [10, с.86] дохил мешавад.

Ё ин ки мактуби Нина Василова, ки ба адиби тоҷик Абдурофеъ Рабиев навишта шудааст, дар он низ баъзе масъалаҳои муҳимми ҷамъиятиву адабӣ инъикос гаштааст. Ин ба ҳамон намуди мактуб монанд аст, ки дар гузашта низ шоирону адибон ба ҳамдигар менавиштанд, дар баробари ин, доир ба баъзе масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ табодули назар мекарданд.

Муҳаққиқ Бехрӯз Шукруллоев дар доираи мактубҳои публитсистӣ инъикос шудани масъалаҳои адабиву фарҳангӣ, чунин мегӯяд: «Вақте ки дар бораи нақши хосси мактуб ҳамчун жанри публитсистика сухан мекунем, пеш аз ҳама, диққати моро инъикоси масъалаҳои адабиёту фарҳанг ё худ сарнавишти инсонии адибон дар матбуот, дар шакли номаи публитсистӣ ба худ ҷалб мекунад» [11, с.36]. Ба ҳамин монанд, як мактуби дигар, ки ба қалами Ҷамшед Пиримов тааллуқ дораду ба яке аз чеҳраҳои шинохтаи муҳити адабии ӯзбекзабонони Тоҷикистон Қосим Мамаҷонов навишта шудааст, метавонем инро низ мактуби як кас ба каси дигар гӯем. «Маъмулан нависанда ва гирандаи мактуб ҳамдагарро мешиносанд ва ин шиносоӣ метавонад аз ҳамкасбӣ, ҳампешагӣ, ҳамватанӣ ва дигар омилҳои монанд ба он иртибот бошад» [10, с.87]. Дар мактубе, ки дар боло ишора намудем низ чунин аст. Нависанда ва гирандаи мактуб ҳамдигарро мешиносанд ва ба гуфтаи муаллиф онҳо дар як ҷову дар як соҳа «Шумо чил сол, ман сӣ сол журналист кор кардем» [«Замондош», 2009, 18 август] фаъолият намудаанд.

Ин мактуб асосан доир ба вазъи ҷомеа, таълиму тарбия, муносибати омӯзгор бо хонандаи мактаб, дар маҷмӯъ дар бораи соҳаи маориф иншо шудааст. Яъне муаллиф хостааст, камбудиҳои дар ҷомеа бударо инъикос кунад ва онро дар шакли мактуб ба яке аз чеҳраҳои шинохтаи ҷомеа нависад ва мардум аз он камбудиҳо огоҳӣ пайдо кунад.

Ба ғайр аз ин, дар саҳифаҳои рӯзномаи «Замондош» жанрҳои публитсистию бадеӣ низ хеле моҳирона истифода шудааст. Яке аз маводҳои «Замондош», ки зери рубрикаи лавҳа нашр шудааст, «Мафтунингман, она табиат» [«Замондош», 2010, 15 июл] («Мафтуни ту ҳастам, модар-табиат») ном дошта, дар бораи таассуротҳои сафари кӯҳҳои Ҳисор иншо шудааст. Вале дар ин лавҳа, ки бояд тасвир бештар мешуд, фақат нақли хушку холӣ аст. Ҷо-ҷо ду-се ибораҳое ҳастанд, ки бадеият доранд. Мо онро лавҳаи лирикӣ гуфта наметавонем. Зеро агар дар бораи табиат ҳам навишта шуда бошад, чун сафарномаи оддӣ бо формулаи «рафтем-омадем» ба қалам дода шудааст.

Лавҳаи дигар низ бо сарлавҳаи «Денгиз сайли» [«Замондош», 2011, 24 май] («Сайри баҳр») нашр шудааст, чунин аст. Дар он низ тасвир ва суханони образнок кам истифода шудааст. Ва қобили таъкид аст, ки ин лавҳаҳоро на ягон публитсисту нависанда, балки якеашро хонандаи мактаб, дигарашро омӯзгори мактаби миёна иншо намудааст. Хуб мебуд, ки ин маводҳоро масъулони редаксия бо рубрикаи лавҳа ва лавҳаи лирикӣ ба чоп намедоданд ва хонандаи одиро гумроҳ намекарданд. Ба хонанда ҳамон чизро додан лозим аст, ки ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ бошад.

Очерк жанре аст, ки аз публитсист маҳорати баландро талаб менамояд. Яке аз маводҳое, ки «Замондош» бо рубрикаи очерк нашр кардааст, «Қудрат полвон» [«Замондош», 2005, 19-26 май] («Гӯштингир Қудрат») ном дорад. Ин очерк ба қалами Зикрилло Валӣ, яке аз публитсистони ӯзбекзабони Тоҷикистон тааллуқ дошта, дар бораи Қудрат ном гӯштингири маъруфу машҳур нақл мекунад. Нақли муаллиф бо истифода аз образҳои бадеӣ дар офариниши симои қаҳрамонаш хеле хуб истифода шудааст. Муаллиф

барои исботи гӯштингири моҳир будани қаҳрамонаш аз лаҳзаҳои мусобиқаҳо лавҳаҳо оварда, хонандаро бовар мекунонад, ки Қудрат, дар ҳақиқат, гӯштингири моҳир аст.

Муҳаққиқи публитсистика Бахтиёри Қутбиддин мегӯяд, ки «… на ҳар як журналист очерк навишта метавонад ва на ҳар як навиштаи маълумотномасифатро очерк метавон номид» [3, с.47]. Бале, имрӯз саҳифаҳои матбуотро очеркгунаҳо пур карда истодаанд. Вале дар нашрияи «Замондош» ҳамагӣ се-чор очерк нашр шудааст, ки воқеан ба талаботҳои жанрии очерк ҷавобгӯ мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик, профессор Муҳамадӣ Муқимов «очерк ҳамчун жанри публитсистию бадеӣ факту воқеаҳои ҷомеаро инъикосу таҳлил мекунад. Яъне, инъикоси воқеият асоси очерк буда, дар он тахайюлот ба мисли дигар жанрҳои бадеӣ нақши камтаре дорад» [1, с.4].

Очерки дигар «Дунёнинг сарҳисоби бор» [«Замондош», 2006, 1-15 июн] («Дунё сарҳисоб дорад») ном дошта, ба қалами адиби ӯзбекзабони кишвар ва дар баробари ин, сармуҳаррири ҳамонвақтаи рӯзномаи «Замондош» Абдулло Зуҳур тааллуқ дорад. Ин очерк дар бораи яке аз ходими даврони Шӯравӣ, ки солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои пурмасъул, аз қабили раиси комитети иҷроияи ноҳия, котиби аввали райком кор кардааст, нақл мекунад. Қаҳрамони очерк Тошмат Маллаев ном дорад. Ин очерк то андозае ба очерки портретӣ монанд аст, ки «… хушбахтона «симои кору пайкор» ё ба забони дигар очерки портретӣ аз саҳифаҳои матбуот бо пуррагӣ ҳиҷрат накардааст» [3, с.48].

Муҳаққиқи публитсистика, профессор Асадулло Саъдуллоев бар он назар аст, ки «дар публитсистика образ ва мафҳум, образнокӣ ва мантиқи баён, бадеият ва илмият, ҷиҳатҳои эҳсосӣ ва ақлӣ ба ҳам пайванди азалӣ доранд ва ин ҳақиқати бебаҳс аст» [8, с.46].

Очерки «Дунё сарҳисоб дорад» низ дар бораи одами аниқ, бо факту рақамҳои конкретӣ навишта шудааст. Дар баробари ин, муаллиф низ тавонистааст, ки бо овардани лаҳзаҳои алоҳидаи қаҳрамонаш симои онро дар пеши хонанда ба пуррагӣ кушода дода тавонад.

Ба ақидаи профессор Мурод Муродов низ чунин аст, ки «тасвир ва ё ташкили образи инсони кор дар публитсистикаи ин зумра махсусияти умумӣ ва фарқкунанда дорад» [5, с.64]. Дар очерки номбурда низ хислатҳову характери қаҳрамон ҳамчун раҳбари одил, ташкилотчӣ ва одами хоксор тасвир карда мешавад. Муаллифи очерк давраи ташаккули шахсияти қаҳрамонашро ба даврахо ҷудо намуда, аз забони қаҳрамон ва аз дигар лаҳзаҳои ҳаёташ мисолҳо меоварад. Очеркро ба зерсарлавҳачаҳои хурд, ба мисли «Тошмат ака ҳикояси» («Ҳикояи акаи Тошмат»), «Чекиниш» («Руҷӯъ») ва «Интиҳо» ҷудо намуда, мехоҳад «протсесси шаклгирии характери шахс» [10, с.101]- ро нишон диҳад.

Дар маҷмӯъ, очеркҳои «Гӯштингир Қудрат» ва «Дунё сарҳисоб дорад» бо обуранги бадеӣ навишта шуда, бисёр диққатҷалбкунандаву хондanӣ аст.

Ба ғайр аз очеркҳои дар боло зикргардида, нашрияи «Замондош» боз як очерки портретӣ дорад, ки бо номи «Барака топгур, Каримов феномени» [«Замондош», 2007, 11 декабр] («Барака ёб, феномени Каримов») нашр шудааст. Муаллифи очерк шореҳи сиёсии нашрия Абдуҷалил Ғафур мебошад ва қаҳрамонаш Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов аст.

Муҳаққиқон бар он назар ҳастанд, ки «офаридани чеҳраҳо… махсусан он чеҳраҳое, ки дар арсаи байналхалқӣ шинохташуда мебошанд, аз журналистон тақозо менамояд, ки аз донишҳо ва ҷаҳонбинии сиёсии зарурӣ бархӯрдор бошанд» [3, с.54]. Албатта, Ислом Каримов ҳамчун сиёсатмадори сатҳи минтақавӣ барои хонандагон ҷолиб буд. Ва симои воқеии онро кушодан низ аз журналист маҳорати баландро талаб менамояд ва Абдуҷалил Ғафур аз уҳдаи ин кор баромадааст.

Имрӯз эссе низ дар қатори дигар жанрҳои публитсистика серъистемолтарин ба шумор меравад. Гарчанде баъзе муҳаққиқон онро ҳамчун жанри алоҳида ҳисоб накунанд ҳам, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ маводҳо зери рубрикаи эссе ба нашр расида истодааст. Профессор Иброҳим Усмонов мегӯяд, ки «он чи ки эссе мегӯянд, аслан очерк, лавҳа ё мақолаи мубоҳисавие ҳаст, ки дар мавзӯи маҳдуде навишта мешавад.… Ин чиз ба маънои пурраш дар чорчӯбаи жанрҳои қаблан зикршудаи журналистика меғунҷад ва зарурати ёдовар кардан ба жанри дигар нест» [10, с.136]. Аммо дар ин маврид профессор Мурод Муродов чунин ақида дорад, ки «эссе дар публитсистика, аз як тараф, жанри нав, аз ҷониби дигар, жанри куҳнаи собиқадор аст» [5, с.204-205].

Яке аз аввалин эссе, ки дар нашрияи «Замондош» чоп шудааст, «Болалигим… Рӯза… ва Ҳайит» [«Замондош», 2007, 10 октябр] («Кӯдакиам… Рӯза… ва Иди Рамазон») ном дорад. Муаллифи он Искандар Маҳмадалиев буда, дар эссеи худ аз даврахои кӯдакӣ, воқеаҳои аҷиби рӯзҳои рӯза ва Иди Рамазон ёдовар мешавад. Мисолҳои овардаи худро ба ҷумлаву ибораҳои бадеӣ ифода намуда, хонандаро бо худ мебарад.

Эссеи дигари Искандар Маҳмадалиев «"Тузоқлар" дан чиқиб кетгум, узоқларга етиб боргум…» [«Замондош», 2011, 30 сентябр] («Аз «дом»-ҳо хоҳам рафт, ба дуриҳо хоҳам

расид») ном дорад. Ин эссе дар ҳошияи албоми нави Ҳофизи халқии Ӯзбекистон Шералӣ Ҷӯраев бо номи «Ака-укалар» («Бародарон») эҷод шудааст.

Муҳаққиқ Н. Кузмина бар он назар аст, ки «мавзӯи эссе рӯзмаррагӣ ва аҳаммияти ҷамъиятӣ доштанро талаб мекунад» [9, с.59]. Воқеан, эссеи «Аз «дом»-ҳо хоҳам рафт, ба дуриҳо хоҳам расид»-и И. Маҳмадалиев он мавзӯеро дар бар мегирад, ки он қариб дар ҷомеаи мо аз байн рафта истодааст. Он ҳам бошад меҳру муҳаббат ва рафту омад байни бародарону хоҳарон аст. Муаллиф ба ҳар як банди шеъри суруд алоҳида истода мегузараду воқеияти ин сурудро аз ҳаёти худ меҷӯяд.

Дарвоқеъ, муаллиф бо овардани мисолҳо аз ҳаёти худ, хонандаро ба он водор менамояд, ки ҳеҷ вақт ба хотири пулу мол бародарону хоҳарони худро аз ёд набароред. Бо онҳо робитаҳоро канда накунед. Аз аҳволи ҳамдигар огоҳ бошед, ки дар он вақт меҳру муҳаббати байни шумо қавитар мегардад. Эссе бо бадеияти баланд навишта шудааст ва хонанда аз мутолиаи он баҳра мебарад. Тавре муҳаққиқ мегӯяд «як хусусияту талаботи очерку эссе он аст, ки воқеият дар мадди аввал қарор дорад ва истифодаи ҳар як калимаи тахайюлангезу ифодаҳои рангин ва муаллифи навишта маҳорату ҳунару чаҳонбинии хосро тақозо менамояд» [1, с.104].

Памфлет яке аз жанрҳои «сӯзонанда»-и матбуот аст, ки на ҳар як публитсист ба он даст зада метавонад. «… Памфлет барин жанрҳои аҷибу тавонои публитсистӣ аз салобати доира, сензура, қолиб ва ё чизи дигар гоҳ-гоҳе ҳамчун «меҳмони шармгин» дар саҳифаҳои матбуот пайдо мешавад» [3, с.20], - мегӯяд муҳаққиқ Бахтиёри Қутбиддин.

